**АКАДЕМИЯИ ИЛМҲОИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ИНСТИТУТИ ФАЛСАФА, СИЁСАТШИНОСӢ
ВА ҲУҚУҚИ БА НОМИ АКАДЕМИК
А.М. БАҲОВАДДИНОВ**

**АБУБАКР МУҲАММАД ЗАКАРИЁИ РОЗӢ**

# ТИББИ МАНСУРӢ

**Душанбе- 2016**

**ББК-66М95**

**УДК-32.001(575.3)**

**Ҳайати таҳририя:**
**Раҳимӣ Ф., Олимов К.О., Муҳаммад А.Н., Идиев Х.У., Ҷонбобоев С., Маҳмадҷонова М., Мирзоев Ғ.Ҷ.**

**Мураттибон:** Хоҷиев А.
Зокиров Н.

**Душанбе «Дониш» 2016**

**ISBN 978-99975-55-00-7**

## «Тибби Мансурӣ» - асари гаронбаҳои Абубакр Муҳаммад Закариёи Розӣ

Абубакр Муҳаммад ибни Закариёи Розӣ аз мутафаккирони машҳури форсу тоҷик, ки дар фалсафа ҳамчун саромади равиши хирадгаройӣ ва мубаллиғи ҷаҳонбинии илмӣ буда, дар илми тиб номбардору аз хатари парокандагию фаромӯшӣ эмин нигоҳдорандаи он эътироф гардидааст. Ба хизматҳои ӯ дар пешрафти илму фарҳанги башарият аз ҷониби муҳаққиқони гуногун баҳои арзанда дода шудааст ва муаррихи маъруф Ҷорҷ Сартон нимаи дуюми садаи сеюми ҳиҷрии қамариро ҳамчун «асри Муҳаммад Закариёи Розӣ» номгузорӣ намудааст. Чунин арзёбиро Розӣ тавассути осори гаронбаҳояш дар фалсафа, илмҳои тиб, физика, химия ва ғайра мушарраф гардидааст. Ному насаби ин марди хирадманд берун аз сарзамини аҷдодияш дар шакли таҳрифшудаи Абубатер Разес (Abubater Razes) тавассути тарҷумаи осораш маълуму маъруф гашта буд. Номгӯи осори Розӣ тибқи маълумоти худаш ва дигар сарчашмаҳо тахминан 200 адад дониста шуда, соҳаҳои гуногуни илмро дарбар мегиранд. Донишманд ва ховаршиноси утришӣ Паул Кравс (1904-1944) соли 1936 асаре зери унвони «Рисолатун фи феҳристи кутуби Муҳаммад ибн Закария Ар-Розӣ ли Аби ар-Райҳан ал-Берунӣ» («Рисолаи Абу Райҳони Берунӣ оиди феҳристи китобҳои Муҳаммад Закариёи Розӣ») ба табъ расонидааст. Бино ба маълумоти Абурайҳони Берунӣ (973-1048) Муҳаммад Закариёи Розӣ 184 китоб дар мавзӯъҳои гуногун таълиф намудааст. Аз ҷумла доир ба тиб-56, табииёт-33, мантиқ-7, риёзиёт ва нуҷум-10, фалсафа-17, метафизика (мовароут-табиға)-6, илоҳиёт-14, химия-22, илмҳои гуногун-10.

Лозим ба ёдоварист, ки аксари асарҳои Розӣ ба масъалаҳои илми тиб бахшида шудаанд, ки ба ӯ шӯҳрати

ҷаҳонӣ овардаанд. Дар ин радиф зикри китобҳои ӯ «Ҳовӣ», «Тибби Мансурӣ», «Тибби фуқаро», «Шакк бар Ҷолинус» ва ғайра, муҳим ба назар мерасад, зеро дар онҳо Розӣ дар баробари тақвияти асосҳои назариявии илми тиб, инчунин, ҷанбаи амалии онро инкишоф додаст. Дар ин хусус М. Наҷмободӣ мавқеи Розиро дар пешрафти илми тиб чунин арзёбӣ намудааст: «Розӣ, тақрибан, аввалин табибест, ки худро аз қайди бисёре аз ақоиди ду устод – Буқроту Ҷолинус раҳо намуда ва аз муаллимини худ ҷудо шудааст, бад-ин маънӣ, он чи ки дар озмоиш саҳеҳ ба назар мерасида, интихоб ва он чи дар амал носавоб буда, рад намудааст»[1].

Дар баробари асари «Алҷомеъ-ул-ҳозир ли саноат-ит-тиб» ё «Ҳовӣ», ҳамчунин китоби «Тибби Мансурӣ» аз таълифоти арзишманди Розӣ дар соҳаи илми тиб ба шумор меравад. Баёни матолиби пизишкӣ дар ин асар аз усули фалсафии матраҳнамудаи мутафаккир гувоҳӣ медиҳад. Маншаи чунин тамоюлот аз муҳаббати беандозаи ӯ ба фалсафаи юнонӣ буд, ки дар қаринаи он «ҳар як пизишки юнонӣ дар айни илтифот ба масоили пизишкӣ гӯшаи чашме низ ба масоили фалсафӣ дошт». Ин алоқамандиро дар таълимоти тиббияш Розӣ пеш аз ҳама дар заминаи фарогирии мактаби Буқроту Ҷолинус ташаккул дода буд, ки худи онҳо низ тибқи гузориши муаррихон дар баробари пештози илми тиб буданашон, инчунин дар баҳсҳои фалсафӣ шеваи нотакрор доштанд. Минбаъд чунин алоқамандии фалсафа ва тибро мутафаккирони мо дар мавриди омӯзиши он аз манбаъҳои юнонӣ ва интиқол ба қаринаи фарҳангияшон нигоҳ доштанд. Вале Розӣ дар ин маврид ҳам тақлиди маҳзро раво надонист ва дар баробари зинда кардани мероси мазкур соҳиби андешаи ба худ хос буданашро нишон дод.

Ба андешаи Розӣ аз роҳи шинохти колбаду физиологияи инсон метавон инчунин ба дарки вижагиҳои ахлоқӣ ва ҷамъиятии ӯ ворид шуд. Масалан, ӯ нишонаҳои файласуф

[1] . Закариёи Розӣ. Мунтахаби осор. –Душанбе, «Адиб», 1989. –с.14

буданро чунин баён мекунад: «Қомате устувор, миёна дар лоғарӣ ва чоқӣ дорад. Ранги пӯсти сафед дорад, ки гароянда ба сурхӣ аст. Дорои мӯйҳое аст, ки дар камӣ ва фаровонию лахтӣ ва печдор будану сиёҳӣ ва сурхи миёна мебошад. Вай дорои кафи дасте аст, ки ҳамвор миёни ангуштонаш боз аст ва дорои пешонии бузургу чашмони мешиву намнок мебошад, ки гӯё ҳамвора хандаю шодӣ дар нигоҳаш ба ҳам омехта шудаанд». Чунин равиши табиатгароёна дар мавриди маънидоди падидаҳои ахлоқию ҷамъиятӣ ва инсоншиносӣ минбаъд дар улуми ҷамъиятии форсу тоҷик ва кишварҳои ғарбӣ мавқеи барҷаста пайдо намуд. Лозим ба таъкид аст, ки чунин дидгоҳи табиатгароёнаи тибби Муҳаммад Закариёи Розӣ бо тамоюли хирадгароёнаю таҷрибавии афкори фалсафии ӯ ҳамоҳангӣ ва алоқамандии зиёд дошт. Инчунин, дар таълимоти ахлоқияш зарурияти канорагирӣ, фосила ҷустанро аз майлу хоҳиши афзалияти беандоза ба эҳсосоту ангезаҳои дигари ғаризавиро пайваста таъкид менамояд. Аз ин рӯ, ӯ таҷрибаро авлотар медонист, ӯ аз ҷумлаи он пизишконест, ки тарзи қабули беморонро дар бемористон яке аз аввалинҳо шуда ба роҳ монда буд. Дар бемористони шаҳри Рай аввал беморро шогирди шогирдони вай муоина менамуд, агар дар муоина душворӣ пеш меомад, ба шогирди аслии Розӣ муроҷиат менамуданд. Агар дар муоинаи бемор боз мушкилӣ пеш меомад, пас ба худи Розӣ муроҷиат менамуданд.

Чунин тамоюли андешаи мутафаккир аз ҳама бештар дар бандубасти бахшҳои яке аз китобҳои арзишманди ӯ «Тибби Мансурӣ» равшан мушоҳида мешавад. Аз ин рӯ, китоберо, ки хонанда айни замон дар даст дорад, аз ҷониби машҳуртарин пизишки замони шоҳигарии Сомониён Муҳаммад Закариёи Розӣ эҷод ва ба машҳуртарин шоҳи Сомониён Абумансури Сомонӣ бахшида шудааст. Мо, имрӯз хушбахттарин ворисонем, ки пас аз 1200 сол, яъне пас аз 12 аср ин асари беҳамтои ниёгон, ки асрҳо дар хазинаи шоҳон ҳамчун як ганҷи бебаҳо нигоҳ дошта мешуд, бо забони

модарии худ - тоҷикӣ мехонем ва аз ин осори фарҳанги тиббӣ ва таърихии худ баҳра мебарем.

Аввалин саволе, ки дар пеши назари мутахассисон доир ба ин китоб пайдо мешавад, он аст, ки оё ин асарро муаллиф барои шоҳ навиштааст ё баръакс китоби таълифшудаашро гирифта тӯҳфа кардааст? Ҷавоб ба ин савол хеле муҳим аст, чунки танҳо ҷавоби дуруст метавонад моҳияти ҳар мавзӯъ ё масъалаҳои тиббию табобатии дар ин осор дохил кардаро ба осонӣ бо кушодани як занҷири дарози печ дар печ нишон диҳад.

Чунин, масъаларо инчунин боз мо барои он дар муқаддимаи тоҷикии «Тибби Мансурӣ» дохил намудем, ки дар ягон тарҷума ва ё чопи ин китоб муҳаққиқони таърихи тиб ё хонандаҳои одӣ нагузошта буданд, ки дар тули 12 аср шумораи онҳо дар Шарқ ва Ғарб эҳтимол ба чанд ҳазор мерасад. Дигар масъалаи мушкили исботи мансубияти он ба шоҳон ё дарбориён аз мавзӯи баррасии проблемаҳои тиббие маншаъ мегирад, ки зимни онҳо дар чигунагии пешгирию табобати бемориҳо ё андешаи тадбирҳо марбут ба ҳифзи саломатӣ, бо такя аз таҷрибаи кӯшиши ба таври дастрас пешниҳод намудани матлабро ба харҷ медиҳад.

Аз диди мазкур мутолиаи ин асар, ки бо забони хеле дастрас ва зикри мисолу тавсияҳои рӯзмарраи ҳаётӣ таълиф шудааст, аз бисёр ҷиҳат дарёфти ҷавоби саволҳои боло ба хонанда маълумоти равшану возеҳ пешкаш менамояд. Яъне мухотаби ин асар на танҳо табибони ҳирфавӣ, балки доираи васеи хонандагоне аст, ки ниёзи амиқ дар умури ҳамешагии фурӯ рафтан ба умқи масъалаҳои тиббиро доранд. Барои аҳли дарбор дарки матлаби китоб хеле осон аст, зеро муаллиф кӯшидааст дар мавриди интихоби мавзӯъ ҳам шеваи баён ва ҳам барои хонанда мушкилӣ эҷод нашавад. Розӣ чунин ҳолатро нағз мефаҳмид ва саъй кардааст, китоб на чандон бузург, вале мазмунан тамоми паҳлуҳои илми тиббро фаро гирифта бошад.

Муаллиф дар ин китоб тамоми масъалаи тибби амалӣ ва назариявиро ба 10 гурӯҳи хурду бузург бандубаст намуда, муҳтавои онҳоро хеле дастрасу оммафаҳм баён менамояд. Аз

ҷиҳати ҳаҷм ин қисмҳо (гуфтор) гуногунанд. Гуфтори аввал дар 27 боб ба баёни масъалаҳои қиёфа, анатомияи узувҳо, сохтори устухони сару гардан, узвҳои ҷинсӣ ва ғайра бахшида шудааст.

Гуфтори дуюм мизоҷшиносӣ, сеюм моҳият ва таъсири доруҳо ва ғизоҳо, чорум нигоҳдории тандурустӣ, панҷум ороиш ва пероиш, шашум тадбирҳо оид ба рафтору чорабинии дуруст дар ҳолати гармову сармо, нигоҳубини дасту по ва руй, бинӣ, чашм, табобат ва ёрии таъҷилӣ ба шахсони мубталои ин вазъ, омодагии ҷисмӣ барои сафар, пешгирии захми саворагӣ, захми пойафзол, тасфияи обҳои ифлос, солимдории лашкар, дарёгардӣ ва ғайра мебошанд.

Бахши ҳафтум марбути масоили шикастабандӣ, дармони захмҳо, берун баровардани чирк, беҷошавии устухон, баромадагиҳо, боди сурх, сӯхтан, хунрезӣ, ҳиҷомат, пешгирии хунрезии захмҳо ва раг задан аст. Гуфтори ҳаштум дар 55 бахш дар бораи муолиҷаи заҳри мор аз газидан ва дигар ҳашароти заҳролуд ё саги девона, заҳролудшавӣ аз растаниҳои заҳролуд ва ғайра маълумот медиҳад.

Гуфтори нуҳум иборат аз 95 бахш дар бораи дарди сар, дарди нимисар, саргича, сарсом (минингит), сакта, хоболудӣ, фалаҷ, карахтӣ, ларзиш, фаромӯшӣ (нервология), зуком, бемориҳои чашм, садои гӯш, сангинии гулин, хунрезӣ аз бинӣ, бӯйи даҳону бинӣ, хунравии шикам, шикамравӣ, зардии пӯст, баромадани рӯда, захми заҳдон ва узвҳои мардона, бемории лоғура (троибалебин), филпоӣ, доруҳои ислоҳавас ва зидди лангӣ тавсияҳои ҷолиб медиҳад.

Гуфтори даҳум дар 34 бахш доир ба табҳои гуногун, аз ҷумла таби як рӯз дар миён, таби бемории сил бо ҳарорату балғам, таби 3 рӯз дар миён, таби ҳаррӯза, табҳои якҷоя бо гармову сармо, шинохти нишонаҳои ташхис ба мисли набз, пешоб, пасмондаҳо, арақи бадан ва ғайра иттилоъ медиҳад.

Дар «Тибби Мансурӣ» бори аввал ҳакими бузург доир ба ёрии тиббӣ ба ҷабрдидагони ҳолатҳои фавқуллода (гармову сармои сахт) сухан меронад. Розӣ дар бораи лашкаргоҳ ва истгоҳҳои латтагӣ, яъне шакли аввалини

хаймаҳои латтагӣ, доир ба берун овардани тири пайкон аз захм маълумоти дақиқ медиҳад.

Гиёҳдармонӣ ва ғизодармонӣ усулу воситаҳои асосии муоличавии Закариёи Розӣ ба шумор меравад. Он замон бо ташаббуси Муҳаммад Закариёи Розӣ бори аввал бо усули синтетикӣ ё химиявӣ ҳосил кардани доруҳо ба миён омаданд. Аввалин доруи синтетикие, ки Закариёи Розӣ истеҳсол кард, ин доруи «сулема» буд, ки онро кимиёшинос ва табиби машҳур аз пайвастагиҳои симобӣ ҳосил карда буд.

Бояд қайд намуд, ки бо мақсади муолиҷа, пешгирӣ ё табобати ин ё он бемори дар «Тибби Мансурӣ» қариб дар ҳама ҳолат доруҳо ё ғизоҳои парҳезӣ таъкид гардидаанд.

Дар бахшҳои «Тибби Мансурӣ» доир ба хосиятҳои шифоӣ, инчунин зиёну зарари доруҳо маълумоти муфассал дода намешавад, чуноне ки дар «ал-Қонун» ё «Сайдана»-и Абурайҳони Берунӣ мебинем. Розӣ дар «Тибби Мансурӣ» аксаран давоҳоеро дохил кардааст, ки камзиён ва дар муҳити хона ё дарбор истифода бурдани онҳо ё қисман ё тамоман бе зиён буданд.

Яке аз проблемаҳое, ки дар ин китоб Розӣ барои дарбориён хеле эҳтиёткорона ҳидоят кардааст, масъалаи қиёфашиносӣ мебошад. Ин проблема ба мисли оташи зери хокистар хатарнок буд, чунки қисме аз дарбориёни қиёфаашон ба шоҳ ё вазир шабеҳ бо сабаби номаълум метавонистанд мушкилие барои аҳли дарбор ба миён оранд.

Дигар масъалае, ки ба олами ислом ё дарбориён писанд набуд, ин масъалаҳои сексологӣ ё ин ки ҷимоъ мебошад. Розӣ доир ба ин масъала назар ба Ибни Сино ва дигар мутафаккирони олами ислом пурратару васеътар навиштааст. Аз эҳтимол дур нест, ки чунин чорабинии Абубакр Муҳаммад Закариёи Розӣ доир ба ин масъалаи ҳаримона вобаста ба он аст, ки насли шоҳон аз назари наслию авлодӣ, генетикӣ рафта-рафта рӯ ба харобии наслӣ ё авлодӣ гирифтор нашавад.

Ҳамин тавр, бо назардошти муҳтавои рангинаш «Тибби Мансурӣ» яке аз аввалин китобҳое, буд, ки олами Ғарб онро

соли 1481 ҳамчун китоби дарсӣ дар донишгоҳҳои тиббии Аврупо интихоб кард. Бо ин мақсад Ҷерард Кремонкӣ онро ба забони лотинӣ бо номи «Lider Almansoris» тарҷума намуд ва ин тарҷумаи лотинӣ пайи ҳам соли 1484, 1492, 1493, 1498, 1501, 1510, 1519 (Венетсияи Италия) соли 1533, 1544 (Базел) ва боз соли 1684 ба нашр расидааст. Ҳамин тавр, ин асари беҳамтои Шарқ то аввали асри 17 ҳамчун китоби дарсӣ хизмат кардааст. Ӯ аввалин маротиба дар тибби амалӣ амалияи эмгузарониро ҷорӣ намуд ва дар асри XVIII олими англис Ҷейнер пас аз мутолиаи нашри англисии «Обила ва сурхакон» (ал-Ҷадри ва-л-ҳасба) ин амалияро дар Аврупо барои раҳоии мардум аз вабоҳои шадид ривоҷ дод. Ин аст саҳми беҳамтои олими бузурги тиб ва файласуфи Шарқ дар пешрафт ва тамаддуни тоҷикону ҷаҳониён.

Китоби «Тибби Мансурӣ» ба забони тоҷикӣ бори аввал бахшида ба таҷлили 1150-солагии зодрӯзи олим ва мутафаккир Закариёи Розӣ, ки ба феҳристи санаҳои таърихии ЮНЕСКО дар солҳои 2016-2017 ворид карда шуд ва он бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз моҳи июли соли 2016 ба тасвиб расонида шуд, ба нашр мерасад. Дар таҳия ва ба нашр омода намудани он саҳми кормандони илмии шуъбаҳои таърихи фалсафа, Маркази «Синошиносӣ», таърих ва фалсафаи дин ва ходимони алоҳидаи дигари Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.М. Баҳоваддинови Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон зиёд аст. Бинобар ҳамин, бо назардошти он ки нашри асари мазкур бори аввал ба забони тоҷикӣ сурат мегирад, институт барои қабули пешниҳоди фикру мулоҳизаҳои хонандагон баҳри мукаммалтар кардани он сипосгузорӣ менамояд.

**А. Н. Муҳаммад,**
**доктори илмҳои сиёсӣ, профессор**
**Юсуфшоҳ Нуралиев,**
**доктори илмҳои тиб, профессор**

# БА НОМИ ХУДОВАНДИ БАХШАНДА, БАХШОЯНДА

Ҳеч хушбахтие ҷуз ба дасти Худо нест, пас бар ӯ такя кардам ва корамро бад-ӯ вогузоридам.

Аммо баъд, шоиста аст ҳар одамӣ хиради худро дар ҳар ҳунарҳое, ки андаке з-он медонад, парвариш диҳад, ки дар ҳангоми ниёз ва бархӯрд бо он з-он суд бибарад, чу одамӣ аз ҳеч ҳунаре, ки ниёзманди он аст, бе ниёз намебошад. Бар ӯст, ки ҳарчи барои устувории тан ва чигунагии нигоҳдорӣ ва пойидани он ниёз аст, хуб бишиносад. Ин донише аст бас печида ва дақиқ, ки барои паймудани роҳаш ниёз ба фаҳми дурахшон ва тезҳушӣ бисёр аст ва низ донишҳое, ки дар ин ормон вайро кумак мекунад, бояд бишносад. Ҳунаре, ки роҳаш пойидан ва устувор нигоҳ доштани тан аст пизишкӣ номида мешавад ва он ду бахш аст: нахуст донише, ки дар бораи шеваи дуруст нигоҳ доштани тан дар тандурустӣ ва чигуна пойдор мондани беҳдошт, дар он сухан мегӯяд ва дигар равишҳое, ки тани беморро ба суи тандурустӣ роҳнамун мекунад.

Бар одамӣ боиста аст, ки ба ин дониш ва шинохти роҳи дурусти пойидани тани хеш дар ҳолати тандурустӣ ва бeморӣ таваҷҷуҳ намояд ва дар он корозмуда шавад ва худро водор ба арзишгузорӣ ба он кунад, ки дар ҳангоми ниёз з-он суд бибарад, чунки намедонад, ин ниёз кай ва дар куҷо ба суроғи ӯ меояд ва чун наметавонад дар ҳар ҳангом ва дар ҳар замон ва дар ҳар ҷо ва ҳар сарзамин худро ба пизишке барои дармон нишон диҳад. Агар одамӣ дониши пизишкиро надонад ва нашиносад ва надонад чи гуна бемориро, ки ба он дучор шуда дармон намояд ва пизишкеро наёбад то дармони ӯро зери назар бигирад, сарнавишти бемор ба сӯи марг рафтан аст ва ё ба сӯи кухна шудани бeморӣ ва мондагор шудани он ки беҳбуд намеёбад. Пас одамӣ бояд бар гирифтани донише, ки тандурустӣ ва саломатиро ба даст меоварад ва бемориро аз ӯ дур месозад, озманд (ҳарис) бошад.

Дар ин китоб ман куллиёте, чашмаҳое ва гӯшаҳое аз ҳунари пизишкӣ овардам, ки баргирифтам аз китобҳои

Букрот ва Ҷолинус ва Армосус ва онон, ки дар паи онҳо аз пешиниён ва файласуфони пизишк ва пас аз онҳо омадаанд, яъне касоне ки дар борои пизишкӣ ва огоҳиҳои он сухан гуфтаанд ҳамчун Пулис (Пулус; Фулус) ва Аҳрун (Аҳрон) ва Ҳунайн пури Исҳоқ ва Яҳё пури Мосавайҳ ва дигарон, ки гуфтаҳои эшонро бисёр ба резабинӣ ва кутоҳнависӣ ва диққат аз миёни матни навиштаҳояшон ҷудо сохтам ва ин китобамро дар даҳ гуфтор қарор додам ва ҳар гуфторро ба бахшҳое бо ҳуруфи (абҷад) нишонагузорӣ кардам, ки маротиби он ба гунаест, ки ба осонӣ дастрасӣ ба ҳар матлабе имкон дорад.

Ва аз Худованди бузург ёрӣ ва пирӯзӣ мехоҳам, то битавонам ризояташро фароҳам созам, то маро ба худаш наздик намояд.

## РЕЗГУФТОРҲОИ ДАҲГОНА

Гуфтори нахуст: пешдаромади пизишкӣ ва шинохти рехту қиёфаи андомҳо.

Гуфтори дуюм: шинохти омезаи (мизоҷи) тан ва омехтагиҳои (хилти) чирашуда бар тан ва нишонаҳои кӯтоҳ ва гирдомада аз чеҳрашиносӣ, ки дар роҳи дониши рехтшиносӣ корбурд доштааст.

Гуфтори сеюм: вижагӣ ва арзиши хӯрокиҳо ва доруҳо.

Гуфтори чорум: нигоҳдошти тандурустӣ.

Гуфтори панҷум: ороиш ва пероиш.

Гуфтори шашум: равиши дурусти ҷаҳонгардӣ ва гардишгарӣ.

Гуфтори ҳафтум: куллиёте дар ҳунари шикастабандӣ ва боз кардани сари думалҳо ва беҳбудии захмҳо.

Гуфтори ҳаштум: заҳрҳо ва газидагии ҳашарот.

Гуфтори нуҳум: бемориҳое, ки сар то по дар тан падид меояд.

Гуфтори даҳум: табҳо ва паёмадҳои пас аз он ва он чи, ки ба шинохташ барои беҳтар дармон кардани таб ниёз аст.

**Гуфтори нахуст бисту ҳафт бахш аст**

Куллиёте, ки ниёз аст то дар оғози гуфтор оварда шавад: морфулужии (шаклшиносии) андомҳо ва вижагиҳояшон;

устухоншиносӣ; моҳичашиносӣ; асаб; рагҳо (сиёҳрагҳо); сурхрагҳо; мағзшиносӣ; чашмшиносӣ, гӯшшиносӣ; бинишиносӣ; симохшиносӣ; забоншиносӣ; гулӯшиносӣ; сина ва шушшиносӣ; дилшиносӣ; марӣ ва меъдашиносӣ; рӯдашиносӣ; ҷигаршиносӣ; сипурзшиносӣ (тиҳол); кисаи зардобшиносӣ; кулия (гурда) шиносӣ; масона (пешобдон) шиносӣ ва ёд кардани куллиёте аз судмандиҳои дастгоҳи гувориш; пардаҳо ва ниёми шикамшиносӣ; хоя ва наринашиносӣ; пистоншиносӣ ва заҳдоншиносӣ.

**Гуфтори дуюм панҷоҳу ҳафт бахш дорад.**

Куллиёте дар шинохти омезаҳо (мизоҷ), нишонаҳои тани ҳамоҳанг (муътадил); нишонаҳои омезаи гарм; нишонаҳои омезаи сард; нишонаҳои омезаи тар; нишонаҳои омезаи хушк; нишонаҳои омезаи гарму хушк; нишонаҳои омезаи сарду тар; нишонаҳои омезаи мағз; нишонаҳои омезаи дил; шинохти омезаи шикамба (меъда); шинохти омезаи хояҳо ва ёдкарди пайвастҳо ва гӯшаҳое, ки дар шинохти омезаҳо метавон з-он ёрӣ гирифт. Ёдоварии нишонаҳои кӯчак, ки бо дигар нишонаҳо дар бархе аз ҳолатҳо барои шинохти омезаҳои омехташуда метавон з-он кумак гирифт, нишонаҳои сустии пай (асаб); омезаи андомҳо ва омехтагиҳои он (хилт); шинохти анбоштагӣ (имтилоъ); шинохти омехтагии бартар дар нишонаҳои чирагии зардоб (сафро); нишонаҳои чирагии талхоб (савдо); нишонаҳои чирагии балғам; нишонаҳои мӯй; нишонаҳои ранг (пӯст); нишонаҳои чашм; нишонаҳои абрӯ; нишонаҳои бинӣ; нишонаҳои пешонӣ; нишонаҳои лабу даҳон ва дандон; нишонаҳои рӯй ва симо; нишонаҳои гӯш; нишонаҳои сухан гуфтан ва овоз; нишонаҳои гӯшт (моҳича); нишонаҳои ханда; нишонаҳои ҷунбиш; нишонаҳои гардан; нишонаҳои шикам; нишонаҳои пушт; нишонаҳои шона; нишонаҳои бозу; нишонаҳои кафи даст; нишонаҳои тиҳигоҳу ланбар (сурин) ва соқ ва кафи по; нишонаҳои по ва гомҳо; нишонаҳои диловарӣ; нишонаҳои тарс; нишонаҳои касе, ки

хушфаҳм ва нармхӯ аст; нишонаҳои файласуф; нишонаҳои дуруштхӯӣ; нишонаҳои талхрӯӣ (бадахлоқӣ); нишонаҳои ҳавасронӣ; нишонаҳои ахлоқи занона ва хӯи ахтагон ва куллиёте барои ташхис (ташхиси беморӣ) ва барасии он.

### Гуфтори сеюм бисту чаҳор бахш аст.

Куллиёте, ки аз роҳи он метавон ба арзиши хӯрок ва дору пай бурд. Арзиши хӯрок ва дору, арзиши донаҳои роиҷ, ки метавон аз онҳо нон пухт; дар он чи аз гандум ва ҷав бар мегиранд; арзиши об; арзиши шароб; арзиши нӯшобаҳое, ки мастизо нестанд; арзиши гӯшт; арзиши хӯроки андомҳои ҷонварон (чаҳорпоён); арзиши хӯрокиҳои сохта ва пардохташуда; шириниҳо; арзиши тухми мурғ; арзиши сари шир; мост; кара (маска); панир; оби панир; мости чакида; тарф (мусл, оби панири сифтшуда); қароқурут; шири турушшуда (рахбин); шири чарбигирифта (махиз) ва равған; арзиши моҳӣ; арзиши туршиҷот ва дегафзор (тавобил); чошниҳо (абозир); арзиши сабзиҷот ва он чи з-он дар пухтани хӯрок ба кор меравад ва арзиши обкома (комих) ва туршиҷот (равосил – равосир) ва филфил ва чошнӣ (сибоғ); арзиши меваҳо; сабзии хӯрданӣ; хушбӯкунандаҳо; равған; пӯшок; боду насим; шаҳрҳо; мураббоҳо (парварондани хӯрок); доруҳое, ки корбурди бисёр доранд.

### Гуфтори чаҳорум сиву як бахш аст

Ёдоварии куллиёте дар бораи беҳдошт ва нигоҳдошти тандурустӣ; андозаи ҷунбиш ва варзиш; равиш ва гоҳи анҷоми он; андозаи хоб, гоҳи он (вақти хоб), судмандиҳо ва зиёнҳои он; корбурди дурусти хӯрок; равиши корбурди дурусти нӯшиданиҳо; пок кардани тан аз пасмондаҳо; баргузидани нишастангоҳҳо ва зистангоҳҳо; ҳушдор барои рухдодҳои бад, пеш аз нерӯманд шудан ва пойдор гаштани онҳо; андӯҳу равонпарешӣ; хӯйҳо; он чи зиёни хӯрокиҳои носозгорро дур месозад; он чи аз зиёни шароб ҷилавгирӣ мекунад; он чи ҷонишини шароби ангур мешавад; хунгирӣ ва зиёнҳои он ва равиши корбурди он; судмандиҳо ва

зиёнҳои тиҳисозии тан ва корбурди онҳо; боло овардан (қай); судмандӣ ва зиёни наздикӣ кардан (ҳамбистарӣ); судмандӣ ва зиёни обтанӣ (гармоба гирифтан); шакл ва ранги як тани тандуруст; судмандиҳои мисвок задан; нигоҳдории дандонҳо; нигоҳдории чашм; нигоҳдории шунавоӣ; бемориҳои шикамба; вабо ва роҳи поидани он; равиши нигоҳдории тан дар гоҳҳои гуногун; равиши нигоҳдошти зани бордор ва рӯён (ҷанин); равиши осонзоӣ; равиши нигоҳдории занон пас аз зоймон; равиши парвариши кӯдак; гузиниши доя ва нигоҳдошти ӯ; куллиёти дигар дар равиши нигоҳдошти одамиён ва равиши озмудани пизишк.

**Гуфтори панҷум ҳафтоду панҷ бахш аст.**

Ороиш; шӯраи сар; резиши мӯй; рӯйиши мӯй; нигоҳдошти мӯй; резону баланд кардани он дар ҷойҳое, ки хоста мешавад ва дармони оғози качалӣ; мӯйхура; фар (печон) кардани мӯй; нарм ва лахт кардани мӯй; сиёҳ кардани мӯй; равише барои дертар сафед кардани мӯй; сурх ва бур кардани мӯй; сафед кардани мӯй; равиши тарошидан ва кам кардан ва резиш ва ҷилавгирӣ аз рӯйиши мӯй; он чи мӯйро хушбӯй месозад; он чи бӯи нураро мезудояд; он чи аз сӯзиши ҷои нура дар тан ҷилавгирӣ ва ҷои сӯхтаи онро дармон мекунад; бемории качалии (калии) сар; сафед кардани рӯй; дурахшон ва нарм ва ҳамвор кардани пӯст; он чи ранги пӯстро сурх мекунад; он чи ранги пӯстро зард мекунад; он чи пӯстро сиёҳ мекунад; моҳгирифтагӣ; лак ва каку мак; он чи ҷӯш ва захмро мезудояд; ҷӯшҳои сурхи падидомада дар рӯй; кабудии падидомада аз зарба; холкӯбӣ; он чи ҷои ҷӯшҳои обиларо мезудояд; хориш ва ҷараб; захме, ки аз хориш падид ояд; гарӣ (ҳасф); товилҳои пӯстӣ (қӯбо); баҳақи (лаки) сафед ва барас (песӣ), ки дар мижаҳо падид меояд; баҳақи сиёҳ; ҷузом; загил (салил); рӯйиши мӯи мижа; шупуш падидомада дар мижаҳо; мӯйча; хушкии пӯсти даст (ҷасо); барҷаста шудани (берунзадагии) чашм; сахт шудани пилакҳо; бадбӯ шудани бинӣ; бадбӯ шудани даҳон; он чи бӯи бади сир, пиёз ва тараи хӯрдашударо мекоҳад; он чи бӯи шаробро ниҳон мекунад ва онро мекоҳад;

он чи аз равон шудани бузоқи даҳон дар хоб ва бедорӣ ҷилавгирӣ мекунад; он чи дандонҳоро дурахшон мекунад ва сурохҳоро пур мекунад; он чи аз хӯрдагии (пӯсидагии) дандон ҷилавгирӣ мекунад; он чи аз афтодани дандонҳои ҷунбон ҷилавгирӣ мекунад; он чи кундии дандонҳоро аз миён мебарад; поксозии гӯш аз ҷирмҳо; он чи арақи зери бағалро аз миён мебарад; он чи аз арақи по ҷилавгирӣ мекунад; он чи бӯи арақи танро хӯшбӯ мекунад; он чи бӯи бади пешоб ва даҳонро мебарад; ҷилавгирӣ аз бадбӯ шудани лошаи мурда ва гандидани он; он чи аз зуд бузург шудани хояи навҷавонон ва пистони духтаракон ҷилавгирӣ мекунад; он чи нохунҳоро баднамо ва зишт мекунад; он чи ангезаи тараки лаб, рухсора ва пушти даст мешавад; омос ва хориши ангуштон дар поиз ва зимистон; он чи танро шодоб мекунад; он чи танро мефарсояд; он чи оби мардона ва рост шудани наринаро биафзояд; он чи наринаро бузург кунад; он чи вожан (маҳбал)- ро танг намояд; он чи тарӣ ва лизии вожанро бибарад; он чи вожанро гарм кунад; он чи хушии наздикӣ карданро биафзояд; дармони зуд берун омадани оби мардона; дармони сустии ҷинсӣ ва коҳиши оби мардона ва сустӣ дар рост шудани нарина аз фузунии наздикӣ; он чи дар обистанӣ кумак кунад; он чи аз бордорӣ ҷилавгирӣ мекунад ва он чи рӯёнро меандозад; он чи ба наздикӣ кардани бисёр кумак мекунад; он чи кумак мекунад, ки шароб бештар нӯшида шавад; он чи мастиро зудтар меоварад; он чи мастиро сабук кунад ва ҳушёриро зудтар меоварад ва дармонӣ хуморӣ.

**Гуфтори шашум нуздаҳ бахш аст.**

Равиши дурусти гардишгарӣ; парҳез аз гармо ва зиёни он чи аз гармо ба гардишгарон ворид меояд; поидани заҳрҳо ва пайгирии паёмадҳои газидагӣ; фурӯкашӣ кардани ташнагӣ ва ҷилавгирӣ аз зиёни он; чигунагии гардишгарӣ дар сармо ва гармои сахт ва чигуна роҳ паймудан дар он; дармони сармозадагӣ; беҳушӣ аз гуруснагӣ; нигоҳдошти дастҳо ва пойҳо ва дармони ҳар кадом, ки табоҳӣ дар он оғоз шуда; яхзадагии чашм аз сармо ва дармони он чи з-он табоҳ шуда бошад; сӯзиш

ва дарди падид омада дар чашм аз сармои сахт ва боди сард; хастагӣ ва сустӣ; омодасозии тан барои гардишгарӣ ва гузиниши барномаи хӯроки муносиб; он чи зиёни обҳо ва палаштиҳои (палидиҳои) онҳоро дур месозад; равиши нигоҳдошти подгонҳо ва урдугоҳҳо; равиши гардишгарӣ дар дарёҳо; он чи аз падид омадани шупуш ҷилавгирӣ мекунад; он чи аз дигаргунии ранги чеҳра дар офтоб ҷилавгирӣ мекунад; он чи аз тарак ва шикофи пошнаи по ҷилавгирӣ мекунад; соидагӣ ва хароше, ки аз саворкорӣ ё чакма ё кафш падид ояд; замин хӯрдан бо сар ва зарбдидагии он.

**Гуфтори ҳафтум бисту ҳафт бахш аст.**

Куллиёте дар ҳунари шикастабандӣ: нарм кардани сахтшудагиҳои монда дар андомҳо пас аз ҷӯш хӯрдани онҳо; куллиёт ва гӯшаҳое аз дармони захмҳо ва берун овардани чиркҳо; доруҳои рӯёнандаи гӯшт; доруҳои сарбозкунандаи думалҳо; доруҳои азмиёнбарандаи гӯшти зиёдатӣ; доруҳое, ки сари захмҳоро боз мекунад ва шикофтани он бо корд ниёз набошад; ханозир (омоси гардан); саратон; думалҳо; омоси гарм; омоси шул (суст); омоси сахт; салъа (захм); баромадагиҳои ғадудӣ; ҷӯшҳои раванда (мурча-намл); нори форсӣ (боди сурх); сӯхтан аз оташ ва оби ҷӯш ва равғани доғ; доҳис (ақрабак); хунрезии захм ва раг задан (фасд); ҳиҷомат кардан; золӯ(зулук); ришта (беморӣ); берун овардани тир ва хасу хошок; захмҳо ва шикастагии сар (шиҷоҷ); даҷолӣ ва сариҳамбандии даҷолон.

**Гуфтори ҳаштум панҷоҳу панҷ бахш аст.**

Куллиёте перомуни дармони заҳрҳо ва газиши ҷондорони рез ва парҳез аз онҳо; неши морҳо; неши каждум; неши каждуми зард (ҷарор); неши ратил ва шибис (ҳазорпо) ва анкабут; неши занбури ваҳшӣ ва занбури асал ва мӯрчаи пардори заҳрӣ; неши сусмор (азоя) ва сусморак; он чи ҳашарот ва газандагони рез ва дарандагонро меронад ва онҳоро мекушад; гоз гирифтани сагҳое, ки ҳор нестанд ва дарандагон; паланг ва одамӣ; гоз гирифтани саги ҳор; касе,

ки гиёҳи беш хӯрда бошад; касе, ки қурунус-сунбул хӯрда бошад; касе, ки заҳраи бабр хӯрда бошад; касе, ки заҳраи мор хӯрда бошад; касе, ки зафнӣ (занбул-ийил) хӯрда бошад; касе, ки араќи тани чаҳорпоён нӯшида бошад; касе, ки зуруҳ (боғуҷа, кужхор) чашида бошад; касе, ки мавизаки кӯҳӣ хӯрда бошад; касе, ки тарёк хӯрда бошад; касе, ки шавкарон хӯрда бошад; касе, ки решаи меҳргиёҳ (ябруҳ) чашида бошад; касе, ки ҷавзи мосил (тотура) хӯрда бошад; касе, ки банг нӯшида бошад; касе, ки оби гашнизи тоза нӯшида бошад; касе, ки тухми исфарза (қатуно) хӯрда бошад; касе, ки қорчи заҳрӣ (фитр ва камо) хӯрда бошад; шир ки дар шикамба бибандад; касе, ки кабоби бирёне, ки дар пӯст печидашуда бихӯрад; хӯрдани моҳии сард; нӯшидани шири табоҳшуда; касе, ки мағзи гиёҳони табоҳшуда ва равғани табоҳшуда хӯрад; касе, ки қӯрбоқаи найистонҳо (мурдобҳо) ва рӯдхонагӣ бихӯрад; касе, ки арнаби баҳрӣ хӯрад; касе, ки гандбистари бад хӯрад; касе, ки самғи (широба) садоби кӯҳӣ хӯрад; касе, ки балозур хӯрад; касе, ки харзаҳра хӯрад; касе, ки аз нӯшидани унсул (пиёзи муш) зиён бинад; касе, ки аз хӯрдани тухми газна (анҷира) зиён бинад; касе, ки аз нӯшидани оби сард зиён бинад; касе, ки оҳак хӯрад; касе, ки мортак (мардосанг) хӯрад; касе, ки ҷива хӯрад ё дар гӯшаш бирезанд; касе, ки исфидоҷ (сафедоб) хӯрад; касе, ки нура ва зарних хӯрад; касе, ки аз чирки оҳан ё буродаи он осеб бибинад; касе, ки зангор хӯрад; касе, ки дар хӯрдани зог ва нӯшодир зиёдаравӣ кунад; касе, ки широбаи гиёҳон (ятуъ) нӯшад; касе, ки харбақи сафед ва ҷабалаҳанг (ҷабри оҳанг) ва кундус ва аратнисо (бухури Марям) хӯрад; касе, ки турбад хӯрад; касе, ки фарфиюн (фариюн) хӯрад; касе, ки дар хӯрдани мозариюн зиёдаравӣ кунад; шинохти нерӯи доруҳои равонкунанда ва андоза ва равиши корбурди онҳо ва намунаи як доруи таркибии равонкунанда.

**Гуфтори нуҳум наваду панҷ бахш аст.**

Сардард ва дарди гиҷгоҳ ё нимаи сар; саргиҷа; сарсом (минингит); сакта; хоболудагӣ (сибот) – зилзадагӣ ва хирагӣ;

фалаҷ; карахтӣ; ларзиш; лақва; ташаннуҷ; фаромӯшӣ; саръ (Epilepsy); кобус (бахтак); молихӯлё; зуком; бемории чашм; захмҳои чашмӣ; сафедии падид омада дар чашм; ҷараби пилки чашм ва илтиҳоби қарния; хориши гӯшаи чашм ва пилк; нохунаи чашм; сурхии чашм аз зарба; ашки чашм; коҳиши дид (камбиноӣ); омоси пилкҳо; мӯи баргаштаи чашм, ки онро озор медиҳад; обрезиши чашм; шабкӯрӣ; кушодии қарния (интишор); реши куҳнае, ки дар гӯшаи чашм падид ояд; дарди падид омада дар гӯш; захми падид омада дар гӯш; садои падид омада дар гӯш; сангинии гӯш; кирм ва газандагони фурӯрафта дар гӯш; он чи дар гӯш фурӯ равад; хунрезӣ аз бинӣ; захмҳои даруни бинӣ; бавосири падид омада дар бинӣ; гандидан ва бӯйнок шудани бинӣ; дарди дандон; кашидан ва шикондани дандон; кундии дандон ва карахтии он; барфак ва ҷӯши даҳон; лиссаи хунӣ ва гандидагии он; дандоне, ки бо сармо дарднок мешавад; афтодагии забони кӯчак; қурт додани золӯ; фурӯ рафтани хор ва устухон ба даруни гулӯ; сангинии забон; овезон шудан ва берун афтодани забон аз даҳон; пайдо шудани ғадуди зери забон, ки ғӯк хонда шавад; омосҳои падидомада дар забон; гирифтагӣ ва омоси гулӯ; сурфа (сулфа); тангии нафас; зоту-л-ҷанб (омоси пардаҳои перомуни шуш); зоту-р-рия (омоси шуш); хилти сина ва берун андохтани он; сил; хафақон (тапиши дил); шикамравиши хунӣ бо дард ва боло овардани (қай кардан); бадгуворишӣ; дардҳои шикамба; саксака (ҳакҳака - ҳиккак); шикамхорагӣ (серинопазирӣ); дардҳои ҷигар; зардӣ; истисқо (сероб- ношудагӣ); дардҳои сипурз; қулинҷ; беиштиҳоӣ; сахтии пешоб кардан; санг ва омоси падидомада дар гурда ва пешобдон; сӯзиши пешобӣ; хун ва чирк дар пешоб; пешоб кардани пайваста (чака-чака); кирми падидомада дар шикам ва нишастангоҳ; баромосидани нишастангоҳ ва пизӣ; бавосир ва захмҳо ва таракҳои нишастгоҳ; банд омадани хуни моҳона; равон кардани хуни моҳона; таракҳои вожан; омоси падид омада дар заҳдон; захмҳои заҳдон; гирифтагии заҳдон; бемории бордории дурӯғин; фатқ ва қарв дар хояҳо; никрис ва сиётик; гӯжпуштӣ (кӯзпуштӣ); ворис ё баромадагии омоси рагҳои по;

бемории поғура; филӣ шудани по; сурини миёни ду рон; дардҳои падидомада дар андомҳои берунии тан.

**Гуфтори даҳум сиву чаҳор бахш дорад.**

Табе, ки пизишкон таби рӯзона гӯянд; таби диқ (сил); табе, ки як рӯз дар миён меояд пизишкон онро таби ғаб гӯянд; таби пайваста ва хеле гарм, ки пизишкон ба он таби муҳриқа ё сӯзон гӯянд; таби фарогир (мутбиқа); табе, ки ҳар рӯз навба дорад ва балғамӣ гуфта мешавад; таби рубъ, чаҳор рӯз як бор; табҳои гуногун, ки панҷ ё шаш рӯз як бор меояд; табҳои пайваста; табе, ки ба ҳамроҳаш сармо ва гармо бо ҳам дида мешавад; таби ларзӣ, ки гармо надорад; таби беҳушкунанда, ки аз бисёр рақиқ шудани омехтагиҳо хилт падид меояд; таби беҳушкунанда, ки бо обакӣ шудани омехтагиҳои нарм падид меояд; табҳои беҳушкунанда, ки бо омехтагии нарми фаровон ҳамроҳ аст; табҳои падид омада аз омос; таби вабоӣ; табҳои таркибӣ; обла ва тифус (Typhus) ва сурхак; он чи дар бораи барномарезии бемориҳои сахт донистанашон ниёз мебошад; нишонаҳои хуб ва бад; пешогоҳиҳои хуб ва бад; шинохти замони табҳо; шинохти расидани (пухтагӣ) бӯҳрон; шинохти гуногуниҳое аз туҳисозӣ, ки дар буҳрон дар паси он меояд; шинохти нишонаҳое, ки намоишгари хубӣ ва бадӣ, комил ё норасо будани бӯҳрон мебошад; пешоб; пайхол (пасмондаҳои сифт); набз; чигунагии поидани бемориҳои сахт; нигоҳдошти давраи нақоҳат.

Инҳо бахшҳои омада дар гуфторҳои даҳгона мебошанд.

## ГУФТОРИ НАХУСТ: СУХАНОНИ КӮТОҲ, КИ НИЁЗ АСТ ДАР ОҒОЗ ОВАРДА ШАВАД, ПЕШДАРОМАДЕ БАР ПИЗИШКӢ

Дониши пизишкӣ, посдори тандурустӣ дар тан ва берункунандаи беморӣ аз тани бемор ва баргардонандаи он ба тандурустӣ аст ва он ба ду гурӯҳ: назарӣ ва корбурдӣ (болинӣ) бахш мешавад.

Гурӯҳи нахуст се бахш дорад; яке шинохти фоктурҳои табиӣ, дуюм шинохти бемориҳо ва ангезаҳои он, сеюм шинохти нишонаҳои беморӣ.

## ОМИЛҲОИ ТАБИӢ

Омилҳои табиӣ ҳафтоанд: устуқусҳо (моя ва модда), омезаҳо (мизоҷ), омехтагиҳо (хилт), андомҳо, нерӯ, равон ва коркардҳо мебошад.

Устуқусҳо (моя ва модда)

Аносир чаҳор гунаанд: оташ, ки гарм ва хушк; ҳаво, ки гарм ва намур (намнок); об, ки сард ва намур; замин, ки сард ва хушк мебошад. Ин суханро Модарюс рад кардааст ва гуфтааст: мояҳои нахустин чаҳор гунаанд: оташи гарм, ҳавои сард, оби тар ва хоки хушк мебошад.

Ҳайюло ва моддаи басит (нахустин) аст. Бархе аз пешиниён ба унвони чизи мавҳум ва номавҷуд гузора кардаанд, ки ин сухан нодуруст мебошад. Устуқусҳо ҳиссгарҳои моро месозанд ва Офаридгор ҳамаи одамиён ва ҷонваронро з-он офаридааст, чунон чи таркиботи онҳо таҷзия шаванд, ба мояҳои нахустини хеш бозмегарданд. Пойдории ҳар чиз дар ин ҷаҳон ба ин чаҳор устуқус ё аносири аввалия (моя) баста аст, ки з-он сохта мешавад ва падид меояд. Замон ва уфуқҳои чаҳоргона низ бар пояи он дастабандӣ мешавад, пас уфуқи ховар гарму хушк, ҷануб гарму тар, бохтар сарду тар ва шимол сарду хушк аст.

## Омеза (мизоҷ)

Омезаҳо нуҳгонаанд: яке ҳамоҳанг (муътадил) ва ҳашт ноҳамоҳанганд, ки аз ҳамоҳангӣ берун мебошанд, чаҳортои он танҳо, ки гарм, сард, тар, хушк ва чаҳорто таркибӣ, ки гарму хушк, гарму тар, сарду хушк ва сарду таранд.

## Омехтагӣ (хилт)

Чаҳорто ҳастанд: хун, балғам, зардоб (сафро) ва талхоб (савдо).

**Балғам.** Бархе аз гунаҳои балғам ширину гарму намур мебошанд; гунаи дигари он намакин, ки гарму хушк аст; дастае з-он турш, ки сарду хушканд; ва гурӯҳе бемаза, ки сарду намуранд; гунаи панҷуми он шишаӣ (зуҷоҷӣ), ки сардтарин ва намуртарин гунаи балғам мебошад, ки ба хун табдил намешавад. Ҳар гуна омехтагӣ, ки бо боло овардан (қай) ё бузоқ аз даҳон берун ояд ва аз сӯи сар ба поин сарозер гашта ва ё бо хилти сина аз даҳон берун равад ва табиати он бемаза бошад, ба он балғам гӯянд. Чунон чи балғам бар хилофи омезаи табиии худ дар дамои бисёр боло мазаеро ба даст оварад, ин маза пайвандхӯрда бо омезае аст, ки бар тан чирагӣ пайдо карда мебошад ва бад-он номгузорӣ мешавад. Агар дамои таъсиргузор бар балғам ба андозаи табиӣ, бошад, онро гуворидаву ширин ҳамчун мазаи хун мекунад. Табиат ин гуна балғамро ба монанди хун ба кор намегирад. Агар дамои коргар бар балғам аз андозаи табиӣ берун бошад, бар он чира шуда ва онро гуворида ва намакин менамояд. Агар бар он чиратар гардад, турш шуда ва чунон чи дамои коргар бар балғам дамои табиӣ бошад онро мегуворад ва ширин ҳамчун мазаи хун месозад. Ин гунае аз балғам аст, ки табиат онро ба монанди хун ба кор мегирад. Балғам аз хӯрокиҳои сард ва намур дар гувориши нахустин дар шикамба ва ҳамчунин аз хӯрокиҳое, ки дуруст гуворида нашудаанд, падид меояд.

Табиат барои пазириши он (балғам) ҳамчун рагҳо ва мӯйрагҳо, ки ҷойгоҳи хун ҳастанд ва кисаи зардоб, ки ҷои зардоб ва сипурз ҷои талхоб мебошад, ованде насохта аст. Ҳар чи з-он ба сӯи ҷигар ва овандҳои он равад, хун мегардад

ва ҳар он чи дар рӯдаҳо бимонад ва ба сӯи ҷигар наравад, аз рӯдаҳо ронда мешавад. Бо зардоб ба ҷиҳати тундӣ ва тезӣ, ки поккунанда ва шустушӯдиҳандаи рӯдаҳост ҳамчун «бӯра», ки шустушӯдиҳанда ва дурахшонкунанда мебошад.

Ҳеч гоҳ балғами ширин ва гуворо ба ҷиҳати ниёзи тан ба он аз тан ронада намешавад, чун ба монанди хун хӯроки тан мебошад. Ҳамчунин балғами табиӣ, ки бемаза аст, ҳамин короиро дар тан дорад. Ҳаргиз балғами ширин ва балғаме, ки ба монанди об бемаза аст, ба ҷиҳати ниёзи тан барои ба ҳаракат даровардани бандҳо ва намур кардани андомҳо ба вижа мағз ба кор мераванд, то хушку табоҳ нагарданд, аз тан берун фиристода намешаванд. Вале ду гунаи дигар – намакин ва турши он чун аз табиати одамӣ берунанд, танро мешӯянд ва тан аз онҳо пок мегардад.

**Зардоб.** Бахше з-он дар ҷигар ва бахше дигари он дар шикамба сохта мешавад. Намунаи падидомадаи он дар ҷигар чаҳор гуна аст: гунаи нахуст сурх (қирмизӣ); дуюм зардобе, ки обакитар аз қирмизӣ аст ва аз омехтагии об бо қирмизӣ дуруст мешавад; сеюм ба ранги зардаи тухми мурғ, ки ранги зарди он ба монанди ранги зардаи тухми мурғ мебошад, он аз гунаи нахуст (қирмизӣ) сифттар (ғализтар) аст, будани он бад-ин ҳолат ба ҷиҳати аз даст рафтани оби он мебошад; гунаи чаҳоруми зардоб сурхи обӣ (ҳамро) аст, ки ба монанди хуни обакӣ мебошад. Ин гуна зардоб дар асари аз даст рафтани андаке обе, ки дар зардоби гунаи қирмизӣ ва ё аз омехтагии хун ҳангоми зодан сохта мешавад.

Зардоби сохташуда дар шикамба се гуна аст: нахуст он чи, ки ба ҷиҳати ранги сабзе, ки дорад ва ба монанди ранги тара мебошад, тараӣ хонда мешавад; гунаи дуюм зангорӣ, чун ба монанди зангори оҳан буда; сеюм нилгун, чун ба монанди ранги пия (нилаҷ) дуд дода шуда аст.

**Талхоб.** Ду гуна аст: нахуст талхобе, ки табиӣ аст ва он таҳшини хун мебошад, ки пизишкон онро «омехтагии сиёҳ» хондаанд ва талхоб наменоманд, то миёни талхоби табиӣ ва нотабиӣ ҷудо шавад; гунаи дуюм талхоби нотабиӣ аст, ки аз сӯхтан падид меояд. Ин талхоб ё аз сӯхтани омехтагӣ, ки

«омехтагии сиёҳ» хонда мешавад, ки таҳнишини хун аст ва ё аз сӯхтани зардоб дар дамои бисёр боло ва ё аз сӯхтани хун, ки бисёр гармшуда ва табоҳ гашта, сохта мешавад.

Бархе аз андешмандон гуфтаанд аз сӯхтани балғаме, ки бигандад ва гандидагиаш ба дарозо кашида ва дамояш боло рафта ба даст меояд ва онро ба гунаи таҳнишини сифт ва паст дароварад, ки судмандии он дар тан бисёр аст ва чунон чи бо боло овардан ва монанди он берун равад, ҳеҷ гуна мазае, ки ба он номида шавад доро нахоҳад буд. Ва чунончи рӯи замин рехта шавад ба ҷӯшиш дарнамеояд, ҳамон гуна, ки сирка дар бархӯрдаш бо замин ба ҷушиш дармеояд. Ба андомҳое, ки меравад, осеб намерасонад. Сеюмин вижагии он агар магас ё паша ва дигар ҷонварон онро бибӯянд, ё бичашанд, з-он намегурезанд. Чаҳорумин вижагии он чунон чи дар дар тан афзоиш ёбад ва саррез гардад, на танҳо аз берун ронданаш тан сабук гашта ва осеб намебинад, балки хушнуд шуда ва бар анҷоми корҳои табииаш устувортар мегардад.

Тафовут миёни вижагиҳои талхоби нотабиӣ бо талхоби табиӣ, ки «талхоб» хонда мешавад ин гуна нишон дода мешавад: нахустин вижагӣ мазаи гас ва туршии он аст; вижагии дигар аз даруни андомҳое, ки гузар мекунад, ба онҳо осеб мерасонад; сеюмин вижагӣ чунон чи ба замин бирасад бар он ба ҷӯшиш дармеояд ва бод мекунад ва коркарди сиркаро нишон медиҳад; вижагии чаҳорум магас ва паша ва дигар ҷонварон онро чун бибӯянд, з-он дур шаванд ва бигурезанд; ҳамчунин дорои як вижагии вижаи худ аст, ки ҳангоми берун омадан аз тан табоҳии тан ва роҳҳое, ки з-он гузар мекунадро захмӣ менамояд, зеро аз ин андомҳо ба сахтӣ гузар мекунад, ҳамон гуна ки Буқрот гуфта аст, ки соиш ва харошидагии рӯдаҳо падидомада аз талхоб, кушанда ва марговар аст.

## Сохтори андомҳо

Андомҳое ҳастанд, ки ҷузъҳои онҳо ҳамонанди якдигаранд: ҳамчун устухон, пай, рагҳо, гӯшт, пиҳ ва чарбӣ,

ки ба онҳо андомҳои ҳамонанд гуфта мешавад. Бархе дигар, ки бахшҳояшон ба монанди сар, сина, дастҳо ва поҳо ҳамонанд нестанд. Ҳамчунин андомҳоеанд, ки фармондеҳӣ доранд ва арзишманданд ва чаҳортоанд: мағз, дил, ҷигар ва хояҳо мебошанд. Бархе дигар коргар ва дастёранд ва чаҳоранд: пайҳо, сиёҳрагҳо, сурхрагҳо, овандҳо ва роҳҳои гузари оби нарина. Гурӯҳи сеюм на фармондеҳ ва на коргузоранд ва корашон танҳо бар пояи нерӯи табиии худашон анҷом мегирад, ҳамчун устухонҳо, ғузруфҳо, гӯшти сода, чарбиҳо ва пардаҳои пӯшушӣ ва монанди инҳо. Гурӯҳи чаҳорум андомҳоеанд, ки худашон нерӯе надоранд ва нерӯи худро аз андомҳои фармондеҳӣ мегиранд, ҳамчун шикамба, ки дорои нерӯи гироӣ ва боздорандагӣ аст ва нерӯи ҳиссии он ва андомҳои дарунӣ аз мағз меояд ва он нерӯ ҳаракатеро ба андомҳои берунӣ ва ҳаракатдор медиҳад. Ин андомҳои дарунӣ нисбат ба андомҳои берунӣ, ки пурнерӯ ва пурҷунбишанд, камтар ҳисс доранд. Андомҳои берунӣ ҳисси фаровон ва нерӯи андак доранд, чун дар табиати онҳо нерӯ намебошад, вале нерӯи гармӣ ва зиндагиро аз дил ва рагҳо ва хунро аз ҷигар ба василаи овандҳо ва маҷорӣ барои тағзия ва нерӯзоӣ мегиранд. Ҳис ва ҳаракатро ба василаи пайҳо аз мағз ба даст меоваранд. Чунончи андомҳои фармондеҳӣ ба таври табиӣ ва худ ба худ дорои ҳисси бисёр ва андомҳои берунӣ пурнерӯ бошанд, сабаби коҳиш ва навасони коркарди эшон мешавад, ба монанди ҷигар. Агар дорои ҳиссе ҳамчун ҳисси ангуштони дастҳо ва поҳо бошад, бо андак дарде аз анҷоми кори худ худдорӣ мекунад ва нотавон аз кори кашидани килус ва таҷзия ва табдили он ба хун ва ҳамчунини фиристодани хун ба андомҳо барои тағзияашон мегардад. Агар хӯрок ба тан нарасад, нобудии андомҳо ба дунбол хоҳад дошт, аз ин рӯ ҳисси андомҳои фармондеҳ коста шуда то дар баробари андаке дард аз анҷоми дурусти корашон боз намонанд ва тан нобуд нагардад.

Офариниши андомҳо бар пояи ҷойгоҳи арзиши онҳо ва коркардашон бо якдигар тафовут дорад. Устухонҳое, ки дар тан ҳастанд дорои гунаҳои дароз, кӯтоҳ, паҳн, борик, пур ва

тухолианд. Ҳамчунин пайҳо низ гуногунанд, бархе сахт ва гурӯҳе нарманд. Бархе аз рагҳо нарманд, ки хун дар он ба сӯи андомҳо равон мебошад ва гурӯҳе аз онҳо сахтанд, ки ҳам хун ва рӯҳ дар он равон аст.

## Сохтор ва рехти устухонҳо

Мегӯям: Офаридгори бузург ва арҷманд устухонҳоро поя ва сутуни тан гузошт, чун мо ниёз дорем ба ҳангоми ҷунбонидан гоҳ ба гоҳ ҳар андом, бахше дигаре такон нахӯрад, аз ин рӯ на як устухон балки устухонҳои бисёр барои он фароҳам карда ва барои ҳар як рехти вижаи созгор бо он чи, ки мехоҳад, омода намудааст. Бар сари ҳар устухон андоме ба номи тондун (зардпай) рӯёнда, ки сари дигари он ба сӯи сари дигари устухон меравад то ҳаракати гурӯҳе ва бо ҳам ва ё ҳаракатҳои ба танҳоӣ хосташуда з-он устухонро ба анҷом расонад. Ин андом (зардпай) сахту сафед ва беҳис аст. Дар як сари устухон барҷастагиҳое ва дар сӯи дигар фурӯрафтагиҳое барои дарҳам фурӯ шудани ин барҷастагиҳо дар ин ҷоҳо фароҳам шудааст. Аз ин рӯ, миёни устухонҳо бандҳое сохта шудаанд, ки вижагии ин бандҳо фароҳам омадани ҳаракатҳои ҷудогонаи ҳар бахше ҷудо аз бахши дигар аст ва вижагии будани зардпайҳо, ки устухонҳоро ба ҳамдигар пайванд дода, боло бурдани тавонии ҳаракати гурӯҳе чанд устухон бо ҳам аст, ки ба монанди як устухон анҷом дода шавад. Мо агар бихоҳем, ҳамаи дастро биҷунбонем, онро аз сӯи банди шона бо як такон ба ҷунбиш дармеоварем, ба монанди ин ки ҳама устухонҳои даст як устухон мебошад, бе он ки банди оринҷ ва банди мучи даст ва бандҳои ангуштон дар ин кор кундӣ ва боздорандагӣ падид оваранд. Чунончи бихоҳем, танҳо бахше ҷудо аз бахшеро биҷунбонем, аз банде, ки барои он омода шуда ин корро анҷом медиҳем. Бо фароҳам шудани ин систем ҳар ду гуна ҳаракати ҳамоҳангӣ ва бахшеро бастагӣ ба хосту ниёз анҷом медиҳем, чун устухонҳо ба худии худ ҳаракат намекунанд, балки ниёзманди муҳарикеанд, ки муттасил ба ҳис ва ҳаракате мебошад, ки сарчашмаи он мағз аст. Ин

иттисол ҳамон пайҳо ҳастанд, ки танҳо ба устухон намечаспанд балки пас аз омехтан бо гӯшт ва зардпайҳо ба онҳо низ мечаспанд, чун агар пай ба танҳоӣ ба андоми бузург пайванд хӯрад, ё онро наметавонад ба ҷунбиш водорад ва ё ҷунбиши он суст хоҳад буд. Аз ин рӯ, ҳар пай пеш аз расидан ба андоме, ки ҷунбониданаш хоста шуда шоха-шоха шуда ва дар гӯшт ва зардпай, ки ба ҳамаи онҳо моҳича гуфта мешавад, метанад.

Андозаи ҳар моҳича баробар бо андозаи андоме аст, ки ҷунбиши он хоста шуда ва ҷойгирии он дар ростое аст, ки он андом ба сӯяш меравад. Сипас аз ду сӯи моҳича ва дар ҳар ду сӯи андом ҳаракатпазир андомҳое ба номи зардпай рӯиш меёбад. Зардпай аз пай то торҳои рӯишёфта дар сари устухон, ки тиҳӣ аз гӯште, ки бофти миёни моҳича аст, сохта мешавад ва ба бахши поёнии андоме, ки ҳаракати он хоста шуда мерасад, бад-ин гуна пайвандашон анҷом мепазирад, бо камтарин кашиш моҳича дар ҷиҳати пояи он зардпай нерӯмандона кашида шуда ва чун ба поини моҳича часпидааст, ҳамаи он андомро ба ҷунбидан вомедорад.

Худованди бузург мағзро пойгоҳи ҳис ва ҳаракати иродӣ гузоштааст ва з-он риштаҳо (пайҳо)-еро рӯёнда, ки ба андомҳо меравад, то ба ҳар кадоми онҳо гунаҳое чанд аз ҳис ва ҳаракат бидиҳад. Мо ҷойгоҳи рӯиши пайҳоро ҳангоми ёдоварии колбадшиносии онҳо ёд хоҳем кард.

Бахшҳои поинии тан чун аз мағз дуранд, дар зимн ниёз ба ҳис ва ҳаракат доранд ва масири асаб аз онҳо ба мағз меравад. Албатта роҳи дур ва бо омодагии андак ва номутмаин, аз ин рӯ Худованди бузург дар поини косаи сар (қаҳф) сурохе фароҳам оварда, ки бахше аз мағз ба номи нухоъ з-он берун меояд ва ба ҷиҳати арзишмандии нухоъ онро бо занҷираи сутун мухраҳое нигаҳдорӣ кардааст. Ҳамон гуна, ки косаи сар нигоҳбони мағзи сар мебошад нухоъ дар ҳоле, ки ба хубӣ поида мешавад инчунин дар саросари тан равон мегардад. Ҳар гоҳ ба наздикӣ ва дар ростои андоме расид аз миёни сурохи мухраҳо пае рӯёнда мешавад ва ба он андом ҳис ва ҳаракат медиҳад. Чунончи

осебе ва пешомади ногувор барои мағз рӯй диҳад, ҳама тан ҳис ва ҳаракати худро аз даст медиҳанд.

Аз ин рӯ, мағз поя ва сарчашмаи ҳис ва ҳаракати идорӣ буда ва нухоъ ҳамчун рӯдхонаи бузург ва пайҳои руидашуда аз нухоъ ҳамонанди рӯде баргирифта з-он рӯдхона мебошад. Агар бар сарчашма осебе бирасад, зиёни он саросарӣ аст ва ҳар гоҳ барои бархе рӯдҳо пешомаде рӯй диҳад, зиёни он танҳо ба ҷое аст, ки он пай берун омадааст. Аз ин рӯ, дониши пизишкӣ шинохти ҷойгоҳи рӯиш ва берун омадани пайҳо ва рафтани онҳо ба андомҳоро барои дармон ва беҳбудӣ судманд донистааст.

Андешманди бузург Ҷолинус гуфтааст: марде аз рӯи чорпое меафтад бархе аз муҳраҳои танаш ба санг хӯрданд ва пас аз муддате ҳаракат бархе аз ангуштонаш сахт мешавад. Пизишкон рӯи он ангуштон дору ва марҳам мегузоштанд, вале ҳеч нишоне аз беҳбудӣ намоён намешуд, вале Ҷолинус доруҳои ба кор бурдаи эшонро ба рӯи муҳраҳои осебдида, ки сарчашмаи пайи ангуштон з-он буд, мегузорад ва базудӣ беҳбудӣ ошкор мешавад.

Пайҳо дар оғози берун омадан аз мағз ва нухоъ нарманд ҳамчун мағз ва нухоъ сипас ҳар чи дуртар мешаванд сахтар шуда, то ин ки як тор ва шохаи комили пай мегардад.

Судмандии пайҳо дар ин аст, ки дастгоҳ ва роҳе барои расонидани ҳис ва ҳаракат ба андомҳо мебошанд. Аз ин рӯ, ҳар гоҳ пае аз паҳно баста ё бурида шавад, ҳис ва ҳаракате, ки ин пай барои ҳар андом мебарад, аз даст хоҳад рафт. Агар нухоъ аз паҳно бурида ё шикаста шавад, ҳис ва ҳаракати андомҳое, ки растангоҳи пайи онҳо поинтар аз ин буридагӣ бошад, аз кор меафтад. Агар буридагӣ дар дарозои нухоъ ё ҳар пайе рух диҳад, ба коркарди онҳо осебе намерасонад, вале рухдоде, ки дар паҳно рӯй диҳад ба андозаи буридагӣ дар сӯе, ки падид омада коркарди он андомро аз байн мебарад.

Мағз бо он ки сарчашмаи ҳис ва ҳаракати иродӣ мебошад, бар пояи дидгоҳи Ҷолинус афзун бар он, ҷойгоҳи хаёлпардорзӣ ва андешидан ва ёдгирӣ (ҳофиза) мебошад. Бахши хаёлпардозӣ дар бахши пешин ва бахши андешидан

дар бахши миёнӣ ва бахши ёдгирӣ (ҳофиза) дар бахши пасини мағз аст.

Офаридгори бузург дилро чашма ва конуни ҳарорати ғаризӣ ниҳод, ки бахшҳои дигари тан аз ин баҳра мебаранд ва он бо рӯиши сурхрагҳо аз дил ва рафтани онҳо ба андомҳо мебошад. Ҳар андоме, ки сурхрагҳояшро аз даст диҳад, сахт ва карахт мегардад, ҳис ва ҳаракати он сахт гашта ва чунончи ин дуро аз даст диҳад, сард мешавад ва ба монанди бофтаи мурда мегардад. Чун моҳичаҳо ва пайҳо ва мағз барои ба анҷом расонидани дурустии корҳои худ ҳар кадом ба андозаи вижаи худ ба ҳарорат ниёз доранд, аз ин рӯ сурхрагҳо ба эшон мечаспанд. Ин нахустин суде аст, ки тан аз дил мебарад ва нишондиҳандаи бартарии ҷондорон бар гиёҳон мебошад. Суде, ки тан аз мағз мебарад, суди дуюм аст, ки ба василаи он ба камол мерасад ва ормони поёнӣ роҳ рафтан ба сӯи он аст. Суде, ки тан аз ҷигар мебарад дар миёни ҷонварон ва гиёҳон яксон аст ва он ба даст овардани хӯрок ва дар пайи он болandaгӣ мебошад. З-он ҷое, ки дил барои пойдор мондан бар табиати худ аз як сӯ ниёз ба бӯйидани ҳавои сардтар аз худаш дорад ва аз сӯи дигар, ҳавои гармшуда дар даруни худро берун биронад, аз ин рӯ барои анҷоми ин кор дастгоҳи танаффус, ки сина ва шушҳост офарида шудаанд. Миёни он ду ва дил пайванд ва роҳое гузошта шуда, ки дар миёнашон ҳавои тозаии лозими эшон дар рафту омад аст. Ҳамон гуна, ки мо дар бахши колбадшикофии ин андомҳо бозгӯ хоҳем кард.

Ҷигар ҷойгоҳи нахустини хун ва корхонаи хунсозӣ мебошад ва рагҳое ба он пайванд хурда то хуни бадастомадаро ба ҳамаи андомҳо ба андозаи ниёзашон бирасонад. Хун барои ҳар андом хӯрок ва сӯхт аст то битавонад пойдор бимонад ва биболад. Ҳар чизе, ки дар як ҳолат бимонад ё з-он чизе баргирифта шавад ва ё з-он коҳиш наёбад, ҳамчун сангҳо, ёқут, зар ва шиша мебошад. Дар ҳолати дуюм чизе ҷойгузини бахши косташуда мегардад ҳамчун оби дарё рӯзона з-он коҳиш меёбад ва ҷойгузини аздастрафтаи он оби рӯдхонаҳост, ки бад-он афзуда мешавад

ва шакли пойдор ва наздикро пайваста ба намоиш мегузорад. Тани ҷондорон низ бар ду поя устувор шуда бахше таҷзияпазир аст ва бахше, ки рушд мекунад ва барои он ки яксон намонад, ба хӯрок ниёз дорад. Ва агар хӯрокеро ба кор мебарад, аз гунаи маводи коҳишёфта набошад ниёз ба андоме мебошад, ки хӯроки хӯрдашударо ба монанди моддаи таҷзияшуда дароварда ва з-он ҷое, ки ҳама маводи хӯрок ба кор рафта низ таҷзияи комил намешаванд, балки бахше з-он таҷзия шуда ва ба монанди аздастрафтаҳо дармеояд ва бахши дигар ба гунаи пасмонда ва таҷзиянопазир ва ҷойгузинношуданӣ ба ҷой мемонад. Чунончи ин пасмондаҳо дар тан мондагор шаванд, бемориҳои гуногунеро ба ҷой мегузоранд. Табиат барои берун рондани онҳо аз тан дастгоҳ ва роҳҳое фароҳам кардааст, з-он ҷо ки гувориши хӯрок се ҷойгоҳ дорад, аз ин рӯ пасмондаҳо се гунаанд: яке пасмондаҳои маводи гуворида дар шикамба ва рӯдаҳост, ки пайхол (мадфуъ) ном дорад, дигаре пасмондаҳои падидомада дар ҷигар, ҳангоми сохтани хун аст, ки дарбаргирандаи зардоб, талхоб ва пешоб мебошад. Инҳо аз хун сарчашма мегиранд, ба сӯи кисаи зардоб ва испурз (сипурз) ва ду гурда рафта, ки мо онро густурдатар дар бахши колбадшиносии ин андомҳо ёдоварӣ кардаем. Пасмондаи равоне, ки падидомада дар андомҳо ба монанди хуне аст, ки дар онҳо ҷараён дорад ва ҳамчун оби бинӣ ва ашк ва ҷузъи он мебошад.

Тан дорои чаҳор гуна дастгоҳ мебошад, ки сетои он фармондеҳ ва барои зистан ниёз ба онҳост:

Дастгоҳи гувориш, ки дарбаргирандаи шикамба, ҷигар, канолҳо рагҳо ва роҳҳои он ҳамчун даҳон, марӣ, рӯдаҳо ва пизӣ (мақъад) аст.

Дастгоҳи ҳарорати ғаризӣ, ки созанда ва нигоҳдорандаи ин дамост. Нахуст дил ва сурхрагҳо, сипас сина, шуш ва дигар андомҳои кумаккунандаи танаффусӣ аст, ки мо онҳоро дар ҷояш худ ёд мекунем.

Дастгоҳи ҳис, ҳаракат ва андешидан, дарбаргирандаи мағз, нухоъ, пайҳо, моҳичаҳо, ватарҳо, зардпайҳо ва дигар

андомҳое, ки ниёз ба ёрии онҳо дар анҷоми корҳои ҳиссӣ, ҳаракатӣ ва андешаӣ аст.

Ҳар кадом аз ин се дастгоҳро як андом фармондеҳӣ мекунад ва дигар андомҳо хидматгузор ва ҳамроҳикунанда дар анҷом расонидани дурусти кори он дастгоҳ ҳастанд. Фамондеҳи дастгоҳи гувориш ҷигар ва дастгоҳи нигоҳбони ҳарорати ғаризӣ дил ва дастгоҳи ҳиссӣ, ҳаракатӣ ва корҳои андешаӣ ва равонӣ мағз аст. Ва ҳар кадоми инҳо ба ҳам гиреҳ хӯрда ва ниёзманди якдигаранд. Ҳар оина ҷигар ва овандҳои фиристандаи сӯхт ба дигар андомҳо набошад, ҳамагӣ хушк ва нобуд мешаванд. Ҳар гоҳ ҳарорати дил ба ҷигар намерасид, барояш нерӯе намемонд, ки кори худро ба анҷом расонад ва ҳар оина, гарм кардани мағз ба василаи сурхрагҳо ва дил, ки тағзияи он бо ҷигар ва рагҳои раванда ба сӯяш набувад, мағз тавоне бар анҷоми кори ҳамешагии худро намеёфт ва кори худро ба дурустӣ анҷом намедод. Ва ҳар оина, таҳрики моҳичаҳои сина ба василаи мағз барои нафас кашидан набуд, дил низ наметавонист ҳарорати ғаризиро ба саросари тан бифиристад.

Дастгоҳи таносулӣ ё тавлиди мисл дарбаргирандаи заҳдон, нарина, хояҳо, овандҳои оби нарина ва роҳҳои рафтани онҳо аст. Ин дастгоҳ ниёзи зистии ҳар фард-фард намебошад, вале бояд барои мондагории насли одамӣ бошад. Чун Офаридгори бузург тани одамиро аз андомҳои таҷзияпазир ва номондагор дуруст кардааст, ки сабаб мешавад як шахс мондагор намонад. Аз ин рӯ, дастгоҳе барои сохти одамиро фароҳам мекунад, ки корбарии он ангезаи мондагории одамиён мешавад.

Инҳо суханони кӯтоҳ ва куллиёте дар бораи андомҳо ва коркард ва судмандиҳояшон буд. Мо акнун онро ба гунаи густурдатар ва гузоратар ёд хоҳем кард, чун ормони мо дар кӯтоҳгӯӣ ва кӯтоҳнависии ин китоб нест, гарчӣ ин китоб барои ковиш ва ҷустуҷӯ густурда нигошта нашуда, балки бар кӯтоҳии саросарии он низ назар дорем.

## Устухоншиносӣ

Косаи сар гирд аст вале на фарогир, дар он сӯрохиҳои рез ва дурушити фаровоне аст, ки аз онҳо аъсоби бисёр берун меояд ва сиёҳрагҳо ва сурхрагҳо ба даруни он ворид мешаванд. Аз се барҷастагии косаи сар яке дар пешонӣ ва яке дар паси сар ва дуто дар ҷои гӯшҳо аст. Бузургтарин сӯрохи он дар поин ҷои часпандагии сутунмуҳраҳо, ки нухоъ з-онберун меояд ва он аз тикаҳои бисёр ташкил шуда, ки ба ҳамдигар мечаспанд ва ҷойгоҳи расидани ду ё чанд тикаи устухонӣ ба якдигарро дарз меноманд. Орвораи забарин ба косаи сар мечаспад, ки дарбаргирандаи гунаҳо ва гӯшҳо ва дандонҳои боло аст ва ҳамчунин аз тикаҳое чанд, ки ба ҳамдигар тавассути дарзҳо мечаспанд. Сипас орвораҳои зерин, ки дандонҳои поин дар он қарор гирифта, ки бо часпандагии якпорча ва устувор бо сар надоранд, балки ба ҷиҳати ниёз факи поин ба ҳаракати пайванд бандгуна дорад ва ҷойгоҳи банди разфин (банди гичгоҳи факӣ) гуфта мешавад. Факи поин ба ҷуз дандонҳо аз ду устухон, ки миёни онҳо барҷастагӣ дар чона ва дигаре зери косаи сар дар назики банд мебошад. Миёни он ва факи боло устухоне устувор аст, ки пур аз фурӯрафтагиҳое, ки аз танавуъи шакли ин устухонҳо шакл гирифта ва «ватад» номбурда мешавад. Шумораи устухонҳои сар ба ҷуз дандонҳо бисту се устухон мебошад: шаштои он дар косаи сар ва чаҳордаҳто факи боло ва дуто факи поин ва яке шабпара аст. Дандонҳо дар ҳар овора шонздаҳтоанд, ки ду пешин ва ду канорӣ ва ду неш ва панҷ осиёб дар рост ва панҷто дар чап. Гоҳе яке аз осёбҳо коҳиш ёфта ва чаҳорто мешаванд. Решаҳои дандонҳои осёби орвораи боло се ва гоҳе чаҳорто ва дар орвораи поин ду реша мебошанд, дигар дандонҳо як реша доранд. Ҳамаи устухонҳои сар панҷоҳу панҷто аст.

Нахустин муҳраи гарданӣ ба бузургтарин сурохи косаи сар мечаспад, ки ҷойгоҳи берун омадани нухоъ аст. Ин муҳраҳои ҳафтгонаи гарданӣ ду сурох дар ҳар сӯ доранд. Аз ин ду сӯрох пайҳое берун меоянд, ки яке ба сӯи рост ва дигаре ба чапи тан меравад, ба дунболи ин муҳраҳо муҳраҳои пушт меоянд, ки ҳафдаҳтои дигар аст, ки

дувоздаҳтои он муҳраи пушт аст ва дар ҳадди поини сина то рӯбарӯи он буда ва панҷтои дигар он муҳраи камар аст. Ҳамаи муҳраҳо монанди муҳраи нахустин, ки руишгоҳи нухоъ аст то устухони хоҷӣ монанди якдигар ва аз як гунаанд ва шуморагони онҳо бисту чаҳор аст, ба нудрат гоҳе яке афзоиш ё коҳиш меёбад. Дар ҷойгоҳи охирини муҳра устухони хоҷӣ аст, ки се бахш дорад ва монанди дигар муҳраҳо мебошад ва ба бахши поинии он устухони дунболча пайванд мехӯрад. Дар ҳақиқат бахши сеюми он ҳамон устухони дунболча аст, ки ба монанди ғузруфӣ устухоне аст. Муҳраҳо ба якдигар ба василаи бандҳое ба ҳамдигар мепаванданд. Аз миёни часпандагии ду муҳра аз ҳар сӯ пайе берун меояд, ки дар ҳамон самти тан пахш мешавад вале аз канори устухони дунболча танҳо як пай берун омада, ки дар ҳамон ҷо пахш мегардад. Устухони хосира ба ду сӯи устухони хоҷӣ пайванд мехӯрад, ки дар он фурӯрафтагӣ қарор дорад ва ҷойгоҳи сари устухони рон аст. Ин рехтшиносии устухонҳо ва муҳраҳост аз растангоҳи нухоъ (нахустинмуҳра) то устухони дунболча.

Ва акнун боз мегардем ва колбадшиносии устухонҳои поини гарданро бозгӯ мекунем ва мегӯем, устухонҳои поини гардан, ки мо онҳоро ёдоварӣ накардем, дарбаргирандаи ду чанбар ва устухоншона ва дандонҳо ва устухонҳои сина ва даст ва устухони шармгоҳ ва по мебошанд.

Устухони чанбар дорои як бахши берунии гуж ва дарунӣ ков аст. Як сари он ҷои бархӯрди (мафсали) бозу ва китф бо сари бозу ва тарафи дигари он дар болои сина дар гудии гулӯ мечаспад. Ҷойгоҳи устухони шона пушт аст, ки устухони паҳн буда ва як сари ғузруфӣ ба он мечаспад, ҳангоме ки ба наздикии чанбар мерасад, гирд мешавад ва фурӯрафтагие дар онҷо дорад, ки сари устухони бозу дар он қарор мегирад.

### Устухонҳои сина

Ҷиноғ аз ҳафт устухон ташкил шуда, ки як сӯяш ғузруфӣ аст ва ибтидои он гӯдии ҳалқ ва интиҳои он каме поинтар аз пистон мебошад, ки дарбаргирандаи сари сина то миёнаи

тан аст. Ин қафаса ҷойгоҳи танг ва баста буда, вале танҳо ҷое аз шикам аст, ки ҳис дорад, ки дар поини он бахши нарм ва шули (сусти) беустухон ва данда мебошад. Аз ҳар сӯ дувоздаҳ данда гӯзи синаро фаро гирифта, ки баландтаринашон миёнатарини онҳо аст. Ҳафтои онҳо аз як сӯ ба муҳраҳои пушт ва аз ҷилав ба сари ғузруфи яке аз устухонҳои ҷиноғ мечаспанд ва панҷтои дигар пайванде бо ҷиноғ надоранд ва озоданд ва чунончи фишоре ба онҳо ворид гардад ба дарун фурӯ мераванд ва дандаҳои пушт номида мешаванд. Аз бахши поини ҷиноғ то устухони шармгоҳ бахши нарм ва шули шикам мебошад.

**Устухонҳои даст**

Акнун устухонҳои даст ва пойро ёд мекунем. Нахустин устухони даст бозу аст. Устухони так (ягона), ки аз берун гӯж ва аз дарун ков аст, саре дорад, ки дар фурӯрафтагии шона дар ҷое, ки барояш омода шуда қарор мегирад. Ин як сараш аст, сари дигараш дар оринҷ қарор мегирад ва дар ҳамон ҷо (оринҷ) буридагӣ ва фурурафтагии қарқарамонанде аст, ки сари устухони занди зерин дар он фурӯ рафта ва фурӯрафтагии дигаре, ки зоида ҷонибии занди забарин дар он ҷо мегирад. Андозаи ду занд аз оринҷ то мучи даст аст. Яке кӯчактар аст ва «занди забарин» номида мешавад ва дигаре бузургтар аст ва «занди зерин» ном дорад. Дар ҷои расидан он ду ба муч дорои зоидаҳоеанд, ки ба василаи онҳо ба ҳам мепайванданд, миёни онҳо ва мучи даст банде аст. Мучи даст аз ҳашт устухон, ки рӯи ҳам дар ду радиф қарор гирифтаанд, ташкил шуда аст инҳо устухонҳои сахт ва бемағзанд, ки аз гирд омаданашон ба даври ҳам шакли созгор бо ҳолати табиии муч ба даст омада аст. Ва пас аз муч кафи даст меояд, ки аз чаҳор устухон ташкил шуда, ки бо зардпайҳое ба устухонҳои муч мечаспанд, банди ангуштон ба устухонҳои кафи даст мечаспанд. Дар ҳар ангушт се банд вуҷуд дорад, ки ба василаи зардпайҳо ва бандиҳое ба ҳамдигар пайвандии устувор пайдо кардаанд. Даст сӣ устухон дорад, ки шомили як бозу, ду занд, ҳашт муч, чаҳор каф ва понздаҳ банди панҷ

ангушт аст. Нахустин банди ангушт ибҳом тавасути мафсали бисёр нарм ба занди забарин итисол меёбад, то битавонад ба ҳаракатҳои густурда ва пурдоманаи худ ҳамчун рӯдарӯӣ бо чаҳор ангушти дигари даст ёбад.

**Устухонҳои по**

Нахустини он рон аст, ки устухони таке бо беруни гӯж ва даруни ков ва сари нимагирд дорад, ки гӯди имкардаи устухони беном дар тиҳигоҳ қарор мегирад, ин гӯди нахустини банди по мебошад. Дар бахши поини он ба гӯде, ки дар устухони занди бузург, ки яке аз ду устухони занди соқи по аст ворид мешавад. Андозаи зандҳо аз зону то устухони пошнаи по мебошад. Занди бузургтарро, ки балантар аст дуруштнай ё занди поин мегӯянд ва кӯчактарро занди боло нозукнай меноманд. Як сӯи ду устухони занди соқи по дар пошнаи по ба ҳам мерасанд ва банди сеюми поро месозанд.

Устухони кашкак, ки аз чанд лоя ташкил ёфта рӯяи гирд ва ғузруфӣ ва часпида ба он дорад, ки ба он чашми зону ё санги осёб мегӯянд. Устухони пошнаи по аз ҷилав ба устухони қоп ва аз поин ба устухони тосе мепайвандад. Мучи по аз се устухон ташкил шуда ва шакле созгор бо ниёзи коркардӣ ва ҷойгоҳи худ месозад. Сипас ба инҳо устухонҳои панҷгонаи кафи по муттасил мешаванд ва пас з-онбанди ангуштон, ки ҳар як се банд ба ҷуз ангушти ибҳом дорои ду банд аст. Шумораи ҳамаи устухонҳои по бисту нуҳ устухон аст: як устухони рон, ду устухони соқ, пошна ва қоп ва тосӣ ҳар кадом яке, мучи по сето, кафи по панҷто, банди ангуштон чаҳордаҳто ва яке кашкаки зону аст.

Бар пояи дидгоҳи Ҷолинус агар ҳамаи устухонҳои танро шумориш кунанд дувисту чиҳилу ҳашт устухон мешавад, ба ҷуз устухоне, ки ба монанди лом дар нигориши юнонӣ аст ва дар ҳанҷара қарор гирифта аст ва устухоне дар дил, ки бархе аз колбадшиносон онро ғузруф мешуморанд ва ба ҷуз устухонҳои рез, ки дарзҳоро мепушонанд ва ба монанди кунҷид ҳастанд, аз ин рӯ ба онҳо «кунҷидӣ» гуянд.

## Моҳичашиносӣ

Ба пояи дидгоҳи Ҷолинус чунончи ҳамаи моҳичаҳои тан шумориш ва ҷудосозӣ шаванд, шумораи он ба понсаду бисту нуҳ моҳича мерасад ва мо ба андозае, ки барои ин китобамон басанда ва барои ҳадафамон шоиста аст онҳоро ёдоварӣ мекунем. Пас мегӯем: моҳичаҳо аз гӯшт ва пай ва зардпай ташкил шудаанд ва василае барои ҳаракатҳои иродӣ ҳастанд ва шакли онҳо бар пояи ҷойгоҳ ва ниёзе, ки ба онҳост, гуногун мебошад.

Моҳича як бофт гӯште аст, ки як самт рӯ ба поин ва з-он андоме ба номи «ватар» рӯиш меёбад ва масиреро гузар мекунад то ба поини андоме, ки мехоҳад онро ба ҷунбиш водорад мерасад, то онро биҷунбонад. Шеваи ҷунбонидани ҳар андом чунин аст, ки моҳича ба сӯи растангоҳаш (решааш) ба ҳам фишурда ва кашида мешавад. Аз ин рӯ, ҳамаи он андом дар ростои моҳичае, ки рӯи он қарор гирифта кашида мешавад. Моҳичае, ки бихоҳад андоми бузургро ба ҷунбиш водорад бузургтар ва кулуфтар аст. Гоҳе як ё якчанд ватар з-онрӯиш меёбад то ба андоме, ки хоҳони ҳаракат аст, бичаспад. Гоҳе чандин моҳича барои ҷунбонидани як андом бо ҳам ҳамкорӣ мекунанд. Ҳамчунин моҳичае, ки андоми кӯчакро ба ҷунбиш вомедорад, кӯчак ва нозук аст ва он ки андоми бузургро такон медиҳад бузург ва ситабр аст, ба монанди моҳичаи рон, ки ҳама поро метавонад ба ҳаракат водорад. Ба дурустӣ метавон гуфт, ки ин моҳича дорои андозаи бузург аст.

Моҳичаҳои такондиҳандаи пилки боло кӯчак ва бисёр нозук ва бе зардпайанд. Ҳар андоме барои ҳаракати иродии худ ниёзманди моҳичае аст, ки онро дар ростои масири ҳаракаташ биҷунбонад ва чунон чи бихоҳад дар ҷиҳатҳои гуногун ҳаракат дошта бошад, ниёзманди моҳичаҳое бо вазъияти макони гуногун хоҳад буд, ки ҳар кадом аз онҳо ба ҳангоми ҳаракат ба ҳар сӯ бо кашида шудани он моҳича ба ҳамон самт хоҳад буд. Бояд моҳичае бо коркарди мухолифи он дар ҳолати оромиш бимонад то кори моҳичаи нахуст ба хубӣ анҷом пазирад. Чунончи ду моҳича бо коркарди

мухолиф дар як замон бо ҳам кор кунанд он андом дар як ҳолат барпо истода ва устувору кашида хоҳад шуд. Намунаи он кафи дастро метавон ном бурд, ки моҳичаҳои қарор гирифта дар бахши даруни соид, чунончи кашида шавад кафи даст то баста мешавад ва агар моҳичаҳои қарор гирифта дар пушти даст кашида шаванд, кафи даст ба пушт хам мешавад. Агар моҳичаҳои ҳар ду ҷиҳат кашида, кафи даст дар миёни он ду ҳолат устувор мемонад.

Ҳаракатҳои иродии тан шомили ҳаракати пӯсти пешонӣ, ҳаракати чашм ва ду гуна ва канораи параи бинӣ ва ду лаб ва забон ва гулӯ ва орвора ва ҳаракати сар ва гардан ва шона ва такон додани банди бозу, соид ва банди соид, мучи даст ва бандҳои ангуштон ва ҳаракати андомҳои даруни гулӯ ва ҳаракати сина барои нафас кашидан ва такони нарина ва пешобдон барои боз ва бастани роҳи пешоб ва ҳаракати рости рӯда барои ҷилавгирӣ аз берун рафтани пайхол ва ҳаракати пӯст ва пардаҳои шикам ва такон додани банди рон, соқ ва банди соқ, мучи по ва ҳамаи ангуштони по мебошад.

Барои ҳар кадом аз ҳаракатҳои номбурда моҳичаҳои созгор бо шакл ва бузургӣ ва вазъияти он ҳаракат дар назар гирифта шудааст. Агар мо ба гунаи густурда баҳс кунем, навиштори мо носудманд хоҳад шуд ва ба дарозо кашида мешавад. Аз сӯи дигар, бо гуфтор наметавон вазъияти моҳичаҳоро ҳамчун устухонҳо ва пайҳо ва (сиёҳ) рагҳо ва сурхрагҳо дар зеҳни тасвир кашид, балки ниёз ба бисёр дидан ва бисёр андешидан дорад. Аз ин рӯ, мо ба кӯтоҳӣ ва танҳо ба шумориш кардани моҳичаҳо басанда мекунем ва мегӯем: чиҳилу панҷ моҳича дар рухсора дида мешавад, бисту чаҳортои он барои ҳаракатҳои чашм ва пилкҳо, дувоздаҳто барои ҷобаҷои фак ва нуҳто барои дигар ҳаракатҳои иродии андомҳои симо мебошад, ки намунаи он моҳичаи пушонандаи пӯсти пешонӣ аст, ки барои бештар боз кардани чашм ба кор меравад ва дуто барои ҳаракати параҳои бинӣ ва дуто барои боло кашидани лаби боло ва дуто барои поин кашидани лаби поин ва дуто барои ҳаракати гунаҳо мебошад.

Бисту се моҳича сару гарданро ба ҷунбиш вомедоранд ва бархе аз онҳо танҳо сарро ба сӯе, ки он моҳича он ҷо қарор гирифта, такон медиҳанд ва бархе сару гарданро бо ҳам. Гурӯҳе он дуро ба сӯи ҷилав ва бархе ба пушт ва порае ба рост ё чап мекашанд. Нуҳ моҳича вижаи забон аст, сию дуто барои ҳаракатҳои ҳалқ ва ҳанҷара аст ва ҳафто барои ҳаракатҳои ҳар шона дар ҷиҳатҳои гуногун мебошад. Сездаҳ моҳича ҳамаи ҳаракатҳои бозуро дар ҳар самт ба дӯш доранд. Чаҳор моҳича рӯи бозу гузошта шудаанд дар ҳар самт қарор мегирад, ки дутои он дар бахши дарунӣ аст, ки бозуро хам мекунад ва дуто дар сатҳи беруни бозу ва онро боз мекунад. Ҳафтдаҳ моҳича дар ҳар соид аст, ки даҳтои он рӯи сатҳи пушти соид қарор гирифта ва ҳафто дар сатҳи даруни он ки ҳаракатҳои кафи даст ба дарун ва берун ва ба сӯи ангушти ибҳом ва ангушти кӯчак ва барои хам кардан ва боз кардани чаҳор ангушти дигар анҷом медиҳад. Ҳаждаҳто дар кафи ҳар даст барои ҳаракати ангуштон ба сӯи ангушти ибҳом ва ангушти кӯчак ва хам (гӯд) кардани кафи даст ба кор меравад. Як саду ҳафт моҳича барои ҳамаи ҳаракатҳои сина аз танг кардан то кушод намудани он ба кор меравад, чиҳилу ҳаштто барои ҳамаи ҳаракатҳои тираи пушт аст. Ҳашт моҳича рӯи шикам густурда шудааст, ки бархе ба дарозо ва порае муварраб аз устухони ҷиноғ то устухонҳои шармгоҳанд ва ҳаракатҳои шикамро аз фишурдан ва ба ҳам оварданро он анҷом медиҳад ва ба ҳаракатҳои дигар низ кӯмак мекунанд. Чаҳор моҳича барои хояи мардон ва дуто барои занон ва чаҳорто барои такон додан ва сих кардани нарина ва моҳичае барои сифт гирифтани даҳонаи пешобдон, ки пешоб контрол шуда берун равад ва чаҳорто барои баста нигоҳ доштани сӯрохи нишастангоҳ, то аз берун рафтани беконтроли пайхол ҷилавгирӣ намояд. Бисту шаш моҳича барои ҳаракатҳои ду рон ва бисто барои ҳаракати ду соқ ва қарор гирифтани онҳо дар ростои ронҳо ва бисту ҳашт моҳича барои ба ҳаракат даровардани по (муч ба поин) ва бархе ҳаракатҳои ангуштони по ва қарор додани онҳо рӯи кафи по мебошад.

## Пайшиносӣ

Пайҳо аз мағз ва ё аз нухоъ мерӯянд. Нухоъ аз бахши пасини мағз берун меояд ва дар ниёми мағз нигоҳдорӣ мешавад ва мо онро ҳангоми колбадшикофии мағз ёд мекунем. Он чи з-он (мағз ва ниёмаш) ҷудо мешавад аз даруни муҳраҳо гузар мекунад то ба устухони дунболча мерасад, нухоъ ном дорад. Дар ҷойгоҳи пайванди ҳар ду муҳра бо ҳам як завҷи пай аз нухоъ ҷудо мешавад, ки яке ба сӯи рост ва дигаре ба чап рафта то он ки ба дунболча бирасад то дар онҷо поён ёбад. Ва аз поини он танҳо як пайи (таки) бе, ки ҷуфте аз рӯбарӯи он берун меояд, дида хоҳад шуд. Аз мағз ҳафт пай ҷудо мешавад, ки яке ба самти рост ва дигаре ба чап меравад.

### Аз мағз ҳафт ҷуфт пай мерӯяд

**Ҷуфти якум:** нахустин ҷуфт аз бахши пешини мағз ҷудо шуда ба чашмҳо рафта ва ҳисси биноиро ба онҳо медиҳад, ин ду пай холианд. Ин ду пай пас аз берун омадан аз мағз ва андаке дур шудан ба ҳам пайванданд, ҳар кадом сӯрохиҳояшонро пур мекунанд. Дар ҳоле, ки ҳар ду даруни косаи сар қарор доранд аз якдигар ҷудо мешаванд, пас з-он ҳар ду берун омада, ба чашми самти худ мераванд.

**Ҷуфти дуюм:** ин ҷуфт аз пушти ҷуфти нахуст падид меояд ва косаи сарро аз роҳи сӯрохии кафи косаи чашм тарк мекунад ва дар моҳичаҳои чашм пахш мешавад ва ҳаракатро ба онҳо медиҳад.

**Ҷуфти сеюм:** ин ҷуфт аз пушти ҷуфти дуюм дар ҷое, ки лаби пешини мағз ба лаби дуюм мерасад, мерӯяд. Мо дар оянда бо хости Худо шакли ин лабҳоро гузора хоҳем кард. Ҷуфти сеюм бо ҷуфти чаҳорум дармеомезад ва сипас з-он ҷудо мешавад ва чаҳор бахш мегардад. Яке аз онҳо ба сӯи шикам ва зери пардаи диафрагми поин меояд ва риштаҳои дигараш дар бахшҳое аз сурат ва бинӣ ва даҳон пароканда мешавад ва бахши дигар з-он ба ҷуфти пасини худ мечаспад.

**Ҷуфти чаҳорум:** растангоҳи ҷуфти чаҳорум аз пушти ҷуфти сеюм мебошад ва дар гулӯ (зери овораи поин) пахш шуда ва ба он ҳисси вижаашро медиҳад.

**Ҷуфти панҷум:** риштаҳое аз ин ҷуфт дорои ҳисси шунавоӣ буда ва шохаҳои дигар з-он ба моҳичаҳои ҷунбонандаи гуна ҳаракат медиҳад.

**Ҷуфти шашум:** риштаҳое аз ҷуфти шашум дар гулӯ ва забон ва бахши дигар з-он дар моҳичаҳои шона ва пиромун пахш мешавад ва риштаҳои дигар з-он ба самти гардан поин меравад ва ҳангоми гузар шохаҳое з-он ҷудо шуда, ба моҳичаҳои ҳанҷара мепайвандад. Чунончи ба сина бирасад боз ҳам тақсим мешавад. Бархе аз онҳо дубора ба боло бозгашта ба моҳичаҳои ҳанҷара мечаспад. Шохаҳое з-он дар ниёми дил ва шуш ва марӣ ва пиромуни онҳо пароканда мешавад. Боқимондааш, ки бахши бештари он аст, пас аз паймудани роҳе ба диафрагм мерасад ва з-он рад мешавад, бахши бисёре з-он ба даҳони шикамба ва мондаи он ба ниёми ҷигар ва сипурз ва дигар андомҳои дарунӣ мепайвандад. Дар ин ҷо низ риштаҳое аз ҷуфти сеюм ба он меомезад.

**Ҷуфти ҳафтум:** ин ҷуфт аз бахши поинии мағз дар ҷойгоҳи рӯиши нухоъ падид меояд ва дар моҳичаҳои забон ва гулӯ пахш мешавад.

**Нухоъ:**

Сиву як ҷуфт пай ва як такӣ аз нухоъ мерӯяд: ҳашт ҷуфти он аз миёни муҳраҳои гардан ва дувоздаҳ ҷуфт аз муҳраҳои пушт, ки дар баробари сина қарор гирифтаанд ва панҷ ҷуфт аз муҳраҳои камар, ки поинтар аз пушт аст ва сето аз устухони хоҷӣ ва сето аз миёнаи устухони дунболча ва яки танҳо аз канораи устухони дунболча берун меояд.

Нахустин ҷуфт аз сӯрохи нахустин муҳраи гардан берун омада ва боло рафта, дар моҳичаҳои сар пахш мешавад.

Ҷуфти дуюм аз миёни сӯрох падид омада аз часпидагии муҳраи якум ва дуюм берун меояд ва ба пӯсти сар мечаспад ва ба он ҳисси ломиса (басовоӣ) медиҳад ва ба моҳичаҳои чашм ва гуна ҳаракат медиҳад.

Ҷуфти сеюм аз сӯрохи фароҳамшудаи миёни муҳраи дуюм ва сеюм берун меояд ва ду бахш мешавад, бархе з-он

ба моҳичаҳои такондиҳандаи гуна ва бахше з-он дар моҳичаҳои миёни ду шона пароканда мешаванд.

Ҷуфти чаҳорум аз миёни муҳраҳои сеюм ва чаҳорум падид шуда ва сипас ду шоха гардида, яке аз онҳо дар моҳичаҳои пушт фурӯ меравад ва дигаре ба ҷилав рафта ва дар моҳичаҳои мувозӣ бо пушт ва болои он пароканда мешавад.

Ҷуфти панҷум аз миёни муҳраҳои чаҳорум ва панҷум берун меояд ва чандин ришта мешавад, бархе ба пардаи диофрагм ва баъзе ба моҳичаҳои такондиҳандаи сару гардан ва шохаҳое ба моҳичаҳои шона медиҳад.

Ҷуфти шашум аз миёни муҳраҳои панҷум ва шашум ва ҷуфти ҳафтум аз миёни муҳраҳои шашум ва ҳафтум ва ҷуфти ҳаштум аз миёни ҳафтум ва ҳаштуми охирини муҳраи гардан падидор меёбанд. Пайҳои беруномада низ тақсим мегарданд бархе ба моҳичаҳои сару гардан ва бархе ба моҳичаҳои тираи пушт ва пардаи диафрагм мераванд, ки ба ҷуз ҷуфти ҳаштум ба диафрагм риштаеро намефиристанд. Гурӯҳи дигаре ба моҳичаҳои бозу ва шона мераванд, риштаҳое аз ҷуфти шашум ба моҳичаҳои шона мечаспад ва ҳаракати бозуро бар дӯш мегирад ва низ риштаҳои ба болои бозу рафта ба он ҳис медиҳад. Аз ҷуфти ҳафтум шохаҳое ба моҳичаҳое меравад, ки ҳаракати бозуро ба дӯш мекашанд, риштаҳое дар ниёми моҳичаҳои пиромуни он фурӯ рафта ва ба он ҳис медиҳад. Риштаҳое аз ҷуфти ҳаштум ба пӯсти бозу рафта ва ҳис ба онҳо медиҳад. Риштаҳое дигар ба моҳичаҳои бозу рафта ва ҳаракати кафи дастро бар ухда мегирад.

Ҷуфти нӯҳум аз миёни муҳраҳои ҳаштум ва нуҳум, ки нахустин муҳраи пушт аст берун омада, риштаҳое з-он дар моҳичаҳои миёни дандонҳо ва гурӯҳи дигар дар моҳичаҳои тираи пушт меравад ва бархе з-он ба сӯи кафи даст рафта ва ҳис ва каме ҳаракатро ба он медиҳад.

Ҷуфти даҳум аз миёни муҳраҳои нӯҳум ва даҳум берун омада, риштаҳое з-он ба пӯсти бозу рафта ва ба он ҳис медиҳад, риштаҳое аз мондаи он ба ҷилав рафта, дар моҳичаҳои миёни данда ва моҳичаҳои пӯшонандаи сина пароканда мешавад, риштаҳои дигар дар моҳичаҳои пушт ва

шона пахш мешавад. Равиши парокандагии пайҳо то ҷуфти нуздаҳум чунин мебошад.

Ҷуфти бистум нахустин пайи беруномада аз нахустин устухони хоҷӣ аст ва дуюмӣ (ҷуфти бисту шашум) аз устухони дуюм, сеюмӣ (ҷуфти бисту ҳаштум) аз устухони сеюм мерӯянд, ҳамагии онҳо ба охирин пай баромада, аз пушт мепайвандад. Бахши бисёри аз онҳо поин омада, ба поҳо мераванд, вале се ҷуфт берун омада, аз устухони дунболча ва таки поёнии онҳо, ҳамагӣ дар моҳичаҳои нарина ва сӯрохи нишастгоҳ ва пешобдон ва моҳичаҳои қароргирифта дар ин пиромун пахш мешаванд.

## Рагҳо

### Сиёҳрагҳо

Ҳамаи (сиёҳ) рагҳо аз баромадагии ҷигар мерӯянд. Ҷигар, даруни гӯд (ков) ва буруни барҷаста (гуж) дорад. Аз барҷастагии он раги бузург дармеояд. Андаке пас аз берун омаданаш ду бахш мешавад. Яке аз онҳо, ки бузургтар аст ба поини тан меравад ва андомҳои қароргирифта дар он ҷо хун мерасонад.

Шохаи дуюмӣ ба боло меравад ва андомҳои болоиро хун медиҳад, шохаи болоӣ дар ҳангоми гузор ба диафрагм мечаспад ва дар онҷо ду шоха мешавад ва барои тағзияи диафрагм дар он пароканда шуда, сипас дар он рахна мекунад. Дар ҳангоми гузар кардан шохаҳои нозуки он ҷудо шуда, ба ниёми дунимкунандаи сина ва ниёми дил ва ғадуди туса рафта ва дар онҳо пахш мешавад ва мо онро дар колбадшиносӣ ҳар кадом ёдоварӣ кардаем. Сипас з-он шохаи бузург ҷудо шуда, ба даҳлези рост мепайвандад, ки ин шоха ба шохакҳои дигар тақсим шуда яке аз онҳо ба даруни батни рост (яке аз ду батни дил) меравад. Дуюмӣ аз сатҳи рӯини дил ба даври он мечархад ва ҳамаи ҷои онро машруб мекунад. Сеюмӣ ба зери сина мечархад ва андомҳое, ки дар онҷоро сероб месозад. Ҳангоме, ки аз дил гузашт, рост ва мустақим рафта то ба ростои ду устухони чанбар бирасад.

Дар масири рафтанаш шохаҳои кӯчаки ҳар кадом дар самти худ ҷудо мекунад, то он чи дар наздикӣ ва дар ростои ҳар кадом аз онҳо қарор дорадро машруб созад ва ҳамчунин шохаҳои кӯчактар з-он ба сӯи берун ҷудо шуда то моҳичаҳои беруниро, ки дар ростои он даруни аст, тағзия намояд. Ҳангоме, ки дар ростои зери бағал аст шохаи бузург бо номи «босилиқ» з-онҷудо мешавад, ки ба зери бағал меравад ва ҳангоме, ки дар ростои миёнаи чанбара расид, ки ҷойгоҳи сари сина мебошад, ду шоха шуда, яке ба рост ва дигаре ба чап меравад ва ҳар кадоми инҳо ба ду шохаи кӯчактар бахш шуда, ки яке аз ин ду бар шона савор ва аз тарафи берунӣ ба даст ворид мешавад ва раги «қифол» ном мегирад. Шохаи дуюм низ ду бахш аст, ки ҳамсамт мешаванд, яке з-он дар жарфнои гардан боло меравад, то он ки вориди косаи сар шавад ва ҳарчи аз андомҳи мағзӣ ва ниёмҳои онҳостро тағзия кунад.

Дар ҳангоми гузор аз гардан то ворид шудан ба мағз шохаҳои кӯчак барои машруб кардан, гардан ва андомҳои дарунии он ҷудо шуда, ки «вадоҷи зерин» (умқӣ) номида мешавад. Вале дуюмӣ ба гунаи сатҳи боло рафта, то он ки дар сару сурату чашму бинӣ пахш шуда ва ҳамаи онҳоро машруб созад ва он «вадоҷи сатҳӣ» аст. Аз шоха шонае ҳангоми гузар аз бозу шохаҳои кӯчак барои машруб кардани сатҳи бозу ҷудо мешавад ва низ барои бахшҳои дарунии бозу шохаҳои кӯчаке аз шохаи зери бағалӣ ҷудо мешавад, Ҳангоми наздик шудани шохаи шонаӣ ва зербағалӣ дар канори банди оринҷ шохаҳои бисёр з-он ҷудо мегардад, ки яке аз шохаҳои раги шонаӣ аз раги зербағалӣ дарҳам мешаванд ва поин меояд ва дар наздикии оринҷ номи «акҳал»-ро ба худ мегирад.

Дуюмин шохаи раг шонае аз бахши рӯи бозу гузар карда бар занди забарин савор мешавад ва номи ҳублуз-зироъ ба худ мегирад. Шонаи дигар аз раги зербағале, ки ҷояш поинтар аст аз даруни бозу гузар мекунад то ба сари занди зерин мерасад. Яке аз рагҳои ҷудо шуда з-он шохаест, ки ба миёни ангушти кӯчак (хинсар) ва дуюмин ангушт, ки миёни

ангушти кӯчак ва миёна (бинсир) аст меравад ва усайлам номида мешавад.

Шохае, ки ба сӯи андомҳои зерин меравад, бар муҳраҳои пушт савор шуда ва рӯ поён равон аст ва шохаҳое з-он ҷудо мегардад, ки яке аз онҳо ба чинҳои гурда ва ниёмҳои он ва андомҳои наздикашон меравад ва онҳоро машруб месозад. Аз ин шоха ду раги бузург ҷудо шуда ба даруни гурда равон аст ва сипас шохаи дигар з-он ҷудо шуда ба хояҳо меравад. Пас з-он дар канори ҳар ду раг он аз ду сӯ ҷудо мешавад ва андомҳои наздик ба худро ки бархи дарунианд, чун пешобдон ва заҳдон ва гуруҳе, ки сатҳитаранд чун пӯст ва ниёмҳои шикам ва тиҳигоҳро тағзия менамоянд. Ин роҳ идома мeёбад, то он ки ба муҳраи поёнӣ мерасад ду бахш шуда, яке ба пои рост ва дигаре ба пои чап меравад. Боз шохаҳое з-он ҷудо мешаванд ба моҳичаҳои рон мераванд шохаи сатҳи руйин ва шохаи умқи моҳичаҳое, ки дар жарфо қарор гирифтаандро машруб месозанд. Дар наздикии зону се шоха шуда, яке аз миёна гузар мекунад ва моҳичаҳои зерин ва дигар аз сатҳ меравад ва моҳичаҳои дарунӣ ва берунии соқро тағзия мекунанд. Сеюмин, ки «софин» ном дорад, аз канораи даруни соқ гузар карда ва дар сатҳи дохили пошна намоён мегардад. Охирӣ аз сӯи сатҳи соқ ба умқ меравад, то он ки ба ноҳияи беруни пошна бирасад, ки номи ирқун-нисо ба худ мегирад. Аз ин ду ҳангоми расидан ба гоми по шохаҳо ҷудо шуда ва дар пушти по пароканда мешаванд. Ин раг, ки дар ноҳияи ангушти кӯчак ва дуюмини ангушт, ки миёни ангушти кӯчак ва ангушти миёна пахш шуда, шохае аз «раги сиётик» аст ва он ки ба ноҳияи ангушти ибҳом омада, аз раги «софин» аст. Ҳамагии ин рагҳо аз ҷигар бархостаанд ва машрубкунандаи ҳамаи андомҳои тан мебошанд.

**Сурхрагҳо**

Сурхрагҳо аз батни чапи дил мерӯянд. Ду сурхраг ҳамҷинсанд, вале яке кӯчактар аз дигаре аст, бо ин ки нозуктар аз дигар сурхрагҳо мебошад. Ин сурхраг вориди шуш шуда ва дар он тақсим мешавад. Дигаре, ки бузургтар

аст ва «арунти» ном дорад ва ду шоха шуда, яке ки кӯчактар аст, ба батни рост рафта ва дигаре пиромуни дил мечархад, сипас ба даруни он рафта ва дар он пароканда мешавад.

Сурхрагҳои баромада аз батни чап пас аз тақсими нахустин дубора ду шоха шуда, яке ба поин ва дигаре ба болои тан меравад. Шохае, ки ба боло меравад дар ҳар су тақсим мешавад ва ба андомҳои дар ростои худашон мепайвандад, то гармои ғаризеро ба онҳо бидиҳад.

Ҳангоме, ки дар ростои зери бағал қарор мегирад, шохае з-он ҷудо шуда, бо (сиёҳ) раги зери бағал ба сӯи даст меравад ва монанди он тақсим мешавад.

Ҳангоме, ки дар жарфои бозу аст шохаҳои кӯчаке ба моҳичаҳои сатҳӣ ва умқи бозу медиҳад, то он ки дар наздики оринҷ кам-кам ба сатҳ меояд ва дар бештари танҳо набзи ин раг ошкор аст.

Ҳангоме, ки ҳанӯз сурхраг дар зер ва часпида ба раги зерибағалӣ аст, андаке аз оринҷ поин омада ва ҳанӯз дар жарфо аст, ки шохаҳои мубини он ҷудо шуда, то ба моҳичаҳои соид бичаспад ба андозаи муносиб аз соид гузар мекунад, ки дар соид ба ду бахш мегардад.

Яке аз онҳо, ки ба мучи даст меравад аз рӯи занди забарин рад мешавад. Ин раге аст, ки пизишкон ҳамвора ҷустуҷугари набзи он мебошанд. Дигаре, ки кӯчактар аст, аз рӯи занди зерин гузар карда, ба муч расида, дар кафи даст пароканда мешавад, ки гоҳе зарабони набз-он дар кафи даст намоён аст.

Шохаи болоӣ ҳангоме, ки ба ҷойгоҳи сари сина (саршона) мерасаду шоха мешавад ва ҳар кадом низ ба ду бахш мегарданд, яке аз ин ду аз рӯи раги водоҷи зерин гузашта ва сипас боло рафта, то он ки ба даруни косаи сар ворид шавад.

Ҳангоми гузар шохаҳое з-он ҷудо шуда ба андомҳои зерини худ меравад. Ҳамон гуна, ки дар мавриди (сиёҳ) рагҳо гуфтем, сурхрагҳо низ тақсим мешаванд. Паз аз ворид шудан ба косаи сар ба гунае шигифтовар тақсим мешавад ва он чизе ба монанди тӯре аст, ки зери мағз паҳн шуда ва андомеро месозад, ки аз тӯрҳои ҳаманбошта ва риштаҳои дар ҳам танида падид омадааст.

Пас аз ин тақсим дубора ба ду шохаи бузург ва баробар монанди пеш аз тақсим табдил мешавад ва вориди танаи мағз мегарданд, ки дар он ҷо низ шоха-шоха шуда, ки яке аз ин шоха, ки кӯчактар аст, боло рафта, дар сатҳи сурат ва сар ба монанди (сиёҳ) раги вадоҷи сатҳӣ пароканда мешавад.

Набзи ин шоха пушти гӯш ва дар гиҷгоҳ намоён мешавад, вале набзи намоёни ошкор ва бузург дар ду вадоҷро метавон дар наздики вадоҷи зерин (умқӣ) дид. Ин ду сурхраг «шараёнҳои сабот» номида мешавад.

Шохаи поёнии раванда, ки яке аз ду сурхрагҳои рӯйишёфта дар дил аст, ки ба андомҳои поёнӣ меравад. Ин шоха бар муҳраҳои пушт савор ва ба сӯи сарозер поин мешавад ва дар канори ҳар муҳра ду шоха шуда, яке ба сӯи рост ва дигаре ба чап з-он ҷудо мегардад, ба андомҳои дар ростои худ мепайвандад.

Нахустин шохаи ҷудошуда ба шуш меравад, сипас шохае ба миёни андомҳо з-он ҷудо мегардад, пас з-он ду шоха барои пардаи диафрагм ва шохае барои шикамба ва ҷигар ва испурз ва ниём ва пардаҳои шикам ва рӯдаҳо ва гурда ва заҳдон ва хояҳо ва пешобдон ва нарина меравад.

Шохае барои моҳичаҳои берун ва дар ростои ин андомҳо мечаспад, то он ки ба муҳраи поёнӣ расида, дар он ҷо ба ду шоха тақсим ва ҳар кадомашон ба сӯи яке аз пойҳо рафта ва парокандагишон ҳамонанди (сиёҳ) рагҳо аст, ҷуз он ки ҳамаи инҳо жарфо мебошанд ва ҷойгоҳи ошкор шудани набзи онҳо дар кашолаи рон ва миёни ангуштони сабоба ва миёнӣ ва дар канори пошнаи по зери қавзаки дохилӣ ва дар пушти по ва наздики зардпайи бузург мебошад.

### Шинохти мағз

Мағз тухолӣ нест, вале дорои ҳуфраҳое мебошад, ки бар пояи дидгоҳи Ҷолинус чаҳор ададанд ва ба якдигар роҳ доранд ва «батни мағзӣ» номида мешаванд: дуто дар ҷилави мағз ва яке дар миёна ва дигаре дар пушти мағз бар пояи намояи кашидашуда дар зер мебошад. Дар канори ин маҷроҳое падид

омадаанд, ки ба гунае созгор бо ин маҷро фароҳам шудаанд, ки гоҳе онро мебандад ва замоне онро боз мекунанд.

Мағз дорои ду зоидаи рӯйишёфта дар луби ҷилавие аст, ки ҳамонанди нуки пистон мебошанд ва ба устухони тӯришакл мерасанд. Ҳисси бӯёӣ дар ин ду зоидаи нуки пистонӣ мебошад. Ин устухон дорои сӯроххои бисёр ва нобаробар, шабеҳи абр, яъне ғирболӣ аст ва дар косаи сар ба гунае ҷой мегирад, ки таҳи бинӣ ба он мерасад.

Мағз дорои ду ниём: яке сахт ва кулуфт ва дигаре нозук ва нарм аст. Нозук ба мағз часпида ва дар бисёре аз ҷойҳо бо он яке мешавад. Ниёми сар ба косаи сар часпида ва дар ҷойҳое ба мағз мечаспад. Ин парда дар ду ҷой сурохҳои бисёр дорад, яке дар таҳи бинӣ аст, ки устухони тӯришакл аст, дигаре канори устухоне, ки дар ком аст ва ин низ сӯрохиҳое дорад. Пасмондаҳои ду бахши пешини мағз аз роҳи устухоне, ки дар поёнаи бинӣ аст, рехта мешавад ва пасмодаҳои ду батни миёнӣ ва поёнӣ аз устухоне, ки дар ком аст, ба берун ронда мешавад, ки бо он рондани ин фузуниҳо аз бемориҳои бад раҳоӣ меёбем.

Дар зери мағз ва сахтшома бофте тӯримонанд аст, ки аз сурхрагҳо баромада ва дар сар шакл мегирад. Ҳамон гуна, ки дар бахши сурхрагҳо гуфтем, аз ин бофти туришакл ду шоха берун меояд ва дар сахтшома рахна мекунад ва ба мағз мечаспад. Рӯйиши пайҳоро дар бахши пай ёдоварӣ кардем.

## Шинохти чашм

Чашм аз ҳафт лоя ва се намурӣ сохта шуда аст. Сохтори он бар пояи гузорае, ки медиҳам, чунин мебошад: нахустин ҷуфти пай, ки миёнтиҳӣ мебошад, аз мағз мерӯяд ва аз косаи сар берун омада, ба сӯи кафи косаи чашм меравад. Ду ниёми мағзӣ рӯи онро мепӯшонад ва ҳангоме, ки аз косаи сар берун меояд ва дар новдони устухони чашм қарор мегирад ниёми сахт (сахтшома) аз ин пай ҷудо мешавад. Сахтшома дар ин ҷо пӯшише танҳо барои бахши болои косаи чашм мегардад.

Колбадшикофон ин лояро «лояи сулбия» меноманд. Ниёми нармшома аз шома ҷудо мешавад ва пӯшише барои

лояи сулбия мегардад ва чун ба монанди машимия аст, онро «лояи машимия» мегӯянд. Ин лоя пас аз бархӯрд бо асаб худаш лояи дигаре дар зераш сохта мешавад, ки «пардаи шабакийя» ном мегирад. Дар миёни ин лоя ҷисме нарм ва тар бо ранги шуша завб шуда, ки рутубати зуҷоҷийя бад-он гуфта мешавад, падид меояд. Дар миёни ин андом ҷисми дигаре бо андаке ҳамворӣ ва зулол ва равшан ба монанди ях, ки ба он «рутубати ҷалидийя» гӯянд, шакл мегирад.

Лояи зуҷоҷия ниме аз пиромуни ҷалидияро дар бар мегирад. Нимаи болои онро андоме ба монанди тори анкабут, ки бисёр зулол ва оинаӣ аст, дар бар мегирад ва «лояи анкабутия» номида мешавад.

Сипас рӯи он ҷисме равон ба ранги сафедаи тухми мурғ вуҷуд дорад, ки «рутубати сафедаи тухми мурғӣ» хонда мешавад. Рӯи рутубати сафедаи тухми мурғӣ ҷисми нарм ва нозуки махмалӣ аз дарун қарор дорад, ки мардумак аст, ба гунае аст, ки рутубати сафедаи тухми мурғиро аз берун фаро мегирад ва ранги он дар инсонҳо фарқ мекунад, шояд бисёр сиёҳ ва шояд камрангтар бошад.

Дар миёнаи он ва ростои ҷилдийя сӯрохе аст, ки дар ҳолатҳои гуногун ба андозаи ниёз лояи ҷилдийя кушод ва танг мешавад, ки дар нур бисёр танг ва дар торикӣ кушод мегардад. Ин сӯрохи «ҳадқа» ном дорад ва ба он «лояи инабийя» гуфта мешавад.

Боло ва рӯи ин лояро андоме фишурда ва сахт ва ҳамвор монанди саҳифаи нозук, ки аз шохи сафеди борик тарошида, фаро гирифта, ки «қарнийя» ном дорад ва ҳамвора ба ранги лояи зерини худ, ки «инабийя» ном дорад дармеояд ва он ба монанди чизи рангин аст, ки ба ҷоми шушаӣ часпида бошад ва чунин пиндошта мешавад, ҷои чизи часпида ба шушаи рангин аст, ки аз часпидани он чиз ба шушаи рангин, ранги шушаро ба худ гирифта аст.

Растангоҳи ин лоя аз сулбийя аст. Рӯи онро андоме сафедранг фаро мегирад, ки ҳамаи бахшҳои онро намепӯшонад, балки то ҷойгоҳи сиёҳи чашмро пӯшонда ва он «мултаҳима» хонда мешавад. Ин лояи сафеди чашм

мебошад ва рӯйишгоҳаш пӯсти беруни пӯшонандаи косаи сар аст. Растангоҳи қарнийя лояи сулбийя ва инабийя лояи машимийя ва анкабутийя лояи шабакийя аст.

### Шинохти бинӣ

Ҳангоме, ки канали бинӣ ба боло меравад ду шоха мешавад, яке аз онҳо дар интиҳои даҳон сарез мекунад ва дигаре боло рафта, ба устухони тӯримонанд, ки дар ҷилави ду зоидаи мағз, ки чун ду нуки пистон аст, ба поён мерасад. Ин канали дуюм роҳи бӯйӣ ва канали аввал роҳи танаффуси ҳамешагӣ аст, албата на танаффусе, ки аз роҳи даҳон аст.

### Шинохти гӯш ва симох

Маҷрои гӯш аз устухони сахт сохта шуда, ки ба он «устухони хора» мегӯянд. Ин канал дорои хамидагӣ ва печҳои бисёр аст, ки бад-ин гуна гузар мекунад, то ба ҷуфти панҷум рӯйиш ёфта, аз мағз мерасад, ки дар он ҳисси шунавоӣ аст.

### Шинохти забон

Забон андоми гӯштӣ, шул (нарм) ва сафед аст, ки рагҳои кӯчак ва бисёр пурхун дорад, аз ин рӯ ранги он сурх мебошад. Сурхрагҳо ва (сиёҳ) рагҳо ва аъсоби фаровони беш аз арзиши он бад-он мерасад. Ду даҳона, ки бузоқ з-он сарозер мешавад, дар зери он қарор гирифта аст. Ин бузоқ дар бофти ғадуди шул сохта мешавад, ки ҷойгоҳ дар забон аст, сохта мешавад. Ин бофтро «созандаи бузоқ» меноманд. Ду даҳонае саррезгари бузоқанд, ки ин намурӣ аст, ки сабаби мондагории табиии забон ва перомуни он мебошад.

### Шинохти ҳалқ

Даҳон ба ду канал ворид мешавад: яке аз онҳо дар ҷилав қарор гирифта ва колбадшиносон онро «ной» мегӯянд ва дигаре дар пушти он ва рӯи муҳраҳои гардан аст ва «марӣ» хонда мешавад, ки з-он хӯрок ва ошомиданиҳо гузар мекунад ва аз ной ҳавои танаффусӣ рафту омад мекунад.

Рӯи он даричае гузошта шуда, то ҳангоми қурт додани андаке хӯрок ё ошомидани чизе ба даруни он фурӯ наравад. Ин дарича комилан бар рӯи он менишинад ва баста мегардад. Чунончи, андаке хӯрданӣ ё ошомиданӣ ба даруни ной равад, як ҳолати қалқалак ва дарде ба монанди ворид шудани пӯстаи чизе дар бинӣ ҳангоми атса пеш меояд. Ва он чи ба даруни ной роҳ меёбад, сурфаи шадид барангехта мешавад ва он чизро партоб ва берун меандозад.

Дастгоҳи танаффусӣ тарроҳии бисёр дурусте дорад. З-онҷо ки ин маҷро ба шуш меравад ва шушҳо бахше аз дастгоҳи гуворишӣ нестанд, балки бахше аз дастгоҳи танаффусӣ мебошанд ва ҳеч гуна роҳе ба поин надоранд, ҳар чи дар он биафтад танаффусро танг мекунад. Аз ин рӯ боиста аст, ки пешгириҳое кард ва дастурҳои вижае дод, то аз ин рӯйдод ҷилавгирӣ шавад, магар он ки хеле кам рӯй диҳад.

Агар дар ҳолати қурт додани хӯрок, касе фарёд занад ва ё сухан гӯяд ва дар канори он танаффус низ ки бояд бикашад, дар ҳамин замон чизе ба даруни ной биравад, сурфа барангехта мешавад, то он чизи фурӯ рафта дар нойро з-он биронад.

## Сохти ово

Ҳамчунин дар инҷо дастгоҳе барои сохтани ово фароҳам шуда аст. Ово аз нафаси кашида сохта шуда ва ҳаво модаи он мебошад. Дар ин ҷо дастгоҳе созгор бо сохти на танҳо як гуна ово, балки гунаҳои фаровони он дар андоме ба номи «ҳанҷара» фароҳам шуда аст ва он аз се ғузруф сохта шуда, ки созгор барои эҷоди ово мебошад ва андоми дигаре ба номи «лисон-ул-мизмор» (монанди торҳои савтӣ) низ дорад.

Моҳичаҳои бисёр барои ҳаракатҳое, ки барои эҷоди садоҳои гуногун мебошад, гирдиҳам омадаанд. Андомҳои ной ва шуш ва сина ва моҳичаҳо ва ниёмҳо ва диафрагми дастгоҳи нафас кашидананд ва пас з-он падид овардани ово дар ҳанҷара ва андоми монанди забон най (торҳои савтӣ) аст.

Овоҳо ва ҳуруф бо кӯмаки забон ва лаб ва дандонҳо ва ҳар чӣ андоме, ки даҳон аст, сохта мешаванд.

## Шинохти шуш ва қафаси сина

Фазои шикам аз устухони чанбар то устухони тиҳигоҳ аст, ки ду бахш дорад. Бахши болоӣ, ки ҷойгоҳи шуш ва дил ва бахши поини он дарбаргирандаи шикамба ва рӯдаҳо ва ҷигар ва испурз ва кисаи зардоб ва гурда ва пешобдон ва заҳдон мебошад. Ҷудокунандаи ин ду фазо «пардаи диафрагм» номида мешавад.

Диафрагм аз сари ҷиноғ оғоз мешавад ва ба гунаи уреб поин меравад ва ба ду сӯи муҳраи дувоздаҳуми пушт мечаспад, ки ҷудокунандаи бахши болоӣ ва поинӣ аст.

Фазои болоӣ тавасути пардаи дигар ба ду бахш тақсим мешавад, ки аз миёнаи (фазои болоӣ) гузар мекунад ва ҳамчунин ба муҳраҳои пушт мепайвандад.

Рехти ин фазоҳои сегона инчунин аст. Фазои боло сина номида мешавад ва марзи он аз боло ду устухони чанбар ва аз поин диафрагм аст, ки шикамро аз паҳно ду ним менамояд. Ин форми сина аст.

## Шуш

Ҳамон гуна, ки гуфтем, ной аз поёнаи даҳон оғоз мешавад. Ҳангоме, ки ной ба зери чанбар мерасад, ду шоха мешавад. Ҳар шоха ба шохакҳои фаровон бахш мегардад. Пиромуни онро бофти шуш фаро мегирад, пас танаи шуш шомили ной ва рагҳои зери он ва бофте, ки пиромуни онро фаро гирифта, мебошад. Ниме аз шуш дар фазои рости сина ва нимаи дигар дар сӯи чап аст.

Ной аз ғузруфҳои доирамонанде, ки ду сеюми онҳо гирд аст ва ба ду сари ин нимадоира пардаи нарм ва рост гузар карда, ки ин ду сарро ба ҳам мерасонад. Монанди шакл, ниёмҳои нарм миёни онҳоро фаро гирифтааст.

## Ҳанҷара

Ҳалқ андоми ғузруфӣ ва барҷаста ва гуж ва дар сатҳи гардан бо даст қобили ламс аст, вале бахши софи он ба марӣ мечаспад. Агар фарз кунед, ки шумо ду лулаи найеро бар мегузинед. ⅓ ё ⅔ яке аз лулаҳоро ба гунаи саросарӣ (дарозо)

шикофе диҳед ва з-он ҷудо кунед, сипас бар ҷои кандашуда коғазеро рӯи дарозои бахши шикофдодашуда бичаспонед сипас наи коғаз гузоштаро аз бахши коғазиаш канори найи дигаре бигузоред. Инчунин метавонед нойро дар канори марӣ нишон диҳед.

### Шеваи нафас кашидан

Ҳамаи фазои боло барои системаи нафас фароҳам шуда аст. Чунончи синаи бозшуда шушро кашида ва мегустаронад ва бо бозшудани шуш ҳаво аз берун кашида мешавад. Пас дамидани ҳаво ба дарун яке аз ду бахши танаффуси мебошад, сипас сина фушурда мешавад ва дар паи он шушҳо низ гирд меоянд, ки бо фишурда шудани онхо ҳаворо берун меронад ва ин бахши дуввуми танаффус мебошад.

Ниёз ба ҳавои берун ва рондани ҳавои дарун ангезаи осоиши дил мебошад. Бахше аз ҳавои истиншоқшуда аз роҳҳои фароҳамшудаи миёни шуш ва дил ба дил мерасад, пас аз гарм шудани он ҳаво ҷазб шуда, барои табодули тахвия ниёз ба берун ронданаш пеш меояд. Аз ин рӯ, сина фишурда мешавад ва ҳаворо берун меронад ва дубора боз мешавад ва шушҳо низ боз мегарданд ва ҳавои дигар (тоза) ба дарунашон меояд, ба монанди дамандае (зукок), ки бо он ба оташ медаманд, яъне даманда боз мешавад ва аз ҳаво пур мегардад ва ҳангоми баста шудан аз ҳаво тиҳӣ мешавад.

Сина аз дарозо ду бахш мешавад, дар ҳар бахш яке аз шушҳо гузорида шуда, то барои танаффус ду дастгоҳ бошад, чунончи яке осеб дид дигаре корро дунбол кунад. Чунончи ҳамин гуна дар чашмҳо мебошад. Ҳамчунин ин коркард, ки манзур танаффус аст, ба чиҳати арзишмандӣ ва ниёзи бисёр ба он барои зистан, таваҷҷуҳи бештаре ба он шавад, ки Офаридагор онро ба хубӣ сохта ва пардохтааст.

Чи басо бахше аз сина осеби сахте мебинад, дар ин ҳангом самти дигар барои ниёзи танаффусӣ ба по мехезад ва агар бар ду сӯи сина осеб ворид ояд, он кас ба андозаи хафашудагон зиндагӣ хоҳад кард.

Ной аз пушт ба марӣ часпида аст. Марӣ роҳе барои гузари хӯрок ва ошомиданӣ аст. Миёни онҳо лояи нарм

гузошта шуда, ки ҳангоми қурт додан барои марӣ тангӣ пеш наояд. Агар ормони мо густурдатар накардани ин китоб аз ин андозаи дар назар гирифташуда набуд, мо шинохти андомҳо ва судмандиҳояшонро густурдатар ёд мекардем. Аз ин рӯ, мо нагузорем то он ҷо ки метавонем кӯтоҳгӯи ва кӯтоҳнависӣ кунем.

## Шинохти дил

Дил ба монанди меваи санавбар вожгун аст, ки сари махрутияш ба сӯи поин ва танаи он ба болост ва дорои пӯшиш аз як лояи фушурда аст, ки пиромуни онро фаро гирифта, вале ҳамаи дилро фаро намегирад. Буни дил дар миёни сина қарор дорад, вале сари махрутияш ба сӯи чап гароиш пайдо мекунад. Сурхраги бузург аз бахши чапи он меравад, аз ин рӯ, набз дар самти чап ошкор мешавад.

Дил дорои ду батни бузург, яке дар рост ва дигаре дар чап аст, дар растангоҳ ва ба ин чизе ба монанди ғузруф вуҷуд дорад, ки ба монанди бистаре барои дил мебошад. Миёни батни рост ва чап сӯрохҳое мавҷуд аст. Батни рост дорои ду даҳона буда, ки яке аз онҳо ҷойгоҳи вуруди рагҳои руишёфта дар ҷигар аст, ки хунро ба даруни батни рост мерезад. Бар даҳонаи он даричае аст, ки ҷиҳати пардаҳояш аз берун ба дарун аст, то барои чизе, ки ба дил ворид мешавад баргардад ва ом шавад. Даҳонаи дуввуми раги раванда ба шуш, ки раги бе набз аст ва ба он мечаспад, зеро дорои девораи сахт ва кулуфт мебошад. Аз ин рӯ, колбадшиносон онро сурхраг меноманд, ки чун девораи он сахтар ва кулуфттар аз (сиёҳ) рагҳост ва ин ном шоистаи ӯст, чун дар ҳамаи умри одамӣ ҳамеша дар ҷунбиш аст. Ва дар порагии он то даридагии (сиёҳ) рагҳо хатари бештаре нуҳуфта аст, даричае бар даҳонаи берун рафтани ин раг аст, ки чиҳати шикофҳои он аз дарун ба берун мебошад, то барои чизҳои берунраванда, аз дил ба сӯи берунӣ хам шуда ва роҳи баргашти онро бибандад.

Ду даҳона дар батни чап аст, яке барои сурхраги бузург (аорта), ки ҳама сурхрагҳои тана з-он мерӯянд, даричае бар даҳонаи он аст, ки параҳояш аз дарун ба берун буда, барои

хун ва ҷони берунраванда аз дил ба самти берун хам мешавад ва роҳи баргашти онро бибандад. Даҳонаи дуввум сурхраге аст, ки ба шуш меравад ва дар он ҳавои аз шуш барои дил аст, ду дарича бар ин даҳона гузошта шудааст, ки параҳои он аз берун ба дарун аст, то барои ҳавои воридшуда ба дил боз шавад ва баргардад. Дил дорои ду барҷастагӣ (зоида) ба монанди гӯш, яке дар рост ва дигаре дар чап аст. Шуш пӯшонандаи дил аст, то он ки аз расиданаш ба устухонҳои сина дар ҷилав, ҷилавгирӣ намояд ва аз осеб расидан ба он ҷилавгирӣ кунад.

**Шинохти марӣ ва шикамба**

Чун гуфтем, ки дар поёнаи даҳон ду роҳ аст, ки яке барои танаффус, ки ба шуш меравад ной ном дорад ва дигаре барои хӯрок ва ошомидание, ки ба шикамба меравад марӣ ном дорад. Аз пушт бар рӯи муҳраҳои гардан қарор гирифта ва имтидод дорад, то он ки диафрагмро рад кунад ва бо торҳои басташуда ва чун диафрагмро рад кунад кушод мешавад ва «шикамба» ном мегирад, дар зимн каме ба самти чап моил аст. Аз ин сар шикамба каме ба сӯи чап гароиш дорад. Кафи (гудӣ) он ба самти рост аст, агар онро кадуи гирд бо гардани дароз, ки ба таҳи он гардани дигаре муттасил мешавад, бипиндорӣ ба ин шакл метавон рехти шикамба ва мариро ба тасвир дароварӣ, ҷуз он ки шикамба дар ҷое ки ба пушт мерасад андаке сатҳӣ шуда. Дар зимн, бахши сари болои он марӣ мебошад ва сари дигараш оғози рӯдаҳост, ки ба муҳраҳо ва дигари андомҳои дарунӣ тавасути наворҳо ва торҳо муҳкам ва устувор гардида ва нигаҳдорӣ мешавад. Офаридгор ба ҷиҳати арзишмандӣ ва ниёзи фаровон ба ҳар кадоме аз ин андомҳо ва нигаронӣ аз осеб додани ҳар яки онҳо устувортар ва сахтар бастабандӣ кардааст.

Даҳони поини шикамро «бобулмиъда» ё «бавоб» меноманд. Чунончи шикам аз хӯрок пур шавад, ин даҳона ба гунае баста мешавад, ки ҳеч чиз, ҳатто об берун намеравад, то он ки гувориш поён ёбад ва ё фосид шавад, сипас даҳона боз мегардад, то он чи дар шикамба аст, ба рӯдаҳо равад ва

ин нахустин ҷойгоҳи рӯдаҳост. Танаи шикамба аз се лоя ташкил шуда: яке аз онҳо риштаҳои дар дарозо ва дуввумӣ дар паҳно ва саввумӣ риштаҳои дар бахши пушти он қарор гирифтааст. Шикамба дорои вижагӣ ва судмандиҳое аст, ки ёдоварии он сухани моро ба дарозо мекашад.

## Шинохти рӯдаҳо

Рӯдаҳо ду пӯшиш доранд, ки бар лояи берунӣ часбандагиҳое дорад ва онро ба гунаи устувор пӯшонида аст. Рӯдаҳо шаш гунаанд, се то борик (кӯчак) дар боло се то бузург дар поён. Нахустин рӯдаи кӯчак, ки ба поёни шикамба мепайвандад, дувоздаҳ номида мешавад ва дар паи он рӯдае, ки таҳрӯда (соим) гуфта мешавад, меояд. Ин ду рӯдаи рост ва истода дар дарозии тана мебошанд. Сӯроххоҳи кашиши хӯрок ба сӯи ҷигар дар ин ду бештар аз соири рӯдаҳо аст. Ин даҳонаро дар бахши ҷигар ёдоварӣ хоҳем кард.

Пас з-он рӯдаҳое меояд, ки номи дақиқ дорад. Ин рӯда дорои печу хамҳои бисёр мебошад. Кушодии ин се рӯда ба андозаи боб-ул-меъда аст. Пас з-он рӯдаи маъруф ба аъвар «рӯда кӯр» аст ва он ба монанди зарф ва кисае аст, ки ҳеҷ гуна роҳе ба ҷойе надорад. Чун дорои як даҳона аст, замоне з-он чизе ворид мешавад ва ҳангоми дигар аз ҳамон даҳона берун меравад ва дар самти рост қарор дода шуда аст.

Пас з-он рӯдаи бузург меояд, ки оғози он аз сӯи рост мебошад ва ҳамаи паҳноии шикамро то ба сӯи чап мегузаронад. Ва пас з-он рострӯда меояд, ин бахш дорои кушодагии бештаре аст, ки пасмондаҳо дар он гирд меоянд, ҳамон гуна пешоб дар пешобдон. Дар поёни он рострӯда рактум аст, ки бар он моҳичаи ҷилувгиркунанда аз берун рафтани (пайхол) қарор гирифта, то ба гунаи иродӣ онро берун резад.

## Шинохти ҷигар

Ҷигар дар зери дандаҳои болоӣ аз дандаҳои пуштӣ қарор гирифта ва шакли он ҳилолӣ ва дорои фурӯрафтагӣ дар сӯе аст, ки ба шикамба мерасад ва зиёдаҳое дорад, ки гоҳе ба чаҳор ё панҷ ва самти рости шикамбаро пур мекунад.

Бахши гужи он ба диафрагма мерасад ва бо торҳое ба ниёме, ки рӯи он аст мечаспад. Аз бахши гудии ҷигар канале ба номи «боб-ал-кабид вуҷуд дорад ва шакли он ба монанди (сиёҳ) раг аст, вале дар он хун нест ва ба шохаҳое тақсим ва онҳо низ ба шохакҳои дигар бахш мегарданд. Андаке аз онҳо ба кафи шикамба ва дувоздаҳ ва бештари он ба рӯдаи сиём ва сипас ба дигар рӯдаҳо меравад, то ба рӯдаи рострӯда мерасад. Ин даҳонаҳо, ки пеш аз ин ёд кардем, хӯроки гуворидаро ба ҷигар мерасонад.

Ҳарчи аз даҳонаи он ҷазб мешавад аз роҳҳои танг ба кушодатар рафта, то он ки дар канали боб-ал-кабид гирд оянд. Сипас ин канал дар даруни ҷигар ба шохаҳои борик ва муйина тақсим мегардад ва гуворидаҳо дар онҳо пароканда мешаванд. Бофти ҷигар онҳоро мепазирад ва таҷзия мекунад, то хун гардад.

Аз барҷастагии ҷигар раги бузург мерӯяд, ки ҳамаи рагҳои тан, ки пеш аз ин дар колбадшиносии рагҳо ном бурдем з-он мерӯяд. Худи ин раг дар ҷигар ба шохаҳои муйин тақсим мешавад, ки ба шохаҳои тақсим шуда, канали боб-ал-кабид мепайвандад. Хуни (сохташуда) дар шохаҳои муйинаи раги бузург, ки дар бахши барҷастагии болои ҷигар мерӯяд, боло меравад. Он низ бад-ин гуна аст, ки нахуст дар рагҳои кушодатар рафта, то ин ки ҳамаи хуни ба даст омада дар раги бузург бархоста аз барҷастагии ҷигар меоянд.

## Шинохти сипурз

Сипурз дарозшакл ва дар самти чапи тан ниҳода шудааст. Риштаҳое ба ниём рӯйи он часпида аст. Шикамба аз сӯе ва дандонаҳои пушт аз суйи дигар онро дар бар мегиранд. Ду канал з-он мерӯянд, ки яке ба гудии ҷигар ва дигаре ба даҳонаи шикамба меояд.

## Шинохти заҳра

Кисаи зардоб ё заҳра ба рӯи ҷигар қарор гирифтааст. Дорои ду канал: яке ба гудии ҷигар ва дигаре ба шохаҳои тақсимшуда ба рӯдаҳои борик ва кафи шикам мепайвандад.

## Шинохти гурда

Дар ду тарафи муҳраҳои пушт дар наздикии ҷигар (гурдаҳо) қарор гирифтаанд. Гурдаи рост каме болотар аст ва ҳар кадом гурда ду канол дорад. Яке з-он ду канали ҳар ду гурда ду самти худаш ба раги бузург баромада аз барҷастагии ҷигар мепайвандад, канали дуввумӣ ҷудогона аз гурда ҷудо мешавад, пешобдон бичаспад. Ва ин канал ҳар ду гурдаро то ба гунае шигифтовар ба пешобанд, ки «ҳолиб» номида мешаванд.

## Шинохти пешобдон

Пешобдон ҷойгоҳ ва нигоҳдорандаи пешоб аст ва ҷойгоҳаш миёни сӯрохи настангоҳ ва устухони шармгоҳ мебошад. Аз ду лоя ташкил шудааст. Бар даҳони он даричаемоҳичае гузошта шудааст, ки онро мебандад ва аз бурун рафтани пешоб ҷилавгирӣ мекунад, то ин ки ба гунае худхоста ронда шавад. Пешоб аз ду канал, ки «мизроҳ» ном дорад, аз ду гурда ба он сарозер мешавад. Ҳангоме, ки ин ду маҷро ба пешобдон мерасанд, нахуст аз яке аз ду лояҳои пешобдон гузар мекунад, сипас аз лояи дуввуми он рад мешавад, то ба гардани пешобдон мерасад. Пас з-он бар даруни пешобдон саррез мегарданд.

## Суханоне кӯтоҳ дар бораи судмандии дастгоҳи гувориш

Даҳон бо доштани ду вижагии ҳисс ба совӣ ва чашоӣ, тавоноии ҷудосозии маззаҳои хуб аз бад дорад. Чун маззаи хуб дар бештар маврид созгор бо тан ва хӯроксози он ҳастанд. Арзишмандтарин кори забон сухан гуфтан аст. Ҳамчунин дар ҳангоми ҷавидани хӯрок дар даҳон, онро ба ҷиҳати ниёз дар осиёб кардани якнавохт ба шаклҳои гуногун ҷо ба ҷо мекунад.

Ин кори забон ба монанди осиёбе аст, ки барои хуб осиёб кардан ҳама чизро дар ҳам меомезад.

Дандонҳо се гунаанд: Бархе барои буридан шоистагӣ доранд, чун дандонҳои пешин ва канорӣ ва бархе, ки барои шикондан чун неш ва гуруҳе осиёб кардан - дандонҳои панҷгонаи осиёб.

Аз шигифтиҳои рӯйиҳам қарор гирифтани дандонҳо ин аст, ки дандонҳои пешин ва канорӣ дар ҳангоми ниёз метавонанд дар тамос ва нук ба нук шудан ба ҳамдигар бошанд ва ин кор дар ҳангоми гоз гирифтан бад-ин гуна аст, ки бархе аз онҳо бар дандон рӯ ба рӯи ҳам шуда ва дандонҳои пойинро пӯшонда ва тамос миёни онҳо барқарор мешаванд. Агар ин гуна набошад кори гоз гирифтани ҳар чиз анҷом намегирад. Ин кор бо кашида шудани фуки пойин ба ҷилав сабаб мешавад, ки дандонҳо бо ҳам нук ба нук гарданд. Ва дар ҳангоми ҷавидан ва осиёб кардани фук ба ҷои худаш боз мегардад ва дандонҳои пешин ва канори пойин ба дарун рафта ва аз ҳолати нук ба нук шудан бо дандонҳои боло дур мешаванд, бад-ин гуна дандонҳои осиёб рӯи ҳамдигар қарор мегиранд. Бо нук ба нук шудани дандонҳои пешин ва канорӣ орвораи боло ва пойин имкони ҷуфт шудани дандонҳои осиёб аз миён хоҳад рафт. Ин ҳолат ҳангоме рух медиҳад, ки шикастани чизе хоста шуда бошад.

Решаи дандонҳои осиёб ба ҷиҳати кор кардан ва мондагортар буданаш бузургтар аз решаи дигар дандонҳост. Бештар шудани шуморагони решаи дандонҳои боло ба ҷиҳати овезон будани онҳост. Пеш аз ин гузориш барои ворид нашудани чизе ба даруни ной дар ҳангоми қурт додани хӯрокҳо дода шуд. Акнун онро равшантар бозгӯ мекунем: дар ҳангоми қурт додани хӯрок марӣ ба самти пойин меравад ва ҳанҷара боло кашида мешавад ва даричаи рӯи он устувор мегардад, то қурт додани онҳо аз рӯи он дарича рад шаванд ва даруни марӣ саррез шаванд. Замоне, ки хӯрокҳо ба шикамба расиданд, шикамба онҳоро мегирад ва з-он анбошта ва пур мешавад ва даҳонаи шикамба баста мешавад хӯрокҳо дар он ҷо мемонад то гувориши онҳо ба пойин расад.

Ҷигар аз рост ва сипурз аз чап ва чодаринаи шикам аз ҷилав моҳичаҳои тираи пушти шикамбаро аз пушт дар бар мегиранд. Ҳамаи ин андомҳо барои гарм нигоҳ доштан ва ҳамчунин беҳтар гарм кардани он мебошад. Дар натиҷа хӯрок дар он мепазад, то он ки ба монанди широбае шавад, ки муносиб барои рахна кардан ба даруни даҳонаи каналҳои

раванда ба ҷигар бошад, ки онро пеш аз ин бозгӯ кардем. Фаровонии ин даҳонаҳо ба ин далел аст, ки чун яке бошад ҳама гуворидаҳо ба як ҷо бояд сарозер шаванд ва ин мумкин аст бахше аз гуворидаҳо ин як даҳонаро аз даст диҳанд ва ба ҳадар равад.

Аз ин рӯ, даҳонаҳо афзоиш меёбанд, то ин ки каналҳо ба бештар фазоҳо рӯдаҳо бипайвандад, то чунон ки гуворидаҳо як даҳонаро аз даст диҳад, аз даҳонаи дигар ба сӯи ҷигар кашида шаванд. Ҳамчунин печу хамиҳои бисёр барои рӯдаҳо гузошта шуд, то мондагории гуворидаҳо дар он бештар бошад ва берун рафтани зудҳангом надошта бошад ва ин кор ба вижа дар рӯдаи кӯр беҳтар анҷом мешавад ва он чи дар ин рӯда бимонад, дигар арзиши хӯрокӣ нахоҳад дошт ва гандидагӣ бар он чира мешавад. Бофти ҷигар ин афшурдаро мепазонад, то з-он хун сохта шавад. Бинобар ин лозим аст андаке аз он аз ҷигар ҷудо шавад, то ангезаи тунд анҷом гирифтани таҷзия ва осонии он гардад. Ҳамчунин, аз ин рӯст, ки сиёҳраги бобу-л-кабид пас аз вуруд ба ҷигар барои суръат ва осонии бештари таҷзияи широба ба шохаҳои бориктар тақсим мешавад. Чун хӯрок андомҳо ва боландагии онҳоро дар гарави хуни пок ва шоиста аст ва ҳамчунин пас аз пазонда шудан ҳар чиз ногузир аз пасмондаҳое сохта мешавад. Аз ин рӯ, ҳамроҳ бо фароянди сохтани хун ду гуна пасмонда падид меояд, ки яке таҳнишаст ва дурдӣ ва дигаре шиновар ва кафмонанд аст.

Аз як сӯ барои поксозии хун аз инҳо кисаи зардобӣ фароҳам шуда, ки барои он гардане сохта шуда, то ба даруни ҷигар равад ва зардоби падидомада дар он ба дунбол сохтани хунро ба сӯи худ бикашад.

Аз сӯи дигар, сипурз низ офарида шуд ва канале барояш фароҳам гашт, то ба ҷойе равад. Ва пасмонди дигарро, ки талхоб аз онҳо падид меояд ба сӯи худ бикашад. Пас хуни пок бе фузуниҳои зардобӣ ва талхобӣ хоҳад шуд, ки он ба андозаи ниёзи тан дар хун мемонад. Пас хун баке тар аз он аст, мо мехоҳем. Пас ниёз аст, ки бахши пасмондаи оби он гирифта шавад, то сифтии он ба андозае шавад, ки з-он гӯшт сохта гардад. Аз ин рӯ, ду гурда офарида шуда ва барои ҳар

як канале дароз фароҳам омада то ба раги баромада аз барҷастагии ҷигар бичаспад. Ва бахши фузуни об онро пеш аз боло омадан ва машруб кардани андомҳо бигирад.

Ҳангоме, ки хун аз фузуниҳои сегона пок шуд, хубу шоиста ва созгор ва ҳамоҳанг барои хӯроки андомҳо ва болandaгии онҳо мегардад. Ҳангоми арзишманд будани хӯрокрасонӣ ба тан шинохта мешавад, ки мо ба арзиши коркарди поксозии хун аз ин фузуниҳо коре, ки дар дастгоҳи поксозикунандаи он анҷом мегирад, ошно бошем. Чунончи кисаи зардобӣ зардобро ба сӯи худ накашад ва ё онро дар хун ба ҷо бигзорад, то ба хӯрок ба андомҳо биравад. Бемориҳои гуногуни падидомада аз зардоб чун зардӣ ва сӯзаҳо ба сурхӣ ва намла ва табҳои сахт ва монанди он рух медиҳад. Чунончи сипурз талхобро накашад, бемориҳои талхобӣ чун ярқони сиёҳ ва баҳақи сиёҳ ва ва пӯста – пӯста шудани пӯст ва ҷузом ва молухулиё ва монанди он рӯй медиҳад. Чунончи фузуниҳои об ба сӯи гурда ронда нашавад яке аз ду бемории истисқоӣ бо номи «истисқои зиқӣ» ва ё «истисқои лаҳмӣ» руй медиҳад. Агар ин дастгоҳи поксозикунанда набошад ин бемориҳо пайваста ва ҳамвора мемонанд.

Аз шигифтиҳои кашидани фузуниҳои хун аз як сӯ омадани каналҳои кисаи зардобӣ ва сипурз ба гудии ҷигар барои берун кашидани зардоб ва талхоб мебошад ва аз сӯи дигар, омадани ду канали гурда ба раги бархоста аз барҷастагии кабид ва кашидани фузуниҳои об аз хуни сохташуда дар ҷигар мебошад, зеро хун барои боло рафтан аз рагҳои муйина ва расидан ба бахши барҷастагии рӯи ҷигар ниёз дорад, ки обе, ки тар бошад, то битавонад ба осонӣ боло равад. Аз ин рӯ, бояд фузуниҳои оби он то расидан ба бахши барҷастагии рӯи ҷигар дар худаш бимонад, ки бар асари он шитоб рахна кардан ва ба боло рафтан аз ин муйинаҳоро ба хубӣ дошта бошад. Аз ин рӯ, канали берун кашонандаи фузуниҳои обӣ ҳеҷ гоҳ ба гудии ҷигар намеравад, балки пас аз боло рафтани хун ва гузар аз рагҳои мӯйина ва сипас расидан ба рагҳои кушад, дигар бениёз аз обакӣ будани ғузуниҳои обӣ хоҳад буд. Пас аз расидан ба бахши барҷастагии ҷигар, хун

ниёз ба сифтӣ ва сангинии бештар пайдо мекунад. Аз ин рӯ, бояд он ду канали гурдаҳо ба ин ҷо бипайванданд.

Акнун хуни пок аз раге, ки дар барҷастагии ҷигар рӯйида, боло меояд ва хунро ба саросари тан мебарад. Хунрасонӣ ба андомҳо бар пояи як тақсимбандии дуруст ва додгарона нисбат бар арзиши кории ҳар андом дар сар то сари тан мебошад. Ин кор ба гунае аст, ки мо онро дар бахши парокандагии рагҳо дар тан гузора кардем, ки ба ҳар андом ба андозаи баҳраварии он хун дода хоҳад шуд. Дар ҳар андоме бо таваҷҷуҳ ба табиати худ таҷзия шуда, сабаби нерӯзоӣ ва болахдагии он андом мешавад, албатта агар хоҳони болахдагӣ бошад ва агар на, боистӣ хуни ҷойгузин ба андозаи бахши таҷзия хоҳад буд. Ин кор ҳадаф ва хостаи ниҳоии мо аз дастгоҳи гуворишӣ мебошад.

Офаридгори бузург барои фузуниҳо, ки хун з-он пок шудааст, судмандиҳои дигар низ ниҳодааст. Кисаи зардоб бо яке аз каналҳои худ зардобро аз хун пок мекунад ва бо канали дигар онро ба даруни рӯдаҳо мефиристад ва рӯдаҳо ба ҷиҳати тундӣ ва тезии он (зардоб) ба рондани пасмондаҳо ва берун кардани онҳо барангехта мешаванд. Ва ин сабаби покиза шудан ва эминӣ аз гирифтагӣ ба монанди фузуниҳо дар рӯдаҳо мешавад.

Сипурз фузуниҳои таҳнишиншударо мекашад ва хунро з-он пок месозад, сипас онро дигаргун менамояд, то сифтӣ ва туршӣ ба даст оварад, сипас бахше аз онро ба даҳонаи шикамба мефиристад, ки бо турушӣ ва сифтии худ сабаби огоҳӣ ва барангехтани иштиҳо мешавад, сипас бо пасмондаҳо берун равад.

Гурда бахши оби хунро гирифта ва он чи ки шоистаи таҷзия кардан аст, ба кор мебарад. Сипас мондаи онро ба ду канале, ки аз пеш гуфтем, ба пешобдон мерасонад. Аз сӯи дигар пешобдон бузург сохта шуда, то одамӣ барои пешоб кардан пайваста ба по нахезад ва бар даҳонаи он даричае гузошта шудааст, ки онро танг карда ва мебандад ва то пур нашавад, з-он чизе берун намеояд ва бо афзоиши андозаи

пешоб дар он ва сангин шудан ва ё тундӣ ва сӯзиши он ба хости худ онро раҳо карда, то берун равад.

Дар фароҳам омадани пешоб роҳе аз гурда ба пешобдон хирадмандии бузург нуҳуфта шудааст ва чунин аст, ки агар пешобдонро пур аз бод кунем, боде з-он берун нахоҳад омад, бо он ки дорои ду даҳона аст ва аз ҳарду даҳонаи он ҳар чизе метавонад рафту омад кунад. Ва бахши обакии хун, ки пешоб аст, аз гурда ба даруни ҳар ду (мизроҳ) мерезад ва з-он ҷо, ки ин ду маҷро нахуст аз яке аз ду лояи пешобдон рад мешавад, то ба гардани пешобдон бирасад, сипас аз лояи дуввум гузар мекунад, аз ин рӯст ҳар чӣ ба даруни пешобдон бастатар шуда ва намегузорад, андаке пешоби гирдомада дар пешобдон ба боло баргардад. Ҳамчунин, пазириши пешобро ба пешобдон осонтар дунбол мекунад, то пешобдонро сангин кунад ва ҳар гоҳ нороҳатӣ эҳсос шавад, он моҳичаро во медорад, ки аз бастани даҳонаи пешобдон даст бардорад. Пас пешобдон бар он чи дар даруни худ дорад, фишор меоварад, то пешоб берун рехта шавад. Пас мондаҳои сифт пас аз тиҳӣ ва покиза шудан аз ҳар гуна арзиши хӯрокӣ ба рострӯда ронда мешаванд, ин рӯда кушод аст ба тавони гирд овардани пасмондаҳои бисёрро дорост то одамӣ пайваста барои берун рондан ба по нахезад. Ҳангоме, ки пасмондаҳо сангинӣ кунанд ва ё эҳсоси сӯзиш (нуг-нуг задан) пайдо шавад, сабаби нороҳатии ҷондор шуда, онҳо бо хости худ моҳичае нигоҳдорандаро озод карда ва пасмондаҳо берун мераванд. Чунин аст сарнавишти хӯрок аз ҳангоми ворид шудан ба тан ва то бардошт з-он ва сипас берун рондани пасмондаҳо ба хости Худованд.

### Шинохти девораи шикам

Дар пушти пӯсти пӯшонандаи шикам моҳичаҳои ҳаштгонае, ки гуфтем қарор дорад ва дар паси моҳичаҳо, пардаи фушурда, ки «сифоқ» ном дорад, дида мешавад. Ва пас аз сифоқ (бофти чарбӣ) чодарина ва пас з-он андомҳои даруни шикам гузорида шудаанд. Фатқ ба дунболи поргии сифоқ дар пардаҳои шикам падид меояд.

## Шинохти лояҳо ва нарина

Аз устухони шармгоҳ андоми асабии пур аз фазоҳои густурда руиш меёбад, ба он низ сурхрагҳои бисёр, беш аз арзише, ки доранд меоянд, ин андоми нарина аст. Ду маҷро (барих) аз сифоқ ба монанди мизроҳ (ҳолиб) берун меояд, сипас кушод мешавад. Лояи дарунии он бахше аз ду лояи кисаи хояҳо шуда, ки ду хоя дар он қарор гирифтаанд ва рагҳои мӯйина, ки бо печу хамиҳои бисёр мебошад, аз раге, ки ба сӯи пойин меояд ҷудо шуда, ба хояҳо меравад. Ҳамчунин, бофти сафеди ғудӣ онро фаро мегирад ва хуни гирдомада дар онро таҷзия карда, то сапед шуда ва оби наринаи хом гардад. Ва сипас з-он ҷо ба хояҳо меравад ва дигаргунагӣ ва шакл гирифтани он комил мешавад, то оби наринаӣ корсоз шавад. Оби нарина аз ду роҳ ба нарина саррез мешавад. Рост (сих) шудани нарина бо пур шудани фазоҳои он аз ҳавои сангин ва рагҳои он аз хун мебошад. Инзол ҳангоме аст, ки лӯлаҳое, ки оварандаи оби наринаанд кушод ва кашида мешаванд ва барои партоб кардан ба берун, он чӣ даруни худ гирд овардаанд, барангехта мешаванд. Ин барангехтагӣ ба ҷиҳати пуршудагӣ ва анбоштагии овандҳои оби нарина ва ё сӯзиш ва доғ шудани онҳо мебошад. Яке аз роҳҳои барангехтани нарина молидани сари он ба танҳоӣ ва ё ҳамаи он ба андоми нармии дигар мебошад, ин ангезаи кашида ва кушод шудани лӯлаҳои оби нарина ва берун андохтани ҳар чӣ дар он мешавад.

## Шинохти пистон

Пистон аз сурхраг ва (сиёҳ) раг ва пай сохта шудааст. Ҳамчунин бофти сапеди ғудаӣ низ миёнашонро пур карда аст ва табиати он ба монанди шир аст. Худованди бузург ва воло онро барои сохтани шир аз таҷзияи хун офаридааст. Ин сурхрагҳо ва сиёҳрагҳои дар пистон ба шохаҳои бисёр борик тақсим мешаванд, ки ба даври ҳам мепечанд ва бофти созандаи шир онро фаро мегирад то хуни даруни худро ба шир, ки монанди табиати худи он аст, дигаргун намояд. Ҳамон гуна, ки бофти ҷигар широбаи ҷазбшуда аз шикамба ва рӯдаро ба хун, ки ба монанди худи он аст, чунин мекунад.

**Шинохти заҳдон**

Заҳдон миёни пешобдон ва рострӯда дар болои пешобдон қарор дорад. Дар дӯшизагон кӯчак буда ва бо бордорӣ ва зодан бузург мешавад. Заҳдон бо се ришта наворҳои занҷираӣ маҳор шудааст, ки ба гунаи бофти асабӣ мебошад. Ин риштаҳо тавоноии кушод шудан ва дароз шудан ба ҳангоми ниёз ва фушурда ва дарҳам кашида шуданро дар бениёзӣ доранд. Дар ҳангоми зодан ниёз ҳаст, ки густурда ва чандин баробар кушод шаванд. Аз ин рӯ, бофти заҳдон ва наворҳои маҳори он, ки ба гунаи занҷиравор паҳн мебошанд, ҳангоми аз бофти асабӣ сохта шудаанд.

Заҳдон дорои ду батн аст, ки ба як даҳона мунтаҳӣ мешавад ва низ дорои ду зоид бо номи «шохи раҳм» аст. Пушти ин ду зоид ду тухмдон, ки кӯчактар, вале ҳамвортар аз хояи мардон аст, дида мешавад. Аз ин ду тухмдон оби занона ба даруни заҳдон ва гардани он рехта мешавад ва дар поён ба даҳонаи вожон мерасад ва ин барои зан ба монанди нуки сурохдори нарина мебошад. Даҳонаи заҳдон дар душизагон фушурда ва чиндор ва танг ва навшукуфта аст. Рагҳои нозуки бофташуда миёни чинҳоро пур кардааст, ки дар ҳангоми нахустин наздикӣ дарида мешавад ва он чинҳо бо сари нарина кушод мегарданд, ҳангоме ки зан бордор шуд даҳонаи заҳдон рӯи ҳам меафтанд, то он ки натавонад сари нарина ба даруни он биёяд. Ва агар замони зодан пеш омад ва ё осебе ба рӯён расид ва онро табоҳ сохт, даҳона кушод мешавад, то рӯён берун ояд. Бар пояи дидгоҳи Ҷолинус рӯён аз оби (зан ва мард) сохта мешавад ва бо хуни моҳона болида ва бузург мешавад ва дар офариниш, нарҳо зудтар аз модаҳо комил мешаванд. Аз рагҳое, ки ба заҳдон меояд, бахше ба рӯён мечаспад ва онро таҷзия мекунад, то рушди он комил шавад. Ҳангоме ки нумӯи он комил гашт ба он чӣ барои он мерасад басанда нахоҳад буд, пас ба сахтӣ меҷунбад ва ҳаракатҳои сахт ва нерӯманде мекунад, ки ангезаи порагии робитаҳои заҳдон мешавад ва ин ҳангоми зодан мебошад. Гуфтори нахуст поён ёфт. Ситоиш ва сипос аз они Худост.

## ГУФТОРИ ДУВВУМ: СУХАНОНИ КӮТОҲ ДАР ШИНОХТИ ОМЕЗАҲОИ ТАН ВА ОМЕХТАГИҲОИ ЧИРА БАР ОН ВА НИШОНАҲОИ КӮТОҲ ВА ФАРОГИР ДАР ДОНИШИ РЕХТШИНОСӢ

## СУХАНИ КӮТОҲЕ ДАР ШИНОХТИ ОМЕЗА

Омезаи тан аз ранг, нармии пӯст, қиёфа, дастмолиш, коркарди тан, пасмондаҳое, ки з-он берун меояд шинохта мешавад.

### Ранг

Рангҳои сафед, тира, очӣ, качӣ, сурбӣ нишон аз сардии омеза мебошад. Сурхӣ ба хурмоӣ, зардӣ ва гандумгун будан нишонаи гармии омеза аст. Равшании бисёрранг нишондиҳандаи обакӣ ва кам будани омехтагӣ (хилт) ва тирагии бисёр нишонаи сифтӣ ва бисёр будани омехтагӣ аст. Ранги сафеди моил ба сурхӣ нишон аз ҳамоҳангӣ ва миёна будани он аст. Соф ва равшан будани ранг нишон аз миёна будани омеза аст. Чунончи сурхии бештар ва равшанӣ камтар бошад, нишондиҳандаи чирагии хун аст. Агар сурхӣ кам бошад, ки ба ранги очӣ бизанад, нишонаи камхунӣ аст. Агар коҳиши сурхӣ то ҷойе бирасад, ки бештари он аз миён биравад, пизишкон ин рангро гаҷӣ меноманд ва нишони коҳиши зардоб ва талхоб ва хун ва чирагии балғам бар тан мебошад. Агар ранг ба сафедӣ бизанад ва сабзӣ низ ба он омехта шавад, пизишкон онро сурбӣ мегӯянд ва нишон аз камии зардоб ва хун ва чирагии талхоб ва балғам аст. Агар тирагии ранг бо зардӣ ва каме сурхӣ ҳамроҳ бошад, нишон аз чирагии хун бо бастагии боло, ки ба андозаи ранги сурх омехташудаи он аст ва агар сабзӣ тира дар он бошад, нишон аз чирагии талхоб аст. Ранги хурмоии тан, ки ба сапедӣ бизанад, дорои сардтарин омезае мебошад ба он ҷо, ки ба сурхӣ ва зардӣ бизанад ба андозаи ҳамон ранг, дорои гармтарин омеза аст. Чунончи, ба ранги зард бошад, гурӯҳе

аз онҳо ба сафедӣ ва равшанӣ мезанад ва ба монанди ранги пашми шутури мода мебошад.

Касе, ки хуни фаровон аз даст дода бошад, рангашон ба зардӣ мезанад, ки нишон аз тиҳӣ шудани тан аз хун буда, на нишони чирагии зардоб, балки аз камхунӣ аст. Ранги зарди ин гуна касон, нишондиҳандаи пайомади як беморӣ аст, бархе аз инҳо ранги зарди ростинанд дорои рӯшноӣ ва шафофияти кам ва ранги онҳо дар дарозии зиндагӣ ҳамвора пойдор аст. Инҳо танҳои зардобӣ доранд ва бархе аз онҳо, ки ба ҳамроҳи ранги зардӣ, сабзӣ ва тирагӣ ва шодобии кам доранд, ҳамроҳ бо чирагӣ омехтагии ду заҳра (зардоб ва талхоб) мебошад, ки бадтарин омезаи тан аст. Ҷигар ва сипурз дар чунин касоне бештар замонҳо бемор аст ва ҳамвора тандурустии эшон нопойдор мебошад.

Сабза (гандумгун) будани ранг ҳар чи ба зардӣ гирояд, пас онҳо, гармтарин омезаро доранд ва бештар ба зардобӣ будан мегироянд ва ҳар чи омехтагии сабзӣ бештар дошта бошад, гармии камтар дорад ва ба талхобӣ будан гироиши бештар дорад. Пӯст ҳарчи чарбӣ бештар дошта ва фарбеҳтар бошад, нишон аз омезаи намур (мартуб) ва ҳарчи нозуктар ва лоғартар бошад, нишондиҳандаи омезаи хушкитар аст. Чунончи фарбеҳӣ аз гӯшти сифт ва сахт ва сурхии хун дар ранги ошкор бошад, он омезаи гарм ва намур ба андозае, ки он аст. Агар чоқӣ аз чарбӣ бошад ва тан шул ва хун кам, омезаи он ба сардӣ ва намурӣ ҳамроҳ аст. Ҳамоҳангии андомҳо ва нигаҳ доштани андозаҳо дар ҳангоми андозагирӣ яке ба дигаре нишондиҳандаи наздикӣ ва баробарии андозаи омезаҳо аст ва тафовути онҳо дар чунин ҳангом нишондиҳандаи ин аст, ки омезаи андомҳо яксон намебошад, ба якдигар наздик нест.

Кушодагии фазоҳои даруни андомҳо ва каналҳо ва ҷойгоҳи ирсолии онҳо нишони гармии омеза аст. Борикӣ ба тангии онҳо сардии омезаро нишон медиҳад.

### Дастмолиш

Дар даст молидани тани гарм, гармиро ва тани сард, сардиро ва тани нарм, намуриро ва тани суфт ва зибр,

хушкиро нишон медиҳад. Чунончи, ба ҳангоми дастмолиш гармиро ба ҳамроҳи нармӣ дар намоён бошад, омезаи он гарм намур ва агар ҳамроҳи он бо зибрӣ бошад, гарму хушк мебошад. Чунончи нармӣ бо сардӣ ҳамроҳ бошад, намоишгари омезаи сарди намур ва агар ба ҳамроҳи он зибрӣ бошад, омезаи сарди хушк аст. Бештари танҳои сард дар дастмолиш, нармӣ доранд. Албатта дар танҳои сард зибрӣ низ дида мешавад, вале тани сард омезаи зибр наметавонад бошад.

## Коркардҳои тан

Коркардҳои табиӣ ҳамчун, иштибоҳҳо, гувориш, болидагӣ ва парвариши шаҳват ва бузург шудан ва набз мебошад.

Чунончи набз нерӯманд ва шитобон бошад, намоишгари омезаи гарм аст ва агар кунд ва суст бошад, нишонаи омезаи сард хоҳад буд. Он чӣ вобаста ба равон бошад, ҳамчун ҳуш ва тундсухангӯӣ ва пургӯӣ ва ҷунбиш ва варзиш ва бебокӣ ва диловарӣ нишонаи омезаи гарм ва з-он сӯи онҳо, омезаи сард аст. Пасмондаҳое, ки аз тан берун мераванд чун пайхол ва пешоб ва арақ ва мӯ нишондиҳандаи омезаҳои гуногунанд. Намунаи он бисёрии мӯ ва тундиравишӣ ва фушурдагӣ ва сиёҳӣ ва печиш ва сифтӣ ва зибрии мӯ нишонаи омезаи гарм ва з-он сӯи он, омезаи сардро гувоҳӣ медиҳад. Бӯи бади арақ нишонаи омезаи гарм ва бисёрии он намоишгари омезаи намур аст ва з-он сӯи он. Хушкӣ ва андаке пайхол ва рангин ва бадбӯй будани пешоб омезаи гармро нишон медиҳад.

## Нишонаҳои тани ҳамоҳанг ва миёна

Ранги тани ҳамоҳанг ва миёна, сафед моил ба сурхӣ аст, ки дар дастмолиш на сард ва на хеле гарм ва нарм аст ва гироиши бештаре ба сардӣ ва зибрӣ дорад. Андозаи он миёни лоғарӣ ва гӯштӣ аст, ки ба пургӯштӣ наздиктар аз лоғарӣ аст, бавижа, агар дар андешаи хушгузаронӣ ва шиносоӣ бошад. Мӯи ӯ миёна дар фушурдагӣ, нозукӣ, сиёҳӣ, бурӣ, печ доштан ва лахтӣ ва софӣ аст. Рухсорааш на пурмӯй

на бемӯй мебошад. Дар анҷоми корҳои табиӣ ва равонии тан миёнарав аст. Шаҳватрон нест ва на нотавонии ҷинсӣ низ надорад, балки миёнаи ин ду мебошад, на шабзиндадор ва на пайваста дар хоб ва на шитобанда ва на хунсард аст.

Пасмондаҳое, ки аз тани ин афрод берун меравад бар пояи ҳамоҳангӣ ва миёнагии ҳолатҳои ёдшуда аст, ба таври куллӣ ҳолати он миёни ҳолатҳои берун аз ҳамоҳангӣ аст. Рагҳояш на танг ва пинҳон ва на кушод ва намоён аст, ово ба танаффусу набз ва ҷунбишҳои ӯ миёна дар бузургиву кӯчакӣ ва кундиву тундӣ мебошад.

## Нишонаи тани гарм

Танҳои бо омезаи гарм боландагии тундтаре доранд ва дар дастмолиш гарманд ва камгӯшт ва лоғар буда, рагҳои намоён, ҷунбишҳои тунд ва тез дошта, бебок ва нотарс, камхобанд. Мӯйҳои фаровон ва сиёҳ ва печишӣ дошта ва сабзрӯ мебошанд.

## Нишонаи тани сард

Тани бо омезаи сард дорои боландагии кунд ва руиши оҳистаи мӯйанд. Дар анҷоми корҳояшон кунданд, набзи ором, танаффуси бе ово, сардии онҳо дар дастмолиш ҳувайдо аст. Нерӯи ҷинсӣ ва тухмрезии (тавлиди мисл) онҳо пойин ва пурхобанд.

## Нишондиҳандаҳои тани намур

Ин тан дар дастмолиш хеле нарм нишон дода мешавад, шулгӯшт, дорои аъсоби ором, устухонҳо ва бандҳои камтавон, пӯсти шӯл ва суст, ки шояд аз «хастагӣ» бошад, ки зуд низ шикаста мешавад, чоқ ва пурхоб ва кундандеш ҳаст.

## Нишонаи тани хушк

Тан бо омезаи хушк, зибр, лоғар, сахт ва нерӯманд аст. Пӯсти эшон кулуфтӣ мебошад. Хунсарданд ва дар хастагӣ бурдбор мебошанд, бандҳо ва зардпойҳои тани эшон намоён аст. Тан ва рухсораи пурмӯй бо ранги сабзаи тунд доранд.

## Нишонаи тани нарми хушк

Дорои мӯйи фаровон ва баланд ва сиёҳ ва фушурда ва тани камгӯшт ҳастанд. Дар дастмолиш гармии ошкор доранд, пӯсти эшон кулуфт аст, зибрхӯянд. Аъсоби нерӯманд доранд, зардпайҳо ва устухонҳо ва бандҳояшон намоён аст, камхобанд, дорои набз ва ҷунбишҳои тунд ва гармӣ дар дастмолиш, диловар ва бебок ҳастанд.

## Нишонаи тани сарди намур

Дастмолиш хеле нарманд. Ишон тос ва ё дорои мӯйи лахт ва соф ва рагҳои танг ва пинҳон ва бандҳои пурчарбӣ, фарбеҳгун мебошанд, суст ва пурхоб, танбал, кунд дар ҷунбишанд. Ҳолатҳои танҳои сард ва хушк, гарм ва намур миёни ҳолатҳои такии онҳо аст. Ҳолати таркибии онҳо ба андозаи гироиш ба ҳар кадом аз авомил ва ё решаҳост ва ё комилан миёнаи онҳо мебошад.

## Нишонаи омезаҳои мағз ва рехти онҳо

Шакли мағз аз рехти косаи сар пайравӣ мекунад. Ҳарчи косаи сари кӯчактар, мағз низ хурдтар аст. Чунончи шакли он дигаргун шавад, рехти мағз низ з-он пайравӣ мекунад. Аз ин рӯ, сари кӯчак ва ё бисёр бузург ҳар ду ғайри маъмуланд. Гунаи бадформи он монанди ҷойи атрдон ё кифи хонумҳост. Беҳтарин шакли сарҳо бояд аз назари бузургӣ ва гирдӣ муносиб ба табиӣ, каме барҷастагӣ дар ҷилав ва ақиби он, андаке ноҳамворӣ (фурӯрафтагӣ) дар ду сӯйи сар ва канори ду гӯш бошад.

Агар омезаи мағз гарм бошад, дар дастмолиши сар намоён аст ва ҳамчунин чеҳраи гармтар ва чашмҳои сурх ва рагҳо ошкор аст. Мӯйҳои сари эшон зуд ва тунд равиш меёбад. Мӯйи эшон фушурда, сиёҳ ва печхурда ва нерӯманд ва камхоб ва зуд хушк мешавад. Мӯйи эшон дар баробари бодҳои тунд парешон мешавад. Сангинӣ ва анбоштагӣ (имтило)-ро дар сар зуд эҳсос мекунанд.

Дидгоҳи онҳо ноустувор ва зуд дигаргун мешавад. Ва низ зуд назар медиҳанд. Онҳо дорои ҳуши боло ва дар корҳои равонӣ суръат доранд. Омезаи сард з-он сӯи омезаи гарм аст.

Дорандагони чунин омеза камхоб ва кундзеҳнанд. Мӯйи сари эшон лахт буда ва сиёҳии кам доранд. Пайваста дучори сармохӯрдагӣ мешаванд. Бо бараҳнагии сар осеб мебинанд ва ҷунбиши пилакҳои онҳо кунд аст. Омезаи хушк бо рӯиши тунди мӯй, качалии зудҳангоме ҳамроҳ аст. Шабзиндадории бисёр доранд ва оби бинии эшон сарозер намешавад, магар он ки гирифтори беморӣ шаванд. Ҳеҷ гоҳ дучори зуком ва сармохӯрдагӣ намешаванд. Омезаи намур з-он сӯи он аст. Мӯйи нозук ва тунуке ва бо рӯиши кунд доранд, вале тос намегарданд ва оби бинии эшон пайваста сарозер аст. Ҳамвора дучори сармохӯрдагӣ мешаванд. Хоболуд ва кундҳавосанд. Омезаи гарми хушк, мӯйи гарми нерӯманд доранд, ки бо равиши тунд ва ҳамвора аст. Дар назардиҳӣ шитобанда амал мекунанд ва ҳисгарии хубе доранд. Саррези пасмондаҳои эшон андак аст. Омезаи сарди намур з-он сӯи он аст, пурхоб, танбал, кунд ҳастанд, качал намегарданд, зуд ва ҳамвора дучори сармохӯрдагӣ мегарданд.

Омезаи гарми намур ва сарди хушк ба андозаи гироиш ҳар кадом ба авомили аввалияи ҳар як дорад ва дар пайи он нишонаҳои он ошкор мешавад. Ва чунончи ин ду (гарми намур ва сарди хушк) мутаносиб бошанд, нишонаҳои онҳо низ ба таносуби таркиби онҳо хоҳад буд.

### Нишонаи омезаи дил

Чунончи омезаи дил гарм бошад, набз ва танаффус тунд ва пайваста хоҳад буд. Синаи эшон пур ва фушурда аз мӯй аст дар дастмолиш синаи гарм доранд. Дорандаи он диловар, бебок ва нерӯманд аст. Дил дар ҳолати бузургӣ ва кӯчакӣ, омезаи худро нишон медиҳад. Бузургии сина, нишонаи вижаи гармии дил аст, ба вижа агар бузургии он ба ҳамроҳи кӯчакии сари (одамӣ) бошад ва бузург набошад. Дар чунин ҳолате ғайр аз нишонаи гуфташудаи мо ниёз ба нишонаи дигаре надорад, вале агар сина кӯчак ва сар бузург бошад, нишондиҳандаи кӯчакии дил ва сардии омезаи он аст. Чунончи бузургии сина ба ҳамвораи бузургии сар ё кӯчакии сина ба ҳамроҳи кӯчакӣ бошад, беҳтар аст

нишонаҳои дигарро низ баррасӣ кунем. Чунончи омезаи дил сард бошад, ба ҳамроҳи он набз ва танаффус оҳиста ва сина аз мӯй бараҳна бошад. Ин сардӣ дар дастмолиши он эҳсос шавад, дорандаи ин омеза тарсу ва танбал аст.

Дар омезаи хушк набз сахт, сина камгӯшт ва лоғари хушкида аст. Ҳамчунин дорои рагҳои пайдо ва пӯсти кулуфте мебошад. Дар омезаи намур набз гарм ва ором аст. Сина бараҳна аз мӯй ва нарм ва шодоб мебошад. Дар омезаи гарму хушк набз сахт, пайваста ва шитобон аст ва синаи пурмӯй ва дар зери ноф мӯйҳои фушурда ва сутург ва танаффуси амиқ ва пайваста аст ва ҳамаи тан дар дастмолиш гарм мебошад. Бадан пур моҳича ва лоғар (камчарбӣ) аст. Ӯ бисёр хашмгин, нотарс, чолок ва ачул ва бепарво ва пурдил мебошад, вале дар омезаи сарди намурӣ дуруст з-он сӯи ин ҳолатҳои гуфташуда мебошад.

## Нишонаи омезаи ҷигар

Нишонаҳои чун бузургӣ ва фарохии рагҳои баромада аз ҷигар ва юбусат ва бисёрии иштиҳо ва нерӯи ҷинсӣ ва сохтани фаровони зардоб ва рангин шудани пешоб ва пайхол ва ташнагии фаровон ва осеб дидан аз хӯрдани хӯрокҳои гармозо ва фаровонии мӯй дар поёндидандҳо (шаросиф) баёнгари гармии омезаи ҷигар аст. Омезаи сарди ҷигар дорои нишонаҳои з-он сӯи гуфташудаи мо мебошад. Хушкии (омеза), камхунӣ ва хушкии тан ва лоғарии шикам ва шодобии андак нишона медиҳад.

Омезаи намур нишонаҳои з-он сӯи онро дорост. Омезаи гарм ва хушк нишонаҳои бисёр пойдор ва нерӯманд дорад. Ҳамчунин дар омезаи намур ва сард, нишонаҳои омезаи сард намоён ва ошкор мешавад. Омезаи гарму хушк нишонаҳои бисёр пойдор ва неруманд дорад. Ҳамчунин дар омезаи намуру сард, нишонаҳои омезаи сард намоёну ошкор мешавад.

## Нишонаҳои омезаи шуш

Агар омезаи шуш гарм бошад, ово кулуфту нафас фароғ (амиқ) ва синаи бисёр кушод хоҳад буду ва фурӯбудани

ҳавои сард барояш каму зиён ва кашидани ҳавои гарм (ба дарун) барои шуш зиёни бузург дорад. Чунончи омеза сард бошад, з-он сӯи он аст ва агар хушк (омеза) бувад, ово расо ва берун рондани пасмонда ва гарм шудани сари ночиз ё нахоҳад буд ва чунончи (омезаи) намур бошад, вижагиҳои он з-онсӯст. Нишонаҳои омезаҳои таркибӣ ба вижагии ҳар яке аз ҷузвҳо баргирифташуда дар таркиб аст.

## Шинохти омезаи шикамба

Чунончи шикамба омезаи гарм дошта бошад, гувориш (хӯрок) беш аз иштиҳо хоҳад буд ва дар он хӯрокҳое зудгувор монанди гӯшти парандагон ва бузғола табоҳ мешавад ва хӯрокҳои сифт (дергувор), монанди гӯшти гову ҳалим (ҳариса) некӯ гуворида мешавад ва ташнагӣ афзоиш меёбад ва шахс наметавонад ҷилави хӯрдани худро бигирад ва бар асари он шахс дучори сардард ва саргиҷӣ шуда ва бисёр хашмгин мешавад.

Агар (омеза) сард бошад, нишонаи он з-он сӯст, пас иштиҳои ӯ беш аз андозаи гувориданаш аст ва фарди хушхӯрок аст ва сабаби табоҳии хӯрокиҳои сангин мешавад. Бӯи оруғ дар ҳангоми табоҳи хӯрок дар шикамба турш аст, вале дар омезаи гарм ҳангоми табоҳи хӯрок дар шикамба, бӯи дудмонанде дорад. Иштиҳои бештар ба хӯрокиҳои сард дорад ва дар пурхӯрии он зиён мебинад.

Агар шикамба омезаи намур дошта бошад, ташнагӣ кам ва пайхол намнок мешавад ва дил ба ҳамхурдагӣ боло овардан зудтар ба ӯ рӯй меоварад, саргиҷӣ ва саргаштагӣ ва тори чашм дар ӯ бисёр намоён мешавад.

Агар омезаи хушк бошад, з-он сӯи ин вижагиҳост: ташнагӣ афзоиш ва пайхоли хушк ва ҳангоме ки гуворидани шикамба кунд мешавад, поин рафтанаш низ сахт мегардад ва иштиҳои ӯ каму низ ростин нахоҳад буд. Агар з-он сӯи он бошад, иштиҳояш бисёр хоҳад буд. Чунончи, одамӣ дар як бор хӯрдан, пурхӯрӣ барояш сангинӣ пеш оварад, беҳтар аст, он андозаи хӯрданро дар чандин бор бахш кунад, чун дигар

гирифтори сангинӣ нахоҳад шуд. Анҷоми ин шеваи хӯрдан осону сабук ба ҳамроҳ хоҳад дошт. Боиста аст, ки ҳамвора ин равишро думбол кунад. Ин нишондиҳандаи шикамба нерӯманд, вале бо андозаи кӯчак мебошад.

### Нишонаҳои омезаи хояҳо

Чунончи омезаи он гарм бошад мӯи пиромунаш бисёр ва фушурда аст ва дорои нерӯи ҷинсии неруманду оби мардонаи бо ҳамбастагии боло, булуғ ва рушд зудтар мебошад. Рагҳои нарина барҷаста ва намоён ва зардии пайҳои он ситабр ва пӯсти перумуни нарина ва хоя зибру кулуфт аст. Агар омезаи сард бошад, нишонаҳои з-он сӯст, ки гуфтем. Чунончи (омезаи) хушк бошад, оби мардона коҳишёфта, сифттар хоҳад шуд ва таҳрики ҷинсии кам аст, на ин ки нотавон бошад. Дар омезаи намурӣ оби мардона афзоиш меёбад ва обе, ки тар аст ва таҳрики ҷинсӣ кунд ва нарина шил мегардад, чун зардпаёҳои неруманде надорад. Пӯсти нарм ва бемӯ дорад. Чунончи, омезаи гарм намур бошад, дорои нерӯи ҷинсии бисёр ва оби мардона фаровон аст. Вай шаҳватрон ва нерӯманд дар наздикӣ мебошад, вале агар сарду хушк бошад, нишонаҳои он з-он сӯст.

### Гӯшаҳо ва нукоте, ки барои шинохти омезаҳо бад-он ниёз ҳаст ва з-он метавон кӯмак гирифт

Омезаи тан ба монанди омезаи андомҳои фармондиҳӣ ҳамчун мағзу дилу ҷигару хояҳо аст. Тандурустарини он ба монанди ин андомҳо, бавижа дилу мағз аст ва бадтарини он гунае ба монанди ин андомҳо набошад. Касоне, ки бо таваҷҷуҳ ба син ва шаҳр ва дурандешӣ дар пойбанди тандурустии худ, ин омезаҳоро ҳамвора ба гунаи миёна дар тан устувор нигаҳ медоранд, ҳамеша аз тандурустӣ баҳраманд хоҳад буд. Тани кӯдак аз (тани) дигар синҳо намуртар ва тани солмандон хушктар аз дигар синҳост. Ҳамвора бар хушкии тани одамӣ аз рӯзи зода шудан то солхӯрдагӣ ва куҳансолӣ афзуда мешавад.

Дар поёни пирӣ фароянде ҷуз чирагии хушкӣ бар тан дида нахоҳад шуд. Пасмондаҳои берунрондашуда дар солхӯрдагон ба ҳамроҳии сурфа ва оби бинӣ дар фазоҳои дарунии андомҳо анбошта ва тира ва намуриҳои онҳо коста мешавад, зеро коҳиши ҳарорати ғазизӣ ва нотавонӣ аз гувориш ва дигаргунии хӯрок рух додааст. Аммо бархе аз андомҳо бисёр хушканд ва дар онҳо тирагӣ ва хушкию камии дурахшандагӣ ва андаке обу пажмурдагӣ намоён аст. Ҳарорати кӯдакон бештар, вале дар ҷавонон нерӯмантар мебошад.

Омезаи солхӯрдагон нисбат ба миёнсолон гарму намур ва нисбат ба навҷавонон сарду хушк аст. Шаҳрҳои бо обу ҳавои гарм, омезаро хушктар ва пӯсти танро месӯзонад ва шахсро хашмгин менамояд, вале андомҳои даруниро сард нигоҳ медорад, дар шаҳрҳои сард намуреро мондагору пӯсти танро ҳамчун касоне, ки омезаи сард доранд, нарму бе мӯ мекунад, вале андомҳои дарунӣ гармои бештар аз андомҳои берунӣ ба даст меоваранд, аз ин рӯ мӯҳои печдор чун ҳабашиён ва сабзарӯи чун арабон нишонаи гармии омезаи эшон нест. Нармии пӯсти туркону бемӯӣ ва сапедии онҳо нишонаи сардии омезаи онҳо низ намебошад. Чун андомҳои даруни туркон бисёр гармтар аз тани ҳабашиён аст ва тани ҳабашиён бисёр хушктар аз тани туркон мебошад.

Шаҳрҳои бо обу ҳавои миёна дар гармию сардӣ нишонаҳои ошкоршудаи тани ҳолати дарунии эшонро гувоҳӣ медиҳад ва ҳамчунин нишондиҳандаи ба даст овардани омезаҳои гуногун мебошад. Пас дорандагони чунин нишонаҳо агар хӯрдану ошомидану хобидану оромишу нармиро ба гунае афзоиш дода бошанд, намоишгари он аст, ки эшон омезаи намур ба даст овардаанд, ки з-он сӯе омезаи хушк хоҳад оварда. Аз ин рӯ, ҳар гоҳ касеро чоқу пургӯшт диданд, ки ба ҳамроҳи он кушодии рагҳо дорад, хоҳем донист, ки бузургию чоқӣ, ки ба даст оварда, ҳолати табиии вай нест ва беҳтар аст миёни фарбеҳӣ ва пурчарбӣ тафовуте гузошта шавад, зеро фарбеҳӣ ва пургӯштӣ аз бисёрии хун ва омезаи гарму намур аст, вале бо чарбӣ будан аз бисёрии намурӣ ва омезаи сард аст.

### Ёдварии нишонаҳои хурд, ки метавон аз онҳо ҳамроҳ бо дигар нишонаҳо барои шинохти омезаҳои гуногун кӯмак гирифт

Овои баланду дурушт нишонаи омезаи гарм аст ва нарму хоболуд будан нишонаи сардӣ аст.Тундсухан гуфтан ва тунд пилк задан нишонаи омезаи гарм аст. Бинии борику нӯги тези зебо ва гардани дарозу гулӯи берунзада ва барҷаста ва садои кулуфт нишонаи омезаи хушк аст.

Бузургии чашм, рехту дурушти барҷастаги он нишондиҳандаи омезаи намур аст. Чашми бузург, ки дар паҳнои сурат кашида шуда ба монанди чашми туркон нишонаи омезаи намур аст. Зибри мӯ ва истода будани он ва паҳнии нӯги бинӣ ва пургӯштии гунаҳо ва каммӯ бар рухсора ва гирифтагии забон нишонаи гармомезаи намур аст. Бӯи бади тан ва даҳон нишондиҳандаи омезаи гарм аст ва кабудии ҳамроҳ барафрӯхтагии сурат ва омоси пилки поин намоишгари сустии ҷигар ва парокандагии дандонҳо ба борикию нозукӣ ва суст будани онҳо нишонаи сустии тану кутоҳии умр аст.

Кӯтоҳии ангуштону кулуфтии онҳо намоишгари омезаи сарду намур аст. Нармии нохунҳо ва нозукию ҳамвории он нишонаи омезаи намурӣ ва нармии кафи дастҳо ва поҳо намоёнкунандаи нотавонӣ ва камбуди ҳарорати ғариза мебошад.

### Нишонаҳои коҳиши тавон

Кундӣ ва ларзиш ҳангоми корҳои сахт ва сустӣ пас аз наздикӣ ва фуруҳуштагӣ пас аз нӯшидани сардӣ ва нармии бандҳо ва борикии зардпайҳо ва нозукии пӯст, ки бештар дар дорандагони омезаи намур аст.

### Омезаи андомҳо ва омехтагии онҳо

Дил, гармтарин андом аст ва тан гармои худро з-он ба даст меоварад, ки ба монанди мояи нахустин ва сарчашмаи ҳарорати ғазиза аст, пас аз дил, ҷигар ва пас аз ҷигар, гӯшт (моҳичаҳо) гармтаранд ва чарбии сардтар аз гӯшт аст.

Омезаи мағз сардтар з-он мебошад.

Омезаи ғузруфтҳо ва риботҳо ва зардпайҳо ва бофтҳои девори рагҳо ва ниёмҳо сарду хушканд, ҷуз устухонҳо.

Омезаи пӯст миёна аст бавижа кафи дасти одамӣ.

Омезаи пай онҳое, ки аз мағз мерӯянд, намуртар ва бахше, ки аз нахоъ мерӯяд наздик ба омезаи пӯст аст.

Омезаи бофтсозандаи шир ва оби мардона ва оби даҳон сард намур аст.

Бофти гӯшт бо дигар андомҳо мутафовид мебошад, аз ин рӯ, ҳар кадом ба танҳоӣ омезаи вижаи худро хоҳад дошт. Омезаи бофти шуш бо омезаи бофти гурда тафовут дорад ва сухан дар бораи ин мавзӯъ ва густариши он берун аз андозаест, ки ҳадафи ин китоби мо мебошад.

## Намуриҳо ва омехтагиҳо

Зардоб гамтарин омехтагӣ аст, ки хушк низ мебошад, балғам ва хун низ чунинанд. Балғам сарду намуртарин омехтагист. Талхоб (савдоъ) нисбат ба хун сард ва нисбат ба дигар омехтагиҳо хушк аст. Хун нисбат ба балғам тар ва талхоб нисбат ба зардоб намуртар мебошад. Ҳар кадомашон гунаҳое доранд, ки бархе аз гунаҳое балғам сардтар аз дигаре аст. Бархе аз гунаҳое зардобӣ аз назари чигунагӣ тундтар ва бадтар аз дигаргунаҳояш мебошад. Ва бархе аз гунаҳое хун беҳтар ва миёнатар аз гунаҳое дигаре худ аст. Бархе аз хунҳо ба омехтагӣ шабоҳати бештаре доранд то ба хуни пок то ҷое, ки он хунро бо омехтагии зардобӣ, талхобӣ ё балғамӣ мешиносанд.

## Шинохти анбоштагӣ

Чунончи фазоҳои рагҳо аз он чӣ доранд оканда шавад то гунае кашида шаванд ва бод кунанд, пизишкон ин ҳолати анбоштагиро имтилоъ) бар пояи фазои ҳуфраи рагҳо меноманд.

Гунаи дуюми анбоштагӣ ҳолате аст, ки маводе дар тан гирд меояд, ки беш аз ниёз хӯроки он мебошад ва табиати одамӣ наметавонад бахше аз онро барои тағзияи андомҳо ба кор барад чун нотавон аз табдил кардан ва чира шудан бар

онҳост. Пизишкон ҳолати анбоштагиро бар пояи нерӯ меноманд ва ҳар ду ҳолат нишонаи бемори мебошад.

### Нишонаҳои анбоштагӣ бар пояи фазои ҳуфраҳо

Сурхии ранг ва гармии тан кашидагӣ ва хастагии тан хамёза кашидан, хоболудагӣ ва низ анбоштагии рагҳо ва густурдагӣ ва хунрезии бисёр аз бинӣ ва аз лиса бо камтарин ҳаракати он, сангинии сар ва чашм ва ба вижа сардард ва кундии зеҳн ва ҳавосу набзи бузург аз нишонаҳои ин анбоштагӣ мебошад.

Ҳолати тан дар ин ҷо ба монанди ҳолати аз ҳол рафтан ва беҳушӣ аст, ки аз пурхӯрӣ ва пурнӯшӣ ва пурхобӣ ва ворафтагӣ аст.

### Нишонаҳои анбоштагӣ бар пояи нерӯ

Поин омадани иштиҳо ва сангинӣ дар ҳангоми ҷунбиш ва сустию танбалӣ ва сурх набудани ранги рухсора ва кашидагии андомҳо мебошад. Набз дар ин гуна анбоштагии бузург нест вале пешоби камранг ва нопухта мебошад.

### Шинохти чирагии омехтагиҳо

### Нишонаҳои чирагии хун

Нишонаи чирагии хун ба монанди нишонаҳои гунаи нахустин анбоштагӣ аст ва дар чоҳое, ки роҳ берункардани хун ба таври табии (ҳиҷомат) бошад, хориш падидор мегардад ва эҳсоси ширинии нобаҳангом пайдо шудани ҷӯш ва дамл ва ранги сурхи пешоб нишонаҳои дигари он аст. Чунончи дар синни навҷавонӣ ва бо тани шодоб ва пургӯшт бошад ва ҳамчунин хӯрокҳои хунсозе, ки пас аз ин хоҳем гуфтро хӯрда бошад, метавон чирагии омехтагии хунро дар тани ӯ пешбинӣ кард.

### Нишонаҳои чирагии зардоб

Зардии ранг ва талхии даҳон ба ҳамроҳи хушкию ташнагӣ бисёр ва поин будани иштиҳо ва дил ба ҳамхурдагӣ

ва боло овардани зардоб ва захроби сабзранг ва сӯзишҳои гуногун ва хушкии забон ва зибр будани он ва зардранг шудани сапедии чашм ва пешоб сӯзон ва обакеро аз нишонаҳои он ба шумор овард. Чунончи ҳамаи ин нишонаҳо ё бархе аз онҳо ошкор шаванд ва дар канори он вижагиҳои ҳамчун тобистону синни ҷавонӣ ва хӯроки кам ва гармо ва хастагии бисёр ва хоби кам ва омезаи тани гарм пешрав бошад, ҳамаи ин нишонаҳо пешбини бартарии зардобро боистатар мекунад.

## Нишонаҳои чирагии талхоб

Сӯзиши шикамба, афзоиши дуруғини иштиҳо, ранги паридагӣ, сиёҳӣ, сангинӣ, сифтии хун ва пешоби сиёҳу сурхи тирае, ки ба сабз мезанад, аз нишонаҳои он мебошанд. Тане, ки сохти талхоб дар он болост дар гурӯҳи танҳои сапеди чоқи бемӯ камтар аст, зеро талхоб дар ин танҳо гоҳе сохта намешавад. Сохти он дар танаҳои сабза, лоғар ва пурмӯ бисёр мебошад.

Танҳое, ки хурмоиранг ва сурханд ва ҳамвора дучори хастагӣ ҳастанд ва шеваи нодурустеро дар хурданӣ думбол мекунанд, ки ҳамон пайвастахории хӯрокиҳои созандаи талхоб дар тан аст, заминаи сохти талхобро бештар мекунанд. Аз ин рӯ, дар чунин тане ҳамеша афзоиши талхоб хоҳем дошт, ки дучори гол ва лаку ва пес (баҳақ) ва чурукҳои нохушоянду бузурги сипурзу дигар бемориҳои талхоб мегарданд. Ин нишонаҳои чирагии талхоб дар бештар маворид дида мешавад.

## Нишонаҳои бартарии балғам

Афзоиши бузоқу часбандагии он, коҳиши ташнагию сохти пешоби сапедранг ва танбалию кундию хоболудагӣ, шали шикам ва кундии гувориш аз нишонаҳои он ҳастанд. Дар канори инҳо бояд омезае сарду сармои зимистонро низ афзуд. Бо чирагӣ балғам, одамӣ камҷумбиш мешавад ва камтар дар паи варзиш меравад ва низ ба пурхӯрии ҳар гуна хӯрокӣ ба вижа балғамсоз, руй меоварад. Ҳамчунин гароиш

ба обтанӣ бо обҳои тоза ва гуворо ва хоб дидани бисёр пайдо хоҳад кард. Ҳамаи ин вижагиҳо нишонаҳои чирагии балғам мебошанд. Дар ҳоле, ки касе ба борону дарёҳо ва руду хонаҳо таввачуҳи бештар дошта бошад, ин таввачуҳ нишонагии чирагии «намурӣ» бар ӯ мебошад. Касе, ки ба оташ ва озарахшию ҷангҳо таввачуҳи бештар дошта бошад ин нишондиҳандаи чирагии зардоб аст ва агар таввачуҳи ӯ ба рангҳои сурх ва чизҳои рангин ва саргармиҳо ва хӯрокҳои ширин ва хунгири «ҳиҷомат» ва раг задан ва берун омадани хун бештар бошад, нишони чирагии хун аст. Чунончи таввачуҳи вай ба сиёҳию торикию ҳавлонокӣ ва тарснокӣ бештар бошад, нишондиҳандаи чирагии талхоб аст.

Агар касе дар хоб бибинад, ки дар барф (ях) ва ё ҷое сарду дар ҳоле озор дидан аз сармост, ин руъё намоишгари бартарии омезаи сардӣ дар ӯст ва з-он сӯ.

Агар касе дар хоб худро дар гармоба ё дар баробари хуршед бубинад ва ё боди бисёр гарм ё оташ бар ӯ мевазад ин нишондиҳандаи чирагии омезаи гармо дар вай мебошад.

Касе, ки хоби бисёр парвоз кардан ва афтодан бубинад, намоишгари омезаи хушкии мағз ва камии омехтагиҳо ва обакӣ будани он аст. Касе, ки худро дар хоб дар ҳоли бардоштани чизе сангин бубинад, нишонаи анбоштагӣ аст.

Фарде, ки дар хоб худро дар ҷоҳои бадбӯй дар ҳоли роҳ рафтан биёбад, дар тани вай омехтагиҳои гандида вуҷуд дорад ва з-он сӯ. Чунончи худро дар ҳоли гардиш дар гулистони сарсабз ва ҷойе, ки бӯйҳои хуш дорад бубинад, нишондиҳандаи миёна будани омехтагиҳо ва дурӣ аз гандидагӣ аст.

Касе, ки худро лоғар ва чурукида ва шитобон дар ҷойҳои танг ва санглох дар ҳоли рафтан бубинад, ин хоб нишон медиҳад, ки дар ҷойе аз дастгоҳи танаффуси ӯ тангӣ ё басташудан падид омада, ки аз нафас кашидани ӯ ҷилавгирӣ мекунад.

**Шеваи хариди бардагон**

Шоиста аст, ки ба ранги вай таваҷҷуҳи бештар шавад, чун агар ранги нопойдор бошад, нишондиҳандаи бемории

ҷигар ва сипурз ва ё шикамба аст ва ё хунрезӣ аз бавосир мебошад. Аз ин рӯ, бояд пӯсти тани бардаро дар рӯшноӣ ҷӯстуҷӯй кард, то чизе ба монанди лак ва пес камранг ва ё оғози лак ва песи камранг, ки муҷиби падид омадани «кубоҷ» аст аз диди ӯ пинҳон намонад.

Лак ва пес дар оғоз ниҳон аст, он гоҳ дар ҷойҳое аз тан лакаҳое ба ранги сапед ва сиёҳ падидор мешавад, сипас лака нерӯманд ва устувор мегардад.

Қубо дар оғоз зибр аст ва дар ҷойҳои аз тан падид меояд, сипас дар чанд рӯз рушд карда устувор мешавад. Агар дар ҷо-ҷои тан ҷойи холӣ холкубӣ ё сӯхтаи дида шавад, бадон бояд таваҷҷӯҳи вижае гардад, чун мумкин аст дар он ҷо бемории песӣ буда, ки сӯзонида шуда ё холкубӣ ё рангшудагӣ барои ниҳонкории он анҷом гирифта бошад.

Чунончи муддате з-он бигзарад ранги он ҷойгоҳ аз миён рафта ва лак ва пес дар ҷойи сӯзонидашуда ё холкӯбишуда густариш меёбад. Чунончи хол бошад, барои аз миён бурдани гумони худ, вайро ба гармоба бурда, ва бо оби гарм ва ашнон ва бурак ва сирка шустушӯ диҳад, сипас ӯро хуб вориснамояд.

Агар ҷойи сӯхтагӣ ё холкубӣ дар ҷойи ноҷур ва ҷолиби таваҷҷуҳ (перомуни дастгоҳи таносулӣ) бошад, бояд ба сахтӣ бадгумон шуд ва ӯро бисёр шустушӯ дод ва киса кашид ва перомуни онро ба хубӣ ворисӣ кард, чун ин ҷойгоҳ хеле чизҳоро ошкор мекунад, ҷойи пурсуҷӯ барои он мегузорад. Шунавоӣ ва шеваи сухан гуфтан ва хӯрди вайро баррасӣ кунанд, сипас мӯйҳои сару тани ӯроо чустуҷӯ намоянд, ки оё реши сар (саъфа) ва зардзахм ва шураи сар (ҳазоз) дида мешавад ё на?

Ҳамчунин чашми вайро баррасӣ кунанд, ки оё дорои устухони ҳамвор ва миёна аст? Оё биноӣ ва зулолии сапедии чашми ӯ ба андоза аст ё на? Оё торӣ ва торикии он пешогоҳии ҷазом аст? Чунончи дар он зардӣ дида шавад, нишони бемории ҷигар аст. Агар дар он рагҳои сурх бисёр намоён бошад, нишони хунрезист. Пилакҳояш аз назари тамиз будан ва осонии ҳаракат бояд баррасӣ шаванд.

Агар сахт ҳаракат бошад, дар бештар маврид як бемори голпилк ва ё омодагии дучор шудан ба онро дорад. Сахтӣ дар такон додани пилк бад аст. Чун дар ин ҳолат ӯ ниёз дорад пилкҳояшро ҳангоми бедор шудан бисёр молиш диҳад, то боз шаванд ва низ ба гӯшаи чашм (маоқ), ки наздики бинӣ (ба истилоҳ димоғ) аст, фишор диҳад, ки шояд таровише з-он берун биёяд, ки агар чунин бошад, нишонаи будани носур дар он ҷо хоҳад буд, мижжаҳо ва абрӯҳои ӯро хуб баррасӣ намояд, ки кам будани он ба вижа, агар ҳамроҳ бо гирифтагии садо ва сурхии рухсора бошад, бад аст.

Нафаси вайро аз бинӣ ва даҳон баррасӣ намояд, ки бӯйи бад надошта бошад. Дар офтоб бинии вайро аз назари кулуфтии гӯштолу будан ва каҷӣ баррасӣ кунанд, ки нишонаи гарм будани бавосир дар даруни он мебошад, ва осон нафас кашидани онро бубинанд.

Вазъияти дандонҳоро аз назари мураттаб будан ва нерӯмандӣ ва тамизӣ ва оё дар онҳо лақӣ ё хӯрдагӣ (пӯсидагӣ) ҳаст, баррасӣ кунанд. Чун дандонҳои нерӯманд нишонаи мондагории бештар аз дандонҳои нозук ва суст ҳастанд, ки зуд меафтанд. Ҳамчунин ҳушдордиҳандаи сустии ҳамаи тан низ мебошад.

Гардан ва рост будани онро ба хубӣ баррасӣ кунанд, онро бифушуранд ва бубинанд, ки оё ҷойи барҷастагӣ ва ё захм рӯйи он ҳаст ё на? Чун гардан ҷойгоҳе ҳаст, ки ба тундӣ ғадаҳои сахт (ханозир) дар он падидор мешавад.

Синаро бубинанд, оё паҳн гӯштолу мебошад? Чун борик ва лоғар будани шона ва пешогоҳии бемории сил мебошад. Ӯро ба пушт бихобонанд ва ҳамаи шикамаш баррасӣ кунанд, оё дар ҷойе барҷастагӣ дорад? Ва ё дарде ба ҳангоми фишор овардан бар он ба вижа, дар ҷойгоҳи ҷигар ва сипурз ва даҳонаи шикамба падидор мешавад ё на?

Ӯро водор ба роҳ рафтан кунанд ва тавони гом бардоштани ӯро баррасӣ намояд. Дастури гирифтани чизе ба ӯ диҳанд то тавони гирифтанаш дида шавад. Чунончи камтавон бошад, нишонаи сустии пайҳо ва омодагии фалаҷ шудани ӯ хоҳад буд.

Ӯро водор ба давидан кунанд, то ошкор шавад, оё дучори тангии нафас ва сурфаҳои сахт мешавад? Дастҳо, пойҳояшро бо якдигар андозагирӣ кунанд то яке аз дигаре кутоҳ набошад. Вазъияти бандҳо ва равон будани онҳоро дар такон доданҳо низ баррасӣ намоянд. Соқи пои ӯро ба хубӣ бубинанд, оё дар он рагҳои бузург кушодашуда дида мешавад, ки он метавонад ба вориси по ва ё бемории «пил пойӣ» бианҷомад. Аз инҳо гузашта дигар мавoридро бо зиракӣ аз роҳи шинохти омезаҳо кӯмак бигиранд ва ба даст оваранд.

## Нишонаҳои мӯй

Нармии мӯй тарсуӣ ва зибрӣ диловариро нишон медиҳад ва бисёрии мӯй бар шикам шаҳватронӣ ва бар тираи пушт диловарӣ ва бар шонаҳо ва гардан, бехирадӣ ва нотарсӣ ва бар сина ва шикам, камии ҳушро намоишгар аст. Мӯйи истода (сих шуда) бар сару ҳамаи тан нишондиҳандаи тарсу будан аст.

## Нишонаи ранги пӯст

Ранги хурмоӣ ва сурх намоишгари бисёрии хун ва ҳарорат ва ранге, ки миёнаи сапед ва сурх ва ҳамроҳи он пӯсти бе мӯй бошад, миёна будани омезаро нишон медиҳад. Ва касе, ки дорои ранги сурхи оташин аст девона ва оҷул ва фарде, ки ранги сурхи мулоим дорад, ҳамвора хиҷолатӣ аст. Ва касе, ки сабзаи тунд аст бадахлоқ мебошад.

## Нишонаҳои чашм

Касе, ки чашмҳояш дурушт бошад, танбал аст ва фарде, ки чашмҳояш фурӯрафта бошад, зирак ва нобакор аст, касе чашмҳояш берунзада аст дар бештари маврид бешарм ва луда (шӯх) ва хандон ва нодон аст.

Агар чашм дар дарозии тан (боло ва пойин) гардиш кунад, дорандааш фиребкор ва палид аст. Фарде, ки чашмаш хеле сиёҳ бошад, тарсу аст. Касе, ки ранги чашмаш монанди ранги чашми буз бошад, нодон аст.

Шахсе, ки чашмонаш ба тундӣ ҳаракат кунад ва тезбин бошад, фиребкор ва дузд аст. Касе, ки ҳаракати чашмонаш кунд ва истода бошад, андешаманд ва фиребкор аст.

Касе, ки нигоҳаш занона бошад, бе он ки заннамо бошад, шаҳватрони лофзан аст.Чунончи нигоҳи марде ба нигоҳи кӯдакона ва ханда ва шодӣ дар симояш бошад, умри дароз дорад.

Фарде, ки чашмони дурушт ва ларзон дорад, танбал ва бекора ва занбоз аст. Агар касе чашмони обӣ, кӯчак ва ларзон дошта бошад, бешарм ва фиребкор ва занбора аст. Чунончи чашмонаш сурх ҳамчун ахгар бошад, шарур ва бисёр пурдил аст. Чашми сиёҳ намоишгари танбалӣ ва кундӣ аст. Чашмони обие, ки дар он зардӣ дида шавад (монанди он, ки бо заъфарон ранг шуда бошад) нишони пастии ахлоқ аст. Касе, ки чашмаш ба ҳар ангезае обиранг бошад ва ба сапедӣ бигирояд, тарсуст ва фарде, ки чашмонаш зард бошад, низ тарсу аст.

Нуқтаҳои фаровон перомуни мардумаки чашм нишондиҳандаи шарорати дорандааш аст, чунончи ин нуқта дар чашмони обӣ бошад, дорандаи он шарур аст.

Чашме, ки дар перомунаш чизе ба монанди наворӣ фарогирифта бошад, дорандааш фарде рашкбар, кинахӯ, луда, тарсу ва шарур аст. Чашмоне, ки ба монанди гов аст, нишондиҳандаи бехирадии дорандааш мебошад. Чунончи чашми сиёҳ буда, сипас ба гунае заркорӣ шуда, ранги зард ба худ гирифта бошад, дорандаи он хунхор ва хунрез аст.

Чашмони ба боло баргашта, ки ҳамчун чашми гов бо сурхии бисёр бошад, дорандааш нодон ва зинокор ва ҳамеша маст аст.

Беҳтарин чашм, чашмони мешӣ аст, ки меши он хеле дурахшандагӣ надошта ва дар он зардӣ ва сурхӣ ошкор нашавад, ки нишондиҳандаи сиришти хуб аст.

Дорандаи чашмони обӣ, ки дурахшандагӣ дорад ва ба зардӣ ва сабзӣ ҳамчун фирӯза мегирояд, паст ва палид аст ва агар ба ҳамроҳи он нуқоте сурх чун хун ва ё сафед бошад, дорандаи он бадтарин мардум ва зирактарини эшон мебошад.

Чунончи мардумак барҷаста ва бахшҳои дигари чашм ба андоза бошад дорандааш бехирад аст. Чунончи чашми фурӯрафта ва кӯчак бошад, дорандаи он рашкбар ва бехирад аст.

Агар чашм барҷаста ва кӯчак, ба монади чашмони харчанг бошад, нишони нодонӣ ва гироиш ба шаҳватронӣ аст. Чунончи чашми кӯчак, камҷунбиш бошад ва хеле дар канорҳо ду-ду бизанад, дорандааш паст ва фиребкор аст.

Агар пилкҳои чашми касе бе он, ки бемории вижае дошта, шикаста ё чинхӯрда ва печида бошад, дорандаи он дуруғгӯй, фиребкор ва бехирад аст.

Дорандагони чашмони кӯчак ва хеле ларзон, афроде шарур ҳастанд. Чунончи чашме дурушт бошад, аз шарорат коста ба бехирадии ӯ афзуда мешавад. Дорандагони чашмони бисёр обӣ шарур ва хиёнаткоранд. Чашмоне, ки ҳамвора дар канораҳо чархон бошад, нишонаи тарс ва девонагии эшон аст. Касоне, ки чашмонаш аз бисёрии ранги обӣ ба сапедӣ мегироянд тарсу ҳастанд.

## Нишонаҳои абрӯ

Дорандагони абрӯвони пургӯшт бисёр ғамгин ва сустсухан ҳастанд. Агар абрӯ баланд ва дарозшуда, то ба гичҷгоҳи, дорандаи он худбин, гумроҳ, лофзан аст. Ҳамчунин касе, ки абрӯи ӯ аз сӯи бинӣ ба поин бигироянд ва сӯи гаҷгоҳ ба боло равад, дорандаи он газофагӯ ва бехирад аст.

## Нишонаи бинӣ

Касе, ки канораи бинии борик дошта бошад, дӯстдори душманӣ ва касе, ки бинии кулуфтӣ ва пул дошта бошад, камфаҳм ва фарде, ки канори бинии борик ва дароз дорад, камхирад ва беэҳтиёт аст. Ва фарде, ки бинии паҳн дорад, шаҳватрон ва касе, ки сӯроххои бинии бодкарда дорад, бисёр хашмгин мебошад.

## Нишонаҳои пешонӣ

Касе, ки пешонаи паҳн ва густурда ва бечину шикан дошта бошад, фарди ситезаҷӯй ва ошӯбгар аст, шахсе, ки

пешонаи ахм ва гироиш ба миёна дорад, бисёр хашмгин аст ва он, ки пешонии бузург дорад танбал ва он касе, ки пешонаи кӯчак дорад, нодон ва касе, ки пешонии бисёр пурчину шикан дорад, газофгӯ аст.

### Нишонаҳои даҳон ва лаб ва дандонҳо

Касе, ки даҳони кушод дорад, хеле бо фаҳм ва диловар ва касе, ки лаби кулуфт дорад, бехирад ва бадсиришт ва касе, ки лаби камранг дорад, пайваста бемор аст ва касе, ки дандонҳои суст ва борик ва пароканда дорад, нотавон ва касе, ки дандони неши баланд ва нерӯманд дорад, шарур аст.

### Нишонаҳои симо ва чеҳра

Чунончи симои одамӣ ҳолати чеҳраи шаробхоронро дошта бошад, ҳамвора маст аст. Агар чеҳраи хашмгин дошта бошад, ҳамеша хашмгин ва агар шармгин аст. Ва агар рухсораи шармгин дорад, пас камрӯ мебошад. Чунончи симои гӯштолуд дошта бошад, танбал ва нодон аст. Агар гунаҳои ӯ пургӯшт бошад, дорои сиришти тунд аст. Агар симои ӯ лоғар бошад, бисёр бофаҳм ва арзишгузор аст.

Касе, ки рухсораи кӯчак дошта бошад, паст ва чоплус ва нобакор аст. Агар сурати бисёр гирд дошта бошад, нодон аст. Агар бузургии чеҳра бисёр бошад, танбал аст. Касе, ки сурати дароз дошта бошад, хеле бешарм аст.

Касе, ки симои густох дорад, бадахлоқ аст, магар ба нудрат. Касе, ки гиҷгоҳ ва раги гардани бод карда дошта бошад, бисёр хашмгин аст. оҷул

### Нишонаҳои гӯш

Касе, ки гӯши баланд дорад нодон ва дарозумр аст. Он ки гӯши кӯчак дорад, нишонаи нобакорӣ ва кӯтоҳумр аст.Касе, ки гӯши овехта дорад, кӯтоҳумр аст.

### Нишонаҳои ово ва сухан ва танаффус

Касе, ки садои зумухт дорад, бепарво ва диловар аст. Касе, ки тунд сухан мегӯяд, оҷул ва камфаҳм аст. Касе, ки

баланд ва тунд сухан гӯяд, пас оҷул ва бадахлоқ ва бисёр хашмгин аст. Касе, ки нафаси баланд дорад, фурӯмоя аст. Касе, ки овои сангин дорад, пурхӯр аст. Касе, ки тудмоғӣ сухан гӯяд, рашкбар ва ниҳонӣ ба мардум бадӣ мекунад. Дар поён овои дурушт ва бам нишонаи бехирадӣ ва камҳушии дорандааш мебошад.

### Нишонаҳои гӯшт (моҳича)

Моҳича ва гӯште, ки бисёр суфт ва сахт бошад, нишонаи сахтфаҳмӣ ва кундҳиссӣ аст ва гӯшти нарм намоишгари хубии фаҳм ва сиришти дорандааш мебошад.

### Нишонаи ханда

Касе, ки бисёр механдад, нармхӯ ва хушрӯ аст ва таваҷҷуҳ ва аҳамияти камтар ба масоил дорад. Касе, ки кам механдад, з-он сӯи он аст ва аз коре, ки мардум анҷом медиҳад, хушнуд нест. Касе, ки баланд механдад бешарм аст. Касе, ки ҳангоми ханда дучори сурфа ё тангии нафас мешавад, фарди пургӯ ва густох ва пур сару садост.

### Нишонаи ҳаракатҳо

Ҳаракатҳои кунд нишонаи кундӣ ва тунд нишонаи беэҳтиётӣ аст.

### Нишонаҳои гардан

Касе, ки гардани бисёр кӯтоҳ дорад, фиребкор ва палид аст. Шахсе, ки гардани дароз дорад, фарёдзананда ва доду бедодкун ва бехирад ва бадахлоқ ва тарсу аст. Касе, ки гардани кулуфт ва нерӯманд дорад, дорои омезаи асабӣ ва хашмнок ва бисёр зибирхӯ аст.

### Нишонаи шикам

Тангии дандаҳо ва бисёрии гӯшт, нишондиҳандаи нодонӣ аст. Нарм ва нозукии шикам, нишонаи хубии андеша аст. Бузургии шикам, нишондиҳандаи бисёр ҳамбистарӣ кардан аст. Борикии дандаҳо ва нозукии онҳо, намоишгари сустии дил аст.

**Нишонаҳои пушт**

Паҳноии пушт, нишонаи нерӯ ва танумандӣ ва хашми боло аст, дуто будани пушт, нишонаи бадахлоқӣ аст. Устуворӣ ва истода будани пушт, нишони некӣ аст.

**Нишонаҳои шонаҳо**

Шонаи борик, нишонаи камхирадӣ ва паҳнии он, нишони хирадмандӣ аст. Берунзадагии сари шона, нишонаи нодонӣ мебошад.

**Нишонаи бозуҳо**

Агар бозуҳо дароз бошанд ба андозае, ки дастҳо ба зонуҳо бирасанд, нишонаи ҳайкалмандӣ ва танумандӣ ва мардумдорӣ аст. Чунончи бисёр кӯтоҳ бошанд, дорандааш дӯстдори бадӣ буда ва одами тарсу аст.

**Нишонаҳои каф**

Кафи дасти нарм ва нозук, нишонаи тунд ёдгирӣ ва фаҳмидагӣ аст. Кафи дасти зишт ва кӯтоҳ, нишонаи бехирадӣ аст. Кафи нозук ва бисёр дароз, нишонаи пурчӯӣ ва густохӣ ва камҳушӣ аст.

**Нишонаҳои нишемангоҳ ва кафал ва соқ ва по**

Пойи пургӯшт ва суфт нишони бадфаҳмӣ ва кӯчакии он нишони гунаҳкорӣ ва шӯх будан ва лудагӣ аст. Борикии устухони пошна, нишонаи тарс ва кулуфтӣ ва нерӯмандии он нишони бепарвоӣ ва нотарсӣ аст. Кулуфтии ду соқ ва зардпайи пой, нишонаи бехирадӣ ва худписандӣ аст. Пургӯштии кафал, нишонаи занборагӣ ва нерӯмандӣ ва шулӣ ва раҳоӣ аз ҳар чиз аст. Фарбегии бисёри устухони сурин, нишонаи диловарӣ аст. Агар устухони таҳиягоҳ ҳайкалманд бошад, нишонаи диловарӣ ва бузургӣ аст. Борикии тиҳигоҳ нишонаи сустии тан ва тарс аст.

**Нишонаи гом бардоштан**

Касе, ки гомҳои баланд ва оҳиста бармедорад, фарди ором ва комёб аст. Касе, ки гомҳои кӯтоҳ ва шитобон бармедорад, шахси оҷул ва шитобон аст, ки таваҷҷуҳи бисёр

ба масоили мухталиф дорад, бе он ки дар онҳо устувор ва побарҷо бошад.

### Нишонаҳои диловарӣ

Касоне, ки диловар ҳастанд, мӯйҳои нерӯманд ва зибру андоми устувор ва устухонҳои кулуфт ва дандаҳо ва дасту поҳо ва бандҳои суфт ва нерӯманд ва бузург ва сина ва шикам ва шонаҳои ситабр ва гардани нерӯманд ва камгӯшт ва сари синаи фаррох ва сурини камгӯшт доранд. Ҳамчунин диловарон касоне ҳастанд, ки дар миёнаи соқи пойҳояшон моҳичаи пургӯшт бошад ба гунае, ки ба сӯи пойин сарозер шуда бошад. Ҳамчунин афродеанд, ки бештар дорои пӯст ва гӯшти хушк ва пешонии лоғари бечин ва чурук ва бемӯй мебошанд, ки ҳамаи онҳо аз нишонаҳои диловарӣ дар эшон мебошад.

Аз нишонаҳои дигари диловарӣ миёнагӣ дар доштани гӯшти тан ва рост будани андом ва нерӯмандии бандҳо ва дандаҳо ва каммӯйи дар кафалҳо аст. Ҳамчунин шонаҳои аз ҳам дур ва абрӯҳои кашида ва пешонии ҳамвор ва бемӯй, ки дар он зарангӣ ва хашм дида мешавад ва сина ва шонаи пурмӯ ва зардпайи нерӯманд мебошанд.

### Нишонаҳои тарсуӣ

Тарсу дорои мӯйи нарм ва қомати камонӣ ва моҳичаҳои соқ ба боло кашида ва ранги зард ва чашмони заиф, ки пайваста дар канораҳо ду-ду мезанад ва дастҳо ва поҳои борик ва нигоҳе афсурда ва ғамгин аст.

### Нишонаҳои тезфаҳмӣ ва хушсиратӣ

Гӯшти нарм ва каме намур ва миёна дар чоқӣ ва лоғарӣ ва шонаҳои барафрошта, тираи пушти бегӯшт дорад, вай дорои ранге миёни сафедӣ ва сурхӣ, ки зебоӣ ва дурахшндагии вижае дорад ва пӯсти нозук каммӯ, на сахт ва бисёр сиёҳ ва чашмони мешӣ ва намнок, ки дар он намурӣ ва зулолӣ дида мешавадро доро мебошад.

Нишонаҳои дигар он хуб фаҳмидан ва доштани сиришти некӯ ва миёна будан дар баландӣ ва кӯтоҳии қомат ва лоғарӣ ва чоқӣ аст. Ҳамвора ранги сафед, ки ба сурхӣ зада мешавадро доро мебошад. Кафи даст ва пойи миёна дар кӯчакӣ ва бузургӣ ва камгӯштӣ ва фарбегӣ дорад. Андозаи бузургии сараш миёна

аст. Кулуфти гарданаш андак мебошад. Ранги мӯйяш каме ба сурхӣ мегарояд ва дар лахтӣ ва печдор будан миёна аст. Симои гирду бинии ҳамвори бисёр зебо ва андозаи устухон он миёна мебошад. Вай дорои чашмони мешӣ аст, ки дар он намварӣ ва зулолӣ дида мешавад.

**Нишонаҳои файласуф будан**

Қомати устувори миёна дар лоғарӣ ва чоқӣ дорад. Ранги пӯсти сафед дорад, ки гароянда ба сурхӣ аст. Дорои мӯҳое аст, ки дар камӣ ва фаровонӣ ва лахт ва печдор будан ва сиёҳӣ ва сурхӣ миёна мебошад. Вай дорои кафи дасте аст, ки ҳамвор, миёни ангуштонаш боз аст ва дорои пешонии бузург ва чашмони мешӣ ва намнок мебошад, ки гӯйӣ ҳамвора ханда ва шодӣ дар нигоҳаш ба ҳам омехта шудаанд.

**Нишонаҳои тундсириштӣ ва бадниҳодӣ**

Бисёр сафед ё сабзару ва ё рангпарида аст. Вай дорои шикаме гунда ва ангуштони кӯтоҳ ва симои гирд ва гунаи пургӯшт аст. Ҳамчунин аз нишонаҳои он гардани пургӯшт ва поҳо ва миёне гӯштолу мебошад. Дар ин гуна афрод, шикамшон ба гирдӣ мегарояд ва шонаҳояшон ба боло кашида мешавад. Пешонии эшон гирд ба монанди барҷастагӣ ниме аз кура хоҳад шуд. Эшон дорои орворҳои бузург ва соқҳои дароз ва чеҳраи дароз ва гардани кулуфт хоҳанд буд.

**Нишонаҳои бешармӣ (пуррӯйӣ)**

Эшон чашмони боз ва дурахшон ва пилкҳои кулуфт ва қомати кӯтоҳ, ки каме ба ҷилав кашида шуда ва шонаҳое, ки ба боло рафта доранд. Онҳо дорои ҷунбишҳои тунд ҳастанд. Ранги хурмоӣ доранд ва пурхун мебошанд. Дорои симои гирд ва синаи ба боло кашида шуда ҳастанд. Ҳамчунин чашмони бисёр боз ва бо хирагии зиёд ва мижаҳои баланд дошта ва дорои сухани тунд ва тез мебошанд.

**Нишонаҳои талхруйӣ**

Симои ахму ва ё сабзарӯ доранд. Пӯсти чеҳра ва тани хушк доранд ва лоғар ҳастанд. Чеҳраи густох ва мӯйи лахти сиёҳ доранд.

## Нишонаҳои шаҳватронӣ

Дорои ранги сафед, ки ба сурхӣ мегарояд ва мӯйи бисёр лахту сиёҳ, гичҷгоҳи пурмӯ ва чашмони дурушт ва бузург, ки дар он сабуксарӣ ва тиҳимағзӣ дида мешавад.

## Нишонаҳои занонагӣ

Модаи ҳар ҷинс дилмурдатарини онҳост ва бурдборияш кам аст ва осон фармонбарӣ мекунад ва зуд хашмгин мешавад ва зуд ором мегирад ва дар бисёре аз умур фиребкор ва бебок ва бешарм аст.

Ҳамчунин модаи ҳар ҷинс симое кӯчактар ва нозуктар ва гардани бориктар ва шонаву синаи тангтар ва чанд данда камтар дорад. Ба ҷои он устухони суринаш бузург аст, рони пургӯшт ва соқи борик ва кафи дасту гоми пойи нарм дорад. Бисёр тарсу ва бадсиришттар аз нари ҳар ҷинсе мебошад.

## Нишонаҳои хоҷагон

Бадахлоқу бехирад ва шикампарасту бебок аст. Касе, ки мардум вайро ахта накарда бошанд, балки бехоя ба дунё омада ё он ки хояҳои бисёр кӯчаке, ки дида намешавад дошта ва ҳамчунин касе, ки риш дарнамеоварад, бадтарин ва палидтарини эшонанд.

## Суханони кӯтоҳ дар чеҳрашиносӣ ва баррасии дониши он

Беҳтар аст, ки бо як нишона зуд доварӣ наншинад, балки то он ҷо, ки метавонанд нишонаҳои бештаре аз ҳар кас гирд оваранд, сипас доварӣ ва гузинишро бар пояи нишонаҳои дуруст бадастомада, анҷом диҳанд.

Ҳаргоҳ ба нишонаҳои з-он сӯи якдигар бархӯрд карданд, онҳоро андоза бигиранд ва бисанҷанд, чунончи нерӯеро бартар ёфтанд, бидонанд, ки нишонаҳои рухсора ба вижа, чашм аз нерумандтарин ва дурусттарин ва бартарини онҳо мебошанд.

**Гуфтори дуввум ба поён омад ва сипос бар Худованди ҷаҳониён аст.**

## ГУФТОРИ СЕВВУМ: СУХАНОНИ КӮТОҲ, КИ ДАР ШИНОХТИ АРЗИШИ ХӮРОКИҲО ВА ДОРУҲО КӮМАК МЕКУНАНД

### Маззаи ширин (ширинӣ)

Шириниҳо гарманд вале хеле гармозо нестанд, гармии бисёр боло аз онҳо ошкор намешавад магар он ки ҳамвора хӯрда шаванд ва ё хӯранда омодагии гирифтор шудан ба онро дошта бошад.

Ба монанди табдорон ва дорандагони омезаи гарм. Ҳамчунин пайваста хӯрдани онҳо зардоб ва хунро афзоиш мудиҳад ва аз онҳо бемориҳое ба монанд тангӣ ва гирифтагӣ ва омоси ҷигар ва сипурз падид меоварад ба вижа агар касе омодагии онро дошта бошад. Ҳамчунин ангезаи шикамрвиш ва сустии шикамба мегардад, албатта барои синаву шуш хуб мебошанд ва шодобкунандаи тан ва афзоишдиҳандаи оби мардонаанд.

### Маззаи туруш (туршӣ)

Сард аст, вале на хеле, зардобу хунро аз миён мебарад, чунончи шикамба ва рӯдаҳо тамиз бошанд шикамро банд меоварад ва дар сурате ки балғам зиёд бошад шикамро равон мекунад, танро сард ва нерӯи гуворишиǀро ба вижа дар ҷигар коҳиш медиҳад. Ба пайҳо ва дастгоҳи асабӣ зиён мерасонад, танро хушк, вале иштиҳоро бармеангезонад ва бедор мекунад.

### Чарбиҳо

Шикамбаро суст ва шикамро равон ва одамиро зудтар, пеш аз басанда будани хӯрок сер менамояд. Гармозо мебошад, ба вижа дар табдорон ва касоне, ки ҷигару шикамбаи гарм доранд. Танро намвар ва нарм мекунад ва балғамро афзоиш медиҳад ва андешиданро кунд мекунад ва хобро меафзояд.

**Бандоварандаҳо (сифткунандаҳо)**

Агар пайваста хӯрда шавад, танро сард ва хушк мекунад. Гӯшт ва хунро коҳиш медиҳад. Дар бештар маворид шикамбаро неруманд ва шикамро банд меоварад ва хун талхобӣ месозад.

**Маззаи талх (талхиҳо)**

Бисёр гармозо мебошанд ва хушк мекунанд ва ба тундӣ хунро ба сӯи сӯзондан ва бад шудан ва афзоиш зардоб мекашонад.

**Маззаи тунд (тундиҳо - ҳариф)**

Беш аз талхӣ гармозо ҳастанд. Аз ин рӯ, барангезонандаи дамо ва зуд барафурӯзандаи тан мебошанд. Хунро месӯзонанд ва онро дарҳам меомезанд ва ба сӯи ҳолати зардобӣ ва сипас талхобӣ мекашанд.

**Маззаи шӯр (намакин)**

Гарму хушк мекунад, шикамро банд меоварад. Нарму поку дурахшонкунанда аст. Маззаи хӯрокии хубе дорад ва бо ҳарорати зиёд аст. Чунончи хӯрдани он пайваста бошад, зардоб ва талхоб падид меоварад. Чунончи хӯрдани он пайваста набошад шикамро равон мекунад.

**Тафа (бемазза)**

Хӯроке, ки мазза надорад, арзиши хӯрокии он болотари намак аст ва наздик ба миёна мебошад. Бархе аз онҳо гармои миёна доранд ва бархе дигар ба ҳамин гуна сармозо ҳастанд. Чунончи ба ҳамроҳи он намурӣ бошад, тарӣ меоварад, агар вобаста ба хушкӣ бошад танро хушк мекунад.Чунончи яке аз ин маззаҳои номбурда бар ин мазза чирагии андаке ва ё хеле кам ва ниҳонӣ дошта бошад коркарди он дар тан ба ҳамон гуна аст, ки ёд кардем. Агар ду мазза бо ҳам баробар шаванд коркарди онҳо ҳамсон хоҳад буд.

**Шинохти арзиши хӯрокиҳо**

Арзиш хӯрокиҳо гуногун аст. Бархе камнерӯ ва гурӯҳе нерӯзои бисёр ва дастаи миёнаи он ду ҳастанд. Хӯрокиҳои бо арзиши нерӯзо кам, се гурӯҳанд:

**Гунаи нахуст:** бархе онҳо созандаи хуни мулоим ҳастанд, ки ба он мулоимкунанда мегӯянд. Агар хуни сохташуда аз онҳоро бо хуни тан даромезанд, хун обакитар ва мулоиматар аз оне мешавад, ки ҳамеша мебошад. Монанди мағзи гандум (гандуми бе сабӯс), ки чандин бор хисонда бошанд ва гӯшти чӯҷа ва дароҷ ва теҳу ва кабк ва боли парандагон ва он чи аз гӯшти моҳибачагон, ки нарм ва лизӣ надошта бошад ва каду ҷузъи онҳо аст. Ин дастаи хӯрокиҳо барои касоне, ки ҷунбише надоранд ва ҳарорати ғаризӣ дар тан эшон поин аст ва касоне, ки дар тани онҳо кимуси сифт сохта шавад ва ё дар ҷигар ва сипурз ва гурда ва мағзи эшон тангӣ ва гирифтагӣ ва ё дар бархе аз бандҳои онҳо бемории балғам ба вуҷуд ояд.

**Гунаи дуввум:** хӯрокиҳои мулоимкунанда ҳастанд, ки он чи аз чизҳои сангини монда дар шикамбаро ба ангезаи доштан тундӣ ва тезӣ нарм мекунанд ва ҳамонҳо созандаи кимусҳои сифт мебошанд, ҳамонанди пиёзу ҳавиҷ ва шалғаму турб ва ҷузъи онҳо. Чунончи ингуна хӯрокиҳо пухта ё кабоб шаванд гармозоӣ ва бандоварандагии шиками онҳо коста мешавад. Мондаи онҳо сифту бад хоҳад шуд. Мумкин аст ин судмандӣ аз нарм кардану мулоим намудани чунин хӯрокиҳо ба даст ояд.

Бо се равиш метавон аз сахтии онҳо раҳо шуд. Ё он ки бо он чи аз сахтиву сифтӣ дар онҳост пухта шаванд, то онро нарму мулоим кунад, монанд коре, ки бо пиёз анҷом мегирад ва ё афшураи онҳо гирифта шавад ва ё пухта шавад ва оби он ба кор равад монанд коре, ки бо турб анҷом медиҳанд ва ё нимпухтаи он хӯрда шавад, ки балғамро бибурад, монанди коре, ки ҳама бо он анҷом медиҳанд.

**Гунаи севвум:** Хӯрокиҳои нармкунандае ҳастанд, ки аз онҳо асари нарму мулоимкунандагӣ падид меояд ва ба ҳар кимуси сифту часбон дар тан бирасанд онро нарм ва мулоим менамоянд. Ин даста аз хӯрокиҳо чаҳор зердаста доранд. Зердастаи нахуст аз гунаи севвум: гуворо ва ширинанд ва бо нерӯи ширине, ки дар онҳо ҳаст он чи ки дар дарунашон астро нарм мекунанд, монанди оби ҷав, харбуза, анҷири хушк, гирду, писта ва асал ва ҷуз он ки нармкунанда

мебошанд. Ин зердаста ба монанди гунаи нахуст аз хӯрокиҳои мулоимкунанда ҳастанд бо ин тафовут, ки дар нармкунандагии тан тавонотаранд.

Зердастаи дуввум аз гунаи севвум: гарму тунд ва барандаанд ҳамчун хардал, таратезак (ҳурф) сир, тара, карафс, шоҳӣ, овешан, наъноъ, пудина, розиёна судоб шавид, зира, каровиё, кабар ва шароби зарди софшудаи кӯҳнаи райҳонӣ. Ин гурӯҳ барои касоне, ки ниёз ба кушоиш тангиҳо ва гирифтагиҳои даруни ҷигару сипурз ва синаву мағз ва ҳамчунин барои буридани балғам ва равон кардан он, судманд аст. Хуб нест, ки касе онро пайваста бакор бурда, чун хунро обакӣ мекунад, аз ин рӯ, хӯроки тан коҳиш меёбад ва нотавон мешавад, сипас ангезаи боло рафтани гармои хун ва ба сӯи зардобе гароидани он мешавад.

Зердастаи севвум аз гунаи севвум: ҳар чи ба монанди обкома ва моҳӣ, ки гӯшти он нарм ва чарби он кам бошадро, ки намак суд ва обпаз карда бошанд ва оби панир ва низ ҳар чизе, ки дар он аз хӯрокиҳои намакин ва гуворо ва бурак буда бошад, ҷузви ин зергурӯҳ мебошад. Судмандӣ ва зиёнҳои ин гурӯҳ наздик ба судмандӣ ва зиёни чизҳои гарму тунд аст, ҷуз ин ки ин гурӯҳ дар поксозии шикамба ва нарм кардан шикам тавонотаранд.

Зердастаи чаҳорум аз гунаи севвум: ин гурӯҳ чун туршанд, баранда ва нармкунандаанд, монанди сирка ва сиканҷабин ва турунии туруш ва оби анори туруш ва ҳарчи аз туршиҳо, ки дар хӯрокиҳо ба кор меравад. Ин гурӯҳ барои касоне, ки шикамба ва дигар андомҳои эшон гарм мебошад ва ё хӯрокиҳои сангин ба кор мебаранд ва ё пурхӯри дар хӯрокиҳои сабук мекунанд ва балғам месозанд, судманд аст. Чунончи хӯрокиҳои сангин ба танҳоӣ гарм ва ё бисёр хаста ва ё камхӯрок ва ё пурхоб пас аз хӯрок бирасад, он тан онҳоро гуворида ва онро ба тан пайванд дода ва нерӯяшро бисёр ва пойдор мекунад. Беҳтарин замони ба кор бурдан ин хӯрокиҳо дар замистон аст, зеро аз як сӯ, ҳарорат дар даруни одамӣ гирд омадааст ва аз сӯи дигар дорои хоби дароз дар ин фасл дорад. Вале дар ҳоле, ки эҳсоси костӣ ва норасоӣ дар

тан бинамояд ё онро ҳангоме бихӯрад, ки дамои тан ба вижа шикамба, поин бошад, ё ин ки хастагии андаке дошта бошад ва ё пурхӯри карда ва ё хоб пас аз хӯрокаш кам буда бошад ва гувориши онҳо басанда набошад, ҳамаи инҳо ангезаи сохтани кимуси сифт аз онҳо мешаванд. Дар пайи он гирифтагиҳое дар ҷигар ва сипурз падид меояд. Албатта беҳтар аст дар чунин ҳолат аз хӯрдани хӯрокиҳои сангин, ки танҳо барои фурӯ нишондани иштиҳост, дурӣ намояд. Бавижа, агар ба он ниёз ҳам надошта бошад. Ҳамчунин набояд онро ба танҳоӣ ва пайваста бихӯрад. Ҳар кас тани ҳамоҳангу тандуруст дошта ва хастагии бисёру ниёз ба нерӯи бештаре надошта бошад, беҳтарин хӯрок барои ӯ миёнаи нарму сангин аст. Чун танро лоғар ва нотавон намекунад ва ба монанди хӯрокиҳои нарм, гандидагӣ ва гирифтагӣ падид намеоварад. Инҳо чизҳое ҳастанд, ки аз нон ва гӯшти мурғ ва барра ва бузғола ба даст меояд.

Гӯшти бузғола ва барра намур ва лиз аст. Гӯшти чӯҷаи кабутар ва гунҷишк, хуни гармтару сангинтар аз хуни миёна месозанд. Боли ғоз миёна аст ва дигар андомҳояш пасмондаи бисёр дорад. Ҳарчи ҷунбиш ва парвоз бештар ва чарогоҳҳои гуногунтар дошта бошад ва дар ҷои хушхӯрок ва хуш обуҳаво, ки ҳавои поки гарм ва ё хушк дошта бошад, чарида бошанд, хӯроки беҳтару гуворотареро фароҳам месозанд. Ҳарчи з-он сӯи он бошад, хӯроки пасттар ва касифтар омода мекунанд.

Ҳарчи аз тухми мурғ бавижа обпаз шудаи нимбанд дуруст шавад миёна дар сангинӣ хоҳад буд. Ҳарчи гӯшти моҳии сифт набошад ва лизи ва часбандагӣ ва бӯи гандидагӣ надошта ва хушмазза бошад ва дар обҳои пок аз касофат ва гилҳои сиёҳу бадбӯ зист кунад, хӯрок он бисёр хуб хоҳад буд.

Аз меваҳо, ангур ва анҷир агар хуб расида бошанд ва аз дарахт чида ва дар анбор нигоҳ дошта бошанд, ҳарчи аз онҳо сохта шавад дар нармӣ ва латофат миёна аст. Агар аз дарахт чида нашуда бошанд низ зиён нахоҳанд дошт. Аз сабзиҳо коснӣ ва коҳу ва морчӯба хуб аст. Аз шаробҳо он ки ранги ёқутӣ, соф ва хеле кӯҳна набошад, судмандтар хоҳад буд.

Хӯрокиҳое, ки бисёр пасмонда доранд гӯшти ғоз ба чуз бол ва андомҳои дарунии ҳар ҷонвар ва мағз ва парандагони ҷангалӣ ва онҳое, ки дар бешаҳо ва киштзорҳо мезиянд ва нахӯди тоза ва боқило ва гӯшти мешу барраи ширхор ҳар ҷонвар ва гӯшти домҳои парваришӣ ва ҳарчи аз моҳиёне, ки дар обҳои касиф ва гилолуди бадбӯ бошанд.

Хӯрокиҳое, ки сангинӣ надоранд: чун боли парандагон ва почаву гардани чаҳорпоён ва ҳар ҷонваре, ки дар хушкӣ ва биёбон бичарад.

Хӯрокиҳои миёна дар сохтани кимуси хуб ва кимуси палишт иборатанд аз: нони хушкор, гӯшти хояи бузғола ва барраи гӯсфанд, ва аз андомҳо забон, рӯдаҳо ва чодарина. Аз меваҳо ангури расида ба вижа бар дарахт ва анҷири расида ва хурмои тоза ва гирд ва шоҳбалут. Аз сабзиҳо коҳу ва пас з-он коснӣ ва пас з-он хиёр ва пас з-он сармақ, сипас хурфа, ва пас з-он турушак сипас ҳарчӣ, ки тундӣ ва тезӣ ва решаҳои зиёд надошта бошад.

**Хӯрокиҳои гарм**

Касоне, ки дар заминҳои сард, сармо ба онҳо мерасад ва ё шаҳрҳои сард сайри зиндагӣ мекунанд ба ингуна хӯрокиҳо ниёз доранд, ки ба монанд гандуми пухта ва нони сохта шуда аз гандум, нахӯд, шанбалид, хурмо, кунҷид, шоҳдона, ангури ширин, кишмиши ширин, карафс, шоҳӣ, турб, хардал, таратезак, гирду, сир, пиёз, тарра, панири кӯҳна ва шароби ширин баҳра бубаранд. Гармтарин шароби гарм, шароби кӯҳна ва зард мебошад.

**Хӯрокиҳои сард**

Касоне, ки тани гарм доранд ва дар ҳангоми гармо ва дар шаҳрҳои гармсере мизиянд, ниёз ба ин хӯрокҳо доранд. Намунаи онҳо: ҷав ва ҳарчи з-он сохта мешавад, говрас (ҷорвас), каду, харбуза, хиёр чанбар, олу, хиёр, ҳулув, ҳарчи ба туршӣ ва тундӣ ва гасӣ бигарояд шомил ангур, кишмиш, биҳори хурмо (гунаи хурмои норас), турушак, хилол (гунаи хурмои норас), коҳу, коснӣ, хурфа, хашхош, себ, гулобӣ ва

аноранд. Агар онҳо гас бошанд, бисёр сард ва агар туруш бошанд сард ва мулоиманд. Сирка сард мулоим ва барои пайҳо зиёнбор аст. Ва аз шароб ҳарончи сафед ва гас бошад камтарин гармиро дорад ва ҳарчи тозатар ва нобтар бошад сардтар аст.

**Хӯрокиҳои хушк**

Касоне, ки тани намвар доранд ва ё дар ҳавои намнок ва ё дар шаҳрҳои намвар мезиянд ба ин гуна хӯрокиҳо ниёз доранд, ки дарбаргирандаи адас, калам, талқони хушк ва ҳар хӯроке, ки сурх шавад ва ё бирён ва ё обпаз гардад. Хӯрдани бисёр судобу донаҳои гиёҳӣ, хардал, сирка, обкома ва гӯшти ҷонварони пир намунаи ин даста хӯрокиҳо мебошад.

**Хӯрокиҳои таризо (намвар)**

Касоне, ки дучори чирагии омезаи хушканд ва ё дар ҳавои хушк ва ё дар шаҳрҳои хушк зиндагӣ мекунанд, ниёз ба ин хӯрокиҳо доранд, об ҷав, каду, хиёр чанбар, харбуза, хиёр, бақилаи ямане̄, сармақ , боқолӣ, нахӯд ва лубиёи тоза ва ҳарчи, ки бо об пухта ва обпаз шавад ва дар он донаҳои гиёҳӣ ва сирка ва обкома ва судоб ва гӯшти барраи ҷонварон бошад.

**Хӯрокиҳои судманд барои шикамба**

Меваи ба оби намакин, ки зайтун дар он парварда шуда ва ба вижа зайтуни парварда шуда дар сирка ва равғани зайтун, мозу, ангур, ки дар туфолаи афшураҳои дафншуда бошанд ва хурмои норас ва шароби ноби хушбӯ барои шикамба судманданд. Ҳамчунин, пӯсти зардранги туранӣ агар андаке з-он бошад, нерӯбахши шикамба аст, вале агар з-он бисёр хӯрда шавад з-он ҷо, ки сангин ва кундгувориш аст, бад гуворида мешавад.

Ҳар хӯрок ва нӯшидании бандоваранда, чунончи пеш аз дигар хӯрокиҳо хӯрда шавад, шикамро банд меоварад ва агар пас аз дигар хӯрданиҳо ва ошомиданиҳо хӯрда шавад шикамро нарм ва равон мекунад, зеро ба василаи пайҳои шикамба ва кӯмаки онҳо дар рондани хӯрокиҳо кумаккунанда аст ва гирд омадани балғами лиз ва часбанда

дар шикамба онро олуда ва табоҳ месозд. Аз ин рӯст, ки ин гуна хӯрокиҳо чунин костиҳоро месозанд.

Хӯрданиҳое, ки балғамро аз миён мебарад ва шикамбаро пок мекунад дарбаргирандаи сирка, турб, шароби тоза, гирду ва анҷир ҳастанд ва агар шикамба суст ва кунд ва дорои андаке балғам бошад барои аз миён бурдани балғам ва пок кардани он ба ҷиҳати гирд овардан ва нерӯзойи девораи шикамба аз кабар, ки ба танҳои дар сирка парварда шуда ва ё бо сирка ва асал ва шоҳтара, ки дар сирка ва шароби кӯҳнаи гарм ва хушбӯ хобонида шуда, ба кор меравад. Ҳаргоҳ дар шикамбае талхоб падид ояд, кашут ва карафс судовар аст.

### Хӯрокиҳои зиёнбор барои шикамба

Чағандар ба ҷиҳати сӯзише, ки дар асари тундӣ, ки дорад ва бурқия (оши мост) ва бозаранҷибуя ва шалғам, ки сӯзиш дар он дида нашвад.

Бақлаи ямония ва сармақ ин ду ба ангезаи лиз буданашон шикамбаро суст мекунанд беҳтар аст, ки бо сирка ва обкома хӯрда шаванд. Шанбалила чун лиз ва пурчарб аст барои шикамба хуб нест. Анҷир ба ангезаи зуд таҷзия шудан дар шикамбаи сард туруш мешавад ва дар шикамбаи гарм ба зардоб табдил мешавад. Асал ҳангоме, ки бисёр хӯрда шавад, дар шикамба сӯзиш пайдо мекунад, дилбаҳамхурдагӣ падид меоварад. Харбуза низ болоовар аст, чунончи дар шикамба гуворида нашавад аз он кимуси паст падид ояд, аз ин рӯ ангезаи исҳоли хунӣ мешавад, пас беҳтар аст пас аз харбуза, хӯрокиҳои бо кимуси хуб бештар хӯрда шавад. Мағз барои шикамба хуб нест, пас беҳтар аст, ки бо нон ва пудинаи кӯҳӣ ва ҷилҷуҷа (футанҷи барӣ) ва хардал ва намак хӯрда шавад. Шароби сангини тозаи сиёҳ ва бисёр тунд дар шикамба ба тундӣ туруш мешавад ва дилошубӣ падид меоварад.

### Хӯрокиҳои сардардзо

Шир ва ҳама чарбиҳо ва ангури дафншуда дар туфолаи афшураҳо ва шоҳӣ ва шанбалид ва шоҳдона, ҳамагӣ сардардзо

мебошанд. Шароби зарди гас беш аз гунаи сиёҳи он сардардзо ва дилошӯбкунанда аст. Вале, шароби сафед ва обакӣ сардард падид намеоварад ва чи басо оромкунандаи сардард бошад ва барои сардард аз об судмандтар аст ба вижа агар ин сардард аз пасмондае дар шикамба мондааст, ба даст ояд.

**Хӯрокиҳои бодовар**

Нахӯд ва боқолӣ ба вижа солиму дастнахӯрда пухта шаванд ва чунончи пӯстканда ва ё ордшуда пухта шаванд, бодкунандагии камтаре доранд ва агар обпаз шаванд, бодкунандагии он боз ҳам камтар мегардад. Пас аз инҳо ду лубиё ва мош ва ҷаву адас агар пухти онҳо устувор нашавад, бодовар хоҳанд буд. Шукуфаи ҳар гиёҳи ангудон ва ангезаи сӯхта, анҷири тоза бод оваранд ва чун зуд фурӯ менишинад бод кардани онҳо ба тундӣ аз миён меравад. Анҷире, ки расида бошад, бодовар намебошад, вале анҷири тоза бодовар аст. Анҷир ва асале, ки пухта нашаванд дар шикамба бодсозанд, ва агар пухта ва кафи он гирифта шавад дигар бодовар нахоҳад буд. Шароби ширин, ки маззаи ширинӣ дар он эҳсос шавад ва афшураи ҳар мева ва ҳар хӯрок бодсоз ва чунончи хуб пардохта ва пухта ва расида шавад ва ё обпаз гардад, аз бодоварии он коста мешавад. Донаҳои бодшикан чун зира, анисун (бодёни румӣ) ва ангудони румӣ (кошум) ва садоб, чунонки бо онҳо омехта шавад, аз бодоварии онҳо ҷилавгирӣ мекунанд, сиркаи омехта бо асал низ бодҳоро коҳиш ва нафхро аз миён мебарад.

**Доруҳои нарм ва поккунанда ва ҷилодиҳанда ва аз миёнбарандаи гирифатагиҳо**

Бахши обакии оши ҷав ва шанбалила ва харбузаи ширин ва боқолӣ ва нахӯд (сиёҳи он гурдаро поксозӣ ва сангҳоро муталошӣ мекунад) ва кабар бо сирка, аз ин гуна доруҳо ҳастанд. Чунончи пиёзи даштӣ пеш аз хӯрок хӯрда шавад, шикамба ва рӯдаҳоро пок мекунад ва гирифтагии гурдаро боз мекунад, ба вижа агар бо хардал ва пиёз ва ё сир ва ё тара хӯрда шавад. Турб кимуси сифтро нарм мекунад ва

мебарад. Оби панир низ мулоимкунанда аст. Анҷири тоза ва хушк гурдаро пок мекунад. Бодом ба вижа талхи он нарм ва пок ва бозкунандаи тангиҳои гурда аст. Тиҳол дар берун рондани намури аз сина ва шуш кӯмак менамояд. Писта ҷигарро неруманд мекунад ва кушояндаи тангиҳост. Шаҳди занбур нарм ва поккунанда ва ба вижа агар аз дарахти гарм ва хушк чун пудина кӯҳӣ (саътар) ва монанди он гирифта шуда бошад. Оби асал бузоқи сифтро мулоим ва кӯмак ба равон шудани таровиши он мекунад. Сиканҷабин нармкунанда ва барандаи намуриҳои сифт ва лиз ва бозкунандаи тангиҳо ва басташудагиҳои ҷигар аст. Тиҳол сина ва шушро поксозӣ менамояд.

Шароби мулоим рагҳоро аз кимуси ғализ ва кӯҳна, ки дорои тундӣ ва тезӣ мебошадро пок мекунад. Ҳамчунин барои касе, ки дар ҷигар ва тан кимуси сифт ва сард дошта бошад, судманд аст.

Шароби обакӣ барои берун рондани «намурӣ» аз шушҳо ва шароби ширин барои нерӯбахшии андомҳо ва намнок ва нарм кардани онҳо ҳангоме, ки дар онҳо пасмонда сифт бошад, шоиста аст.

**Хӯрокиҳое, ки гирифтагӣ падид меоваранд**

Шире, ки бахши обакии андак ва бахши панирии бештар дорад чи басо дар касоне, ки онро бисёр ба кор мебаранд ва гурда ва ҷигари эшон омодагии пазириши ин осебро дорад, метавонад гирифтагӣ дар ҷигар ва санг дар гурдаҳо падид оварад. Ҳама хӯрокиҳои гарм чунончи сахт ва сифт бошанд, барои ҷигар ва сипурз бад ҳастанд.

Анҷир агар ба танҳоӣ хӯрда шавад сифти ҷигар ва сипурзро афзоиш медиҳад, вале агар бо нарм ва поккунандаҳо чун пунаи кӯҳӣ (фуданҷ) ва пудинаи кӯҳи (саътар) ва филфил хӯрда шавад, кӯшояндаи гирифтагии ҷигар ва сипурз хоҳад буд. Хурмо ва хурмои тоза ва ҳарчӣ аз гандум дуруст шавад ба ҷуз ноне, ки хуб сохта шуда бошад ва нӯшиданиҳои ширин, падидоварандаи гирифтагӣ дар ҷигар ва санг дар гурда ва боло бурдани сифти сипурз ва бузургтар кардани он мешавад.

### Хӯрокиҳое, ки ба оромӣ фурӯ мераванд

Ҳарчи ки аз мағзи гандум сохта шуда бошад, боқолӣ, мағз, ҷигар ва дили ҷонварон ва тухми мурғ ҳарчи пухтатар, сурхшудатар ва обпазтар шавад, ва лубиё, кунҷид, балут, себ, гулобӣ гасмазза, ва шароби ширин гаси тоза ва ноб ва ҳаргуна об.

### Хӯрокиҳое, ки ба тундӣ дар шикамба табоҳ мешаванд

Зардолу ва тут ва харбуза ва каду, ки ба тундӣ аз шикамба фурӯ нараванд ва ба кимуси палишт бархӯранд ба тундӣ табоҳ мешаванд. Аз ин ру, боиста аст, ки пеш аз онҳо, хӯроке хӯрда шавад то шикамбаро пок созад ва фурӯ рафтани онҳо тунд гардад ва роҳро барои он чи пас аз он хӯрда мешавад ҳамвор кунад. Ҳаргоҳ он, пас аз хӯроке хӯрда шавад ба ҷиҳат мондан дар шикамба табоҳ мешавад ва дигар хӯрокҳоро низ табоҳ месозад, ки гоҳе ин табоҳӣ ба ҷое мерасад, ки ҳамчун заҳри кушанда мешавад.

### Хӯрокиҳое, ки зуд табоҳ намешаванд

Касе, ки хӯрок дар шикамбаи ӯ табоҳ мешавад, беҳтарин хӯрок барои ӯ ончи сангинтар ва сахттар, ва кундтар дар гувориш бошад, ба монанди гӯшти гов ва ба вижа почаи он аст ва беҳтарин он почаи гов ва ҷуз он мебошад.

### Хӯрокиҳои нармкунандаи шикам

Ҳангоме, ки пасмондаи хӯрокиҳо, ба кундӣ аз шикамба ва рӯдаҳо фурӯ раванд, пас ниёзе би кор бурдани хӯрокҳои нарм ва равонкунанда аз паси он мебошад, ки дорои ширинӣ ё тундӣ ё шӯрӣ мебошанд. Аз ин рӯ, оби адас ва оби калим шикамро нарм ва худи онҳо шикамро банд меоваранд. Шӯрбои хурӯси пир, ва нони хушкор ва оби шанбалид бо асал ва оби зайтун, чунончи пеш аз хӯрок бо обкома нӯшида шаванд, нармкунандаи шикаманд. Чунончи пас аз хӯрок ва ба обкома, ҳатто андаке аз он хӯрда шавад, хӯрокро табоҳ мекунанд ва ҳарчи бо сирка парварда шавад нерӯдиҳандаи шикамба бар берун ронандаи хӯрокҳои бандоваранда аст, ки пеш аз ин аз он ёд кардем.

Шири обак ва оби панир ба вижа бо намак ва асал агар омехта шаванд ва ҳамчунин гӯшти барраи ҳар ҷонвар, чуғундар, сармақ, исфиноҷ, каду, харбуза, ва мавизи ширин ва тут, гирдуи тоза ва хушке, ки бо об асал хис хӯрда ва пухта шуда бошад, ки пас аз хӯрдан онҳо чунонки, шароб ширин нӯшида шавад, ангезаи гуворидани хӯрок ва нармкунандагии шикам мегардад.Чи басо оби асал ва шароби тунд ба сӯи рагҳо бираванд ва бахши бисёре аз хӯрокро бо худ бибаранд ва бо ин кор шикамро банд оваранд, вале бо ҳамин ҳол пешобовар мебошанд ва шояд дар шикамба бимонанд, барои берун рондан пасмондаҳо ва ба он сайхунак бизананд ва барангезонанда шаванд ва шикамро равон кунанд. Чунончи, асал пухта нашавад нармкунанда ва агар пухта шавад сифткунандаи шикам аст. Ҳамчунин оби асал агар пухти он ба дарозо кашад, инчунин хоҳад буд. Сиканҷабин шикамба ва рӯдаҳоро пок мекунад, вале мумкин аст захми рӯда падид оварад. Шароби ширин ва афшурдаи ангур шикамро нарм мекунад.

**Хӯрокиҳои бандоварандаи шикам**

Чунончи хӯрок пеш аз гувориш, аз шикамба фурӯ равад, барои он ниёзманди хӯрокҳои боздоранда ва нигаҳдоранда мебошад ва онҳо чизҳоеанд, ки хушкӣ ва гасӣ ва тундӣ ва сифтӣ бар онҳо чираанд. Чун ба гулобӣ донаи ос, меваи пудина, адас, балут, шоҳбалут, ва шароб гас, ки бо гасӣ ва тундӣ ва тезӣ, шикамро банд меоварад. Биринҷ, говарс, арзан, ва орди ҷав шикамро мебандад ва хушк мекунад, гӯшти харгӯш, ва калим пас аз пухт ва дур рехтани об нахустини он чи басо нармкунандаи шикам бошанд.

Шири пухта ва панир аз барои сифт будани он, шикамро мебанданд. Беҳтар аст, ки шири ҷӯшида бошад ва обаш коста шавад, чун бахши обакии шир нармкунандаи шикам аст. Метавон реге ва ё тиккаи оҳани гудохта ва доғшудаеро дар он андохт, то ин норасоиро дуруст кард, ки барои касоне, ки ба далели доштани гармои бештар эҳсоси сӯзиш дар шикамба ё рӯда мекунанд, судманд аст. Аз он ҷо,

ки бастагии ингуна шир болост, дар шикамба сифт ва панирӣ мешавад ва чи басо пас аз гуворидан ва берун рафтан, тангиҳое дар ҷигар падид оварда ва сангсоз шавад.

Боиста он аст, ки пас аз гирифтани оби бисёр бо ҷӯшондан аз он, обе ба он афзуда то обакитар шавад ва сифт нагардад. Бо ин кор, шири сохта шуда, на тангӣ падид меоварад ва на сангсоз хоҳад буд.

Чизҳои туруш чун оби себи туруш, анори туруш чунончи дар шикамба бо кимуси бад ва сифт бархӯрд кунанд, онро бурида ва фурӯ мебарад ва шикамро нарм мекунанд ва агар ба кимуси хуб бархӯрданд шикамро мебанданд.

**Шинохти арзиши донаҳое, ки аз онҳо нон сохта мешавад**

**Гандум**

Гандум табиати гарми наздик ба миёна дорад. Гунаи арзани он дорои бештарин маводи хӯрокӣ ва хушмаззатарин анвоъи он аст ва вижатарин дона барои хӯроки мардум аст, ки хуни сохта шуда аз он миёнатар аз дигар донаҳо мебошад.

**Ҷав,** дорои моҳияти сард наздик ба миёна аст. Нисбат ба гандум арзиши хӯрокии поинтаре дорад. Бодовар, сардизост ва барои касе, ки аз боди шикам ва бемориҳои аз сардӣ ва қулинҷ гила дорад, зиёновар аст. Ва барои афроде, ки табдор ҳастанд ва касоне, ки мехоҳанд лоғар шаванд ва хун наздик ба ранги сиёҳ дар танашон сохта шавад, судманд хоҳад буд.

**Биринҷ,** миёна дар гармӣ ва сардӣ аст. Чун шикамро мибандад, барои касе, ки дучори қулинҷ аст, бад хоҳад буд. Арзиш хӯроки он боло мебошад, фурӯ рафтан он аз шикам осон нест, магар бо равғани бисёр пухта шавад, чунончи бо шири пухта ва бо шакар хӯрда шавад, арзиш хӯрокии бисёр болое хоҳад дошт ҳамчунин афзоишдиҳандаи хун аст.

**Боқило,** наздик ба миёна, вале гароиш ба сардӣ дорад, бисёр бодовар ва саргиҷовар аст, ва сангинии сар падид меоварад, ва танро суст менамояд. Чуночӣ оби он бе намак хӯрда шавад, гулӯ ва синаро нарм кунад, ва агар бо сирка ба кор равад, шикамро банд меоварад, ва барои касоне, ки аз

боди қуланҷ ва фатӣ озор мебинанд, зиёновар аст. Тозаи он омехтагии (хилти) хом падид меоварад, ва балғамро дар шикамба ва рӯда афзоиш медиҳад ва бодовар аст.

**Нахуд**

Гарм, бодовар, пешобовар ва хунимоҳонаовар ва афзоишдиҳандаи оби мардона аст. Тозаи он дар шикамба ва рӯдаҳо пасмондаи фаровон месозад, Обпази он камтар бодовар аст.

**Адас**

Сард ва хушк аст, падидоварандаи хуни сиёҳ мебошад. Танро хушк мекунад. Нерӯи ҷинсиро коҳиш медиҳад, хунро сокин ва шиновар ва сард мекунад. Чунончи пайваста хӯрда шавад, тории чашм ва беморихои талхобӣ падид меоварад. Обпази он камтар бодсоз ва бештар хушкунанда аст.

**Мош**

Сард ва хушк ва аз адас ва боқоло сабуктар аст. Бодсозии он камтар з-он ду аст. Арзиши хӯрокии камтар аз боқило дорад. Молидани он бар андомҳои суст ва кабудшуда аз зарба судманд хоҳад буд.

**Боқилои мисрӣ (турмус)**

Сангин ва сахтгувориш аст. Бояд некӯ пухта шавад, то хушмазза гардад ва хӯрда шавад, гармозо хоҳад буд. Ҳангоме ки талхӣ дорад, барои хӯрдан судманд намебошад, балки доруе нек барои обкунандаи ғуддаҳои сахти гулӯ аст.

Ҳангоме, ки хушмазза набошад ва ба кор равад, поккунандаи бисёр неруманд аст ва афзоишдиҳандаи пешоб ва хуни моҳона аст ва рӯёнро фурӯ меандозад ва кирмҳои рӯдаҳоро меронад ва даҳонаи фистули ҳеморроидро (бавосир) боз нигоҳ медорад.

**Лубиё**

Танро боднок ва шодоб мекунад, пешоб ва хуни моҳонаро равон ва шикамро нарм месозад. Бавижа, гунаи сурхранги он танро доғ менамояд, вале саргиҷа падид меоварад ва хӯрандаи он хобҳои бад мебинад.

**Ҷулбон** (lathyrus sativus)

Сард ва хушккунанда аст. Арзиши хӯрокии поин дорад. Барои хунсозӣ бад ва ба пайҳо зиён мерасонад. Сард ва хушк, бо арзиши хӯрокии поин ва бандоварандаи шикам аст.

**Арзан**

Сард ва хушк бо арзиши хӯрокии поин ва бандоварандаи шикам аст.

**Говрас** (Setaria viridis):

Гунае арзананд, сард ва хушк; бандоварандаи шикам ва бо арзиши хӯрокии поин аст.

**Он чи аз гандум ва ҷав сохта мешавад:**

**Нон**

Нон баргирифта аз гандум аст. Роиҷтарин хӯроки мардум буда, ва бо ҳама созгорӣ дорад. Ҳарчи хамирмоя ва намаки он бештар бошад, тахмир ва расидан беҳтар аст. Хӯроке сабук, зудгувор ва нарм аст. Нони тозаи бемоя (фатир) гувориши сахттар дошта ва фурӯ рафтани он аз шикамба кундтар аст ва дардеро дар шикам бармеангезад ва гирифтагӣ дар ҷигар ва санг дар гурда падид меоварад.

**Нони сапед ё ҳаворӣ** (бесабус)

Арзиши хӯрокии болотар ва фурӯдиҳи кундтар дорад. Нони хушкор фурӯ рафтани тундтар ва арзиши хӯрокии поинтар дорад ва хуни сохташуда з-онба сиёҳӣ мезанад (малала ва тобақ) ва тобай ва ҳар чӣ нопухта ва ё хуб парварда нашуда бошад, гувориданро сахттар мекунад ва дард дар шикам падид меоварад. Наметавон онро пайваста хӯрд, ҷуз касоне ки пайваста бо хушкӣ ва сахтӣ ҳамроҳанд.

(Оши) ришта ва нони хушкнона ва қатоифи нони шакарӣ ва нонҳои кӯчаки мусалласи ширин ва нони гӯштии моядор мебошанд ва ба монанди ноне аст, ки ба он моя назадаанд ва танхо бо равған ва шир сиришта шудаанд, ки кулуфттар, сифттар, вале беҳтар ва бо арзиши хӯрокии болотар мебошанд.

Нони ҷав нисбат ба нони гандум сард ва бо арзиши хӯрокии камтар, ва бодсоз ва барангезандаи бемориҳои сард ва бандоварандаи шикам мебошад. Нонҳои баргирифта аз дигар донаҳо, ки дар гузашта ном бурдем, дорои вижагиҳои ҳамон донаҳое аст, ки нон аз онҳо сохта мешавад.

**Нишоста**

Чуночи з-он ҳарира ё фирнӣ бо шакар ва равғани бодом сохта шавад, арзиши хӯрокӣ дорад. Нармкунандаи гулӯ ва сина мебошад. Пайваста хӯрданаш гирифтагии ҷигар падид меорад.

**Сабус**

Чунончи бо обаш ҳарира сохта шавад, дар он поккунандагӣ ва поксозии шушҳост. Аз миёнбарандаи омосҳои падидомада аз балғам ва бод мебошад, ва чунончи омоси зери пӯст бошад, агар бо помаде (маъҷуне), ки аз пухтани он бо об сохта мешавад ва бар пахш молида шавад, хуб аст. Агар хурдшудаи онро дар об хисонда ва сипас бипазанд, поккунанади сина ва шуш аз зибриҳо ва хушунатҳои падидомада аз сурфа ва барои рафъи сангинии сина ва таровишҳои шушҳо мебошад.

**Оби ҷави пухта**

Барои дорандагони табҳои сахт судманд аст. Нармкунандаи сина ва шуш ва азмиёнбарандаи ташнагӣ ва гармои сӯзон аст. Он часпандагӣ ва лизӣ ва сифтӣ надорад. Вижагии поккунандагӣ ва сирипте сард ва намур (намнок) дорад. Чунончи бо шакар ва сиканҷабин нӯшида шавад, тунд фурӯраванда аз шикамба ва поккунандаи он аст. Ва шустушӯдиҳандаи пасмондаҳо ва пешобовар ва азмиёнбарандаи сифтиҳо ва барои барсом судманд бошад.

**Хамир**

Хамирмояи баргирифта аз орди гандум, ки андаке гарм аст. Ҷолинус гуфта: «Бо он ки дар ҳангоми турушшудагӣ гармозо мебошад, вале нерӯи сардкунандагӣ низ дорад. Он азмиёнбарандаи омос аст ва чунончи бо равған рӯи думалҳои чиркин гузоранд, думал сар боз мекунад».

Ва агар аз андозаи тахмири он нагузашта бошад, онро рӯи ҷои неши каждум бигзоранд, судманд аст. Дар ин маврид беҳтар аст хуб пухта шавад, то сифт гардад ва онгоҳ бар ҷои неши каждум гузошта шавад.

**Хамирмояи орди сапед**

Чуночи дар об хисонда ва соф шавад ва як шашуми вазни табошир ва ба андозаи он шакари табарзад ва ду

қирот заъфарон ба он изофа гардад ва ба кӯдаки табдори ташна нӯшонда шавад, ки вайро ором мекунад.

**Талқонҳо (савиқ)**

**Талқони гандум**

Гармо ва ташнагиро фурӯ менишонад ва касоне, ки ҷигари гарм доранд, чунончи бо оби бисёр сард ва шакаре, ки бо оби гарм шусташуда бихӯранд, суд мебаранд. Дорои каме нерӯи бандоварандагӣ аст. Ин вижагиро пас аз дарёфти хушкӣ аз оташ пайдо мекунад.

Аз ин рӯ, барои касоне, ки сириште миёна доранд ва сардӣ дар онҳо каме чира аст, судовар буда, ошомидани он бо шароб шикамро банд меоварад, вале бо шакар ва асал онро шул мекунад.

**Талқони ҷав**

Барои табдор аз талқони гандум беҳтар аст, ҷуз он ки сардӣ ва арзиши хӯрокии бештар аз миёна дорад. Бемори табдор ва шикамравиширо барои доштани вижагии бандоварандагии шикам бо он дармон мекунанд. Азмиёнбарандаи боло овардан ва дилошӯбии падидомада аз зардоб аст ва бандоварандаи шикамба ва шикамравиш мебошад ва чунончи шакар дар он набошад, зардобро аз миён мебарад.

**Талқони кунор**

Барои шикамба сундманд аст. Бандоваранадаи шикамравиш мебошад ва барои табдор ва касе, ки зардоб дорад, низ хуб аст.

Талқони ҷадвор (салт)

Сард ва барои сурфа хуб ва нармкунандаи сина ва сиришт аст. Ва барои зардоб ва таҳрикҳояш низ нек мебошад.

**Талқони сумоқ**

Вижагии часбондагии шикамбаро дорост. Судманд, бодоварандаи шикам, иштиҳоовар ва судманд барои барангехтагии зардоб ва равонкунандаи он мебошад. Бояд донист, ки ҳама талқонҳои гузорашудаи мо ҳангоме корсоз ҳастанд, ки шакар дар онҳо набошад.

**Арзиши об**

Ба гунае яксон нигаҳдорандаи намурҳои бунёдини тан аст. Хӯрокро обакӣ мекунад ва фурӯбарандаи он ва

поёноварандаи дамост. Нисбат ба шароб дорои созгории беҳтарест барои табдорон ва касоне, ки дорандаи омезаи гарманд. Беҳтарин об сабуктарини он аз назари вазн ва аз назари зуд сард ва гарм шудан ва аз назари маза бо андаке ширинӣ мебошад. Ором таҷзия шуданаш нишони сангин будани он аст. Он чи ки нишондиҳандаи сабукии он аст, зуд тамом шудан ва зуд хушк шудани замине аст, ки бо он обёрӣ шавад. Чунончи замин дар оби сабук хуб сероб гардад, зудтар аз замине ташна мегардад, ки бо оби сангин сероб шавад.

Обҳое, ки дорои маза ва бӯи баде ҳастанд, шоистаи нӯшидан нестанд ва барои дармон ба кор меравашд.

Оби кадир (ғайришаффоф) падидоварандаи тангӣ дар ҷигар ва санг дар гурда мебошад ва касе, ки онро биошомад, беҳтар аст ба ҳамроҳи он сир бихӯрад.

Оби шӯр шикамро шул мекунад. Чунончи ошомидани он ҳамвора ва пайваста шавад, ангезаи сифт шудани шикам ва хушк шудани пӯст, эҷоди тарак ва бемории гол дар пӯст мешавад.

Оби мурдобӣ (истода) ва гандида сипурзро бузург ва омезаро табоҳ менамояд ва таб падид меоварад.

Оби сардшуда бо барф (барфоб) ва обе, ки ба худии худ ин сардиро дорост, чунончи ношто ошомида шавад, шикамбаро тиҳӣ карда ва зиён мерасонад ва ҷигарро сахт сард мекунад. Бинобар ин шоиста аст, ки афроди табдор онро ношто биошоманд, то аз он суд бибранд. Ва чунончи бо хӯрок ошомида шавад, шикамбаро неруманд ва иштиҳоро бармеангезад. Андаке з-он басанда аст. Обе, ки сардии он ба андозае нарасад, ки лаззате з-он бурда шавад, шикамро омос мекунад ва ташнагиро хуб фурӯ наменишонад. Вале иштиҳоро коста ва танро шул мекунад, рӯиҳамрафта хуб намебошад.

Обе, ки ҷӯшида мешавад, бархе аз таркибҳои он аз даст меравад, бодоварии он камтар мешавад ва низ тундфурӯраванда мегардад. Оби борон барои касоне, ки зуд дучори таб мешаванд, бад аст. Бавижа агар монда бошад. Вале гунаҳои дигари он хуб мебошад. Оби веларм (ширгарм) дилбаҳамзадагӣ падид меоварад. Оби гарм чунончи дар ношто нӯшида шавад, шикамбаро аз пасмондаҳои

хӯрокиҳои аз пеш хӯрда поксозӣ мекунад ва шустушӯ медиҳад ва чи басо шикамро низ шул кунад. Агар дар ошомидани он зиёдаравӣ шавад, шикамбаро шустушӯ медиҳад ва онро суст мегардонад.

Шустушӯи тан бо оби бисёр гарм ва ё бисёр сард барои тан хуб нест. Барои тан бо омезаи миёна оби веларм некӯст.

Оби сард тани шодобро неруманд месозад ва гармии онро меафзояд. Барои солмандон ва танҳои аз по даромада зиёнбор аст.

Оби гарм хастагиро мезудояд ва дардҳоро ором мекунад, ва шодобии танро меафзояд, ва онро гармтар мекунад ва пешобро афзоиш медиҳад ва танро шул, ва барангехтагии хунро меафзояд ва неруро мекоҳад.

**Обҳои гарм**

Оби қирӣ ва гӯгирдӣ аъсобро гарм мекунанд ва барои бемориҳои сардӣ, агар касе дар он обтанӣ кунад, судманд аст. Ва низ барои бемории гол (хориш) ва ҷӯшҳои тан хуб аст. Ва андомҳои дарунӣ, бавижа ҷигарро бисёр гарм мекунад. Оби нӯшадир ва оби гилолуд, чунончи ошомида шавад ва ё дар он касе бинишинад ва ё бо он танқия шавад, шикамро шул мекунад. Оби зогӣ (купоросӣ) барои банд овардани хуни баромада аз даҳон ва хунравии моҳона, ва хунрезии бавосир судманд аст, агарчи болобарандаи дамои таб дар тан ё омезаи гарм аст.

Обҳои доғ, ки ҷӯшида ва виларм мешаванд, қуланҷро аз миён мебаранд ва бодҳои анбошташуда дар андомҳоро меронанд ва намуриро гирд меоваранд. Обҳои кони оҳан барои сипурзи бузург муносибанд ва обҳои кони мис барои омезаи табоҳшуда хубанд. Оби кони қир ва бӯра ва гӯгирд ва онҳое, ки дар конҳои нуқра ва мис ва зог мебошанд, ба ҷиҳати сангин буданашон ангезаи сахтӣ дар пешоб кардан ва падид омадани шикамравиш мешаванд.

Сахтии ин гуна обҳо ба ҷиҳати сохта шудани ин гуна филизҳо дар сармои сахт дар замин (конҳо) мебошад, ва ин ки ин филизҳо ба василаи оташ завб мешаванд.

Беҳтарини ин обҳо обе аст, ки аз сарчашмаи конҳои оҳан берун биояд ва чун арзиши боло дар хӯрокдиҳӣ доранд, барои дорандагони сипурзи бузург судманданд.

Обе, ки аз кони мис мечӯшад, табоҳкунандаи омеза аст.

**Арзиши шароб**

Шароб дорои гунаҳои бисёр ва танавуи тахмир аст ва барои пояи ҷавҳар созанда ва ҳолати он дар замонҳои мухталиф мутафовит мебошад. Ҳар шаробе, ки мастизоӣ дошта бошад, танро гарм мекунад. Камтарин гаромозоӣ аз шароби ноб аст, ки камтарин андозаи об дар он бошад. Ин гуна шароб бештар афзоишдиҳандаи пешоб аст. Дастае, ки гармозоии бештар доранд гунаи оташ ва талханд, ки гунҷоиши обхоҳии бештаре дорад ва ё бастагии болои он сиёҳ ва ширинанд, ки бандоварандаи шикаманд.

Шароби тоза бештарин гунаи созандаи хун ва пуркунандаи рагҳост. Шароб гамкунандаи шикамба ва ҷигар ва фурӯбарандаи хӯрок ва афзоишдиҳандаи хун ва гӯшт ва ҳарорати ғаризӣ ва нирудиҳандаи андомҳо барои анҷоми корҳои вижаи худашон аст, ки паёмади он беҳбуди гувориш мебошад. Берун рондани пасмондаҳоро осон ва ангезаи ҳамоварандагии тандурустӣ ва шодобӣ ва сарзиндагӣ ва кунд шудани фарорасии фартутӣ ва солмандӣ мебошад. Зиёдаравӣ ва ҳамвора нӯшидани он ба ҷигар ва мағз ва пайҳо осеб мерасонад ва ларзиш ва ташаннуҷ (гирифтагии андомҳо) ва фалаҷ ва сакта ва марги ногаҳонӣ ба ҷо мегузорад. Ошомидани миёнаи он афзункунанади фаровони дамои тан бавижа дар солмандон мегардад.

Шароби ноб ва дорои омехтагии камтар барои афроде, ки ҳамвора дар шиками худ бодҳои сангин ва касоне, ки ҷигар ва шикамбаи сард ва омезаҳои гуногун доранд, судманд аст.

Полоиш шудани он барои касоне, ки сардардҳои сахт ва сардардҳои барангезандаи мастӣ доранд, судовар аст, ва боди шикамро бармеангезад.

Шароби хеле ширин ва тоза барои афроде, ки аз гирифтагӣ ва ё сифтии даруни андомҳо гила доранд, созгор намебошад. Вале барои гурӯҳе, ки хоҳони ба даст овардани зудҳангоми тани шодобанд, созгор аст.

Неруи шароби кишмиш танҳо ба андозаи неруи шароби сиёҳ, ки дорои бастагии боло аст, мебошад, ба ҷуз он ки гармозои он камтар аст. Шароб ҳамроҳ бо асал ба андозаи гармои асали омехта бо он гармозоии бештар дорад.

Шароби асал дамои падидомада дар кисаи зардобро афзоиш медиҳад ва барои дорандагони омезаи гарм созгор ва барои бемориҳои бо решаи сардӣ судманд аст.

Шароби хурмоӣ бо бастагии боло созандаи хуни талхобӣ мешавад ва дар андомҳои дарунӣ гирифтагӣ падид меоварад, бавижа тоза ва ширин бошад, ба ҷуз он, ки шодобкунандаи тан ва афзоишдиҳандаи хун низ мебошад.

**Арзиши ошомиданиҳое, ки мастизо нестанд:**

**Фуқоъ:**

Агар ин шароб аз ҷав баргирифта шуда бошад, ба пайҳо зиён мерасонад, сардзо ва бодовар мебошад ва пешобро меафзояд ва фурӯнишонандаи ошуфтагии мастӣ аст.

Фуқои баргирифта аз биринҷ наздик ба обҷав аст, ба ҷуз бодоварии камтар дорад.

Шароби сохташуда аз нони сапед, ки дар он наъно ва карафш хисонда бошанд, бештар аз гунаҳои дигар аст, ба ҷуз он ки барои табдорҳо ва дар омезаи гарм ва обу ҳавои гарм хуб нест.

**Сиканҷабин:**

Сард аст ва хомӯшкунанди гармои зардобӣ ва хун аст. Чунончи хеле ширин набошад, аз як сӯ фурӯкашкунандаи ташнагӣ ва аз дигар аз миёнбарандаи балғам ва нарму пок ва бозкунандаи тангиҳо ва пешобовар аст. Агар турш бошад, гулӯро зер мекунад. Барои касоне, ки нотавонии аъсоб ва ё бемории вижае доранд ва афроде, ки лояҳои дарунии шикамбаи онҳо осеб дида ё ба бемориҳои рӯда наздик

шудаанд ва низ барои ашхосе, ки оруғи турш мезананд ва гурӯҳе, ки шикамба ва ҷигари сард доранд, зиёновар аст.

**Шарбати гулоб:**

Миёна ба сӯи сардӣ аст. Ором ва нармкунандаи гулӯст, барои шикамбаи хеле гарм судманд аст ва чунончи бо ях нӯшида шавад, таби болоро фурӯ менишонад.

**Асалоби сода:**

Гарм аст ва нӯшидани он барои бемориҳои сардизо судманд мебошад. Ва агар бо чошнӣ ҳамроҳ шавад, тавонотар буда ва гармзоии бештар дорад. Барои табдор хуб нест, поккунандаи шикамба аз балғам ва гармкунандаи шикамба ва пайҳо ва таҳриккунанадаи зардоб аст.

**Нӯшиданиҳое, ки мастизо нестанд:**

Он чи, ки аз кишмиш ва шакар ва асал сохта шуда, ки ба ҷои шароб нӯшида мешавад ва он ки ҳанӯз ба ҷӯшиш наомада, то мастизо бишавад, дорои ангезаи бодсозӣ ва ташнагиоварӣ ва ногуворидани хӯрок ва нармкунандагии шикам ва барангезандагии зардоб ва хунро хоҳад буд. Ҷуз он, ки сохташудаи он аз асал, ки хуб пухта шавад, бодсозии камтар хоҳад дошт.

**Нӯшобаи бунафша:**

Барои гулӯ ва сина неку ва барои шикамба бадаст ва бандоварандаи шикам низ мебошад.

**Афшураи гули сурх:**

Сифткунанда ва дилошубгар ва бандоваранади шикам аст.

**Афшураи ҷӯшондаи биҳии турш:**

Шикамро мебандад ва шикамбаро неруманд месозад ва ташнагиро аз миён мебарад.

**Афшураи ҷӯшондаи анори турш:**

Аз боло овардан ҷилавгирӣ мекунад, шикамро банд меоварад ва барои сардард аз мастӣ ва дилошубӣ ва боло овардан ва сардарди ҳамроҳ бо омос некӯ аст.

**Афшураи ҷӯшондаи себи турш:**

Барои таппиши дил ва доғшудагӣ ва омоси шикамба ва ташнагии ҳамроҳ бо доғӣ некаст. Аз шикамравиш ва боло овардан ҷилавгирӣ мекунад.

**Афшураи ҷӯшондаи ғӯра:**

Азмиёнбарандаи чирагии хун ва зардоб аст, оромкунандаи омоси шикамба ва ташнагӣ мебошад.

**Афшураи ҷӯшондаи ривос:**

Монанди афшураи пешин аст, ҷуз он, ки коротар з-он мебошад.

**Афшураи ҷӯшондаи турунҷи турш:**

Коркарди он монанди афшураи пешин аст, ҷуз он, ки шикамро ба монанди он банд намеоварад ва азмиёнбаранда ва фурӯнишонандатар з-он аст. Ҳама афшураҳои ҷӯшонда барои касоне, ки зибре дар сина доранд, зиёновар аст.

**Шароби олу:**

Хун ва зардобро ором мекунад ва шикамравиш падид меоварад, зиёновар барои гулӯ намебошад.

**Арзиши гӯштҳо:**

Гӯшт арзишмандтарин ва бештарин мояи хӯрокиро дороcт, танро шодоб ва неруманд месозад. Касе, ки пайваста гӯшт бихӯрад, бавижа ба ҳамроҳи шароб, дучори бадгуворидани шикамба шуда (тухма) ва ниёз ба раг задан пайдо мекунад.

Гӯшти ҷондорони пир ва солманд ва рӯёнҳое, ки аз шиками ҷонварони сарбуридашуда берун меояд, беарзиш буда ва ҳеҷ хубӣ дар хӯрдани он нест. Ҳар чи ҷондор ҷавонтар бошад, гӯшти он намуртар ва нектар аст; ҳар чи пиртар гашт, гӯшти он хушктар ва бадтар мебошад. Ҳамаи онҳо гармозо ҳастанд ва барои табдор ва касе, ки аз окандагии шикамба ранҷ мебарад, хуб намебошанд.

**Гӯшти сурх:**

Арзиши хӯрокии болотаре аз гӯшти чарбӣ дорад ва камтарин пасмонда ба ҷо мегузорад ва нерӯзоии он бештар аст. Гӯшти сангини бечарбӣ барои касоне, ки бисёр талош доранд ва хаста мешаванд, судманд аст. Гӯшти нарми он барои касе, ки з-он сӯст, хуб мебошад.

**Гӯшти бузғола:**

Миёна аст ва дармонкунандаи ҳар беморӣ мебошад. Хуни хуб ва миёна месозад барои касе, ки бисёр хаста ва

ранҷур мешавад, хуб нест. Наметавон аз ин вижагиаш барои ҳолатҳои мутазодаш баҳра бурд. Зеро дорои он андоза сустизоӣ нест, ки ҳама нерӯро фурӯ андозад ва хӯрандаи онро аз пой дароварад. Шахс набояд аз бисёр хӯрдани он нигарон бошад, зеро арзиши хӯрокӣ ва сангинии он ба андозае боло намебошад, ки хуни бо бастагии боло бисозад, ва танро дучори анбоштагӣ кунад. Балки хуни сохташуда з-он миёна дар обакӣ ва сифтӣ ва гармӣ ва сардӣ аст.

**Гӯшти барраи гӯсфандон:**

Сифттар аз гӯшти бузғола ва нерумандтар ва бештар пасмондагузор аст, дараҷаи арзиши хӯрокии он пас аз гӯшти бузғола аст.

**Гӯшти буз:**

Аз гӯшти гӯсфанд сардтар буда ва пасмондагузортар аз он аст. Нерӯзоӣ ва арзиши хӯрокии он низ камтар аст ва барои дорандагони омезаи сард хуб нест. Барои касоне, ки ба бемории сардӣ дучор мешаванд, гӯшти гӯсфанд созгортар мебошад, ва гӯшти буз барои афроде, ки омезаи гарми намур доранд, созгории бештар дорад ва аз бемориҳои гарми имтилоъӣ ҷилавгирӣ мекунад.

**Гӯшти гов:**

Сангин бо арзиши хӯрокии боло аст, вале аз ин гӯшт хун бо бастагии боло ва бадбӯ падид меояд, ки ҷуз барои касе, ки ранҷурӣ ва хастагии бисёр дорад, хуб нест. Ва низ барои касоне, ки дучори бемориҳои талхобианд, хӯрдани он хуб намебошад.

Гӯшти чаҳорпоёни борбар: гарм ва сангин ва падидоварандаи хун бо бастагӣ аст, ки саранҷоми он ба талхобӣ шудан мекашад.

**Гӯшти шутур (нар):**

Бисёр гарм ва з-он хун бо бастагии боло сохта мешавад, ки саранҷоми он хуни талхобӣ мебошад. Ин гӯштҳои сегона барои касе, ки хаста ва ранҷур намешавад, судманд нест. Вале гӯшти гов аз ҳамаи инҳо беҳтар аст.

**Гӯшти оҳу:**

Миёни гӯшти шикроҳо беҳтарин аст, хуни сохташуда аз он кампасмонда ва хушк ва ба талхобӣ гароиш дорад.

**Гӯшти бузи кӯҳӣ:**

Сангинтар ва наздиктар ба талхобӣ аст, гӯшти гавазн ва урдаки ваҳшӣ ҳамин вижагиро дорад. Ҷуз ин, ки гӯшти урдаки ваҳшӣ, ки гармои бештар падид меоварад. Ин гуна гӯштҳо хуни талхобӣ месозанд, бавижа гӯшти харгӯш, ки талхобитар аз ҳамаи онҳост.

**Гӯшти тиҳӯ** (навъе аз кабк):

Тиҳӯ сабуктарин гӯштро дар миёни паррандагон дорад ва барои касе, ки мехоҳад хӯроки сабук фароҳам кунад, хуб аст.

**Гӯшти дурроҷ:**

Арзиши хӯрокии он пас аз гӯшти тиҳӯ аст. Кампасмонда ва камгармо аст ва пас з-он гӯшти чӯҷаи мурғ ва сипас тазарв аст, ки ба монанди гӯшти мурғ мебошад.

**Гӯшти мурғ:**

Хуни некӯ месозад ва оби мардонаро меафзояд, вале хушктар ва арзиши хӯрокии он поинтар мебошад.

**Гӯшти кабк,** сангинтар аз мурғ аст ва шикамро банд меоварад, арзиши хӯрокии бисёр боло дорад.

**Гӯшти чаковак** (қанобар), шикамро мебандад.

**Гӯшти гунҷишкон:**

Гарм, неруи ҷинсиро бармеангезад. Ҳамчунин гӯшти чӯҷаҳо, ки гармои бисёр дорад. З-он гӯшт хуни сӯзон сохта мешавад, ки ба тундӣ табовар хоҳад буд.

**Гӯшти ӯрдак:**

Бештари он пас аз хӯрдан пасмонда мешавад ва низ бисёр сахт ва гарм аст арзиши хӯрокии бештар аз гӯшти мурғ дорад.

**Гӯшти ӯрдакмоҳӣ:**

Гӯшти моҳича сангин аст ва созандаи хуни талхобӣ аст.

**Гӯшти шутурмурғ,** сангинтар аз он аст.

**Гӯшти мурғи сангхора:**

Ҳар чи сурхӣ ва сиёҳии гӯшт бештар бошад, гармозоии бештар ва ба сохти хуни талхобӣ гароиши бештар дорад ва аз онҳо он чи, ки бӯи бадеро доро бошад, хуни пилишт з-он сохта мешавад ва шоиста нест, ки хӯрда шавад.

**Гӯшти паррандагони обӣ ва мурдобӣ:**

Ин гӯштҳо пасмондаи бисёр доранд ва ҳар кадом, ки бӯи бад ин бештар доранд, пулиштаранд.

## Арзиши хӯроки андомҳои ҷонварон

**Сир**

Хӯроки сангин бо арзиши хӯроки болост. Табиати гармӣ дошта, ҷуз ин ки дар ҳангоми сардӣ набояд хурда шавад, чи бисёр бо он таб ва қуланҷ (дарде, ки дар тарафи шикам хусусан дар навоҳии муҷовир ба қисматҳои мухталифи рӯдаҳои фарох ҷой дошта), барангехта мешавад ва инчунин бисёр нерудиҳанда ё қувватдиҳанда мебошад, оби мардона ва хунро зиёд мекунад.

**Мағз**

Сард, рушддиҳанда ва дилошуб барои шикамба аст. Беҳтар аст, пеш аз ҳар хӯроки дигаре хурда шавад, магар он ки тасмим ба дармон бошад. Барои дорандаи омезаи гарм ва касе, ки дучори бемориҳои сард аст, хуб мебошад.

**Мағзи устухон**

Миёнаи сардӣ ва гармӣ аст, ки ба гармӣ гароиши бештар дорад.

Афзоишдиҳандаи оби мардона ва сусткунандаи шикамба аст.

**Пиҳ (чарбӣ) (орди ҷави бирён):**

Сард, афзоишдиҳанда ва бо пасмондаи бештаре аз мағзи устухон аст. Зиёдаравӣ дар он балғами сифтро дар рӯдаҳо падид меоварад.

**Пистон**

Сард ва сангин бо арзиши хӯрокии боло ва дергувор мебошад. Барои дорандагони шикамба ва ҷигари гарм хуб аст.

**Ҷигар**

Гарм, бо арзиши хӯрокии боло ва сангини дергувор аст.

**Гурда**

Дергувор ва бо арзиш хӯроки поён ва созандаи хун хуб нест.

**Сипурз**

Арзиши хӯрокии пойин дошта, созандаи хуни талхоба аст. Инчунин шикамбаро меолояд ва хӯрандаро зуд сер мекунад.

**Серобӣ (ширдон)**

Кундгувор, арзиши хӯрокии пойин, сард ва хуни балғамӣ месозад.

**Дил**

Гарм, сахт ва душворгувор, бо арзиши хӯрокии болоӣ намебошад.

**Шуш**

Сахтгувор ва арзиши ками ғизоӣ {дошта}, сард аст.

**Гӯшти моҳича**

Созандаи хуни лағжон ва часпанда ва андаке гармӣ дорад.

**Гӯшти сурх (лахм)**

Созандаи хуни хушк ва кампасмонда аст. Арзиши хӯрокии болотаре аз чарбӣ дорад.

**Гӯшт бо чарбӣ**

Созандаи хуни хеле намнок бо пасмондаи бисёр ва арзиши хӯрокии пойинтар аз гӯшти лахм аст.

**Гӯшти сурх ва сафед**

Хуни миёна месозад.

**Дунба**

Гарм аст. Барои шикамба бад ва бадгувор ва созандаи зардоб аст.

**Пӯст**

Созандаи хуни сард, ки дар он лизии (часпандагии) бисёр аст. Падидоварандаи гирифтагӣ аст.

**Поча**

Созандаи хуне мебошад, ки сардтар бо часпандагии бештар ва сабуктар аз оне ки гӯшт месозад.

**Гӯштсурат**

Сабуктар ва гармозотар ва бахши пушти он сангинтар ва сардтар аст.

## АРЗИШИ ХӮРОКҲО ПАС АЗ ПАРВАРИДАН (ПУХТАН)

**Гӯшти кабобшудаи рӯи оташ:**

Арзиши хӯрокии боло дорад, нерӯдиҳанда аст. Ба тундӣ хӯрокро ба тан мерасонад ва барои касе, ки тани ӯ тиҳӣ шуда, хуб аст ба ҷуз он ки кундгувориш мебошад ва гувориш бар охири он чирагӣ надорад. Беҳтар аст, ки пас аз хӯрдани ҳеҷ хӯроке хӯрда нашавад ва ҳамчунин бо хӯроки дигар дар

ҳангоми хурдан омехта нашавад ва то як соат пас аз хӯрдани он ҳеҷ нӯшидание ошомида нашавад, магар он ки аз рӯи ночорӣ бошад Ва инчунин бисёр андак нӯшида шавад. Гӯшт бо чарбӣ агар обпаз шуд, сангин ва фурӯ рафтани он кунд ва пурэнергӣ аст ва аз кабоб сангинтар мебошад. Ва он чи ки бо равған ҷушонда шуд, сабуктар ва гузаркарданитар аст.

**Сурхкардаҳо**

Арзиши ғизоии пойин ва бад дорад ва барои касе, ки оруғи туруш мезанад, хуб аст. Ва ҳар гуна хӯроки обпаз ва сурхкарданӣ бо гунаҳои мухталиф таритӣ ва хӯрдании он, арзиши хӯрокии пойин дорад ва барои касоне, ки аз намурӣ гиламанд ҳастанд, ва дӯст доранд, ки тани хушк ва нарм дошта бошанд, хуб аст.

**Бирёншуданӣ**

Сангин ва аз назари арзиш хӯрокӣ болост ва бояд пайваста хурда нашавад, магар барои касоне, ки шикамбаи нерӯманд доранд ва гармомеза ҳастанд. чи он шикамро банд меоварад. Ба вижа агар гӯшти чарбидори он хӯрда нашуда бошад.

**Ҷавзоб**

Он чи пеш ё ҳамроҳи он хӯрда шавад, шикамравиш падид меоварад ва аз хӯрдани он бемори қулинҷ падид меояд. Бавижа агар бо сабзавот хӯрда ва рӯи он оби фаровон нӯшида шавад.

**Ҳалим**

Арзиши хӯроки он аз бисёри хӯрокиҳо бештар аст, бавижа агар бо шир сохта шуда бошад. Он барои касоне, ки ниёзманди нерӯ ва шодобии тан ҳастанд ва низ барои табдорон ва лоғарон ва афроде, ки ранҷур ва варзиш мекунанд, судманд мебошад. Вале гурӯҳе, ки з-он суи эшон ҳастанд, бо хӯрдани он рагҳояшон ба тундӣ анбоштагӣ пайдо мекунад ва дучори таб ва дарди бандҳо ва падид омадани санги гурда ва думал ва омос мешаванд, аз ин рӯ зиёновар аст.

**Оши сирка (сикбоҷ)**

Сард ва азмиёнбарандаи зардоб ва хун аст, барои касоне, ки ҷигари гарм доранд ва гурӯҳе, ки дучори гирифтагӣ ва зардӣ ва ҳиҷоматгирифтагон ва рагзадагон хуб аст. Вале барои ононе, ки дору мехӯранд ва барои беморони асабӣ ва

танҳои низор ва нотавоне, ки ниёз ба нерӯ ва шодобӣ доранд, зиёновар аст. Чунки табиатро хушк ва нарм мекунад. Барои касоне, ки гӯшт ва хуни зиёд доранд ва афроде, ки аз бисёрии хун ва зардоб ранҷ мебаранд, бисёр хуб аст.

**Оши ғӯра (ҳисримия)**

Сард, азбайнбарандаи зардоб ва хун мебошад, шикамро мебандад, вале онро нарм намекунад ва гирифтагиҳоро ба монанди оши сирка ва ҷуз он намекушояд.

**Оши ривосӣ ва сумоқӣ**

Аз хӯрокиҳои судманд дар тобистон бавижа, агар ҳамроҳ бо каду ва хурфа ва бодиринг ва монанди онҳо хӯрда шавад. Ҳамаи инҳо ва оши сирка барои касе, ки зибрӣ дар сина дорад, бад мебошад.

**Оши зира (зирабоҷ)**

Арзиши хӯрокии миёна дорад ва созгор бо шикамба ва ҷигар аст.

Судмандиҳои оши сиркаро дорад, бе он ки зиёни онро дошта бошад.

**Оши шири турш (музира)**

Сард ва сангин бо арзиши хӯроки болост ва барои касоне, ки табдор ва лоғар ҳастанд, бисёр созгор аст. Барои афроде, ки дучори бемориҳои балғамӣ мешаванд, хуб нест.

Барои гурӯҳе, ки пайваста дучори таби муҳриқа ва ғаб мешаванд, бисёр судманд аст.

**Оши кашк (кашкия)**

Ба монанди оши ғӯра аст, ба ҷуз он ки бодовар мебошад.

**Ошҳои соддаи бе туршӣ бо гӯшт (аспедбо):**

Ҳамагӣ гарм ва аз хӯрокиҳои зимистонӣ аст. Нерӯбахшанда ва арзиши хӯроки онҳо бештар аз дигар хӯрокиҳои пухтанӣ аст. Арзиши хӯрокии он бо андозаи кам ва зиёд шудани доругиҳои гармӣ, ки дар онҳо рехта мешавад, мутафовит аст. Хун ва оби наринаро меафзояд ва танро нерӯманд ва намур ва рангро некӯ ва шодоб ва сахтӣ ва гармӣ ба пӯст медиҳад. Дар тобистон сангин ва гармозо ва табовар мешавад.

**Полуда (фолузаҷ)**

Арзиши хӯрокии болое доранд, хеле мондагор (кундгуворӣ) бо пайваста хӯрдани он гирифтагӣ дар ҷигар ба ҷо мегузорад, барои гулӯ ва шуш ва касе, ки тани нотавон ва тиҳишуда дорад, хуб аст.

**Ҳалвои ангуштпеч**

Аз полуда сабуктар ва бо арзиши хӯрокии камтар мебошад ва гирифтагии камтар падид меоварад.

**Ширбиринҷ**

Арзиши хӯрокии боло дорад ва бисёр нерӯзо барои тан аст ва афзоишдиҳандаи оби мардона ва хун мебошад.

**Нони гавзина (қатойиф)**

Суфт ва сангин аст. Арзиши хӯрокии боло дорад ва тару тозакунандаи тан мебошад.

**Лавзина (лавзинаҷ)**

Ҳаммонанди пешин, ҷуз он ки хеле сабуктар аст.

**Зулбиё (зулобия)**

Ҳамаи ҳалвоҳо, афзоишдиҳандаи хун ва оби мардонаанд ва тару тозакунандаи тан мебошанд, вале барои ҷигар ва сипурз, ки омодагии пазириши гирифтагӣ ва омосанд, бад ҳастанд. Инҳо барои гулӯ ва шуш хуб ва афзоишдиҳандаи мағзи устухон ва мағзи саранд. Он чи ки аз шакар гирифта шуда нисбат ба гирифта аз асал гармозойии камтар дорад ва беҳтарин равған ба кор рафта, дар он равғани бодом мебошад, вале он чи ки бо асал, норгил, писта ва гирду парварда шуда бисёр гармзо хоҳад буд.

**Арзиши хӯрокии тухми парандагон**

Хӯрданитарини тухми парандагоне, ки мардум ба кор мебаранд, тухми мурғ ва парандагоне чун тадроҷ ва теҳу, дарроҷ, тазарв ва кабк аст. Ва пас аз онҳо тухми урдак аст, ки арзиши хӯрокии паст ва дорои бӯӣ бад мебошад. Дигар тухмҳо чун тухми гунҷишк ва парандагон беҳтар аст, ки ба унвони дору ба кор равад. Ин ду афзояндаи бисёр оби мардона ва барангезандаи шаҳват мебошанд. Тухми ғоз

сангин ва бӯи захим (бад) дорад. Тухми мурғ ва тухми парандагоне ба монанди кабк миёна ва созгор бо тан ҳастанд.

Зардии тухм арзиши хӯрокии болое дорад ва дар гармо миёна аст, сафедии он сард, часпанда, сахтгувориш ва хуни хуб намесозад. Тухми обпази сифтшуда арзиши хӯрокии боло дорад, чун гуворидани он сахт ва фурӯ рафтани кунд дорад. Гунаи нарми он бо гувориш ва фурӯ рафтани зудтар ва некӯ барои касе аст, ки холӣ кардани тан карда ва нерӯяш фурӯафтодааст, некӯ мебошад. Гунаи нимбанди он бо вижагии миёнаи ин ду аст. Тухм барои забари гулӯ хуб ва хуни падидомада аз он миёна, нерӯзо ва гоҳе ҷонишини гӯшт мешавад ва касоне, ки омезаи намур доранд, шоиста нест, ки пайваста онро бихӯранд.

**Арзиши хӯрокии шир ва он чи з-он падид меояд:**

Мост ва кара ва панир ва оби он ва панири нимбанд (лур) ва дӯғ (рахбин) ва шири бечарбӣ ва чарбӣ (сари шир).

**Шир**

Наздик ба миёна аст, ки ба сардӣ ва намурӣ гароиш дорад. Танро шодоб ва мартуб мекунад, барои таби диқ ва сил ва сурфаи хушк ва сӯзиши пешоб ва касе банг ва зароеҳ хӯрда бошад, судманд аст. Танҳои хушкро хуб хӯрокдиҳӣ мекунад ва онро ба миёна будан наздик менамояд. Хун ва оби мардонаро меафзояд ва хеле тунд кимус мешавад, аз ин рӯ ба дорандагони табҳои бисёр боло дода намешавад ва барои касоне, ки дучори сардард ва қулинҷ ва бемориҳои сарданд, зиёнбор аст.

Таъсиргузории гунаҳои мухталифи шир (аз назари таркиби маводи дарунашон) бо ҳам бисёр мутафовит мебошад ва ин тафовут бар пояи гунаи ҷондор ва синну чарогоҳ ва наздик будани зоймонаш мебошад.

Шири гов аз дигар ширҳо бо бастагии бештар ва созгортар ва барои касе ҳаст, ки мехоҳад тани шодоб дошта бошад.

Шири улоғ (атанг) обакитар ва онро дар бемориҳои шуш менӯшонанд.

Шири меш пасмондаи бисёр ба ҷо мегузорад.

Шири шутур дар дардҳои ҷигар ва табоҳии омеза дода мешавад.

Шири ҷондорони ҷавон ва пурҷумбиш дар чарогоҳ ва хурандаи алафҳои хуб ва бо зоймони наздик ва миёна беҳтар аст. Дигар гунаҳо з-он сӯи инҳост.

**Мост (турш-роиб)**

Мости турш, ки аз мост гирифта мешавад сардтар аст аз шир ва фурӯнишонандаи гармои тан аст. Ва шоиста аст пеш аз хӯрок дар рӯзи хастагӣ ва ранҷурӣ хӯрда шавад.

**Мост (ширин - махиз)**

Бисёр сардтар аст аз мости маъмулӣ ва барои табдорон ва шикамбаи гарм хуб мебошад ва барои пай ва бемориҳои сард бад ва камтар аз мост бодовар аст.

**Шири бечарбӣ (махиз)**

Барои рондани пасмондаи зардобӣ хуб аст ва ҳамчунин гарм ва барои фарсудагии тан ва сустии он хуб мебошад. Беҳтарин гунаи он ҷушидашуда ва кара ҷудошудаи он аст. Тиккае оҳани доғ дар шир қарор дода мешавад то каме низ бастагии он бештар шавад. Ин гуна шир барои рондани пасмондаи зардобӣ ва захмҳои рӯда хуб аст.

**Оби панир**

Равонкунандаи зардоб аст ва барои гол ва ҷӯш ва ширина ва сӯзаҳои сар ва бемории зардӣ судманд мебошад. Барои касе, ки шароби ноб ӯро ранҷур кунад, бисёр хуб аст.

**Кара**

Барои зибрии гулӯ ва қубо хуб аст ва барои сузаҳои хушк ва зибрии сар хуб аст, агар бо он сарро молиш диҳанд, дармон мегардад. Хӯрдашудаи он дар даҳонаи шикамба шиновар мемонад.

**Чарбӣ (сари шир)**

Агар ба гунаи молиданӣ ба кор равад, чарбукунандаи шикамба ва нармкунандаи суфтҳост. Барои ҷои неши морҳо ва заҳрҳои гарм ва тунд судманд аст. Пайвастахории он бемориҳои балғамиро бар меангезонад. Сари шир нерӯмандтар ва бо арзиши хӯрокии болотар аз дигар чарбиҳост.

**Панир**

Панири тоза сард ва сангин ва афзоишгари гӯшт ва фурӯнишонандаи гармои болои шикамба аст. Барои сардии омезаҳо хуб нест. Куҳнаи он ба андозаи куҳнагии он асари мутафовит дорад. Гунаи тунди он гармозо, доғкунанда, ташнагиовар ва бо арзиш хӯрокии пойин мебошад, ҷуз он ки нерӯбахши даҳонаи шикамба аст. Агар чанд луқмае пас аз хӯрок хӯрда шавад, муҷиби туршӣ мешавад, вале сангиние, ки дар асари мондани хӯрокиҳои ширинӣ ва чарб дар даҳонаи шикамба эҷод шударо аз миён мебарад. Беҳтар аст, ки куҳна ва нави он канор гузошта шавад. Ҳамчунин агар шир бо бастагии боло, ҳамвора нӯшида шавад, санги гурдаро падид меоварад.

**Лур (панири нимбанд)**

Сангин ва иштиҳоовар на ба монанди панир аст. Ташнагиовар нест. Чарбтар аз панир ва шир аст.

**Мости кисаӣ**

Хеле сард ва фурӯнишонандаи ташнагӣ ва зардоб ва барои пайҳо ва бемориҳои сард бадаст.

**Дӯғи турш (рахбин)**

Нисбат ба мости кисаӣ зиёни камтаре ба пайҳо мерасонад.

## Арзиши хӯрокҳои сохта аз моҳӣ

Моҳии тоза сард ва намур мебошад, вале ҳамаи гунаҳои он сахтгувор ва муддати кӯтоҳе дар шикамба мемонад ва ташнагизост. Аз тозаи он хуни балғамӣ падид меояд ва танро намур мекунад ва оби мардонаро меафзояд. Барои қуланҷ ва касоне, ки дучори бемориҳои сардӣ мешаванд, бадаст. Барои табдорон ва беморони зардобӣ хуб аст.

Моҳиҳо арзиши хӯрокии андаке доранд ва бидуни хӯрдани хӯрокиҳои дигар тавони фурӯ нишондани зардобро надорад. Чун дар муддати мондагорӣ дар шикамба наметавонад балғам ва ташнагӣ ва ҳама часпандагиҳои пилишти танро, ки бархе аз бемориҳо аз он падид меояд, аз миён бардорад.

Беҳтарин гунаи он ҳозибо (моҳии кӯчаки дарёӣ) ва моҳии бунӣ ва гунаҳои монанди эшон аст. Ба таври куллӣ гунаҳое, ки гӯшти лиз ва пурчарбӣ ва дорои бӯи ганд доранд, зуд ба гандидагӣ ва бадбуӣ мераванд ва набояд барои хӯрдан гузиниш шаванд.

Моҳиҳое, ки аз обҳои мурдобӣ ва исто ва ё аз ҷойҳое, ки касиф ва ё дорои гиёҳони паст аст, гирифта нашаванд ва ё хеле бузург набошад хубанд. Вале бадтарин ва пастарин гунаҳо з-он сӯи инҳо мебошанд.

Моҳиҳои намаксуд он арзиши хӯрдан надорад, магар доруӣ онро ба кор баранд. Метавон андаке аз моҳии намаксуди (мамқур) шударо ба ҳамроҳи хӯрокиҳои чарб ва паст хӯрд, то андаке иштиҳо афзоиш ёбад.

Моҳии намаксуд (қарит) он аст, ки дар сирко хобонда ва ё ба гунае тоза намаксуд шуда, ки пас аз ду се рӯз, ки дар намак хобонда шуда хӯрда шавад, Ва он сардизо ва фурӯнишондаи гармӣ мебошад ва дилпечовар аст ва нармкунандагӣ низ нахоҳад дошт. Ду вижагии сардӣ ва фурӯнишондани гармӣ дигар дар он дида намешавад. Дилпечӣ намеоварад вале дар муддати мондан нарм намешавад ва аз байн намеравад ва ташнагизо низ намебошад.

## Чошниҳо ва адвияҳо

### Намак

Гарм, хушк аст, сангинии хӯроки пухташударо мегирад иштиҳо ва хости хӯрокро бармеангезад. Хӯрдани бисёри он хунро месӯзонад ва биноиро кам мекунад. Оби мардонаро мекоҳад ва хориш ва гол падид меоварад.

### Сирко

Сард ва хушк аст, лоғар мекунад, сангинии хӯроки пухташударо мегирад иштиҳоро кур мекунад ва оби мардонаро мекоҳад. Талхобро афзоиш ва зардоб ва хунро коҳиш медиҳад. Чунончи хӯрок дар он парварда шавад, нарм ва хушмазза мегардад.

### Обкома

Коркардаш ба монанди намак аст ба ҷуз он ки нерӯмандтар ва нармкунандатар з-он мебошад. Шикамро шул

мекунад, лизиҳоро мебарад ва хӯрокҳои суфтро нарм мекунад, гармозо ва ташнагиовар аст.

**Фулфул**

Бисёр гармозо ва хушккунанда аст шикамба ва ҷигарро гарм мекунад, хӯрокро мегуворад ва бодшикан аст ва гармозои болои дорад. Аз ин рӯ барои тан бо омезаи гарм бавижа дар тобистон зиёновар аст.

**Гашниз**

Сард ва хушк аст. Коркардаш нигоҳдоштани хӯрок дар шикамбаро гувориши хуб мебошад, аз ин рӯ беҳтар аст дар паи хӯрокиҳои суфти сангин, бисёр хӯрда нашавад.

**Зира**

Гарм ва хушк аст, вале камтар аз фулфул. Хӯрокро хуб мегуворад ва бодшикан аст.

Зираи румӣ – нонхоҳа ба монанди зира аз назари гармӣ ва хушкӣ аст, ҷуз он ки талхтар ва созгортар барои шикамба ва бандоварандаи шикам аст.

**Ангудони румӣ**

Гармӣ ва хушкии камтар аз фулфул ва кумаккунандаи гувориш ва бодшикан аст.

**Пудинаи куҳӣ**

Гарм ва хушк, гуворокунандаи хӯрок ва афзояндаи иштиҳо ва бодшикан.

**Анҷудон**

Гарм ва хушк ва мондагории он дар шикамба тулонӣ, вале бодшикан нест.

Нерӯи ҷинсиро бармеангезонад.

**Дорчин**

Хушк ва гарм, нерӯбахши шикамба ва ҷигар, кумаккунандаи гувориш, берункунандаи бод аст.

**Хуланҷон**

Бодшикан ва кумаккунандаи гувориш аст.

**Қурфа**

Наздик ба дорчин ҷуз он ки сабуктар аст.

**Маҳрус**

Гарм ва хушк ва нерӯбахши шикамба ва ҷигар аст, кумаккунандаи гувориш аст.

Сабзаҷоте ки дар пухтан ба кор меравӣанд:

**Коҳу**

Сард, фурӯнишонандаи гармии шикамба, аз миёнбарандаи нерӯи ҷинсӣ ва хобовар аст.

**Коснӣ**

Сард, фурӯнишондаи бисёр хуб барои гармии ҷигар ва шикамба аст ва кушояндаи тангиҳост.

**Тара**

Гарм ва хушк, иштиҳоовар сардардзо, бахтаковар дар хоб дидан аст ва барои касоне, ки зуд сардард мегиранд ва аз гармо ранҷ мебаранд, хуб нест.

**Гашнизи тоза**

Сард, беҳтар аст дар хӯрдани он зиёдаравӣ нашавад, чи басо кушанда бошад.

Андаки он коркарди коҳу дорад, ба ҷуз он ки намуркунанда нест.

**Тараи тезак**

Гарм, хушк, бодовар ва сардардзост ва кундкунандаи гувориш ва товалзо мебошад.

**Сипандон ва шоҳӣ**

Хушк ва гарм ва барангезонандаи иштиҳо мебошанд.

**Шанбалид,** гарм, бодовар, сардардзост.

**Ҷандқуқо,** гармозо ва сардзост, нафховар нест.

**Тархун,** гарм ва ғализ (сифат), бодовар аст, кундгувориш аст.

**Садоб,** гарму хушк ва мулоиму бодшикан аст.

**Бодрангбӯя,** гарм, мулоим, барои афзоиши тапиши дил, андуҳгинӣ, ҳарос, дилнигаронӣ хуб аст.

**Наъноъ,** гарм, мулоим, бодовар, товалзо, иштиҳоовар аст, оромкунанда, боло овардан ва саксака мебошад.

**Бодрук** (бозру), гарм ва сардардзо, бо арзиши хӯрокии поин; ва агар пайваста хӯрда шавад, коҳандаи (торкунандаи) биноӣ аст. Хушккунандаи оби мардона ва шир аст, вале барои даҳонаи шикамба хуб ва нерӯбахши он ва барои дил судманд аст.

**Карафс,** гарм аст, дорои тавони кушояндагии тангиҳо ва гирифтагиҳост. Бодовар ва барангезонандаи нерӯи ҷинсӣ аст ва барои бӯи бади даҳон судманд аст.

**Карафси румӣ**, ба монанди пешин, вале мулоимтар ва тавонотар аст,барои зани ширдеҳ хуб нест.

**Сир,** гарм, хушк, фурӯнишонандаи ташнагӣ (гӯё бояд ташнагизо бошад) аст. Доғкунандаи тан ва бодшикан аст. Барои шаҳрҳо ва танҳо ва замони гарм бад ва з-он сӯяш хуб аст. Гарм ва хушк, ташнагизо, барангезонандаи иштиҳо ва нерӯи ҷинсӣ ва сардардзост. Агар хом хӯрда шавад, дар шикамба намурӣ ва балғам падид меоварад.

**Калами ҳамадон ва набатӣ ва қанбиди мавсилӣ**

Калами набатӣ гарм ва хушк аст, падидоварандаи зардоб мебошад. Табоҳкунандаи хоб (руъё), вале нармкунандаи гулӯ ва сина ва шулкунандаи шикам ва коҳишдиҳандаи сардарди мастӣ ва хуморӣ мебошад. Қанбид монанди он аст, бо гармии камтар.

**Калами ҳамадонӣ,** сардтар ва кори шалғамро анҷом медиҳад ва афзояндаи оби мардона аст.

**Бодимҷон,** гарм ва бисёр хушк аст. Агар пайваста хӯрда шавад, падидоварандаи талхоб аст. Сӯзонандаи хун ва падидоварандаи ҷӯш ва сӯза дар даҳон мебошад. Агар бо сирко пухта шавад, дар даҳон сӯза нахоҳад зад. Оромкунандаи сахти зардоб ва кушояндаи гирифтагиҳо ва тангиҳои ҷигар ва сипурз аст. Бадтарин гунаи хӯрдании он хом аст ва сипас бирёншуда рӯи оташ ва сурхшудаи он бо равған мебошад.

**Шалғам,** гарм, шулкунанда, бодсоз, барангезонандаи нерӯи ҷинсӣ, нармкунандаи гулӯ ва сина ва доғкунандаи гурда ва пушт мебошад.

**Ҳавиҷ,** гарм, бодсоз, сахтгувориш, таҳриккунандаи нерӯи ҷинсӣ ва пешобовар аст.

**Морчӯба,** гарм ва намур, афзояндаи нерӯи ҷинсӣ, доғкунандаи гурда (куля) аст. Барои шикамба хуб нест, чи басо ангезаи боло овардан шавад.

**Гунаи қорчи саморуғ** (камо), сард, сангин ва гунаи сурхи он бад аст. Зиёдаравӣ дар он падидоварандаи қулинҷ аст. Беҳтар аст, ки бо чошниҳо хӯрда шавад.

**Гунаи қорч** (футр), хеле бадтар аз кам аст ва дар он гунаҳое аст, ки кушанда аст ва одамиро хафа мекунад. Ва беҳтар аст, агар чунин рухдоде пеш омад, бо он обкома (муррӣ) ва бурак хӯрда ва боло оварда шавад. Вале хуби он балғами лиз падид меоварад.

**Канкар** (харшаф, гарми хушк, нерӯи ҷинсиро бисёр меафзояд ва пешобовар аст. Агар фаровон хӯрда шавад, бӯи бади арақи танро мезудояд, гурдаро доғ мекунад.

**Ғушта,** сард, намур, наздик ба кам аст, вале сардии он камтар ва хубтар аст.

**Гунаи қорч** (кашанҷ), сарди наздик ба ғушта аст.

**Сарахс**, гарм, бодовар, афзояндаи нерӯи ҷинсӣ, сардардзо, қайовар аст.

**Гунаи тара** (сахр), гарм, хушк, хушккунандаи шикамба ва барои сар зиёновар аст.

**Гунаи ашақа** (кашус), гарми миёна ва хушк, нерӯбахши шикамба ва ҷигар аст.

**Баҳорихурмо** (талъ), сард ва хушк, шикамбаро нерӯ мебахшад ва хушк мекунад. Ҷӯшиши хунро фурӯ менишонад.

**Гунаи чағандар** (салак), сард, барои шикамба бад, шулкунандаи шикам, бодовар, барандаи балғам аст.

**Бунафша (**фарфир), сард, фурӯнишонандаи ташнагӣ ва доғӣ аст ва шикамро банд меоварад. Он азбайнбарандаи кундии дандон буда ва барои касоне, ки дучори бемориҳои зардобианд ва касоне, ки шикамравиш доранд, неку мебошад. Аз миён барандаи нерӯи ҷинсӣ аст.

**Сармак,** сард, намур, нармкунандаи шикам бо арзиши хӯрокии боло, судманд барои зардигирифтагон ва касоне, ки ҷигари гарм доранд.

**Бақлаи ямонӣ:** наздик ба сармак, ҷуз он ки гармозотар ва бо намурии камтар аст.

**Хитмӣ,** гули хаббозо (мулукия): наздик ба сармак, вале сабуктар аз он аст.

**Исфиноҷ**, миёна, неку барои гулӯ ва шушу шикамба ва ҷигар ва гармкунандаи шикам бо арзиши хӯрокии боло.

**Гунаи ашақа** (лаблоб), сард, барои шикамба носозгор аст. Шикамравиш ва дилошӯбӣ ва ранҷурӣ падид меоварад.

**Туршак,** туруша (ҳаммоз): сард, хушк, шикамро банд меоварад ва часбандагӣ дар шикамба падид меоварад, вале зардобу ташнагиро фурӯ менишонад.

**Каду (қаръ),** сард, намур, барои шикамба носозгор ва фурӯнишонандаи ташнагӣ аст ва омоси шикамба падид меоварад ва ҷигарро гарм мекунад.

**Шавид (шибит),** гарм ва барои шикамбаи дилошубзада бад аст. Физояндаи шир ва нерӯи ҷинсӣ ва нармкунандаи шикам аст.

**Турб (фуҷл),** гарм, сангин, истоии кунд дорад ва барандаи балғам ва кундкунандаи хӯрок дар даҳонаи шикамба ва барангезандаи дилошӯбӣ аст. Барги он гуворандакунандаи хӯрок ва камкунандаи иштиҳо ва кушояндаи гирифтагиҳои ҷигар ва гуворанда аст.

**Бирзади (қинна): биёбонӣ (ваҳшӣ),** гарм, бандоварандаи шикам, кушояндаи гирифтагиҳои ҷигар ва сипурз.

**Пилгӯш (росан),** гарм ва хушк аст, барои шикамбае, ки намурӣ дорад, неку, кушояндаи гирифтагиҳои ҷигар ва сипурз мебошад, пурхӯрии он хунро табоҳ месозад ва оби мардонаро мекоҳад.

**Обкомаҳо (комах) ва туршиҳо (равосир – ричол) ва рангдонаҳо (сибоғ)**

**Шир,** гарм, хушк аст, барои шикамба неку аст ва онро аз балғам пок месозад, ташнагиовар буда ва барои бӯйи бади даҳон сӯдманд аст.

**Нонхӯриши моҳиёба (саҳнот)**, гарм ва хушк аст, ташнагизо, поккунандаи шикамба аз балғами сифт ва сӯдманд барои бӯйи даҳон аст. Пайвастахории он табоҳкунандаи хун ва падидоварандаи гарӣ ва бемориҳои монанди он аст.

**Нонхӯриши моҳиёна (рубайсо),** гарм, иштиҳоовар, поккунандаи шикамба ва барангезандаи нерӯи ҷинсӣ аст.

**Моҳии килка (сумайко),** гарм, поккунандаи шикамба аз лизобҳо ва ташнагиовар аст.

**Обкомаи кабар (комихи кабар)**, гарм ва хушк, носозгори шикамба, ташнагиовар, лоғаркунандаи тан.

**Обкомаи ангудон (комихи анҷудон),** бисёр гарм, сардардзо, бисёр созгор бо шикамбаи намур ва барои касе, ки пасмондаи гуворишии ӯ бисёр бошад, сӯдманд аст.

**Обкомаи шавид (комихи шибит),** гарм ва барои касе, ки мехоҳад боло биёварад, неку аст, агар рӯи хӯрок хӯрда шавад, бад аст. Ҳама обкомаҳо бо аз он чӣ гирифта мешаванд, як пайвастагии наздике доранд. Аз намак ва тахмир, ки дар он рӯй медиҳад, сиришти дуввумиро пайдо мекунад, ки ҳамон хушку гарм ва тунду тезиро аз онҳо мегирад. Он чи бо сирко парварда мешавад (туршиҳо), аз сирко вижагии нармкунандагӣ ва сардиро ба даст меоваранд.

**Туршии кабар,** гармои камтар аз намаксуди онро дорад. Барои гирифтагии ҷигар ва сипурз хуб аст**.**

**Туршии пиёз,** на ташна мекунад ва на гармозо аст, иштиҳоро бармеангезад.

**Туршии хиёр ва хиёрчанбар,** сард ва нармкунандаи нерӯманд аст. Ҳар гуна обкомаи намакин ё дар сирко парварда (туршӣ)-шуда барои касе, ки зибрии гулӯ дорад, зиёновар аст. Ба вижа гунаи дар намак хобондаи он барои касе, ки дучори гол ва хориш ва реши сар (саъфа) ва ҷуз он ва ҳар гуна бемориҳои падидомада аз сӯхтан ва табоҳии хун, бад аст.

**Хардал,** бисёр гарм, тунд, нобудкунандаи балғам ва гармкунандаи ҷигар ва шикамба. Беҳтар ҳамвора хӯрда нашавад, ки бисёр гармзо аст, ҷуз бо хӯрокиҳои сангин хӯрда нашавад**.**

**Туршии шалғам,** сард аст, бодсоз нест, фурӯнишонандаи тундии зардоб аст.

**Зайтун,** оби намакин, ки зайтун дар он нигоҳдорӣ мешавад, гарм ва хушк аст. Агар пеш аз хӯрок хӯрда шавад, шулкунандаи шикам ва нерӯбахши даҳонаи шикамба мебошад.

**Равғани зайтун,** вежагии гармкунандагӣ ва нерӯбахшии даҳонаи шикамбаро бештар дорост. Нерӯи бандоварандагии он рӯи шикам камтар мебошад.

**Туршии уштурғор (бехи дарахти ангудони хуросонӣ),** гармкунанда ва кумаккунандаи гувориш аст.

**Рубиён (мигу),** агар намакин нашавад, гармозойии камтареро дорост ва бодовар ва афзояндаи нерӯи ҷинсӣ мебошад. Намаксуди он ҳамчун моҳии намаксуд аст.

**Малах (ҷарод),** намакназадаи он гармозост, арзиши хӯрокии поин дорад. Намаксуди он бештар гарм мекунад ва ташнагиовар аст ва сӯзонандаи хун мебошад.

**Гунаи чошнӣ (сибоғ),** ки аз сирко ва нонхоҳ сохта шудааст, гуворандаи хӯрок аст. Хеле гармкунанда нест. Агар бо сир ва хардал гирифта шавад ва дар он сирко рехта нашавад, бисёр гармозост. Чунончи, ба ҳангоми дӯғи турш (рахбин) хӯрда шавад, гармозойии он бештар мегардад.

**Бозот,** сард ва омехтагии сохташуда аз он бад ва барои пайҳо зиёнбор аст.

**Меваҳо ва барҳо**

**Хурмо,** гарм, сангин аст, бо арзиши хӯрокии болост, пайвастахории он сифтӣ дар андомҳои дарунӣ падид меоварад ва дандонҳоро табоҳ месозад, хун ва оби мардонаро меафзояд. Хурмои тоза (рутаб) гармозойии камтаре аз он дорад, ҷуз он ки лизкунанда ва олояндаи (ласиқ) шикамба аст.

**Ангур,** танҳо ширини он гарм аст. Гармозойии он камтар аз хурмост ва монанди хурмо гирифтагӣ падид намеоварад. Бодовар ва шулкунандаи шикам ва шодобкунандаи тан аст ва истоӣ ва сих шудани наринаро афзоиш медиҳад. Гунаи нарми он зуд фурӯраванда ва камбодовартар аст. Сифти он з-он сӯй аст. Он ки мазаи туршӣ ҳам дар канораш бошад, гармозо намебошад, балки азбайнбарандае аст, ба шарти он ки бо оби сард шуста ва пеш аз хӯрок хӯрда шавад. Ғӯра сард, бандоварандаи шикам ва азмиёнбарандаи зардобу хун аст. Мавиз гармои миёна ва арзиши хӯрокии хуб дорад ва

монанди хурмо тангӣ падид намеоварад, ҷуз он ки хурмо арзиши хӯрокии болотар аз он дорад.

**Анҷир,** гарм аст ва тозаи он бодовар буда ва нармкунандаи шикам аст ва омехтагии бад надорад. Хушки он (анҷир) арзиши хӯрокии боло дорад ва гармкунанда аст. Агар бисёр хӯрда шавад, хориш ва шапуш падид меоварад. Чунончи, пеш аз хӯрок хӯрда шавад, шикамро нарм мекунад.

**Гунаи анҷир (ҷамиз)**, гарм аст, барои шикамба бад ва дилошӯбовар аст, вале сабуктар аз анҷир ва зудфурӯбаранда аст.

**Муз,** гарм аст, барои шикамба номуносиб, болооваранда аст, ба тундӣ табдил ба зардоб мешавад, иштиҳоро кӯр ва шикамро равон мекунад, зибрии гулӯро мебарад.

**Найшакар,** гармои миёна дорад, гулӯро нарм мекунад ва пешобовар аст. Сӯзиши ҳангоми пешобро аз миён мебарад ва барои сурфа судманд аст.

**Анор**, ширини он на сардизо ва на бодовар аст. Ташнагӣ меоварад, гулӯро нарм мекунад.

Туруши он синаро зибр ва шикамба ва ба вижа ҷигарро сард менамояд ва ҷӯшиши зардобу хунро фурӯ менишонад. Хумории мастӣ ва боло оварданро аз миён бармедорад.

**Биҳӣ,** ширин ва туруши он шикамбаро мебандад ва туруши он бештар. Вале иштиҳоро бармеангезад. Ва вижагии он банд овардани шикам аст, чунончи, пас аз хӯрок хӯрда шавад, фурӯ бурдани сангиниҳоро зудтар анҷом медиҳад ва ҳар чӣ сардтару туруштар бошад, кори банд овардани шикамро бештар анҷом медиҳад.

**Гулобӣ,** бо мазаи ширин, сардизо нест. Ҳама гунаи он шикамро банд меоварад, магар он ки пас аз хӯрок хӯрда шавад, ки сангиниро зудтар фурӯ мебарад ва саранҷоми он банд овардани шикам хоҳад буд. Тобистонии (синии) он камтар юбусатовар аст. Ва ҳама гунаҳои он оромкунандаи ташнагӣ ҳастанд.

**Золзолак** (зуърур), Сард аст, бандоварандаи шикам, оромкунандаи хун ва зардоб аст.

**Кунор** (набақ), сард, хушк аст, бандоварандаи шикам, оромкунандаи зардоб ва ширини он асари камтаре дорад.

**Тут,** ширини он гарми миёна, олояндаи шикамба, шулкунандаи шикам ва туруши он сард, шулкунандаи шикам ва азмиёнбарандаи нерӯманди зардоб аст.

**Себ,** ҳар чи сардтар бошад, бандоварандатар аст, туруши он барои даҳонаи шикамба хуб аст, ҷуз он ки шикамбаро аз лизӣ пур мекунад.

**Олу**, сард, шулкунандаи шикам, фурӯпошандаи зардоб ва коҳандаи иштиҳо аст.

**Ҳулу** (хавх), хеле сард, барои шикамба мултаҳиби хуб аст. Он оҳиста фурӯ меравад ва сахт ба хун табдил мешавад. Дар пайваста хӯрдани он табҳои балғамӣ падид меояд.

**Зардолу**, сард, шулкунандаи шикам, бодовар, азмиёнбарандаи зардоб, сусткунандаи шикамба ва фурӯнишонандаи барафрӯхтагиҳои (омоси) он аст. Муддате пас аз пайваста хӯрдани он табҳое падид меояд.

**Ревос,** сард, хушк аст, бандоварандаи шикам аст, фурӯнишонандаи зардоб ва хун аст.

**Харбуза** (батих), ширини он ба тундӣ дигаргун ва ба зардоб табдил мешавад ва гунаҳои дигари он фурӯнишонандаи ташнагӣ ва намуркунанда ва пешобовар аст. Зиёдаравӣ дар он шикамравиши хунӣ падид меоварад.

**Хиёр ва хиёрчанбар**, ҳар ду сарданд ва ташнагиро фурӯ менишонанд ва шикамбаро сард мекунанд ва пешобоваранд.

**Балут,** сард ва хушк аст ва бандоварандаи шикам ва коҳандаи пешоб мебошад.

**Шоҳбаллут**, арзиши хӯрокии он боло ва коҳандагии пешоби он кам аст.

**Гирду,** гарм аст ва ҷӯш дар даҳон падид меоварад ва низ гармкунандаи тан аст. Ташнагиовар, сардардзост.

**Бодом,** ширини он гармии миёна дорад, нармкунандаи гулӯ аст ва меваи сангин мебошад, ки мондани он дар шикамба ба дарозо мекашад. Вале гирифтагизо нест, балки гирифтагиҳоро мекушояд ва сӯзиши пешобро ором месозад. Чунончи, бо шакар хӯрда шавад, оби мардонаро меафзояд.

**Писта**, гарм аст, кушояндаи гирифтагиҳои ҷигар аст ва гармтар аз бодом аст.

**Фундуқ**, аз гирду ва бодом гармои камтаре дорад, вале сангинтар аз он ду аст ва барои неши каждум хуб аст.

**Норгил**, нерӯи ҷинсиро меафзояд ва гурда ва перомуни онро гарм мекунад.

**Ҳаббаи ал-хазро**, гарм аст, афзояндаи оби мардона, нерӯи ҷинсӣ ва гармкунандаи гурда ва чоққунандаи он мебошад; равонкунандаи хуни моҳона аст.

**Ҳабби симна**, гарм аст, афзояндаи нерӯи ҷинсӣ ва тарутозакунандаи тан аст.

**Лавзу-с-санавбар**, танро гарм мекунад. Барои ларза (раъша) ва тангии нафас (рабв) сӯдманд аст ва оби мардонаро меафзояд.

**Донаи фулфул**, гарм, афзояндаи оби мардона, сардардзост.

**Донаи залам**, оби мардонаро меафзояд.

**Шоҳдона,** гарм, сардардзост, сангин ва табоҳшаванда аст, барандаи нерӯи ҷинсӣ аст.

**Кунҷид,** гарм, сангин ва табоҳшаванда аст, бадбӯкунандаи даҳон мебошад ва сусткунандаи шикамба ва нармкунандаи шикам аст.

**Хашхош,** сард аст, барои гулӯ ва сина хуб мебошад ва хобро меафзояд.

**Сунҷид** (ғубайро), сарди хушк, шикамро банд меоварад ва низ оромкунандаи боло овардан аст.

**Унноб,** гармоиши миёна, барои гулӯ ва сина некӯ, фурӯнишонандаи гармии хун аст.

**Каварза**, (харнуби шомӣ), гармоишаш миёна аст, бандоварандаи шикам, гунаи набатии он бидуни гармозоӣ коркарде нерӯманд дорад.

**Гили хӯрокӣ**, (тину-л-акл), сард, нерӯбахши даҳонаи шикамба, азмиёнбарандаи дилошӯбӣ пас аз хӯрок аст. Хушбӯкунандаи нафас мебошад. Зиёдаравии он дар ношто дар ҷигар гирифтагӣ падид меоварад ва омезаро табоҳ мекунад.

**Кабар,** гарм, гирифтагиовар дар ҷигар аст ва бузургкунандаи сипурз ва поиноварандаи иштиҳо ва лизкунанда ва афзояндаи лизобаи шикамба мебошад.

**Понид** (фонид), гарм, нармкунандаи гулӯ ва шикаму пешобдон ва гармкунандаи перомуни гурда аст.

**Асал,** гарм аст. Ба тундӣ ба зардоб дигаргун мешавад. Берункунанда ва поккунандаи балғам дар солмандон ва касоне, ки омезаи сард доранд, мебошад. Дар тобистон барои дорандагони омезаи гарм носозгор аст.

**Шакар**, нармкунандаи гулӯ ва шикам аст. Хеле гармкунанда нест.

**Таранҷабин** (тарангабин), шикамро шул ва гулӯро нарм мекунад.

**Гиёҳони хушбӯ**, шоҳиспарам (шоҳисфарам). Каме ба гармозоӣ гароиш дорад, агар рӯйи он гулоб бирезанд, хобовар мешавад.

**Марзангӯш,** гарм аст. Нармкунанда, кушоянда аст. Барои бемориҳои аз сардии мағз судманд аст.

**Пӯдина** (намом), гарм, нармкунанда аст.

**Гули сурх** (вард), сард аст, оромкунандаи сардард аз гармӣ ва мастӣ аст ва барангезонандаи зуком ва атса аст.

**Бунафша,** сард аст, хобовар, оромкунандаи сардардҳо аз гармӣ мебошад.

**Ос,** сард аст, бандоваранда, нерӯбахши андомҳои сустшуда аст.

**Турунҷ** (утриҷ), пӯсти он гарм, нармкунанда аст. Гушти он миёна аст, вале сангин ва кундгувор мебошад. Турши он азмиёнбарандаи зардоб аст.

**Чинор** (дулб), донаи он барои заҳрҳо судманд аст.

**Луффоҳ**, сард аст, сангинии сар меоварад. Хобовар аст, чунончи хӯрда шавад, дилошӯбкунанда ва болооваранда хоҳад буд ва чи басо кушанда бошад.

**Нилуфар,** сард аст, хобовар, оромкунандаи сардард аст.

**Бобуна** (укҳувон), гарм, сангинкунандаи сар ва хобовар аст.

**Дарамна** (шиҳ), гарм ва хушк аст, барои гирифтагиҳои роҳи бинӣ хуб аст.

**Ёсамин,** гарм аст, нармкунандаи некуе барои сардард аст, ки аз сардӣ ва бодҳои фишурда падид омада бошад ва нерӯбахши мағз аст.

**Насрин,** гарм аст, нармкунанда барои табдорон ва ба зудӣ аз миёнбарандаи сардард аст.

**Нарҷис**, гарм, нармкунанда аст.

**Савсан,** нармкунанда, судманд барои мағз аст.

**Фаланҷмуш,** гарм аст, барои тапиши дил ва тарсӯ ларза (раъша) хуб аст.

**Бед** (варду-л-хилоф), сард аст, нерӯбахши мағз ва азмиёнбарандаи бухори гарм аст.

**Ҳамешабаҳор** (хайрӣ), гарм, нармкунанда аст, бавижа зардранги он. Ва ҳар чӣ аз гиёҳон, ки ба ҳангоми бӯйидани он эҳсоси тундиву тезӣ ва барангехтан шавад, чун дарамна ва пӯдина, нишондиҳандаи гармии онҳост. Ва он чи ки аз онҳо эҳсоси лаззат ва оромиши дил эҳсос гардад, ба монанди бед (варду-л-хилоф) ва нилуфар ва гули сурх ва ҳамонанди онҳо, нишонаи сардии онҳо мебошад.

**Хушбӯкунандаҳо**

**Мушк** (миск), гарм, хушк аст, барои табдорон ба тундӣ сардард меоварад. Барои бемориҳои аз сардӣ дар сар судманд аст. Барои дилошӯбӣ хуб ва поин афтодани нерӯ хуб мебошад.

**Анбар**, гарм, нерӯбахши мағз ва дил аст.

**Кофур**, сард, нармкунандаи сардардҳои аз гармӣ ва бемориҳои аз гармии сар ва бемориҳои ҳамаи тан судманд аст. Бисёр бӯйиданаш бедорӣ (нахобидан) меоварад. Ва агар ошомида шавад, гурда ва хояро сард мекунад ва оби мардонаро сифт менамояд ва бемориҳои аз сардиро дар чунин ҷойҳои тан ба ҷо мегузорад.

**Чандан** (сандал), сард, хушк аст, агар онро бибӯянд ва ё бар тан бимоланд, барои бемориҳои аз гармӣ хуб аст. Ва чунон чи дар гармоба бар тан бимоланд, хориш ба ҷо мегузорад.

**Омла** (сук), гарм, хушк аст, барои шикамба хуб аст, бӯйи бади araқи танро мебарад.

**Уд,** гарм, хушк аст, барои шикамбаи намур ва лиз хуб аст.

**Заъфарон,** гарм, хушк аст, барои шикамба хуб нест, падидоварандаи дилошӯбӣ ва сардардзо ва сангинкунандаи сар ва хобовар аст.

**Олуболуи талх** (маҳлаб), гарм, оромкунандаи пайҳоест, ки дар пайи зарба хӯрдан сифт шудаанд.

**Гулоб,** нармкунанда аст, оромкунандаи сардардҳои аз гармӣ ва хумории мастӣ ва беҳушиву ранҷурӣ мебошад. Корбурди бисёри он мӯйҳоро сапед мекунад.

**Қаранфул,** гарму хушк ва нерӯбахши шикамба ва дилу мағз аст.

**Мийъа**, гарм ва сангинкунандаи сар ва хобовар аст.

**Нохуни париён** (азфору-т-тийб), гарм ва сангинкунандаи сар ва сардардзо аст.

**Каст** (қуст), гарм ва хушк. Ва агар аз роҳи бинӣ бухур дода шавад, барои сармохӯрдагӣ хуб аст ва гирифтагиҳоро мекушояд.

**Мушки зери замин** (суъд), гарм, хушк аст, барои бӯйи бади даҳон ва шикамбаи намур ва лиз созгор ва хуб мебошад.

**Ушнон**, гарм, хушк аст, поккунанда ва кушояндаи гирифтагиҳо аст. Гӯшти изофиро аз миён мебарад.

Бештари хушбӯкунандаҳо гарманд, магар он хушбӯкунандагоне, ки эҳсос шаванд монанди эҳсосе, ки аз гулобу кофур ва сандал ба даст меояд.

**Равғанҳо**

**Равғани зайтун**, гарм аст ва ҳар чи бештар гарм бошад, бештар сукзананда ва бодовар аст. Сангинӣ ва сифтӣ ва табоҳ шудани дигар равғанҳоро надорад.

**Равғани ҳайвонӣ** (сумн), болотарин арзиши хӯрокиро дар миёни ҳамаи равғанҳо дорад ва сангинтар аз дигар равғанҳост.

**Равғани гирду,** бисёр гармозост. Нерӯи обкунандагии бисёр болоеро дорад.

**Равғани норгил,** гарм аст ва гурдаро гарм мекунад.

**Равғани карчак** (харваъ), гарм ва поккунандаи пайҳо аз лизиҳоест, ки дар онҳо гирифтор мешаванд.

**Равғани бодом,** миёна аст, барои синаву шуш ва пешобдону гурда хуб аст. Дар фурӯравандагӣ кунд аст.

**Равғани турб,** гарм ва нармкунанда ва обкунанда аст. Ва барои дарди гӯш аз ҳавои фишурда ва сармо судманд мебошад.

**Равғани бон,** гарм в нармкунанда аст.

**Равғани савсан**, гарм аст, ором ва нармкунандаи пайҳост. Барои бемориҳои заҳдон низ судманд аст.

**Равғани наргис**, низ инчунин аст.

**Равғани бунафша,** сард ва хобовар аст.

**Равғани нилуфар,** нерӯмандтар аз бунафша аст.

**Равғани каду**, монанди онҳост ва низ барои гармо ва шабзиндадорӣ (бехобӣ) хуб аст.

**Равғани гули сурх**, сард аст, барои сардард ва бемориҳои аз гармӣ дар сар хуб аст.

Ҳамаи равғанҳо бо аз он чӣ гирифта мешавад, нисбате доранд.

**Равғани каст** (қуст), гарм аст ва пайҳоро гарм мекунад ва барои карахтӣ ва ларза (раъша) хуб аст.

**Равғани сунбул,** гарм аст. Агар рӯйи шикамбаи сард молида шавад, барои он хуб аст.

**Равғани мастакӣ,** агар бахше аз доруҳои молидании рӯи шикамба бошад, барои шикамбаи сард некуст.

**Равғани ос,** сард аст ва нерӯбахши мӯйҳост.

**Равғани ҳамешабаҳор** (хайрӣ), гарм аст, нармкунанда ва обкунанда аст, бавижа зардранги он.

**Равғани балисон,** бисёр гарм аст, хурдкунандаи санг ва кумаккунанда барои бордор шудан аст.

**Пӯшок**

Ҳар гуна пӯшоки ҳамвор ва дурахшон камтарин гармиро барои тан дорост ва беҳтар аст, ки дар тобистон пӯшида шавад. Ва ҳамчунин порча бо бофти нозук, ки курки пашм дар он нест ва дурахшон ҳам намебошад, бештар гарм мекунад ва пӯшоки зимистон аст.

**Катон,** сардтарин пӯшок бар тан аст ва камтарин часпандагӣ ва вобастагӣ ба танро дорост. Бинобар ин ҷойгоҳи муносибе барои шапуш нест.

**Пунба,** гармтар аз катон ва часпандагии бештаре ба тан дорад.

**Абрешим,** гармтар аз катон ва сардтар аз пунба аст, гӯштро парвариш медиҳад.

Ҳар пӯшоки зибр бештар танро лоғар ва пӯстро сахт мекунад ва з-он сӯи он.

**Пашму мӯй,** гарм аст, зибр, фарсояндаи тан аст, бавижа дар тобистон пӯшида шавад. Ва низ ҳар пӯшоке, ки аз пашми шутур гирифта шавад, бо ҳамин вижагӣ мебошад.

**Курки буз** (марғазӣ), бисёр гарм аст, ба тан мечаспад ва онро бисёр гарм мекунад.

**Хаз,** гармкунандагии он монанди ин ду аст, ҷуз он ки зибр нест ва пӯстро озор намедиҳад.

**Пӯсти санҷоб,** дар миёни пашмҳо камтарин гармодиҳиро дорад.

**Пӯсти рӯбоҳ,** гармозоии бештар дорад ва барои табдорон муносиб нест.

**Пӯсти рӯбоҳи холдор** (фанак) ва қокум, охир камтарин гармодиҳиро нисбат ба пӯсти фанак дорад, сипас пӯсти ҳавосил (мурғи сапед) бештарин гармодиҳиро нисбат ба қокум дорост.

**Ҳавосил,** гармоиши миёна аст бо ин ки сабук аст ва барои тан миёна некуст.

Дигар пӯшокҳои пӯстӣ ва куркӣ ва пашмҳо, ки ном набурдем, ҳамагӣ хушканд ва танҳо барои тани зумухт ва зибр созгоранд.

**Ҳаво ва бод**

**Боди шимол,** боде, ки аз сӯи қутби шимол аз ҷойгоҳи Фарқадон) (ситораи қутбӣ, ё ду бародарон ва банот-наъш) мевазад, сарду хушк аст. Танро сахту нерӯманд ва сару ҳисгарҳоро хушк мекунад. Ин аз беҳтарин бодҳост ва дуркунандаи гандидагиҳо мебошад, ҷуз он ки барангезонандаи бемориҳои падидомада дар шушу гулӯ ва сармохӯрдагӣ ва зуком мебошад. Ва бандоварандаи шикам ва пешобовар аст.

**Боди ҷануб**, боде, ки аз сӯи қутби ҷануб, аз ноҳияи ситораи суҳайл мевазад, танро шул ва ба ҳисгарҳо осеб мерасонад. Сардард ва омоси қарния ва навбатҳои саръӣ ва табҳои уфуниро бармеангезад, вале гулӯ ва синаро зибр

намекунад. Ва ин бод бештарин бемориҳоро меоварад, ба вижа агар дар тобистон ва охири баҳор бивазад.

Боде, ки аз оғози тобистон мевазад ва боде, ки аз поёни зимистон то поёни тобистон мевазад аз назари гармиву сардӣ миёна ҳастанд. Боде, ки аз сӯи ховар мевазад беҳтар ва солимтар аст. Фишурдатарин ва бадтарини онҳо бодҳои вазида аз сӯи бохтар мебошад.

Беҳтарин ҳаво, ҳавои софу латиф, ки дар он бухорҳои фишурда ва шарҷӣ (вамад) истода ва дамкарда набошад, балки ҳавое бошад, ки бо боди тозаву арзишманд барои нафас кашидан бивазад ва бо ғуруб кардани хуршед ба тундӣ сард шавад. Ҳавои бад з-он сӯи он аст. Ҳар чи ҳаво фишурда ва гарм бошад, гӯё монанди он аст, ки бар дил фишор меоварад ва нафас кашиданро боз медорад.

Ҳавое, ки оганда аз бухори оби бисёр ва фишурда, ки бархоста аз дарёчаҳо ва мурдобиҳое, ки оби онҳо истода ва гандида аст, бӯйи бадро аз ин гандидагӣ ва мондагии об мегиранд ва ё ҳавоест, ки аз як ҷо мондан ва фишурда шудани бисёр гарму доғ шуда ба гунае, ки бод наметавонад онро бивазад. Ин гуна ҳаво вабоӣ аст ва он ҳавое аст дар ҷойҳои маскунии маҳсур миёни кӯҳҳои сар ба фалак кашида ва ё мурдобҳои дар перомуни он гирд омада ва фишурда шуда ва мондааст, ба гунае, ки боди фаровон низ намевазад.

**Шаҳрҳо**

Бештарин тафовути шаҳрҳо аз назари обу ҳаво хатти арзии онҳо мебошад. Шаҳрҳои шимолӣ сардтар ва ҷанубӣ гармтаранд. Шаҳрҳои сардсерӣ солимтар ва сокинини он танумандтар ва нерӯмандтар ва дорои гувориши беҳтар ва пӯсте хушрангтар ва тане нармтар мебошанд. Шаҳрҳои гармсерӣ з-он сӯи ин вежагиҳоро доранд. Шаҳрҳое, ки аз сӯи шимол кӯҳҳое онро фаро гирифта вазиши бод дар онҳо кам буда ва аз судмандиҳои боди шимолӣ бебаҳраанд. Чунон чи вазиши боди ҷануб низ ҳамроҳи ин мушкил гардад, омезаи гарми намур ба вуҷуд меояд. Омезаи шаҳрҳои шимолӣ сарди хушк аст ва дар онҳо табу гандидагӣ кам хоҳад буд.

Беҳтарин шаҳрҳо ва миёнатарини онҳо шаҳрҳоест, ки рӯ ба сӯи ховар кушода ва аз сӯи бохтар пӯшида бошанд. Ва

бадтарин шаҳрҳо з-он сӯи ин вежагианд. Шаҳрҳое, ки дар бахши шимолии онҳо дарё бошад, шимолӣ мебошанд. Шаҳрҳое, ки кӯҳҳо аз ҳар сӯ онҳоро фаро гирифта, ё дар ҷои паст бошанд, ҳавои шарқӣ доранд. Шаҳре, ки бар баландӣ қарор гирифта, ки вазиши бод дар он фаровон аст, шаҳри фароху густарда аст ва ҳавояш хуб аст. Шаҳре, ки пуробу дарахт бошад, намурӣ ва шарҷии бештаре дорад.

Сарзамини бе гулу гиёҳ ва камоб хушк аст, чунон чи санглохе (сахрае) бошад хушктар. Замине, ки гили гарм дорад, миёна дар намнокӣ ва хушкӣ мебошад. Ва он ки гиле сиёҳу бадбӯ ва гандобӣ (ҳамоӣ) дорад, дорои ҳавои пилишт ва уфунӣ аст. Хоки шӯразор (сибха) агар ба ҳамроҳи он ҳавое гарм дошта бошад, ҳавои бадтар дорад. Ва чунон чи ба ҷои он ҳавои он сарзамин сард бошад, бадии камтареро дорост.

Шаҳрҳои гарм ранги пӯстро зард ва сиёҳ мекунад ва гӯшту хунро мекоҳад ва танро мефарсояд ва нерӯро аз миён мебарад, вале шаҳрҳои сардсерӣ з-он сӯи онҳо мебошанд.

Шаҳрҳои намнок мӯҳоро баланд ва танро нарму шодоб ва аъсобро ором менамояд, шаҳрҳои хушк з-он сӯи ин вежагиҳоро доранд.

### Арзиши хӯрокии мураббоҳо (парвардаҳо)

Гули ангубин (ҷуланҷабини асалӣ): барои шикамбае, ки дорои намурӣ ва бод аст, дар сурате, ки хуб ҷавида шавад ва бо он оби гарм нӯшида шавад, некуст. Хуб нест касе ки гармиву барафрӯхтагӣ дорад, бавижа дар чилаи тобистон онро бихӯрад, чун гармкунанда ва ташнагиовар аст. Чунон чи барои беморе, ки пеш аз ин ёд кардем ниёз шавад, боиста аст, ки ба ҷои он шарбати сиканҷабини шакарӣ нӯшида шавад.

**Мураббои бунафша,** гулӯро нарм ва сурфаро аз миён мебарад, шикамро шул мекунад , ҷуз ин ки шикамбаро суст ва иштиҳоро фурӯ меандозад.

**Мураббои ҳалилаи сиёҳ,** шикамбаро нерӯманд ва пок менамояд ва ба таври комил мечалонад ва намуриҳои баҷомонда аз хӯроки пешинро мегирад, чунон чи пайваста хӯрда шавад, рангро зебо ва пириро дуртар мекунад.

**Мураббои атрифули кӯчак** (омла, ҳалила, балила), дар коркардҳои гуфташудаи пешин нерӯмандтар аст, ҷуз он ки оби мардонаро мекоҳад.

**Мураббои занҷабил,** бисёр гарм аст ва шикамбаву ҷигарро гарм мекунад ва кумаккунанда дар фурӯ бурдани хӯрок мебошад ва барангезонандаи нерӯи ҷинсӣ аст.

**Мураббои шақоқил,** сангин аст ва иштиҳоро фурӯ меандозад, чунон чи пайваста хӯрда шавад, оби мардонаро меафзояд.

**Мураббои фулфул ва мураббои шукуфа ва баҳори фулфул,** монанди занҷабил аст.

**Доруҳое, ки бисёр ба кор мераванд**

**Асорун (**сунбули румӣ), гарму хушк аст ва барои гирифтагии ҷигар судманд аст, пешобовар ва барои бемории истисқои лаҳмӣ хуб аст.

Изхир (кум), гарму хушк аст. Агар онро ба гунаи доруи молиданӣ ба кор баранд, барои омоси сахти шикамба ва ҷигар хуб аст.

Ушнон (шана), гармии андак дорад ва аз боло овардан ҷилавгирӣ мекунад ва шикамбаро нерӯ мебахшад.

Исмид (сарма), сарду хушк, нерӯбахши чашм ва нигаҳбони тандурустии он аст. Ва агар онро ба худ баргиранд, аз равонии хуни моҳона мекоҳад.

Ақоқиё, сард, хушк аст, аз миёнбарандаи берунзадагии нишастгоҳ ва бандоварандаи шикам аст.

Абҳал (ваҳл), гарму хушк аст, резишдиҳандаи хуни моҳона аст ва рӯёнро фурӯ меандозад.

Анзарут, барои чирки чашм (қай) ва омоси қарина ва барои думмалҳои тоза хуб аст.

Афтимун (зираи румӣ), гарму хушк аст, талхобро равон мекунад, бодшикан аст.

Амбарборис (зиришк), сарду хушк ва бандоварандаи шикам ва азмиёнбарандаи ташнагӣ аст, барои шикамба ва ҷигари омосида хуб аст.

Омла (амлаҷ), сарду хушк ва нерӯбахши шикамба ва решаи мӯҳост.

Озоддарахт (озодрахт), гарму хушк аст барои кушоиши гирифтагиҳои сар хуб аст. Мӯҳоро баланд менамояд. Меваи он барои шикамба бад ва зиёновар аст ва чи басо кушанда бошад.

Анҷура, гарм аст ва барангезонандаи нерӯи ҷинсӣ аст ва он чӣ чиркобаи даруни сина бошад, онро аз даҳон берун меандозад ва равонкунандаи балғам аст.

Инфаҳа, гарм аст ва шикамро ба сахтӣ банд меоварад. Бандоварандаи хунрезиҳо мебошад.

Исқил (пиёзи муш), гарму тунд аст, барои саръ ва бузургии сипурз ва неши морҳо ва тангии нафаси куҳна судманд аст.

Тарёк, сарду хушк ва оромкунандаи дардҳои аз гармӣ аст. Мастиовар ва хобовар аст.

Абсантин (афсантин), гарму хушк аст, нерӯбахши шикамба, кушояндаи гирифтагиҳои ҷигар мебошад ва барои табҳои тӯлонӣ судманд аст.

Устухудус, гарм, равонкунандаи талхоб ва балғам аст. Ва агар вежагии поксозии дигаре дошта бошад, барои дармони саръ ва молихулиё судманд хоҳад буд.

Иклилу-л-малик, гарм, нармкунандаи омосҳои сахти бандҳо ва андомҳои дарунӣ аст.

Ушшақ, гарм, нармкунандаи омосҳои сахт ва обкунандаи омосҳои сафти гардан (ханозир) мебошад.

Балисон, дона ва равғану чӯби он барои неши каждуму мор ва дардҳои заҳдон судманда аст.

Балодур (балозур), Гарми бисёр хушк, барои бемориҳои сард ва фаромушӣ судманд аст, ҷуз ин ки хунро месӯзонад ва чи басо ангезаи пайдоии бемории васвос мешавад.

Бӯра (бурақ), гарму хушк аст, боло оварданро бармеангезонад. Агар онро ба худ баргиранд, метавонад шикамро нарм кунад.

Буссад (марҷон), сарду хушк аст, чунон чи пас аз хуб орд шудан хӯрда шавад, аз хун баромадан аз даҳон ҷилавгирӣ менамояд. Чашмро нерӯ мебахшад ва аз таровидани ашк ҷилавгирӣ мекунад.

Бозовард, ба гармӣ мегарояд ва барои табҳои куҳна хуб аст.

Бон, гарм аст ва хуни сифтро нарму дигаргун мекунад. Чунон чи рӯйи лаку как ва мак молида шавад, онро аз миён мебарад. Равғани он барои сахтиҳои бачомонда аз шикастабандии устухон хуб аст. Тондунҳои хушкро нарм ва пайҳоро гарм мекунад, барои шикамба носозгор аст. Он дилошӯбкунанда ва шулкунандаи шикам аст.

Панчангӯшт, гарм, хушк аст, барои бузургии сипурз судманд аст. Ва аз бархезондану сих кардани нарина чилавгирӣ мекунад.

Банг, ҳама гунаҳои он мастизо ва мухаддиранд. Ва баддтарини он сиёҳранг аст, ки кушанда мебошад. Чунон чи кӯбидаи он рӯи омосҳои пурзарабон молида шавад, карахткунандаи он хоҳад шуд.

Базри қатуно (тухми исфарза), сард аст. Агар бо гулоб ошомида шавад, табро фурӯ менишонад ва оташи онро мехобонад. Синаро нарм мекунад ва барои соидагии рӯда (саҳҷ) агар обпаз шавад, ё нӯшида шавад, судманд аст. Чунон чи дар сирко парварда шавад ва бар бандҳое, ки дорои омоси гарманд молида шавад, дарди онҳоро фурӯ менишонад.

Баҳман, сурхи он гарм аства барангезонандаи нерӯи чинсӣ аст.

Пари сиёвашон (барсиёвашон), гарм аст, чунон чи сӯзонда шавад ва бо он сарро бипӯшонанд, мӯйро мерӯёнад. Ва омосҳои сахти гардан (ханозир)-ро аз миён мебарад. Шушро ах халтҳои сафт, ки ба он гирфитор шуда поксозӣ мекунад.

Булбус, пиёзи хӯрданӣ ва гарму барангезонандаи нерӯи чинсӣ мебошад. Чунон чи бо он бар чойи каку макро бимоланд, онҳоро аз миён мебарад.

Бузайдон, гарм ва нерӯи чинсиро меафзояд, барои бемории никрис судманд аст.

Баспоя (басфоич), гарм аст ва равонкунандаи талхоб ва азмиёнбарандаи қулинч аст.

Биринҷ, гарм аст ва равонкунандаи зардоб аст ва кирми кадуро аз тан берун меронад.

Балилаҷ, сиришти он ба омила (омлиҷ) наздик аст.

Ҷандбидсатр (кандбидастар), гарм аст ва танро гарм мекунад ва хуни моҳонаро резиш медиҳад.

Ҷалбаҳанг, гарму болоовварандаи сахт аст ва барои фалаҷшудагон агар бо он боло оваранд, судманд хоҳад шуд. Коркардаш наздик ба гиёҳи «харбаҷ» мебошад. Бештарин вазне ки аз он дода мешавад, як дирам аст. Чи басе ба ҷиҳати вижагӣ бисёр боловарандагии он кушанда бошад. Дар ба кор бурданаш хатар аст.

Ҷузмосил, мухаддир ва чи басо кушанда аст, мастизо ва боловоранда ва дилошубкунанда.

Ҷавзбуя (ҷавзбуво), гарму хушк аст ва шикамро банд меоварад, барои ҷигару шикамба сарду некуст.

Ҷантино, гарм аст ва барои неши каждум ва ҷигару шикамбаи сард ва сипурзи бузург судманд аст.

Ҷовшир, хеле гарм, бодшикан аст. Барои касе ки пайваста дучори бодҳои фушурда мешавад, неку аст. Ҳамчунин барои дардҳои сарди заҳдон хуб аст.

Ҷаъда, ҳамон «дарамани» кӯҳӣ аст, ки гарм, сардардзо буда, барои табҳои кӯҳна ва бемории истисқо ва бемории зардӣ ва неши каждум хуб аст.

Ҷабсин, сарду хушк аст. Агар бо сапедаи тухми мурғ зада ва рӯи ҷои бурида гузошта шавад, хунравиро банд меоварад. Агар ошомида шавад чи басо кушанда аст.

Гулнор, сарду хушк аст, шикамро сифт мекунанд ки аз хунравӣ ҷилавгирӣ намояд.

Доршишаъон, гарм, бандоваранда аст ва агар бо дамкардаи он даҳоншуя шавад, барои ҷӯшу барфаки даҳон (қалоъ) хуб хоҳад буд. Дамкардаи он барои сахтии пешоб ва талху суст шудани пайҳо хуб аст. Ва низ агар бо шароби пухта ва фатилае дар он хобонанда шавад ва сипас он фатиларо дар бинӣ кунанд барои бӯи бади бинӣ хуб аст.

Дулб (чинор), баргу меваи сарду хушк дорад ва агар хурдшудаи он, бо сирко бипарваронанд ва сипас бар ҷои сӯхтагӣ бо оташ бигузоранд, судманд аст. Ва пусти онро

агар бо сирко дам кунанд ва дар даҳон бичархонанд барои дарди дандон хуб аст.

Данқ (сариш), гарму хушк аст, омосро фурӯ менишонад.

Хуни сиёвушон, сард аст ва шикамро банд меоварад, захмҳои тозаро мечаспонад.

Дарунак (дарунаҷ), гарм аст ва барои бодҳои фушурда судманд мебошад ва барои дардҳои аз сардии заҳдону тапиши дил ҳамроҳ бо сирко ва низ барои неши каждум хуб аст.

Дафлӣ, гарм, барои гарӣ ва хориш хуб аст. Агар хӯрда шавад, кушандаи чаҳорпоён ва инсонҳо аст. Агар рӯи зону ва пушт гузошта шавад, барои дарди кӯҳнаи онҳо некуст.

Девдор, гарм барои бемориҳои аз сардии мағзу пайҳо ва шикамбаву ҷигари сард ва бавижа барои фалаҷшудагон ва сактакардагон хуб аст.

Дурди май, гарм аст ва обкунандаи омос мебошад.

Дурди сирко, гармзо нест. Агар рӯи омосҳои гарм молида шавад, оромкунанда мебошад.

Ҳалила, ранги зарди он, зардобро равон мекунад. Сиёҳранги он шикамбаро покиза ва нерӯманд мекунад ва барои бавосир судманд аст.

Ҳел, гарму хушк ва нармкунанда барои шикамба ва ҷигари сард хуб аст.

Ҳафорикун, гарму нармкунанда аст, кушояндаи гирифтагӣ ва судманд барои дарди нишемангоҳ аст.

Ҳуфостидос, ба «риши буз» (лиҳятау-т-тис) шинохта мешавад. Бандоваранда мебошад. Ин дору ҳангоме кор меравад, ки ниёз ба боздорандагӣ ва бандоварандагӣ аз он дорем.

Ваҷ, гарму хушк аст ва барои бодҳои фушурда ва сипурзи бузургшуда ва сангинии забон хуб аст.

Вусма, гарму бандоваранда аст ва рангкунандаи муй низ мебошад.

Занҷабил, гарму хушк аст. Гуворандаи хӯрок ва нармкунандаи шикам мебошад. Барои шикамба ва ҷигари сард хуб аст. Чунонки ба гунае сурмавор ба чашм молида ва

ё хӯрда шавад, барои тории чашми ношӣ аз намурии чашм некӯ аст.

Зарованд, ҳамаи гунаҳои он гарм аст. Кушояндаи гирифтагиҳо ва барои неши каждум хуб ва резишдиҳандаи хуни моҳона ва берункунандааи руён аст.

Зуфо, хушк, он гиёҳе аст гарм ва хушк мебошад, ки ба монанди «саътар» синаву шушро покиза мекунад ва барои тозагии нафас ва сурфаи куҳан судманд аст. Он равонкунандаи балғам ва берункунандаи кирм мебошад. Вале тозаи он ба номи чурки, ки ба пашми ҷонвар (васа ус-суф) мечаспад, ангезаи пазондан ва нарм кардани омосҳои сахт мешавад ба вижа онҳо ки падидомада дар бахши пешобдон ва заҳдонанд.

Зурунбод, гарму хушк аст ва азмиёнбарандаи омосу бисёр судманд барои неши ҳашарот ва мор аст. Фарбеҳкунанда аст ва бӯи шаробро аз мезудояд.

Ҷева, агар миронида шавад, сӯзандаи хубе барои голу шабуш мебошад.

Зог, гарм ва хушк аст, хушккунандаи гарии тоза ва захмҳои сар ва сурат (саъфа) аст. Хунрезии биниро банд меоварад чунон чи дар бинӣ дамида шавад ва агар рӯи ҷои бурида гузошта шавад хунрезии аз зарбаро банд меоварад.

Зарних (ҳартол), ҳамаи гунаҳои он сузанда аст ва барои гарӣ ва захмҳои сар ва сурат чи захмҳои тоза ва чи гандида аст. Ва низ барои дармони хӯра ва шапуш ва тангии нафас дар сурати бухор додан хуб аст. Чунон чи рӯи хуни мурдагӣ аз зарба молида шавад, ҷои онро аз миён мебарад.

Кафи дарё, ҳамаи гунаҳои он гарм ва хушк аст. Барои гарӣ ва пезӣ ва дои саълаб хуб аст.

Зуҷоҷ (шиша), дорои вижагии хурдкунандагии санги падид омада дар пешобдон аст. Агар бо он сарро бишуянд шураи сарро бармедорад.

Зарнаб (сарви туркистонӣ), гарм хушк барои шикамба ва ҷигари сард хуб аст ва шикамро суфта мекунад.

Зангор (занҷор), гарм, хӯрандаи гӯшт аст.

Ҳамомо (омумин), гарм ва хушк аст барои гирифтагии ҷигар аз сардӣ ва дарди заҳдон хуб аст, ангезаи сангин кардани сар ва саргиҷаоварӣ ва сардардзоӣ мешавад.

Ҳино, сард, барои барфаки даҳон (як навъи бемории даҳон) ва ҷои сухтагӣ падидомада аз оташ хуб аст.

Ҳузаз, миёна дар сардӣ ва гармӣ аст. Чунончи ба чашм молида шавад барои омосҳои аз гармии чашм ва барои омосҳои шул ва расида ва ҷунбон хуб аст ва дар сурати молидан рӯи какмак онҳоро аз миён мебарад. Ва агар бо даҳоншӯя шавад, барои хурусак (гирифтагии гулӯ) ва хуноқ ва низ захмҳои даҳон судманд аст.

Ҳурф (сипандон), бисёр гарм, доғкунандаи шикамба ва ҷигар ва нармкунандаи шикам аст. Гармиҳоро берун меронад, нерӯи ҷинсиро бармеангезад ва шушро пок месозад. Барои тангии нафас ва бузургии сипурз хуб аст. Руёнро меандозад.

Ҳошо, гарм аст, агар сурмавор ба чашм молида ё хурда шавад барои камии дид дар асари намурӣ судманд аст. Барои тангии нафас ва берун рондани кирм хуб аст ва ангезаи афтондани руёон мешавад. Ба гуворидани хӯрок кумак мекунад.

Испанд, гарм, мастизо, ва хобовар аст, барангезандаи боло овардан, резишдиҳандаи хуни моҳона аст.

Хори хаск, сард аст, хурдкунандаи санг, агар оби он нӯшида шавад, барангезандаи нерӯи ҷинсӣ аст ва сахтии пешоб карданро беҳбудӣ медиҳад.

Тухми нилуфар, равонкунандаи балғам аст ва барои лак ва песии сапед хуб аст, ҷуз ин ки андуҳовар ва дилошӯбкунанда аст.

Ҳанзал, гарм ва хушк, равонкунандаи балғами сифта ва поккунандаи сар аст ва барои дардҳои пай ва раги сиётик ва никриси сард ва доъу ал-фил (пилпой) судманд аст.

Ҳадид, хубса(рими оҳан), шикамбаро нерӯ мебахшад ва хунрезии бавосирро банд меоварад. Ва аммо обе, ки оҳан дар он қарор гирифта, дорои ин вижагиҳост: нерӯи ҷинсиро бармеангезад ва бузургии сипурзро мекоҳад.

Ҳай ал-олам (ҳамешагӣ ҷавон), сард, барои омосҳои гарм агар бо он равғанмолӣ шавад ва низ барои сухтагӣ (ҳарқу ан-нор) аз оташ ва омоси қаринияи хуб аст.

Тарфо (газ), сард, хушк, чунон чи барги онро рӯи омоси нарм бигузоранд, судманд аст. Ва агар бо дамкардаи он даҳоншуӣ шавад, дарди дандонро ором кунад. Барги он чун дар шароб пухта ва нӯшида шавад, сипурзро пажмурда мекунад. Агар бо решаи тарфо косае бисозанд ва бо он шароб ё сиканҷабин пайваста бинӯшанд, сипурзро мепажмурад.

Тарсис, тарсӯс (шутурғоз), сард ва хушк ва бандоварандаи шикам ва ҷилавгирикунанда аз хунрез аст.

Туҳлуб (ҷалбак), сард аст ва агар дар омоси гарм гузошта шавад, хуб аст.

Табошир (табошир), сард аст. Барои таби доғ ва ташнагӣ ва болоовардан ва барои берун рондани пасмондаи зардобӣ ва тапиши дил ва барфаки даҳон хуб аст.

Тини (махтум), гили махтум ва арманӣ: барои банд овардани хун баромадан аз даҳон ва шикамравиш хуб аст. Хӯрдани он баҷогузорандаи гирифтагии ҷигар ва табоҳи омеза мебошад. Нерӯмандкунандаи даҳонаи шикамба ва азбайнбарандаи сангинии хӯрок ва бӯи захм ва оромкунандаи дилошубӣ ва боло оваранда аст.

Толишфар, гарм ва хушк аст ва азмиёнбарандаи шикамравиш ва захмҳои рӯда ва бавосир аст.

Ябруъ, сард, мухаддир аст, агар бо шароб нӯшида шавад, мастизост. Чунон чи бо доруҳои дигар хӯрда шавад, дардҳоро ором мекунад. Агар зиёдаравӣ дар он шавад, кушандааст. Гиёҳе аст агар бурида шавад, широбае аз он берун меояд.

Яттуъ (широба), гунаҳои бисёр дорад ва ҳамагӣ гарм ва сари думал бозкунанда ва чиркзост. Шикамравиш ва дилошӯбӣ меоварад. Дар тан ҷӯше падид меоварад.

Янбут, хушк, ҷилавгирӣ аз шикамравиш мекунад. Агар оби он ошомида шавад, барои зардӣ хуб аст.

Карм-аш-шароб, агар пуст ва барги он кӯбида шавад ва бар омоси гарм гузошта шавад, судманд хоҳад буд ва барои

сардард низ хуб аст. Чунон ки пӯст ва баргҳояш (алафҳояш) кӯбида ва нӯшида шавад, боло оварданро ором мекунад ва шикамро банд меоварад. Широбаи (самғ)-и он хурдкунандаи санг аст ва гариро аз миён мебарад.

Кандур, гарм ва хушк аст. Дар захмҳо гӯшт мерӯёнад, шикамравиш ва боло оварданро аз миён мебарад. Агар аз он бисёр худа шавад, хунро месӯзонад ва ҳушро меафзояд ва чи басо васвос ба ҷой гузорад ва барои тапиши дил хуб аст.

Камофитус (тархуни румӣ), гарм аст ва барои сахтии пешоб кардан ва бемории зардӣ ва сиётик хуб аст.

Кандус, гарм аст, поккунандаи нерӯманд ва равонкунандаи шикам ва ташнагиовар аст.

Казмозк, сард, хушк аст, шикамро банд меоварад ва хунрезиро мебандад барои хӯрдашудагӣ (пӯсидагӣ) ва ҷунбонии дандонҳо хуб аст.

Каҳрабо, сарди хушк аст, резишдиҳандаи хуни моҳона ва бавосир ва хун баромадани аз даҳон хуб аст ва барои шикамравиш ва тапиши дил судманд аст.

Касило (касидо), гарм, чоққунандаи тан, барои шикамба судманд аст.

Кабоба, гарм, хушк, кушояндаи гирифтагиҳо ва поксозикунандаи пешоброҳ, софкунандаи гулу ва бандоварандагии шикам судманд аст.

Каранб, гарм аст, агар бар гарӣ молида шавад ва ё он нӯшида гардад, судманд хоҳад буд. Барои тангии нафас низ хуб аст.

Камодирюс, гарм ва кушояндаи гирифтагиҳо ва аз миёнбарандаи бузургии сипурз ва зардӣ аст.

Катиро (касиро), нармкунандаи гулӯ ва шуш ва судманд барои сурфа аст.

Кабиҷ (кабика), гарм, сӯзон, ташнагиовар аст. Молидани он барои гарӣ судманд аст.

Килдору (сарахс), гарм аст ва берункунандаи кирми каду аст.

Лавзи мурр (бодоми талх), гарм, кушояндаи гирифтагии ҷигар, барои тангии нафас ва санги гурда ва пешобдон хуб аст.

Лисон ул-ҳамл (бориҳанг), сард аст. Агар онро рӯи омоси гарм ва сухтагӣ аз оташ бигузоранд, беҳбуддиҳандаи онҳо хоҳад буд ва барои дарди гӯш аз гармӣ ва аз сардӣ ва захмҳои рӯдаҳо хуб аст. Донаи он барои захми рӯдаҳо некӯст.

Луф (пилгӯш), гарм, кушояндаи гирифтагиҳо ва барангезандаи нерӯи ҷинсӣ аст ва барои тангнафасии куҳна хуб аст.

Лак, гарм аст ва барои дардҳои ҷигар ва бемории истисқо нек аст.

Лисон ул-асофир (забони гунҷишк), нерӯи ҷинсиро меафзояд ва барои тапиши дил хуб аст.

Лисон ус-савр (забони гов), барои тарс ва тапиши дил ва барфаки даҳон хуб аст.

Лоғия (деви сафед), гарм, сӯзанда, равонкунанда ва дилошӯбзост.

Мурра, гарм аст. Агар нӯшида ва ё рӯи бахши шармгоҳ гузошта шавад, барои сахтии пешоб, хуб аст.

Мустако, нерӯбахши шикамба ва ҷигар аст.

Мақл ул-яҳуд, гарм аст ва азмиёнбарандаи омоси сӯхта аст ва барои бавосир хуб мебошад.

Мақл ул- маккӣ, сард, хушк, бандоварандаи шикам аст.

Мумиёӣ, барои берун баромадани хун аз даҳон хуб аст ва корбурди он дар шикастабандӣ ба зуди беҳбудӣ меоварад. Агар бо ҷива дар бинӣ чаконда шавад, барои сардарди аз сардӣ хуб аст.

Моҳини зуҳра (заҳраи моҳӣ), гарм, равонкунанда, барои нақрис ва дарди тиҳигоҳ ва пушт хуб аст.

Мақр, гарм, барои сурфаи куҳна хуб аст. Оворо соф ва муҷиби саргиҷа ва хобовар аст. Хуни моҳонаро резиш медиҳад. Ва барои неши каждум, дар сурате, ки нӯшида шавад, судманд аст.

Момисо, сард, агар рӯи омоси гарм молида шавад некуст.

Моҳубазона (моҳубадона), гарм, шулкунандаи шикам, болооварандаи сахт ва барои нақрис хуб аст.

Марқашишо (санги сахт), гарм, нерӯбахш ва пок ва дурахшонкунандаи чашм аст.

Мидод (юнҷаи ваҳшӣ), сухтагии аз оташро агар бо он понсимон кунанд хуб аст.

Маюунук (мевизиҷ), гарм, хушки сӯзанда кушандаи шупуш ва азмиёнбарандаи гарӣ аст. Андаке аз он хӯрда шавад, болооварандааст, хурданаш хатар дорад, чи басо кушанда бошад.

Момирон, гарм, барои сапедии чашм хуб аст ва биноиро беҳтар мекунад.

Мағот (мағос), бар андомҳои осебдида агар молида шавад хубкунанда аст.

Ман (газангубин), барои гулӯ ва шуш некӯ аст.

Мозариюн, гарм, хуб, равонкунандаи нерӯманди об аст ва барои ҷигар зиёнбор мебошад.

Мурдосанг (мурдосанҷ), сард, хушк барои захми рӯда ва бӯйи бади арақ судманд аст. Гӯштро мерӯёнад ва бахше аз марҳамҳо мебошад.

Маророт (заҳраҳо), ҳамаи онҳо гарм ва равшанкунандаи тории чашманд.

Мушктаромашиъ (кокутӣ), гарм, резишдиҳандаи хуни моҳона аст.

Нил (фила), гарм ва бандоваранда аст. Обкунандаи омосҳои шул мебошад.

Нӯшодир, гарм, барои забони кӯчаки фурӯафтода ва хунок ва сафедии чашм судманд аст.

Нормушк, гарм, барои шикамба ва ҷигар сарди хуб аст.

Нонхоҳ, гарм, хушк, гармкунандаи шикамбаву ҷигар ва пешобовар аст.

Натрун (бураи арманӣ), гарм, дурахшон ва поккунандаи ҷигар аст.

Нура (оҳак + зарних), гарм, сӯзанда ва хӯрандаи гӯшти зиёдӣ ва бандоварандаи хунрезии бисёр дар хуни моҳонаи хонумҳо мебошад, чунон ки шуста шавад ва рӯйи ҷойи сӯхтагӣ гузошта шавад, хуб аст.

Нафт, барои тангии нафас (рабв) хуб аст ва бодшикан аст, агар ба худ баргиранд кирмҳои кӯчакро аз миён мебарад.

Сунбул, гарм, барои шикамба ва ҷигари сард нек мебошад ва пешобовар аст.

Суъд, гарм, хушк аст ва гармкунандаи ҷигар ва шикамба, хурдкунандаи санг мебошад. Барои бӯйи бад ва ганди бинӣ ва даҳон хуб аст.

Салиха, гарм ва хушк аст, тезкунандаи биноӣ ва пешобовар аст.

Созаҷ, гарм, пешобовар барои тапиши дил ва бӯйи бади даҳон ва девонагӣ хуб аст.

Сарви кӯҳӣ (сандарус): барои хун баромадан аз даҳон ва бавосир хуб аст.

Сук, гарм аст, барои дарди асаб хуб аст, бодшикан аст.

Сарв, барг ва меваи он гарм аст, бандоваранда аст, агар рӯйи фатқ молида шавад, барои он хуб аст.

Сумоқ, сард, бандоварандаи шикам мебошад, поккунандаи шикамба аст.

Сидр, сард ва хушку бандоварандаи шикам аст.

Саратон, гунае ҷонвар аст, ки монанди ғӯк мебошад ва гӯшти он барои касе, ки сил дорад, хуб ва оби мардонаро меафзояд.

Суринҷон, барои ниқрис (варам, омос, дарди пой) хуб ва афзояндаи оби мардонагист.

Сиёҳдоварон, бандоваранда ва нигаҳдорандаи хун аст ва аз резиши мӯй ҷилавгирӣ мекунад.

Сунбода (сунбодаҷ), пуркунандаи сурохиҳои (пӯсидагӣ) падидомада дар дандон мебошад.

Сақанқур (регмоҳӣ), гарм аст, барангезандаи нерӯи ҷинсӣ, ба вижа гармкунандаи гурда мебошад.

Савсан, барои гулӯ ва шуш хуб аст. Ҳар чи дар онҳост, берун меандозад, ташнагиро фурӯ менишонад ва сӯзиши пешобро ором мекунад.

Сабистон, нармкунандаи гулӯ ва сина аст.

Солбус, гарм аст ва барои тангии нафас хуб мебошад, бодшикан буда, инчунин барои сахтии пешоб кардан ва нафхи шикам ва осон кардани зоимон (таваллуд) судманд аст.

Сакбина (сакбинаҷ), гарм, барои бодҳои фишурда, қулинҷ, саръ ва фалаҷ хуб аст. Тории чашмро равшан ва барои неши каждум судманд аст.

Сиқулуфандриюн (сиқулуқандриюн), гарм, барои бузургии сипурз, такаррури пешоб (қатра-қатра омадан) ва санг хуб аст.

Сақмуниё (искомуниё), равонкунандаи нерӯманди зардоб, зиёнбор барои шикамба, рӯдаҳо ва ҷигар аст.

Аръар (сарви кухӣ), донаи он гармкунанда мебошад ва пешобовар ва барои шикамба судманд аст.

Асо-ар-роъӣ (батбот-сурхмарз), сард, барои омоси гарм ва афрӯхтагии шикамба, агар рӯйи онҳо молида, шавад хуб аст.

Илк ул-анбот (илк ул-батм), гарм аст ва барои тиракҳову захмҳо хуб аст.

Оқарқарҳо, барои дарди дандон ва офат ва ҷӯшҳои даҳон хуб аст.

Инаб-ус-саълаб (тоҷрезӣ), сард аст ва барои ҷигари мултаҳаб некӯст.

Уруқ ус-сӯфр (зардчӯба), гарм, поккунанда ва тезкунандаи бинойӣ аст ва сафедиро мебурад.

Уноб, гарми миёна аст, нармкунандаи гулӯ, андаке оромкунандаи хун, сангин ва кунд фурӯраванда аст.

Фул (нилуфар), гарм ва хушк барои дарди пойҳо нек аст.

Фу (сунбула), гармкунанда, пешобовар аст.

Фоширо(ҳазоргаз), гарм, азмиёнбарандаи какумак, (бараш) ва тағйири рангҳои пӯст ва ҳамчунин фошири ашин ва равон кардани хуни моҳона ва саръ хуб аст.

Физза (сим), сард ва барои тапиши дил хуб аст.

Фулфулмӯя, гарм, барои қулинҷ хуб ва бодшикан аст.

Фуфал: сард, барои омоси гарм хуб аст.

Фарбиюн (фарфиюн), гарм, равонкунандаи хуб ва нерӯмандкунандаи оби тан аст. Агар онро фалаҷшудаҳо ё монанди онҳо истифода кунанд, некӯ аст. Ва низ агар онро

сурмаи чашм кунанд, барои оби чашм, ки аз оғоз ба кор равад, судманд хоҳад буд.

Филзаҳраҷ (девхор), нерӯбахши мӯйҳост. Фаросиюн (ганданои кӯҳӣ): гарм, барои тангии нафас кухна ва сахтии пешоб кардану бемории зардӣ хуб аст.

Фудинаҷ (пудина), гарм ва хушк, барои тангии нафас ва сахтии пешоб кардан хуб аст.

Фовониё (нормушк), агар ба кӯдакон онро овезон кунанд, барои саръи кӯдакон(умм-ус-сибён) ва агар дар бини бидаманд, барои саръ нек аст.

Фууввату с-сабғ (руноси ранггразӣ), гарм, равонкунандаи пешоб ва резишдиҳандаи хуни моҳона аст. Молидани он рӯйи лак ва песӣ дар дармонашон коркарди хуб дорад.

Садаф ул-муҳаррик, дандонҳоро дурахшон мекунад, агар нопухтаи онро бикӯбанду ба ҷойи сӯхтагӣ бимоланд беҳбудӣ меоварад.

Собун, гарм, чиркзо барои тан, дурахшонкунандаи нерӯмандии он аст.

Сабр, гарм, равонкунандаи зардоб, поккунандаи сару шикамба, гӯштовар аст.

Самғи арабӣ, сард, бандоварандаи шикам ва барои бемории рӯда хуб аст.

Қардамуна (қардамоно), гарм, барои саръ ва тангии нафас ва фалаҷ хуб аст. Он берункунандаи кирми каду мебошад ва дар неши каждум судманд аст.

Қасаб уз-зурайра, гарм аст, агар рӯи шикамба ва ҷигар молида шавад, барои дармони онҳо хуб аст.

Қуртум, гарм аст, нармкунандаи шикам ва афзояндаи оби мардона аст. Барои шикамба бад аст.

Қатрон (широба), хеле гарм, резишдиҳандаи хуни моҳона ва фурӯандозандаи рӯён аст. Барои гарӣ хуб аст ва бо ҷилавгирӣ аз коркарди оби мардона, бордориро боз медорад.

Қантуриюн (гули гандум), барои дарди пайҳо ва қулинҷ нек аст.

Қараз, сард ва бандоварандаи шикам аст.

Қанбил (тухми сарахс), гарм, берункунандаи кирми каду аст.

Қоқила, гарм аст ва гармкунандаи шикамба ва оромкунандаи дилошӯбӣ аст.

Қалб, гарм, пешобовар, хурдкунандаи санг аст.

Қалқос, гарм, афзояндаи нерӯи ҷинсӣ аст.

Қинна (бирзад), гарм аст. Резишдиҳандаи хуни моҳона мебошад. Бодшикан аст ва гӯштро мерӯёнад ва омоси сахти (гарданханозир)-ро аз миён мебарад.

Қалимиё ал-физза (сӯхтасим), барои гарӣ ва захмҳои чашм хуб аст.

Қалқант (зоги кабуд), сахттӯранда ва бандоварандаю аз миёнбарандаи бавосири бинӣ мебошад.

Қайшур, аз гунаҳои кафки дарё (забад ул-баҳр), сард, дар доруҳои чашмӣ қарор мегирад ва дандонҳоро дурахшон мекунад.

Қоқулӣ, равонкунандаи об ва ширу пешоб аст.

Русухтаҷ (рӯсӯхта), мӯйро ранг мекунад ва сари думмалҳоро боз мекунад ва беҳбудӣ меоварад. Обро равон мекунад.

Рата (фундуқи ҳиндӣ), гарм аст, барои неши каждум, агар бо шароб хӯрда шавад, агар дар бинӣ чаконда шавад барои каждаҳонӣ хуб аст.

Ротинаҷ, широбаи дарахти санавбар аст. Гарм, рӯёяндаи гӯшт ва дар дигар марҳамҳо як бахши таркибии онҳост.

Ратба (юнҷа), гарм аст, донаи он афзояндаи шир ва оби мардона аст.

Реванд (равонд), гарм, хушк, барои шикамба ва ҷигару замин хӯрдан, зарба хӯрдан агар хӯрда шавад, хуб аст.

Рамод (хокистар), гарм, хушк, сӯзонанда ва азмиёнбарандаи омоси шал аст.

Розиёнаҷ (розиёна), гарм, пешобовар. Барои таби куҳна судманд ва тозаи он агар ба чашм молида шавад, ширсоз ва тезкунандаи биноист.

Шилм (шилмак), гарм, азмиёнбарандаи омосҳост.

Шитрач, хеле гарм ва понисмон (шустану бастан)-и он бо сирко барои лак ва песии сафед хуб аст.

Шункор, ҳамон хас-ул-ҳимор аст, агар бо сирко молида шавад, барои песӣ хуб аст. Ва агар нӯшида шавад, барои бемории зардӣ ва агар хӯрда шавад, барои бузургии сипурз судманд аст.

Шубрум, гарм, равонкунандаи нерӯманди об ва зардобу балғам аст. Барои ҷигар бад аст.

Шаҳм, ҳамаи чарбиҳо нарм ва обкунандаанд. Шақардиюн (мусир): гунае аз сири куҳӣ аст, гарм асту барои сипарзи бузургшуда хуб аст.

Шоҳтараҷ (шоҳтара), гарм аст ва барои гарӣ ва хориш хуб мебошад, шикамравӣ падид меоварад.

Шоданаҷ (шоҳдона), бандоваранда ва сард аст, дар гурӯҳи сурмаҳо қарор мегирад.

Шаб (зоги булӯр), бандоварандаи нерӯманд аст. Дандонҳои лақро нигаҳ медорад.

Шобобак, гарм, барои резиши оби даҳони кӯдакон ва саръ хуб аст.

Шақоиқ-ун-нуъмон (лолаи куҳӣ), гарм, равшанибахши тории чашм ва сафедии он аст.

Шукоъ, гарм аст ва барои табҳои куҳна судманд аст.

Шуниз, гарм, тунд, ҷилави балғамро мегирад ва зукомро менишонад ва бодшикан аст.

Тударӣ, гарм, фазояндаи нерӯи ҷинсӣ аст.

Тамри ҳиндӣ, сард, равонкунандаи шикам ва барандаи зардобу хун аст.

Таранҷубин, миёна, нармкунандаи шикам аст.

Тӯтиё, барои нерӯбахшии чашм ва бӯйи бади зери бағал хуб аст.

Ташмизаҷ (чашмизак), гарм, барои омоси қарния некӯст.

Турбуд, нарм, нармкунандаи балғам аст.

Тофисиё (самғи судоби даштӣ), хеле гарм, сӯзонанда, дар бемории доисаълаб(бемории резиши мӯй) ангезаи равиши мӯй мешавад ва чунончи бо он танро молиш кунанд, судманд аст.

Сайл (бедгиё), пешобовар ва хурдкунандаи санг.

Харуъ (курчак), барои қулинҷ ва фалаҷ хуб аст. Нармкунандаи сахтиҳо агар рӯйи онҳо молида шавад.

Хардал, гарм, агар ба ком молида шавад, барандаи балғам ва берункунандаи кирм аст ва думмалҳоро мепазонад.

Хитмӣ, хатмӣ, хитмӣ (гули шайпуршакли калон, ки рангаш сафед, сурх ё зард мешавад,

Хиру, гарми миёна аст, оромкунандаи дардҳо ва нармкунандаи омос ва бо донаи он ба ҳамроҳи сирко агар дар офтоб рӯи он молида шавад, песиро аз миён мебарад ва барои сӯзиши пешоб хуб аст.

Харбақ (палохум), (навъи растании заҳрдори марғзор, ки гулҳои хӯшамонанд дорад). Сиёҳи он равонкунандаи талхаоб ва сафеди он болооварандаи нерӯманд ва хӯрдани он хатарнок аст.

Хиёри шанбар (фулус), нармкунандаи шикам ва судманд барои омоси андомҳои дарунӣ аст.

Хамири ҳанта (хамири гандум), барои дарди кафи по понсимон хуб аст ва думмал (думмал - чипқон)-ро мепазонад.

Зарореҳ, зурроҳ (боғуҷа, кужхор), гарм, бисёр тунд, барои гиро (карӣ) хуб аст, ангезаи захмӣ шудани пешобдон мешавад, чунончи фаровон аз он нӯшида шавад, пешобро хунӣ мекунад ва чӣ басо кушанда бошад. Андаке аз он бисёр пешобовар аст, агар бо сирко рӯи он молида шавад, барои песӣ хуб аст.

Занбулхайл (амсух), сард, барои шикамравиш ва хун баромадан аз даҳон ва омос гарми хуб аст.

Заҳаб (тилло), барои тапиши дил ва бадии танаффус хуб аст.

Зирв, барои шикамравиши ҷӯш ва барфаки даҳон бисёр судманд аст.

Ғор (ранд - мобиҳиштон), гарм, барои омоси заҳдон ва неши каждум ва дардҳои асабӣ хуб аст, дона ва равғани он дилошӯбзо ва болооваранда аст.

Ғироуҷҷулуд (сирешим), барои бемории захми сар ва рухсора (саъфа) ва фатқ (тарқиш, кафида) ва хун баромадан аз даҳон хуб аст.

Ғорикун, гарм, кушояндаи гирифтагиҳои ҷигар, барои тангии нафас ва саръ хуб аст. Омехтагиҳои сифт (сахт)-ро равон мекунад.

Ғофат (гули хилла), гарм, кушояндаи тангии ҷигар, барои табҳои куҳна хуб аст.

Ғурб (дарахти падаҳ, беҳосил), пӯсти хушк ва кӯбидаи он барои думмалҳо (чипқонҳо) ба кор меравад ва агар дар гулӯи касе золуе (зулуке, шуллуке) гир кунад бо ғарғара кардани афшураи он бе он ки забаре падид оварад, барояш судманд ва коро хоҳад буд.

**Доруҳое, ки дар мартабаи нахуст гармозо ҳастанд**

Сабр, (сабир, алоэ, бобуна), луф (дастмолкаду), ки гӯши афсантийн хонда мешавад (пилгӯш), лодан (самғи хушбӯй), донаи каттон (зағир), хокистари ҳалазун (ҳолазун, тӯқумшуллуқ)-и хушкӣ, нахӯд, шоҳтара, хурмо.

**Доруҳое, ки дар мартабаи дувум гармозо ҳастанд**

Дурдӣ (таҳшин), афшураи зайтун, шувайди хушк, вале гунаи тозаи он каме гармозо аст.

Барнаҷосуф (барнаҷосуп), баласон. Алафе, ки ба он роъиюлибл гуфта мешавад ва қасабаи зарираҳӣ ва заъфарони кундар, мустако, асал, шароби ноб, фарбиюн (фарфиюн, зарбат), чирки кундавии асал (васхулкавар мум), афшураи хиёри чанбар, унсул (пиёзи даштӣ), решаи ғурб (падаҳ, дарахти беҳосил).

Куъуб, (каъб, буғум), мурр (парпӣ), пӯсти дарахти ҳуббатулхазроъ, хирфа, (ҳулба), решаи мозариюн (модариюн)-и сапед (дарахти ширадори монанди сумоқ), камофитус (тархуни румӣ), бозруҷ (гули бӯстонафрӯз), гундбидастар, донаи ангуза (анҷура), барги ангуза (анҷура), асқоқил, ки гунае аз иклили (тоҷи) малик аст, зарованди дароз, гирд, бодом, ки ба он дароқвитун гӯянд, дибқ

(сирешим), майъа (дарахти стиракос), ки астарак гуфта мешавад, намак, гӯгирд.

**Доруҳое, ки дар мартабаи савум гармозоянд**

Дармана ба вижа арманӣ сӯхтаи он, шайлам (шолум, девгандум), ки гунае гирдуст, ваҷ(ч) (агари туркӣ), ҳамома (омуман), широбаи гирду, нонхоҳ, зог (зок, зоҷ)-и сӯхта, анийсун (бодиёни румӣ), ғор (мобиҳиштон), асорун (бехи сунбули румӣ), харбақ (палохум)-и сапед ва сиёҳ, афтимун (зираи румӣ), пудинаи обӣ (фудинҷуннаҳрӣ), наъно, ҳошо (сумис), пӯсти найи сӯхта, каравё (нонхоҳ, зираи даштӣ), салиха (дорчин), сарв, янбут, (кӯкнор), мармохур (марзангӯш), решаи мурр, ҳармал (испанд), садоб (сазоб, испанд), шароби кӯҳна, ҳама гунаҳои пудинаи кӯҳӣ (футанҷулҷабалӣ), широбаи говшер, карафси сахроӣ (харсангӣ), турб, марзангӯш, қинна, (бирзад)-и бадбӯ, карафси даштӣ, камодариюс (лифтӣ, шалғам), дона ва барги банҷанкашт, пудинаи даштӣ, равған ва барги турб, кошим (тухми ангидони румӣ, шибити кӯҳӣ), сакбинҷ (сакбина), садафи сӯхта, мӯйи сӯхта, мушктарии амшиъ (кокутӣ), занҷабил (шангабил), морқашушо, қардамоно (кардамон), ҳалтит (ангуза).

**Доруҳое, ки дар мартабаи чаҳорум гармозоянд**

Кафкаке, ки перомуни найҳо дар дарё ба даст меоянд, тираҳ, карам, фарбиюн, қатрон, қуст (каст, номи дарахт), пиёз, сайробӣ, ҳама гунаҳои ятуъ (широба, дарахти ширдор), судоби хушкӣ (гиёҳе мисли пудина) ва ҳама чизҳои сӯхта.

**Доруҳое, ки дар мартабаи нахуст сардизоянд**

Қокиёи нишаста, ҳастаи кишмиш, говшер (ҷовшер), ҷав, дулб (чанор), дарахти канор, коснӣ, меваи уллайқ (хуч)-и расида, решаи ширинбаён, нил, гулобӣ агар аз берун понсимон шавад, момийсо, барги най, алафе, ки шушаро дурахшон мекунад (ҳашушуззуҷоҷ), баспоя (басфояҷ, номи давое, ки чӯби дарахте аст), равғани гули сурх, харозӣ (ҳароз), ки рӯи санглох бошад, барги бунафша, ҳиск (хасак, гули тоҷира)-и тоза, хашхош (кӯкнор, лолахасак).

**Доруҳое, ки дар мартабаи дувум сармозоянд**

Қоқиёи нашуста (хесонда, таркарда нашуда), борҳанг, бақлатулямония (амаранти сурх), афси сабз (мозу, чормағз), банг (банҷ), каду, суммоқ (номи меваи туруш), харбузаи ҳиндӣ (батихи ҳиндӣ), барги ҳалаюн (морчӯба), барги зайтун, инабуссаълаб (тоҷрезӣ), боғистонӣ, таҳлаб (ҷулбак), тухми қатуно (тухми асфарза), ҳулв, афшураи шохаи дарахти хурмо, ҷуммор (мағзи тана - нахл), сарб, гӯшти турунҷ (лимон), хиёр мебошанд.

**Доруҳое, ки дар мартабаи савум сармозоянд**

Ҳайюлолами бузург (ҳамишаки ҷавон), ҳайюлолами кӯчак, бақлатулҳамқо, (хурфа, тараи хурфа), луффоҳ (дастанбу, мардумгиё), турунҷи турш, пари сиёвушон (пари сиёвуш, пари совуш, банге, ки дона ва гули он сапед аст, футур (қорчи хӯрокӣ), гулнор (гули анор), донаи (уллайқ), равғани уллайқ (хуч), хашхош (кӯкнор)-и сиёҳ, асоурроъӣ (батбот).

**Доруҳое, ки дар мартабаи чаҳорум сармозоянд**

Шавкарон, широбаи хашхош (кӯкнор) ва ҳама чизҳое, ки мухаддиранд, монанди тарёк ва ҷуз он.

**Доруҳое, ки дар мартабаи нахуст хушккунандаанд**:

Бобуна, донаи ғор (мобиҳиштон), саъд (ғеша, қиёқ), савиқи ҷав (Талқон), заъфарон, кундури розиёна (самғи дарахти мушобеҳ ба мустако), дифла (харзаҳра), саътар (овешан, овес), тухми харбузаи хушкшуда, тухми ангуза (анҷура), бодоми ширин, аноғолис (аногир), решаи сийл (бедгиё, марғ), пари сиёвушон, ҳайюлолам (ҳамишак)-и бузург ва кӯчак, равған ва широбаи гирду, гулобӣ агар бо он понсимон шавад, барг ва решаи ширинбаён, харози (ҳарози) ба даст омада аз саҳраҳо, пӯст ва гирдуи дулб (чанор), нашоиста.

**Доруҳое, ки дар мартабаи дувум хушккунандаанд**

Шайлам (шолум, девгандум), қафруляҳуд, баласон, аҷамуззабиб (ҳастаи кишмиш), шоҳтара алафе, ки ба он

«роиюлибл» гӯянд, қасабаи (найи) зарираҳ, пӯсти кундур, мустако, асал, пӯст ва донаи турунҷ, решаи мурр, сунбулуттайиб, шароби ноби мардафкан, карсана (карашна, ғаллаест тираранг), широбаи говшер, зифт (қир), турб, решаи куъуб, мурр, дарахти мустако, ҳаббатулхазроъ (букалак), зарованд, решаи луф (пилгӯш), ки ба он дорфритиюн гӯянд, шоҳдона, курунб (карам), решаи нилуфар, нашоиста, гундибедастар.

**Доруҳое, ки дар мартабаи савум хушккунандаанд**

Дирамана ва ба вижа сӯхтаи он, ақоқиё, ваҷ(ҷ) (агари туркӣ), сабр (сабир, алоэ), нонхоҳ, зог (зок, зоҷ)-и сӯхта, мурр (парпӣ), анисун (бодиёни румӣ), ғор (мобиҳиштон), асорун (бехи сунбули румӣ), афсантийн (апсантийн), харбақ (палохум)-и сапед ва сиёҳ, абҳал, афтимун (зираи румӣ), ҳошо (сумис), саътар (овешан, овес), пудинаи рудхонаӣ, хокистари пӯсти най, каравё (зираи румӣ, зираи даштӣ), салиха (дорчин), шавниз (сиёҳдона), сарв, ҳуммозулатраҷ (шилҳа, туршак, қав), шароби кӯҳна, сирко, пудинаи кӯҳӣ, решаи бантофлун (панҷангӯшт), карафси даштӣ ва кӯҳӣ, садоб (испанд)-и бӯстонӣ, фарбиюн (фарфиюн, зарбат), суммоқ (номи меваи туруш), марзангӯш, қайсум (шоҳбобак), зуфо, камозириюс (мондоруи талх), решаи морзиюн (мӯрди зард, ос), камофитус (тархуни румӣ), хокистари ҳалазун (ҳолазун, тӯқумшуллук)-и хушкӣ, барги ғор (мобиҳиштон), мушктари амшиъ (кокутӣ), пашми сӯхта, донаи уллайқ (хуч) ва баласон агар аз берун гузошта шавад, ҳалтит (сунбули мушкин, камол, ферула), доршушъон, нони сӯхта, фошросин, равғани турб, ҳама бахшҳои дарахти баллут, духн (арзан, говрас) агар молида шавад, пӯсти ғурб (падаҳ, дарахти беҳосил)-и сӯхта, сӯхтаи баргҳо ва канораҳои калами хушк ва ҳама гунаҳои бура (бурақ, танакор), натрун (бураи арманӣ), нахӯд, футури асолиюн (тухми карафс), мӯи сӯхта, гулнор (гули анор), фовониё (нормушк), баллут, хокистари харчанги сӯхта.

**Доруҳое, ки дар мартабаи чаҳорум хушккунандаанд**

Тара (тарра, барги дарахт), карам, қатрон, хардал, судоби даштӣ, сир, гулнори мисрӣ, донаи уллайқ (хуч), турб, баласон агар аз берун гузошта шавад, саътар (овшан, овес - пудина).

**Доруҳое, ки бидуни сӯзиш хушккунандаанд**

Тухм ва барги анҷура, дурдӣ, афшураи зайтун, аноғлис (аногир), ки ироқиён «азонулфор» мегӯянд, борҳанг, турмус (тармис)-и талх, занабулхайл (амсух), ки ироқиён бадон (лиҳияи тайс) гӯянд, намак, барги ғурб (падаҳ, дарахти беҳосил), пӯсти гирдуи сӯхта, говрас, ғорикун (номи давои мусҳил), фошири зардранг (ҳазоргаз), сисолиюс (ангидони румӣ), боқолӣ агар аз берун гузошта шавад, ҳама бахшҳои дарахти сарв, решаи саъд (ғеша, қиёқ), он чи аз донаи санавбар, ки дар об хесонда (таркарда) бошанд, решаи нилуфар, решаи бантофлун (панҷангӯшт), анзарут, катиро, ҳама гунаҳои гул, қалимиё (сӯхтаи филизот), тӯтиёи чанд бор хесонда (таркарда) шуда, сафедии обакии тухми мурғ ва зардии он.

**Доруҳое, ки дар мартабаи нахуст намваркунандаанд**

Лисон-ус-саврр (говзабон), афшураи ширинбаён, коҳу, ҳулв, равғани гули сурх, футур (қорчи хӯрокӣ), барги бунафша, хусиюссаълаб (саълаб, сотурийн, суртиюн), наҳӯд.

**Доруҳое, ки дар мартабаи дувум намваркунандаанд**

Хирфа, бақлатулямония (гунае исфаноҷ), каду, зардолу, харбуза, ҷулбак.

**Доруҳое, ки намварии обакӣ доранд**

Ақоқиё, хирфа, борҳанг, сармак (сармақ, сурма), барги уллайқ (хуч), бақлатулямония, момисо, коҳу, дибқ, (сирешим), барги бунафша, каду, қурт (гандано, себарга, юнучқа), шавкарон, дарахти гирду, хашхош (кӯкнор), зардолу, футур (қорчи хӯрокӣ), дулб (чанор), пари сиёвушон, хуни сиёвушон, қато (бодаринги дароз)-и парваришӣ, сурб, ҳиск (хасак, гули коҷира), ҷулбак, тухми асфарза.

## Доруҳое, ки дар гарм ё сард кардан миёнаанд

Пари сиёвушон, адас, ҳалиюн (морчӯба), гули артус, гули сомис, равғани хушмаза, мурдосанг, шамъ (мум), боқило, нахӯд, зайтун, харбуза, пӯсти турунҷ (лимон), фоширшин (сиёҳдору), сарахс, решаи хитмӣ, дарахти мустако, он чи аз донаи санавбар хӯрда шавад, хусиюссаълаб (саълаб, сотурийн), афшураи ширинбаён.

## Доруҳое, ки дар хушк ё намвар кардан миёнаанд

Решаи нил агар рӯи он молида шавад, равғани гуворо, ки аз зайтун фишурдашудаи расида ба даст омада бошад ва хусиюссаълаб (саълаб, сотурийн).

## Доруҳои нирубахш

Салиҳа, афс (мозу, чормағз)-и норас, устухудус, барнаҷосуфи бандоваранда, афсантин.

## Доруҳое, ки пазонандаи бемориянд

Ҳамомо (омуман), кишмиши бӯстонӣ, дармана, лодан (самғи хушбӯй), дибқ, заъфарон, кундури зифт (қир), мустакии мисрӣ, равғани гули сурх, майъа (дарахти стиракос), мурр, қинна.

## Доруҳое, ки хубкунандаи думмал (чипқон) ҳастанд (чирковар)

(Ин доруҳо) кумаккунандатарин ва созгортарин чиз барои берун овардани чирки думмалҳо (чипқонҳо) ҳастанд ва аз чизҳое, ки бар думмал молида мешавад об бо гармии миёна аст.

Аз доруҳои молиданӣ марҳаме аст, ки аз гандуми пухташуда бо об ва равғани зайтун ба даст меояд. Гунае дигари доруи молиданӣ, марҳами баргирифта аз нон аст, ки ба ҳамин гуна сохта мешавад. Беҳтар аст нонро ба гунаи миёна бипазанд, чунки агар хеле пухта шавад барои омосе, ки ба сахтӣ мерасад, хуб мебошад, вале он ки пухти андак дорад барои омоси хеле гарм ва сахт, ки ҷӯшон аст, судманд мебошад.

Беҳтар он аст, ки дар ҳама молиданиҳои гузошташуда рӯи омосе, ки ба душворӣ пазонда мешавад, равғани зайтуни бештаре рехт, вале омосҳое, ки дар ҳолати ҷӯшуанд, камтар рехта шавад. Молидании баргирифта аз нон омосҳое, ки дер пазонда мешаванд, (онҳо)-ро дармон мекунад.

Чун дар нон мояи хамир ва намак вуҷуд дорад. Молидании баргирифта аз орди гандум дар дармони омосҳое, ки ҳарорат бештар доранд, корсоз аст. Он ҷӣ ки аз орди гандум ва нони сапед аст, шоистагии бештаре барои гирд овардани чиркҳои думмалро дорост.

Ҳамчунин доруҳои кӯмаккунанда, ки рӯи думмал гузошта мешавад, то ҳама чирки онро берун резад, чарбии хук (хинзир) ва чарбии гӯсола ва кура ва кундур ва зифт ва широбаи санавбар, ки омехта бо равғани зайтун ҳастанд. Беҳтар аст дар омосҳои гарм ин доруҳо бо равғани гули сурх омехта шаванд ва дар дигар омосҳо бо бархе аз равғанҳои гарм ҳамчун равғани зайтуни кӯҳна ва равғани зайтуне, ки ба он сафровисун гӯянд, омехта шаванд.

## Доруҳое, ки нармкунандаанд

Аз доруҳои нармкунанда: чарбии буз ва мурғ, ки каме нокоро мебошанд ва чарбии ғоз нерӯмандтар аз чарбии мурғ аст. Чарбии оҳубарра аз чарбии буз нерӯмандтар аст ва чарбии говмеш аз онҳо нерӯмандтар вале аз барраи оҳу сусттар аст. Мағзи устухони гавазн нармкунандаи басандае мебошад ва пас аз он мағзи тираи пушт аст. Мағзи устухон аз мағзи муҳраҳои пушт беҳтар мебошад. Аз мавориде, ки дар ин гунаҳое, ки пеш аз ин гуфтем, нерӯмандтарин ва пурчарбитарини онҳо (амшаъ) аст, ба вижа агар тоза ва фарбеҳ бошад. Майъа ва қинна бадбӯ аст ва муқли сифлӣ (сиқлӣ, меваи хурмо), ки сиёҳ бошад ва бештарини ҳаммонандро ротинҷ (самғи санавбар) дошта бошад. Ва беҳтарини онҳо он ки тоза бошад. Онҳое, ки кӯҳна шаванд, тунд ва бисёр хушк хоҳанд буд ва ҳамчунин равғани (зайтун), ки ба он сақродибун гуфта мешавад, аз ин гуна аст. Равғани савсан низ нармкунанда аст. Ҳамчунин равғане, ки бисёр гуворост ва аз зайтуни дурушт гирифта мешавад.

Доруҳои нармкунандаи дигар аз ин даст, дарбаргирандаи: бобуна ва решаи хатмӣ (хитмӣ) ва решаи хиёри чанбар ҳастанд, ки агар бо оби барги хаббоза (пушак, гули хайрӣ, мехчагули)-и даштӣ ба гунаи хом ё пухта ва ё бо равған ба кор раванд. Хаббозаи даштӣ нерӯмандтар аз онҳост ва донааш низ нерӯмандтар аз худи он. Мустакои мисрӣ ва широбаи говшер чиркҳои гирдомада бар дандонҳо (асном) ва бар ҷойгоҳи каштӣ гирифтан ва гармоба (хокистари тун, захдон, гулхани гармобаҳо) ва ҳамчунин бар ҳар гуна хокистар ин номгузорӣ ниҳода шудааст.

**Доруҳое, ки кушоянда ва поккунандаи роҳҳоянд**

Горикун, бодоми талх ва дарахти он, пари сиёвушон, тухми анҷура (ангуза), решаи луф (дастмолкаду), ки лодан номида мешавад ва пудинаи даштӣ ва гунаи луф (дастмолкаду), ки ба он дорқитун гӯянд, ҷантаяно, решаи росин (пилгӯш), тухми гулнор, ғофат афзун бар он гармкунанда аст. Ҳошо (сумис), анҷири хушки гӯштолу, пудинаи рудхонаӣ, салиҳа, ширбаи олу, решаи шукоъ, собутис, шавниз (сиёҳдона), заршак, широбаи қавқо, савсан ва решаи он, садоб (испанд) харбуза, донаи коканҷ, устухудус, камодариюс (мондоруи талх), камофитус (мошдору) ва ҳар чизи талх, бура (танакор), натрун (бураи арманӣ), пудранамак.

Намаки бакорбурдашуда дар хӯрокиҳо кори равон кардани омехтагиҳои часпандаи лазҷ (часпак)-ро дорад ва беҳтар аз ин доруи дигар намеёбем, ки кори нарм кардани омехтагиҳои (хилти) сифт ва лазҷ (часпак)-и сина ва шушро инчунин шоиста анҷом диҳад ва кори дигараш кушоиши гирифтагии роҳҳои ҷигар ва поксозии гирифтагии роҳҳои борике аст, ки дар сипурз ҳастанд. Ва аз сӯи дигар гирифтагиҳои сахт ниёз ба доруҳои вижае доранд, ки нерӯмандтар аз инҳо бошад, мисли пӯсти кабар ва монанди он ҳастанд.

**Доруҳое, ки поккунанда ва дурахшонкунандаанд**

Доруҳои кушояндаи каналҳо (роҳҳо) ҳамчунин дурахшонкунанда ва барандаи омехтагиҳои (хилти) сифтанд. Аз гурӯҳе, ки ин корро анҷом медиҳанд ва бархеро ёд

кардем, монанди пишкил (саргин)-и сӯхта ва носӯхтаи буз, пишкили ҳар ҷондоре, ки пӯсти хазафӣ дорад, хокистари хорпушти обӣ ва хушкӣ, оби панир, хӯшаи дарахти ангури худрӯ, фоширшин, дарахт ва мағзи бодоми ширин, аноғлис (марзангӯш), ки бархе аз мардум онро хайрӣ мепиндоранд ва ироқиён азонулфор гӯянд, ҳамаи гунаҳои шақоиқуннуъмон (гули шақоиқ, лолаи Нӯъмон), зарованди дароз, барги борҳанг ба вижа хушки он, луф (пилгӯш), ки ба он «изнулҳалаюн» гӯянд. Кишмиши кӯҳӣ, донаи сурмак, афшураи афсантин, (апсантин)-и хушк, харбақ (палохум)-и сиёҳ ва сафед, алуфа ҳангоми дарав (ҳашушуррифоъ), широбаи ғурб (падаҳ, дарахти беҳосил), решаи най, ки поккунандаи басандаест, хокистари пӯсти най, фантуриюн (гули гандум), орд ва афшурааш, курунб (калам, карам), барги сус (ширинбаён), худи боқило, хароз (ҳароз), ки дар болои сахраҳо (харсангҳо) рӯида мешавад, ҳама гунаи нон, гирдуи лутус (ҳиндқавқои парваришӣ), ки маъруф се барги ба ҳам расида дорад, нилуфар, зифт, пӯсти дулб (чанор)-и сӯхта, фаросиюн (ганданои кӯҳӣ), чирки кундур (васхулкавар), барги дарахти канор ва решаи он ки коркарде беш аз барг дорад. Алафи саътар (овешан, овес), широбаи ҳаббатулхазро (букалак), харбуза ва реша ва донаи он ки ин ду аз худаш коротаранд. Афшураи хиёри чанбар, салқ (чағандар, лаблабуи қанд), ҳама гунаҳои ятуъ (широбадорон, дарахтони ширдор) ба вижа широбаи онҳо, камофитус (мошдору), ҳама гуна кафи дарёӣ (забадулбаҳр, кафки баҳр), ушаҷ (ушақ, бадрон, самғи дарахт), гули тус ва гули шомус ва фаритус, зангоре, ки бо мум бисёр зубшуда (ҷӯшонидашуда) ва равғани зайтун омехта шуда бошад, қалимиё (сӯхтаи филизҳо), пӯсти сӯхтаи хазаф, хазафи танӯрӣ, шохи гавазни сӯхта (қарнулайийл) ва носӯхта.

### Доруҳое, ки пешобоваранд

Донаи карафси сахраӣ (харсангӣ), донаи розиёна, донаи карафси даштӣ, анийсун (бодиёни румӣ), ваҷ(ҷ) (агари туркӣ), нонхоҳ, асорун (бехи сунбули румӣ), муқли арабӣ

(хурмои арабӣ), фоширшин, нахӯд ба вижа сиёҳаш, алафе, ки кулятайн гӯянд, наммом (пудина), ҳошо (сумис), каравё (зираи румӣ), қанбид (қанит), каммун (зира), решаи саъд (ғеша, қиёқ), мурр, сунбулуттаййиб, нордини ақлитӣ (сунбули румӣ), судоб (гиёҳе мисли пудина), ҷаъда, солиюс, арар (сарви кӯҳӣ), сақрадиюн (сири даштӣ), ҳавиҷ ба вижа тухми он, шаробулазхар (кум, гиёҳи хушбӯй), ҳаббатулхазро (букалак), ҳиндқавқо (девостип), уфориқун (мозариюн), камодариюс (мондоруи талх), камофитус (мошдору), афсантин (апсантин), ки ба вижа поккунандаи оби даруни рагҳост. Абҳал (ваҳл) барангезандаи берун рафтани хун ва пешоби фаровон аст. Фуввақ (баласкӣ, рӯян, рунос) таҳриккунандаи пешоб бо бастагии болост ва гоҳе барангезандаи пешоби хунӣ, агар андаке карсана бухӯранд, хун ва пешоб берун мерезанд. Решаи куъуб (буғум)-ро чунончи бо шароб пухта ва онро бинӯшанд, пешоб бо бастагии боло ва бисёр бадбӯро берун меронад ва бӯи бади зери бағал ва ҳама тан аз миён мебарад ва поккунандаи омехтагиҳои (хилти) бадбӯст. Сиканҷубин (сикангубин, омехтаи сирко ва шаҳд), шароби обакӣ, харбуза, ангури хесонида (таркарда) доруи дигари ин гурӯҳ ҳастанд.

### Доруҳое, ки поккунандаи сина ва шушанд

Ҳама доруҳои кушоянда, ки дар гузашта ном бурда шуд. Хамчун донаи санавбари тоза агар ба дурустӣ ба кор равад. Донаи санавбари кӯчаке, ки ба он фитус гуфта мешавад. Караҳ, гундибадастар агар бар оташ гузошта ва ба хаври он истиншоқ (нафас кашида) шавад, ки ба вижа барои бемориҳои сард ва намвар, ки дар шуш ва мағз падид меоянд, судманд аст.

### Доруҳое, ки поккунандаи гурдаанд

Ҳама доруҳои баранда, ки пеш аз ин ном бурда шуд, дар ин гурӯҳ мебошанд. Борҳанг, барг ва афшура ва донаи он. Ҳалиюн (морчӯба) ба вижа реша ва донаи он.

## Доруҳое, ки нармкунанда ва бозкунандаи сӯрохиҳои пӯстанд

Бобуна, хатмӣ (хитмӣ, гули шайпуршакли калон) ва равғани баргирифта аз он, равғани баргирифта аз хиёри чанбар, равғани зайтуни кӯҳна, дарманаи сӯхта.

## Доруҳое, ки кушояндаи даҳонаи рагҳоянд

Бахури Марям (бунафшаи чаманӣ), ҳама гунаҳои шақоиқи нӯъмонӣ, сир, пиёз, заҳраи гови нар, дурди (таҳшин)-и сирко, равғани савсан, дурдии равғани ақҳувон (бобуна), ки ин равған бавосирро низ мегӯшояд.

## Доруҳое, ки лаззатоваранд

Оби сард, ҳайюолам (ҳамишаки ҷавон), харфа, хори хасак, донаи асфарза, ҷулбак ва ҳамаи доруҳое, ки сард мекунанд бидуни он ки хушк намоянд. Ҳамчунин он чиро ки одамӣ аз корбурди он хушнуд мешавад, барги луффоҳ (дастанбу, мардумгиёҳ), шавкарон, банг, хашхош (кӯкнор) ба андозаи миёна, ки тавонаш ҷамъкунандагӣ бошад, вале агар андозаи он бисёр шавад, дигар лаззатовар нест, балки мухаддар низ мегардад, вале аз ин андоза низ бештар шавад, дигар мухаддар нест, балки кушанда аст.

## Доруҳое, ки бандоварандаанд:

Ҳама гунаҳои шақоиқи Нӯъмон, аноғлис (аногир), ки ироқиён онро «азонулфор» гӯянд, мушктари амшиъ (кокутӣ), нахӯд, морқашито, ки тавони бандоварандагии болоӣ дорад, бахури Марям, чирки канду (васхулкавар, муми қутии (хонаи) занбӯри асал), ҷуммайз (тутанҷир, анҷир), чағлуз (фазла, пасмонда, сарқут) ба вижа аз они парранда бошад, сиканҷубин, ангуза, широбаи ангидон, донаи асфортис, ки дарахти токро бо он нигоҳ медоранд ва афшура ва ғунчаи он, широбаи ҳаббатулхазро тавоноии бештар аз дигар широбаҳо дорад, пудинаи рудхонаӣ, қуст (каск), чунончи бо равғани зайтун ба тан молида шавад, он ҳамаи омехтагиҳо (хилт)-ро аз дарун берун мекашад. Дибқ (сирешим), ки на танҳо

намварии обакӣ, балки намвариҳои сифтшударо низ мекашад. Ва ором ва таҷзиякунандаи онҳо аст.

**Доруҳое, ки обкунанда ва таҳлилбарандаанд:**

Дармана, ғорикун, баршаёдастон, дона ва барги анҷура, нонхоҳ, бобуна, анисун (бодиёни румӣ), решаи зарованд ва ба вижа хокистари он, сармак, ки андаке обкунанд аст, балбас, айнуссавр, ки бештар аз бобуна обкунанда аст, абҳал, ки дар гузашта мардум онро ба ҷойи дорчини заиф ба кор мебурданд.

Хитмӣ, хуббоз (гули хайрӣ, тугмачагул)-и худрӯ, ки дона ва решаи он ин коркардро дорад, равғани зайтуни хуб ва гуворо ва равғане, ки аз чароғ гирифта мешавад, моркашушо, пӯсти най агар сӯзонида шавад, обкунандаи басандае аст, салиха, барг ва решаи ширинбаён, лодан, хардали худрӯ.

**Он чӣ турушмазза мебошад, камтар вижагии обкунандагӣ дорад.**

Лаблоб (ашақа, алафи печак, зарпечак, гули ошиқпечон), мустако ба вижа мисрии он, асал, барг ва шохаҳои ҳулв, анҷири хушк, харзаҳра, борҳанг, равғани баласон, ки таҷзиякунадагии басандае дорад, ангуза, ки таҳлилбарандагии намоёнеро доро ҳастанд, широбаи говшер, судоб, зифт, фаросиюн, понсимони баргирифта аз мояи хамири нон, дона ва худи турб, широбаи ҳаббатулхазро, равғани гули сурх, чирки асном, ки аз ҷойгоҳи каштӣ гирфтан мегиранд, марзангӯш, афшураи хиёри чанбар, мурр, мавизи хушк таҳлилбарандагии бештаре доранд.

Бура, натрун (бураи арманӣ) ва кафи (кафки) ҳардуи онҳо, ҳама гунаҳои кафки дарё, гули шустанашудаи шомус, зангор, панирмоя, чағлуз (фазла, пасмонда, саркут), зуфои тоза, гӯшти море, ки пасмондаҳои худро аз роҳи пӯст ба берун мефиристад ва пеш аз он ки коркарди обкунандагии худро намоён кунад, ангезаи падидоварандаи шупуши бисёр дар тане, ки дорандаи каймуси паст аст, (номи ғизо, ки дар табхи дувум дар ҷигар пухта мешавад) хоҳад буд.

Чарбии мор бештарин тавони обкунандагӣ дар баробари дигар чарбиҳои ҷонваронро дорост. Чарбии говмеш камтар аз чарбии шер ин вижагӣ дорад. Чарбии хук тавони обкунандагии бесӯзишро дорост ва чарбии гӯсола камтар аз он аст. Хокистари устухони сӯхта обкунандагии басандае дорад.

Ҳамчунин хокистари пашми сӯхта ва хокистари хорпушти сӯзонидашуда аз ин гурӯҳи доруӣ ҳастанд.

Гуфтори савум ба поён расид.

# ГУФТОРИ ЧАҲОРУМ ПОСДОШТИ ТАНДУРУСТӢ

Суханони кӯтоҳ, вале фарогир дар нигоҳдории тандурустӣ, ки дарбаргирандаи: пояҳои нахустини посдошти тандурустӣ аст барои дурустӣ ва ба андозаи будани ҷунбиш, оромиш, хӯрок, нӯшиданиҳо ва берун рондани пасмондаҳо ва гузиниши дурусти хона ва пайгирии рӯйдодҳои бад (пеш аз он ки бузургтар шаванд) ва таваҷҷуҳ ба хостаҳои равонӣ ва нигоҳдошти одатҳо. Мо дар бораи ҳар кадоми инҳо ба андозаи ормони худ дар ин китоб сухан мегӯем.

## Андозаи варзиш ва гоҳи он

Беҳтар аст, варзиш пеш аз хӯрок бошад. Ҳар одаме ба андозаи одат ва нерӯяш роҳ биравад ё саворкорӣ намояд, ки аз он бештар нашавад то варзишкор эҳсоси хастагӣ ва сангинии бисёр нанамояд. Пеш аз он ки сангин шавад ба фаврӣ аз он даст кашида нашавад чун муҷиб мешавад, асареро нагузорад, то битавон онро баровард кард. Варзиш бояд гунае бошад, ки агар пеш аз хӯрок ба кор рафт, ҳарорати ғаризиро ончунон рӯшан ва пок кунад, ки ҳангоми бархӯрд бо хӯрок иштиҳо фаровон дошта бошад ва тан бисёр шодоб ва чолок гардад. Беҳтар аст касе ки варзиши сангин мекунад онро оҳиста – оҳиста оғоз намояд ва якбора пайҳо (ва моҳичаҳо)-ро бо варзиши сангин рӯ ба рӯ накунад. Чунончи шиками ӯ сангин ва овезон бошад, онро бо дасторе паҳн маҳкам бубандад ва аз ҳаракатҳои дарозмуддат пас аз хӯрок дурӣ намояд.

Ба ҳамон андоза варзиш пеш аз хӯрок нигаҳбони тандурустӣ аст, пас аз хӯрок он беморизо мебошад.

## Андозаи хоб, гоҳи он, суд ва зиёни он

Гоҳи хоб пас аз хӯрок ҳангоме аст, ки хӯрок аз даҳонаи шикамба пойин рафта бошад ва замоне аст, ки шахс эҳсос намояд, аз пайи хӯрдани хӯрок нафх ва бодкардагии камтар

падид меояд ва он сабуктар шуда ва ба пойин рафтааст. Чунончи дар пойин рафтани хӯрок диранге бошад, кӯмак гирифтан аз пиёдаравии оҳиста дар ростои пойин рафтани хӯрок, безиён аст. Беҳтар аст аз тақло кардани бисёр ва паҳлӯ ба паҳлӯ шудан, дурӣ кунад, чун гуворишро кунд сохта ва нафх ва овои шикамро бармеангезонад. Бояд аз болиши баланд истифода кард ба вижа агар хӯрок аз даҳонаи шикамба пойин нарафта бошад. Аз судмандиҳои хоб падид омадани роҳатӣ ва ҳушёрӣ ва иштиҳооварӣ аст, ки он фикр ва андешаи кундшударо борур мекунад ва сустиро фурӯ менишонад, гуворишро некӯ ва танро шодоб менамояд. Зиёдаравӣ дар хоб ба вижа касоне ки фарбеҳ ва гӯштолуд ҳастанд, танро шал ва суст мекунад ва балғамро меафзояд ва онро сард менамояд. Бедории бисёр ҳарорати танро бармеангезонад ва латофати пӯстро табоҳ ва танро хушк мекунад ва ба вижа дар тани лоғар бемориҳоро афзоиш медиҳад. Беҳтар аст касе худро бар бедор мондан водор накунад, зеро суст ва кундкунанда аст ва низ дар сурате ки ҳавоси ӯ бедор ва ҳаракоти ӯ нерӯманд ва корсоз аст, худро водор ба хобидан нанамояд.

### Гоҳи хӯрдани (хӯрок)

Беҳтар аст ҳангоме одаме ба хӯрдан рӯй биёварад, ки сангини хӯроки пешин аз миён рафта бошад ва бахши зерини шикам сабук шуда ва дар он ҳеҷ гуна кашидагӣ ва ҷунбише баҷо намонда ва иштиҳо барангехта шуда бошад. Чунончи иштиҳо барангехта шавад, дар баробари хӯрдан истодагӣ накунад, магар он ки иштиҳое дуруғин, ки дар мастҳо ва касоне ки бадгуворанд дида мешавад. Чунончи одамӣ иштиҳои хурдан пайдо кунад ва маст набошад ва аз хӯроки пешини ӯ гоҳи дарозе гузашта бошад. Пас дар ин ҳангом бояд ба хурдан рӯй оварад ва истодагӣ накунад, зероки ин шеваи беҳтар мебошад. Чунончи ҳолате пеш биёяд, ки дар баробари хӯрдан истодагӣ кунад, то иштиҳои барангехташудаашро фурӯ андозад. Шоиста аст шарбати гулоб ва ё сиканҷабин ва ё оби гарм бинӯшад, ки битавонад хӯрданро ба соати дигар биандозад, ки бар асари он боло

оварад ё шикамрав пайдо кунад ва ё иштиҳои ӯ дубора барангехта шавад, сипас ба хӯрдан руй оварад.

Хуб нест, ки шикамбаи он андоза аз хӯрок пур шавад, ки кашида ва дароз шавад ва бисёр сангин гардад ва бемор ба нафастангӣ дучор кунад ва агар замоне ин ҳолат пеш ояд, беҳтар аст пеш аз поин рафтани хӯрок онро боло оварад ва агар чунин нашавад, бояд ба замони хоб ва варзиш бияфзояд. Аз андоза хӯрок поин рафта аз шикам бикоҳад ва аз андозае хӯроки фардояш низ кам кунад. Боиста аст одамӣ аз хӯрокиҳое дилхоҳаш ба андозае ки ҳамеша бад-он хӯ гирифта бошад, бихурад магар онки одати ӯ нодуруст бошад ва дар ин сурат беҳтар аст ором-ором худро аз ин одати бад дур созад.

Камтарин бори хурдан барои одами тандуруст дар шабонарӯз як бор аст ва бештарин ҳолати он ду бор ва миёнаи он се бор дар ду рӯз мебошад. Хурдани як бор барои касоне ки лоғаранд ва ду бор барои тани тануманд ва шодоб зиёновар аст. Касе ки пурҷунбиш аст ва хеле хаста мешавад ба хӯроки бештару боарзиш хӯроке болотар ниёз дорад ва з-он сӯи он. Беҳтар аст, ки одамӣ хӯрокиҳоеро бихурад, ки созгории бештар бо ӯ дорад. Чи басо хӯроке паст барои гурӯҳе аз мардум созгортар бо эшон бошад. Ниёзе нест, ҳамонанди дигарон аз он парҳез кунанд. Чи басо бархе хӯрокиҳои хуб, вале носозгор барои касе бошад, ки ниёз аст аз он дурӣ намояд.

Хӯрокиҳои созгоре, ки ба хост наздиктар бошанд ҳарчанд бад бошанд, барои бадан созгортаранд. Шоиста нест, ки ба хӯрокҳое паст хӯ гуфта шавад, чунончи одат шуд, дар паи хурдани он дорӯи равонкунандае муносеби он рӯй оварад то омехтагӣ (хилт) пастие, ки аз он хӯрок падидовардаро берун равонад. Вале дар ҳангоми хӯрдани он беҳтар аст ба ҳамроҳаш чизе хурда ва ё пас аз он чизе ошомида шавад, ки онро ҳамоҳанг ва дуруст кунад, ҳамонгуна ки мо онро ба хости Худованд ёд хоҳем кард.

## ПОКСОЗИИ ТАН АЗ ПАСМОНДАҲО

Шоиста аст бо поксозии тан аз пасмондаҳо таваҷҷуҳи вижа дошта, то бароямон тани пок ва бепасмонда бимонад. Ин

кор бо равон кардани пасмондаҳо ва таровидани пешоб ва ба кор бурдани ҷунбиш ва варзиш анҷом мегирад. Ҳар кадоми инҳо бахше аз пасмондаҳоро аз тан меронанд. Чунончи андозаи пехолро нисбат ба хӯроки хӯрдашуда бисанҷем ва бубинем, ки кам шудааст, ин ҳангом, ба кор бурдани равонкунандаҳои бо короии миёна сӯдманд хоҳад буд.

Агар андозаи пешоб кам шавад, бояд пешобоварҳои миёнаро ба кор гиранд. Беҳтарини он шароби обакӣ ,сиканҷабин ва тухми харбуза ва тухми бодиринги чанбар ва тухми бодиринг ва гиёҳи сабзи карфас ва розиёна ва меваи хиёри чанбар ва хиёру харбуза ва ҷуз он мебошад. Чунончи берун омадани арақ аз тан дар асари дур будан аз варзиши кам бошад ва ҳавои перомун ҳам гарм набошад, бояд шахсро ба варзиш ва гармоба гирифтан фаро хонд.

Агар мо аз як сӯ ба ҳамвора хӯрдани хӯрокиҳои падидоварандаи зардоб рӯй оварем ва аз сӯйи дигар, ӯро аз хӯрдани ҳалила ва зардолу ва тамри ҳиндӣ ва оби паниру анори кӯбида бо пӯст ва гӯшти он боз дорем, ин ҷилавгирӣ ангезаи падид омадани бешандозаи зардоб дар одамӣ мегардад, то ҷое ки дар тани ӯ аз ин омехтагӣ ба андозаи бисёр анбошта мешавад, ки бояд ба доруҳои нерӯманде, ки дар ҷойгоҳи худ ном бурда хоҳад шуд, паноҳ бибаранд. Чи ин доруҳоро танҳо дар дармони беморон ба кор мебаранд, на барои постдошти тандурустӣ.

Агар хӯрокӣ падидоварандаи талхоб бошад, суфориши ба кор бурдани ҳалилаи сиёҳ, баспоя, афтимунро медиҳем ва чунончи падидоварандаи намуриҳо бошад, пешниҳоди ба кор бурдани атрифили кӯчак, ки бо айёра ва тарбад омехта шуда, дода мешавад ва ё ҷаворишан сохта шуда,аз занҷабил ва тарбад ва шакарро дода мешавад. Ҳангоме кори шикамба ба кундӣ анҷом гирад ва иштиҳо ба гунае фурӯ афтода бошад, ки танҳо иштиҳо ба хӯрокиҳои тунд дошта ва хӯрокиҳои дигар, чун ширинӣ ва чарбӣ бар ӯ сангинӣ бошад, хӯрдани ин ҷаворшан хуб аст.

Бояд пас аз хӯрдани шӯриҳо ва хардал ва салақ(чағандар) ва турб ва нӯшидани сиканҷабин ё асалу об ва доруҳои равонкунандаи миёнае, ки ёд кардаем, беморӣ

боло оварад. Чунончи тан бод карда ва дар ҷунбидан сангин шуда ва пӯст ба ранги сурх гароида ва дар даст молиши эҳсоси гармӣ дошта ва рагҳо дорои анбоштагӣ буда бошанд, бояд ҳарчи зудтар ба тундӣ дар берун рондани бахше аз хун (фасд) ва кам кардани хӯрок аз гӯшту шароб ва ҳалво иқдом кард ва низ ба хӯрокиҳои турш ва бандоваранда руй овард,то он ки ин нишонаҳо фурӯкаш намоянд.

Беҳтар аст мардон ва заноне, ки хости наздикӣ доранд,онро миёна анҷом диҳанд ва талоше дар баробари анҷом надодани он накунанд, зеро ин вижагӣ бахше аз сириштӣ одамӣ аст. Аз сӯйи дигар, ин бурдборӣ дар наздикӣ накардани мардон ангезаи падид омадани порае аз бемориҳои бад дар перомуни гурда, пешобдон ва ҳамчунин сару шикамба мешавад. Дар занон низ гирифтагии заҳдон ва дигар бемориҳоро ба вуҷуд меоварад. Корбурди мисвок задан ва даҳоншӯ кардан ва атса ба чиҳати дармон дар бархе аз ҳолатҳо сӯдманд мебошад.

Набояд касе бахше аз пехол ва пешобро нигоҳ дорад ва кори берун рондани онро зишт шуморад. Нигоҳ доштани пешоб баҷогузорандаи бемории сахти пешоб кардан ва бемориҳои пешоб кардан ва перомуни он мешавад. Нигоҳдошти пехол ва боди шикамравишии хунӣ (заҳир) ва қуланчи бадхим ва фурӯафтодани иштиҳо, табоҳии хӯрок дар шикам падид меоварад.

## ГУЗИНИШИ ХОНА ВА ХОБГОҲ ВА БЕҲБУДИ ОНҲО

Беҳтар аст ҷоҳои номбурда, на гармои бисёр дошта, то танро ба таровиш ва арақ кардан водорад, на сардии бисёр, то мӯйи тан сиху рост шавад. Хоки он на намнок на хушку на гарду хокӣ, балки миёнаи ҳамаи ин вижагиҳо бошад ва бояд дар ҷоҳое, ки гарду ғубор бисёр пароканда шудааст бо пошидани об миёна кунад. Бояд дар ҷоҳои намнок рӯйи тахт ё утоқ биншинад. Ин нишастангоҳои миёна барои тани тандуруст аз назари сиришт ҳамоҳангу хуб аст.

Тани лоғар зардобе аз нишастан ва хобидан дар ҷойҳои намнок, ки ба ҳамроҳи он ҳаво сард бошад, суд мебарад ва

барои тан аз он суйи он нишастан дар ҷойи хушк ва гарм ва бенамурӣ судовар хоҳад буд ва барои тане, ки вижагиҳояш аз он сӯ бошад, метавон бо дуд ва бухури бӯй онро беҳбуд бахшад.

## ҲУШЁРӢ ДАР ҲАНГОМИ ПЕШОМАДҲОИ БАД ВА ПАЙГИРИИ ОНҲО ПЕШ АЗ НЕРӮМАНДТАР ВА БУЗУРГТАР БУДАН

Ин бахш яке аз пояҳои нигаҳдошти тандурустӣ аст,аз ин рӯ,беҳтар медонем,ки ин ҷо гуфтори густурдатар биёварем, ки ҳамаи онро дар бар гирад. Вале аз он ҷое, ки дӯст надорем аз ҳадафе, ки дар нигориши ин китоб доштаем, дур бимонем, кӯшуш мекунем ,дар ҳар бахш, сухани мо дар андозаи миёна ва кӯтоҳ ва дур аз густурда ва газофагуӣ бошад. Аз ин рӯ, чанд нуктаи решагии онро ёд мекунем. Сардардҳои сахт ва пайваста,пайомаде ҳамчун об овардани чашм ва бемории кушод шудани анабия (интишор)-ро дар пай дорад. Чунончи сардард идома ёбад ва сахттар шавад ва доруҳо натавонанд коре анҷом диҳанд, беҳтар аст сурхраги гиҷгоҳиро ба оромӣ аз ду ҷо боз кард.

Паришу тик задани бисёр ва мураттаб ҳӯшдордиҳандаи наздик гоҳи падид омадани фалаҷи нима сурат ё каждаҳонӣ мебошад ва чунончи падид омаданаш эҳсос шавад, бояд дар ростои ба кор бурдани равонкунанҳои нерӯманд ва боло овардани бемор гом бардошт ва бо сиркои норас истодагӣ накунад, магар ин ки дар мастиҳо иштиҳои дурӯғин дошта ва аз касоне, ки бадгуворанд, дида мешавад. Чунончи одамӣ иштиҳои хӯрдан пайдо кунад, маст набошад ва аз хӯроки нисфирӯзӣ гоҳ муддате тӯл кашида бошад, пас дар ин ҳангом бояд ба хӯрдан рӯ оварад ва истодагарӣ накунад, зеро ин тавр барояш беҳтар мебошад.

Чунон ҳолате пеш ояд, ки бихоҳад дар баробари хӯрдан истодагӣ кунад, то иштиҳои барангехташудаашро фурӯ андозад. Шоиста аст шарбати гулоб ё сиканҷабин ва ё оби гарм бинӯшад, ки тавонад хӯрданро ба соати дигар бияндозад ва бар сабаби таъсираш боло оварад ё шикамравияш пайдо кунад ва ё иштиҳои ӯ дубора барангехта шавад, баъд аз он ба хӯрдан рӯ оварад.

Хуб нест, ки шикамбаи ӯ андозаи аз хӯрок пур гардида, кашида дароз шавад ва бисёр сангин гардад ва бемор ба нафастангӣ дучор ояд ва агар замоне он ҳолат пеш ояд, беҳтар мешавад, ки пеш аз поён рафтани хӯрок онро боло оварад ва агар чунин нашавад, бояд дар вақтҳои хоб варзишро зиёд анҷом диҳад. Аз андозаи хӯрок поён рафта, аз шикам бикоҳад ва аз андозаи хӯроки фардояш низ кам кунад.

Боиста аст одамӣ аз хӯрокҳои дилхоҳаш ба андозае, ки ҳамеша ба он хӯ гирифтааст, бихӯрад, магар он ки одати ӯ нодуруст бошад ва дар ин сурат беҳтар аст, ором-ором худро аз ин одати бад дур созад. Камтарин бор хӯрдан барои як одами тандуруст дар як шабонарӯз як бор аст ва бештарини ҳолат он ду бор ва миёнашон се бор дар ду шабонарӯз мебошад. Хӯрдани як бор барои касоне, ки лоғаранд ва ду бор барои тануманду шодоб зиёновар аст. Касе, ки пурҷунбиш аст ва хеле хаста мешавад ба хӯроки бештар ва бо арзиши хӯроке болотар ниёз дорад. Беҳтар аст одамӣ хӯрокҳоеро бихӯрад, ки созгори бештар бо ӯ дорад, чӣ басо хӯроки паст барои гурӯҳе аз мардум созгортар ба эшон бошад.

Ниёзе нест ҳамонанди дигарон аз он парҳез кунанд. Чи басо бархе хӯрокиҳо хубу вале созгор нест, барои касе, ки ниёз аст, аз он дурӣ намояд. Хӯрокиҳои созгоре, ки ба хост наздиктар бошад, барои бадан созгортаранд, магар ин ки бисёр бад бошад. Шоиста нест, ки ба хӯрокиҳои паст хӯ гирифта шавад, чунончи одат шуд, дар пайи хӯрдани он ба доруи равонкунандаи муносиби он рӯ оварад, то омехтагии пасте, ки аз он хӯрок падидомадаро берун ронад. Вале дар ҳангоми хӯрдани он беҳтар аст бо ҳамроҳаш чизе хӯрда ва чизе ошомида шавад, ки онро ҳамоҳанг ва дуруст кунад, ҳамон гунае, ки мо онро ба хости Худованд ёд хоҳем кард.

## ЧИЗҲОЕ, КИ САБАБИ НОГУВОР ВА ТОБЕЪ ШУДАНИ (ХӮРОК) МЕШАВАД, ИНҲОЯНД:

Хӯрдани хӯрокиҳои гуногун бо якдигар ва ё хӯрдани хӯроки сангинтар пеш аз хӯроки нармтар ва ё гуногунии хӯрок ва пурхӯрӣ ва ё ба дарозо кашидани замон аст ва ин бо гунаҳое мебошад, ки фосилаи оғози хӯрдан ва фосилаи он бисёр бошад.

Бояд хӯрок дар зимистон гарм ва дар тобистон сард бошад. Хӯроки хеле гарме, ки аз рӯйи оташ бардошташударо канор гузошта, то ин ки андаке хунук шавад.

Ҳамчунин бояд хӯроке, ки бо барф ва ях сардшударо низ канор гузоранд ва баъд аз муддате бихӯранд. Ҳамчунин шоиста нест дар ҳавои хеле гарм ва ё дар ҳолати барафрӯхтагии бадан хӯрок ва ошомидании бисёр сард хӯрда шавад. Чунончи ин гуна хӯрдан имкон надошт,хӯрдан дар хонаҳои сард ва замонҳое, ки баъд аз он истироҳат ва хоб аст, анҷом пазирад.

## ШИНОХТИ МЕВАҲОИ ТОЗА ВА ЧИГУНАГИИ КОРБУРДИ ОНҲО

Меваҳои тоза пеш аз хӯрок бояд хӯрда шаванд, магар ин ки дуранг ва истодани хӯрок дар ишкамба ба дарозо кашад ва ё мева аз гунаи бандоварандаи шикам ва туршмаза бошад, (яъне анору себ) беҳтар аст дар хӯрдани онҳо зиёдаравӣ нашавад, балки онро дар ростои дорую дармонӣ ба кор бибаранд. Бояд барои постдошти тандурустӣ аз меваҳои тоза дурӣ ва дар он зиёдаравӣ накард. Чунончи дар хӯрдани онҳо зиёдаравӣ шавад, бояд ба дунболи он бо роҳҳои равонкунанда ва варзишро дар дастури кори дармонӣ бигузоранд.Боиста аст, ки хӯрдани меваи тоза дар рӯзе бошад, ки дар он хастагии бисёр бо илтиҳоб дошта бошад. Дар чунин ҳолате хӯрдани меваи тоза ҳамчунин ангур, анҷир, олу, тут ва зардолуи сардшуда бо об ва ях некӯ аст. Ва баъд аз он каме ё андаке метавонад хӯрок бихӯрад.

Беҳтар аст аз ногуворидан ва пурхӯрӣ дурӣ ҷӯяд. Чун гоҳе сангини як хӯрок сабаби сабукии хӯроке шавад, ки баъд аз он меояд. Агар ин пеш ояду чанд рӯз паёпай рӯй диҳад, бояд доруи равонкунандаи сабук барои аз миён бурдани сангинӣ ва поксозии шикамба, рӯда ва каналҳои ҷигар ба кор барад, ки ҳамчунин хамиршудаи атрифили кӯчак омехта бо аёра ва тарбед донаҳои ба кор рафта, дар чошниҳо ва донаҳои сабру мустакӣ ва ҷавоeffшан ва беҳии равонкунанда ва хурмоӣ ва шаҳрёрӣ ва монанди онҳост.

Бархе мардум хӯрокиҳои сангин бештар хӯшашон меояд, ки онҳо табаҳкунандаи хӯрокиҳои нарм ҳастанд. Онҳо бояд хӯрокиҳое бихӯранд, ки ҳарчанд хушгувор набошад, вале шикамбаро низ табоҳ накунад. Ва аз он сӯ, ҳар кас ба гунае дар баробари ин ҳолат бошад, бояд хӯрокеро ба кор бурд, ки ба фоидаи ӯст. Касе, ки дар тани ӯ бештар гунаи омехтагӣ падид меояд, ки озордиҳандаи ӯ аст, боиста аст, хӯроки худро бештар з-он сӯйи он омехтагии бад баргузинад, то аз падид омадани он ҷилавгирӣ кунад.

## ЧИГУНАГИИ ОШОМИДАНИҲО

Беҳтар аст ҳангоми хӯрдан ва пас аз он об нӯшида шавад, магар ин ки бахши болои шикам сабук шуда бошад ва ё барои фурӯ нишондани гӯшае аз ташнагӣ бошад ва хеле нанӯшад, то шикам аз хӯрок поён равад. Дар ин ҳангом метавонад нӯшад, беҳтар аст, ки об бисёр ях хӯрда нашавад ва дар сари суфра ба андаке аз оби сард басанда кунад. Касе, ки тангии нафас дораду лоғар мебошад, муроoти ин дастурро намояд, вале касе ки гӯштолуд, пурхун ва бо пӯсте сурхранг ва пуриштҳо набояд аз нӯшидани оби сард ҳарос дошта бошад. Дуруст нест,ки оби сард ношто нӯшида шавад, магар ин ки шахс барафрӯхтагии бисёр дошта ё маст бошад.

Бояд аз ошомидани оби сарди фаровон якбора баъд аз наздикӣ ё обтанӣ ва ё варзиши сангине, ки одамиро ба нафас – нафас задан вомедорад, дурӣ кард. Боиста он аст, ки онро андак-андак, ҷуръа-ҷуръа бинӯшад, то асари ташнагӣ ва ниёз ба об аз миён биравад. Шабҳо дар пайи ташнагии дурӯғине, ки нишони он мастӣ аст, об нанӯшад ва ё ба гунае хӯи ҳамешагии худ пеш аз хоб ба андозаи басандае об бинӯшад, то ногузир ба тунд, ки пудина дар об ҷӯшида, суратро молиш дод. Бояд дар канори он хӯрокро бикоҳанд ва аз нӯшидани шароб низ бипарҳезанд. Такон додани нерӯманд (нақз) ва молиши фаровон ва даҳоншӯя ва атса ва нармиш ба кор барад.

Париш ва тик задан дар бисёре аз ҷойҳои тан чунончи дида шавад, ҳӯшдордиҳандаи оғози ташаннуҷ (гирифтагии андомҳо) аст, ки агар чунин шавад, беҳтар аст, ба такон

доданҳои нафзи фаровон ва молиши бисёр ва корбурди дурусти дармонҳо ва хӯрдани доруҳои гармизо рӯй овард, ки дар бахши он ёд кардем. Карахтӣ ҳӯшдордиҳандаи фалаҷи ниматан аст, чунончи рӯй диҳад, беҳтар аст, равише дуруст дар баробари он баргузида шавад ва такон додани (нафз) ва табдили омеза бо корбурди доруҳои номбурда дар бахши фалаҷ аст.

Сурхии рӯйю чашм ва пайдо шудани рагҳо ва резиши ашк аз он ва рӯшноигурезӣ бо сардарди сахт ҳӯшдордиҳандаи сарсом (менинжет) аст ва беҳтар аст, ки раг задан ва ба кор бурдан ва равонкарданиҳо ва ниҳодани сирко ва равғани гули сурх бар сар ва равише дуруст ва нармҷӯёна барои ҳамаи тан ба кор гирифта шавад. Ҳамвора доштани бахтак ва саргиҷа ва афзоиши он нишондиҳандаи оғози саръ аст, аз ин рӯ, шоиста аст, ки бетаваҷҷуҳӣ ба онҳо нашавад, балки агар ин ду рӯйдод пеш омад, ба дармони он бар пояи ёдкардаи мо анҷом гирад.

Андӯҳи бисёр ва ҳамешагӣ бо ангезаи ношинохта, равонпарешӣ ва ноумедӣ ба дунболи он, ҳӯшдордиҳандаи бемории молихулиёст, дармони он ба ҳамон гунаест, ки ёд кардем. Агар касе пайваста гумон барад, пашшае дар баробари чашмони ӯ парвоз мекунад ва ё бинед ҳамвора рӯшноӣ ҷулуи ӯ меояд ва ё дар доманаи дидаш магас ё дуд бубинад. Метавонад оғози об овардани чашм бошад, пизишк бояд онро бишносад ва дармони онро пайгирӣ кунад. Пайваста сармохӯрдагӣ ва зуком нигаронии оғози бемории сил ва тангии нафас ва бемориҳои шуш мебошад. Беҳтар аст дармони он пайгирӣ шавад.

Арақ кардани бисёр ва ҳамешагӣ нишонгари анбоштагии фаровони рагҳои тан аст, ки бояд ба раг задан ва коҳиш хурдан рӯй оварад. Агар арақ бадбӯ ва таб афзоиш ёфта бошад, бояд ба равон кардани зардоб рӯй оварад. Ҳамвора доштани таппиши дил ҳӯшдордиҳандаи марги ногаҳонӣ аст,ки бояд ба раг задан рӯй овард.

Карахтӣ ва коҳиши ҷунбиш ҳамроҳ бо анбоштагӣ нигаронии омадани сактаро дар бар дорад.Бояд ба раг задан ва такондоди сар(нафз) ва атса ва даҳоншӯя рӯй овард. Сангинӣ дар бахши рости тан наздики дандаҳои пуштӣ ва сак задан ва кашидагии андомҳо ҳӯшдордиҳандаи беморӣ дар ҷигар аст, дармони онро дар бахше, ки ёд кардем, бояд пайгирӣ кард. Пехоли (саргин) камрангтар аз ранги ҳамеша ҳӯшдордиҳандаи бемории зардӣ аст.

Барафрӯхтагии сурат ва омоси пилкҳо ва дасту по ҳушдордиҳандаи бемории истисқо аст.Бадбӯйии пехол нишондиҳандаи гувориши норасо ва сангинӣ дар рагҳост.Бадбӯйӣ дар пешоб нишонгари рӯй додани гандидагӣ ва таб аст.

Хастагии сахт ва сустии ҳамроҳ бо фурӯ афтодани иштиҳо ҳӯшдордиҳандаи таб аст. Аз миён рафтани иштиҳо ҳамроҳ бо дилошӯбӣ ва бод кардани сурат ва дасту по ҳӯшдордиҳандаи қуланҷ аст, ки бояд бо хобе дароз ва парҳез аз хӯрдан ва сипас дармон бо доруҳои ёдшудаи он пайгирии дармон шавад. Сангинӣ ва кашидагӣ дар бахши поёни пушт ва тиҳигоҳ бо дигаргунии ҳолати пешоб нисбат ба вазъияти ҳамешагии он нишондиҳандаи оғози бемории гурда мебошад, ки бояд пайгирӣ шавад.

Пешоби сӯзишовар агар пайваста бошад, захмҳоеро дар пешобдон ва нарина падид меоварад, дармон аз бахше, ки ёд кардаем, бояд гирифта шавад. Пехоле, ки сӯзонандаи нишемангоҳ бошад ва дилпечаовар аст ба захми рӯда (саҳҷ) меанҷомад, пас бояд пайгирӣ гардад. Хориш дар нишемангоҳ ҳӯшдордиҳандаи бавосир ва ё нишони падид омадани он аст, магар он ки нишонаи кирмҳои кӯчак бошад. Думмалҳои бисёр пешогаҳии падид омадани чирки бисёр дар тан аст.

Бисёрии тарк ва тӯдаҳои нарми пӯстӣ ҳӯшдордиҳандаи бемории хиёраки бузург (дабила) мебошад. Лакҳои сапеди фаровон нигаронии песиро дар пай дорад. Сурхии бисёри рӯ ва тағйири ранг ва тангии нафас ҳушдордиҳандаи ҷузом мебошад.

Ҳангоме ки дар ҳолате аз ҳолатҳои тандурустӣ, ки ҷараёни табиии худро сайр мекунад, якбора дар он тағйире рух диҳад,монанди афзоиш ё коҳиши иштиҳо, зиёдӣ ё камии берун рондани пасмондаҳо, афзоиш ё коҳиши хоб ва ё нигаронӣ ва ошуфтагӣ ва ё таровии ғайриодии араҡи тан ва ё мондан ва берун нарафтани хуне, ки ҳамеша мерафта, чун хунрезии бавосир ва хуни хуни моҳона ва ё хунрезии даврaӣ ва хунрезии бинӣ ва ё падид омадани кундии зеҳнӣ ва кам шудани биноӣ ва ё пайдо шудани маззаи бегонае дар даҳон ва ё аз чизе ки пеш аз ин лаззат намебурд, лаззат бибарад ва з-он сӯйи он ва ё афзоиши хости наздикӣ ва ё коҳиши он ва ё доштанд, хобҳои бахтакдор (кобус) ва ё дигаргунии ранги пӯсти тан ва ҳисси ломиса аз он чи ҳамеша аст ва ё ҳаргуна рухдоди нохушоянд, ки ҳамешагӣ набошад, пешогаҳии беморӣ хоҳад буд ва шоиста аст, ки дар бораи ангезаи он андешид ва дармони онро пайгирӣ кард.Чунончи нишонаҳои анбоштагӣ дар тан намоён шавад, бояд ба раг задан ва коҳиши хӯрок рӯ овард. Агар афзун бар он нишонаҳои чирагии омехтагӣ (хилт) ошкор шавад, бояд ба хӯрдани доруҳои равонкунандае, ки берункунандаи он омехтагӣ аст, даст зад.Чунончи касе ба бемории даврaӣ ва ё навбатии ошкоре дучор шуда бошад, боястӣ аст, ки пеш аз оғози гоҳи давра ба раг задан ё тиҳӣ кардан ва дигар дармонҳое, ки дар бахшҳои вижаи он дар ин китоб ёд шуда, рӯ биовард.

## РАВОНРАНҶУРӢ ВА РАВОНПАРЕШӢ

Ҳеҷ гуна шодӣ нест, ки равонро хушоянд наояд. Ва афзояндаи нерӯ ва барангезонандаи сиришти одамӣ ва кумаккунандаи он дар рафторҳои ӯ набошад ва ин барои ҳама касоне, ки тандуруст ҳастанд, сӯдманд аст, магар ононе, ки мехоҳанд, гӯшти танашон коҳиш ёбад, ки инон тандуруст нестанд. З-он сӯ вижагиҳое, ки андӯҳзо ҳастанд, барои тандурустон зиёнборанд, магар барои касоне, ки ниёз ба коҳиши вазн доранд.

## ХӮЙҲО

Хӯйҳо бояд дошта шаванд ва онҳоро банданд, магар он ки бисёр бад бошанд, агар инчунин буд, бояд андак андак аз онхо рӯ баргардонда шавад. Аз гирифторӣ ба одат бипарҳезанд. Ниёз ба хӯрдан ва ошомидан ва ё серӣ аз он ду ва ё ба хобидан ва ё ҷунбидан, ё ба берун рондани пасмонда ё ба наздикӣ бояд ҳамеша дар шахс бошад. Чунончи ин устуворсозии хӯйҳо побарҷо шуд, дар сурати ба ҳам хӯрдани онҳо зиёни бисёр бузург пеш хоҳад овард ва одамӣ бояд худро барои бархӯрди гармо ва сармо ва ҷунбиш ва хӯрокие, ки ногузир аз бархӯрд бо онҳост, тамрин ва хӯ кунад ва ҳамчунин иваз кардани авқоти хоб ва бедорӣ ва рондани пасмондаҳо ва мондагорие, ки гоҳе ки ногузир ба тағйири онҳо мегардад, хӯй намояд.

## ҶИЛАВГИРӢ АЗ ХӮРОКҲОИ НОСОЗГОР

Агар ба хӯрдани онҳо хӯй гирифта нашавад, аз бадии онҳо раҳоӣ меёбанд ва агар хӯй гирифта шавад, бо равон кардан ва бирун рондан омехтагӣ падид омада, аз он бояд дармони онро пайгирӣ намуд. Ҳамчунин бо омехтани он бо чизи дигар ва ё пеш ё пас аз он хӯроки дигар хӯрда шавад, аз одат шудан ба он ҷилавгирӣ шавад. Бояд он хӯйро ором-ором ва ҳамоҳанг ва дуруст кунад, то битавонад аз зиёни он бикоҳад.

Касе, ки ширинӣ ӯро гарм мекунад ё аз он озор мебинад, бояд бар он сиканҷабини турш ё сирко ё об бинӯшад ва бар он анори турш бихӯрад.Бояд ба таври куллӣ ҳар хӯроке,ки туршмазза бошад ,бихӯрад ва бо раг задан ва равон кардани зардоб дар бемор, дармони ӯ пайгирӣ шавад. Касе ки хӯрокҳои турш ба монанди сакбоҷ ва қарис ва масус ҳар се навъ, ош ё обкомаанд, ки аз гӯшт ба ҳамроҳии сирко ва донаҳои гуногун сохта мешавад, барои ӯ зиёновар аст, бояд бар он асал ва шароби кӯҳнаи ноб биошомад.

Касе, ки аз хӯрокҳои чарбравғанӣ озор мебинад, бар он хӯрокҳои гас ва ҷамъкунанда ва талху шӯр ва тунд монанди адас, булут, марӣ (навъи обкома) ва шир ва комих (обкома)-и шӯр ва пиёз ва сир бихӯрад. Агар касе аз инҳо озор дида, одати

худро бишканад ва бо хӯрокиҳои пурравған ва чарб ва чизҳои намур ва нармкунанда бихӯрад ва равғани он биафзояд.

Касе, ки созгорӣ бо хӯрокиҳои сангин, монанди ҳалим ва мазира ва ҷуз онҳо надорад, пеш ва пас аз он бояд об бинӯшад ва гуворишҳои гуногунро бихӯрад ва бар ҷунбиш ва хасташудани худ бияфзояд ва доруҳои ҳамчун камунӣ (зира) ва фалофил ба кор барад. Чунончи ба он хӯ гирифта, бо доруҳои кам равонкунанда балғами шикамро равон кунад.

Касе, ки хӯрдани хӯрокҳои сангин ӯро озор медиҳад ва ё дар ҷигараш эҳсоси сӯзиш мекунад, бояд ба сиканҷабини пурдона ва реша рӯ оварад. Касе, ки дар хӯрдани меваҳои тозаи ширин ҳамчун хурмои тоза ва мувз(банан) ва харбузаи бисёр ширин ва анҷир зиёдаравӣ кунад, бояд сиканҷабин биёшомад ва аз меваҳои турш ва ҷамъкунанда ба ҷиҳати дармон суд барад ва чунончи ба ҷиҳати дармон онҳоро нахӯрда бошад, бояд асалоб бинӯшад.

Агар барои ӯ бод оварда бошад аз «камунӣ» ва «филофил» ё хамиршудаи «нормушк» ё шароби ноби кӯҳна ва обдонаҳо ва монанди он истифода намояд. Дар мавриди меваҳои хушкшуда ва мағзҳо ҳар кадом гармозо бошанд, ба он сиканҷабини турш ва афшурда ҷӯшонда, меваҳои турш ва ё хӯрокҳои туршмазза бихӯрад. Ва агар бодовар ва фурӯнишонандаи иштиҳо ва ё кундкунандаи он хурд, каме пас аз он асалоб бинӯшад, сипас « камун» ва «филофилӣ» ва мураббои занҷабилро ба кор бибарад.

Оби сангин, агар дер фурӯраванда бошад, бояд ба ҳамроҳи он шароб нӯшида шавад. Касе, ки ба нӯшидани оби ях хӯ гирифта бошад, бояд арақ кардан дар гармобаро пайваста анҷом диҳад ва ҳаракат ва ҷунбиши худро бисёр кунад ва ба хӯрдани доруҳое, ки дар бемориҳои аъсоб ном бурда шудаанд, рӯй оварад.

## ОН ЧИ ЗИЁНИ ШАРОБРО МЕКОҲАД

Агар шароб ҷигарро доғ ва танро гарм кунад, бояд онро бо чизҳои дигар бештар биёмезем. Чун анори турш ва туршии турунҷ ва монанди он, яъне онро ба унвони маззаи шароб бихӯрем ва бо он ошомидании туршмазза чун оши ғура ва

оши сумок бихӯрем.Чунончи шароб барангезандаи сардардӣ падидоварандаи саргиҷӣ шавад, бояд он обакитар кард ва полоиш намуд ва бо чизҳои дигар монанд ба ҷуз он омехт, яъне ҷизҳое, ки ҷамкунандагӣ дорад, ба унвони маззаи шароб аз онҳо истифода мешавад ва агар бар он хӯрокии сабук, ки дорои вижагии ҷамъкунандагӣ ва фурӯнишонданӣ, ҳамчун хӯрокиҳои сард баргирифта шуда, аз оби ғура ва монанди он хӯрда шавад. Он падидоварандаи нафх ва дарди шикам мегардад, вале агар шароб нерӯманд ва ноб ва дорои омехтагии хеле кам бар он нӯшида шавад, дигар набояд хӯрданӣ ва маззаҳои сангин пас аз он хӯрда шавад.

## ОН ЧИ МЕТАВОНАД ҶОЙГУЗИНИ ШАРОБИ АНГУР (НАБИЗ) БОШАД

Шароб, шикамба ва ҷигарро гарм мекунад, бодшикан аст ва хӯрокро хуб мегуворад, пешобовар ва нармкунандаи шикам аст, равонро шодмон ва хурсанд мекунад ва ба он оромиш медиҳад. Ин вижагии шароб дар ҳеҷ нӯшобаи дигаре ба ин андоза ёфта намешавад ва ҷойгузине надорад. Дар дигар гунаҳои ҷойгузиншуда ба ҷойи шароб ин вижагиҳо ва коркардҳо бо андозаи поёнтар дида мешавад.

Нӯшобае, ки шикамбаро гарм кунад ва бодшикан аст ва ба гувориши хӯрок кумак мекунад ва хӯроки гуворидаро ба роҳ меандозад: асал як ратл, об шаш ратл муддати дароз мепазанд, кафи рӯйи онро бар медоранд, то он ки ба бастагии шарбати гулоб бирасад. Баъд ба андозаи ҳар ратли ба даст омада, як дирам занҷибил, фулфул, дорфулфул, дорчин, мустаӣ ва қаранфул бар он меафзоянд, сипас оби онро мегиранд ва нарм мекӯбанд ва дар порчаи каттонии нозук мегузоранд ва дар шароби хуб варз медиҳанд ва сипас онро раҳо мекунанд ва ба ҳангоми ниёз ба кор мебаранд.

## НӮШОБАЕ, КИ ШИКАМРО НАРМ МЕКУНАД

Анҷири сафед бо об ба андозаи даҳ баробари он баргузида ва онҳо ба гунае мепазанд ,то лаҳ шаванд ва сипас як шаб канор мегузоранд, пас аз он оби онро мегиранд ба андозаи ниме аз он асал меафзоянд, сипас мепазанд, то ба

бастагии шароби гулоб дарояд, сипас аз рӯйи оташ бар медоранд. Бархе аз мардум дар ҳар ратл ду дирам широбаи анҷир мерезанд, то нармкунандагии шикамро бештар кунад ва гурӯҳе аз мардум ба ҷойи асал дар он понид (фонид) мерезанд, ки гармии камтар ва нармкунандагӣ бештар дорад ва барои сина ва шуш беҳтар аст.

## СУД ВА ЗИЁНИ БЕРУН РОНДАНИ ХУН

Дар хунрезӣ ва берун рафтани хун аз тан одамӣ ба бемории омезаи бад ва беморгуна (суулмизоҷ) ва бемории истисқо ва фурӯ афтодани иштиҳо дучор мешавад, ки фарсудагии зудрас ва фурӯ афтодани нерӯ ва сустии шикамба ва ҷигару дил ва ларзаву фалаҷ ва сакта дар пай дорад. Ба таври куллӣ ҳамаи нерӯҳои табииро суст ва нотавон мекунад. Аз берун рафтани он (хун) дар сурате, ки ниёз бошад, бемориҳои дигар ҳамчун думмалҳо, ҳама гуна омос ва курак ва таби фарогир (мутаббақа), барсом (зот-ул-ҷанб), сарсом, обила, хун баромадан аз даҳон, халти сина, марги ногаҳонӣ, тоун ва сактаи хунӣ, ки ба ҳамроҳаш сабзу сиёҳ шудани сурат аст, ханоқ ва ҷузом пайдо мешавад. Раг задании ҷойҳои осебдида дармоне шигарф ва бузург барои нигоҳдошти тандурустӣ ва беҳбуди бемориҳо дар бар дорад.

Бештарин касоне, ки метавонанд ин дармонро ба хубӣ бипазиранд: дорандагони тани тануманд бо рагҳои намоён ва муйи чеҳра гандумгун ва пӯсти тани ба ранги сурх, шодоб, гӯштӣ ва бечарбианд, ки шомили ҷавонон ва миёнсолон мебошад. Вале кӯдакон ва пиронро набояд раг зад, магар барои коре бисёр бузург.

Бештарин ниёзро дар хунгирӣ касоне доранд, ки дар онҳо ҷӯш ва курак ва думмал ва табҳо бештар рӯй медиҳад ва гурӯҳе, ки ба хӯрдани гӯшт ва шаробу ширинӣ ху гирифтаанд. Касоне, ки дар шикамба ва ҷигар сустӣ доранд ва омодагии пазириши бемориҳои ношӣ аз сардиро доранд, аз раг задан бояд парҳезанд ва набояд ҷуз дар ҳангоме, ки дучори хатари бузург ҳастанд, бадон рӯй биёваранд. Барои шинохти бештари раг задан, онро дар бахши худаш

густурдатар бозгӯ кардем. Бегумон аз берун кашидани хуни бисёр дар рӯзҳои хеле гарм ва ё хеле сард, бояд худдорӣ кард.

## СУДУ ЗИЁНИ РАВОНКУНАДАҲО ВА РАВИШИ КОРБУРДИ ОНҲО

Рӯй овардан ба равонкунандаҳо дар нигоҳдошти тандурустӣ дармоне шигарф дорад. Ба василаи он, ин имкон фароҳам мешавад, то танро аз омехтагие, ки хӯрокиҳои паст, ки ба гунаи иштибоҳ хӯрда шуда ва ё аз канор гузошта шудани парҳези ғизоӣ падид омадаанд ва ё аз омехтагие, ки вобаста ба тан, вале андозаи сохти он ноҳамоҳанг бударо ба осонӣ аз тан берун кунанд.

Беҳтар аст, ҳар кас доруи равонкунандаи муносиб барои берун рондани омехтагиҳои озордиҳанда баргузинад ва ё ин ки омехтагии мавриди назар ба далели нотавонӣ ва норасоӣ дар тан ба гунае сохти он афзоиш ёбад ва ё иштибоҳе дар равиши хӯрдани хӯрок буда бошад, ангезаи сохти беш аз андозаи он омехтагӣ фароҳам мешавад, ки барои дармони он набояд аз доруи муносиб ё берун рондани омехтагии он сӯйи он истифода кунад, зеро зиёни он бар ӯ бисёр сангин мешавад. Мо ҳар кадом аз омехтагиҳоро, ки ба василаи доруҳои равонкунандае равон мешаванд, дар бахши худ ном бурдаем.

Ниёзмандтарин мардум ба равонкунадаҳо ононанд, ки дорои андоми тануманд ва хеле фарбеҳ ва пуриштиҳоянд ва пурхӯрӣ (зирр) дар ҳамаи хӯрокиҳо ва меваҳо мекунанд ва низ камҷунбиш ва варзишанд.Шоиста аст, он даста, ки шикамравиш оранд ва беруни рӯй пехол бисёр аст ва ба тундӣ ба сӯйи захми рӯдае (саҳҷ) бавижа бисёр сахт он кашида мешавад, аз бекор будани онҳо дурӣ варзанд.Зиёдаравӣ дар ба кор бурдани ин доруҳо, паёмаде ҷуз шикамравиши сахт ва дар пайи он лоғарӣ ва пажмурдагӣ бавижа дар касоне, ки тани хушке доранд, раҳоварде нахоҳад дошт.

Беҳтар аст, пеш аз нарм кардани шикам бо хӯришҳои пурчарбӣ, доруи равонкунанда ба кор гирифта нашавад. Ду рӯз пеш аз пайгирии корбурди он (дору) бо обтанӣ кардан ва бисёр рехтани оби гарм бар тан ва нишастан дар оби гарм ва

нӯшидани сиканҷабин ин кор (нарм кардан) анҷом пазирад. Аз равонкунадаҳои бисёр нерӯманд дар ҳангоми гармо ва сармои бисёр аз кор бурдани он дурӣ намоянд. Беҳтар аст, ки шахс дар оғози нарм шудани шикам бихоҳад ва аз хӯрдани ҳар гуна хӯрокӣ дурӣ варзад, то ҳангоме бо оруғ задан маззае дар даҳони худ эҳсос кунад ва ҳамчунин то аз равон шудан нишоне набошад, аз ҳар гуна хӯрдан парҳезад. Ҳарчанд ки ин кор сабаби суст шудани бемор мешавад, вале бояд то поён ёфтани кори равон кардан дунбол шавад.

Чунончи равон шудан миёна бошад ,оши зербоҷи (аз шакар ва бодом ва сирко) сабук каме хӯрда шавад ва рӯзи равон шудан набояд сер бошад, чунончи хеле гурусна бошад, хӯроке, ки мехӯрад, бояд оши сумоқӣ ё аноре ё ғурае бошад ва пеш аз он дар вақти муносиб пудари (суфуф) донаҳои гуногунро ба кор барад.

Шароб барои касе, ки пас аз доруи равонкунанда хеле доғ мешавад ва низ фарде, ки дар пайи равон кардани зардоб ба василаи шарбати гулоб дармон шавад, хуб аст, албатта ба шарти он ки дар зимни он хеле шикамравиш пайдо накунад ва чунон ки шикамравиши бемор пайваста шуд, ӯ бояд афшураи ҷӯшонадаи себ ва ба сода ё афшураи ҷӯшонадаи анор ва монанди он бихӯрад,ки барои бемор бисёр сӯдманд аст.

Аз нӯшидани шарбати гулоб ва сиканҷабин ва асалоб парҳезад. Касе, ки доруи равонкунанда бар ӯ таъсири фаровон карда,бояд аз обтанӣ дурӣ намояд ва ин дар сурате аст, ки обтанӣ ӯро хеле гарм накунад ва агар ҳадаф берун рондани балғам ва талхоб бошад, чунончи равон шудан дар ӯ хеле сахт шуда бошад, обро ба ҷойи шароб бояд бинӯшад, чӣ дар ҷойе, ки шикамравиш бисёр бошад, ин дармон сӯдманд аст.

Агар равон шудан хеле набошад, мариз наметавонад шароб биошомад ва шаробро бо асалоб бояд тағйир диҳад. Чунончи коркарди равонкунанда дар ӯ аз андозаи дилхоҳ бештар шавад, беморро ба гармоба баранд, агар аз равонии шикам ҷилавгирӣ шуд, чи беҳтар вагарна ба ӯ пудари донаи анор бидиҳед, агар боз ҳам басанда набошад, ба ӯ ин пударро бидиҳед.

## ПУДАРҲОИ БАНДОВАРАНДАИ ШИКАМ

Нони хушки шомӣ сад дирам ва кундур ва гули арманӣ ва самғи ва балути харнуб ва донаи кишмиш ва донаи анор, ҳамаро ба монанди сурма хуб бикӯбед ва аз ҳар кадом даҳ дирам бардоранд, бо тухми банги сапед панҷ дирам биёмезанд ва се бор онро ба сурати пудари (ордшуда) бихӯранд ва агар басанда нашуд, ба бемор қурси гулнор ва монанди он ки дар бахши шикамравиш гуфта шуд, бидиҳанд, чунончи бемор суст шуда ва нерӯи ӯ фурӯ афтод (истисқот) ва аз ҳӯш рафт, дармони ӯ дар бахши шикамравиши хунӣ ва истифроғи ин китоб омадааст.

### Корбурди боло овардани (қай) ва судмандии он

Чунон чи боло овардан ба гунае миёна ба кор равад ё шикамбаро пок ва гуворишро неку ва танро шодоб мекунад. Сарро сабук ва биноиро дурахшон менамояд. Агар зиёдаравӣ шавад танро назор (лоғар) сохта ва ба ҷигар ва сина ва шуш ва шикамба ва чашм осеб мерасонад ва чи басо рагҳоро бишикофад ва пора кунад ва хунрезиро барангезад. Касе ки дар шикамбаи ӯ балғам фаровон гирд ояд ва нишонаҳои онро ёд кардем барои посдошти тандурустӣ ниёз ба боло овардан дорад.

Ин гурӯҳ ҳар моҳ як ё ду бор пас аз анбоштагӣ (имтилоъ - пур) бояд боло биёваранд, чун боло овардан бидуни анбоштагӣ, душвор анҷом мегирад ва нохушоянд низ мебошад магар ба сахтӣ ва талоши бисёр сурат мепазирад, ки ҳолати хубе нахоҳад буд. Агар боло овардан бисёр ва ҳамешагӣ бошад, шикамбаро табоҳ ва нерӯро фурӯ меандозад. Шоиста аст ҳангоми боло овардан чашмҳоро ба навор ва дасторе бибанданд, то тиҳисозӣ поён пазиранд, сипас чеҳраро бо оби сард шустушӯ диҳанд ва бо асалоб ё сиканҷабин даҳоншӯӣ намояд ё касоне ки гардани дароз ва гулуе берунзада ва синаи танг ва тиҳӣ аз гӯшт доранд, бояд аз боло овардан бипарҳезанд.

### Суд ва зиёни наздикӣ кардан ва равиши дурусти он

Наздикӣ, тани анбошта (имтилоъ) – ро сабук ва равонро хурсанд ва хушнуд мекунад ва ба сар зиндагии одамӣ

меафзояд. Оташи ишқи дилдодагонро фурӯ менишонад, ҳарчанд наздикӣ кардани ошиқона набошад боз ҳам сар ва ҳавосро сабук мекунад. Ба таври куллӣ танро аз бисёрии анбоштагӣ, ба тундӣ наҳй месозад. Шоистааст ёдоварӣ кунам, касоне, ки дар наздикӣ кардан зиёдаравӣ мекунанд, ба тундӣ нерӯ ва шаҳвати эшон фурӯ меафтад ва чашмони эшон гуд мешавад ва гурӯҳе, ки тани хушк доранд аз он ба монанди як душман битарсанд, чи дар сурати зиёдаравӣ дар он ба лоғар шудан мерасанд. Бояд касоне, ки тоза беҳбуд ёфтаанд ва беморон ва нотавонон назорҳо (лоғар) ва ҳар касе, ки перомуни шикам ва тиҳигоҳи камгӯшт ва лоғар аст ва бемории аъсоби заъиф доранд, аз он дурӣ кунанд. Пайваста ва бисёр наздикӣ кардан зиёни сахт ба пойҳо ва чашм мерасонад ва нерӯро фурӯ меандозад ва танро мефарсояд ва ба тундӣ вайро ба фарсудагӣ мекашонад ин зиёнҳо дар афроди чоқ ва гӯштолу, пархун бо рагҳои кушод ва ранги пусти сурх пурму камтар дида мешавад. Барои дорандагони тан з-он сӯи эшон, зиёни бисёр мерасонад.

Шоиста нест наздикӣ дар ҳолати гуруснагӣ ё огандагии шикамба аз хӯрок ва шароб ва дар гармоба ва дар пайи боло овардан ва ё шикамравиш ё раг задан бошад. Чунончи касе дар он зиёдаравӣ кард бояд аз хаста шудан ва берун рондани хун ва арақ кардан дар гармоба бикоҳад ва ба хӯрокиҳои афзояндаи оби мардона ва нӯшобаи бисёр ширин рӯй биёоварад ва бар хоб ва корбурди хушбукунандаҳо биафзояд.

### Суд ва зиёни обтанӣ ва равиши корбурди он

Гармоба (обтанӣ) метавонад танро нумувар ё хушк намояд. Барои тани касоне, ки низор ва хушк ва хушкида аст ва ниёз ба нумувар кардан дорад, судманд мебошад. Ин гурӯҳ беҳтар аст, ки арақ накунанд, балки дар ҷои миёна (мӯътадил) қарор гиранд ва оби гарми фаровон бирезанд, то бухори перомуни худро афзоиш диҳанд. Яъне он андоза оби гарм, рӯи тани худ бирезанд, то ки тани эшон (аз гармо) бод кунад ва каме дучори тангии нафас шаванд, ки дар ин ҳангом дигар аз ба кор бурдани оби гарм худдорӣ намоянд. Сипас, як бор ва дар муддати кӯтоҳ дар оби сард фурӯраванд

ва пас аз он танро равғанмолӣ кунанд, вале он кас, ки хушкӣ ва сабук шудани танро мехоҳад, бояд таъриқ ва молиш додани танро бо орди боқолӣ ва нахуд ё бура ё ашнон (гиёҳ) бештар анҷом диҳад ва пас аз он муддати дароз хӯрок нахурад. Молиши тан бояд ба гунае бошад, ки ҳангоми молиши тан бо равғани бунафша, равғане аз он бичакад.

Аз судмандиҳои обтанӣ (гармоба гирифтан) ҳамвора танро тоза ва сурохиҳои пустро боз мекунад чиркҳои мондаро аз онҳо пок месозад ва анбоштагиро сабук ва бодҳоро фурӯ менишонад, хобовар ва оромкунандаи дардҳо ва шал ва обакикунандаи омехтагиҳо мебошад, аз шикамравиш ҷилавгирӣ мекунад хастагиро дур месозад ва танро барои хӯрок омода менамояд.

Аз дигар зиёнҳои он нерӯро фурӯ меандозад, дилро доғ мекунад, чи басо ба беҳушӣ биянҷомад, боло оварданро бар меангезонад, роҳе барои резиши тунд мавод мегузорад. Аз ин рӯ беҳтар аст касе, ки таб ё захми чирке ё нигаронӣ ё сустӣ ва гирифтагии сахт моҳича ё омос дорад, аз он (обтанӣ) бипарҳезад ва аз обтанӣ дар ҳолати серӣ дурӣ кунад, магар он ки бихоҳад фарбеҳ шавад. Касе, ки пас аз сайре ногузир ба обтанӣ мебошад, бояд чанд рӯзе сиканҷабин биошомад ва аз хӯрокиҳои сангин бипарҳезад ва равиши нармҷуёна дунбол кунад.

### Рехти дурусти як тани тандуруст

Мо тани бисёр шодоб ва фарбеҳ ва ё бисёр лоғарро саноят намекунем чун бисёртар ва тозагии тани бемориҳои бисёрро ба сӯи он сарозер мекунад. Намунаи он: сахтии танаффус, марги ногаҳонӣ, поргии рагҳо, фатқ ва сахтӣ дар ҷунбиш ва кам шудани тавони наздикӣ кардан мебошад. тани лоғар омодагӣ гирифтан бемории сил ва таби лозим (دق - дақҡ) ва оғози фурӯ афтодани нерӯ дар бемориҳо ва зуд осеб дидан аз гармо ва сармои бисёр дорад. Мо тани хуши гӯштиро, ки андаке ба шодобӣ наздик аст меситоем, чун ин тан омодагии пазириши бемориҳоро надорад.

## Мисвок задан

Чунончи мисвок ба гунаи ҳамоҳангӣ зада шавад дандонҳоро дурахшон ва нерӯманд месозад ва ласаро (гӯшти дандон) нерӯ мебахшад ва ба андозааш меафзояд, аз пусидагии (дандон) ҷилавгирӣ ва куммак ба хушбӯии даҳон мекунад. Андаке сар ва даҳон ва даҳонаи шикамбаро сабук месозад, беҳтар аст бо чуб (вижа мисвок), ки дар он сахтӣ ва талхӣ вижаҳое аст, мисвок зада шавад. зиёдаравӣ дар мисвокзадан дурахшонии дандонҳоро мезудояд, пас ҷирмҳо ба тундӣ ба сӯи дандонҳо рафта, онҳоро ҷунбон ва нозук карда ва лассаро суст ва кӯтоҳ мекунад.

## Беҳдошти дандонҳо

Беҳтар аст аз шикастани чизҳои сахт ва бисёрҷӯйидани хӯрокиҳои суфта, часпнок, кушдормонанд хурмо ва нотиф (навъи ҳалво) ва монанди он худдорӣ кунад, аз бисёр боло овардан бипарҳезад, ки дандонро табоҳ месозад. Ва таваҷҷуҳ ба шустан ва поксозии онҳо ҳангоми пеш боло овардан, ё хурдани хӯрокиҳои часпанда ба вижа шир ва сиканҷабин ё асалоб дошта бошад. Ва синун (маводи шустушӯдиҳандаи дандонҳо) ва мисвокро ба гунае ҳамоҳанг ва миёна ба кор барад ва аз чизҳои кунд ва карахткунандаи дандонҳо монанди ях ва об ях бавижа пас аз хӯроки гарм дурӣ кунад.

## Гузораи шустӯшӯдиҳандае, ки беҳдошти дандонҳоро нигоҳ медоранд

Сӯхтаи шохи гавазн, сухтаи устухон ва газмозак ва саъд ва гули сурх ва сунбули тайиб ба як андоза ва як чаҳоруми бахши намаки андаронӣ, кӯбида ва бо он шустушӯ дода, ки барои нигоҳдошти дандонҳо бисёр хуб мебошад.

## Беҳдошти чашм ва равиши поксозии он

Аз офтоби тобистонӣ ва ғубор ва дуд ва аз пайваста нигоҳкардан ба рангҳои дурахшон ва нигоҳи тӯлонӣ ба як чизи монанди баҳтзадагон (сароб) ва таваҷҷуҳи беш аз андоза ба хат ва нақш ва нигоррез ва бисёрии гиреҳ ва хоби тӯлонӣ

бар пушти (тоқбоз) ва дар баробари боди сард замони дароз будан ва хӯрдани хӯрокиҳои бисёр хушккунанда, монанди адас ва шӯриҳо ва наздикии бисёр бипарҳезад. Ҳамчунин аз ҳамвора мастӣ ва нӯшиданиҳо ва хӯрокиҳои сангин ва часпанда ва тунд, монанди пиёз ва хардал ва сир ва тара тезак (чарчир), ки барои чашм зиёновар ҳастанд, дурӣ кунанд. Пурхурии хӯрокиҳое, ки сардардзо ҳастанд, ба монанди хурмо, тара, шанбалид ва ҳиндқуқо ва ба вижа бодруч. Агар пурхурӣ шавад, ин зиёдаравӣ чашмро нобино мекунад.

Ҳамчунин калим, (карам) ва адас ва бисёр хобидан ё бедории бисёр зиёноваранд. Дар бархе маворид ба кор бурдани сурмаҳое, ки ашковаранд, барои тандурустии чашм лозиманд ва аз фурӯ рафтани чизҳои ба даруни онҳоро ҷилавгирӣ кунад.

Ҳазазро (гиёҳ) бо об биёмезанд ва моҳе се бор дар чашм бичаконед, ки аз фурӯ рафтани чизҳои ба даруни чашм ҷилавгирӣ мекунад. Аз корҳое, ки чашмро дурахшон мекунад, яке он ки дар оби зулол фурӯ рафта муддати дароз чашмони худро бикушояд, ки сабаби соф ва нерӯманд шудани он мегардад. Пайгирии хондани китобҳои бо хати дурушт аз як сӯ ва аз суи дигар талош дар ростои берун овардани нукоти зер аз китобҳое, ки бо хати рез нигошта шуда ва дорои нақш ва нигорҳое мебошад, ангезаи ҳарчи нерӯмандтар кардани чашм мешавад.

Он чи ки тандурустии чашмро нигоҳ медорад ва дурахшон мекунад, тутиёи парварда дар оби марзангӯшт аст. Он чӣ дурахшонкунандаи он аст молидани оби розиёнаи тоза ё оби анори сардшуда мебошад. гузораи он чунин аст:

## Гузораи афшураи анор

Афшураи анори ширин ва бисёр турш бояд ҷудогона гирифта ва дар ду шуша, ки сарашон баста аст гузошта ва аз оғози моҳи ҳузайрон (моҳи шашуми милодӣ - июн) то охири моҳи об (моҳи ҳаштуми мелодӣ - август) дар баробари офтоб мегузоранд ва ҳар моҳ қисмате аз танишини он ҷудо мешавад, маводи ҳар ду шушаро бо ҳам дар як ҷо кунанд ва ба андозаи ҳар ратли он сабр (алоэ) ва фулфул ва дорфилфӣ

ва навшодир аз ҳар кадом ду дирам, ки кӯбида шуда дар он резанд ва сипас онро канор гузошта. Ҳар чи куҳнатар шавад беҳтар хоҳад буд ва агар дар он майлаҳое фурӯ карда ва бадин васила чанд қатра аз он дар чашм чаконанд, ин дору барои дурахшиши чашм шигифтовар аст. Гузораи сурма, ки беҳдошти чашмро нигоҳ медорад ва аз зуд ба зуд сармо хурдан низ ҷилавгирӣ мекунад:

Санги сурма (асмад)-ро дар ҳоване чандин бор шуста, баъди як ҳафта бо оби борон онро бисоед ва ҳамин корро бо тутиё низ метавон анҷом дод. Сипас, аз ин сурма бист дирам, ва аз тутиё ва aқлимиёи шуста (хисонда тар карда) ҳар кадом дувоздаҳ дирам, ва аз марқашушои шуста ҳашт дирам, ва луълуъи кӯчак, ки ба сад ҳар кадом ду дирам ва созаҷи ҳиндӣ ва заъфарон ҳар кадом як дирам ва кофур се дирам ва мушк як донагӣ баргиред. Нахуст сангҳоро нарм бикубед, сипас оби боронро руи он бирезед ва се рӯз онро канор бигзоред. Дубора ҳамагиро хуб бисоед ва нарм кунед. Акнун дорӯи бадастомадаро нимрӯз ва шомгоҳ рӯи пилкҳо бимолед, ки бисёр судманд хоҳад буд.

**Боидани шунавоӣ**

Шоиста аст, ки таваҷҷӯҳе ба поксозии ҷирмҳои даруни гӯш ба гунае, ки дар бахши он ёд кардем, дошта бошад ва аз хӯрокиҳои сифт, часбнок дурӣ кунад ва ҳар ҳафта дар гӯш қатрае аз равғани бодоми талх бичаконанд. Ҳамчунин намондани дарозмуддат дар баробари боди сард, ва ҷилавгирӣ аз фурӯ рафтани чизе дар он ва ё берун омадани курк ва ҷӯшӣ аз он ангезае мешавад, то гӯш аз дард гирифтан дур бимонад.Барои тандурустии гӯш миқдоре шиёфи момисоро дар сирко об кунед ва чун пиромуни гӯш ҷӯшӣ дарбиёяд, бо эҳсоси дарди нахустини он, ки ҳамвора ҳамроҳ бо илтиҳоби сару чеҳра мебошад, дар гӯш қатрае аз он бичаконед ва барои касоне, ки ҳамвора омадагии пазириш ва гирифтор шудан ба сармохӯрдагӣ ва зуком доранд, ҳафтае як бор дар ҳолати тандурустӣ он чаконда шавад ва аз ногуворидани хӯрок ва пурхурӣ ва хуфтан бо анбоштагӣ (имтилоъ) шикам парҳез кунед.

**Пешгирӣ аз бемориҳои шикамбаӣ**

Шоиста аст аз шаҳрҳои тоъунзада ва мурдагон бигрезанд. Агар хона ё подгоне ва урдугоҳе бошад, бояд онро бар фарози баландӣ ва болои вазиши бод бисозанд. Дар бемориҳои ҷаззом ва гол ва таби вабоӣ ва сил ва ниқрис чунончи бо дорандагони онҳо дар масири бод ва ё хонаҳои танг ҳамнишин бошед, ба ин бемориҳо гирифтор мешавед. Гоҳе рамад ё омоси қарния бо нигоҳ кардан ба дигарон сироят мекунад ва захмҳои чиркин низ сирояткунандаанд. Ба таври куллӣ ҳар бемори, ки дорои бӯи бад ва ҳамроҳи бод бошад, бояд аз дорандаи он дурӣ кард ва ё дар болои боди он қарор гирифт.

**Бемории вабо ва чигуна дур мондан аз он**

Вабо дар поёни тобистон ва поёни пойиз рух медиҳад. Чунончи тобистоне пурборон бошад ва шабу рӯз он пайваста абрӣ бо вазиши бодҳои ҷануби ғуборолуд ва ҳавои истодаи шарҷӣ дошта бошанд, бояд аз хӯрдани гӯшт ва шароб ва ширинӣ ва меваҳои ширини тоза ва обтанӣ ва шустушӯ бо оби гарм парҳез кунанд. Дар бакор бурдани сирко ва ҳар ончи бо он парварда мешавад ва афшурдаи ҷӯшондаи меваҳои турш, чун ғурра ва ривос ва анор ва себ ва сумоқ ва турунҷи турш ва шарбати сиканҷубини турш пурхурӣ кунанд. Чунончи ногузир аз хӯрдани гӯшт шаванд, гӯшти дурроҷ, чӯҷаи паррандагон, гӯшти бузғола ва гӯсола, ки дар сирко парварда ё бо оби ғурра ва сумоқ чун қарис, ва ҳулом ва масус ва монанди онҳо бихӯранд.

Агар дар тани эшон камтарин ҷунбиши хунӣ дида шавад, дар ҳамон ҷо онро берун оваранд ва нигоҳ надоранд. Ва дар ҷоҳои сарде, ки дарҳо ва панҷараҳояш ба сӯи шимол боз мешавад, бинишинанд, ки бо ин кор метавонанд аз ҳавои бемориҳои обила ва ҳасба ва тоъун ва захмҳои чиркин ва таби фарогир (мутабақа) дур шаванд. Бояд кӯдакон ва навҷавонон ва касоне, ки тани шодоб ва ранги сурх доранд дар чунин ҳавое беш аз дигарон пойид.

Агар дар поёни тобистоне, ки гармои сахт дошта, пойизе хушк ва пурғубор дошта бошанд, ки бо деркарди боридани

борон ва сармои сахт ҳамроҳ бошанд, беҳтар аст эшон хонаҳо ва нишастгоҳҳои худро сард кунанд ва бо хис кардани илофи катонӣ ва обпошӣ фазоро намвар ва намнок намоянд ва бояд худро вогузошта ва озод ва раҳо кунанд, ва аз хаста шудан ва наздикӣ кардан дурӣ намоянд. Бо оби сард обтанӣ кунанд ва оби ях бинӯшанд. Ҳангоми наҳор талқонро ҳамроҳ бо шакар ва оби сардшадуе бо ях ба кор баранд ва аз хӯрокиҳои гармозо ва шароб, ба ҷуз бо оби сарди фаровон, дурӣ намоянд. Дар хурдани хиёрчанбар ва хиёр ва каду ва фарфин (хурфа) ва ҷуз он аз хӯрокиҳои сардизо зиёдаравӣ кунанд, ва аз тобиши хуршед ва рӯзадорӣ ва аз истодагӣ бар гуруснагӣ ва ташнагӣ бипарҳезанд, ва худро ба хоби рӯзона дар ҷои сард водор намоянд, ва хӯрокиҳоеро, ки пеш аз ин ном бурдем, бихӯранд, ва агар ҳаррӯза оби ҷав биёшоманд, барои эшон, бавижа барои дорандагони омезаи гарми хушки онҳо, ки ниёзмандтарин мардум ба чунин дармоне ҳастанд ва бо он метавонанд аз табҳои сузандаи сахт раҳоӣ ёбанд, сӯдманд хоҳад буд.

Агар курк ва бемории зардӣ афзоиш ёфт ва вазиши бод низ буд, дар ин ҳангом дар паси ҳамаи инҳо мардум ва ҷондорони бешуморе бемор мешаванд ва ба дунболи он ҳангоми шабҳо партавҳое намоён мегардад, ки ҳар кас ба ин беморӣ дучор шавад, базудӣ бо марг рӯ ба рӯ мешавад. Ин беморӣ тангии нафас меоварад, даҳонро бадбӯ мекунад ва бемор дучори афсурдагӣ мешавад ва дар даруни худ андӯҳ ва нигаронӣ ва барафрухтагии сахт ва ташнагӣ ва низ сармо дар пиромуни худ эҳсос менамояд ва боло меоварад, ва пасмондаҳои палид дар пехоли эшон баҷо гузошта мешавад. Шоиста аст, ки аз меваҳо ва сабзиҳои рӯида дар он ҳангом ва нӯшидани обҳои рӯи замин дурӣ кунад, хонанишин шавад ва аз ҳавои сард бигрезад ва ба обпошии рӯзонаи хона ба василаи оби омехта бо сирко бипардозад. Чуночи ҳавои гандида ва бадбӯ бошад, бояд сандал ва кофур бухур диҳад ва гулоб бипошад, бар дари хона пӯшуше, ки бо гулоб хис шуда овезон кунад ва хӯрокиҳоро аз сирко ва адас ва сумоқ

ва қарис ва ҳулом ва ғӯра баргузинад, об ва сирко бинӯшад ва аз шароб дурӣ кунад.

Дар чунин рӯзҳое хӯрдани рӯзонаи як қурс кофур ва оби ях ва обтанӣ бо оби сард барои ӯ судманд аст. Яке аз фарзонагони пизишкии кӯҳан ёд карда, ки ду бахш субр ва як бахш заъфарон ва марро омехта, дар ҳангоми «вабо» рӯзона дувоздаҳ қирот бо як вақйа шароби омехта, ба ӯ суде фаровон мерасонад. Ӯ касеро надида, ки ин доруро ҳангоми «вабо» бихӯрад ва тандуруст нашавад. Ҷолинус мегӯяд: «Дар чунин ҳангоме агар нӯшобае аз гили арманӣ ва сирко ва об нӯшида шавад, судманд аст». Ҳамчунин подзаҳри заҳри морҳо (тарёқ ал-афоъӣ) бисёр хуб аст ва аз бухурҳои судовар барои ҳавои гандида (бад) бухури қист, кундар, миъа, уд, сандал, мушк, кофур ва марр мебошад. Чи басо ханоқ дар баҳори бархе солҳо фаровон мешавад, ки сахт кушанда аст. Беҳтар аст, дар чунин ҳангоме иқдом ба раг задан ва хунгирӣ аз соқи по ва нарм кардани шикам рӯй овард, ва ҳар рӯзу шаб бо гулобе, ки сумоқ дар он хисонда ва бо афшураи ҷӯшондаи тӯт ва гирду даҳоншӯя кунад.

Гоҳе дар зимистон аз ин гуна бемориҳо, ба монанди сакта ва фалаҷ ва ҷуз он падид меояд, ки беҳтар аст дар чунин солҳое дар паи анҷоми такон доданҳои сахт (нафз) ва даҳоншӯя кардан ва атса бошад, ки дар бахши вижа ҳар кадом ёд шуда аст. Ва низ танро бо рӯғанҳои ёдшуда дар ҷои худ рӯғанмолӣ кунад ва хӯрокро кам кунад ва нарм баргузинад.

## Посдории тан дар чаҳор фасл

### Баҳор

Беҳтар аст дар баҳор пеш аз хеле гарм шудани ҳаво бар раг задан, хунгирӣ аз тан ва ба кор бурдани равонкунандаҳо рӯй оваранд. Шароб ва хӯрдани гӯшт ва шириниро бикоҳанд, бавижа касоне, ки бо бемориҳои анбоштагӣ (имтилоъ) ҳамвора ҳамроҳ мебошанд. Хӯрокиҳои нарм ва сардиро ба кор баранд, ки дар тобистон корбурди вижае дорад.

## Тобистон

Бо фаро расидани тобистон бояд ҷунбиш ва хаста шудан ва дар баробари хуршед монданро бикоҳад, хӯрокиҳои гарму сангинро канор гузорад, шикамбаро аз хӯрок анбошта накунад, балки хӯрданро ба чанд бор бахш намояд. Оби сард бинӯшад ва бо он шустушӯ кунад. Талқон бо шакари обшуда ва бо оби ях ҳар нимрӯз биошомад ва ҳамчунин сиканҷабин ва шарбати гулоб ва афшураи ҷӯшондаи меваҳои турш ба кор барад. Туршиҳо ва харбуза баргирифта аз чизҳои турш, чун ғура ва сумоқ бихурад ва аз ширинӣ ва чарбӣ ва тундӣ ва шӯрӣ парҳез кунад. Танҳо ба туршӣ ва чизҳои бемазза басанда кунад. Бар омехтагии шароб биафзояд ва аз шароби кӯҳна ва ноб дурӣ кунад.

## Пойиз

Бо фаро расидани пойиз бояд то онҷо, ки битавонад, андозаи хӯрдани меваҳо бикоҳад, ва ҳамчунин замони мондан баробари нури хуршед дар ҳангоми нимрӯзро кам кунад ва аз напӯшондани сар дар шаб ва бомдодон ба ҷиҳати сармо бипарҳезад. Аз ошомидани оби сард ва шустушӯ бо он ва хаста шудан ва наздикӣ кардан дурӣ намояд. Бо оби виларм обтанӣ кунад. Аз хобидан дар ҷое, ки эҳсоси ларзиш дар тан биафтад ва ё пас аз пур будани шикамба аз хӯрок ва обтанӣ бо оби сард, ки танро ба ларзиш дароварад, худдорӣ намояд.

Дар чунин ҳангоме ба боло овардан набояд рӯй оваранд, чун ба тундӣ табовар хоҳад буд. Бар гуруснагӣ ва ташнагӣ бурдборӣ нанамоянд ва якбора шикамбаро аз хӯрок ва об пур накунанд. Шароб бо омехтагии бисёр ва ба андозае, ки равон эҳсоси роҳатӣ кунад, биошоманд. Шикамбаро ба каш омадан ва сангин шудан во надоранд, ва танро озод ва раҳо гузоранд. Улгуи барномаии ҳар фард бояд бештар бар пояи анҷом ва ба кор бурдани улгуи тобистонӣ бошад. То он ки борон биборад, бо боридани борон бештари зиёнҳои пойиз аз миён меравад.

Гоҳе поиз пас аз тобистони дароз меояд, ки бояд мардум худро бештар бипоянд. Бояд гароиш ба фурӯнишондани омехтагӣ ва ҳамоҳанг сохтани он бештар аз гароиш ба тиҳӣ кардан бо равонкунандаҳо ва раг задан бошад. Чунончи камтарин нишонаи беморӣ дида шавад, бояд бедаранг пеш аз кӯҳна шудани беморӣ ба дармони он рӯй оваранд. Зеро беморихои ин фасл сахту бадхайиманд. Ҳадафи дармонӣ дар ин фасл бояд дар ростои намнок кардани тан бошад, зеро дар ин фасл одамӣ ба намнокии тан ниёзи бештаре дорад, то дар тобистон.

Бадии омеза дар ин фасл ба гунае аст, ки ҳаргуна иқдом иштибоҳ ва кӯтоҳӣ дар дармони таб пазируфтӣ нахоҳад буд.

**Зимистон**

Дар ин фасл иштибоҳ дар барномарезӣ ва зиёдаравӣ дар хӯрдани хӯрокиҳои сангину гӯшт пазируфтанӣ мебошад. Ҳамвора ин фасл нигоҳбони тандурустии тан аст, беморӣ дар он наметавонад ба касе наздик шавад, магар дар асари як иштибоҳи бузург. Бояд аз зиёдаравӣ дар ба кор бурдани равонкунандаҳо бипарҳезанд, чунончи таб барангехта шавад ба дармони он бо равонкунандаи вижаи ҳар беморӣ рӯй биёваранд. Ин гуна табҳо бештар аз гунаи анбоштагӣ (имтилоъ) мебошанд. Чунончи дар оғоз тиҳӣ нашованд густурдаву нирӯманд мешаванд.

Касе, ки омезаи сард дорад, метавонад хӯрокиҳои гарм ба монанди сиру пиёз ва чошниҳоро ба кор барад. Касе ҷавон аст ва омезаи гарм дорад, дуруст он аст ин гуна хӯрокиҳоро коҳиш диҳад. Зеро агар барояш беморизо набошад судманд низ нахоҳад буд. Чунончи дар замистон бо бемории сахте рӯбарӯ нашавед дар оғози баҳор ё поёни он бояд ба раг задан ва ба кор бурдани равонкунандаҳо рӯй биёваред. Беҳтар аст барои афзоиш омехтагиҳо ва барои касоне, ки дар хӯрдану ошомидан зиёдарвӣ мекунанд, ин кор анҷом гирад. Касе, ки мехоҳад дар хӯрдану ошомидан зиёдаравӣ кунад бояд ба раг задан

мубодарат намояд. Касе, ки ҳамвора хӯрокиҳои сангину бад мехурад ниёз нест ҳамеша аз равонкунандаҳо суд бубарад.

**Равиши нигаҳдории хонуми бордор ва рӯйёни ӯ**

Занони бордор аз хӯрокиҳои тунду талх чун кабар, тармус, зайтуни норас ва ҷуз он ва ҳар чӣ пешобовар ва резишдиҳандаи хуни моҳона чун: нахӯд, лубиё, ба вижа судоб парҳез кунанд. Аз паридан ё заминхӯрдан, ё зарбдидагӣ, ба вижа дар даврони нахуст ва поёни бордорӣ ва аз наздикӣ кардан, ки омил таъсиргузор дар афтодани рӯйён аст, дурӣ намоянд.

Бояд хӯрокиҳои бисёр нарм, сабук ва ҷойгузинкунанда, омехтагии хубу оромкунандаи дилошӯбиву нерӯбахши даҳонаи шикамба, ба монанди гӯшти мурғ, дурроҷ, бузғола ба кор бурд ва бояд нӯшобаи сабзиҳои хушбӯйро андаке бинӯшад. Афшураи ҷушондаи меваҳои турушу бандоварнда ҳамроҳ бо қурси уд ношто бихӯрд, то ҳолати «виёр» ва дилошӯбиро дар ӯ ором кунад. Бояд ҷунбишу варзишро ба андозаи миёна анҷом диҳад. Аз мондани тӯлонӣ дар гармоба бипарҳезад. Бояд ба тафреҳ ва хобу хушбӯ кардани худ бифзояд. Бояд хӯрокро сабуку андозаи онро дар навбатҳои бисёр бахш кунад ва якбора шикамбаро наёбонад ва чунончи иштиҳои ӯ фурӯ нишинанд ба ӯ андаке чизҳои тунд, чун пиёзу хардал ва онҳое, ки иштиҳоро бедор ва боз мекунад, ба ӯ бидиҳанд, бояд кундар ва мастико ба ҷуду биҳи ва анору туранҷ бихӯрад. Аз хӯрокиҳои паст, созандаи омехтагиҳои фаровон бипарҳезад. Бо ин равиш метавонад аз бемориҳои давраи бордорӣ раҳо шавад. Чунончи бемор шуд, бояд бо нозукбинии бисёру бо таваҷҷӯҳ ба мондагории рӯйён ба хунгирӣ ва ба кор бурдани равонкунандаҳо рӯй овард.

**Осонзоӣ ва расидагӣ ба зону:**

Агар ҳангом зоиш наздик шуд, хуб аст, ки бордор рӯзе як соат ба гармоба рафта ва даруни обзан бинишинад ва шикаму пушти худро равғанмолӣ кунад ва аз хӯрокиҳои

гуворо, нарм, сабук ҳамчун исфидбоҷ (шӯрбои ҳар навъ гӯшт) ва ширинихои сохташуда бо шакару равғани бодом суд ҷӯяд. Агар дарди зоимон ба сӯроғи ӯ биёяд пушт худро бо равғани хайри (шаббуйи зард) ва ҷева, ки доғкунандааст, равғанмолӣ кунад ва ҳамчунин ба зери нофу сурин ва паҳлуҳо аз он бимолад ва андаке аз онро шиёф намояд ва ба худ баргирад ва ба нармӣ омаду рафт кунад. Ба гунае биниишинад, ки битавонад поҳоро дароз кунад сипас ба тундӣ бар поҳо бархезад. Ҳангоме, ки дарди зоимон афзоиш ёбад ва нафаси ӯ бигирад, бояд худро шал бигирад ва момо пушт ӯро баланд карда, тиҳигоҳ ва оринҷи ӯро ба пойин ҳел диҳад. Чунончи зоимон ба дарозо кашад бояд ба шӯрбои исфидбоҷи пурчарб сохташуда аз ҷӯҷа ва чарби мурғи парвору ӯрдак, андак-андак бихӯронанд ва нӯшобаи гиёҳе биёшомонанд. Чунончи зодан сахттар шуд ва ҷои нигаронӣ барои тандурустии ӯ (модар) падидор гашт бояд як ратл оби шанбалид ва хурмои пухта ва андаке равғани бодом бар он чаконидашударо дар ду ё се бор ба ӯ диҳанд то сабаби ҳоли баҳамхӯрдагии ӯ нашавад ва сипас афшураи судоб ва қурс «мурр» ба ӯ дода шавад.

Агар зоимон бар ӯ сахт шавад, аз ҳилтит (ангеза) ва говшир (ҷовшир) ва қуна ба вазн ду дирам яксон ба кор баранд, чунончи мариз сахтӣ накашида бошад ва аз бӯи он бадаш биёяд як мисқол «ғолия» дар нӯшобаи гиёҳе рехта ва ба ӯ бидиҳанд то биёшомад ва бо об гӯшту шароб ва хушбукунандаҳо нерӯманд шавад. Чунончи ҷуфт ба ҷо монд, зонуро бояд дар оби кундас фурӯ баранд ва бинии ӯро бигиранд, то ҷуфт пойин биёяд, вагарна доруҳои ёд шударо дубора барои ӯ бояд ба кор бубаранд ва низ бо «мурр» ва говширу борзад ва гӯгирд вайро бухур диҳанд.

Фундуқро бо зардоби гов хамир кунанд ва яке пас аз дигаре дар оташдон дар зери ташти сӯрох шуда, рӯй оташ қарор диҳанд ва рӯи он сӯрох фароҳам шуда вожан зонуро бигузоранд, ки бухури беруномада аз он рӯйён мурдаро берун биёндозад. Ин равиш дар мавриди рӯйёни мурда ва бе

такон ва рӯйёни пурҷунбиш ва пуртакон ва рӯйёне, ки ҳангоми зодани он аст, ба кор меравад.

Чунончи **зоъу** пас аз зоймон хунрезии зиёде дошта бошад ва сабаби фурӯафтодани нерӯи ӯ гардад, бояд бо он чи дар бахши ҷилавгирӣ аз хуни моҳона гуфтем, дармон кунад ва бо оби гӯшту шаробу хушбуҳо худро нерӯманд созад. Чунончи хунрезӣ надошта ё хунравии ӯ андак бошад бояд бо бухурҳое, ки пеш аз ин ёд кардем, бухур диҳад аз онҳо бо равише, ки дар бахши афзоиш хуни моҳона гуфтем дармон намояд. Ин равишро ба унвони шаёф низ ба кор бурд ва ҳаргиз онро канор нагузорад ва кӯчак нашморад магар он ки бемор нотавон ва низор бошад, ки чи басо бемориҳои сахту баде барояш падид оварад. Пизишкон (момо) мегӯянд аз чизҳое, ки зоимонро осон месозад - яке гузоштани гандоби баргирифта аз чоҳҳои кӯҳна, рӯи нофу пиромуни тиҳигоҳи бордор мебошад.

## Парвариши навзод

Беҳтар аст ҳангоми зоиш гӯши навзод макида шавад ва пас аз он ҳам низ ин кор анҷом гирад. Аз фурӯрафтани шир ба гӯши навзод дар ҳангоми шир додан ба даруни гӯш ҷилавгирӣ шавад. Бояд коми навзодро ба асал оғушта намоянд ва бинӣ бо оби гарму равған пок кунанд ва пайваста дар андешаи гирифтани оби бинии навзод бошанд. Молиш додану равғанмолӣ кардан ва кашиши андомҳо дар ҷиҳатҳои гуногун ва печидани навзод (қундоқ) ва ҳамвор кардани сару бинӣ ва пешонии кӯдакро пайваста пайгирӣ намоянд, бо ин равиш ӯро аз бисёр бемориҳо эмин мегардонад. Навзод то андозае шир бихӯрад, ки шикамаш кашида нашавад ва бод аз он берун наёяд, ки беш аз андоза шир хӯрдан навзод сустӣ, танбалӣ, хоболудагӣ, ноороми, гиря ва боло овардан барои ӯ ба армуғон меоварад. Чунончи ин нишонаҳо падид омад, ҳамон ҳангом ба муддати тӯлонитар аз одат ҳамешагӣ шир додан ӯ аз ширдиҳии ӯ ҷилавгирӣ шавад, хоби ӯро афзоиш диҳад ва бо оби гарм гармаш кунад ва камтар аз одаташ ба вай шир диҳад, сипас ба одати худаш баргардонда шавад,

каме доруҳои мухаддир барои тӯлонӣ шудани хобаш ба ӯ диҳад. Хуб аст, ки гаҳвораи ӯро багунаи миёна такон диҳад, ин кор пас аз шир хӯрдан оромтар ва нармтар анҷом пазирад ва бар чашмонаш дар рӯзҳои нахустини зоиш порчае гузошта шавад ва ӯро дар ҷойи пуррӯшноиву нур набояд гузорад ва бояд ҷулуи вай муҳра ё порчаи рангоранг овезон кунад ва барои ӯ то ҳангоми сухан гуфтан тарона бисарояд. Доя забони ӯро молиш диҳад ва бо он бозӣ кунад ва бахши поёни забонро бо асал ва намаки андаронӣ мушту мол диҳад, ба вижа агар дар сухан гуфтан кунд бошад. Рӯ дар рӯ бо вай сухан гӯяд ва вожаҳои осону сабукро барои ӯ ёдоварӣ намояд. Чунончи ҳангоми рӯйиши дандонҳо фаро расид ласаи ӯро бо кара ва пиҳи мурғ молиш диҳад ва орди ҷав бар он бигузорад. Бояд бо равған гардани навзодро хуб ва бисёр равғанмолӣ кунанд. Чунончи шикамравиш пайдо кард зира ва гули сурхро дар каме сирко ва об бихисонанд, сипас онро рӯйи шикам бимоланд.

Бо шири модар ё доя самғи арабӣ ва гили арманиро биёмезанд. Агар шиками навзод сифт шавад ва банд ояд, барои ӯ шиёф ба кор баранд. Каме ҳалво (нотиф) ва бура, ё андаке пишкили мушро бигиранд ва ба унвони шиёф бароящ ба кор баранд. Агар ҳангоми аз шир гирифтани навзод фаро расид билита (ҳалвои ангӯштӣ барои кӯдакон), ки сохта шуда аз орди сафеду ширу шикар аст, ба дасти ӯ дода, то бо он бозӣ кунад ва онро бимакад ва баҷуд ва андак-андак аз он зада шавад ва ба ӯ аз бахши нарми синаи ҷӯҷа, ё дарроҷ дода шавад, чунончи аз он хушаш омад ва онро хост ва ба даст гирифт ва ба он вобаста шуд, андак-андак аз шир хӯрдани рӯзҳо даст кашида ва танҳо ба шабҳо басанда хоҳад кард, дар рӯзҳои гарм ҳаргиз ӯро аз шир хӯрдан боз надоред.

**Шеваи гузиниши доя**

Доя бояд зани ҷавони бо пӯсти сафед, ки ба сурхӣ бизанад ва тоза зоймон накарда ва аз зоймонаш ҳам бисёр нагузашта бошад ва бемор набошад ва ҳамвора аз беморӣ гила накунад. Пистони бузург, синаҳои фарох дошта ва

шодобии тани ӯ миёна бошад ва бояд аз шӯрӣ ва тундӣ ва туршӣ ва бандоварандаҳо ва чошниҳои бисёр гармозо монанди тара, пиёз, сир, таратезак ва ба вижа карафс дурӣ намояд ва хуб нест доя ба чизҳои ёдшуда наздик шавад ва бар хӯрокиҳои аз гандум ва биринҷу гӯшти ҷонвари ҷавон пок шуда ва хуб пухта шуда, басанда кунад. Аз наздикӣ кардан ва хунрезиҳои моҳона дӯрӣ намояд. Чунончи шири ӯ коҳиш ёбад шӯрбои баргирифта аз орди боқолӣ ва биринҷу нон ва нони сафеди хушкшуда ва ширу шакар, ки каме тухми розиёна бар он гузошта ба ӯ дода, бидиҳанд. Чунончи шираш хеле сифт (ғализ) шавад, хӯрокиҳои ӯро бояд нарм кунанд ва ӯ низ андаке варзиш намоянд ва ба ӯ сиканҷабин ва нӯшобаи обакӣ бинӯшонанд. Чунончи шири ӯ хеле обакӣ бошад, бояд хӯрокиҳои нерӯбахши сангин ба ӯ бисёр диҳанд ва муддати хоби ӯро низ бисёр кунанд.

Агар шиками кӯдаки (навзод) нарм бошад бояд хӯрокиҳои бандоваранда ба кор баранд ва доя низ аз хӯрдани ширинӣ ва чарбӣ дӯрӣ кунад ва агар бадани доя кӯрк бизанад ҳатман оби ҷав бинӯшад ва аз шириниву хӯрокиҳои гармозо парҳез кунад. Ва бо музавварот (нӯши даниҳои ширини бе алкул) тағзия намояд ва пас аз чаҳор моҳагӣ агар ниёз бошад, хунгирӣ ва ҳиҷомат дар бораи кӯдак анҷомпазир хоҳад буд. Беҳтарин шир, шире аст агар қатраҳое аз он бар нохун гузошта шавад бояд на хеле обакиву шал ва на хеле сифту сангин бошад. Ҳамчунин хушбӯву гуворо ва ширин бошад. Беҳтар аст шири шӯр ва бадбӯ ба кӯдак дода нашавад.

### Пойидани дигар давраҳои синнӣ
### Кӯдакон

Ҳаргиз набояд кӯдаконро бо раг задан ва ба кор бурдани равонкунандаҳои нерӯманд дармон кунанд, балки дармони ҳиҷомат (гузоштани бодкаш) ва ба кор бурдани равонкунандаҳои оби меваи зиёдхорӣ накардани шириниҳову меваҳо ангезае мешавад, то бемориҳои эшон фаровон нагардад.

Ҳамчунин дар нӯшидани ширу панир ва хӯрокиҳои сангин зиёдаравӣ нашавад, то дучори санги гурда нашаванд. Гоҳе тухми харбузаи пӯсткандаву шакар ба онҳо дода шавад, то дастгоҳи пешоби эшон покиза гардад, ки дар онҳо санг пайдо нашавад аз пурхӯрӣ ва хӯрдани хӯрок пас аз хӯроки дигар дурӣ намоянд, то аз дучор шудан ба бемории ханозир (омоси ғадуди линфи гардан) дур бимонанд.

**Навҷавонон, ҷавонон**

Дар бораи навҷавонону ҷавонон бояд аз бемориҳои гармӣ ҳаросид ва барои эшон раг задан ва равонкунандаҳову оромкунандаҳои нерӯмандро, ҳангоми ошкор шудани нишонаҳои беморӣ ва пеш аз пешрафту густурдатар шудани он ба кор баранд.

**Миёнсолон**

Дар эшон гароиш ба тиҳисозӣ ба василаи доруҳо бештар аз хунгирӣ ниёз аст. Онҳо бояд худро хуб нигоҳ доранд ва аз корҳои бисёру сахт дурӣ кунанд, наздикӣ карданҳо (ҳамбистарӣ)-ро бикоҳанд, то тани устувор барои эшон ба ҷо бимонад ва даврони шикастагии пирӣ барои эшон ба дарозо кашида нашавад.

**Куҳансолон**

Бояд анҷом додани кори бисёру хаста шудан ва наздикӣ кардану хунгириро канор гузоранд ба ҷуз ҳангоми ниёз, ки тоза онро бояд бо камтарин андоза анҷом диҳанд. Хӯрокиҳои хуб ва осонгувор бихӯранд. Вогузорӣ ба худро бахше аз барномаи рӯзонаи худ гузорад. Нӯшидани нӯшобаҳои хушмаззаи миёнаву обакӣ ва софшуда ё бо омехтагии бисёрро бояд афзоиш диҳанд, то бо ин битавонанд муддати дароз дилнигаронӣ ва сустиву пажмурдагиро аз худ дур кунанд. Тани эшон ба зудӣ фарсуда ва нобуд нагардад.

**Озмоиши пизишк**

Беҳтар аст гузарони зиндагии гузаштаи пизишкро баррасӣ кунанд ва чи гуна талоши ӯро дар танҳоӣ пайгирӣ намоянд. Агар ӯ зиндагии худро бо варақ задани китобҳои

пизишкон ва зистшиносон гузаронида ва дар танҳо низ талош дар баррасии кори онҳо дорад, бояд бо диди хуб ба ӯ ва зиндагии ӯ нигарист.

Ҳамчунин агар пизишке пайваста бо китоб бошад беҳтар аст ба андеша ва зиракии ӯ нигарист ва дид оё ӯ ҳамроҳи ҳамнишин сухандонон ва мунозиракунандагон будааст? Ва баҳрае аз эшон бурдааст? Ҳамчунин оё ба баррасии китобҳои файласуфон пардохта ва тавони гӯфтугӯ ва назар додан дар ороияшон мебошад ё на? Агар ҳамнишинии тӯлонӣ бо ин гурӯҳ дошта ва аз онҳо баҳрае дар гуфтугӯ ва назар додан бурда аст, хуб аст.

Ҳамчунин дида шавад оё чизҳоеро, ки хонда фаҳмида аст ё з-он сӯи он мебошад? Агар он чиро хонда ва фаҳмида бояд дид, ки оё бо бемор бархӯрд дошта? Ва оё беморро зеру рӯ карда (муоина)? Оё мавриди муоинашудаи ӯро пизишкони дигар дидаанд? Оё ин беморӣ бархӯрдкардаи ӯ ҷузви бемориҳои фаровон аст ё на? Ҳар кас дар ӯ ин ду сифат гирд ояд, пас ӯ донишманд аст. Агар дар ӯ яке аз мавориди гуфташуда дида нашавад ва ин костӣ дар муоинаи (беморон) бошад, ки як гуна костӣ барои пизишк бешумор меояд.

Албатта кам бемор дидан беҳтар аз ҳаргиз надидан мебошад. Зеро агар ин кости бо омӯзиши китобҳои гузаштагон ин дониш ҳамроҳ бошад, ишколи муҳиме нахоҳад буд. Ин низ худ хуб аст чун каме муоинаи беморон баробарӣ бо шинохт ва баррасии китобҳо ва дониши пизишкӣ баробарӣ мебошад.

Касоне, ки ба ин дониш рӯй меоваранд, агар бесавод ва омӣ буда ва матлабро нафаҳмида бошанд ва ҳамнишинӣ бо барҷастагони ин дониш низ надошта бошанд беҳтар аст, ки ба шинохти эшон бовар надошт ва бояд донист, ки дармони дурусте низ аз эшон дида наҳоҳад шуд. Чун дар ин фанн (пизишкӣ) ҳеҷ кас наметавонад ҳамаи равишҳои гузаштагонро ёд бигирад ва худ низ ба он чизе биафзояд. Ӯ агар ҳамаи умри худро дар он гузаронда бошад, боз ҳам тавонои онро нахоҳад дошт, чун андозаи дониши пизишкӣ бисёр бештар аз умри одамӣ аст, на танҳо ин дониш балкӣ бештари риштаҳо инчунин мебошад.

Онҷӣ аз донишҳо то ин андоза фаҳмиданӣ буда, дар ҳазорон сол бо ҳазорон кас анҷом гирифта ва сина ба сина чархида то ба ин нуқта расида аст, пас агар танҳо дунболаи рӯи он улгуҳо ва навиштаҳо ва ин равишҳо бинамояд, ба монанди ин аст, ки ҳамаи онҳоро дар кӯтоҳ замоне фаҳмида аст ва ба монанди ин аст, ки ҳамаи он солҳоро гузаронида ва ба онҳо таваҷҷуҳи басанда дошта аст.

Агар аз як сӯ бубинед, пизишке ба китобҳои гузаштагон, яъне пизишкони пеш аз худ нигоҳе наяфканда бошад ва онҳоро нахонда бошад, гумон мабарӣ ин пизишк дар ҳама умри худ мавриди (пизишкӣ) метавонад бубинад ва чи андоза ба таҷриба ва озмунҳои шахсии худ ба шинохти ҳар беморӣ даст меёбад, ҳарчанд ӯ борҳо ба он маврид бархӯрд карда бошад боз вайро ба иштибоҳ меандозад. Гоҳе мумкин аст нафаҳмида ва нашнохта аз канори он гузар хоҳад кунад.

**Гуфтори чаҳорум бо сипоси Худованди ҷаҳониён поён ёфт.**

## ГУФТОРИ ПАНҶУМ ОРОИШ

### Он чи шураи сар (хизоз)-ро мезудояд

Он чӣ шураи сар варзард захмро аз миён мебарад, пайваста тарошидани мӯи сар мебошад.

Ҳар шаб сарро равғанмолӣ намоед ва фардо дар гармоба ё дар хона бо оби гарми бисёр бишӯед, чунончи басанда шуд, ки ҳеч вагарна ҳар се рӯз сарро бо нахуди кӯбида ва сирко ва хитмӣ ва ё бо пухтаи салиқ бо андаке бура бишуяд.

### Гузораи шустушудиҳандаи нерӯманд барои дармони шураи сар (ҳизоз)

Орди нахуд сад дирам ва орди шанблид ва нахола (сабус) ва буруқи нон ва шушаи сапеди орд шуда ва хардал аз ҳар кадом понздаҳ дирам ва хитмӣ даҳ дирам, бо андаке сирко ва об бояд баргезанд ва дар ҳафта сарро бо он шустушӯ дод. Чунончи сардии захм бо ҳамвора шустан бо ин шустушӯдиҳандаҳо бимонад. Беҳтар аст ҳар шаб равғани гули сурх бо андаке сиркои норас бар сар гузоранда шавад ва нармии шикамро ҳамвора нигаҳ дорад.

### Резиши мӯ ва дои салаб

Агар мӯи сар ё риш ё абрӯ резиш пайдо кунад, ҷои онро бо порчае забар ба гунае молиш диҳед, сурх шавад сипас бо пиёз ба сахтӣ молиш бидиҳед, ки бемор дар ҷои он эҳсоси сӯзиш ва барафрӯхтагӣ кунад сипас як шабонарӯз онро раҳо кунед ва рӯзи дигар ин равишро дубора бакор бибаред, агар товони зиди онро бо чарбии ӯрдак ё мурғ пок кунед ва молиш доданро чанд рӯзе раҳо кунед, то ором шавад, агар дар ҷои он мӯи резишёфта онро чандин бор теғ бизанед ва ҳар рӯз бо порчаи мушт ва мол бидиҳед ва равғане, ки аз қайсум (гунае бар наҷосиф) ва пари сиявушон ва бобуна аз ҳар кадом як вуқия ҳамроҳ бо об, ором пухта то он,ки лаҳ шаванд, сипас оби онро полоиш кунед ва ба андозаи як ратли он, як ратл равғани

бон ба он бифазоед, то ором - ором бипазад ва оби он коҳиш ёбад, сипас малҳами бадастомадаро ба кор баред. Чунончи бо ин дармон мӯй равиш ёфт, вагарна дар бораи бемор ҳамон гуна мепардозем, ки пеш аз ин гуфтем. Мебинем кадом омехтагӣ бар чирагӣ пайдо кардааст. Ҳамчунин барои доштани як барномаи хӯроки хуб, ба баррасии хӯрокиҳо корбурди ӯ дар гузашта мепардозем, чунончи бемор пайваста хӯрокҳои созандаи балғам хӯрда бошад, пӯсти ҷои резиши мӯи ӯ сапедранг мешавад, пас қурсро ба ӯ бидиҳед.

### Қурс барои руиши мӯйҳои резон

Турбади сапед даҳ дирам, аёраи фиқаро даҳ дирам, пияи ҳанзал се ва як савм дирам, ки ҳар бор ба андозаи ду то се дирами он дода мешавад, ки се ё чаҳор бор аз он дар як моҳ ба кор бурда шавад. Хӯрокҳои арзишманд, ки созандаи омехтагӣ хуб аст ба кор баранд, сипас ба доруҳое, ки дармонкунандаи (резиши муй) аст, рӯй оваранд. Чунончи бемор, пайваста хӯрокҳои созандаи зардоб мехӯрда ва рангу рӯи вай ба монанди он зард шуда, пас аз ин қурсро ба ӯ диҳанд ва умедвор бошанд, созандаи ометагӣ хуб хоҳад шуд ва дармони ӯро дар ростои он чӣ ки падид оварандаи омехтагӣ сард аст, барномарезӣ кунанд.

### Қурси созандаи омехтагиҳои хуб барои бемороне, ки резиши мӯй доранд

Сабри сақутурӣ ва ҳалилаи зард (ҳалилаҷ) як дирам ва гули сурхи осиёбшуда ним дирам ва сақумуниё як чаҳор дирам, ки ҳамагӣ онҳо як қурс мешаванд ва он андозаи хӯроки як бор аст. Чунончи бемор пайваста хӯрокиҳои созандаи талхоб мехӯрад, ки гувоҳи он: ранги ӯ ва тирагии ранг ҷои резиши мӯй ва лоғарӣ ва хушкии бисёр дар ӯ мебошад. Пас ӯро раг занед, сипас пахтаи афтимун бад-ӯ бихӯронед, ё оби панири афтимун ва монанди ончиро, ки дар бахши молихулиё дар бораи берун рондани талхоб гуфтем ба кор баред. Хӯрокиҳои арзишманд бад-ӯ диҳед, сипас бадармонҷои резиши мӯй бо доруи молиёнӣ, ки мӯйро мерӯёнад, бипардозед.

### Доруи молидани барои руёнидани мӯй

Кафки дарё даҳ дирам ва буруқ ва хардал ва гугирд ва сано ва фарбун аз ҳар кадом ду дирам ва мевизаҷ ва зарореҳ ҳар кадом як дирам, бипазед ва бо равғани зайтуни куҳна пас аз молиш бо пиёз, ӯро равғанмолӣ кунед ва ҳар ҳангом, ки ҷои таъвил зад чанд рӯзе дармонро раҳо кунед, сипас бо чарбии ӯрдак ва марҳам асфидоҷ ба дармони он бипардозед, ки ором шавад. Чунончи ниёз бошад дубора ҳамон дармонро анҷом диҳед.

### Рӯёнидани мӯй дар ҷое, ки хоста мешавад

Чунончи равиши мӯи риш ва абрӯ кам бошад. Кафи дарё ва хокистари қайсумро баргирифта бо равғани зайтуни қуҳна хамир намоед ва он ҷойгоҳро бо ин малҳам молиш диҳед ва ҳар шаб дар он бар он ин хамиррро бимолед ва шароби ноб биошомед ва ин равандро то расидан ба гармои миёна дунбол намоед.

### Доруи нерӯманд барои рӯёнидани мӯй

Як вуқия рағани бон, вазни се дирам зарореҳ, ки сару болашон задашуда ва ордгардида, бигиред ва равған бар он бирезед ва дар поини шуша ба рӯи оташи мулоим гузошта бо чубе онро ба ҳам занед, то равған суфта шавад. Сипас онро бардошта бо андаке мушк ва анбар хушбӯй карда бар он ҷо бимолед ва молиш диҳед ва такрор намоед то таъвил бизанад ва ба умеди Худованд дар он ҷо мӯй оғоз ба рӯидан хоҳад кард.

### Гузарои шустушудиҳандаи мӯй

Барги озодарахт ва пари сиёвашони тоза ва марра ва амлаҷ (омала)-ро гирифта, кӯбида ва бо асал биёмезед, пас аз тар кардани сар бо хисондаи амла, ба он сарро бипӯшонед.

### Гузораи шустушӯдиҳанда, барои баланд кардани мӯй:

Обе, ки салақ (чағандар) дар он пухташударо бигиред каме хардал ба он бияфзоед ва мӯйро бо он бишӯед, сипас бо равғани ос равғанмолӣ намоед, ки мӯйро баланд мекунад.

Ончӣ аз резиши мӯй ҷилавгирӣ мекунад, пайваста молиш додани мӯй бо равғани ос аст.

Ончӣ аз резиши мӯй ҷилавгирӣ мекунад ва мӯйро низ мерӯёнад, лоданро дар шароб боз карда, сипас бо равғани ос, равғане ба даст оваред ва ҳар шаб решаи мӯйро бо он чарб кунед ва фардо дар гармоба бо оби гарм бишӯед.

**Доруи нерӯманд барои ҷилавгирӣ аз парешонии мӯй:**

Омла ва барги осро гирифта бо об бипазед то об сурхранг шавад, як ратил равғани инфоқ (зайтуни норас) ва як ратил оби амла ва осро низ бипазед то оби хуро аз даст бидиҳад, сипас бар он як вуқия лодан омехта бо шароб бияфзоед ва решаи мӯйро бо он молиш диҳед.

**Равғане, ки корбурди пайвастаи он нерӯбахш ва сиёҳкунандаи мӯй мебошад**

Гули шақоиқ ва барги ос ва пари сиёвушон ва сунбули тайиб ва саъд, тухми салиқ (чағандар) ва карфас ва омла ба андозаи як мушт дар се ратил об бипазед, то оби он аз даст биравад ва низ вуқияи оқоқиё ва ҳамвазни он хокистари пӯсти санавбарро дар он рехта, сипас бардошта ва ҳар рӯз бо он равғанмолӣ мекунед.

**Доруи молиданӣ, ки аз кучалӣ ҷилавгирӣ мекунад ва агар ин бемори дар марҳилаи оғозиш бошадро дармон мекунад**

Пари сиёвушон ва барги ос ва пӯсти дарахти санавбар ва кундар ба гунаи яксон бар мегиред ва мепазед то он ки лаҳ шавад, сипас бар он лодан ва марра аз ҳар кадом як бахш бияфзоед ва бо шароби кӯҳна ва равғани турб нарм бикунед ва шабҳо рӯи сар бимолед ва рӯзҳо шустушӯ диҳед ва ин корро пайваста анҷом диҳед, ки кучалии оғозинро бо хости Худо аз байн мебарад.

**Борик ва душоха шудани поёнаи мӯй (мӯхура)**

Агар ин фароянд бар мӯй падид ояд об ва равған дар ҳам омехта ва хуб якнавохт гаштаро пайваста ба он бимолед ва

бо луобҳои часпанда, чун луоби тухми китоб (китон) ва тухми масфарза ва барги кунҷид ва монанди он бишӯед ва чунончи басанда нашуд бар таносоӣ ва хӯрок ва шароб бияфзоед. Агар ин фароянда бо шодобии тан ва хуб шудани он бошад, пас андозаи бемориӣ кам аст ва ниёз нест, ки дармоне анҷом гирад ва чуноне, ки бештар бошад ба равонкунандаҳо ва раг задан рӯй оваред.

**Печиши мӯй**

Бо барги садри сапед ё мозӯ пайваста сарро бишуед. Гузарои дигар, орди шанбалид ва марра ва тухми банги сапеди ордшуда ва садр ва мозӯ ва нура ва мурдосангро хамир кунед ва сарро бо он бипӯшонед.

**Нарм ва ҳамвор кардани мӯй**

Бо доруҳои ҷилавгирикунанда аз мухура, дармон кунед ва ҷои он бо даҳани хул ва лармшуда марҳаммолӣ намоед ва сипас оби гарми фаровон бар рӯи он бирезед.

**Сиёҳ кардани мӯй**

Як савм ратил мозӯ бо равғани зайтуне, ки дар моҳитоба меҷӯшонанд, то он ки лаҳ шавад, сипас онро рӯи сар мемоланд ва расахтиҷ (рӯи сӯхта) ва зог ва катиро аз ҳар кадом панҷ дирам ва намаки андарони ду дирам ва зог як дирам бо оби гарм месурушанд ва хуб меомезанд, ба гунае, ки ин саршустан чаҳор соат ба дарозо мекашад. Пас аз он муйҳои сар ва чеҳраро шуста ва хушк карда, бо ин дору ранг кунанд, ва шаш соат онро раҳо намоянд сипас онро бо барг бипушонанд, то хушк нагардад. Пас аз он бо об ва ларм бишуянд.

**Гузораи доруи дигар барои сиёҳ кардани мӯй**

Мурдосанг ва нура (оҳак) пас аз таҳнишин шудан аз ҳар кадом ба як андоза баргиред. Гули гарм ва сафед оби сурб аз ҳар кадом ба як андоза баргузинед, сипас бо об бисурушед. Бо ин хамир мӯйро бипушонед ва бар он барге бигузоред ва то се соат онро раҳо кунед, сипас бо бархе аз луобҳо бишӯед, ранги сиёҳи хуберо баҷо хоҳад гузошт.

**Гузораи дигар**

Мурдосанг ва нура (оҳак)-и таҳнишин шударо, ба як андоза бармегиред се баробари он об бияфзоед ва дар зери тобиши офтоб раҳо кунед ва се рӯз ба ҳам онро бизанед,

сипас оби он гирифта ба даруни он пашме фурӯ мекунед агар сиёҳ нашуд, онро дубора соф карда дар он ба андозаи як шашум оби мурдосанг ва нура бирезед то пашм сиёҳ шавад, сипас ҳиноро дар он хамир кунед ва ба мӯй бизанед, ранги сиёҳро ба шумо медиҳад. Равише, ки аз он суд бурда мешавад фурӯ кардани пашме дар он об аст ва сипас он пашм рӯй решаи мӯйҳо бимолед.

**Гузораи дигар**

Си то мозуро гирифта дар равғани зайтун андохта ва дар моҳитоба бипазед то сиёҳ шавад ва онро дар як тика намад баста то он, ки хурд ва нарм шавад, сипас ду дирам миси сӯхта ва ним дирам зоги яманӣ ва ба ҳамон андоза намаки андаронӣ ва як мисқол ҳинои макаиро кӯбида бо оби ос пухта, ки ба монанди афшураи ҷӯшонда даромада, бисирушед сипас дар як зарф (малоқа) фарзи бигузоред то хуб ба ҷӯш ояд, сипас сарро бо он ранг кунед ва пас аз он сарро шуста ва хушк кунед, сипас бо барги чағандар ва барги дарахти ток сарро бибандед бо он то бомдод бихобед ва чун бомдод омад онро бо гул шуста,равғанмолӣ кунед, ки ба хубӣ сиёҳ мегардад.

**Роҳнамои барои касоне, ки намехоҳанд гирифтори пири судрас шаванд**

Пирӣ дар бархе касоне,ки ба ҷиҳат омезанд, ки доранд зудтар ва дар бархе дертар фаро мерасад.Аз роҳҳое, ки раванди омадани пириро кунд мекунад. Пайваста ба кор бурдани атрефали кӯчак ва ба кор бурдани нусха дар ҳар рӯз аст.

**Гузораи атрефали кӯчак**

Атрефали кӯчак ва ҳалилаи сиёҳ ва кабуд ва балила ва амларо ба гунае яксон баргиред пас аз кӯбидан дар равғани зайтун гузошта бо асал биомезед ва ба монанди гирду даровардед ва ҳар рӯз яке аз онро ба кор баред ва бештари хӯрокҳоро ба гунае обпаз ва пухташуда ба кор бибаред. Аз шир, мост ва таридаҳо ва кочӣ ва ҳалим ва шириниҳо ва нӯшидани оби ях ва зиёдаравӣ дар обтани дурӣ гузинед андаке, ки шароби ноби кӯҳна ё оби асал бинӯшед. Обкомаи намакин бихӯред ва мари набатиро ношто бихӯред ва салақ (чағандар)–ро бо хурдил ба кор баред агар гарми падид

омад, онро бо сирко ва сиканҷабин фурӯ нишонед, обтанӣ ва наздикиро коҳиш диҳед ва аз рехтани гулоб ба вижа агар бо кофур бошад ба рӯи муйҳо бипарҳезед. Чунончи онро ба кор бибаред дар ростои пок кардани он талош кунед. Аз пайваста ба кор бурдани равғанҳои пухта шуда ба ҳамроҳи чошниҳо ва бандовардаҳо чун равғане, ки пеш аз ин ёд кардем дурӣ намоед. Чунон чи касе ба мавзеи ин бахш таваҷҷӯҳ дошта бошад, беҳтар аст андак-андак билозарро ба кор бибарад ва дар зимистон онро оғоз кунад.

**Сурх ва хурмоӣ кардани мӯй:**

Боқиллои мисрӣ турмуси кубида даҳ дирам ва марра панҷ дирам ва ба монанди он намаки дабоғи, ки шура (шавриҷ ) гуфта мешавад бо дурдаи хушкшудаи шароб се бор пухта шударо хамир карда бо он мӯйро ранг кунед,ки ранги хурмоӣ меоварад ва ҳамчунин хокистари ҳезуми дарахти токро бо об як рӯз гузашта, сипас онро соф ва бо доруҳо биомезед, муйро бо он бипӯшонед ва як шаб нигаҳ дошта,сипас шуста ва ду бора онро анҷом диҳед.Ранги хурмоиро ба даст хоҳед овард.

**Сапед кардани мӯй**

Чалғузи парасту, росини хушкшуда, мош, тухми турб, гули насрини хушкшуда, гугирд ва шукуфаи кабари хушкшуда бо кисаи зардоби гов ва сирко ва шаробро ба ҳам биёмезад.

Он чи бӯи нураро мезадоед ва аз сухтагӣ ҷои он ҷилавгирӣ мекунед:

Бо барги дарахти ҳулу ва ё дарахти асфар ва ҳино ва саъд ва сак ба танҳоӣ, ё ҳамагӣ бо ҳам, танро молиш диҳад. Ончи ки аз сӯзиши нури ҷилавгирӣ мекунад, ҳар камтар зеру рӯ кардани он рӯи тан ва сипас шустани он аст, танро пеш аз оғушта кардан бо нур бо равған гули сурх равғанмолӣ кунед. Он чи ки аз ҷӯш задан ва курк даромадан дар тан ҷилавгирӣ намоед, шустани тан бо оби доғ аст то хуб пок шавад, сипас ба корбарандаи онро дар оби сард муддати дароз бинишононанд ва оби хеле сард бар ӯ бавижае ба рӯи ҷоҳое,

ки ҳамеша шонси берун омадани гӯш ё рух додан сухтагӣ аст, бирезанд.

Адаси пӯстканандаро бо сирко ва гулоб бисоянд ва бар ҷои сӯхта бигузоранд ва порчае бар он ниҳанд ва чунончи товил бизанад ва ё гӯшт бисӯзад бо марҳам сафед об ва мурдосанги парварида дар равғани гули сурх ҷойгоҳро молиш диҳанд, то аз берун задании ҷуш дар тан ҷилавгирӣ кунад. Чунончи пас аз корбурди нура, ҷои он бо сиркои норас (халхамр) ва равғани гули сурхи хуб молиш диҳанд, судманд хоҳад буд.

**Бемории пусти сар (саъф):**

Ин решаҳо, хушкреша (хушкрешия) дар сар мебошанд, гоҳе хушк ва сапедранг ва шояд дар он хунобае бошад ки аз он сарез мешавад. Бояд онро бо хунгири аз гуди ҷона (нақраҳ) ва сар дармон кард. Яке аз рагҳои пӯсти сар ё пушти гӯши ҳар кадом, ки бузургтар бошадро боз мекунанд. Барномаи хӯрокии беморро парҳез аз шурӣ ва ширинӣ ва тундӣ бигузоранд. Танҳо бар хӯрокҳои арзишманд бемазза басанда кунанд. Ин гуна метавонанд беморро дармон кард. Агар бемор тан диҳад, ӯро ба танқия кардан бо пухтаи ҳалила ва ё бо сабру сақмуниё водор кунед ва сипас ба рӯи он марҳаме, ки гуфта хоҳад шудро бимолед.

**Гузорае марҳам дармон саъфаҳе аз гунае тозаи он ки дар кӯдакон дида мешавад**

Аруқи сафр (зардчӯба) ва ҳино зарованд мурдосанг ва пӯсти онро баргиранд сипас ба сиркои норас ва равғани гули сурх рӯи он бимоланд.

**Гузарҳои марҳами хушки решаи куҳна:**

Намак ва зоки сӯхта ва гугирд ва хок ҷива ва мозӯ ва аруқи сафр ва мурдосанг ва заровандро баргирифта, кӯбида ва бо сиркои норо ва равғани гули сурх биёмезанд ва онро рӯи хушкии реш бимоланд. Агар хушкии решаи хушки сапед бошад, бояд беморро ба хӯрдани хӯрокҳои намурзо водор кард ва равғани каду ва бодоми ширин ва бунафша ва ҷуз онро дар бинии ӯ чаконед.

Чунончи хушкрешаи кулуфт, бузург бошад онро бо корд битарошанд то хун биёяд ва бар он доруи тунд бигузаронад

то решакан шавад сипас бо марҳаме, ки мурдосанг ва сирко ва равғани зайтун ва уруқ гирифта шуда, дармони ӯро кунанд. Аз чизҳое, ки саъфаи тар (хунобае)-ро аз миён мебарад ва решакан мекунад молиш додан чандин бора ба сирко ва намак ва аънони сабз аст, то он ки хушк шавад ва фурӯ резад.

**Он чи чеҳраро сапед ва пӯстро дурахшону нарм ва ҳамвор мекунад**

Орди нахӯд ва боқило ва ҷав ва нашоиста ва катиро ва тухми турбро бо шир бисиришанд сипас онро шабҳо рӯи рухсора бимоланд ва аз фардояш бо оби гарм, ки дар он сабус ва бунафшаи хушки пухта даҳ шаб рӯи чеҳра бишӯянд.

**Доруи дигар:**

Бодоми пӯсткандаи ширин нашоиста ва катиро ва ҳамроҳи об «асфар» шабҳо ба чеҳра бимоланд ва рӯзҳо бо дампухтаи бобуна ва бунафшаи хисонда, бишӯянд ва бо нашоиста катиро ба бодоми ширинро бо шир биёмезанд ва рӯи чеҳра бимоланд, то як ҳафта, ҳар ҳангоме, ки хушк шуд, дубора кор бимоландро анҷом диҳанд ва сипас бо оби гарм бишӯянд.

**Он чи чеҳраро сурхранг мекунад:**

Хардали сапед ва зураниҳи сурх ба гунаи яксон баргиранд ва орд кунанд сипас бо шир биёмезанд. Чеҳраро бо он як ҳафта бипӯшонанд.

**Доруи дигар:**

Заъфарон ва ва фавои субғ ва қандор ва мор ва мустокоро ба гунае яксон бо оби пиёз (пиёзи балбусӣ) биёмезанд ва шабҳо ба чеҳра бимоланд, вале рӯзҳо бишӯянд.

**Доруи дигар ки ранги (чеҳраро) сурх мекунад**:

Хурдани нахӯд ва анҷир ва анори ширин ва гӯшт ва шароби сурхи ноб ва пайваста обтанӣ бо оби гарми гуворо ва хурдани зардии тухми мурғ бо намак ва ангеза мебошад. Ҳамчунин сир ва ангезаи вижагии сурх кардани ранги (чеҳра)-ро дорад.

**Доруи дигар барои сурх кардани ранги чеҳра:**

Зуфони хушк даҳ дирам ва заъфарон се дирам шакар сездаҳ дирам бо ҳам биёмезед рӯзе ду дирам аз онро ба кор баред.

**Он чи чеҳраро зардранг мекунад:**

Мондан дар ҷоҳои гарм ва намур ва ошомидани обҳои истода (мурдобӣ) ва пайваста хӯрдани сирко молидани марҳам аз зира ва зардак (зардақ) ба чеҳра ва хӯрдани гул ва шабзиндадорӣ ва андӯҳ ва сабаби зардии рӯҳ мешавад. Чунончи дар хӯрдани зираи зиёд рӯй кунанд ва пайваста онро бибӯянд, ё дар ҷое ки зираи бисёр равиш ёбад, бихобанд ранги чеҳраашон зард хоҳад шуд.

**Ончи пӯстро сиёҳ кунад**:

Пайваста дар баробари хуршед ва бод будан, ва хӯрдани хӯрокҳои шӯр, ва хастагӣ ва дурӣ аз обтанӣ мебошад.

**Доруе, ки пӯстро сиёҳ мекунад:**

Онро бо нура ва мурдосанг оғушта кунанд, ки агар чандин бор анҷом бигирад, онро бисёр сиёҳ мекунад ва аз байн бурдани он сахт хоҳад буд чунончи ниёз ба бардоштани он (сиёҳӣ) бошад бояд ба сирко, ки ашнони сабз дар он ҷӯшонида ва бо пиёз ё туранҷи турш, ё орди нахуд ба ҳамроҳи сирко, онро чандин бор шуста то ба ранги пешини худ боз гардад.

**Ончи лакаҳои пуст (кулф)-ро мезудояд:**

Тухми турб ва ё тухми тира тезак ва ё зардак (тафолаи) асфарро пухта то сифт шуд ва каст (қист) ва дорчинро сойида бо он ба гунае марҳам биомезанд сипас рӯи лак бимоланд ва ё хардалро бо анҷир бикӯбанд ва рӯи ҷои лакдор бимоланд, албатта пеш аз молидани он, оби гарм рӯи ҷои лак бирезанд ва компреси гармо кунанд, то ба ранги сурх дарояд, сипас марҳами хардал – анҷирро рӯи он гузошта то ҳангоме, ки лак бисӯзонад, дору бардошта нашавад, сипас бо оби гарм ҷои лакро компресс карда ва дубора он марҳамро рӯяш бигузоранд. Аз захм кардан бипарҳезед ва бояд ба тундӣ дору аз рӯи лак бардошта то истироҳат кунад ва бо ҳолати нахустин бозгардад.

**Доруи зудояндаи бисёр хуби как ва мак аст:**

Аз тухми муҳлаб ва тухми турб ва тухми харбуза пӯстканда ва хок ҷева ба гунае яксон баргиранд ва марҳаме дуруст кунанд ва рӯи он бигузоранд ё тухми муҳлаб ва бодом

ва мақл-ул-яҳудро бо сирко нарм бисоянд ва рӯи он бимоланд.

**Доруи дигаре, ки барои зудодани кук ва мук бисёр судманд аст:**

Тармис ва тухми таратезак ва тухми турб ва қасат ва бодоми талх ва бура ва фулфул ва муқлро ба гунае баробар бармедоранд ва муқлро дар оби зардак боз карда бо он, доруҳоро бисиришанд сипас бар ҷои он бимоланд.

**Зудудани ҷои курак ва захм:**

Рӯи он марҳаме аз мурдосанги сапед ва равғани гули сурх молида шуд, ё пайваста чарби ордак рӯи он бимолад ва сипас хамири нони сапед бо хурмо рӯи он бичаспонанд.

**Сурхи (саъфа) падид омада дар чеҳра:**

Ин бемори̅ дар зимистон рӯй медиҳад. Бахше аз чеҳра сурхранг шуда ва ҷӯш мезанад.

**Аз корҳои судманд барои дармони он:**

Пайваста обтани̅ кардан ва бисёр ба кор бурдани об ва ларм ва задании раги пешони̅ ва сипас гузоштани золу рӯи он низ бисёр хорондани ҷои он ба гунае, ки хунрези̅ кунад ва сипас бо намак ва сирко молиш додани ҷои он пас аз он гузоштани марҳами сурхранги рӯи он мебошад. Гузарои он дар бахши бемориҳои пӯсти сар ва рухсора омадааст. Аз чизҳои судманд дигар барои он, молидани собун рӯи он ва раҳо карданаш, то он ки онро бо дард, бисӯзонд ва пас аз он бо оби гарм шустан аст. Ин корро бояд чанд бор анҷом диҳанд.

**Зудудани сабзи̅ ва кабудии падидомада аз зарба:**

Чунончи дар он ҷойгоҳ на гарми̅ на чирки монда бошад ва танҳо ниёз ба зудудан ранги сабз он бошад, бояд бо барги карам, ё турб, ё пудинаи тоза, ки аз ҳама коротар аст, рӯи онро пӯшонд.

**Марҳами коротар:**

Як ҷузи зарнихи зард ва як ҷуз «ҳаҷр-ул-фулфул» ва кандар, ним ҷузи бо об сойида ва рӯи он бимоланд. Албатта беҳтар аст бо оби гашниз, ё зарнихи зардро бо танҳои̅ ва ё бо ашқ рӯи он бигузоранд.

**Зудудани холкубӣ:**

Ҷойгоҳи холиро асали билозар бипӯшонад то захмӣ шавад. Сипас захми падид омадаро дармон кунад. Ё марҳаме, ки анбошиста аз оҳан аст ва дар бахши доруҳои такӣ ёд шударо рӯи он бимолад. Ё ҷои холиро бо бураи армании оби доғ шуста ва молиш дода, бо широбаи дарахти батм (алк-ул-батм) нарм кунанд ва шустушӯ намоянд. Сипас марҳами ёд шударо рӯи он бигузоранд, то се рӯз рӯи он бибанданд ва пас аз се рӯз боз кунанд ва бо намаки бисёр молиш диҳанд ва бо доруе, ки гуфтем, рӯи он бимоланд, то ҷои зарба ва бемории пӯстро бизудояд ва ин марҳам гузоштан, бояд даҳ бор дар даҳ рӯз се бор анҷом шавад. Сипас бо бураи арманӣ бишӯянд. Албатта бояд ин равиш чандин бор анҷом гирад, то холкӯбӣ хуб зудуда шавад.

**Зудудани ҷои обила:**

Чунончи ҷои сиёҳранги обила бо гунае ҳамвор ба пӯсти чеҳра монда бошад, бояд онро бо равиши дармони аср захмҳои пӯсида рангкунандаҳои сапед дармон кунад. Вале агар фурӯрафтагӣ сиёҳ бошад, ниёз ба ҳар ду кор мешавад. Аз равишҳое, ки барои ҷои обила судманд аст, яке обтанӣ кардани пайваста ва гузоштани пайвастаи дору рӯи он мебошад.

**Марҳами коро барои зудудан ҷои обила:**

Мурдосанги парварда ва решаи наи хушк ва орди нахӯд ва устухони хурд ва ордшуда ва орди биринҷ ва тухми харбузаро пӯст кунед ва донаи бон ва қист (кист) бо ҳамроҳи луоб шанбалид ва тухм катонро гирд оварда, сипас шабҳо чеҳраро бо он пӯшонда ва рӯзҳо онро бишӯяд.

**Хориш ва гол:**

Бемории гол ва ҷӯш дар касоне, ки пайваста хӯрокиҳои ҷӯш, хӯрокҳои табоҳкунандаи хун ҳамчун намак ва обкома ҷошанҳои гарм ва сир ва асал ва шароби ноби кӯҳна мехӯранд, дар гурӯҳе, ки хеле хаста мешаванд ва шабзиндадорӣ мекунанд ва обтаниро коҳиш медиҳанд, бисёр падид меояд. Барои раг задан ва сипас хурдани ҳалёли пухта судманд аст.

**Гузораи ҳалилаи пухта:**

Ҳилҳилаи зард ба вазни понздаҳ дирам, сано ва шоҳтаро ва афтимун аз ҳар кадом панҷ дирам, момирони чинӣ ду дирам ва тухми коснӣ ва гули сурхи баспоя ва алафи афаснатинро аз ҳар кадом се дирам бо се ратл об ҳамагиро пухтаи ба ҷуз афтимун, ки бояд ҳангоме, ки ду савм об дар пухта баҷо монда, бад-он афзуд ва сипас хуб омехта ва пас аз он полоиш карда ва бар он даҳ дирам тарангубин биафзояд. Бояд бемор сириштаро дар чандин бор бихӯрад.

**Гузорае қурсе барои хориш ва гол:**

Як дирам сабз ва як дирам ҳалили зард ва ним дирам сақмуниё ва як чаҳорум дирам гули сурхи ордшударо биомезанд ва аз он як қурс барои ҳар бор ба кор баранд. Беҳтар аст чандин бор аз ин қурс бихӯранд. Чунончи танро бо раг задан ва ба кор бурдани равонкунандаҳо дар ростои тиҳисозӣ бемор анҷом гирифта шуд.

**Гузораи он қурс:**

Понздаҳто олу, даҳ дирам тамри ҳиндӣ бо даҳ дирам шакари табарзад биёмезад ва рӯи он ду савм ратл оби ҷӯшон бирезанду як шаб канор гузоранд. Сипас онро ба ҳам зананд ва полоиш кунанд ва бинӯшанд. Агар пухта шавад, беҳтар хоҳад ва гоҳе бар он сано ва шоҳтара низ биафзояд. Андозаи хӯроки он, рӯзе чаҳор воқеъ аст.

**Гузораи доруи таркиби барои хориш ва гирӣ:**

Ҳалили зард як ҷуз, сано ва шоҳтара ва афсантин аз ҳар кадом ним ҷуз ва сиканҷабин ба андозае, ки бо ҳам омехта шаванд. Андозаи хӯроки он як тухми мурғ рӯзона мебошад.

Барои хориши хушк, обтанӣ бо оби нимгарм ва молиш тан бо сиркои норас ва равғани гули сурх ва афшураи карафс дар гармоба судманд аст. Ҳамчунин нӯшидани оби панир бо ҳалила ва шакар низ судовараст, чунончи дар ин беморӣ тиҳисозии тан бисёр анҷом гирад, вале дармони кор гар наяфтад бояд ҳар рӯз бомдод ва шомгоҳ бо як андоза орди гандум ва шакари сапед бо оби фаровон ва мости турши говӣ бихӯранд. Дурӣ гузидан аз касоне, ки дучори гол ва хоришанд, судманд хоҳад буд. Афзун ба ин парҳез аз хӯрданиҳои шӯр ва ширин ва тунд аст.

Ҳамчунин водори бемор тиҳисозӣ кардани тан ва басанда кардани хӯрок ба сабзиҳои сард ва туршиҳо ва гӯштҳои сабук, барномаи дармони бемор хоҳад буд. Чунончи бемор тағйиротомезаӣ фаровон дошта бошад, бояд шароб бинӯшад.

**Доруи молиданӣ барои голи хушк:**

Бурақ ва намак ва қист (кист) ва кандас аз ҳар кадом як дирам ва миаи соила шаш дирам ва сиркои норас ва равғани гули сурх ба андозаи кофӣ барои молидан ба ҳамаи тан ба кор барад. Ин молидан бояд дар гармоба анҷом гирад ва пас аз як соат беморро раҳо карда, сипас ӯро шустушӯ намоянд.

**Доруи молидани барои голи намур:**

Ҷеваи мурда ва қалимиёи нуқраӣ ва барги дафлӣ ва кандас ва қалӣ ва мурдосангро кӯбида бо сиркои норис ва равғани гули сурх меомезанд ва бо он марҳаме дуруст карда ба тан мемоланд. Ва як шаб бо он хобида сипас ба гармоба бираванд ва сирко ва ишнони сабз танро молиш диҳанд ва пас аз он бо об шустушӯ диҳанд, сипас бар тан оби сард бирезанд ва бо равғани гули сурх молиш кунанд ва аз гармоба бурун оянд.

**Он чи буи нурҳоро мезудояд ва аз сӯхтагии ҷои он ҷилавгирӣ мекунад**

Бо барги дарахти ҳулу ва ё дарахти асфар ва ҳино ва сад ва сак ба танҳоӣ, ё ҳамагӣ бо ҳам, танро молиш диҳад. Он чи ки аз сӯзаш нур ҷилавгирӣ мекунад, ҳар камтар зеру рӯ кардан он рӯи тан ва сипас шустани он аст. Аз оғушта кардан бо нӯр бо равғани гули сурх равғанмолӣ кунад. Он чи ки аз ҷӯш задан ва курук даромадан дар тан ҷилавгирӣ намояд, шустани тан бо оби доғ аст то хуб пок шавад, сипас ба корбарандаи онро дар оби сард муддати дароз бишинонанд ва оби хеле сард бар ӯ бавижае ба рӯи ҷоҳое, ки ҳамеша шонси берун омадани хуш ё рах додани сухтагӣ аст, бирезанд.

Адаси пӯсткунандаро бо сирко ва гулоб бисоянд ва бар ҷои сӯхта бигузоранд ва порчае бар он ниҳанд ва чунончи товил бизанад ва ё гӯшт бисӯзад бо марҳами сафеди об ва мурдосанги парварида дар руғани гули сурхи ҷойгоҳиро

молиш диҳанд. То аз берун задании ҷӯш дар тан ҷилавгирӣ кунад. Чунончи пас аз корбурди нур, ҷои он бо сиркои норас (хал хамр) ва равған гули сурх хуб молиш диҳанд, судманд хоҳад буд.

**Доруи молидани барои голи намур:**

Ҷеваи мурда ва қалимиё нуқраи ва барги дафли ва кандас ва қали ва мурдосанг ро кубида бо сиркои норис ва равғани гули сурх меомезанд ва бо он марҳаме дуруст карда ва тан мемоланд ва як шаб бо он хобида сипас ба гармоба бираванд ва сирко ва ишнони сабз танро молиш диҳанд ва пас аз он бо об шустушу диҳанд, сипас бар тан оби сард бирезанд ва бо равғани гули сурх моли кунанд ва аз гармоба бурун оянд.

**Доруе барои голи куҳна ва бад:**

Хӯрдани рӯзона як мисқол сабр дар се рӯз судманд аст, пас аз се рӯз дубора се бор хӯрда шавад. Чунончи бемории рӯда падид ояд, хӯрдани сабрро канор гузорад ва «саҳҷ»-ро дармон намояд. Бо хости Худованд ин дору гол ва хоришро решакан мекунад.

**Сириштаи нерӯманд, ки на товулзо ва на чирковар аст:**

Мурдосанг ва зоки зардро ба гунае яксон, ҷудо-ҷудо бо сирко бисоянд ва дар баробари хуршед як ҳафта бигзоранд ва ҳангоми ниёз онро ба кор баранд.

**Каҳир (шарӣ)**

Чунончи касе дорои каҳир бошад, бояд ӯро раг бизанед ва чунончи шикамравиш дошт, вайро водор ба нӯшидани оби анори турш ва ширин (милс) кунад ва агар шикамравиш надошт, хисонданиҳоро ба кор бибарад ва вайро ҳар рӯз се бор дар оби доғ биншонад ва хӯроки ӯро сирко ва равғани зайтун ва равғани бодом ва оши зербои сохташуда аз равғани бодом ва қарис ва мусаввас ва монанди он қарор диҳад.

**Чизҳое, ки барои шарӣ судманданд:**

Мости турш ва хӯрдани қурси табошири кофурии оғушта ба оби анор ва чунончи донаҳои сурх бисёр бошад, равонкунандае чун пухтаи ҳалилаи зардро ба кор бибарад.

Агар барафрӯхтагӣ низ дошта бошад, афшураи сохташуда аз анор ва пӯсти кӯбидааш ба ҳамроҳи шакари табарзадро ба вай бихӯронед. Ҳамчунин оби панир барои ӯ хуб аст ва низ тухми исфарза бо шарбати гулоб ва тухми хурфа аз ҳар кадом се дирам ва хӯрокиҳои сохташуда бо ғӯра ва сумоқ ва кашк ва мости кисаӣ (турш) судманд ҳастанд.

**Ҳасф**

Ҳасф бар асари бисёр арақ кардан падид меояд. Мондан дар ҷойҳои сард ва шустушӯ бо оби сард ва молидани гулобу сиркои норас ба ҷойҳое, ки ҳамеша ҳасф аз онҷо берун мезанад, аз пеш омадани ҳасф ҷилавгирӣ мекунад. Ҳамчунин, агар ҳасф ҳувайдо шуд, молидани мозу ва уруқ ва сирко ва равғани гули сурх барои дармони он судманд мебошад ва низ молидани омехтаи ҳино ва намаку сирко дар гармоба рӯи он молидан ва соате бурдборӣ намудан ва сипас шустан ва бо нахола (сабус) молиш додан судманд аст.

**Товал (қубо)**

Агар товули пӯстӣ дар давраи нахусти он бошад, яъне ҳанӯз дар гӯшт рахна накарда ва устувор нашуда бошад, чунончи бо чарбии мурғ ва чарбии ӯрдак, ё бо муму равған ва катиро, ё бо широба (самғ)-и олу ё равғани гандум, ё равғани ҳайвонӣ ё кура ҳамзамон бо рехтани оби нимгарм рӯи онро молиш диҳанд, беҳбудӣ меёбад. Аз хӯрокиҳои созандаи талхоб дар ин ҳангом бояд парҳез намуд, агар дар (гӯшт) устувор шуда ва дорои забарӣ ва хушкреша бошад, пас беҳтар аст тиҳисозии танро бо раг задан ва ё бо пухтаи афтимун, ё оби панир ва афтимун ва бо ҳамаи анчи дар бахши гарӣ ва молихулиё ёд кардем, анҷом дода шавад. Сипас рӯи ҷойгаҳ золу гузошта, то (хун)-ро бимакад, пас аз он бояд бо оби доғ онро молиш диҳад ва чандин бор бар он золу андозад, то золу хуб макидани хунро анҷом диҳад. Сипас бар он марҳами решҳои сир (саъфа)-ро гузорад. Агар товул хуб нашуд, он товулро бояд хорише сахт дод, то хун аз он биёяд. Сипас бар он доруе тунд гузошт, то он ки гӯшти солими сурхранг ошкор шавад, онгоҳ бо марҳамҳои нерӯманд захмро дармон кард, то беҳбуде ба даст ояд.

**Доруи аз миёнбарандаи товали пӯстӣ:**

Турунҷи турш, ё ашақ ба ҳамроҳи сирко ё санҷабуя (занҷабуя)-и соидашуда дар сирко ва ё мағот ва сирко рӯи он бимоланд. Равғани гандум барои товали пӯстии тоза судманд аст.

**Равиши сохти равғани гандум:**

Гандуми покшударо бояд дар як зарфи шишагӣ (ратила) бирезад, ки танаи он гилолуда карда бошанд ва гунҷоиши як ратлро низ дошта бошад ва дарпӯше аз ҷинси руй, ё миси нозук ба шакли курра дароварад дар даҳанаи ин зарф бигузорад, то ҳангоми воруна кардани зарф гандум аз даҳанаи он берун нарезад. Сипас аҷоқе гилӣ, ки миёнаи он сӯрох шуда омода намуд ва зарфи ворунашударо даруни он сӯрох ба гунае гузорад, ки сараш ба сӯи поин бошад. Пиромуни онро саргини хушкшуда барои афрӯхтани оташ бигузорад, дар зери аҷоқ дар баробари даҳонаи зарф, зарфе дигар ниҳода, ки қатароти равғани сарзершуда аз гандум дар он гирд ояд. Равғани ба даст омадаро рӯи товали пӯстӣ бимолад, ки беҳбудии шигифтоваре дорад.

**Песӣ, баҳаки сапед (баҳак)**

**Марҳаме барои баҳаки сапед:**

Шитраҷи ҳиндӣ ва тухми турб ва фавва ва кандис ва хардалро бо сиркои тунду тез соида ва дар баробари офтоб рӯи баҳак бимоланд. Ё пиёзи балбусро рӯзона чандин бор рӯи он бикашед. Чунончи басанда нашуд, ду дирам атрифали кӯчак ва як дирам тарбад ва як дирам аёра ва як чаҳор дирам ҳанзалро дар ҳам карда, моҳе чаҳор бор ба кор барад ва дар дигар рӯзҳо танҳо се дирам атрифал ба он бимолад. Равише, ки дар бахши ҷилавгирии пирӣ гуфташударо низ анҷом диҳад.

**Барас**

Бо ҳамин равиш барас низ дармон мешавад. Бемори барасдорро ба боло овардан ва хӯрдани хӯрокҳои хушккунанда, ки дар бахши деррас кардани пирӣ гуфта шуд, водор кунад ва низ ӯро ба хӯрдани билозарӣ ошно намояд ва рӯи он марҳами молиданӣ, ки гуфта мешавад, бигзорад:

**Гузораи марҳам барои барас:**

Шитраҷ ва кабикаҷ ва мивизаҷ ва андарун (дилу рӯда)-и зарореҳро ба гунае баробар ба кор барад ва дампухти фаваро пас аз он ки бо пиёзи балабус ҷои онро молиш дода, рӯи он бигузорад. Бо вижагие, ки дар он (песӣ) ҳаст, ҷояшро бо хуни мори сиёҳ молиш диҳад. Агар ҷои он кӯчак бошад, доғ кунад ва сипас дармон намояд, то беҳбуд ёбад. Метавон шаҳди билозар рӯи он гузошт, то чиркин шавад ва гӯшти мормулак (калтакалос) хӯрад ва сипас дармон намояд, то беҳбудӣ ба даст ояд. Ё ҷои онро бо ранги сабз ё сиёҳ холкӯбӣ кард.

**Ранге барои ҷои бараси пӯст:**

Мавиҷаз ва мурр ва дурди шароб ва гули сурҳ (маґра) ва фава ва зок ва бураро гирд оварад, чандин бор рӯи он бимолед, то он песӣ ҳамранги пӯст шавад. Ин ранг бист рӯз мемонад. Асари баҷомонда дар ҷои ҳиҷоматро беҳтар аст мурдосанги сапедкунанда рӯи он бимоланд ва низ бо фава ранг кунанд ва сирко рӯи он бимоланд ва афшураи марзангӯшро ҳамеша пас аз поёни ҳиҷомат рӯи ҷои хунгирифта бигузоред, то соате бимонад. Фава ва шитраҷ, ки бо оби меваи дарахти ҷавзи мосил биёмезед, пас аз поёни ҳиҷомат бар ҷои хунгирифта марҳам бимолед, чунончи дар баробари рангпазириҳо истодагӣ намояд, ҳиҷоматро канор гузошта ва марҳам заданро пайгирӣ кунед.

**Баҳақи сиёҳ (баҳақ-ул-асвад)**

Касе, ки дучори баҳақи сиёҳ аст, раг зада мешавад ва чандин бор афтимунро ба кор мебарад, сипас тухми турб ва каддас, ё тухми тараи тезак бо сиркоро рӯи он молида шавад ва ба обитанӣ ва хӯрдани хӯрокиҳои намваркунанда водор мешавад. Ҳамчунин бояд равиши дармони дорандагони молихулиёро низ дар бораи эшон дунбол шавад.

**Ҷузом**

Ин беморӣ, чунончи дар оғоз бошад, тавони истод шудан ва беҳбуд ёфтанро дорад ва агар ба чиркин шудани андомҳо ва табоҳ шудани шакли онҳо бирасад, дигар умеди раҳоӣ аз беморӣ нахоҳад буд. Агар касеро дидед, ки сапедии

чашми ӯ кабуд шуда ва гирифтагии ово пайдо карда ва араќи ӯ бисёр бадбӯ шуда ва чеҳраи ӯ бод карда ва пӯсти ӯ нозук ва сурхтар шуда ва ба дунболи он чурук шудан (таъҷир)-и пӯст оғоз гашта ва мӯйҳои абрӯ коҳиш ва нозук шудааст, дармонро ба хунгирӣ аз раги акҳали бозӯи дасти рост оғоз кунед. Сипас ба истироҳати чандинрӯза ва хӯронидани гӯшти барра ва бузғола ва нӯшидани шароби обакӣ ва бо омехтагии бисёр ва обтанӣ кардани ҳамарӯза ва сипас хунгирӣ аз дасти чап ва истироҳати чандинрӯза ва барномаи хӯрокӣ бар пояи ончи дар гузашта гуфтем, рӯй оварад. Ҳамчунин, афтимуни пухтаро чандин бор бад-ӯ бихӯронед ва миёни он давраи истироҳат бигузоред ва хӯрокиҳои таризо ба ӯ бихӯронед ва вайро ҳар рӯз бипоед ва аз хастагӣ ва бехобӣ дур бимонед. Ҳамаи хӯрокиҳое, ки дар барномаи дорандагони бемории молихулиёст, ба ӯ бидиҳед, ӯро водор ба нӯшидани оби панир бо шакар кунед ва низ ӯро ба сӯи роҳе раҳнамун кунед, ки дар он афзоиши намурӣ бошад ва бояд бо орди нахӯд ва боқило ва буруқ ва ишнон дар гармоба тани ӯро молиш диҳед ва дар оби нимгарм фаровон фурӯ баред ва бо равғани каду ва равғани бунафша тани ӯро равғанмолӣ намоед ва онгоҳ беморро аз гармоба берун оваред.

Гурӯҳе, ки ин беморӣ дар онҳо падидор ва устувор шуда, бояд бо гӯшти мор дармон шаванд ва касе, ки ба ин шева дармон шавад, чанд рӯзе тани ӯ бод мекунад ва хирадашро аз даст медиҳад (парешонҳолӣ). Пас гӯштҳои нарму нозуки тан пӯста-пӯста мешавад. Бо ба даст омадани таҷриба ва огоҳиҳои дурусте, ки аз гузаштагон ва ҳамчунин дар давраи мо ва гузаштаи начандон дур ба мо расида, ин беморӣ беҳбуд меёбад. Бархе аз бузургон ёд кардаанд, занеро, ки дучори бемории ҷузоми сахте шуда буд, бо ин равиш дармон карданд ва беҳбудӣ ба даст овард.

**Гузориши дармон бо гӯшти мор:**

Равиши сохти гӯшти мор: морҳои кӯҳистонӣ, ки зистгоҳашон шӯразор набошад, шикор карда, сару думашро канда ва ҳар чӣ дар дарунашон ҳаст, берун рехта ва пас аз

шустан ба андозаи худаш бар он намак ва шавид ва каме хулҷон пошида ва бар он об ва каме равғани зайтун рехта ва мепазанд, то леҳ шавад, сипас ин хӯришро андак-андак ба ҳамроҳи гӯшташ мехӯранд, чунончи хӯрандаи ин дору гиҷ шавад ва фурӯ афтад, ба ҳамон андоза хӯрдан басанда намояд, вагарна бояд дубора дармонро думбол кард, то хӯранда гиҷ ва фурӯҳишта шавад ва бод кунад. Ман навҷавоне, ки гӯшти чеҳрааш дар ҳоли нарму нозук шудан ва нобудӣ буд ва мӯяш резон бо раг задан ва равон кардани шикам бо пухтаи афтимун ва донаҳои берункунандаи талхоб ва пайваста обтанӣ кардан ва нишондан дар обзан ва хӯрдани хӯрокиҳои таризо ва дар миёна чандрӯзӣ истироҳат додан, ба ҳамроҳи як барномаи хӯрокии хуб дармон кардам. Пас аз он дубора ба равонкунандаҳо рӯй овардам, ин корро дар панҷ моҳ ва чанд рӯз беш аз чиҳил бор анҷом додам. Резиши мӯи ӯ дармон шуд. Ранги пӯсту чеҳраи рӯи ӯ ба хуб шудан ниҳод ва чашм зулол гашт ва ба беҳбудии комил наздик шуд.

Сипас пойидани мо ба ӯ дар паи нопадид шудани ӯ бурида шуд. Вайро пас аз шаш моҳ дидам, беҳбуди комил ёфта буд. Албатта вай дар ҳангоми набудан равиши дармонии моро пайгирӣ мекард, ҷуз ин ки доруи равонкунандае ҷуз оби панир ба кор намебурд.

**Зигил (суълул)**

Аз доруҳое, ки зигилро фурӯ меандозад, молиши сахт ва чандин бора бо барги ос аст. Ё бо барги кабари тоза ва ё онро хоронидан ва рӯи он гузоштани марҳаме, ки дамалҳоро боз мекунад, ки дар бахши худаш ёд шуда ва ё харошу молиш додани он бо доруи дик бар дик ва ё қалқалдиюн мебошад ва ё бо сирко ва намак ҳар рӯз чандин бор молиш дода, рӯи он хамири казмозаки оғушта ба сирко гузорад ва ё бо харнуби набатии тоза онро молиш диҳад.

Дар мавриди зигилҳое, ки дорои решаҳои бисёранд, беҳтар аст ҳар зигилро ба танҳоӣ шикофта ва бар он доруи тунд бипошанд, то ҳамаи решаҳо хӯрда шуда ва сиёҳ гардад, сипас рӯи он равғани азмиёнбарандаи сиёҳӣ бигузоранд ва

ин кор як бор бо равған ва як бор бо доруи тунд, чандин бор анҷом диҳад. Чунончи ҷои он хӯрда шуда бошад, ба дармони рӯёнидани гӯшт рӯй оваранд. Агар шуморагони он дар тан бисёр шавад, бо раг заданҳои пайваста ва ба кор бурдани равонкунандаҳои ёдшуда дар бахши молихулиё ва барномаи хӯрокии таризо ва обтанӣ миёни онҳо ва пешгирии равиши дармонии ҷузом мебошад.

**Онҷи мижа (ашфор) мерӯёнад:**

Куҳл (сурма) мижаро мерӯёнад ва меафзояд.

**Гузораи сурмагии рӯёнандаи мижа:**

Ҳастаи хурмои сӯхта панҷ дирам ва дудаи кандир чаҳор дирам ва сунбули ҳиндӣ се дирам ва тухми баласон се дирам ва санги лоҷувард дах дирам биёмезанд ва ба унвони сурма (доруи чашм) ҳар рӯз бо милае рӯи мижаҳо бимоланд, чунончи доъу-с-саълаб дар мижаҳо пайдо шавад, онро бо мили молиш, ки дар оби пиёз ё сир чандин бор фурӯ бурда шуда, молиш диҳанд ва низ бархе аз хамирҳое, ки дар гузашта ёд кардем, рӯи он бигузоранд.

**Шапуши падидомада дар мижаҳо:**

Нахуст бояд мижаҳоро аз шапуш поксозӣ кард. Сипас бо оби намак онро шустушӯ дод.

Пас аз он зоги ямании соидашударо рӯи пилкҳо молид. Чунончи бисёр бошад, пайваста пок кардан бо оби доғ ва ба кор бурдани ин доруро бояд дунбол кард.

**Гузораи доруии поксозикунандаи шапуши мижаҳо:**

Хоки ҷива, зог, зарнихи сурх, мавизаҷ ва самғ аз ҳар кадом як чаҳоруми бахш (ҷузв) бо ҳам меомезанд ва бо он доруеро месозанд ва ҳангоми ниёз онро дар об боз карда ва бо он решаи мижаҳоро бо нармӣ ва бисёр пойидан аз ин ки ба чашм осеб нарасад, тамйиз менамоянд ва як соат мижаҳоро ба гунае нигоҳ медоранд, ки пилк рӯи чашм наяфтад.

**Гулмижа (шаъира)**

Чунончи рӯи пилк гулмижае пайдо шавад ва он як омоси чаҳоргӯши дароз, ба монанди ҷави говрас аст. Бояд беморро ҳар рӯз ба обтанӣ кардан ва дурӣ аз шому хоб дар ҳангоми

пур будани шикам водор кард ва агар басанда нашуд, бояд бар он марҳами диёхилун гузошт, ки гузораи он дар бахши бемории ханозир гуфта шуда аст. Бояд мумро об карда, дар он милаеро фурӯ намуд ва дар ҳоле ки мила гарм аст, онро рӯи он гузошт. Мағзи нон (хамири даруни нон)-ро пеш аз пухт ба хубӣ хамир карда, рӯи он мегузорем, ё равиши миъа соила мемолем ва беморро водор ба обтанӣ ва ба кор бурдани бухур ва обдоғ мекунем.

**Ҷасоъ** (боз кардани сахти чашм пас аз хоб):

Чунончи касе пас аз хоб чашмони худро ба сахтӣ бикушояд, бояд ба анҷоми обтанӣ бо оби гарм ва рехтани равған бар сар ва бухур додан бо оби доғ ва бисёр компреси гарм кардани пилкҳо бо порча рӯй оварад. Сапедаи тухми мурғро бо равғани гули сурх ва чарбии мурғ об карда ва пас аз болояш биёмезад ва ҳангоми хоб бар пилкҳо гузорад ва ё бо коснӣ кӯбида ба ҳамроҳи равғани бунафша рӯи он бимолад.

**Берунзадагии чашм**

Агар чашм дар паи боло овардан, ё ба думболи гармои сахт, ё фарёд задан, ё зарба ва монанди он берунзадагӣ пайдо кунад, бояд дар ҳамон ҳангом ба задани раг ва равон кардани шикам рӯй овард ва шикамро бо хамире аз сабр ва ҳазаз ва ақоқиё ва афшураи лаҳият-ут-тис молиш диҳад ва рӯи он наворе аз порчае, ки барои бастани захм ба кор меравад ва дорои часпнокӣ ба номи дабуқ рӯи он гузорад ва бо он чашмонро сахт бибандад ва тоқбоз бихобад ва аз атса (шанӯша) ва боло овардан дурӣ кунад. Хӯрокиҳое, ки балғамро мекашад дар даҳон гузорад ва даҳаншӯя намояд ва хӯрокро коҳиш диҳад ва аз шароб низ дурӣ кунад.

**Бӯи бади бинӣ**

**Доруи зудояндаи бӯи бади бинӣ:**

Чунончи бинӣ дорои бӯи бад бошад, зоги сафед ва мурр ва сак ва қалқанд (гунаи зог) ва зог ба андозаи баробарро бардошта ва сойида ва ба ҳам омехт ва дар баробари бинӣ ниҳод ва пас аз ба бинӣ кашидани он шароби райҳониро бо

бинӣ андаке истиншоқ намояд, пас аз он як фатилаеро бо он оғушта дар бинӣ фурӯ кунад.

**Доруе дигар:**

Соқаи наи зарира ва тухми насрин ва тухми гули сурх ва қаланфур аз ҳар кадом як дирам мозу ва мурр аз ҳар кадом ним дирам мушки якдонаро ба ҳам омехта ва ба кор барад.

Зог ва мушку қаланфури кӯбидаро ба ҳам омехта, онро бо бинӣ истиншоқ кунад.

**Доруе дигар:**

Сунбул-ут-тиб ва мушк ва қаланфур аз ҳар кадом як вақия бо се ратл шароби райҳонӣ пухта, пас аз он аз ин шароб бахшеро бо бинӣ бояд боло кашад ва бахшеро даҳоншӯя кунад ва фатилаеро низ дар он оғушта карда ва дар бинӣ фурӯ намояд.

**Бӯи бади даҳон:**

Чунончи ба ҳамроҳи бӯи бади даҳон дандоне пӯсида (табоҳ шуда) лисае чиркин бошад, бояд дандонро дар оварад ва агар лиса чирк карда бошад, лозим аст онро бо қалқадиюн, ки пеш аз ин гуфтем, дармон кунад. Чунончи аз таҳи гулӯ, ё ком чизи бадмазза ба даҳон ворид шавад ва он эҳсос гардад, бояд ҳар рӯз бо сиканҷабин ва хардал даҳоншӯя намояд, сипас бо шаробе, ки дар он қаланфуру мушку сунбул ва саъд пухта шуда, даҳонро бишӯяд. Чунончи ба ҳамроҳи бӯи бади даҳон чизҳое, ки гуфтем набошад, беморро пас хӯрдан, бо хӯрокиҳои намакин, ё хардал ва шавид ва чағандар ва нӯшидани асалоб водор ба боло овардан кунад. Бад-ӯ чандин бор нӯшобаи аёраи фиқро нӯшонад. Хӯрокиҳои чарбу сангинро ба кор набарад ва ба обпазшудаҳо ва сурхкарданиҳо басанда кард. Бар мари набатӣ (обкома) такя намуд, то дар ҳолати ношто андаке бихӯрад ва пеш аз хӯрок чанд луқмае нони хуб ва саҳно [866] (гунае шӯрбои сохташуда бо моҳии монда ва баёт) бихурад. Ҳамчунин дар шароби худ низ андаке саъду сунбул ва қаланфур бирезад ва ин қурсро ба кор барад.

**Гузораи қурси зудояндаи бӯи бади даҳон:**

Сак ва қаланфур ва қурфа ва ҷавзи бавво ва заъфарону саъд ва сунбулу пӯсти турунҷ ва уд ба гунае баробар ва

андаке мушк бо шароби зардолуи хушбӯ бо ҳам сиришта ва қурсе ба андозаи нахӯд аз онҳо дуруст кард ва ҳар рӯз сетоӣ онро бихӯрад ва маз-маза кунад ва оби онро қурт диҳад.

**Доруе дигар, озмоишшуда барои бӯи даҳон:**

Бояд дар хӯрдани карафс зиёдаравӣ кунад.

Ҷавонаи оси тозаро кӯбида, ба андозааш кишмиши беҳаста нарм намояд ва ҳардуро биёмезад ва ба гунаи гирду дар оварад. Яке аз онро дар ношто ва яке дар ҳангоми хоб ба кор барад.

**Даҳоншӯяи хушбӯкунандаи даҳон:**

Сунбул ва саъд ва созиҷи ҳиндӣ ва пӯсти турунҷ ва қаланфурӯ гули сурх ва ҳамомо (омуман) ва қубоди уд ва мустако ва намаки сӯхтаро бо асал ба андозаи баробар сойида ба ҳам омехта ва бо он даҳонро бишӯяд.

**Гузораи сохти намаки сӯхта:**

Намакро бо асал дарҳам сиришта ва дар порчаи катонӣ печида ва порчаро гилмол намуда ва дар танӯр гузошта, ки пас аз сард шудан берун оварда, гилҳои хушкшударо аз он ҷудо карда ва онро нарм сойида, ки ин бадастомада намаки сӯхта ном дорад.

**Он чи бӯи сир, пиёз, тарра ва ҷуз онҳоро пас аз хӯрдан мезудояд:**

Панирро дар буришҳои нозук бурида ва бо рӯғани зайтуни инфоқ (норас) ҷӯшонида шавад. Бар он қаланфури сойидашуда рехта ва пас аз он хӯрда шавад, ё гашнизи тоза ва хушкро хеле ҷавида шавад ва бахше аз оби онро қурт дода шавад, ё боқило ва даси обпазшударо хӯрда шавад ва ё сазобро комилан ҷавида, сипас хӯрда шавад, ки бӯро хуб мезудояд, ё зарнабодро ҷавида, бахше аз онро қурт дода шавад ва ё барги аликро ҷавида ва бо он шароби рабонӣ нӯшида шавад. Ё наъноъ, ё пудинаро (футнаҷ) ҷавида ва андаке сирко бар он нӯшида шавад.

**Доруе, ки бӯи шаробро мекоҳад ё мезудояд:**

Ҷавидани саъд пас аз шароб, ки бӯи онро мекоҳад. Чунончи ба ҳамроҳаш кабона бошад, нерӯмандонатар ин корро анҷом медиҳад.

**Доруе дигар:**

Саъду кабона ва зарнабодро ҷавида, бо он даҳанро бишӯянд. Ҳамчунин, он чи бӯи бади даҳонро коҳиш медиҳад, хӯрдани хӯрокиҳои турш, монанди шалғам ва пиёзи парварда дар сирко (туршӣ), ё нӯшидани сирко ва ҷавидани гашниз пас аз он мебошад.

**Он чи аз резиши оби даҳон дар бедорӣ ва хоб ҷилавгирӣ мекунад:**

Коснии тоза бо намак чандин рӯз ношто хӯрда шавад, муддати мисвок задан ба дарозо кашад ва оби онро даҳоншӯя кунад ва атрифали кӯчакро рӯзона ба кор барад ва пайваста боло оварад, ки онро решакан мекунад. Нӯшидани каме оби доғ дар бомдоди ҳар рӯз барояш судманд мебошад ва агар андаке мурри набатӣ (обкома) ва талқ (пунбаи кӯҳӣ) бихурад ва савиқи хушкро дар даҳон бирезад ва шабҳо ба хӯрдани нони хушк бо мурри набатӣ дил барбандад ва пайваста ба кор барад, барои дармон судманд аст.

**Он чи дандонҳоро пок ва дурахшон мекунад ва пӯсидагиро мезудояд:**

**Доруи дурахшонкунандаи дандонҳо:**

Намаки андарониро кафкаки дарё сойида, бо он дандонҳоро бишӯед, ё кафкаки дарё ва сумоқи сойидаро ба кор баред. Яке аз роҳҳое, ки ҷилавгирӣ аз пӯсидагии дандонҳо мекунад, молидани шабонаи рӯған ба дандонҳо мебошад.

**Доруе дигар:**

Хазфи печандаи сабз ва шушаи шомӣ ва қанбил (тухми сарахс) ва қалӣ аз ҳар кадом ба як андоза сойида ва нарм кардаро баргирад, бо он дандонҳоро пок кунад, чун онро ба дандонҳо бизанад. Бояд ба ҳангоми шустани дандонҳо бо ин дору лисаҳоро дур нигаҳ дорад.

**Ончӣ аз хӯрдагии дандонҳо ҷилавгирӣ мекунад:**

**Доруи ҷилавгирикунанда аз хӯрдагии дандонҳо ва ё барои пур кардани онҳо:**

Бо мустако ва зоги сапед ва сак бахши хӯрдашудаи дандонро пур кунед, агар оғози хӯрдашудагӣ бошад, ҳар рӯз

онро бо саъд ва фулфули сойидашуда молиш диҳед, ё мурр ва ҷавз-ус-сарв казмозакро сойида ва онро рӯи дандон бимоланд. Чунончи хӯрдашудагӣ бисёр бошад ва дандонҳои бештареро фаро гирад, равонкунандаҳои зардобиро чандин бор ба кор баранд ва барномаи хӯроки худро дуруст кунад ва онро ба нумур кардани тан бигароёнад ва аз шириниҳо ва тундиҳо ва шӯрӣ дурӣ кунад ва дар паи барномае бошад, ки шодобкунандагии танро дар дастур дошта бошад.

**Ончӣ аз афтодани дандонҳои ҷунбон ҷилавгирӣ мекунад:**

Доруи ҷилавгирикунанда аз афтодани дандонҳои ҷунбон:

Гулнор ва зоги сафед ва сак ва қоқиё ва ҳиюфостидосро ба як андоза ҷудо намуда, сипас онҳо кӯбида, решаи дандони ликро бо он молиш диҳад.

**Доруе дигар:**

Зарнихи зард ва нура ва мозуву зоги сапед ва намакро ба гунае баробар бардошта, ба ҳамроҳи сирко сойида, ба шакли қурс даровард ва ҳангоми ниёз он сойидаро ба решаи дандони лиқ бимолад. Чунончи дандонҳо бисёр лиқ бошанд, онҳоро бо симе заррин ба такягоҳе бибандад.

**Поксозии ҷирми гӯш:**

Ҳангоми хоб дар гӯш рӯғани нимгарм бирезед ва бомдод ба гармоба рафта, рӯи санги мармаре (тобуқ-ул-ҳаммом), ки дар гармобаҳои умумӣ фароҳам шуда ва болотар аз пиромуни худ мебошад, ба гунае бихобад, ки гӯше, ки дар он рӯған рехта, рӯи санг қарор гирад, то он чӣ равоншуда, аз гӯши вай берун ояд. Сипас пунбае даври хилоле печонида, бо он гӯшро поксозӣ намояд.

**Гузорае доруӣ барои поксозии гӯш:**

Дар гӯш бурқ ва сирко рехта ва бигузоред, то як соат бимонад, сипас чандин бор ин кор дар гармобаро анҷом диҳед ва низ як соат бухури оби гарм ба гӯш дода шавад, сипас бо пунбаи даври хилоле печидашуда гӯшро пок кунед. Пайваста обтанӣ кардан аз бисёр шудани ҷирми гӯш ҷилавгирӣ мекунад.

**Зудудани бӯи зери бағал:**

Мурдосангро сапед карда, бо гулоби кофурзада дар ҳам омезад ва аз он қурсҳоеро бисозад, ки зеру рӯи он барги гули

сурх ниҳода, сипас бигузорад, то соате хушк шавад, сипас онро бардошта ва бакор барад.

**Доруи зудояндаи бӯи зери бағал:**

Як ратл гули сурх ва сак ва сунбулу саъд ва зоги сапед аз ҳар кадом як вақия баргирифта, қурсҳое сохта ва ҳангоми ниёз онро бо гулоб биёмезад ва ба гунае молиданӣ бакор барад.

**Он чи аз арақ кардани по ҷилавгирӣ мекунад:**

Зоги сапедро дар об ҳал кунад ва барги сус, ё барги турфо, ё афшураи осро бо он омехта, поро бо он молиш диҳад.

**Он чи арақи танро хушбӯ месозад:**

Хӯрдани ҳаршаф (кунгар), ба кор бурдани ҳар рӯзи гарди абҳал ва ё салиха ва молиши тан бо қурси гули сурх, ки пеш аз ин ёд кардем, ё бо мушк ва хӯрдани зардолуи хушбӯ ва ё карафс метавон танро хушбӯ кард.

**Он чи бӯи бади пешоб ва пайхолро мезудояд:**

Шароби гиёҳӣ (райҳонӣ) бинӯшад, абҳал ва салиха бихурад ва дар хӯрокиҳо чошнии дорчин ва хуланҷони бисёр ба кор барад, аз шанбалила, ангаза, анҷадон, тухми мурғ, тарраи тезак, сир, тарра, пиёз, хардал, иштар ғоз дурӣ намояд ва аз ногуворидани хӯрок ва пурхӯрӣ бипарҳезад.

**Он чи аз бӯ гирифтан ва гандидани мурдагон ҷилавгирӣ мекунад:**

Бо пияи ҳанзал ва бураи сурх дар ҳолати воруна ва дуло будан мурдаро танқия кунед, сипас ӯро бисёр такон диҳед ва дар як сатҳ бихобонед ва рӯи шиками ӯ фишор оваред, сипас танқияро чандин бор анҷом диҳед, то он ки ҳарчи пасмонда дар рӯдаҳо монда, бо ин танқия берун ояд. Пас аз он сабр, марр, қоқиё, ромак ва кофурро дар гулоб боз карда, танқия намоед ва сурохи нишемангоҳро бо пунбаи оғушта ба ин дору бибандед. Доруро ба ҳамаи бандҳо бимолед ва лошаро дар сирко ва гулоб ва каме намак бияндозед. Дар бинӣ ҷиваи ноб бирезед ва ҳама сӯроххҳои тан ҳамон гуна, ки гуфтем, бибандед. Сабр ва марр ва сак ва зоки сапед ва намак ба як андоза бардоред ва дар ҳоле ки мурда дамр аст, ба даруни лоша фурӯ кунед. Ҳар мурдае, ки дамр қарор гирад, бод нахоҳад кард. Ҷиваро ба гунае ба даруни бинии мурда бирезед, ки мағзи ӯ поин наёяд.

Аз доруҳое, ки аз гандидани мурда ҷилавгирӣ мекунанд, молидани қатрон ба лоша мебошад.

**Он чи аз бузург шудани хояи навҷавонон ва пистони духтаракон ҷилавгирӣ мекунад:**

Он чи пистонро аз барҷастатар шудан (бузургтар) пос медорад, гузоштани доруи сохташуда аз зираи сойидашуда ва омехта бо об бар он мебошад ва бастани он ба сӯи боло бо порчаи оғушта ба сирко ва об ва боз накардани он то се рӯз ва анҷом додани ин кор се бор дар ҳар моҳ аст. Доруе барои кӯчак нигоҳ доштани пистони духтаракон: ду санги чоқутезкуниро дар об ва сирко сойида ва рӯи пистон ва хояи онҳоро бимолад. Бо ин кор пистон то муддати дароз кӯчак мемонад. Ё як бахш гул ва як бахш мозуи нораси сабзро сойида бо асал сиришта ва рӯи пистон бимолад ва як рӯз раҳо кунад, сипас бо оби сард бишӯяд, ин корро се бор дар моҳ анҷом диҳад, кӯчакии андозаи он то муддати дароз пойдор хоҳад монд.

**Дармони ноҳамвориҳои нохунҳо:**

Бояд рӯи нохунҳои саркаҷ се рӯз чарбу гузошт, сипас онро пок кунанд, чунончи нарм шуда бошад онро метарошанд, то ҳамвор гардад, чунончи ниёз ба такрор бошад ин корро дубора анҷом дод то нохун рост ва ҳамвор гардад.

**Дору барои ноҳамвориҳои нохун:**

Бояд сиришм (сарош) ва сирко рӯи нохунҳо кашида шуда, пуста пуста кашида бимоланд ва ё бо сиришм ва намак ва дурди сиркои норас (халли хамр) ва ё пиёзи даштӣ ҳамроҳ бо равған ва сирко рӯи онҳо бимоланд. Нохунҳое, ки тарак мехӯранд ва шикоф бармедоранд равонкунандаҳои талхобе дар ростои тиҳисозии талхоб ва намур кардани тан дорандаи нохун бахше аз барномаи дармонии онҳо аст ва ҳамчунин худи нохунро бо муму равған ва чарбу бипӯшонанд. Нохунҳое, ки дорои нуктаҳои сапедонанд чандин бор зифт ба онҳо биандозанд. Нохуне, ки бисёр баднамо шудааст, аз он чӣ, ки дар бахши нохун гуфтем, рӯи он бигзоранд, то ки нарм шавад ва биафтад ва сипас нохуне, ки пас аз ин мерӯяд дасткорӣ нашавад, то ин нохуни тозарӯида бадрехт нагардад.

**Тараки чеҳра ва лаб ва пушти даст**

**Доруи барои тараки лаб:**

Муми зард ва равғани гули сурх ва зуфои тоза ва чарбии ӯрдаки полоиш шуда ва нишоста ва луоби бедонаро гирд оваред. Нахуст мум ва равған ва чарбиро об кунед ва чизҳои дигарро, ки мехоҳед рӯи он бирезедро дар ҳован бикӯбед, нарм намоед то яксон гардад. Сипас онро рӯи обкардҳо рехта ва сипас ин сириштаро рӯи тарак бимолед ва бемор ба гармоба биравад. Агар ҷои таракхӯрдагӣ нарм шуд, катирое кӯбида ҳамчун сурмаро рӯи он бирезед, то онро хуб бипӯшонад, сипас онро шутушӯ бидиҳед.

**Дору барои тараки бисёри лаб:**

Мозу (афс)-ро бо асал месоед ва ё дурдии равғани зайтун ва алак-ул-батм ва чарбии ӯрдак гирд оварда рӯи он бимолед. Мозӯро монади сурма нарм кунед ва алак-ул-батм-ро дар равғае об карда рӯи он бипошед ва рӯи тарки лаб бимолед. Ё алак-ул-бат ё мустако ва зуфои тар ва асалро гирд оварда, рӯи лаб бимолед. Агар тарки лаб озордиҳанда бошад, бояд бар он араҡи байз бичаспонед.

**Омос ва хориши ангӯштон дар рӯзҳои аввали тирамоҳ ва зимистон:**

Рӯи он доғи шӯр бирезед ё бар он пухтаи чағандар бигзоред, ё бо равғани бон ва ҷуз он равғанмолӣ кунед. Агар омос ва хориш бисёр шавад бо анҷири кӯбида дар равғани зайтуни норас (инфоқ) ва ё бо пиёз ва шароб рӯи онро хуб бипӯшонед.

## ГУФТОРИ ШАШУМ: РАВИШИ ДУРУСТИ ҶАҲОНГАРДӢ ВА ГАРДИШГАРӢ

**Он чи танро фарбеҳ ва шодоб мекунад:**

Касе, ки хоҳони фарбеҳӣ ва тару тоза кардани тан аст, вайро водор ба хӯрдани ҳӯрокиҳои чарб ва ширин ва боарзиш хӯрокиҳои боло ҳамчун ҳилим ва шӯрбоҳо (эҳсо) ва қаляҳо (асоид) бинмоед. Ва ӯро аз хӯрдани туршӣ ва шӯрӣ ва тундӣ ҷуз ба андозае, ки хӯрокро хушмаза кунад ва иштиҳоро барангезад, бипарҳезонед. Ва ӯро водор ба хобидан ва истироҳат кардан ва барангезидани ҷоҳои хунук ва намнок ва обтанӣ пас аз хӯрок ва равғанмолии тан пас аз обтанӣ ва роҳ рафтани ором ва тӯлонӣ пеш аз хӯрдан ва дурӣ аз ҷунбишҳои тунду тез бинмоед. Бояд осонгирӣ бошад ва бистари вайро хуб кӯбида ва нарм бошад ва ҳамвора пайгири хӯшӣ ва шодӣ бошад. Рӯзона пеш аз хӯрок танро бо гунае молиш диҳед то андаке сурх шавад. Ӯ бояд рӯзе ду бор ба хӯрдан бипардозад ва пас аз хӯроки нахустин ба гармоба равад. Шароби худро шароби ноб ва сурхи тоза ва ширин баргузинед.

**Доруи фарбеҳкунандагӣ:**

Донаҳо: гандум, биринҷ ва боқолӣ.

Ҳилим ба вижа агар бо шир сохта шавад хӯрокиҳоли бисёр фарбеҳкунанда мебошанд. Шӯрбое, ки аз нони сапеди хушкшуда, орди боқолӣ ва биринҷ ва шир агар бо шакар хӯрда шавад, ва мағзҳои бодом ва фундуқ ва писта агар бо шакар ба кор равад, низ фарбеҳкунандаҳоанд. Шир танро шодоб мекунад. Панири тоза ва ангури тозаи ширин ва ҳамчунин гӯшти барра, мурғ, тухми мурғи обпаз, ҷавозиб (шакар, биринҷ ва гӯшт) мулбақа, (ашканаи нармаи пурравған) ва қаронӣ ва асфедбои камчошнӣ шодобкунандаи тан аст. Ҳамчунин пайваста нӯшидан ва ҳамвора хӯшӣ ва шодмонӣ намудан ва камтар кардани хунгирӣ ва ба кор бурдани равонкунандаҳо ва обтанӣ ва хастагӣ ва бехобӣ ва дар баробари хуршед будан ва

камтар гуруснагӣ ва ташнагӣ кашидан ва бисёр наздикӣ накардан ҳамагӣ чоққунандаанд.

**Доруи хуб барои фарбеҳӣ:**

Рӯи донаҳои беданҷир (хуруъ)-и пусткандa шир бирезед. Пас аз он ки хуб нарм ва сиришта шуд ва онро ба сурати қурсҳои кӯчак дароваред ва ҳар бомдодон як вақияи онро кубида ва хокшудаи онро бо шир ва шакр ба кор баред. Шӯрбои аз орди нахӯд ва боқило ва биринҷ ва шир ва равған ва нони сапед ва нони ширини хушк бихӯред, ки фарбеҳ кунанда аст.

**Шӯрбои фарбеҳкунанда:**

Орди биринҷ, боқила, нахӯд, нони хушк ва бодоми пусткандаро гирд оварда аз он шӯрбои бо ширу шакар бисозед ва ҳар рӯз бихӯред сипас ба гармоба биравед. Пас аз берун омадан аз он наҳор бихӯред.

**Фарбеҳкунандаҳои некӯ ва шигифтовар:**

Бодоми пӯстканда ва фундуқ ва хашхош ва донаи санавбар ва донаи самна ва ҳубаату-л-хазро ва равғани гов ва шакар, ҳамаро бо равған бикӯбед ва бо шакари обшуда дарҳам омезед. Аз ин сиришта ҳар рӯзу шаб бихӯред.

**Танқияи фарбеҳкунанда:**

Сари гӯсфанди чокро покиза карда, хуб бикӯбед ва бар он ним ратл гандум ва ба андозаи он нахӯд ва биринҷ ва оби фаровон бирезед ва бипазед то лаҳ шавад. Аз оби полоишшудаи он се вақия ва аз чарбӣ ду вақия ва аз равғани гирду ва бодом як вақия шабонгоҳ танқия кунед ва бихобед. Беҳтар аст, ин корро пас аз берун рондани пасмондаҳол анҷом диҳед ва сипас худро нигоҳ доред ва бихобед. Ин корро панҷ шаб дар моҳ анҷом диҳед, ки ҳар чӣ бештар шавад беҳтар хоҳад буд ва аз чизҳое, ки танро тару тоза нигаҳ медорад, зангори оҳан мебошад, ки дар бахши шикамба ёдоварӣ кардаем.

**Он чи танро лоғар мекунад:**

Ҳар кас хоҳони лоғарӣ ва коҳиши гӯшти тан аст, бояд аз хӯрокиҳои боарзиши ғизоии боло ва гӯшту шириниҳо ва шаробу шир парҳез кунад. Барномаҳои хӯрокии худро аз сабзиҳо қарор диҳад ва дар ба кор бурдани маззаҳои шӯрӣ,

туршӣ ва тундӣ равон кардани шикам ва пешоб ва арақ кардани бисёр, ҳангоми ҷунбишҳои тунд пеш аз хӯрок ва аз мондани бисёр дар гармоба бипарҳезад. Ӯ бояд, то метавонад аз хӯрдан худдорӣ кунад ва дар баробари гуруснагӣ муддате истодагӣ намояд ва кам бихобад ва ба як бор хӯрдан дар шабонарӯз басанда намояд ва бедориро ба дарозо кашонад ва шароби куҳнаи талхи обакӣ биёшомад, аз он сӯи корҳои гуфташуда барои фарбеҳиро анҷом диҳад.

Аз доруҳое, ки танро лоғар мекунад, хурдани атрифули кӯчак ва доруҳои гармизо ва пешобовар, монанди фалофулӣ ва камунӣ дар барномаи хӯрокии худ бигзорад. Даранг дар хӯрдани хӯрок пас аз онҳо то иштиҳои барангехташударо фаро менишонад ва дар дубори гуруснагӣ ва ташнагӣ ва гармо ва хастагӣ ва зиёд дар гармоба мондан ва хӯрдани доруҳои лоғаркунанда ва хоб дар бистаре, ки фарш надошта бошад ва низ дар баробари хуршед будан ва мондан дар хонаҳо ва ҷойҳои гарм одамиро лоғар мекунад.

**Доруи лоғарии тан:**

Се дирам атрифули кӯчак ва як дирам айёриҳии фиқро ва як дирам тарбудро гирд оваред ва биёмезед ва ҳафтаҳо як бор бихӯред.

**Доруи наззоракунадаи тан:**

Нонхоҳ ва тухми розиёна ва тухми карафс ва сазоб ва зираи кирмонӣ ба як андоза марзангӯши хушк ва бураҷи як чаҳоруми онҳо бо ҳам омехта, рӯзе ду мисқоли онро ба кор баред, ки доруи хуб барои назор шудан ва хушк кардани тан ва бисёр лоғаркунанда низ мебошад, вале хатари он зиёд аст.

**Он чи нерӯи ҷинсиро меафзояд:**

Сириштаи чанд мағзи гиёҳи афзояндаи оби мардона аст ва гузораи он чунин аст:

Равиши сохт: Бодому фундуқ ва норгили пӯстканда ва бодому санавбар ва донаи филфил ва донаи залм, ҳуббул азиз ва ҳуббул хазроро ба гунае яксон, занҷабил ва дорулфилфил ва нори мушкро аз ҳар кадом як саввум бахш ва фониди сачзӣ (пониди сиистонӣ)-ро гирд оваред ва бо

сирка дарҳам омехта кунед, бомдодон ва шомгоҳон ҳар рӯз андозаи як тухми мурғ бихӯред.

**Сириштаи тухми гиёҳое, ки фазояндаи оби мардона аст:**

Тухми ҳувайҷ, шалғам, пиёз, турб, морчӯба, тартезак, сипаст, донаи санавбар, донаи филфил, донаи залм ва тударӣ, қадома ва забони гунҷишк ва ду баҳман ва бузидон ва қист (қисти ширин) ва дорулфилфил ва занҷабил ва ҳарф ва сипандон ва ангеза ба андозаи яксон бармегиранд бо асал месиришанд. Се дирами он бо як вақия шир мехӯранд. Гоҳе шароби тоза ва ширин ба кор мебаранд, ки бисёр судманд аст.

Доруи судманд барои касоне, ки дорои омезаи гарм ва ё омезаи хушк ҳастанд:

Рӯи як ратл шири гов ду вақия таранҷабин рехта, бипазед, то сифт ба монанди асал шавад. Рӯзе бист дирами онро ношто лаис бизанед ва бар он моҳии тозабирёншуда ва кабоби гӯште, ки доғ бошад, ба ҳамроҳи пиёз бихӯред. Шароби сангин бо омехтагии миёна бинӯшед.

**Доруи молиданӣ ба нарина, ки нерӯи росткунандагии онро меафзояд:**

Як вақия равғани савсан, ки як дирам фаребун ва ба монанди он филфил ва хардал ва натрун (бураи арманӣ) ва як қирт мушкро биёмезед ва бо он нарина ва пиромуни он чун қутн (камар ва миёнаи ду рон) ва иҷон (пӯсти миёни сӯрохи нишемангоҳ ва нарина)-ро равғанмолӣ кунед.

**Доруе, ки ростшудагии наринаро меафзояд:**

Ангуза бо андозаи баробар аз асал месиришанд ва ду соат пеш аз ниёз як мисқоли онро бо як вақия шароб ба кор мебаранд.

**Танқияи физояндаи нерӯи ҷинсӣ:**

Хорхасаки тоза ё хушк се то, ду мушт тухми шалғам ва тухми таратезак ва шанбалид ва тухми пиёз ва тухми морчӯба ва тухми ратба, ҳар кадом ду кафи даст ва нахӯд ва гандум, ҳар кадом як кафи даст ва мағз ва нахоъи гӯсфандро гирд оварда, сипас зарфи онҳоро лабрез аз ними об ва шир карда, бипазед то леҳ шавад ва сипас болояш намоед ва

биполед, полоидаи онро бипазед то сифт шавад.Чаҳор вақияи онро ҷудо карда, бо як вақия равғани батм чанд шаб пас аз тиҳӣ шудани шикам ва рондани пасмондаи рӯдаҳо танқия кунед ва бихобед ва даҳ шаб наздикӣ нанмоед, ки бисёр кори соз мебошад.

**Доруи дигар барои афзоиши нерӯи ҷинсӣ**

Гӯшти гӯсфанд, нахӯд, пиёз, боқило агар бо филфил, занҷабил, тухми мурғи нимобпаз шуда, ҳувайҷ, шалғам, хурмои хисхӯрда дар шир ва ҳубат, хӯроки гӯшти барра ё бузғола ва намак ва пиёз) ва ҳалим ва ангур ва тиратезак ва наъно ва рубиён (мигу) ва ашпил ва тухми моҳӣ ва тухми гунҷишк ва норгил ва понид ва дигар донаҳои тухми гиёҳоне, ки ном бурдем, хӯрда шаванд, нерӯи ҷинсиро меафзоянд. Аз хунгирӣ ва хаста шудан бипарҳезанд ва обтаниро камтар ва нӯшидани шаробро ба андозае миёна намоянд. Хӯрдани ҷӯҷа ва моҳии тоза бо пиёзи хом нерӯи ҷинсиро меафзояд.

**Ҷавозиб:**

Ҷавозиб (хӯроке аз шакар ва биринҷ ва гӯшт), ки ба гунаҳои шигифтангез нерӯи ҷинсиро меафзояд.

Гузораи он: нони хӯрдашуда дар шир ва шакар ба хисонда ва баробари як дирами он оби норгили тозаравиш рехта ва бо ӯрдаке ва ё бо ҷӯҷаи чоқро дар он мегузоранд.

**Он чи наринаро бузург мекунад:**

Доруҳои бузургкунандаи нарина:

Рӯзе чанд бор наринаро молиш диҳед ба гунае, ки ҳар бор сурх шавад, сипас бар он оби нимгарм рехта, бо мум ва равған равғанмолӣ кунед ё рӯзе даҳ бор молиш диҳед ва шири гӯсфанд рӯи он бимолед. Ё кирми хокӣ (харотин)-ро хушк кунед бо равғани занбақ бисоед ва онро равғанмолӣ намоед, ё як тикка мушкро баргузида, рӯи он зифт бигзоред ва леҳ кунед ва сипас бо он наринаро хуб молиш диҳед, пас аз он то ҳангоме, ки гарм аст рӯи нарина бичаспонед, чун сард шавад, аз рӯи он бардошта ва ин корро рӯзона чандин бор анҷом диҳед, судманд мебошад.

**Он чи вожунро танг мекунад:**

Доруи тангкунандаи вожун:

Се дирам сак (афшураи омила), мехак як мисқол ва мушк як қирот хуб леҳ карда, бо як вақия шароб, хамиреро дуруст намуда, порчаеро бо он оғушта, сипас ба худ баргиранд.

**Доруи нерӯманде, ки бевагонро дӯшиза мекунад:**

Мозу ва зоки сапед ва саъд ва шароби азхар ва барги ширинбаёнро ба як андоза баргузида, нарм карда ва ба худ баргирад, ё бо об безад ва чандин рӯз даруни он биншинад, агар сифт шавад, пӯсти вожунро мекашад ва онро гирд меоварад. Тикаи кӯчак аз рӯдаи борикро гирифта, дар он хуни ҷӯҷа бирезад ва пеш аз наздикӣ дар вожун бигзорад.

**Он чи таровиши лезобаи заҳдонро мезудояд:**

Зоки сапед ва сурма ба андозае баробар бардошта хурд ва нарм карда ва ё намаки андаронӣ ва зоки сапеди нармшударо дар вожун бигзоред ё обе, ки аз пухтани мозу ва пӯстаи дарунии булут ва гулнор аст, вожунро бишӯед ва ё пӯстаи санавбар ва зоки сапед ва саъд (мушки зери заминӣ) ҳамаро бо шароб бипазед ва дар порчае гузошта, дар вожун фурӯ кунед.

**Он чи вожунро гармтар кунад:**

Кирмдонаро пӯст бикунед ва бикӯбед ва ба андозаи он равғани занбақ бирезед, то сифт шавад ва бо порчае бар худ баргиред.

**Доруи аз миёнбарандаи лезоба ва сардии вожун:**

Кирмдона, филфил, саъдро бо шароб бипазед ва бо порчае бо худ баргиред.

**Он чи хуширо ба ҳангоми наздикӣ кардан меафзояд:**

Ҷавидани кабоба ё оқирқирҳо дар бомдод ва ношто бо як дирам ангезае, ки бар он даҳ дирам занбақ биафзоянд ва чандин рӯз канор гузоранд ва сипас ба гунаи молиданӣ ба кор баранд. Дар ҳангоми наздикӣ мард сурини занро бо ду даст ба боло кашад ва ду бозуи худро бар ӯ сахт карда мезанад, ки барои ҳар ду бисёр хушиовар аст ва хушии он бас шигифтангез аст.

**Доруи физояндаи хушӣ ба ҳангоми наздикӣ кардан:**

Оқирқирҳо ва занҷабил ва дорчин ба як андоза баргиред ва бо обе, ки дар он андаке самғи обшуда, дар ҳам биёмезед ва

сипас ба гунаи қурс дароваред ва дар ҳангоми ниёз дар даҳон нигаҳ доред.

**Нотавонӣ дар нигаҳ доштани пайхол ба ҳангоми наздикӣ:**

Беҳтар аст пеш аз наздикӣ пасмондаҳои рӯдаро берун ронад ва чизҳои бандоварандаи шикам бихӯрад ва ҳангоме, ки рӯдаҳо холиянд ин шиёфро ба худ бигирад.

**Шиёф барои дармони азивут:**

Қоқиё, ромак, гулнор, кандар, ва самғ ба андозае баробар ҷудо карда ва ба андозаи ҳаста дароварда ва ба худ баргирад. Ва дар дигар гоҳҳои наздик накардан пайваста равғани нординро ба худ баргирад ва ба худ бимолад.

**Дармони касоне, ки дар наздикӣ кардан бисёр нотавон ҳастанд:**

Бояд худро бо оби сард бишӯянд ва оби гӯшт бихӯранд, андаке шароби райҳонии хушбӯи мулоим бинӯшанд. Ҳамчунин ба хушбӯ кардани худ ва таносоӣ ва хобидан бар бистаре нарм бошанд.

**Он чи коҳишдиҳандаи оби мардона ва ростшудагии нарина аст:**

**Он чи оби мардонаро коҳиш медиҳад:**

Туршмазаҳо ва бандоварандаҳо ҳамчун сирка, ғура, ривос, ва монанди онҳо ва сабзиҳои сард монанди коҳу ва хирфа ва ҷуз инҳо мебошанд.

**Он чи ростшудагии наринаро мекоҳад:**

Бодшиканандаҳое ҳамчун садоб, фунҷанкашт, пудина, зира ва нонхоҳ мебошад.

**Он чи коҳишдиҳандаи тавони наздикӣ кардан аст:**

Доруҳои коҳишдиҳандаи наздикӣ, тухми фунҷанкишт даҳ дирам, барги хушки пудина ва садоб, саъд, гулнор аз ҳар кадом ду дирам бо ҳам меомезанд. Ба он ба андозаи ду кафи даст, як каф даст дар рӯз ва яке шаб ба кор бибаранд.

**Доруи барои дорандагони ҳарорати баланд ё бисёр хоҳони наздикӣ кардан ҳастанд:**

Тухми коҳу даҳ дирам, тухми асфарза ва кашнизи хушк аз ҳар кадом се дирам, гулнор ду дирам, гули нилуфари ду

дирам баргиранд, се дирами онро ҷудо кунанд бо як чаҳорум мисқоли кофур чанд рӯзе ба кор баранд.

**Фурӯ нишондани ташнагӣ ва дур кардани зиёни он:**

Касоне, ки нигарони ташнагӣ дар роҳ ҳастанд, беҳтараст ҳамаи миқдори рӯзонаи хӯрокаи худро пеш аз сафар нахуранд, балки андаке сабзаҳои сард ва сарди зоҳои турш (туршӣ) бихӯранд ва ё талқони шакарро бо оби бисёр сард бинӯшанд ва аз хӯрдани шӯрӣ, ширинӣ, тундӣ ва моҳӣ асосан тоза, намакин ва дар сирка хобондаи он бипарҳезанд. Ҳамаи моҳиҳо ташнакунанда ҳастанд. Обкомаҳо, туршиҳо ва шӯриҳо, ба вижа талхӣ, кибр ва зайтун, ташнагиоваранд, вале пиёзи дар сирка парварда ва ҷуз он аз туршиҳо, ки ташнагиро фурӯ менишонанд.

Беҳтараст, шитобон наравад, балки бо нармӣ роҳро бипаймояд. Агар шитобон биравад нафас кашидани тунд ва пайваста ва бузург мешавад ва ин коротарин ангеза барои барангехтагии ташнагӣ мебошад. Пургӯӣ накунад, ки ин низ ташнагизо мешавад. Чунончи ночор ба пургӯӣ бошад, бояд овоишро то онҷо, ки метавонад ором намояд, чун садои баланд ҳарорат ва ташнагиро бисёр боло мебарад.

Чизҳое, ки ташнагиро фурӯ менишонад ва муддате дарозии онро дур мекунанд мости турш (шири турш), хурфа, коҳу, каду, хиёр, харбузае, ки ширин набошад, гулобии пуроб бо андаке гасӣ ва ширинии кам, анор, себ ва монанди инҳо аз меваҳои турш, таранҷии турш, ғӯра, ривос, олу мебошанд. Инҳо хӯрданиҳое ҳастанд, ки агар пеш аз ҳаракат хӯрда шаванд, ташнагиро менишонанд.

Аз чизҳое, ки дар даҳон нигоҳдошта ва дар ҳангоми паймудани роҳ онро бихояд ташнагиро дур мекунад, монанди олуи хушки турш, ки дона-дона хоида шавад. Хурмои ҳиндӣ, донаи анори турш ва ё мости кисаӣ (мисл) андак-андак даруни даҳон гузошта, то об шавад, вале дӯғи турш ва ҳамчунин симоқ барои ин кор хуб нестанд.

**Ҳамчунин аз корҳои судманди дигар:**

Нигоҳ доштани як тика булур ё садаф ё нуқраи ноби дурахшон ва бастани ду лаб ва то онҷо, ки тавон бошад нафас кашидан аз роҳи даҳон ва ҳарчанд соат ба соат бӯ

кашидани гулҳо ва сабзаҳо ва ба кор бурдани равғанҳои сардизо аст.

Пӯшидани шикам бо сабзавоти сардиовар ё бо сириштае, ки дар «самум» гуфта шуд, рӯи тан молид. Агар дар об зоҷи сиёҳ (қулё) бошад ва он бо сирка омехта шавад, андаке аз он барои фурӯкаш кардани ташнагӣ бисёр коро мебошад. Оромишдиҳандаи ташнагӣ ва дуркунандаи зиёнҳои он аст.

**Қурсе, ки ҳарорат ва ташнагиро фурӯ менишонад:**

Дар табҳои сахт ва сӯзон суди ҳамагонӣ дорад. Ҳангоми паймудани роҳ пайваста як қурс аз онро дар даҳон ниҳода, зеро ташнагӣ, барафрӯхтагӣ ва гармои болоро бисёр хуб фурӯ менишонад.

**Гузораи қурс:**

Тухми хиёр ва тухми каду ва ҳар кадоми як бахш, тухми коҳу ва тухми хирфа аз ҳар кадом ним бахш, афшурдаи ширини баёни ноб ва тамиз шуда ва ҳамагиро мекӯбад ва бо оби хирфа ё луоби тухми асфари зеҳи хамиркарда, аз он қурсҳои кӯчак ба шакли тармус (харнуб) дуруст мекунанд ва дар ҳангоми ҳаракат яке пас аз дигаре дар даҳон мегузоранд вале намехоянд, балки мегузоранд то ором-ором дар даҳон об гардад ва оби онро қурт мекунанд.

Вале, агар пеш аз ҳаракат барои ором кардани таб ҳод бихоҳем, аз он истифода кунем, бояд се дирами онро бо афшурдаи бархе меваҳо, ки ном бурдем ба кор бурд. Чунончи, забаре дар сина дида шавад, онро шарбати гулоб ё нӯшобаи бунафша бихӯрад. Ин қурсҳо барои сӯзиши пешоб бисёр коро буда, озмоишшуда мебошад. Агар касе дар роҳ хеле ташна шуд, бояд соате об наёшомад, балки обро дар даҳон бичархонад ва ҷуръа-ҷуръа, андак-андак биёшомад ва дастҳои худро дар об фурӯ кунад ва чеҳраи худро бишӯяд ва агар дӯст дошт, чеҳраро дар об фурӯ кунад, вале аз он наёшомад, магар бо андозаи як ҷуръа, сипас бархе хӯрокиҳое, ки ёд кардем аз он бихӯрад ва нӯшиданро кам-кам биафзояд ва якбора сероб нашавад. Бо ин равиш метавонад худро аз ташнагӣ раҳо намояд ва аз дигар паёмадҳои бади он низ дур бимонад.

**Равиши гирдишагири ногузирона дар сармо ва барф:**

Ҳамон гуна, ки дар тӯли роҳ дар гармои сахт чиркин шудан ва палосидани пӯсти тан ва сардард ва таб ва монанди он аз ин осебҳо, вуҷуд дорад. Ҳамчунин дар ҳавои сард ва дар роҳ осебҳои дигар чун яхзадагӣ ва гуруснагӣ ва беҳушӣ ва сакта ва ҳарос ва лахтӣ ва карахтӣ ва казоз ва гандидани дастҳо ва пойҳо ва банд омадани шикам падид меояд. Ошкор аст, ки ин бемориҳо дар касоне, ки омодагии пазириши онро доранд, ба хубӣ намоён мегардад ва ҳаргиз дар афроде, ки омезаи устувор нисбат ба ин бемориҳо доранд ва низ танҳоӣ, ки ба сармои сахт хӯ гирифтаанд, ошкор намешавад, магар дар мавриди бисёр андак ва дар сармоҳои бисёр сахт. Ҳамон гуна, ки дар гузашта гуфтем, боз мегӯем: ҳар кас ночор шавад дар сармои сахт роҳеро бипаймояд, беҳтараст, ки шикамбаро аз хӯрок ва шароб ба андозаи дуруст анбошта кунад ва аз ҳаракат то андозае биистад, ки хӯроки ӯро гарм намояд ва оромиш диҳад рухдодҳое, ки бе даранг дар тан пеш меояд, бояд хӯрокаш билқувва ва билфеъл гарморо бошад (ҳар ду бо ҳам). Агар сармо бисёр сахт бошад, ӯ ногузир аст, ки соате роҳ бипаймояд.

Вай бояд хуб бихӯрад ва шароби ноб бинӯшад ва ё шароб бо андозае, ки бо он ором гирад бо каме оби гарм биомезад ва бинӯшад бояд шароби нерӯманд ва гуворо бинӯшад бе онки туршӣ ва бандоварандагӣ дошта бошад. Худро ба гунае бипӯшонад, ки битавонад дар баробари вазиши боди сард истодагӣ намояд. Агар дар сина беморӣ ва зибрӣ ва сурфа бибинад ва дар сина ва шуш нотавонӣ намояд, бештар биҳаросад. Зеро, инон бо фурӯ бурдани ҳавои сард, ба тундӣ дучори сардард ва сулфаҳои сахт ва хун баромадан аз шушҳо мешаванд.

Хӯрокиҳои баргирифташуда дар пеш аз паймудани роҳ дар ҳавои бисёр сард, сохташуда аз гирду ва сир ва пиёз ва равған бошад. Сир дорои вижагӣ ва бартарии шинохташудае дар ин барномаи хӯрокӣ аст. Кори он гарм кардани тан ва барафрӯхтани ҳарорати ғаризӣ дар ҳамаи тан

мебошад. Гармои сохташуда ба интиҳои дастҳо, пойҳо бештар аз миёнаи тан хоҳад рафт.

Ҳамчунин ангеза агар ба вазн як дирам ва бо як ратл шароб нерӯманд (ноб) ё асали об ба кор барад, судманд аст.

Ҳамчунин ба кор бурдани филфил дар хӯрок ва нӯшидани асал об ва низ хӯрдани пиёзи хом ва тара ва асфидоҷ хушмазза шуда бо чошнӣ, бисёр коро мебошанд. Ҳангоме, ки роҳ паймуда шуд, шоиста нест бе даранг ба сӯи гарм кардани худ бо оташ ва ё гармоба ва ё хоб биравад, балки соате дар ҷои гарм, ки оташ барафрӯхта бошад, ором гирад ва кам-кам ба сӯи оташ наздик шавад. Дар роҳ чунончи сармозада шуда бошад, бояд ба гармоба равад ва мондан дар онҷоро ба дароз кашидан ва танро молиши сахт диҳад. Агар гармоба наёфт, хонаро бо ҳезум гарм намояд ва дар он танро молиш диҳад, ба гунае, ки пӯсти тан сурх шавад ва сипас бо пӯшиши нарм ва дар бистари гарм бихобад. Ин роҳе аст, ки ба василаи он метавонад аз таб раҳоӣ ёбад.

**Дармони сармозадагӣ:**

Агар касе, ки ба андозаи ноумедӣ дучори яхзадагӣ (сармозадагӣ) шавад, ҷои пӯшида аз бодро барои ӯ пайдо кард ва ҳезуме афрӯхта ва вайро гарм намуд.

Сипас бо дастони гарм бо тундӣ ва нармӣ ҳама танро ба ҷуз сар бо порчаи гарм компресс намуд. Сипас аз молиши нарм ниёз аст, ки як тани гарм ва нарми ӯро дар бағал нигоҳ дорад, ба гунае, ки шикам ва пушт ва синаҳои ҳарду хуб ба ҳам бичаспад, то гармои тан нармгирӣ ба ӯ бирасад. Ангиза ва мур ва филфили омехта бо шароби ноб ва обгӯшт ба ӯ дод, то беҳбуд ёбад ва каме нафаси ӯ баргардад, агар ба ӯ оши сафедбо ва каме шароб дода шавад бисёр некӯ аст. Бояд барои ӯ бистар ва пушиши нарм фароҳам кард ва ӯро водор ба хобидани дарозмуддат намуд, то онки беҳбуди комил ба даст оварад ва пас аз он бедор шудан ба даруни гармобаи доғ бурда шавад ва дар онҷо муддати дароз бимонад. Бояд ӯро дар онҷо бисёр молиш бидиҳанд ва танашро бо равғани наргис, ки дар он куст, гундибедастар, мушк ва фарбиюн аст, равғанмолӣ кунанд.

**Беҳушӣ аз гуруснагӣ:**

Гоҳе гардишгар дар сармои ҷонкоҳ, дучори гуруснагии сахте мешавад ва агар даранг накунад, то хӯроке бихӯрад, гирифтори беҳушӣ хоҳад шуд, ки чи басо ба марг поён бипазирад.

Чунончи гуруснагӣ оғоз шуд, бедаранг ба нӯшидан ва хӯрдани нони хисонда дар шароби нерӯманд ва шӯрбои сафедбои чарб ва шароби ноб ва доғкунанда, ки бар он каме филфил афшондаанд, рӯй оварад. Агар дармон нашуд ва беҳушӣ ӯро фаро гирифт, боистааст гулоби доғ бар ӯ пошида ва дар байни ӯ мушк ва зарира дамид ва ба сайбили ҳойиши ғолия (навъи бӯи хуш мураккаб аз мушк ва анбар) ва мушки молид, фам-ул-меъда (тан) ва даст ва пои ӯро сахт молиш дод, то сурх шавад ва пас аз он ӯро бисёр сахт ва ба гунае дарднок бибанданд. Агар аз беҳушӣ раҳоӣ ёфт, равиши дармониро дар пеш гуфтем барояш ба кор бибаранд, чунончи хуб нашуд, чандин бор дар даҳони ӯ шароб ва обгӯшт бирезанд. Ӯро молиши пайваста диҳанд ва бар ӯ об бипошанд ва ӯро бо доду фарёд ҳушёр кунанд. Даст ва пояшро сахт ва гунае дарднок бибанданд ва ҳарчанд бор ӯро бо чизи тезе сайхунк бизананд ва такон бидиҳанд ва бичунбонанд ва бар ӯ фарёд бизананд, сипас шароби доғкунанда бо филфил ба ӯ бинӯшонанд ва андаке шаҷарниё ё ангеза ба ӯ бихӯронанд. Ӯро ба оташ наздик намоянд ва тани ӯро равғани куст ва фарбиюнӣ чарб кунанд.

**Нигоҳдошти ангуштон аз сармозадагӣ ва ҷилавгирӣ аз табоҳии онҳо:**

Беҳтараст ангуштони пойро молиш дода ва сипас бо равғани зайтуни кӯҳна равғанмолӣ кунанд, пас онро бо порчае ба гунае бипӯшонид, ки рӯи бахши миёнӣ ва боло ва поён ва зеру болои кафи по, мӯи нарм гузорид, сипас пойро даруни ҷуроби гарм ва муносиб даровард. Агар бихоҳед кафше ба по бикунед ва ҳаво сард бошад аз тар ва нумур шудани по нигарон бошед, пас бояд кафш ба гунае аз замин болотар қарор гирад.

**Доруҳое, ки ба ангуштон зада мешавад то ҷилавгирӣ аз сармозадагӣ кунанд:**

Ҳамаи рағанҳои гармозо чун занбақ, розқӣ, бон, сусин, равғани ғор ва қатронро, ки аз ҳама коротар аст, ба кор баред. Барномаи равғанмолӣ кардани ангуштон аз сармо ангезаи ҷилавгирӣ аз табоҳии онҳо мешавад. Ин равиш на танҳо аз табоҳшавии ангуштон, балки аз гандида шудани онҳо аз сармо ҷилавгирӣ мекунад.

Шоиста нест, ки гардишгар худро дар баробари яхзадагӣ қарор диҳад ва бар сармои озордиҳанда, бурдборӣ намояд. Чи басо ангезаи табоҳӣ зудҳангоми онҳо мешавад, ки нишонаи он чунин аст. Бемор эҳсос мекунад, ки сармои озордиҳанда сабуктар ва камтаршуда бе он ки пӯшиши худро тағйир дода бошад ва ё бар он афзуда бошад, бояд бидонист, ки дар ин ҳангом сармо коҳиш наёфта, балки ин коҳиш аз ҳиси ломисаи пӯст мебошад. Ҳангоме ки ӯ аз сармо озор мебинад, то онҷо, ки метавонад лозим нест пӯшиши ангуштонро тағйир диҳад, балки онро бо нармӣ молиш бидиҳад ва дубора онро бипӯшонад ва онро биҷунбонад ва такон бидиҳад. Ҳеҷ чизе дар зуд расондани озори сармо ба ангуштон монанди овезон будани онҳо нест. Чунончи вазъияти ангуштон ба сӯи омосидан ва коҳиши ҳис мерафтанд ва то ҳангоме, ки ба ранги сабз ё сиёҳ дар наёмадаанд, онҳоро дар пахтаи коҳи гандум ва ё пахтаи шалғам ва карам ва ё шӯед ва ё бобуна ва ё дармина ва ё хом ва ё аклили мулк ва ё тухми катон ва ё шанблид, ҳар кадом ба танҳоӣ ва ё ҳамагӣ бо ҳам ва ё дар бархи равғанҳо, ки ёд кардем фурӯ намоянд ва чандин бор дар наздикии оташ даст ё пои сармозадаро нигоҳ доранд, вале агар (ангуштон) сабз ё сиёҳ шуда бошад, пас беҳтараст, ба тундӣ ҷои аз онро шикофи жарф диҳад, то гӯшти он намоён шавад ва бигузоранд хун берун резад. Шоистааст ин кор дар оби доғ анҷом диҳанд, ки хун дар даҳонаи шикофи лахта (мунҷамид) нашавад, ки аз резиши хун ҷилавгирӣ намояд. Чунончи лахтаи ташкил шуда ва ҷараёни хун банд ояд, гули арманӣ дар об бо андаке сиркаи ҳалкарда рӯи он бигузорад ва як шаб ва як рӯз раҳо кунад. Сипас, бо шароби нимгарм ё об ва сирка онро бишӯянд ва дубора доруҳои молиданӣ рӯи он бимоланд. Ва ин

корро ду ё се бор анҷом диҳад, то ҷоҳҳои сиёҳшуда, сахт шаванд ва гирд оянд. Чунончи раванди беморӣ пеш аз шикофтани ҷои сармозада ба сӯи бадбӯ шудан ва гандидан биравад дар ин ҳангом дигар шикофтани онҳо суде надорад ва ногузир аз ҷудо кардани ҷои сармозада мебошад. Ниёз аст буридани онро ба тундӣ анҷом гирад, ба ҷиҳати онки ба бофтаҳои солими канори худ сироят накунад.

Бисёре аз дармонгарони нодон ин гуна ҷойҳоро бо чоқу мебуранд ва ҷои гандидаро ба гунае сатҳӣ ва бежарфоӣ мавриди ниёз метарошанд. Вале, гурӯҳи дигар пеш аз андозаи онро бараш медиҳанд, ки бо он аъсоб ва зардпайҳои арзишмандро ҷудо мекунанд, ки бо буриши зиёде сабаби падид овардани бемориҳои сахт мешавад.

Набояд гӯшти гандидаро бо корд бардошт, балки бояд сириштае аз чағандир ва килмии обпазшуда бо як қошуқи бузург равғани доғ бо ҳолати доғи бисёр рӯи он бимоланд ва ҳаррӯз чандин бор анҷом диҳанд, то бахши гандида, ҷудо шавад ва биафтад ва аз бахши сиёҳӣ ва ё сабзӣ чизе намонад. Пас аз ин ки бахши гандида то наздикии устухон канда шуд, дунболаи дармон дар ростои равиши гӯшт хоҳад буд.

Агар гандида шудан то устухон расид, ба ду кор ниёз мебошад, ё устухонро мехуронанд (пӯсти онро мекананд ва харош медиҳанд) ва ё бахше аз онро бо арра мебуранд ва берун меандозанд ва ё ҳамаи устухонро то банд ҷудо кунанд. Сухан дар инҷо берун аз ҳадафи китоби мост. Зеро бими он меравад, ки ба дасти касоне биафтад, ки аҳли фан набошанд, ин амр ниёзманди дармонгирии андешаманд ва тезбин мебошад.

**Кӯрии чашм аз яхзадагӣ (қамар):**

Касе, ки тарси барфкӯрӣ дорад бояд пӯшиш ва дастори худро сиёҳ баргузинад ва зери гунаҳоро бо порчаи сиёҳ бипӯшонад, то нигоҳи ӯ бар он порчаи сиёҳ биафтад. Ҳамчунин ба дасти худ порчаи сиёҳ бигирад ва нигоҳи худро пайваста бар он биандозад. Ҳамчунин, бояд ҳарчи дар перомӯни худ дорад, ба ранги сиёҳ даровард. Аз чизҳои бисёр судманд бастани чашм бо порчаи сиёҳи рангбофташуда аз мӯи думи чорпоёни сиёҳ аст, ки туркон дар ҳангоми сафар онро мебанданд.

**Сӯзиш ва дарде, ки аз сармо ва боди сахт дар чашм падид меояд:**

Дар чунин ҳангоме сӯзиш ва дарди ҷонкоҳе бо сахтӣ ҷунбидани пилк ва гоҳе кулуфт шудани он пеш меояд ва гоҳе сурхии чашм низ пайдо мешавад. Ва ҳамчунин метавонад ангезаи омос бисёр сахт вобаста ба қарнияи чашм низ бишавад. Дар ин ҳангом бо пӯшидани чашм ва нигоҳдории он то онҷо, ки тавон бошад дар посдорӣ аз он бояд талош кард. Бояд ҳамаи онро ба ҷуз бахше, ки ногузир барои дидан аст, бо дастори пӯшонида ва аз бод то онҷо, ки мешавад канорагирӣ намуд. Чунончи пӯшишро, сӯрохӣ дар баробари ҳадқаи чашм дорад бо рӯбонӣ ба чашм бандад судманд мебошад. Ва агар он пӯшиш бузургтар бошад ва ҳамаи чеҳраро фаро гирад боз ҳам коротар ва судмандтар хоҳад буд. Нӯшидани шароб низ хуб аст, вале компресс кардани чашм ҳарчанд бор, иштибоҳи бузург аст. Зеро, бо компресс намудан гарм мешавад, газиши сармо низ бештар мегардад. Агар дар чунин ҳолате, ки гуфтем барои чашм осебе падид ояд, бухури ҷӯшонидаи коҳи гандум ва ё марзангӯш ва бобуна ва шӯяд ҳар кадом ба танҳоӣ ё ҳамагӣ бо ҳам барои чашм хуб аст.

**Доруи корсоз:**

Сангеро доғ кунанд дар шароби ангури кӯҳна (тозаи он коротар аст) бигузоранд ва ба рӯи чашм аз он шароб бипошанд ва ё бо бухори он шароб чашмро бухур диҳанд. Ва аз корҳои судманди дигар атса кардан мебошад. Чунончи сурхии чашм пайдо шуд, ба хунгирӣ аз раги қийфол рӯй биоваранд. Сипас, фардои он рӯз ба гармоба раванд ва ба хӯрокиҳои нерӯманд ва шароби ноб ва хоби дароз рӯй оваранд. Агар андаке аз сурхӣ монад, бо компресс кардани бисёр ва дармонҳои дигар ба ҷуз раг задан дармони онро дунбол намоянд. Бо равонкунандаҳои нерӯманд, шикамро равон кунанд.

**Сариштаи нобудкунандаи шапуш:**

Он саришта аз зарнихи сурх ва мавизак ва кундус ва бура бо сирка таҳия мешавад. Пас аз молидани ин саришта ба тан, соате онро раҳо карда, сипас бо оби доғ шустушӯ дода

мешавад ва тани пӯшишҳоро бо кундус ё тармас барги оздарахт бухор дода шавад ва ё хоки ҷеваро бо равғани сариштаи онро ба тан бимолад ё кундусро дар равғани саришта ба тан бимолад.

**Хастагӣ ва мондагӣ ва дармони он:**

Агар касе дучори хастагӣ ва мондагӣ шавад, ҳангоми фуруд омадан, соате биёромад сипас ба гармоба равад ва чунончи ба гармоба дастрасӣ надошт, дар оби каме доғ фурӯ равад то пӯст нарм ва сурх шавад. Ва пас аз он баданро молиши оромӣ диҳад ва рӯи бандиҳоро равған бимолад. Сипас дар зимистон бо равғане, ки дар он шувид ва бобунаи пухташуда, бандиҳоро бимолед ва дар тобистон ин кор бо равғани бунафша анҷом диҳад ва биёромад ва ба хоби дароз биравад ва бистар ва пӯшиши худро биафзояд то он, ки аз хоб бедор шавад ва дубора молиш ва обтанӣ ва равғанмолиро анҷом диҳад, то ба хӯи гузаштаи худ бирасад.

**Омодасозии тан ва гузиниши хӯрок дар гардишгарӣ:**

Беҳтараст касе, ки дар андешаи сафари дароз аст, пеш аз оғози сафар ба раг задан ва равон кардан рӯ биоварад. Бавижа, агар муддатҳо сафар накарда бошад. Чунончи бо тани нопокиза сафар кунад, душвор битавонад аз бархе табҳо раҳоӣ ёбад ва ҳарчанд аз он раҳоӣ ёбад, чун пӯсти ноҳамоҳанг ва суст дорад аз думал ва ҷӯшҳои пустӣ ва омосҳои гуногун ва сармохӯрдагӣ раҳо намешавад. Шоистааст, ки андак-андак ва бо даранг одатҳое, ки дар сафар ногузир аз тағйири онҳост, чун хобидан ва ё ҷунбишро тағйир диҳад.

Чунончи дар сафар ночор ба бедорӣ бошад худро кам-кам ба шабзиндадорӣ хӯ диҳад ва ҷобаҷо кардан гоҳ ҳамешагӣ хӯрдани худро ба замоне, ки дар сафар дорад, дигаргун кунад.

Варзиш ва ҷунбиши хешро афзоиш диҳад. Худро дар наздикӣ накардан бурдбор намояд ва доруҳое, ки пеш аз сафар ба онҳо хӯ дорад бо ҳамроҳ дошта бошад. Хӯрокиҳое, ки дар шаҳри худ барои ӯ одат ба шумор меояд камтар кунад ва аз он нахӯрад. Хӯроки хешро пурнерӯ ва камандоза қарор диҳад. Хӯрок нахӯрад, магар он, ки дар ҷое бихоҳад

биёромад ва истироҳат намояд ва агар ногузир аз хӯрдан бошад, чанд луқма бихӯрад ва ҳама хӯроки худро якҷо нахӯрад.

Шаробро магар дар ҷои пиёда шудан наёшомад. Аз сабзавот ба вижа меваҳои тоза дурӣ намояд. Чун шикамро пур месозанд ва арзиши хӯроки поёнӣ дорад ва омехтагӣ, ки аз он падид меояд, хом ва бад аст, магар ҳангоме, ки ҳаво гарм бошад ва ба он ниёз дошта бошад, онро ба гунае, ки гузора кардем, ба кор барад. Агар ҳаракат дар шаб бошад, набояд шом бихӯрад ва хӯрдани онро ба замоне, ки истироҳати зиёде дорад, биандозад. Аз пурхӯрӣ идомаи сафар ва ҷунбиш дар ҳангоми анбоштагии шикамба парҳез намояд, ки падидоварандаи бемориҳо ва омос ва думалҳои чиркин аст ва то онҷо, ки метавонад обтанӣ кунад.

**Ончӣ зиёни обҳои гуногунро дур месозад:**

Беҳтараст, оби ҳар истироҳатгоҳ ё дар роҳро ба танҳо наёшомад, балки бо оби ҷойгоҳи пешин (иқоматгоҳи ҳамешагии худ) биёмезанд. Ҳамчунин судманд аст, обҳои гуногуне, ки дар роҳ гардишагар аст, аз пеш омода кунанд ва ё бо сирка биёмезанд. Метавон зиёни гуногуни обҳоро бо пиёз ва сир ва сирка ва коҳу пас аз он дур кард. Ҳамчунин гардишгар, хоки шаҳри худро бо ҳамроҳ дошта бошад ва чун ба обе бирасад бахше аз онро дар об бирезад ва онро ором бигузорад, то соф шавад ва сипас биёшомад.

Обҳои полиштаро, ки вижагиҳои зоҳирии онҳо ошкор мебошад ба гунае, ки мегӯем, метавон дуруст кард.

Метавон оби сангин ва тираро бо чандин бор зарф ба зарф кардан полоиш кард ва агар сахт бошад, онро бо зарф полоиш ва зулолкунанда, ки дар он нони хушк хисхурдае ҳаст, полоиш намуд ва ё дар он зоки ямании хурдшуда, рехта шавад, ки онро ба тундӣ меполоид ва зулол мекунад.

Чунончи об шӯр бошад, бояд онро бо сирка бинӯшанд. Ё дар он харнуб ё донаи ос ё заърур ё гули сурх андохта шавад ва ё пеш аз нӯшидани он мева хӯрда шавад, ки зиёни оби шӯрро дур месозад.

Агар об бисёр талх бошад ва гардишгар ногузир аз ошомидан бошад, бояд онро дар деге (баром) ки аз гӯли сурх

сохта шуда ва покиза аст, қарор диҳанд. Рӯи он чӯбҳои дар паҳноӣ бигузоранд ва бар он дастаи пашми шонашудаи тамиз қарор диҳанд. Дегро рӯи оташдони рӯшане биниҳанд. Ҳангоме, ки пашм хис шуд, онро челонда, обдасти омодаро метавон нӯшид.

Сирка маззаи шӯрии обро мешиканад. Ҳамчунин сиканҷабин барои ин кор бисёр хуб мебошад.

Агар об истодии баркай ва гундобӣ бошад бо афшураи ҷӯшондаи меваҳои турш ва бандоваранда чун ғӯра ва анор ва себ омехта шавад, то оби судманд гардад ва то ҳангоме ки ночор ба ошомидани он об аст, бояд аз хӯрокиҳои гармозои шӯр дурӣ намоянд. Шароб нанӯшад, магар он, ки оби қаҳвӣ бошад, ки чунин обе хеле зуд табзо мешавад.

Чунончи об дорои мазаи талхе бошад, бояд бо шарбати гулоб ва шакар ва бо хӯрокиҳои ширин нӯшида шавад ва агар об падидоварандаи шакмаруш шавад ба хӯрокиҳои бандоварандаи шикам рӯй оваранд ва з-он сӯ.

Агар дар об хасу хошок ва ҷонварони хатарнок бошад, оби тунд ва бад аст, ки бояд, дар хӯрдани хӯрокиҳои чарбӣ зиёдаравӣ намоянд. Бояд таваҷҷуҳ ба полоиши он дошта бошанд ва пеш аз ҳар хӯрданӣ онро биёшоманд бавижа, агар дар он золу бошад. Чунончи обе, ки нӯшида, ангезаи сахти пешоб кардан шавад. Бояд онро бо шароб ва ё бо пахтаи тухми карафс ва розиёна бинӯшанд. Агар об сабаби боло овардан шавад, бояд онро бо афшӯрдаи ҷӯшонидаи анор биёшоманд. Бояд таваҷҷуҳ ба фарояндаҳои падидомада аз оби нӯшидашуда, дошта бошанд ва сипас барои з-он сӯи он падидаҳо, рӯшании муносиб баргузинанд.

**Равиши гузиниши урдугоҳи лашкариён:**

Беҳтараст, дар тобистон лашкаргоҳ рӯи пуштаҳо ва теппаҳо истиқрор бояд ва чодарҳо ба гунае қарор гиранд, то дар баробари боду шамол қарор гирад ва чодарҳо дур аз ҳам бошанд.

Чаҳорпоён то онҷо, ки бишавад аз чодарҳо дур ҷо дода шаванд. Равиши гузиниш дар зимистон з-он сӯи он мебошанд. Истиқрор дар фурӯрафтагиҳо ва заминҳои паст

ба доманаи теппаҳо ва кӯҳҳо бошад ва чодар ба сӯи ҷануб ва ховар ва наздик ба ҳам бошанд ва чаҳорпоён низ наздик ба онҳо ҷо бигиранд. Ҳар гоҳ ҳаво шараҷӣ (намнок), ҷануб ва нумур бошад, хӯрокро бояд бикоҳанд ва шаробро канор гузоранд ва варзиш карданро бияфзоянд. Чунончи ҳаво чирколуд хушк бошад, з-он сӯи он бояд рафтор кунанд.

Ҳаргоҳ дар об ва ҳаво афроди бешумор бемор шаванд, бояд дар самти дур итроқ намоянд, ба гунае, ки дар болои бод қарор гиранд, на поёни он. Чунончи ҷое, ки пиёда шудаанд пур аз ҷонварони газанда ва озордиҳанда бошад, онҳоро то ҷое, ки метавонанд, биронанд ва доруҳои давр кунанда ва кушандаи онҳо, ки ёд кардаем, ба кор бибаранд. Агар хасу хошок ва дарахтони пулишт, ки дорои бӯи тунд ва озордиҳандаанд, вуҷуд дошта бошанд, онҳоро бисӯзонанд ва ё дар болои гузари вазиши бод бинишинанд. Ҳамчунин, ба баррасии хӯрок ва ангезаи падидоварандаи беморӣ, ки бисёр аз лашкариёнро бемор кардааст, бипардозанд ва аз онҳо дурӣ кунанд.

**Шеваи дарёнавардӣ:**

Беҳтараст касе, ки мехоҳад ба дарёнавардӣ бипардозад тӯшаи худро аз афшурдаи ҷӯшонидаи меваҳо ва доруҳое, ки ба онҳо одат кардааст, баргузинад. Хӯроки хешро чанд рӯз пеш аз оғози сафар бикоҳад ва онро аз гунаи нерӯбахши шикамба қарор диҳад. Ва рӯзе, ки мехоҳад ба дарё равад, ба об нигоҳ накунад. Хушбӯкунандаҳоро бибӯяд ва ҳар аз чанд гоҳ доруҳои оромкунандаи дилошубиро, ки дар ҷои худаш ёд кардем, бихӯрад. Чунончи бо ҳамаи инҳо дилошӯбӣ ва болоовардан барангехта шуд, бояд чандин бор боло оварад, зеро барояш зиёне надорад, агар боло оварданаш бештар шуд, афшурдаи меваҳо ва сумоқ ва донаи анор ва монанди он бихӯрад. Агар хеле зиёд гашт ва нигаронизо шуд, бояд дармони беморӣ ҳайзаро (вабо) анҷом диҳад.

**Он чи аз пайдоиши шапуш ҷилавгирӣ мекунад ва онҳоро нобуд месозад:**

Аз тағйири обҳо ва хастагӣ ва арақ кардан ва касиф будан ва коҳиши обтанӣ ва иваз накардани пӯшоки тан, шапуш падид меояд. Он чи аз он ҷилавгирӣ мекунад, то

онҷо, ки битавонад, обтанӣ ва шустушӯ кунад ва дар анҷоми он ҳеҷ гуна даранге надошта бошад. Ҳамчунин иваз кардани тани пӯшишҳо ва пӯшидани катон аст, ки тор ва пуди он аз зистани шапушро кунд мекунад.

Агар ҷеваи мурдаро бо равған биёмезанд ва рӯи ҳалқае аз чашм бирезанд ва онро ба гардан биёвезанд, шапушро нобуд месозад ва ё барги аздорахт (озоддарахт) ё барги дафлӣ (чанор)-ро дар равған бигузоранд ва бо он танро равғанмолӣ кунанд ва ё ин сариштаро даҳ рӯз ба тан бимоланд.

**Он чи аз тирагии чеҳра дар баробари хуршед ва бод ҷилавгирӣ мекунад:**

Дар соя қарор гирифтан ва пӯшонидани чеҳра аз ин гуна осебҳо ҷилавгирӣ мекунад. Агар ин чунин набошад бояд катиро, нашоста, самғ, луоби тухми хушкшудаи асфарӣ ва луоби донаи биҳи бо сафедии тухми мурғ ё оби раҷла омехташударо дар тӯли роҳ ба чеҳра бимоланд ва дар ҳангоми истироҳат шустушӯ диҳанд. Аз ин гузораи боло ҳар кадом аз маводро ба танҳоӣ ва ё ҳамагиро бо ҳам ба кор баранд, судманд мебошад. Ва ё сафедии тухми мурғро бо ҳамроҳии такиро ба чеҳра бимоланд. Вале агар симо рангпарида шуд, онро як шаб бо қайрутӣ ва чарби мурғ ва шири занонро бар он бимоланд ва фардо бо оби доғ ва орди нахуд бишӯянд. Агар тирагӣ бисёр бошад онро бо марҳамҳое, ки дар бахши ороиш ном бурдем, дармон кунанд.

**Он чи аз таркхӯрдагии пошна ва кафи по ҷилавгирӣ мекунад:**

Барои дармони таркхӯрдагии пошна ва барои нарм шудани кафи по, онро дар оби доғ бигузоранд то ба хубӣ нарм шавад. Пас аз он гирдкатиройӣ чун сурма дуруст шударо рӯи он бигузоранд. Пас аз он молиши сахт диҳанд, зеро ба хубӣ мезидояд. Доруи дигар барои ҷилавгирӣ аз таркхӯрдагии пошнаи по, молидани зифт мебошад, ё порчаеро дар равғани хийсонда зери кафи по бигузоранд ва ҷураб бипушонанд ва аз гарду ғубор бипарҳезанд.

**Доруи коро барои тарки пошна ва кафи по:**

Чарби бузро об карда ва бо мозуи нарм соида биомезанд ва обшудаи онро дар шикофи таркхӯрдагиҳо бичаконанд. Барои шикофҳои жарф, ки дар гӯшт фурӯрафта, мурдосанги соида панҷ дирам бо бист дирам равғани зайтунро дар потилӣ бипазанд ва ончунон биомезанд, ки ҳамчун қатрон шавад. Сипас рӯи он се дирам қана, ки ҳамон борзид аст, бирезанд ва бипазанд ва то сафт шавад ва ҳангоме, ки сард шуд ва он ҳангоме аст, ки ба бастагии зифт шал расида бошад. Сипас қатраҳои аз он, ки ба сурати обшудааст, дар шикоф бичаконанд. Ҳамчунин барои шикофҳои кӯҳна ва фурӯрафта дар гӯшт, сандрус ва равған ва тухми онро бо ҳам бипазанд то бастагӣ сифате пайдо кунад, сипас дар он қатраҳое бичаконанд. Ё равғани почаро бо андаке қина оҳиста бипазанд то бастагӣ сифате дар он наоён шавад сипас онро ба кор баранд. Шоистааст, ки пои таркхӯрдаро пеш аз дармон дар оби доғ гузошта то гарм ва покиза ва нарм шавад, пас аз хушк кардан аз доруҳои гуфташударо ба кор баранд. Пас аз он попӯшӣ ба по кунанд.

**Соиши падидомада аз саворкорӣ ва аз попӯш ва дами пой:**

Агар харош ва соидагӣ аз саворкорӣ ва ҷуз он дар пушти тан рух диҳад, бояд аз паймудани роҳ боз истад ва рӯи он бисёр оби сард бирезад, то доғи он фурӯкаш кунад ва онро бе пӯшиш гузорад то эҳсоси роҳатӣ бинамояд. Чунончи ором нашуд, порчаи катониро бо гулоби сардшуда хис кунад ва рӯяш бигузорад ва ҳангоме, ки нимгарм шуд дубора такрор шавад. Вақте гармӣ ва тундии он фурӯкаш кард бо мардосанг ва гулоб онро хориш диҳад ва рӯи он агар ба ҳамроҳи соидагӣ сӯзиш ва дард бошад марҳами сафедоб (сафедоби қалъӣ) ба кор барад.

Дармони таъвиломада аз тангии попӯш, шикофтани онҳо ва сипас пошидани оби сард бар онҳо мебошад. Пас аз он молидани ҳазаз ва ақоқиё ё гули арманӣ ё мозуи соида дар об ва ё пошидани гулнори нармшуда рӯи он мебошад.

**Заминхӯрданҳо ва зарбдидагии сар ва дигар ҷойҳои тан:**

Чунончи заминхӯрдан ва ё зарбдидагӣ пеш ояд, беҳтараст ҳамон ҳангом аз раги бахши мухолифи осебдида, хун гирифта шавад ва аз хӯрдани гӯшт ва бавижа шароб худдорӣ гардад ва ҷои зарбахӯрдаро марҳамҳои нерӯзо понсимон шавад. Агар заминхӯрдан бо сар бошад, бояд аз раги қаифол зада хун гирифта шавад ва сариштае аз сиркои норас бо равғани гули сурх ва се баробари он гулоб рӯи он гузошта ва молида шавад ва аз онҳо низ хӯрда шавад. Се шабонарӯз ба бемор танҳо оби ҷав дода, то аз падид омадани омоси гарм дар бахши мағзӣ дур бимонад. Нишонаи тандурустии он парешон андеша ва ҳуши бемор аст

Чунончи пас аз замин хӯрдан ва ё ҳаргуна зарбдидагӣ ба сарбаҳамхӯрдагии хурд дар бемор намоён шавад, беҳтараст хунгирӣ аз вай бештар гардад. Бар сари ӯ равғани гули сурх ва гулоб ва сиркаи норас бештар рехта шавад ва сипас рӯи он барги ос ва гулнор ва пӯсти анор, ки дар сирка ва оби хубла ва пухташуда гузошта шавад. Сипас, андаке сак ва уд ва найи зарира рӯи он гузошта шавад. Пас аз он рӯи сар омехтаи сирка ва об ва шароби кӯҳнаи бандоваранда, гузошта шавад, ва шикамро бо оби мева ва танқияи мулоим ва молиш перомуни он, нарм намояд ва аз ҳар коре, ки ангезаи бисёр такон хӯрдани мағз мешавад, ҷилавгирӣ гардад. Хӯрдани мағзи мурғро аз рӯзи саввуми зарбдидагӣ оғоз кунад то онҷо, ки битавонад, идома диҳад, вале бояд пеш аз он танҳо ба нӯшидани оби ҷав омехта бо андаке оби анори милс басанда кунад, ки коротарин чизеаст, ки ман мехоҳам дар инҷо бигуям.

**Дармони афтоданҳои рӯи сина ва перомуни он:**

Аз раги босилиқ хун гирифта шавад ва нармҷӯёна бо ӯ бархурд шавад. Агар ба ҳамроҳи он хун даромадан аз даҳон ва боло овардан ва ё пайдоиши хун дар пешоб ва ё дар пайхол бошад, бояд доруҳоеро, ки ном бурдаам ба кор бурд ва агар ин нишонаҳо идома ёбад, ба дармони ҷое, ки дар он осебе рӯхдода (ва мо низ бемориҳо ва нишонаҳои онро хоҳем гуфт), бипардозад.

Нишонаи афтодани сахт рӯи сар, парешонии хирад ва андешааст, ки андозаи он ба андозаи сахтӣ ва сабукӣ афтодан мебошад, вале сахт афтодан ба рӯи сина ва перомуни он ва шикам ба андозае аст, ки тангии нафас меоварад ва хун баромадан аз даҳон дар пай дорад.

Равияе барои зарбдидагиҳои сахт: ровандчинӣ як бахш ва фувва ва лаки тамизшуда ва гӯли махтум аз ҳар кадом ним бахш бо ҳамроҳии нахуди хийс хӯрда ду то чаҳор дирам мебошад.

Мош ва биринҷ ва адас ва нахудро низ ба эшон бихӯронанд.

Доруи дигар барои заминхӯрдани сахт ва хун баромадан аз даҳон: Мумиё ва гӯли махтум бо андаке шароби хурмо бандоваранда мебошад.

Доруи молиданӣ барои замин хӯрдани сахт ва зарба ва раг ба раг шудан (васӣ): муғот як бахш ва моши пустканда як бахш ва гули арманӣ ним бахш ва ақоқиё ва сабр ҳар кадом як чаҳорум бахш бо оби ос ба сар шудан ва ба ҷои осебдида бимоланд.

Доруи молиданӣ барои заминхӯрданӣ, ки бо таб ва омоси гарм ҳамроҳ бошад: гули сурх бо адаси пусткунанда ва гули арманӣ ва шиёфи момисо ва сандал ва фулфилро бо гулоб ба рӯи омос бимоланд.

Доруи барои касоне, ки аз зарбдидагӣ ва ё заминхӯрданҳои сахт дучори хунрезии бисёр мешаванд: Каҳрабо ва гули арманӣ ва гулнор ва хуни сиёвашон ва лак ба гунаи баробар фароҳам карда ба вазни се дирам, ки бо як вақия симоқи хийсонда ва як донак тарёки тоза биомезанд. Сипас, доруи бадастомада ба бемор дода мешавад, ки дарҷо хунрезиро банд меоварад. Бояд хӯроки ӯ хӯрокиҳои бандоваранда бошад. Дармони раг ба раг шудан сабук ва сангин ва чигунагии нерӯбахшӣ ва оромкунандагии он: Ҷои осебдидаро равғани гули сурх бимоланд ва бар он гирди ос бипошанд ва ором онро бибанданд.

Ранги сабзмонда пас аз зарба ва афтодан метавон бо ончи бар бахши ороиш ёд кардем дармон кунанд.

Гуфтори шашум бо кумаки Худованд, ки сипос ва некӣ аз они ӯст ба поён расид

# ГУФТОРИ ҲАФТУМ ПЕРОМУНИ ШИКАСТАГИҲО, ПОРАГИҲО, ЗАХМҲО, ДУМАЛҲО, СӮХТАГИҲО

**Калимот ва гӯшаҳо дар ҳунари шикастабандӣ**

Бештар касоне, ки дар ин ҳунар кор мекунанд, шикастабанд хонда мешаванд. Дониши ин гурӯҳ дар пояи дониши пизишкӣ ва хондани китобҳои пизишкони бузурги гузашта ва ҳол намебошад. Бештари эшон аз таҷрибаи омӯзгорони бесавод, ин фанро фаро гирифтаанд. Камтар миёни онҳо мебинем, ки китобҳои донишмандони пешинро дар ин ҳунар хонда бошанд ва ё аз омӯзгори доно, таҷриба омӯзанд, ки ин китобҳоро хонда бошанд. Балки бештар касоне, ки ин корро анҷом медиҳанд ва пешаи худ сохтаанд бесаводон ва рустоён мебошанд, ки бо шинохти андаки хеш беморихои (осебҳо) сахт ва бадиро барои беморони дармонкардаи худ падид меоваранд. Ман куллиёте аз ин ҳунарро дар инҷо ёд мекунам, ки агар андешаманде онро пояи кори худ бигузорад метавонад ҳар намунаро ба ҷои худ бахубӣ ва дақиқ ва беҳтар аз онҳо дармон кунад ва дармони худро рост ва дуруст ва устувор намояд. Нахуст барномаи хӯрокиро гузора мекунам ва сипас кашидани устухон ва ҷодохтани ва сипас аз он дармон осебдидагии зардпайҳо. Ва сипас дармони шикастагиҳои шикофтае (боз), ки дар он устухонҳои борик ва пайҳо осеб дидаанд ва пас аз он шикастагиҳои озод ва пас аз он халъ (раг ба раг шудани моҳича) якоякро гузора мекунам.

Бидон, ки мардуми авом касеро, ки дар ӯ шикастагӣ ва ё дуррафтагии устухоне аз банд ва ё печхӯрдагӣ падид омадааст, водор ба хӯрдани меваҳои тару тоза ва шӯрбоҳо ва гунаҳое аз ширинӣ ва ҳалво ва гӯшткабоб шуда ва ё ҳар хӯроки кабобшуда ва ошомидани шароб менамоянд. Бидон, ки ҳеҷ чизе беҳтар аз инҳо, барои сохтани омоси гарм дар

чунин ҷое ва ё бо чунин равиш намебошад. Вале мо барои дармони дуруст дар оғози падид омадани шикастагӣ ё куфтагии мохичаҳо ва ё дуррафтагӣ, нахуст равиши муносибро дар барномаи кори бемор мегузорем ва мегӯем, агар он бемор нерӯманд бошад бояд раги ӯ зада шавад ва ҳамчунин равонкунандаҳоро ба кор бибарад то эмин гардад. Ҳамчунин эмин аз сарозер шудани маводи пилшат ба ҷои осебдида шавад ва бо падид омадани омоси бузург ва сифт ва гандида дар ҷои осебдида, дар амон бимонад, бемор тавонистааст, ки аз ин шароит гузар кунад ва эмин аз падид омадани омоси гарм гардад. Ман ба касе, ки дорои даррафтагӣ ва куфтагии моҳичааст дастур медиҳам то хӯи зиндагии рӯзонаи худро дунбол намояд. вале касе, ки дорои шикастагӣ аст дар ин ҳолат ниёз дорад, ки бастагии хуни ӯ боло равад ва часбноктар шавад, то дар сиришти тани моддае сохта шавад, ки дар он ҷӯш хурдани шикастагӣ бошад. Аз чизҳое, ки ин модда дар даруни он дида мешавад ҳамчун ҳалим, кала ва поча, гӯшти бузғола, барра, шикамбаи гов, тухми мурғ, вориз (биринҷ) ва моҳии тоза ва ҷуз он аз хӯрокиҳои сангин ва часбнок мебошад, бихӯрад ва низ нӯшиданиҳои бо бастагӣ боло бинӯшад. Чунончи ин равиш анҷом шавад шикастагӣ ба хубӣ ва тундӣ ҷуш мехӯрад. Дар оғоз бояд ба хӯрдани сабзавоти сард ва тухми гиёҳҳон ва нӯшобаҳое, ки масткунанда нестанд ва гӯшти парандагон ва бузғола рӯй оварад ва аз шароб дурӣ кунад.

Кашидани андом ва ҷодохтан бояд бисёр ором ва нарм ва бо камтарин дард анҷом гирад. Чун чизе беҳтар аз дард барои падид омадани омос нест. Бештар аз ин нодонон барои он, ки ба мардум сахтии кори худро нишон диҳанд, кори кашидани онро сахт анҷом медиҳанд ва ҷое, ки дорои куфтагӣ ва печхӯрдагӣ аст, бо фишор мепечонанд, дар ҳоле, ки ҷои куфта ва печхӯрда ниёзе фишӯрдан бо даст ва кашидани он нест. Балки беҳтар аст танҳо понсимон шавад.

Ҳамонгуна, ки пеш аз ин гуфтем ва ором ва бедардии по порча баста шавад. Бештари эшон осебҳои падидомадаро ба гунае нишон медиҳанд, ки шикастагӣ ё дуррафтагӣ пеш

омадааст ва ҳол он ки осеби шикастагӣ ва ё дуррафтагии устухон чизе бисёр ошкор аст ва пинҳон шуданӣ намебошад. Чун ба ҳамроҳи он кач шудан дар шакли андом ва мунҳариф шудани он ба канори пӯст аз як сӯ ва аз самти дигар фурӯрафтагӣ ва гудшудагӣ пайдо мешавад, ки бар ҳеҷ бинандае пушида нест. Вале дуррафтагии банди бозӯ ва банди шона ва дуррафтагии банди варак аз дида пинҳон мемонад, масалан агар сари бозӯ аз банд берӯн ояд ва ба сӯи зери бағал равад ва сари устухони рон, ки дар кашолаи рон аст ба сӯи варак (таҳигоҳ) гарояд, ва чун дар онҷо гӯшти фаровон аст ин шикастагиро аз диданҳо меканад. Дар ин ҷо нишони лозим барои шинохти дуррафтагии банди шона, пай бурдан ба як барҷастагӣ куруи шакл аст, ки дар зери бағал ламсшуданӣ мебошад. Вале дуррафтагии рон барҷастагӣ дар кашолаи рон ё дар бахши берӯнӣ аст. Бемор тавони боз кардани моҳичаҳое, ки миёни соқ ва рон аст дар ростони дуррафтагии бандро нахоҳад дошт.

Шикастагиҳо агар кӯчак набошанд кач шудани онҳо аз чашм пинҳон нахоҳад монд, вале агар кӯчак бошанд бо гузоридани даст рӯи он метавон ташхис ба барҷастагӣ дар як сӯ ва фурӯрафтагӣ дар сӯи дигари онҳо дод ва пинҳон шуданӣ нахоҳанд буд. Ва агар ҳангоми молидани даст рӯи он овои устухон ва хаш – хаши он биёяд, он низ нишони шикастагӣ мебошад. Ҳангоме, ки бо гузоридани даст рӯи ҷои осебдида на качи ва на барҷастагӣ ва на фурӯрафтагӣ ва на овои хаш – хаш дида шавад дар онҷо на дуррафтагӣ ва на шикастагии устухон хоҳад буд, ниёз ба кашидан ва фишор додан дошта бошад. Балки он куфтагӣ ва ё шикастагии сода ва кӯчаке аст, ки беҳтар аст бо кашидан онро такон диҳанд. Чун ин кор, беморро озор медиҳад ва осебро бузургтар мекунад ва бузургтарин иштибоҳ ва зиёнро ба фарди осебдида мерасонанд. Дар чунин ҳолат агар ин нодонон рӯ ба кашидан ва фишор овардан биёваранд, бояд аз ин корашон ҷилавгирӣ кард ва дастур дод, ки ҷои осебдидаро ба нармӣ пок ва понсимон кунанд ва ба гунае ором

бибанданд, ки барои он дарде падид наёварад, ки бемор ба чизе ҷуз ин ниёз надорад.

Ман намунаи шигифтангез ва расвокунанда аз ин гурӯҳи нодон дидаам, ки чунин будааст.

Фарде аз заминхурдан дучори дард ва омоси андак дар миёнаи бозӯ шуда буд, ҳангоме, ки яке аз ин шикастабандони нодон вайро дид, гуфт: бозӯи бемор дучори дуррафтагӣ шудааст. Он нодон то ин андоза, шинохти андак дошт, ки намедонист дуррафтагӣ дар банд падид меояд на дар миёнаи устухон ва ба кашидани сахти устухон аз ду сӯи он рӯй овард. Аз ин кори ӯ ҷилавгирӣ кардам ва ҷои осебдидаро бо равғани гули сурх пӯшондам ва бар он ос соида, пошидам ва ба оромӣ онро бастам ва аз раги дасти дигараш хун гирифтам. Пас аз се рӯз бастан онро боз кардам, ки ниёзе ба дармони дубора ё дармони дигаре надошт.

Сухан дар бораи кашидан ва ҷо андохтан ва бастан ва дигар дармонҳое, ки ҳар андоме аз тан аз ин осеб раҳоӣ диҳад, аз андозаи ин китоб ва ҳадафе, ки мо дар нигориши он дорем берун аст. Албатта барои баррасӣ ва ковиши бештар ниёз ба чандин баробари ин китоб хоҳад буд, вале чун ҳадафи мо дар ин китоб овардани нуктаҳое аст, ки андешамандоне аз оммаи мардум ва ононе, ки ба ин кор даст мезананд, битавонанд ба содагӣ ва бе онки ниёзе ба жарфнигарӣ ва гузофагӯӣ ва зиёдакорӣ дошта бошанд, ин китобро бихонанд. Сипас, дармони хубро барои бемор анҷом диҳанд. Пас, ин китоб метавонад ба онҳо ин донишро биомӯзад.

Чубҳои шикастабандӣ бояд бисёр ҳамвор, рост ва нарм бошанд ба гунае ки канорхои он ҳеҷ гуна фишори руй ҷойи, ки ҳамвор нест наёварад. Ҳамчунин фишорро низ андак-андак бояд зиёд намоянд то ҳама ҷойи устухони каҷшударо фаро гирад.

**Шикастагиҳои боз:**

Беҳтар аст бондож нахустин руйи даҳонаи болои поргӣ қарор гирад.

Порчаеро ба даври он печонида ва ба суйи болоии барванда ва бондижа давмро руйи даҳонаи пойини захм баста ва онро ба суйи пойини поргӣ бибуранд, вале даҳонаи миёни

захмро боз гузоранд, ҳамаи бандиҳоро каме шил ва суст банданд ва ҳар рӯз ё як рӯз дар миён онро боз кунанд ва руйи даҳонаи поргӣ гузаронанд то хунбаҳои омосронда ва гармии он коста шавад, ки дар ин ҳангом руйи даҳонаи захм бояд марҳаме барои руёнидани гӯшт бигзоранд.

**Шикастагиҳое ки дар он устухонҳо хурд шуда, вале пӯстро пора накардааст:**

Дар ин гуруҳ аз шикастагиҳо, ки газандагӣ ва дарди бисёр надоранд то он ҷо ки бишавад бояд бо молиш додан ва даст кашидан руйи он андоми осебдида кашида шавад ва рост ва устувор гардида ва ором баста шавад. Аммо дар дастҳои дигар, ки дарди бисёр ва ҷонкоҳ дорад бастабандӣ нашавад, чун омос ва гӯшти мурда дар ҳамаи устухон падид меоварад. Беҳтар, аст руйи он шикофта шавад. Агар шикастагии устухон ба гунае бошад, ки ҷобаҷойии он дида шавад боиста аст, ҷобаҷойии онро ҷо андохта чунончи ҷобаҷойи дида нашуда ва дарди сахт ва пахш шаванда дошта бошад. Бояд онро бо дармони шикастагиҳои шикофташуда (боз) дармон кард.

**Даррафтагиҳо:**

Беҳтар аст ҳангоми руй додани даррафтагӣ, ба сард кардани он бипардозанд яъне пеш аз онки омос кунанд.Чунончи онро ба ҳоли худ раҳо кунанд то омос намояд ё рӯ ба омос кардан биоварад беҳтар аст дар ин ҳангом онро ба гунаи гузаштаи худ боз гардонанд, чун агар дар ин вазъият кашида шавад, бештар ангезаи гирифтагии андоми бемор мешавад.

Инҳо нуктаҳо ва нозукбиниҳое аст, ки ёд кардем. Ва инҳост ки агар фаромуш шаванд ва пайгири нагарданд осебҳо ва озорҳое аз ноогоҳии шикастабанд ба фарди осебдида ворид меояд, вале агар ин нукот ба кор бурда шаванд аз нодонии ин шикастабандон бадавр мешаванд, дар ин сурат аз озмудагӣ ва дониши эшон метавон суд бурд.

**Нарм кардани сахтшудагиҳои баҷомонда дар андомҳо пас аз ҷуш хӯрдан:**

Пас аз ҷуш хӯрдани устухонҳои шикаста, сахт шудагиҳои дар андомҳо дар ҷойгоҳ ба ҷойи шикастагӣ мемонад, ба вижа

агар шикастагӣ наздики банд бошад. Чи басо озордиҳанда бошад ва аз ҷунбишҳои одамӣ ҷилавгирӣ кунад. Аз доруҳои нармкунандаи он мекунад, бисёр рехтани оби доғ равғанмолӣ кардани он чойгоҳ мебошад. Агар бо чарбӣ ва мағзи устухон понсимон шавад, судманд аст ва ҷуш хурдани онҳоро беҳтар ва коротар мекунад. Чунонки онро гузора хоҳем кард.

**Нарм ва об кардани дашбиз ва нарм кардани сахтшудагиҳо ва кашидагиҳо:**

**Доруи нарм ва обкунандаи душбаз ва сахтшудагиҳои андомҳо:**

Мумии зард як вақия, равғани савсан шаш вақия ва чарбии урдаки обшуда ва соф гашта як вақия ва мағзи устухони соқи гов ду вақия гирд оварда биёмезанд ва ба кор баранд.

**Доруи дигар: неруманд дар баргардонидани андомҳое, ки ба ҳам наздик шудаанд:**

Дардии равғани савсан як вақия, дардии равғани базар як вақия, лабни (майа, сойла), борзад, говшир ва ашиқ аз ҳар кадом ним вақия ва мақули нарм як вақия ва чарбии хирс ду вақя биёмезанд ва руйи он бимоланд.

Агар дишавл наяфтад, чарбии урдак ё чарбии мурғ як вақия беҳтарини он чарбии хук ду вақия бо широбаҳои дарҳовнида шуда сипас бо шароби хурмо омехта гардад, то хуб биёмезад, вале бояд хуб мутавачеҳ буд, ки хеле шил нашававд. Он гоҳ бояд бар он дигар доруҳоро рехта ва молиш дода, то як даст шаванд ва понсимон бо он анҷом шавад.

**Доруи дигар: хушбуйи барои танӣ осоён:**

Мумии зард як вақия, равғани бон шаш вақия, мастаки сиёҳ ва шир аз ҳар кадом ним вақия гирд оваранд ва ба кор баранд.

**Кулиёт ва гӯшаҳое аз дармонпоргиҳо ва захмҳо ва думалҳои чиркин:**

Вазъияти афроде ки бо ин фан бо гунае ки дар иртибот ҳастанд наздик ба ҳоли шикамстабандиҳост, ки пеш аз ин дар бораи онҳо гуфтем. Эшон дорои шинохти андаке ба усул ва қавонине ҳастанд, ки дурустии дармон вобаста ба он аст. Аз

ин ру беҳтар аст усулеро ёд кунем ки эшонро дар ин гуна дар монҳо аз афтодан дар иштибоҳи бузурге барканор дорад.

**Поргиҳо:**

Агар поргии кӯчаке бошад онро бо банде мебанданд, то даҳона ва жарфои он ба ҳам оянд, ниёзе ба дармони дигаре ҷуз ду болишти кӯчаке (пуд) ки рӯ ва зери он бигзоранд ва ду сари онро бибанданд ва беморро аз анбоштагии хӯрока ва нӯшиданӣ бипарҳезанд. Ва чунончи миёни ду лабаи поргӣ мум ё равған бимоланд ва аз ҷуш хурдани он ҷилавгирӣ хоҳад кард, бисёре аз касони ноогоҳ ба хилофи гузораи мо дармонро анҷом медиҳанд, ба гунае, ки руи захм марҳаме мегузоранд ва беморро водор ба хурдани гӯшт ва хӯрокиҳои нерубахш мекунанд, ки барои бемор раҳоварде ҷуз омоси чиркин дар ҷойи поргӣ нахоҳад дошт, ки муддати дароз дар он ҷо мондагор хоҳад шуд. Чи басо андом ба осонӣ ба суйи гандидан ба вижа дар тобистон биравад. Ин захмҳо ҳамон гуна ки гуфтем, як то се рӯз бе он ки ниёз ба доруе дошта бошанд, беҳбуд меёбанд.

Агар поргӣ захмӣ ва бисёр жарф буд дар ин ҳангом ниёз ба дармони доруҳои руёнандаи гӯшт хоҳад дошт, ки гузораи онро хоҳем дод:

Захмро бояд бипойем, то омос накунад ва порчаи хийсондаи дар сирка ва об руйи он гузорем ва ҳар дам руйи он памодҳои сардизо ва сардкунанда гузорем, ба вижа агар ҳамроҳи дард, гармӣ ва ё андаке хунреза дошта бошад. Беҳтар аст аз бемор бо раг задан, хун гирифта ва бо сард кардани он, беморро дармон кард.

Чунончи даҳони поргӣ танг, вале жарф бошад. Беҳтар аст покиза нигоҳ дошта шавад ва бар даҳонаи он памоде бигзоранд то даҳони он баста шавад. Чун агар даҳона баста шавад ва бахше жарфнокии он ҷуш нахурда бошад, хуноба ва чирк дар он бисёр гирд хоҳад омад, ки мумкин аст ногузир аз боз кардани даҳона шаванд. Ва чи басо ҳамаи андом табоҳ гашта ва дар он думали чиркин ва табоҳкунанда шакл гирад. Аз ин рӯ беҳтар аст дар даҳонаи захм фатилае бигзоранд ва то ҳангоме ки бихоҳад ҷуш

бихурад ва онро пайваста бо чарбӣ ва равған хийс намоянд, то даҳонаи он баста нашавад.

Дар ин ҷост, ки иштибоҳи ноогоҳона оғоз мешавад ва даруни захме ки имкони хӯрдани ҳамаи он ҳаст,равған (зайтун) мерезанд дар ҳоле ки бояд ончи аз доруҳо ки ба унвони дармон кардан ба кор мерафтагиро руи фатилае бимоланд, сипас фатиларо бар даҳонаи он бигзоранд то даруни захм низ аз он суд бибарад.

Агар ба ҳамроҳ бисёр жарфнок будани поргӣ ва кушодии даҳонии он низ бошад. Бояд бинигаранд, агар порча ба гунае баста шавад ки ҳамаи даҳонаи поргиро хуб гирд оварад, дигар ниёз ба бахия задан(духтан) намебошад ва бештар дар паҳноии тан рӯх медиҳад. Вале хуб ва сахт бастани порчаи бахши дарунии онро дар бар гирад, вале бояд бастани руйи даҳонаи он шил ва нарм баста шавад. Ҳамвора бояд шакли андоми шикофташударо дар назар дошта ва ба гунае баста, ки гиреҳҳояш ба даҳони поргӣ ба пойин бошад, то хунбаҳо аз он берун резад, агар чунин баста нашуда бошад, бояд дармонгар аз рӯзи дуввум то чаҳорум пас аз бастани захм диранг кунад ва бибандад, ки оё фурурафтагии захм коста шуда ё не? Сипас бингарад ки оё ҳеҷ гуна хуноба ва чирке дар он гир накарда бошад? Ки агар чиркобае набошад ниёзи дармони дигаре надорад ва чунончи хунобаи бисёре аз он сарозер шавад. Бояд бахши пойини онро ба суйи боло фишор дод.

Кори дуруст он аст дар пойини умқи поргӣ (захм) шикофие падид оварад, ки роҳи барои берун рафтани чирк пайдо шавад.

Барномаи хӯроки бемор ҳамон ёдкарди мо дар бахши шикастабандӣ аст. Равиши бархурди нармҷуёна ва сад намудани ҷойи осебдида аз оғози падид омадан то чандин рӯза ҳамон аст, ки дар пеш гуфтем ва чунончи бемор дучори анбоштагӣ шуда бошад, раги вайро мезанад ва агар замоне даври аз равонкунандаҳо истифода накарда бошад, вайро водор ба бакор бурдани онҳо мекунанд, то аз руй додани омос ҷилавгирӣ намояд андак-андак ва ба гузари рӯзҳо бастанро сифаттар мекунанд то равиши гӯшт афзоиш ёбад.

**Думалҳо:**

Думалҳо агар расида бошанд бубинем ниёз ба шикофтан дошта бошад. Бояд то он ҷо ки битавонад пойинтарин бахши онро шикофт. Агар барҷастагии думал кӯчак ё бузург бошад ин шикофтан бояд дар дарозии тан бошад, на паҳнои он ва низ дар ҳама масир баробар буда ва ба гунае, ки пеш барнабардорад. Дар ҷойҳое ки дорои хамидагӣ ва фарбегӣ ҳаст, хати шикоф низ роҳи худро бояд ба ҳамон гуна бипаймонад. Агар думал наздики банд ва ё дар ҷойи арақ кардан бошад, бояд ба шикофтани он даст зада ва чунончи диранге дар шикофтан пеш ояд, чи басо устухони он лахт ва намоён шавад ва зардпай ва бандро табоҳ созад. Вале дар ҷойе, ки гӯште мебошад, беҳтар аст, он раҳо шавад, то расиданаш ба хубӣ анҷом пазирад.

Чунончи думал пеш аз расидан шикофта шавад замоне сарозерии хунобаҳои он ба дарозо мекашад ва хеле чиркин мешавад ва чи басо пас аз сарозер шудани хунобаи чирколуд, лабаҳо ва жарфои он сахт шавад. Агар думал бузург бошад, беҳтар аст ҳар чи дар даруни он аст, якбора берун наравад, ки ангезаи беҳуш шудани бемор мегардад. Беҳтар аст, чиркоба андак-андак берун равад, ба вижа агар бемор нотавон бошад.

**Захм ба чанд ангеза сахт ва бо диранг беҳбудӣ меёбад.**

- ба илати андак будани хуни тан;
- бадхаим будани он;
- қарор гирифтани гӯшти сахт дар дарун;
- лабаҳое, ки гӯште аз он намерӯяд;
- будани як бофти бад;
- будани устухон дар захм;
- пур аз хунобаи чиркин будани захм;
- созгор набудани доруи бакор рафта дар он;
- худ думали чиркин ва бадхайм бошад;
- падид омадани навсонҳое дар омезаи бемор;
- будани ворис (дуволе болои он)

Чунончи думал ва перомуни он каме ранги сурх бошад ва омоси хушкида ва кӯчак набошад ва тани камҷон,

фарсуда ва камхун бошад, инҳо ҳама нишонаи сахт беҳбуд ёфтани он ва камии хун аст, ки бояд бо оби доғ рӯзе чандин бор компресс шавад, то пӯсти ӯ сурхранг шавад. Албатта корҳое, ки барои бемор анҷом мешавад, сахтгирӣ лозим дар дармон аст ва онро бо марҳами сиёҳ дармон карда ва перомуни онро молиш додан мебошад.

Агар тан аз назари ранг ва латофати пӯст бад бошад, иллати осеб, паст будани хун мебошад, ки бо раг задан ва ба кор бурдани равонкунандаҳо дармон мешавад, сипас бояд ба дармони думал руй оварад.

Агар бар лабаи суза бофте сахт падид омада бошад, бояд онро хориш дод, то аз он хун биёяд ва агар сифте дошта бошад, бояд бурида шавад ва пас аз он дармон гардад. Агар он (сифтӣ) дар жарфои думал бошад ва ҳама умқ ва даҳонаи захм хушкида ва нозук шуда бошад, дар он ҳангом беҳтар аст бо чархондани василае ба даруни он боиси хун омадан шавад. Сипас дармон анҷом гирад. Бояд ҳама бистари захмро низ шикофт ва хоронд ва дармон кард. Чунончӣ натавон ҳамаи умқро шикоф дод, пас бояд василаеро ба гунаи рост ба даруни он ҳидоят кард, то битавон доруи тундро ба дарун фиристод ва сипас бо равған онро дармон намуд, то бофти бадро хӯрда шавад. Пас аз он ба дигар дармонҳои лозим пардохт.

Агар захм дубора думалӣ ва чирк оваршавад ва аз он хунобае обакӣ берун ояд ва кӯҳна гашта ва ба дарозо кашида шавад, дар жарфои он устухони табоҳшуда низ бошад. Бояд миларо ба даруни захм фурӯ кард ва бо василаи он захмро баррасӣ намуд. Дар ин ҳангом захмро то устухон бишикофед ва устухонро бар пояи баррасии андозаи бофтаи мурда бисоед ва ё арра кунед ва ё бибуред, сипас бо донаҳои гилҳои равонандаи гӯшти (бофта) нарм гӯшти онро дармон кунед ва агар беҳбудӣ наёфт, онро бишкофед. Пас аз он бо доруҳои тунд ва бо равған дармон намоед, то устухон намоён шавад, сипас ба дармоне, ки ёд кардем, бипардозед.

Агар захми гандида ва бофтаи он суст ва бад бошад, бар он доруи тунде бигзоред, то он бофт хушк шавад, сипас бо

доруҳои равғанӣ онро аз миён бибаред, ё бирезонед ва ё бофтаи табоҳшударо бисузонед, то фазо барои равиши бофтаи нав боз гардад. Сипас бо доруҳои равғанӣ дармон кунед то бофтҳои (пӯсти) бад ва хушкреша бияфтад ва пас аз он дармони аслиро анҷом диҳед.

Агар дар болои он ворис бошад бемор бояд раг зада шавад ва чандин бор аз равонкунандаи пахти афтимун истифода кунед ва барномаи хӯрокаи ӯро дуруст кунед ва онгоҳ ба дармони захм бипардозед. Чунончи дору носозгор бо он бошад, ё онро бисёр доғ кунад, ки нишони он сурхӣ ва таби омос мебошад. Дар ин ҳангом марҳами сардизое, ки ном хоҳем бурдро ба кор бибаред ва ё онро бисёр сард кунед, ки дар ин ҳангом дурам ба ранги сабз ё сиёҳ ва ба бастагии боло ва сахт ва омезаи сард дармеояд.

Шеваи дармон, ба кор бурдани марҳами сиёҳ мебошад ва агар нотавон аз хушк кардан (думал) бошанд, ки нишонаи он нумурӣ ва фуруҳаштагии думал ва будани хунобаи бисёр дар он аст, ки бояд аз марҳами бисёр хушккунанда чун памадаҳо думали гушо баҳра бурд. Гунае аз он бар гирифта аз гулнор ва мозу мебошад.

Агар дурахшонӣ ва покизагии он коҳиш ёбад, ки нишони часпидани бофтаи бад ва шул ба моводи чиркин аст, дар ин ҳангом дармон бо доруҳои бисёр покизакунанда чун марҳами сабз анҷом диҳед ва чунон, ки дар захм ларзиш падид ояд ва бофта нобуд шавад, ки нишонаи он дард ва сурхии омос ва таб ва гармои беандоза аст. Дар ин ҷо захмро ҳар рӯз кушодтар кунед ва дармонро бо марҳами нармтар дунбол намоед.

Чунончи ба ҷиҳати дар навсон будани омезаи бемор захми ӯ боз бошад, дар ин ҳангом дармонро дар ростои созгорӣ бо омезаи ӯ анҷом диҳед. Пас дар тан бо омезаи хеле хушк ниёзи бештар ба марҳамҳое аст, ки сабаби равиши гӯшт шавад ва он доруҳое аст, ки хушккунандагии бисёр болоиро доро мебошад. Ва агар тан бо омеза нумур бошад, захм ба марҳами нармкунанда ниёз дорад ва бофтаҳои осебдида дар жарфҳои захми бемор низ ниёз ба дармонгирии кор озмуда

ҳамроҳ ва ҳамёри бемор мебошад. Аз ин рӯ куллиёте аз дармон ва иштибоҳҳое, ки мумкин аст рӯй бидиҳадро бозгӯ хоҳем кард: чунончи рӯдаҳо ва пардаҳои (чодаринаи) шикамӣ аз ҷойи поргӣ берун бизанад ва бод кунад ва натавонад ба ҷойи худ боз гардад, пас бо шароби гарм онро (компресс) кунед, то боди он фурӯ нишинад ва ба дарун боз гардад ва чунончи ҳаво ва ҷой сард бошад, беморро ба гармоба бурда ва дасту пояшро ба гунае овезон кунанд, то пушти вай барҷаста ва болозада ва шикам фурӯрафта шавад, пас бозгашти рӯдаҳо ба ҷойи худ осон мегардад. Пардаҳои шикамро ба тундӣ пеш аз сиёҳ шудан бояд ба даруни шикам фиристода шаванд. Бояд бингаред ва пайгирии онро кунед.

Фатақи бемор пайҷуйи нашавад ва онҳо сабз шаванд. Бояд ҳар бахши сабзшудаи онҳоро бурида ва рагҳои бузургро бо нахи (бахия) борик баста шаванд ва сипас ба даруни шикам равона гарданд ва пас аз он шикофи шикам дӯхта шавад. Чунончи рӯдаҳо бо компресс кардан ба шикам фурӯ бурда нашаванд, бояд ҷойи поргиро бештар карда ва онҳоро бад ин гуна ба даруни шикам ҳул дода, сипас шикамро дӯхта донаҳои гиёҳии ҷушдиҳандаи захм руйи он пошида беморро ба пушт (тоқбоз) хобонд, ба гунае, ки моҳичаҳои пушти ӯ дар ҳам фурӯ раванд ва бояд дар нигаҳдории ӯ бисёр таваҷҷуҳ кард, ки хӯрокеро бодовар ба ӯ хӯронда нашавад.

Чунончи, захм дар наздикии асаб ё асаби даруни он қарор гирад ва танг бошад ва нагузорад, ки ҷӯш бихурад ва ба дунболи он чанд рӯзе бигзарад аз омос хабаре нашавад, бар рӯи он доруҳои бозкунанда бигузоранд ва ҳамаи андомро бо равғани зайтуни вилярм равғанмолӣ кунанд. Агар ду се рӯзе бигзарад ва дард ором шавад ва омос набошад, дар ин ҳангом бояд ба дармон бо доруҳои ҷӯшдиҳандаи бофтнарм руй оваранд. Чунончи асабе дар ҷойи захми бемор дучори ларзиш ва гирифтагӣ шавад, пас ба буридани он ришта, ки дар паҳно кашида шуда, бипардозанд ва мӯҳраҳои пушти беморро бо равғани бисёр молиш диҳанд. Беҳтар аст равғани молидани нимгарм бошад, чунончи захм ба тундӣ ба суйи бемории хӯра пеш равад. Пеш аз он ки густариш ёбад, бояд бофтро

бисузонанд ва решакан намоянд, сипас ба дармони дигар гунаҳои захм бипардозанд.

Инҳо нуктаҳо ва гӯшаҳое аст, ки ҳар кас аз даст бидиҳад, зиёни бузург бар бемор ворид месозад ва агар онҳоро нигаҳ дошта ва бад он чанг зада шавад, суде бузург аз он ба даст хоҳад омад.

**Доруҳои гӯштзо (руёнандаи гӯшт):**

Доруе, ки бофтро меруёнад ва захмҳои тозаро мечаспонад ва асари он шигифтангез аст.

**Марҳами руёнандаи гӯшт:**

Кандар ва сабр ва анзарут ва хуни сиёвашонро ба андозае баробар баргирифта ва соида ва омехта ва сипас ба руйи захм гузошта ва мебанданд.

**Марҳаме шигифтовар барои руёндани бофтаи нарм:**

Мурдосанги соида чун сурма як вақия ки бар он се вақия равғани зайтун рехта мепазанд ва такон медиҳанд, то хуб омехта шавад ва сипас кандур, анзарут, дамулахирайн ва боразд ва зифи хушк аз ҳар кадом ду дирам бар он афзуда мепазанд, то сифт шавад ва захмҳое, ки гармо надорад ба кор мебаранд.

**Марҳаме, ки дар тобистон ва дар ҳавои гармо гӯштзост:**

Мурдосанги соида чун сурмаро панҷ дирм дар сирка мерезанд ва ба ҳам мезананд, то ҳалу нарм шавад, сипас бар он равғани гули сурх рехта, ба андозае меомезанд, то суфт шавад. Ин омехтагиро як бор бо сирка ва бори дигар бо равғани гули сурх парварда мешавад, то бод кунад ва марҳамӣ гардад ва сипас бар он панҷ дирам сафедоби сурбӣ бо ҳамроҳи каме кофур рехта ва омехтаи онро ба кор мебаранд.

**Марҳами сиёҳ: марҳаме ки дар захмҳои хушк ба кор меравад:**

Мум ва равғани зайтун ва сақз ва қир ба андозаи баробар об карда, ба кор мебаранд.

Доруҳои сари думали чиркинро боз мекунад ва руёнандаи бофти нарм дар думалҳои бисёр нумур.

Мурдосанги соида як бор бо сирка ва як бор бо равғани зайтун дар ҳован хамир карда то миронда шавад ва бод кунад ва сафед гардад ва сипас русухта(русухтаҷ), сурма, гулнор, аруқ, морзу, хуни сиёвшон, зоки сафед ва қилимиёи нуқра (сухтаи сим) аз ҳар кадом як шашум, ҳамаи онҳоро гиред ва дар ҳован нарм бикубед, то якнавохт шавад ва сипас онро бар руйи пунбае гузошта бо он захмро бибандед, ки бо он гӯшт ба андозаи басанда руйида мешавад ва бо нармӣ онро бибандед, то онро сахт кунад ва ба хубӣ беҳбуд бахшад. Бо ин марҳам захмҳои бисёр чиркинро метавон дармон кард.

**Доруҳои пударӣ, ки беҳбуддиҳандаи захманд:**

Сабр, гулнор, қалимиёи кӯбида ва русахтаҷи шусташуда, ба як андоза бигиред ва ба руйи думал бигузоред.

**Доруи неруманди дигар:**

Сабр, аруқ, гулнор, мар ва мозу ба андозаи баробар бар мегиред ва ба кор мебаред, ки ба хости Худо бисёр коргар аст.

**Доруе, ки гӯшти зиёдро мекоҳад ва об мекунад:**

Ушнони нармшударо бар ҷойе ки гӯшти изофӣ дорад бигзоред, ки судманд аст.

**Доруи дигар, ки нерумандтар аст:**

Қалаиро кӯбида руйи он бипошед. Ё занҷор (зангорро) соида руяш бигзоред.

**Марҳами сабз, ки гӯштро мехӯрад ва думалҳои чиркинро пок мекунад:**

Як вақия зангор (занҷори) ноб ва як вақия асалро бо ҳам бисоед. Бархе аз мардум анзарут ва ашиқ аз ҳар кадом ним вақияро бадон афзуда ҳамаро бо сирко меомезанд ва бо асал мепарваранд. Ин марҳам ҳамчунин барои носур (908) (бавосир)-и гӯш хуб аст ва ҳар думалеро аз чирк пок карда ва гӯшти мурдаро мехӯрад.

**Марҳами қалақдиюн: гузораи доруие, ки қалақдиюн номида мешавад:**

Ин нусхаи бофтаи сиёҳ ва гандидашуда ва бавосирро мехӯрад ва бар уфунатҳои ласа ва даҳон ва ҳамаи бофтаҳои бемори тан хуб аст: навраи зинда як бахш ва зирнихи зард ва

сурх ва қалаӣ ва ақоқиё як дуввуми ним бахш (як чаҳорум) бо оби нармшуда баргиред, ки оби нахуст хонда мешавад. Равиши кори навраи об нахӯрда ва қалаӣ ба як андоза бо шаш баробари он об биёмезед ва дар се рӯз ин омехтаро мураттаби ҳар рӯз ба ҳам зада ва пас аз се онро бардошта полоиш кунед ва дар офтоб раҳо намоед, то сифт шавад, то ҳамчун халуқ (909) хушбӯ гардад, сипас онро ба гунаи қурсҳое даровварда ва мегузоред, то хуб хушк шавад, сипас дар ҷойе нигоҳ доред, то нумура ба он нарасад. Ва дар ҳангоми ниёз онро кӯбида ва нарм карда, ба кор бибаред.

**Марҳами дик бар дик: (гузораи доруйе таркибии дик бар дик доруи дандон):**

Доруе тунд ва хӯранда: зарнихи зард ним ратл, пудри қалаӣ ним ратл, ва навра ним ратл, зангор ним ратл, ҷива як чаҳорум ратл ва навшодир як чаҳорум ратл бо об, нахуст нарм ва об мекунед, то ҷива бимирад, сипас хушк кунед ва дубора дар дастгоҳе, ки кимиёгарон онро осол (910) мегӯянд қарор диҳед ва зери он оташе барафрӯзед, то оби он бухор шавад, пас онро дар зарфе тақтир намоед ва бар носури барҷаста ва гӯшти зиёди ханозир, ки ниёз ба нобудии онҳо мебошад, пас аз сар боз кардани думал бигзоред. Ба таври куллӣ ҳар бофтае, ки бихоҳед аз миён бубаред ва нобуд кунед ва поксозӣ намоед, бо сӯзонидан ҳамчун сӯзондан бо оташ доғ кунед, то хушк ва сиёҳ шавад ва ин дору метавонад, ҷойгузини доғ кардан бо оташ низ бишавад.

Марҳаме, ки сари думалҳои расидаро боз кунад ва ниёзе ба шикофтани думал набошад:

Равиши сохт: асали билозар як бахш ва зуфти обакӣ як бахшро дар чумчумае (малоқа) гирд оварда доғ кунанад, то омехта шавад. Агар хоҳони шикофтани думал бе чоқу мебошанд, дар ҷойҳое, ки мехоҳанд шикоф дар он пеш биёяд, аз ин дору бар он бимоланд ва онро ним рӯзе раҳо намоянд, то ба андозаи ҷой молида, бофти хурда шавад. Ё дар шири улоғ андаке мақал об намоянд ва руйи нуки думал онро барги анҷире бигзоранд ва руйи он пунбае қарор диҳанд ва бо наворе онро бибанданд.

**Ханозир:**

Бештар дар гардан ва кашолаи рон падид меояд ва дар бештари мардум дида мешавад. Чунончи дар ин ҷойгоҳ омосеро бубинед ва дар дастмолиш онро сахт ёбед, ки тавони буридани он набошад ва ба андозаи гирду ба ҳамроҳи кистӣ бошад, бад он ки ханозир буда, ки аз бад гуворидан ва пурхурӣ падид омадааст. Чи басо бузург шавад ва бисёр сифт гардад. Дармонро бо водор кардани бемор ба гуруснагӣ кашидан ва канор гузоштани шом ва об ва хӯрокиҳои сангин, оғоз кунед ва чунончи дар тани вай пасмондае бошад ба равонкунандаҳо ва раг задани руй биоваред ва сипас бо хамирҳое, ки барои он гузора шуда понисмон кунед ва агар доруи даёхилунро ба танҳоӣ ба кор баред, бисёр хуб аст. Аз коротар ва асаргузортар соидаи решаи савсани нилгун ва хамир кардани он бо даёхилун ва сипас гузоштани ин сиришта руйи думал мебошад.

**Марҳами даёхилун:**

Гузораи доруи даёхилун: Як ваҳқия мурдосанги соидаро дар потиле гузошта, бар он ду ваҳқияву ним равғани зайтун мерезем ва меомезем ва зери он оташи ором меафрӯзем, то ҳама мурдосанг об шавад, сипас ду ваҳқия луоби шанбариву ҳамвазни он луоби тухми каттон ва як ваҳқия луоби хатмиро гирд оварда руйи онҳо рехта, баҳам мезанем то сифт шавад, сипас оташро кам мекунем

Ва онро ба андозае ба ҳам мезанем ва мекӯшем то сангинӣ ва часпандагии вижае пайдо кунад, пас онро аз руй оташ бар медорем.

Ё он ки пишкили куҳнаи бузро бо сирко ва асал сиришта гарм мекунанд, то бо якдигар биёмезанд ва сипас онро чун памод ба кор мебаранд, ки хеле коро мебошад. Ё тухми турбро бо тухми бодоми талх мекубанд ва аз он памоде барои понсмон кардан, дуруст мекунанд. Паҳни хушкшудаи говро пас аз соидан ва элак кардан ба ҳамроҳи гули хатми гирд меоваранд ва ё шанбарид ва тухми каттон ва тухми каламро бо гули хатми пас аз элак кардан ба кор мебаранд.

**Саратон:**

Саратон бемории нотавонкунанда ва аз пой дароваранда аст. Вале агар дар оғоз ба он расидагӣ шавад ва дармон

гардад, чӣ басо истошуда ва афзоиш наёбад ва агар пешрафт кунад, ҳеч гуна беҳбудие нахоҳад дошт ва агар чиркин шавад, бисёр бадхим ва хатарнок мегардад.

Саратон омоси сахт аст, ки дар тан решаҳои бисёр медавонад ва рагҳои сабз онро сероб мекунад ва дар ҳангоми дастмолиш забаре дар он дида мешавад, вале гунаи чиркини он ба думал мемонад, ки дорои даҳонаи суфт ва рӯ ба берун бо ранги сурху сабз мебошад.

Чӣ басо омоси дар оғоз ба андозаи нахуд ва ё боқолӣ буда сипас афзоиш ёфта, то ба андозаи харбузае бузург ва ё бузургтар шавад ва шояд омос дар ҷои нафас кашидан ва ё қувват додани хӯрок руй диҳад, ки сабаби марги бемор мегардад ва чунончи корд ба он бирасад, аз ин дармон ҷуз саратони чиркин чизе ба даст намеояд, магар он, ки дар ҷойе қарор гирифта бошад, ки омодагии буридан ва дастрасӣ ба решаҳо ва сипас доғ кардан ва решакан кардани он бошад. Хунгирӣ аз раги акҳал (раги бозу) дар оғози беморӣ ба кор бурдани пай дар паи равонкунандаҳои афтимуни пухта (дамкарда) ва хӯрдани хӯрокиҳои созандаи талхоб, монанди адас ва қунбит (калам) ва гӯшти гов ва гӯшти дарандагон (ҷондорони ромнашуданӣ) ва шароби сиёҳи ноб ва монанди онҳо, ки суфтии хунро боло баранд, бемориро исто мекунад.

Беҳтар аст, барномаи хӯрокии бемор гӯшти барра ва мурғ ва шароби обакӣ бошад ва аз хӯрокиҳо ва доруҳои гарм, ки хунро сиёҳ мекунанд, бипарҳезанд ва чунончи бисёр бузург шавад, коре ҷуз мадоро ва бо нармӣ бархӯрд кардан бо беморӣ нест, то чиркин нагардад. Бояд аз гарм кардани он бо дору парҳез шавад. Танҳо боқолиро соида ва руйи он гузошта, то онро сард кунад. Ҳамчунин метавон чирки онро бо ин марҳам берун рехт, ки бисёр судманд аст.

**Марҳами берунронандаи чиркобҳо:**

Сафедоби сурбӣ ва тутиёи шустаро ба як андоза бо равғани гули сурх ва оби хирфа ва ё инабул саълаб (тоҷарезӣ), ё луъоби тухми исфарза, ё оби каду, ё оби хиёр, ё оби хазра (тира) лаҳ кунед ва бар он биниҳед, ки ин марҳам бисёр суд дорад, ба вижа агар тарсе аз чиркиншудани он бошад.

**Думалҳо:**

Думалҳо аз пурхунӣ ва ё аз саворкорӣ ва ё аз хастагиҳои пас аз хӯрдан падид меояд. Набояд дар дармони онҳо кутоҳӣ шавад, чӣ басо метавонад ҳамаи маводи чиркинро дар як ҷойи тан гирд оварад ва думали бузургро дар он ҷо падид оварад.

Пайваста хунгирӣ ва раг задан ва ба кор бурдани равонкунандаҳое чун ҳалилаи зард ва сано ва шоҳтара ва пайваста хӯрдани олуи хисонда ва инаб ва тумари ҳиндӣ ва кам хӯрдани шириниҳо ва шароби ширини ноб ва гароиш ба хӯрокиҳои турши бандоваранда ва хӯрокиҳое, ки дарбаргирандаи ин ду вижагӣ аст, ҳамчун оши ғуррaӣ ва ривосӣ ва себи ва сикбоҷ ва қарис ва ҳалом ва масус ва ҷузъ он аз падид омадани сузаҳо ҷилавгирӣ хоҳад кард.

Агар касе дучори думал ва сузаӣ шавад ва ночор аз нӯшидани нӯшобае шавад, бояд шароби хурмоӣ полоишшуда бинӯшад. Чунончи думале падид омад, бояд ба расидани тунди он кӯмак кард ва он чӣ, ки дар зуд расидани думал кӯмак мекунад, кӯбидани анҷири алак (915) пурширoба ва понисмон кардани руйи он мебошад ва ё понсимонӣ аз хамири кишмиш ва бура (бурақ) нон ва ё гузоштани памоди даёхилиюн руйи он аст. Агар думал ба душворӣ пазонда ва расида шавад, метавон хардалро бо анҷири алак бо каме равғани савсан сиришта, сипас онро руйи думал бимоланд. Чунончи расидани он ба оромӣ бошад, вале сар боз кардани он бо диранг ҳамроҳ бошад, пас бояд онро бишикофид ва бифшорид, то он ҳарчӣ дар даруни он ҳаст, берун ояд ва бар он марҳами сафед об бигузоред ва бар он ҳамчунин сириштаи асал бигзоред.

**Марҳами асал:**

Анзарути бо ҳам баробари он асалро лаҳ карда, каноре гузоред, бархе муми асалро ба танҳоӣ мепазанд, то сифт шавад, сипас бо анзарут меомезанд, то памоди ба даст ояд, ки барои ҳар захме хуб аст ва хунобаи онро покиза мекунад ва ҳамаи онро мемакад. Агар думал пок шавад, ба худии худ ба тундӣ беҳбуд меёбад ва агар хуб шудани он кунд бошад.

Дармони он бо марҳами руёнандаи гӯшт мебошад ва чунончи думал гарм бимонад ва пиромуни он бисёр сурх бошад, пас барои руёнидани гӯшт дар думал, бар он марҳами исфидоҷ (сафедоб) ё марҳами сард кунандаи ёдшуда дар бахши худро ба кор бубарад.

**Омоси гарм:**

Агар омосе, ки дар дастмолиш гарм бинамояд, дар ҷое аз тан падид ояд, беҳтар аст дармони онро бо рагзадан оғоз кард ва агар дар дасти рост бошад, аз раги бозуӣ (акҳал), дасти чап ва ё аз самти дигари он хун гирифта шавад ва агар дар пои рост бошад, аз раги босиликҷи дасти рост, агар ба босилиқ, ё шохаи аз он дастрас пайдо нашавад, аз раги акҳал бояд хун бигиред, вале агар омос болои тарқу бошад, аз раги қифол бояд хун гирифт ва пас аз он бо хамирҳои сард кунанда памодмолӣ шавад ва барномаи хӯрокии муносиберо низ баргузинад ва гӯшт ва шароб ва ширинӣ ва чарбӣ ва тундиҳо дурӣ кунад ва ба хӯрокиҳои турш рӯй овард ва компресси сармо ба рӯи он гузорад ва то ҳангоме, ки гармӣ дар ламси он эҳсос шавад, компресси сардро бо гузоридани памодҳои сармозо ба рӯи он, дармонро пайгирӣ кунад, ки бо ин равиш аз гард овардани омос ҷилавгирӣ мешавад. Агар омос гоҳе зарбондор ва гарм бошад, дар чунин ҷой бештар ба кор бурдани памодҳои сармозо бе чуну чаро онро гирд меоварад ва агар дидед, гармиву доғӣ ва барафрухтагии он фурӯкаш намекунад, ба доруҳои чирковар рӯй биоваред, то онро гирд оварад. Сипас, ҳамон гуна, ки пеш аз ин гузора кардем, ба дармон бо доруҳои думал сарбозкун иқдом намоед. Доруҳои сари думал бозкунанда онҳое ҳастанд, ки сабаби расидани думалҳо мешаванд. Вале доруҳои сардизо аз чирковарӣ ва расидани думал ҷилавгирӣ мекунанд ва гузораи ин дору, ки доруи марҳами сурх номида мешавад.

**Марҳами сурх:**

Молидани он бар ҳар ҷои андомҳои тан ки дорои омоси гарм бошад, судманд аст. Гузора чунин мебошад: сандали сурх, филфил, шиёф, момисо, асфидоҷ (сафедоб), сурбӣ ва гули армонӣ, аз ҳар кадом як бахш ва пусти ябруҳ (меҳрамеҳ) ва

тарёк аз ҳар кадом ним бахш, ки бо об баргиред ва бисиришед ва ба гунаи гулула ва ба андозаи фундуқ дар оваред ва ҳангоми ниёз онро лаҳ карда, бо андаке гулоб ва сиркаи норас хис намоед, бо он сириштае дуруст кунед ва ба кор бубаред, ки бо хости Худованд корсоз мебошад.

**Омоси нарм:**

Омосҳои нарм, ки бо фишори ангушт ба дарун фурӯ мераванд, агар дар паси беморӣ, ки аз табоҳии омеза ҳамчун сил пеш ояд, беҳтар аст, расидагии вижа на танҳо ба он, балки дунбол кардани роҳбурдҳое дар ростои дармони омоси нарм, ки тоза намоён шударо дар дастури дармонии ӯ бигунҷонем. Вале омосҳое, ки дар оғоз ва пас аз фурӯкаш кардани табоҳи тӯлонӣ падид меояндро, бояд бар сар, ки нораси корас ба ҳамроҳи андак равғани гули сурх ва гулоб ва об ва ос ва равғани ос даромезем ва порчаеро дар он бихисонем ва рӯи омос бигузорем ва бо наворе ором бубандем, ба гунае, ки фишори бештар рӯи миёнаи омос бошад ва сипас он навор ба ду самти омос бикашем. Аз чизҳои дигар, ки онро нобуд мекунад, оби хокистар мебошад.

**Оби хокистар:**

Чуби дарахти ток (карам)-ро бисузонед ва обе руйи хокистари он бирезед ва як шаб раҳо кунед, сипас онро биполоед ва ба сирко онро тар намоед ва порчаеро дар он бихисонед ва омосро бо он понсмон кунед ва навореро руйи омос бубандед. Агар омос хеле нарм бошад, бо намак ва зайтун молиш дода бо барги турфо ва барги ос ва барги чанор понсмон кунед ва бо гули арманӣ ва сирко помодмолӣ намоед ва ба барномаи хӯрокии бемор расидагии бештаре намоед ва ӯро аз бадгуворишӣ ва пурхурӣ ва пурнӯшии об бипарҳезанд.

**Марҳаме, ки барои омоси фурӯҳишта ва нарму судманд аст:**

Сабр, мур, ҳазаз, ақоқиё, шиёфи момисо, саъд, заъфарон ва гули арманиро баргиред ва ба шакли фундуқ дароваред ва дар ҳангоми ниёз бо сирка ва бо оби калам хамир карда руйи он гузоред ва чунончӣ омос дар сурат ва пилкҳо бошад, бо гулоб ва коснӣ ва андаке сирка кори дармонро ба анҷом расонед.

**Омоси сахт(салб):**

Агар дар ҷойе аз тан омоси сахт падид ояд, ки дар ҳангоми дастмолиш гармии он ба чашм ояд ва саратонӣ низ набошад, бояд аз хӯрокиҳое, ки дар бахши саратон гуфтем, парҳез намояд. Он чӣ, ки худи омосро дармон мекунад, ҳамаи нармкунанддаҳоеанд, ҳамчун мағзи устухон ва чарбӣ ва мақали нарм ва ашақ ва лабанӣ ва борзад ва ҷуз он. Чунон чӣ омос дар ҷойи бошад, ки ҳисгирӣ дар он набошад, ҳаргиз беҳбуд намеёбад, дар ҳангом беҳтар аст ба берун рондани моддаи беморӣ ба рагзадан ва ба кор бурдани равонкунандаҳои берункунандаи талхоб таваҷҷуҳ кард, то бузург нашавад ва афзоиш наёбад.

Марҳаме, ки омоси сахтро аз миён мебарад: мақли нарм ва ашақ ва борзадро ба гунае яксон бо равған дар ҳован лаҳ кунед. Хуб аст, ба ҳамроҳи он равғани савсан, ё равғани бон низ ба кор бурда шавад, сипас луоби шанбалид ва луоби тухми катонро ба як андоза ба ҳамроҳи он кӯбида, то якнавохт шавад ва бо анҷири алак (922) гирд оваред ва аз он сариштае дуруст кунед ва ин марҳамро ба ҳар омоси сахт дар ҳар куҷои тан бимолед, судманд хоҳад буд.

**Салъ:**

Чунончи дар ҷойи аз тан тудае дида шавад, ки дар дастмолиш ба самтҳои гуногун ҷобаҷо шавад ва ба пӯсту гӯшт начаспида ва бисёр ҷобаҷошаванда бошад ва инчунин дида шавад, ки аз бофтҳои тан ҷудо шуда. На дорои решае ва на конуне мебошад. Пас бидон, ин туда салъ мебошад. Андозаи он аз як нахуд то як харбуза аст. Дармон дар ҳар ҳолати он дар овардани он туда мебошад, Вақте ки кӯчак аст, агар дар дармон кутоҳӣ шавад, бузург мегардад, ки барои даровардани он ниёз ба дармонгири корозмуда ва меҳрубон ва ҳамроҳ бо бемор дорад.

**Мо барои дармонгароне, ки мумкин аст ба иштибоҳ афтанд, ин гузоришро фароҳам овардем:**

Бештари ин тудаҳо дар кушуше ҳастанд ки онро киссаи салъ меноманд ва беҳтар аст, ки бо киссае онро берун оваранд, то чизе аз он намонад. Чунончи бахше аз он

бимонад дубора афзоиш меёбад ва бузург мешавад, аз ин рӯ бояд ҷойи шикофтанро аз беруни он пӯшиш (кист) қарор дод, ба гунае, ки бо шикофтани мавзеъ пӯшиши кист озод шавад, аз ин рӯ набояд пӯшиши пустро шикофт, балки гӯшти болои онро дарида ва кисаро бо қалоби гирифта ва канораҳои онро бе он, ки дарида шавад, солим ҷудо карда берун оварад. Ин беҳтарин гунаи дармон мебошад. Агар он кӯшиш пора шавад, онро бо чанд қалоб бигиранд ва ҳарчанд тика тика шавад, бояд ба таври комил берун омадани пӯшиши кистиро пайгирӣ намояд. Сипас ҳамчун дигар захмҳо онро дармон кунанд. Агар бахше аз он пӯшиш ба ҷо бимонад, берун овардани сахт мешавад. Доруи тунд дар он ҷо гузошта, то онро хуб хуш кунад ва сипас руйи он равған бигузорад то он чиро, ки доруи тунд хушк карда, равған фурӯ андозад. Бо ин кор ҳамаи он пӯшиш аз миён меравад, сипас ба монанди дигар захмҳо дармони он анҷом мешавад. Бархе дармонгарон огоҳона бахше аз пӯшишро ҷо мегузоранд, то дармони бемор ба дарозо кашида шавад. Вале он тудае, ки пӯшиш надорад, берун оварда намешавад ва дармони он танҳо дармони як захми маъмулӣ мебошад.

**Тӯдаи гӯштӣ:**

Гоҳе дар бархе ҷойҳои тан тудаҳое ба андозаи як фундуқ ва ё андаке кӯчактар ва ё бузургтар ҳамчун салъ берун мезанад, ки бештар дар пушти кафи даст ва ё ҷойҳои araққунанда падид меояд. Агар бар он туда фишори сахт оваред, ё онро равғанмолӣ кунед, он туда пароканда шуда ва аз дида ниҳон мешавад, вале гоҳе дубора бар мегардад ва шояд ҳаргиз бозгаште ҳам надошта бошад. Бар ҳар ҳол беҳтар аст онро фишурд ва рӯяш марҳам зада шавад, то он ки оби даруни он берун ояд ва бо пӯст якнавохт гардад. Агар тикаи сурб (асраб)-ро баргиред ва руйи он биниҳед ва се рӯз онро хуб бибандед ва бар он равғанҳои шикастабандӣ гузошта бибандед, барои дармони он судманд аст. Агар муҳтавиёти он хуб берун омада бошад ва он гоҳ баста шавад, дубора боз намегардад. Ҳамчунин агар баста нашавад, дубора боз намегардад.

**Намла:**

Гоҳо дар ҷойҳое аз тан омосе кӯчак ва ҷӯшҳои рез падид меояд, ки ҳамроҳ бо хориш ва сӯзиш ва гармои болоӣ дар ҳангоми дастмолиш мебошад, ки ба тундӣ сар боз мекунад. Агар сар боз кард рӯ ба афзун шудан ва густариш ёфтан мегузорад, ки беҳтар аст ба равонкунандаҳои зардоб руй оваред ва аз доруҳое, ки зардобро меронанд, ҳалилаи зард ва сақмуниё ва оби меваҳо мебошад, руйи ҷойи курк сар боз кардаро марҳаме, ки дар бахши омоси гарм гузора кардем, бигзоред. Ё руйи ҷуши марҳами сафедоб ниҳед ва агар сар боз накарда, руйи ҳамаи бахшҳои он марҳам бигзоред ва чунончи ба ҳамроҳи омос тундӣ ва сахтӣ ва бузургӣ ва сурхӣ дида шавад, нахуст ба рагзадан ва сипас ба дигар равишҳои дармонӣ руй биёваред ва хӯроки беморро аз сардиҳо бигузинед.

**Нор (оташ) форсӣ**:

Дар бархе аз ҷойҳои тан хориш ва сузиши тоб наёварданӣ намоён мешавад, ки дар пайи он ҷушҳои оканда аз сару (моъеи обакӣ) падид меояд. Агар чунин чизе дар андоме дида шуд, равиши дармонии гузинишшудае дуруст, рагзадан ва берун рондани бисёри хун аст, ки ба он руй овардаед ва агар пайгирӣ нашавад, то он ки товил бизанад, пас бояд товилҳоро шикофт, то сарӯзи (моъе) даруни он берун резад ва бо марҳами исфидоҷ, ки дар бахши сухтагиҳои аз оташ гуфташуда помодмолӣ шавад. Нагузоред об дар он гирд ояд. Перомуни онро бо гули арманӣ ва бо об ва сирка помод бизанед.

**Сухтагӣ аз оташ, равғани доғ ё оби ҷуш:**

Дар ҳангоми пеш омади ин гуна сухтагиҳо, бояд дармони он пайгирӣ шавад, ҷойи сӯхтагиро бо гулоби сардшуда, бо яхи сард, сард карда ва руйи он мураттаб ях ниҳода ва иваз карда, то хунук шавад чунончи сухтагии бахши густурдаро фаро гирифта бошад, хуни он аз раги бахши муқобили он бигиред ва дар барномаи хӯрокӣ ва баргузидани роҳи дуруст таваҷҷӯҳ кунед.

Чунончи ба ҳамроҳи он дард бошад зардии тухми мурғро бо равғани гули сурх даромехта, бо пунбае руйи он

бигзоред, агар дарди сахт ба ҳамроҳ набошад, бояд адаси пустканда ва исфидочро бо сирка биёмезед ва руйи он бимолед ва порчаеро хисонда дар гулоби сардшуда бо яхи руйи он бияндозед. Агар товил зад, онро бо марҳами сафедоб дармон намоед.

**Марҳами исфидоҷ (сафедоб):**

Муми полоишшуда ва чаҳор баробари он равғани хоми гули сурхро бо ҳам об карда ва ба андозае, ки онро суфт кунад, исфидоҷ рехта ва ба ҳам занед ва бо сафеда тухми мурғ биёмезад, то он ки даст шавад ва гоҳе андаке кофур низ бар он биафзоед.

**Марҳами нура:**

Нураи сапеди покшударо бар мегиранд ва бар он об мерезанд, то дар он хис бихурад, сипас онро ду соат канор мегузоранд. Пас аз он, соф карда ва як бори дигар бар рӯи он об меафзоянд. Ин корро чаҳор бор анҷом медиҳанд ва мегузоранд, то каме хушк шавад. Сипас бо равғани хоми гули сурх меомезанд, то якнавохт шавад, сипас ҷои мавриди назарро бо он марҳаммолӣ мекунанд.

**Доҳиси ақрабак:**

Гоҳе дар канори нохунҳо омоси сурх ва гарми бисёр дарднок ва пурзарбон намоён мешавад, ки барангезандаи таб мешавад ва дарди он ба зери бағал ва кашолаи рон низ мерасад. Беҳтар аст, аз раги бемор хун гирифта шавад, ба вижа, агар замони дароз ин корро анҷом надода бошад.

Ҳамчун аз дармонҳои судманди дигар, молидани чандин бор тарёк ва сирко рӯи он, ба гунае, ки як лоя помод рӯи он гузошта шавад, сипас ба рӯи он тухм исфазои парвардашуда дар сирка ва гулоб аст, ки онро рӯи ангишт гузоранд ва бар он порчае, ки дар оби ях хисонда шуда бигузоранд ва чанд бор пушти сари ҳам иваз намоянд, ки бисёр судманд аст. Агар ангуштро дар оби ях фуру кунанд ва оби яхро чандин бор иваз намоянд, то ангушт беҳис шавад, низ дармони кор аст. Чунончӣ омос хеле пурзарбон бошад, ин дармон ва ҳамонанди онро дар ду рӯз анҷом диҳанд. Агар омос фурӯкаш накард, онро бо памодҳои гуфта шуда дар бахши

думалҳо понсимон кунанд, то пазонда шавад ва сар боз кунад ва то он чӣ даруни он ҳаст, берун резад. Сипас бо марҳами хубкунандаи думал онро дармон намояд ва агар ҳамаи решаи нохун гирифтор шавад, ин нохун афтоданӣ хоҳад буд ва беҳтар аст, ки ҷунбонида нашавад ва бо он бозӣ нашавад, то он чӣ, ки пас аз он мерӯяд, гандида нагардад.

**Хунрезии захм:**

Агар аз захме хуни фаравон равон шавад ва тарс аз афтодани нерӯ бошад, беҳтар аст, ки он андом ба боло – нигоҳ дошта шавад ва ба гунае қарор гирад, ки дарде ба ҳамроҳ надошта бошад.

**Дармон:**

Мӯи харгӯшро дар сапедии тухми мурғ гузошта ва сабру кандар ва хуни сиёвушонро кубида мӯйро ба он оғушта ва дар даруни захм бигузоранд ва ё пашмро борик бурида дар ончӣ гуфтем, хисонда, сипас даруни захм биниҳанд ва ё бо тори анкабут даҳонаи захмро пур кунанд. Чунончӣ хун биҷаҳад ва сипас боз гардад ва дубора ба ҷаҳиш дарояд нишондиҳандаи он аст, ки аз сурхраг мебошад. Агар равонии хунрезӣ яксон ва якнавохт бошад, нишондиҳандаи он аст, ки аз (сиёҳ) рагҳо равон шуда аст, ки бояд бар पояи он чӣ гузора кардем, дармон шавад. Агар хунрезӣ банд наёяд, бояд он сурхраг ё (сиёҳ) раг бурида шавад ва ё ин, ки агар он раг дида шавад, бояд бо чангак онро гирифта ва то онҷо, ки бишавад, боло нигоҳ дошт, сипас он рагро буред ва ҷои онро бо доруҳое, ки гуфтем, пур кард. Агар ин корро натавон анҷом дод ва доруҳо судманд набошанд, пас бояд онро доғ кард ва василаи сӯзонанда бояд бисёр доғ ва хеле сурх шуда бошад. Вале аз осеб расонидан ба паи наздики он дурӣ шавад. Аз чизҳое ки ба нармӣ хунро банд меоварад, пур кардани даҳонаи захм бо нура ва зок ва бастани он мебошад. Доруи зер низ бисёр корсоз аст.

**Доруи банд оварандаи хун:**

Нура, Қалқатор, хуни сиёвашон ва сабру ҷабасини (гаҷ) орд шуда ба монанди сурмаро бояд баргирифт ва пашми

буридаро бо ин дору ва сапедаи тухми мурғ оғушта карда даруни захм гузошт ва аз он мавод низ дар захм бисёр пошид ва онро баст.

**Раг задан (фасд):**

Рагҳое, ки одат ба раг задани онҳо шудааст: дарбаргирандаи раги қайол ва раги акҳал ва раги босилиқ ва раги ҳабл-ул-зироъ ва раги усайлим ва раги софин ва раги зери зону ва раги нисо ва раги пешонӣ ва раги гиҷгоҳ ва раги моқ (гӯшаи чашм) ва раги бинӣ ва раги вадоҷ ва раги зери забон ва раги лаб (чаҳорвак) мебошанд.

Ҷойгоҳи қифол ва акҳал ва босилиқ дар наздикии оринҷи ду даст мебошад. Босилиқ раге аст, ки дар бахши дарунӣ (инсӣ) қарор гирифта ва аз сӯи зери бағал ба даст меояд. Раги қифол аз сӯи берун (ваҳшӣ) ва ноҳияи шона ба даст меояд. Акҳал раге аст, ки аз ташкили шохае аз раги бослиқ ва шохае аз раги қифол падид меояд, ки дар миёни ин ду қарор мегирад. Ҳабл-уз-зироъ (таноби бозу) рӯи занди забарини даст қарор гирифта аст. Ҷойгоҳи раги усайлим рӯи пушти кафи даст, миёни хинсар (ангушти кӯчак) ва бинсар (ангушти ангӯштарӣ) мебошад. Ҷои раги софин дар пошна (каъб)-и по дар канори раги сиётин аст.

Раги нисо (сиётик) самти рости шатоланг (устухони ақиб) қарор гирифта аст.

Раги пешонӣ дар миёнаи пешонӣ ҷой дорад. Ду раги гиҷгоҳӣ, ки дар ноҳияи гиҷгоҳ ба ҳам печидаанд, раги моқ (ашкӣ) дар маҷрои ашкӣ намоён аст, чӣ басо ошкоро намешаванд, магар он, ки рӯи гулӯи одамӣ фишор оварда шавад. Раги бинӣ ошкор нест, магар он, ки бо ангушт рӯи бинӣ фишор оваред, то онро эҳсос кунед ва аз якдигар ҷудо ҳастанд. Ду вадоҷ (жокулор) дар гардан қарор гирифта аст ва раги чаҳор вак дар лабҳо мебошад.

Раг задан дармони арзишманде барои посдошти тандурустӣ ва беҳбудӣ аз бемориҳое аст, ки ҳар гӯшаи тан дучори он мешавад. Раг задан дар ҳамаи тан анҷом мегирад, зеро дар касони пурмӯй ва сабза ва сурхрӣ ва ҷавонон ва

солмандон бештар рагҳо густурда ва ошкоранд. Беҳтар аст кӯдакон ва пирон (куҳансолон) раг зада нашаванд, ҷуз он, ки барои кори бузург бошад. Ҳамчунин раг задан дар гармо ё сармои сахт ва касоне, ки шикамба ва ҷигари сард доранд, камтар анҷом гирад.

Агар аз раги қифол хунгирӣ шавад ба тундии хун ноҳияи болоиро мекашад аз ин рӯ беҳтар аст, ҳангоме ки бемори дар ин ҷоҳост аз ин хун гирифта шавад.

Хунгириӣ аз раги босилиқ ба тундии хуни бархе аз ҷоҳои шикам ва ҳамаи синаро ба сӯи он мекашад. Пас агар ниёз ба фаврӣ кашидани хун аз ин навоҳӣ бошад, он рагро бизананд ва чунончӣ ин ниёз набошад, аз шохаҳои он хун гирифта шавад.

Раги акҳал, ки аз таркиби ин ду ҷо ташкил шудааст дар ҳангоме ки як беморӣ дар ин ду ҷо рух дода бошад ва ё дар ҳангоме, ки лоғарӣ ва сабукии ҳамаи танро хоста бошем, бояд аз ин раг хун гирифта мешавад. Чунончӣ ин ду раг пайдо нашаванд, аз шохаҳои ин ду ва аз раги акҳал бояд хун бигирад. Ва дар сурате ки ниёзи сахт бошад ва ба онҳо даст пайдо накунанд аз ҳар раг, ё шохае, ки ёфт шавад, бояд хун гирифт ҷуз ин ки тафовуте чашмгир миёни хун гирифтан аз раги қифол ва босилиқ ҳаст ба вижа агар беморӣ дар сар бошад. Ва з-он сӯи он.

Ҳамоно ки раги акҳал дар тунд кашидани хун аз перомуни сар, аз раги қифол ва аз перомуни шикам ва аз раги босилиқ нотавонтар мебошад. Вале хунгирӣ аз раги акҳал дар ҳангоме аст, ки беморӣ дар шикам аст ва аз раги қифол дар замоне ки беморӣ дар сар аст, аз раги босилиқ шоистатар барои хун гирифтан мебошад.

Ҳангоме, ки мехоҳед хун аз раги қифол бигиред ва онро наёфтанд беҳтар аст, ба дунболи бузургтарин шохаи он бигардед ва агар нашуд аз раги акҳал хунгирӣ намоед. Ҳамаи ин шохаҳо бештар дар самти беруни бозу пайдо хоҳанд шуд. Агар бихоҳед, аз раги босилиқ хун бигиред ва ба он даст наёбед, яке аз шохаҳои фаръии он бар раги акҳал

бартарӣ дорад ин шохаҳо ҳамагӣ даруни бозу ҳастанд ва агар онҳоро наёбед, аз раги акҳал хун бигиред.

Раге, ки дар бахши даруни зону ва раге, ки софин номида мешавад, аз онҳо ба ҳангоми хун гирифта мешавад, ки шумо мехоҳед хунро аз ноҳияи поини тан ҷазб намоед ва ё дар бемориҳои кӯҳна дар ин ҷоҳо бошад, ҳамчун дардҳои гурда ва заҳдон ва резиш додани хуни моҳона.

Ҳангоме, ки аз раги нисо хун гирифта мешавад, ки дардҳои дар тиҳигоҳ то кафи по буда бошад.

Дар бемориҳои ҷигар аз шохаи раги усайлим ва дар бемориҳои сипурз аз шохаи чапи он хун мегиранд.

Ду вадоҷ (жигулор)-ро дар тангии нафс ва оғози бемории ҷузом раг мезананд.

Аз раги зери забонӣ дар бемориҳои кӯҳна ва дефтарӣ пас аз раг задани қифол хун мегиранд.

Аз раги чаҳорвак дар касоне ки офати барфак, ҷуш (қалоъӣ) ва захмҳои рӯи ласа дар даҳон бисёр дида мешавад, пас аз хун гирифтан аз қифол хун мегиранд.

Раги пешониро дар бемориҳои кӯҳнаи чеҳра ва чашм пас аз раг задани қифол раг мезананд.

Ду раги гиҷгоҳиро дар дардҳои нимаи сар ва сардардҳои сахт ва дарди пайвастаи чашм ва гоҳе дар бемориҳои сало ва батарорик мезананд.

Аз ду раге, ки дар маҷрои ашкӣ аст, дар бемориҳои чашм хун гирифта мешавад.

Аз раге ки дар сар ҳаст, дар бемории саъфа ва захмҳои чиркин ва бадӣ сар хун мегиранд.

Аз раге ки дар лубаи канори бинӣ аст, барои бавосир ва бемориҳои бадхими бинӣ хун гирифта мешавад.

**Иштибоҳҳои ҳангоми хун гирифтан (раг задан):**

Бар пояи гузораи мо чунин ҳастанд. Раги қифол агар ба якбора ёфт нашавад ва ногузир аз чанд бор раг задан мешавад. Агар ҷои хун гирифтан аз раги танг бошад, ҷӯш мехӯрад ва дар ҳангоми хам шудан баста мегардад ва агар ба тундӣ такон дода шавад ва ё дасти корӣ шавад омосӣ

мегардад. Вале агар раг задан дар як бор анҷом гирад, рагҳо дар ҳангоми хунгирӣ осеб нахоҳанд дид ва беҳтар аст, ки аз сари моҳича дурӣ кард ва ҷойгоҳи хунгириро дар ҷои нарм ҷустуҷӯ намуд.

Дар зери раги акҳал пай қарор гирифта, ки агар лабаи тез нештар ба он бихӯрад, пас аз хунгирӣ карахтӣ дар он падид меояд, ки гоҳе пойдор мемонад, аз ин рӯ бояд аз он парҳез кард. Огоҳона лаби тези нештарро 3-он сӯи ҷое, ки эҳсос мешавад, паи дар он қарор гирифта бикашонад ва агар миёни ду пай бошад, шикофро ба дарозо бидиҳанд на ба паҳно. Аз ин рӯ бояд асаберо, ки дар канори он дида мешавад, бипояд то осеб набинад. Гоҳе зери он пай бисёр нозук мебошад ва ошкор намебошад, агар парида шавад, комилан он паи аз даст меравад. Чунон чӣ раг задан ба гунае жарф бошад, ки дар асри он як паи ҳисси дар дарозои даст пойдор мемонад.

Барои ҷилавгирӣ аз ин пеш омад, чорае ҷуз ба жарфо рафтан нахоҳад буд. Ба ҳар ҳол агар бурида шавад, зиёне ки аз он пеш меояд, ба монанди аз даст рафтани як асаби ҳисси намебошад. Гурӯҳе аз мардум ва ноозмудагони пизишк мегӯянд, ки хушкии даст дар асари ин осеб рӯй медиҳад, вале ин сухан нодуруст мебошад. Ба дунболи буридани як асаб зиёне беш аз он чӣ гуфтем, рух намедиҳад.

Дар наздикӣ ва зери раги босилиқ сурхрагӣ бузург ҳаст, аз ин рӯ беҳтар аст, хун гирифтан низ аз раги бузургтар ва ошкортар ва пуртар набошад, ки ҳамроҳи бо карахтӣ бисёр хоҳад буд.

Ба ҳамон гуна ки гузора мекунем, дар ҳангоме ки раги босилиқ дида намешавад ва ниёз ба хун гирифтан низ намебошад, бояд бипоянд ва беҳтар он аст, ки аз хун гирифтан даст бикашанд ва ё шохаҳои дигари он чун раги зери бағал (абто) ва монанди онро ҷустуҷӯ намоянд. Чунончӣ хунгириро танҳо аз худи раги босилиқ бихоҳанд, беҳтар аст, ки пеш аз бастан ҷои хунгириро баррасӣ намоянд ва ҷойгоҳи набзро бишиносад ва сипас бо наворӣ ба

бибанданд ва баррасӣ намоянд ва то онҷо ки метавонед, ҷои теғ заданро аз он дур бар нагузинанд, то он ки поини ноҳияи кафро ҳам дар бар гирад. Зеро чун сурхраг дар жарфо мебошад ва раги босилиқ аз ноҳияи гудӣ оринҷ то андаке ба ноҳияи каф поин меояд. Агар дар паи сахт бастани навор ҷои задани набз барҷаста шавад ва боло биояд аз хун гирифтан дурӣ намоянд, чун ин бод кардагӣ ҳамон омос ва анбоштагӣ сурхраг мебошад. Дар ҳангоми хунгирӣ агар ба ҷаҳиши хун ва ранги равшани он бархӯрд карданд, бидонанд ки он сурхраг буда, онгоҳ бояд панбаро ба гунае фатила даровarда, бар сари милаи гузонӣ гузошта ва ба таркиби аз сабру хуни сиёвашон ва сапедаи тухми мурғ оғушта кунед, ба оромӣ даруни ҷое, ки раги зада шуда фурӯ кунед ва бар он мӯи харгӯш, ки бо сапедаи тухми мурғ оғушта шуда бигузоред. Ин дору хуни сурхрагро банд меоварад ва агар ба гунае дубора хун фаврон кунад ва ё зарбае ба он бихурд, бояд ба сахтӣ баста шавад ва се рӯз боз нагардад ва бар он ҳар соат об бипошанд, то бемор таб накунад ва ин кор бад ин гуна аст, ки болои ҷои рагзадаро ба сахтӣ бибанданд, то хун басташуда ва лухта шавад. Пас аз се рӯз ба оромӣ боз кунанд ва фатиларо берун оваранд.

Чунончӣ дору ба он часпида бошад, онро ҷудо нанмоянд ва бар перомуни он аз ҳамон дору дубора бигузоранд ва бибанданд. Агар озодшуда буд, онро ба нармӣ бардоранд ва ангушти худро ба тундӣ рӯи он фатила бигузоранд, сипас дубора доруро рӯи он бигузоранд ва онро ба гунае, ки ёд гирифтанд, хуб бибанданд. Бад ин гуна хуни сурхрагӣ банд хоҳад омад ва бемор аз порагӣ падидомада дар сурхраг ба тандурустӣ раҳоӣ хоҳад ёфт ва аз он осеби ба бемор нахоҳад расид.

Агар дар ҳангоми задани раги босилиқ ба барҷастагии нарме ки бо фишор додан гум мешавад, дарёбед, бидонед, ки порагии сурхраг мебошад. Беморро ба пойидани он ва дурӣ аз бархӯрди чизе бо он ки сабаби шикофтани он шавад, водоред чун хунрезӣ аз он ба монанди хунрезӣ аз сурхраг

мебошад ва онро бо доруҳои бандоваранда понсимон карда бибандед, то ҷои он сахт шавад ва дубора нашикофад.

Хунгирӣ аз сурхраги гиҷгоҳӣ ҳеҷ гуна тарсе надорад. Болои он болиштаке (пад) бигузоред ва бибандед, хун банд меояд. Вале дар хунгирӣ аз раги гудӣ зону ба гунае, ки даст баста мешавад, онро бибанданд ва бемор ба василаи пои худ ба оҷур ва ё даста ховонӣ такя диҳад, ки ба дунболи ин кор аз он рагҳо метавон хун гирифт.

Дар хунгирӣ аз раги нисо аз паҳлуи устухон дар ҷиҳати рон ба андозаи як мушт болои шатоланг (қоб)-ро мебанданд, чӣ ба ҷуз аз ин роҳ раг ошкор намегардад. Чунон чӣ ёфт нашавад вайро ба даруни гармоба бурда, рӯи пояш оби доғ бисёр бирезед, то раг намоён гардад.

Чунончӣ ошкор нашуд ба ҷои он бархе шохаҳое, ки рӯи пушти по қарор гирифта ба сӯи беруни он (по) рафтаро баргузинанд. Беҳтарини он раге мебошад, ки миёни ангушти кӯчак ва ангушти канори ангушти кӯчак рӯи пушти по қарор гирифта аст.

Хунгирӣ аз раги усайлим (яке аз рагҳои шашгонаи даст) кафи дастро дар оби доғ ниҳода, то бод кунад ва кулуфт шавад ва дар ин сурат раг ошкор мегардад. Сипас, ранги он зада мешавад ва дубора онро ба даруни оби гарм бурда, то хуни дар даҳонаи ҷои хун гирифтан аз раг лахта нашавад ва аз берун омадани хун ҷилавгирӣ нанмоед. Агар хостед, хуни бештаре аз раг берун ояд бар маҳали шикофташуда равған ва намак бигузоред, то ба фаврӣ сари он баста нашавад. Ин кор беҳтар аст рӯи шохаи борики рагҳо ва ҳар ҷое ба кор равад то шикофии кӯчак барои хунгирӣ бошад.

Набз дар рагҳои бузург тундтар ва дар рагҳои кӯчак кундтар мезанад. Набояд рӯи раге, ки хун аз он ба шиддат берун меояд, фишор овард ва онро ба сахтӣ печонд. Балки бояд раҳо кард, зеро ишколе пеш намеоварад. Агар дар даҳонаи ҷои хун гирифта ба хуни лахта шуда бархӯред, ки дар асари лабаи нештар пеш омада бошад, бардоштани он бо лабаи теғ беҳтар аст ва посухи зудтаре аз доғ кардан ба

ҷой мегузорад. Бояд донист рух додан зуд ҳангоми ҳар пеш омада ногуворӣ дар хунгирӣ аз кори ноозмудагон мебошад. Агар дар ҷое, ки раг зада мешавад, омос дида шавад ва ногузир аз хунгирӣ дар канори он ҳастанд, бояд аз болои он хунгирӣ анҷом диҳед ва чунончӣ бишавад дар он дарандагӣ дошт як ё ду рӯз бояд ӯро раҳо кард. Сипас, дубора хунгирӣ намоед. Бо наворе онро набандед, зеро падид оварандаи омос хоҳад буд.

Рӯи онро бисёр молиш надиҳед ва ҳеҷ хушбӯкунандае (лахолиӣ) ва монанди онро, ки мардум рӯи ҷои хунгирифта ҳамеша мегузоранд, рӯи он нагузоред. Агар гарм бошад, беҳтар аст навореро, ки баста аст то як соат низ боз накунед, то хушк шавад. Балки рӯи он пайваста гулоб ва оби тоза ва сардшуда бо ях бипошед, ба вижа агар ҷои нештар гарм бошад, то он ки захм баста шавад ва омос ва гармии он фурӯ нишинад.

Шароби хурмо бад-ӯ нанӯшонед ва ӯро такон надиҳед ва хаста нанамоед рӯзи хунгирӣ ва фардои он пурхурӣ кунед, бояд хӯрок кам бошад ва бар хӯрокиҳо сабук ва фурукашкунанда ва ё болоишкунандаи зардоб, чун ош сакбоҷи пуртуруш басанда кунад, магар он ки сина дорои забарӣ ва хаш-хаш бошад, он ҳангом оши зербоӣ сохта шуда аз гӯшти бара ва бузғола ва мурғ бад-ӯ диҳед ва зардии тухми мурғи нимаобпазшударо андак-андак ба ӯ бихӯронед.

Аз касоне, ки гирифтори анбоштагӣ (имтилоъ) ва ё мастӣ ҳастанд, то ҳангоме ки ин ҳолат аз эшон дур нашуда, хунгирӣ накунед, магар он ки дар диранг кардани он хатари бузург буда бошад.

Ҳамчун дар бемориҳои тангии нафас, ки ба дунболи он тапиши бисёри дил ва сурхии бисёри чеҳра ва чашм ва сакта аст, ки бештар ба ҳамроҳи он сурат сабз ва сиёҳ мешавад ва гирифтагии гулӯ ва хунрезии фаровон мебошад. Дар чунин ҳангоме бояд хунгирӣ анҷом пазирад ва он дар ҳар вақте аз шаб ё рӯз метавонад бошад. Вале, агар метавон даранг кард беҳтар аст ду ё се соат пас аз нимрӯз ва пас аз гуворидани

хуби хӯроки монда дар тан ва ба дунболи он берун рондани пасмондаҳо бошад.

Касоне, ки дар ҳангоми хунгирӣ беҳӯш мешаванд, беҳтар аст, пас аз раг задан андак нони хисонда дар оби анор малс ва ё оби ғура ва монанди он бихӯранд ва андозаи хун гирифтани ӯ, ки бояд гирифта шавад, дар се ё чаҳор бор анҷом диҳанд.

Бештари беҳӯш шуданҳо дар раг задан, вобаста ба ҷои бисёр кушоди нештар аст, ки дар андак замон хуни бисёр аз он берун меравад. Агар хунгирӣ чунин шуд, ҳар як соат бояд аз берун рафтани хун ҷилавгирӣ гардад.

Мо дар оянда дармони беҳӯшӣ ба дунболи хунгирӣ ва он чӣ ки дар паи раг задан астро хоҳем гуфт.

Бояд аз хунгирӣ пас аз ҳайз ва боло овардан ва шикамравиш ва бисёр наздикӣ кардан ва хастагӣ ва шабзиндадорӣ ва ончӣ танро мефарсояд ва онро ба сахтӣ гарм мекунад, дурӣ намуд. Андозаи хунгирӣ бар пояи одат ё ҳолате, ки пеш омада ва ё тандурустии ӯст.

Касоне ки дучори бемории омоси гармиaнд, ҳамчун бемори шуса ва монанди он бояд мунтазири тағйири ранги хун аз ҳолати нахустини он бошанд. Вале дар дигарон, ки омоси гарм надоранд, ниёзе нест, ки дар паи он бошанд, чун ҳолати хун дар ҳар ду яксон аст. Ҳамчунин дар касоне, ки дорои омоси гарм ҳастанд, ин тағйири ранги хун ба кундӣ анҷом мепазирад ва сабаби нигаронӣ аз фурӯафтодани нерӯ дар онҳо мешавад, бояд аз ин қонун даст бикашанд ва мунтазири тағйири ранги хун намонанд.

Касе, ки дар рӯзи раг задан ба андозае бода бинӯшад, ки маст кунад, бояд бо ду навор дар ҷои хунгирӣ бар вай бибанданд ва дар канораш гурӯҳе аз хонаводаи ӯ бошанд, ки ҳоли ӯро ҷӯё шаванд. Зеро бисёре аз онон ки хуне аз онҳо меравад ба хоб мераванд ва бедор намешаванд ва мемиранд ва бархе аз онҳо то наздикии марг мерасанд. Чунончӣ ин пешомад рух диҳад ва хуни бисёр аз ӯ биравад, нерӯи ӯ фурӯ меафтад. Пас бояд беморро ба хӯрдани оби гӯшт ва шароби

гиёҳии обакии дорои сангини ва хушбӯи (хушмазагӣ) болоӣ аст, водор бинамоянд. Ва агар имкони нӯшонидани ӯ набошад, дар хӯронидани оби гӯшт диранг шавад ва пеш аз он андаке шароби беҳ (меба), ки мушк бар он афзудаанд ва шароби гиёҳе хушмаза ба ӯ бинӯшонанд ва хушбӯкунанда ба ҳамаи тан ба вижа сина ва шиками вай бимоланд. Ба даруни сурохи бинии ӯ чанд модаи хушбӯ бидаманд ва пушти сари ҳам ба даруни даҳони ӯ бирезанд. Чӯҷаҳои бирёншударо ба наздики сурати ӯ биоваранд ва бишикофанд ва хӯрокиҳое, ки дорои бӯи иштиҳоовар аст, чун лақоник барои ҷилавгирӣ аз беҳушӣ дар ҳангоми хунгирӣ ва раг задан судманд аст.

Чунончӣ рух диҳад, бояд бо фуру бурдани пари парандае ба даруни гулӯи вай ӯро водор ба боло овардан намоянд. Сипас бар вай оби сард бирезанд ва ё ӯро дар оби сард фуру кунанд ва бар ӯ фарёд бизананд ва таконаш бидиҳанд. Чунончӣ ба ҳуш наёяд ба дарунӣ бинии ӯ мушк бидаманд ва чанд модаи хушбӯ ба ӯ бимоланд ва шароби омехта бо андаке об ҷуръа-ҷуръа бад-ӯ бинӯшонанд, фурӯ бурдани пар ва дигар равишҳоро дубора анҷом диҳанд. Агар ба ҳамроҳи беҳушӣ дил ба ҳам хӯрдан ва дилошубӣ набошад, вазъи бисёр сахт ва ноумедкунанда аст, дар ин ҳангом беҳтар аст, ба дунболи боло овардан набошанд балки ба дунболи боло бурдани чигунагии дармони ӯ бошанд ва иқдом ба хӯронидани оби гӯшт ва шароб ва хушбӯкунандаҳо ва такон додан ва фарёд задан бар бемор ва пошидани об бар ӯ бошад. Касоне, ки беҳуш ҳастанд, бо овои табл ва най ва фарёд ва таконҳои сахт ба ҳӯш меоянд.

**Ҳиҷомат:**

Ҳиҷомат, хун гирифтан аз рагҳои кӯчаки бахшшуда дар моҳичаҳо мебошад. Аз ин рӯ, нерӯи одам ба монанди ҳангоми раг задан фурӯ меафтад. Ҳар гуна анбоштагӣ дар танро сабук мекунад. Ҷоҳое, ки ҳамвора дар он ҳиҷомат анҷом мепазирад, гуди камар, ду раги ду сӯи гардан ва раги зери чона ва раги миёни шонаҳо ва раги соқи по мебошанд.

Хунгири аз гудии камар барои сангинии сару сари гижа судманд аст.

Ҳиҷомат дар раги гардан рухсора ва сару чашмро сабук менамояд ва барои сангинии сар ва дард решаи дандонҳои осиё судманд аст.

Чӣ басо гоҳе раг задан бар ин гуна корҳо, (ҳиҷомат) бартарӣ дорад.

Хунгирӣ аз зери ҷона барои барфаки даҳон ва ласаи уфунӣ ва он чӣ бемории даҳон бошад, судманд мебошад.

Ҳиҷомат миёни раги ду шона барои тапиши дил, ки ба ҳамроҳи анбоштагӣ ва гармӣ аст судовар аст.

Хунгирӣ аз соқи по анбоштагиро нерӯмандона мекоҳад ва барои дардҳои куҳнаи гурда ва заҳдон ва пешобдон судманд аст ва хуни моҳонаро резиш медиҳад, вале фарсояндаи тан мебошад ва дар бисёр аз афрод ба ҳамроҳи ҳиҷомат беҳушӣ намоён мешавад ва ин барои касоне, ки дар сурат ва даҳони эшон курак ва думал бисёр падид меояд, судманд аст.

Везан кардани золу дар ҷоҳое аст, ки қубоъ ё саъфа ва ё балхияи куҳна ва сахт дида мешавад ва ин кор бояд пас аз тиҳи созии тан бо раг задан ва равонкунандаҳо анҷом гирад, ки судмандтар мебошад. Беҳтар аст, ки пас аз бардоштани золу аз рӯи тан дубора бо шишаи ҳиҷоматгар хун аз ҷои ҳиҷомат макида шавад. Сипас ҷои он бо сирка ва пас аз он бо оби доғ шуста ва ҷои онро молиш ва фишор диҳанд. Агар ин кор барои дармон анҷом напазируфта бошад, беҳтар аст пас аз гузоштани шишаи ҳиҷомат ҳамон гуна, ки гуфтем, шустушӯ дода шавад. Чунончӣ пас аз бардоштани абзори ҳиҷомат, таровиши хун намоён гардад, порчаеро дар сиркаи хайсонда бо он лаккаи хунро бардоред, чунончӣ дубора дида шавад, бар он хоки сафол ё хазфи тозае орд ва пудра шуда, чун сурма ё навраи шиноваршуда ва зоки кӯбидашуда чун сурма ё мозу ё гулнори кӯбида бипошанд. Агар ҳамчунон бошад, боқолии хушкро дуним карда ва аз ҷиҳати сураташ бар ҷое, ки хун берун мезанад бигузоред ва онро бибандед.

Хуб аст золуи ба даст омадаро як рӯз каноре гузошта, сипас рӯи андоме, ки мехоҳед хун бигиред, бигузоред. Албатта, пеш аз он ҷои золуандохтанро ба гунае молиш бидиҳед, то он ки сурх шавад ё равиши оби гарм бирезед то сурх гардад.

Агар ба он начаспад, ҷойгоҳро ба хуни тоза биёлоед. Агар хостед золуро аз тан ҷудо кунед, рӯи ҷое, ки золу қарор гирифта, намак ё хокистар бипошед.

**Бемории ришта:**

Ин бемориӣ дар сарзаминҳои гарм ва олуда ва ба ҳам рехтаи касиф ва камобӣ ва бе сабзина падид меояд. Бештар дар соқи по мебошад ва чӣ басо дар ҷоҳои дигар низ берун биёяд.

Дар оғози падид омадан дар андом як илтиҳоб ва сипас товиле аз он берун зада мешавад, ки ин оғози берун омадани кирмина аз он хоҳад буд. Аз корҳое, ки ҷилавгирӣ кунандаи падид омадани ин бемориӣ аст, намнок кардани тан бо хӯрокиҳо ва обтанӣ мебошад. Бояд аз хурдани сабзиҷот ва меваҳо дар сарзаминҳое, ки падид омадан ин бемориӣ ҳамешагӣ аст худдорӣ кард, чун ин бемориӣ бештар аз ин роҳ падид меояд. Судманд аст, ки пайваста об биошомад, то ҷои он товил бизанад ва кирмина берун биёяд ва дар рӯзи нахуст ним дирам ва рӯзи дувум як дирам ва рӯзи савум якуним дирам сабур бихӯред ва памоде аз он бигузоред, ки онро мезудояд ва агар дар ҳоли берун омадан бошад, онро ба даври як мила сурби ба вазани як дирам бипечед ва гиреҳ бизанед, ки кашида ва дароз мешавад ва тундтар берун ояд. Ҳарчӣ аз он берун меояд, ба даври мила печида мешавад ва агар ба дарозо кашид, бахше аз он бурида шуда, бояд мондаи онро низ даровrouterад ва битарсанд аз ин ки аз решаи он бурида шавад, чун дарҳам кашида шуда, ба даруни гӯшт рафта ва омос ва уфунат ва чирки бадро ба ҷо мегузорад. Аз ин рӯ, беҳтар аст нармҷуёна ва ором-ором кашида шавад, то мондаи он берун ояд ва чизе аз он дар тан намонад. Агар бахше аз он бурида шавад, имлаеро ба даруни сурох ворид карда ва шикофии дароз ва порагӣ ба андоза дар он падид оварда шавад, то ҳар чӣ аз танаи кирмина дар он ҳаст, берун рехта шавад ва чанд рӯз равғанӣ ба ҷои он гузошта,

то ончӣ ҳаст гандида ва хӯрда шавад ва сипас ба дармон бо доруҳои гӯштзо рӯй оваранд.

**Берун овардани тир ва нуги пайкон ва хасу хошок аз пусти тан:**

Агар пайкон ба шиддат фурӯ рафта бошад, беҳтар аст, ба сахтӣ такон дода нашавад, чун тарс аз шикастани он мебошад. Вале, агар битавонед, абзоре, ки анбури тир ном дорад, ба гунае даруни захм фурӯ кунед, ки ба нуги пайкон бирасад ва ё агар нашавад, захмро густариш дода, сипас абзорро ба дарун бурда, то нуги пайконро дар бар гирад ва ба сахти онро бифушурад. Сипас онро чандин бор такон дода ва андозаи фурӯ рафтани онро биозмоед, сипас онро бикашед. Чунончӣ ин абзор нуги пайконро бигирад, дармонгар набояд онро аз даст бидиҳад. Аз он ҷое, ки сари он монанди суҳон аст ва андаке дарҳам кашидагӣ дорад, бахши поини анбур дорои тавони боло барои дар бар гирифтани нуги пайкон хоҳад дошт. Агар нуги пайкон ба гунае даруни тан биравад, ки ба сӯи дигар рафта бошад ва берун овардани он аз ҷои ворид шудаи он сахт шавад, бояд сӯи дигарро шикофт ва онро аз он ҷо берун овард.

Берун овардани хасу хошок ва шиша ва монанди он, ки дар тан фурӯ меравад ниёз ба понсимон дорад, ки ҷои онро равғанмолӣ намоед. Агар чарб шавад, ончӣ фурӯ рафта, ба берун роҳ пайдо мекунад. Бархе ин доруро доруи берункашанда ном додааанд ва намунаи доруҳое, ки дармони онро анҷом медиҳад ашқ (бадрон), ки бо асал кӯбида рӯи он понсимон шавад.

Бо пиёзи гули наргис, ки бо асал кӯбида рӯи он бигзоранд, ё решаҳои найро бо асал басоянд ва ё ҳамагиро бо ҳам омехта гирд оваранд, ки коркарди нерӯмандтар хоҳад дошт.

**Шикастагии сар:**

Агар осеби ворида ба сар устухонро нашиканад, беҳтар аст сабур ва мар ва даму-л-ахавайн (хуни сиёвушон) ва айрасо ва кундар ва катиро бипошанд ва бибанданд, ки ба тундӣ беҳбуд меёбад. Ва чунончӣ устухон бишиканад ба гунае, ки гуд шавад ва косаи сар бишикофад набояд онро

сабук шумурд ва кӯтоҳи кард, чун баҳам рехтагии хурд ва гирифтагии андомҳо ва ташануҷ асабӣ ва сипас марги фавриро ба дунбол дорад. Беҳтар аст, ки устухон ба тундӣ баста шавад ва аз пора шудан ниёми забарини он ҷилвагирӣ гардад.

Мо дар ин ҷо ба дармонгаре корозмуда ва ҳамроҳ ва доно ниёз дорем ва бахше аз дармони онро дар ин ҷо ёд кардем ва қасди мо бузургӣ ва аҳамияти осеби падидомада аз ин пешомада аст, ки бояд фарогиранд ва ба тундӣ иқдом ба даровардани устухони шикаста намоянд, пеш аз он ки паёмадҳои ваҳим, ки дигар дармон нопазир аст, намоён гардад. Ва бояд дармонгар аз пора шудани ниёми забарини устухон ба сахти бипарҳезад, ки осеб бисёр сахтеро дар бар хоҳад дошт.

**Лофзанӣ ва фиребгарии даҷҷолон:**

Лофзании дармонгарон бисёр аст, ки ёд кардани ҳамаи он аз китоби мо берун мебошад. Эшон бебокона ва ҳадафмандона ба озори мардум рӯй меоваранд, ки барои онон ҳеҷ гуна поёне надорад. Бархе аз эшон муддаии беҳбуди бемории саръ ҳастанд, ки бо равиши шикофтани сар ба гунае чалипо ва сипас ба берун овардани чизҳое, ки худ аз пеш дар онҷо гузоштаанд худнамоӣ мекунанд ва корозмудагӣ ва тавонмандии худро бо дуз ва калак ва даровардани чизҳое аз шикоф ба бемор нишон диҳанд. Эшон бо ин гуна намоишҳо корозмудагӣ ва тавонмандии худро ба бемор менамоёнанд.

Бархе аз онҳо чунин ба бемор менамоёнанд ки аз бинии ӯ соми абрас (ҷалапоса ва зиғи биёбонӣ) берун кашидаанд. Онро ба ин гуна анҷом медиҳанд, ки дар бинии бемор тикаи чубе ё оҳанеро фурӯ карда, ба девораҳо мекашанд, то хунрезӣ кунад сипас аз даруни он чизҳои аз пеш гузоштаро ба шакли ин ҷонвар, ки баргирифта аз рагҳои ҷигар ва шуш мебошад, берун меоваранд.

Гурӯҳи дигар чунин менамоёнанд, ки сапедии чашмро ба тундӣ дармон мекунанд. Пас ба даруни чашм тикаи оҳанеро

бурда ва он захмӣ карда, сипас бо он ниёми нозукро ламс карда ва онро аз он ҷо берун меоваранд.

Бархе дигар чунин вонамуд мекунанд, ки обро аз гӯш мемаканд. Пас лӯлаеро ба даруни гӯш фиристода, андаке оби даҳонро аз роҳи лӯла даруни гӯш рехта, бо ҳамон лула онро мемаканд.

Гурӯҳи дигар карминаи падидомада аз панирро дар гӯш ва ё дар канори решаи дандонҳои осиё пинҳон мекунанд, сипас онро берун меоваранд.

Дастаи дигар чунин вонамуд мекунанд, ки қурбоқа аз зери забон берун меоваранд. Он ҷоро шикоф медиҳанд ва тудаеро дар он ҷо мегузоранд ва сипас берун меоваранд ва ё тикаи устухонеро чандин рӯз ниҳон карда ва раҳо мекунанд. Ин бисёре аз корҳои эшон мебошанд.

Гоҳо сангеро берун меоваранд. Чандтои дигарро низ нишон медиҳанд ва ба бемор мебоваронанд, ки чандин сангро аз он ҷо берун овардаанд. Гоҳе бидуни ҳеҷ гуна ворасии пешобдон мегӯянд санг дорад ва дар он ҷо бебокона ва бедурандешӣ шикофе падид меоваранд ва ангушти худро дар он фурӯ мекунанд. Агар ба санге бархӯрд карданд, берун меоваранд ва чунончӣ чизе набуд, дар он санге мегузоранд, сипас онро берун дармеоваранд.

Берун кашидани тикае аз гӯшти солим, ки нишондиҳандаи бавосир аст, бо тардастии ҳамешагӣ анҷом медиҳанд.

Ва гоҳе дар мардум захмҳои куҳна ва носури воқеъӣ бар ҷо мегузоранд. Ва бархе аз эшон муддаиянд, ки вазӣ ва мазӣ (ҳом)-ро аз нарина ва дигар ҷоҳои тан берун меоваранд. Ҷойгоҳро шикоф медиҳанд, ё бар рӯйи сари нарина ё ҷои мавриди назар лӯлаеро мегузоранд. Сипас, чандин бор онро мемаканд ва аз роҳи лӯла бо даҳони худ чизеро ба он ҷо мефиристанд ва аз даруни нарина ба таште мерезанд.

Гоҳе бархе аз эшон ҳамаи бемориҳои танро якҷо гирд меоваранд ва аз ноҷо берун мефиристанд. Пас он ҷоро бо кабикаҷ молиш дода ва ба хориши сахте водошта, сипас пулеро барои берун овардани бемориҳо, ки дар он ҷо гирд

овардаанд, мехоҳанд ва нишон медиҳанд чӣ гуна бемориҳоро аз он ҷойгоҳ берун овардаанд ва ин ҳангоме аст, ки пули худро дарёфт мекунанд. Ҷои хоришро бо равған молиш медиҳанд, пас хориш хуб мегардад.

Бархе дигар ин гуна ба бовари мардум мерасонанд, ки мӯй ё шиша хӯрдаанд. Эшон пари парандаеро мегиранд ва ҳолати боло оварданро дар эшон бар меангезанд ва он дар гулӯй мефушуранд ва сипас чизҳои бисёре аз он берун меоваранд. Онҳо ин гуна корҳоро анҷом медиҳанд, то бузургии осеброро ба мардум нишон диҳанд.

Гоҳе бар ин кори худ шахсеро ба сӯи марг мекашонанд. Ин корҳо ҳангоме аз чашми инсонҳои фаҳмида дур мемонанд, ки ин доноён кӯтоҳ биёянд ва соданигарӣ кунанд ва ба он шайёдон бадгумон нашаванд ва рафтори онҳоро бовар намоянд. Дар ҳоле, ки агар ҷустуҷӯгарӣ ва пайгирии эшон бо чашми бадбинона бошад, на аз рӯи содагӣ, дар ин ҳангом аст, ки дурӯғ ва газофгӯиҳо ва пинҳонкориҳои онҳо ошкор мегардад.

Набояд доруҳои таҷвизшудаи эшонро ба кор баранд. Зеро эшон мардуми бисёрро бад-ин гуна аз миён бурданд.

Гуфтори ҳафтум бо сипоси Худованди офаридгори ҷаҳониён поён ёфт.

## ГУФТОРИ ҲАШТУМ ЗАҲРҲОИ ГУНОГУН ВА ҶОНВАРОНИ РЕЗИ ГАЗАНДА:

Куллиёте дар дармони заҳрҳо ва газиши ҷонварон ва шеваи поёндаи он:

Агар касе ба хӯроке бадгумон шавад, беҳтар аст, бар рӯи он чизҳои бисёр ширин ва туруш ва намакин ва ҳар чизе, ки мазаи нерӯманди бартар дорад, нахӯрад. Чӣ мазаи доруҳои кашанда дар паи хӯрдани ин гуна мазаҳо пинҳон мемонанд ва ношинохта хӯрда мешаванд. Аз ин рӯ, пеш аз хӯрдани хӯроки ношинохта онро бибӯед, чунончӣ дорои бӯи баде бошад, аз он дурӣ намоед. Пайгирона ҳар хӯрданӣ ва ошомиданиро пеш аз ба кор бурдан бӯ бикашед ва сипас бихӯред. Хӯроки заҳрогинро бибӯед ё андаке аз он бихӯред, то асари заҳрро аз миён биравад ва натавонанд ба шумо зиён бирасонанд. Мо онро дар поёни бахш хоҳем овард.

Агар гоҳе хӯрдани он аз рӯи ночорӣ рӯй диҳад ва бемор пас аз соате эҳсоси дигаргунӣ ва ошӯб кунад беҳтар аст, бо нӯшонидани оби нимгарм ва даҳн хал омодаи боло овардан шавад ва боз ба нӯшидани оби гарм ва равған ба андозае бисёр идома диҳад, то шикамба анбошта шавад ва дубора боло оварад.

Чунончӣ дар боло овардан кутоҳӣ ё диранге ё кундӣ дида шавад.

Шавидро ба ҳамроҳи об ва асал ва намак ва бӯра биҷӯшонад ва ба бемор бихӯронад ва кӯшише чандинбора дар ростои боло овардан кунад. Ва агар дар поини шикам бемор дилошӯби дошта бошад, барояш шиёф ва ё танқия ва равонкунанда ба кор бибарад. Агар ҳолати дилошубиро дар шикамба дошта бошад, доруи равонкунанда бад-ӯ дода шавад. Беҳтар аст, ки дар чунин ҳангоме ҳар ду кор анҷом гирад. Агар бо дармонҳои ёдшуда ором шуд, чӣ беҳтар вагарна бибинед, нишонаҳое ҳамчун дарди шикам ва дилпеч

ва хориши пӯст дар бархе аз ҷоҳои шикам дида мешавад ва ё нишонаҳое аз барафрӯхтагӣ ва арақ кардан ва сурхии рӯ ва резиши бисёри арақ ва ранҷурӣ ва ташнагӣ ва бӯи бади даҳон ва зардии чашм ҳувайдо дар ӯ мешавад? Оё гирифтагии тан ва карахтӣ ва беҳушӣ дар ӯ намоён мегардад ё на? Агар ҳоли ӯ ваҳим ва беҳуш ва нотавон шавад, инҳо пайёмадҳое аст, ки ном бурдем, ки нахуст паёмад заҳрҳои бо мазаи тунд хурондагӣ ва дуввум паёмад заҳрҳои гарм, савум паёмад заҳрҳои сард ва чаҳорум паёмад заҳрҳое, ки бо омезаи одам муғойират доранд.

Чунончи нишонаҳои нахустин падидор шавад, ба ӯ шир, кара, равғани бодом ва полуда (фолузаҷ)-и обакишуда бо равғани бодом бихӯронед, ки тундии онро мешиканд ва сӯзиш ва хории онро аз миён мебарад.

Агар нишонаҳои дувумин ошкор шавад, ба ӯ оби ях ва талқон бо ях ва шакар бинӯшонед ва андак-андак гулоб ва қурсҳои кофур бидиҳед ва равғани гули сурхи сардшуда ба ӯ бихӯронед ва бингаред, ки оё дар ҷое аз тани ӯ барафрухтагӣ ва омос дида мешавад ё на? Пас ҷалбакро бо ях сард кунед ва бар он ҷойгоҳ бигузоред ва ҳангоме ки гарм шуд, онро дубора анҷом диҳед, то аз сармои бисёр карахт шавад ва тухми усфарза ва шири карагирифтаи говӣ ва оби меваҳои сард ба ӯ бихӯронед. Агар нишонаҳои анбоштагӣ дар ӯ ошкор шуд, ӯро раг бизанед ва чунон ки шиками бемор банд омад, бад-ӯ равонкунанда бидиҳед, сипас ба сард кардан ва мулоим кардани ӯ бипардозед.

Агар нишонаҳои савумин ҳувайдо шавад, ба бемор сир, гирду, ангуза бихӯронед ва шароби куҳна бинӯшонед ва аз хобидани ӯ ҷилавгирӣ кунед ва вайро водор ба атса кардан намоед ва тани вайро молиш диҳед ва сару синаи ӯро бо кампурси оби гарм гарм нигоҳ доред.

Агар нишонаҳои чаҳорумин пайдо шавад, ки паёмади бадтарини самҳо ва кушандатарини онҳо аст, ба ӯ подзаҳри морҳо ва масрудитус бидиҳед ва шароби куҳна бинӯшонед ва бо хӯрокиҳои хушгувор ва оби гӯшт ӯро нерӯманд созед ва ҷои ӯро ҷои пурбод ва сард қарор диҳед ва ба ӯ либосҳои

нозук, ки бо сандал хушбӯ шуда, бипӯшонед ва даҳонаи шикамбаи ӯро аз берун молиш диҳед ва гоҳе вайро водор ба атса кардан ва боло овардан намоед ва агар суст шуд, ҳаво ба даруни даҳон бидамед ва чунончи беҳуш ва нотавон шуд ва чашмони ӯ гӯд афтод ва набзу танаффуси ӯ коҳиш ёфт ва андаке араќи сард кард, бидонед рӯ ба марг рафтааст.

Дар газиш ва неш задани ҷонварони ношинохта болои ҷои газишро соате бибандед ва бимакед ва бар он абзори доғшудаи ҳиҷомат бигузоред, сипас онро шикоф диҳед ва бар он чӯзаи бирёншуда ва ду нима гашта бигзоред ва бо он понсимон намоед. Чунончи дарди бемор фурӯкаш накард ва ба поини тан рахна кард, пайхоли кабутар ва футаҷ (футанҷ) ё гугирд бо пешоб рӯи он бигзоред ё ин марҳамро, ки дар кашидани он (заҳр) бисёр коро ва судманд аст, ба кор баред.

**Марҳами подзахр:**

Сакбинаҷ (сағбин) ва гундбидастар ва ангиза ва гугирд ва пайхоли кабутар ва пудана ва мушктар имшайъ-ро пок карда, гунае баробар ва равғани зайтуни куҳна ва зафт гирд оварда ва дар ҳован кӯбида, то якнавохт шаванд ва сипас бо он понсимон кунанд.

Чунончи бемор дар он андом эҳсоси сардӣ намояд, бо компресси гармо ӯро ором кунанд. Ӯро бо доруҳои гармозо дармон кунанд. Ва агар эҳсоси гармӣ намоянд, з-он сӯи он хоҳад буд. Агар кор ба ҷое расад, ки бемор дар паи газиш ва неш бархе нишонаҳое, ки гузаро кардаемро нишон диҳад, бояд дармонро ба гунае ки ёд кардем, дунбол кунанд.

Беҳтар аст бо ҷонварони ношинохта ҳамнишинӣ накунанд ва талош намоянд, ки аз онҳо дурӣ кунанд. Ба даруни даҳони хеш чизи ношинохта набаранд ва ё онро набӯянд ва ё бо он тани хешро молиш надиҳанд ва утоқҳои дарбастаро дуд бидиҳанд. Доруҳои дуркунандаи газандагонро бухор диҳанд. Ва бо ончӣ пас аз ин хоҳем гуфт, ба хости Худованд худро бипоянд.

**Доруи ҳалтияти ноб: нерӯманд ва судманд барои заҳрҳои сард ва неши каждум ва ратил ва ҳама бемориҳои сард:**

Мур, барги садоби хушк, каст (қаст), пудинаи хушк, филфил, оқарқарҳо ва қардимоно ба як андоза ва ангеза

баробари як чаҳор вазни ҳама ва асал ба андозае, ки ҳама онҳоро фаро гирад, ҳамаро меомезанд ва ба андозаи як фундуқ ё гарду сохта ва ба бемор мехӯронанд, ки дар ҳамон ҳангом арақзо хоҳад шуд.

**Доруи гирду ва анҷир:**

Ки аз осеби заҳрҳо ва офати газандагон ҷилавгирӣ мекунад: гирдуи ду пуста шуда як бахш ва намак ним куфта як шашум бахш ва барги садоти хушк яки шашум бахш ва анҷири сапед ба андозаи сирштани онҳо месиришанд ва аз ин сиришта ба андозае гирду қурс дуруст карда ба кор мебаранд.

Ҳар кас тарс аз хӯрондани доруи кушанда аз сӯи дигарон ба худ дорад пайгирона пеш аз хӯрок онро бихӯрад, ки аз кор карди заҳрҳо ҷилавгирӣ мекунад.

**Подзаҳри гули махтум:**

Доруи коро ва шигифтангез аст, ки барои дармони касе ки заҳр нӯшида судманд аст. Зеро пайваста вайро ба боло овардан водор мекунад то ҳама заҳрҳо зудуда шавад.

Равиши сахт: гули махтум ва донаи ғор ба як андоза бар мегиранд дар равғани гов хисонда ва тар карда уда бо асал месиришанд. Пеш, ё каме пас аз хӯрокиҳои нигаронизо ва ё дар ҳангоми рӯй додани поёмадҳои вахим ба кор мебаранд. Агар касе масмум (заҳролуд) шуда бошад он дору боло оварданро бармеангезад ва чунончи масмум набошад ин ҳолатро бармеангезад, то ҳангоме ки боло оварданро дар бемор аст, дору дубора дода мешавад ва пас аз он менигаранд ки кадом нишонаҳо дар ӯ ошкор мешавад то ба дармони он ҳамон гуна ки гуфтем бипардозанд.

**Доруи масрудитус:**

Доруи арзишманд аст зеро хӯрдани пайвастаи ангеза мешавад, то агар касе доруҳои кушанда бихӯрад заҳр дар коргар наяфтанд. Ва дар канори он иштиҳои хӯрдан ва нерӯи чинсиро меафзояд ва ранги (пӯст)-ро неку ва фаромушизо ва оромишдиҳандаи одамӣ аст ва андешаҳои бад ва хаёлпардозиҳои нодурустро дур месозад. Сахтии пешоб

карданро мебарад ва барои шикамравиши кӯҳна ва тез кардани биноӣ ва дигар ҳисгарҳо судманд аст.

Гузораи дору: мур, катиро, заъфарон, ғорикун, занҷабил, дорчин аз ҳар кадом даҳ дирам баргирифта бо сунбул ва кундар ва ҳарфи бобули (шоҳтира) ва изхар ва чуб балисон ва иставхудас ва касти ширин ва борзад ва иклил ул-батм ва дори филфил ва гандибедастар ва афшурда лиҳяи-т-тис ва мияи соила ва говшир ва барги тозаи содаҷи ҳиндӣ аз ҳар кадом ҳашт дирам ба ҳамроҳи салиха ва филфили сиёҳ ва сапед ва иклил ул-малак ва ҷаъда ва сири биёбонӣ ва дуқво ва равған ва тухми баласон ва доруи фарбиюн, ки манзурам қурсҳои фарбиюн аст ва мақли яҳуд, аз ҳар кадом ҳафт дирам ва сунбули румӣ ва ашқӣ ва мастакӣ ва замъи арабӣ ва тухми карафси кӯҳӣ ва қардмонои кӯҳӣ ва тухми розёна ва гули сурхи хушкшуда ва ҷанитонои румӣ ва мушки таромшиъ, аз ҳар кадом панҷ дирам ва анисун ва мар сағбин ва ақоқиё ва ҳаюфориқун ва ноб исқанқур, аз ҳар кадом чаҳор ва ним дирам ва асорун ва пудина, аз ҳар кадом се дирам ва афюн панҷ дирам ва барги садот дую ним дирам ҳамаро дар шароб мехисонанд ва месоянд, то обакӣ шуда ва якнавохт гардад ва сипас бо асале, ки кафи он гирифта шуда бошад, ба андозаи басанда месиришанд. Андозаи корбурдӣ онро ба андозаи як фундуқ, ё бештар ва ё каме андактар аст. Ҳангоме ки пеш омаде рӯй медиҳад, метавон баҷои он ба андозаи як гирду ба унвони подзаҳр ба кор бурд.

**Доруи фарфиюн: (фарбиюн) ки дар доруи таркиби масрудитус омада аст:**

Кишмиши беҳаста чаҳор дирам ва иклил ул-батм бисту чаҳор дирам мару изхар аз ҳар кадом дувоздаҳ дирам ва дорчин ва мақли обиранг ва изҳор-ил-тиб ва сунбули румӣ ва салиха иклил ул-малик ва саъид ва тухми ғор аз ҳар кадом се дирам ва найи зарира нӯҳ дирам ва заъфарон ва қафр-ул-яҳуд дую ним дирам ва ончӣ хисонданӣ дар шароб аст, мехисонанд, то нарм шавад. Сипас бо дигар чизҳои элакшуда гирд оварда, бо асал, ки кафи рӯи он баргирифтанд, бисиришанд ва пас аз он ба кор мебаранд. Ин

дармони ҳар заҳр мебошад, ки одами нодониста хӯрдааст. Вале агар онро дар оғоз шинохт ва ё нишонаҳое, ки дар гузашта гуфтем, барои ӯ ошкор шуд, пас, бояд онро бо доруе, ки вижа он заҳр бошад, дармон кунанд.

**Газиши морҳо:**

Ҳар касе море вайро неш бизанад, бояд болои ҷои нешро сахт бибанданд. Агар неш дар андоми кӯчак ва ба василаи яке аз морҳои хатарнок бошад, шонси раҳоӣ кам хоҳад буд ва он андомро ба тундӣ, бе он ки банданд, бояд бибуранд. Агар чунин набошад, иқдом ба хӯронидани подзаҳри мор бинамоянд. Ҳеҷ доруе, ба вижа тозаи он, ба ин андоза корсозтар барои раҳоӣ аз неши мор нест. Агар ин дору набошад, доруи таркиби масрудистус ва қурсҳои карсинаро ба кор бибаранд.

**Қурси карсина:**

Тухми ҳандқуқ ва зарованди гирд ва садоти биёбонӣ ва орди карсинаро ба андозаи баробар бо сиркаи норас бисиришанд ва ба сурати қурс дароваранд. Як мисқоли онро ба ҳамроҳи як вақия шароби хурмои кӯҳна ва равғани гов ба кор баранд. Дар ин бахш ин дору наздик ба коркарди подзаҳр бузург мебошад ва ё ду мисқол ангеза бо як вақия шароб ба масмум дода мешавад. Ва ё равғани гов ва асалро чандин бор ба ӯ мехӯронанд ва хӯроки пурчарб ва бо сири фаровон ва гирду ба ӯ медиҳанд ва шароби кӯҳнаи нерӯманд менӯшонанд. Бояд бар рӯи ҷои неш абзори ҳиҷомат гузошта шавад ва онро шикоф диҳанд ва бо доруҳое, ки гуфтем, понсимон намуд. Чунончи гандидан дар он оғоз шуда бошад, бояд доруҳои сӯзонанда, ки дар бахши захмҳо ёд кардем, рӯи он бигзоранд. Бо гили арманӣ ва адаси пӯстканда ва сиркаи хом перомуни онро бимоланд. Пас аз он ба хунгирӣ аз вай бипардозанд ва бингаранд, ки кадомин нишон ресаки бештар дорад? Оё нишонаҳои падидомада дар ҷои неш хатарнок аст ва ё дар ҳамаи тан? Агар беҳуш шавад ва нерӯи ӯ фурӯ афтад ва арақи сард кунад, бояд ба боло бурдани тавони бемор бештар аз дармони ҷои неш ва

кашидани заҳр таваҷҷуҳ кард. Чунончи ин нишонаҳо ором шуд ва фурӯ нишаст ва акнун нигаронӣ аз захм ва вахим ва гандидагӣ ҷои неш бошад, набояд ба бемор подзаҳр ва шароб ва доруҳои гармизо дода шавад. Балки бояд нахуст аз вай хун бигиранд ва равиши сард кардан ва дармони ҷои нешзада бо доруҳои захмҳои бадхим аст ва агар ниёз бошад, бояд доғ кардан ва буридани ҷои он анҷом гирад. Агар гандидагӣ ба тундӣ ба ҷоҳои дигар рехта кунад, дармони онро дунбол намоянд.

Аз чизҳое ки ба ҷиҳати доштани вижагии дарунишон барои заҳри мор судманд аст, харчанги дар оби ширин бирёншуда мебошад.

**Подзаҳри корсоз:**

Гурӯҳе аз пизишкон онро бо подзаҳри бузург барои дармони неши мор баробар медонанд. Анисун даҳ дирам, филфил се дирам, зарованди гирд ва ганбидастар аз ҳар кадом якуним дирам бо чизе ба номи мунфахтаҷ онҳоро месиришанд. Андозаи корбурди он қурс, ба андозаи як гирду аст. Ва он асари неши морҳо ва шикамхураи “беш”-ро, ки дар ҳамон рӯз хурда мезудояд.

**Подзаҳри морҳо. Подзаҳри бузург:**

Қурси мор бисту чаҳор мисқол, қурси ансал ҷиҳилу ҳашт мисқол, қурс андархун ва филфили сиёҳ ва дори филфил ҳар кадом бисту чаҳор мисқол, тарёк, дорчин, гули сурхи ордшуда, тухми шалғами биёбонӣ, сири биёбонӣ, решаи ширинбия, марзангӯш, ғорикун ва афшурдаи ҷӯшондаи ширинбия ва равған баласони ноби хуб, аз ҳар кадом дувоздаҳ мисқол ва мар, заъфарон, зангубил, зарованди чинӣ, решаи бинтофалин, ки дорои панҷ барг аст ва пудинаи куҳӣ, фаросюн ва фатаросолун ва тухми карафси кӯҳӣ ва истухудас ва касту, мур, филфили сапед, мушктаримшай,ъ кундари шукуфтаи азҳар ва шаробаи батм, салихаи сиёҳ, сунбули ҳиндӣ ва ҷаъда, аз ҳар кадом шаш мисқол, лабани соил ва тухми сисолус ва ҳарф (шоҳӣ) ва нонхоҳ ва камозравиш ва камофитус ва афшурдаи лиҳяи алтис ва сунбули румӣ ва барги содаҷи ҳиндӣ ва ҷантиёнои румӣ ва тухми розёна ва

гули махтум ва мияи соила ва ғорикун ва сакбинаҷ ва қалқатори сӯхта ва ҳамоно ва ҳаррафи бобулӣ сапед ва ваҷ ва донаи баласон ва фуҳ ва самғи арабӣ ва қардмоно ва анисун ва қоқиё, аз ҳар кадом чаҳор мисқол, дуқво ва бозовард ва қафри яҳуд ва говшир, қинтариюни ордшуда ва зарованди гирд ва гандибидастар, аз ҳар кадом ду мисқол ва асали кафаш баргирифта даҳ ратл ва шароби гиёҳи талхи нерӯманди софшуда се ратл, мур, тарёк, афшурдаи лиҳяи илтис, қалқатори сӯхта ҳамоно, авҷ, донаи баласон, самғи арабӣ, қардмоно, афшурдаи ҷушонидаи ширинбия, мийъа, қоқаё ва говширро гирд оваред ва дар ҳован лаҳ кунед ва бар он асали кафаш баргирифта ва доғ бирезед, бо куфтан лаҳ кунед. Сипас, бо шароб хамир намоед ва се рӯз дар косаи гилин ва бузург бигзоред. Дорчин, заъфарон, салиха, сунбул, кандибидастар, содаҷ, ҳарраф, гули махтум, қалқатор, қафри яҳудӣ ва орди ҳамоноро дар ҳован гирд оварда, бо шароб биомезед то хуб дарҳам шаванд. Ва сипас асал ва самғи бозурад ва равғани баласонро дар тобае гирд оварда, гарм намоед ва биомезед. Сипас, онро бар доруҳои дигар даруни ҳован рехта бикубед ва чандин бор ба ҳам занед, то омехтагии он якнавохт шавад. Ва баъд дар зарфи нуқраӣ ё биринҷӣ онро ба андозаи ду севвуми зарф, бе он ки пур шавад, бирезед ва сари зарфро бо пӯст бибандед ва рӯзе як соат дари онро бардоред ва пас аз шаш моҳ то як сол онро ба кор бибаред.

**Қурсҳои мор:**

Морҳои модаро мегиранд, ки дорои бештар аз ду нешанд, зеро морҳои нар танҳо ду неш доранд. Ва мореро газиниш мекунанд, ки ранги он ба хурмо бизанад ва пурҷунбуҷуш, ки сарашон бисёр боло мебаранд ва барафрошта нигоҳ медоранд ва тоза чоқ бо чашмони сурх ва сари паҳн ва сӯрохи тиҳигоҳи наздикии дум бошад. Дар ҳангоми баҳор (канори) дарё ва на дар шӯразор ва на аз наздикиҳои оби шур шикор шавад. Агар шикор шуд, дар ҳамон ҷо ба андозаи чаҳор ангушт сару думро бизананд. Чунончи пас аз буридан биҷунбад ва такон бихурад ва аз он

хуни фаровон биёяд, пас пазируфта хоҳад буд. Ва агар з-он сӯи ин нишониҳо бошад, ба кор бурда намешавад. Сипас, пӯсти онро мекананд ва ончӣ даруни шиками ӯст берун андохта ва покиза мекунанд. Сипас, бо оби гуворо мешӯянд ва тика-тика менамоянд. Ва дар потили тамиз бо об ва намак ва шавид мепазанд, то гӯшти он лаҳ шавад ва аз устухон ҷудо гардад. Онгоҳ устухонҳоро ҷудо карда ва обхуриши онро аз гӯшт саво мекунанд. Беҳтар аст оташи он аз зуғоли балут бошад. Гӯшти онро мефушуранд, то намноки надошта сипас онро вазн мекунанд ва ба андозаи як чаҳори он каък (нони хушк) кам хамир ва наздики аст ва ҳеҷ гуна турши дар мазаи он набошад ва хуб хушк бошад соида то чун сурма гардад ва сипас ба ҳамроҳи гӯшт кубида бо каме аз он оби хуриш тар мекунанд ва бо кубидан ва варзи додани он хуб нарм мекунанд ва меомезанд ва сипас касе ки мехоҳад қурсҳоро дуруст кунад дастон ва ангуштони худро бо равғани баласон чарб ва қурсҳои кӯчаке аз он дуруст менамояд. Сипас, қурсҳоро дар соя дар ҷое ки намури набошад мегузоранд ва ҳар соат пушт ва рӯ мекунанд то хушк шавад чунончи хуб хушк шуд онро дар зарфи шишаи рехта нигоҳдорӣ мекунанд.

**Қурси унсул (пиёзи кӯфӣ):**

Пиёзи даштиро дар ҳангоми дору кардан гандум бармегиранд. Андозаи он ба гунае аст, ки на хеле бузург ва на кӯчак мебошад.

Бо хамир рӯи онро мепӯшонанд ва онро дар танур рӯи оҷерӣ мепазанд, то тикаи хамир он бирён шавад. Онгоҳ онро аз танур берун оварда, хамири рӯи онро ва ҳар чӣ ба он часпидаро ҷудо мекунанд. Сипас ончи дар даруни он аст, бармегиранд ва бар он карсина орд шуда бо порчаи абрешимӣ илк шуда бо андозаи вазн ними аз он мениҳанд сипас бо кубидан онро зерурӯ менамояд ва бо шароб меомезанд ва пас аз чарб кардани даст бо равғани гули сурх онро ба сурати қурс дармеоваранд ва мегузоранд, то ба ҳамон гуна ки гуфтем хушк шавад. Ва пас аз он дар зарфи шишаӣ нигоҳ медоранд.

**Қурси андархун:**

Доруи шайшаъон най зарира, каст (қаст), чуби баласон, асорун, чаъда, фу, ҳамоно, мастакӣ ва шукуфаи ақҳавони сапедро аз ҳар кадом шаш мисқол ва шукуфаи азхар бист мисқол ва рованди чинӣ ва салиха ва дорчин аз ҳар кадом бист мисқол ва сунбул-ут-тиб ва созаҷ аз ҳар кадом шонздаҳ мисқол ва марр бисту чаҳор мисқол ва заъфарон дувоздаҳ мисқол бо ин вазнҳо гирдоварда ва пас аз илк кардан бо шароб гиёҳи хамирнамуда ба сурати қурс дароварда, дар соя хушк мекунанд.

**Озмудани подзаҳр:**

Чуҷа ё сагеро андак аз гиёҳи беш мехӯронанд ва дар канори море мегузоранд, ки онро неш бизананд. Сипас, дар ҳамон ҷо аз онҳо подзаҳр гирифта мешавад, ки беҳбуддиҳанда аст. Ва чун ба одамӣ сақмуниё диҳанд, агар дучори шикамравиш шуд, бад-ӯ ин подзаҳрро ба андозаи меваи канорӣ ё фундуқ медиҳанд, ки шикамравиши ӯро банд меоварад (инчунин подзаҳрро озмоиш мекарданд).

Ҳамчунин ин коркард дар мавриди боло оварданиҳо бисёр низ корсоз аст. Аз судмандиҳои бузурги он беҳбудӣ аз неши морҳо ва дармони касоне ки заҳрҳои кушанда хурдаанд ва дармони ҷузом аст ва ҳамчунин дорои вижагиҳои дигаре ба ҷуз инҳо низ мебошад.

**Газиши каждум:**

Аз доруҳое, ки барои неши каждум судманд аст: хӯрдани як мисқол решаи хушкшудаи ҳанзал ба ҳамроҳи об мебошад ва ё хӯрдани як мисқол ҷинтиёно румӣ бо об ё шароб ва ё як мисқол доруи ҳалтит бо як вақия шароб ва бастани болои ҷои газиш бо кампурс говрас гарм шуда ё оби доғ ва ё бо порчаи гарм ва ё бо намак доғ шуда ва низ ҷевае, ки дар он гандибидастар ва фариюн аст хурд мекунанд ва руяш мемоланд ва чандин бор бо он ҷои нешро молиш медиҳанд.

**Подзаҳри корсоз барои газиши каждум:**

Решаи ҳанзал, решаи кабар, афсантин набтӣ, зарованд ва чинтиёно ба як андоза бармегиранд ва се дуввум онро ба газида шуда мехӯронанд.

**Подзаҳри чаҳоргона:**

Озмуда барои газиши каждум ва дигар газандагон ва заҳрҳои кушанда ва ҳамтароз бо подзаҳри бузург, ки барои таб ва сипурз судманд: чинтиёнои румӣ, зарованд, марр ва донаи ғорро ба як андоза бардошта сойида ва бо асал хамир карда ва дар ҳангоми ниёз як то дую ним мисқол онро бо як вақия шароби куҳна ба кор мебаранд.

**Подзаҳри дигар:**

Корсоз барои газиши каждум: чинтиёно, зарованд, мар, донаи ғор, каст (қаст), кандбидастар, садоби хушк, аъқарқарҳо, занҷабил, филфил, шуниз ва ангиза ба гунае баробар бо асал гирд оварда ва ба андозаи як гирду бо шароб ба кор мебаранд. Дар набуд ҳеҷ доруе хӯрдан ва ба кор бурдани шароби куҳна ва сир басанда аст, сипас бо оташ бояд онро доғ кард. Доруҳои нармсоз ҳаргоҳ ба сурати подзаҳр хӯрда шавад дардро ором мекунад ва агар бемор таб намояд аз фардои он рӯзе ба хунгирӣ ва нӯшонидани оби ҷав рӯй оварад ва доруҳои фурукашкунандаи гарморо дар барномаи дармонӣ бигзорад. Набояд ҳеҷ гуна кӯтоҳӣ дар дармони бемор бишавад, то беморӣ ба сӯи сахт шудан кашида нашавад. Аз хӯрдани карафс дар газишҳои каждум ба вижа гунае зард ранги он бояд парҳез кард.

**Газиши каждуми зардранг:**

Ин гуна каждумҳо кӯчаканд ва дами худро мекушанд ва сарзамини хузистон зистгоҳашон мебошад. Ва бумён онҷо барояш подзаҳри корсози ба номи подзаҳри аскарӣ фароҳам сохтаанд.

**Подзаҳри аскарӣ**:

Пӯсти решаи кабар ва решаи ҳанзал ва афсинтини румӣ ва зарованди гирд ва бо алафе, ки “харо” ва ба забони порсӣ диноруя гӯянд ва тархашқуқ хушки нармшуда хуб месоянд, вазни ду дирами онро ба кор мебаранд.

**Ончиро ки пизишкон бо он дармон мекунанд:**

Пизишкон ба бемори газидашуда тарҳашқуқи хушк се раҳи (972) ва себи туруш ва суюқ бо оби сард ва шарбати гилоб медиҳанд. Чунончи гармои тани ӯ бисёр фузуни бояд

оби ҷав бад-ӯ менӯшонанд ва агар дилдард ва дилпеч дар ӯ пайдо гашт, равғани гули сурх ва оби ҷав ва оби хиёр ва оби каду ва мости туруш ба ӯ медиҳанд ва ҷои газишро бо василаи ҳиҷомат як соат мемаканд ва баъд онро доғ мекунанд ва ё доруҳои гарм ва кушандаи заҳр рӯи он мегузоранд. Ба ҷиҳати сустии пешомада аз дард набояд дар дармони он кӯтоҳӣ шавад. Дар оғози газиш дарди бисёр намоён намешавад, балки пас аз як ё ду рӯз нишонаҳои бади он ошкор мегардад. Забон омос пайдо мекунад ва пешоби хуни мегардад ва беҳушӣ ва тапиши дил падид меояд. Агар бемор шикамбанд шавад бо оби ҷағнадар ва бура ва равғани бунафша танқия гардад. Чунончи дучори ранҷурии сахте шавад, бояд оби себи туруш ё анор бад-ӯ нӯшонид ва чунончи дилдард ва дилпеч дошта бошад, бояд ба ӯ равғани гули сурх ва ба ҳамроҳи он оби ҷав ё шир бинӯшонед. Агар пешоб хуни дар бемор намоён гардад, аз ӯ хун гирифта шавад ва доруҳои номбурда ӯро ба кор биравад. Супи чуҷаи чоқ бад-ӯ дода шавад. Агар забони ӯ биёмосад, аз раги зери забон хун гирифта шавад. Бо оби коснӣ ва сиканҷабин даҳоншӯӣ кунад ва агар тапиши дили бемор бисёр шавад, бояд бад-ӯ талқони себ бо шароб ва мости турш ва қурси кофур диҳанд. Пизишкон ҳамеша инчунин газидан ва нешзадани каждумҳои зардро дармон мекунанд. Вале чун подзаҳри аскарӣ дар миёни мардуми Хузистон пуровоза аст, мо дар инҷо гузориши онро овардем, ки дар дармони неши каждум бисёр судманд аст.

**Подзаҳри дигар барои газиши каждумҳои зард:**

Хушк ва барги себи туруш ва гашничи хушк ба андозаи баробар мегиранд орд мекунанд ва орд ба кор бурда он ба андозаи се роҳа мебошад. Агар бар ҷои газиш хура ё бемории ҷузом (окала) пайдо шавад ва бо доруи тунд дармон мекунанд ва перомуни он гули арманӣ ва сиркаи тунд ва тез мемоланд ва дигар дармонҳои захмҳои чиркини бад ва хурандаро, ки ёдоварӣ кардем пайгирӣ намоянд.

**Неши ратил ва шибт (ҳазорпо) ва анкабут:**

Ратил ба монанди анкабути кӯчак бо номи “фаҳд” ки магас шикор мекунад. Шибт ба монанди анкабути бузург ва

дарозпо мебошад. Ратилҳо дорои гунаҳои бисёранд, бархе аз онҳо ратилҳои бадгазиш ҳастанд ва бархе аз онҳо неш задани нестанд. Неши ратили сурхранг дарди камеро баҷо мегузорад ва хориши он ба тундӣ фурукаш мекунад. Неши гунае сиёҳ ва сапед он дарди сахт ва сардии тан ва ларзаро дартан пай дорад. Неш гунае сапеди он дарди андак ва хориш ва шикамравишро падид меоварад. Он ратил, ки бар пушташ хатҳои дурахшон аст, ситора номида мешавад аз газиши он дарди сахт ва хориши ва сустии тан намоён мегардад.

Гунаи зарди он ки бар пӯсташ дарки зардист, дар паи газиш дарди бисёр сахт ва ларза ва арақ кардан ва бод кардани шикам ва гоҳе кушандагиро ба дунбол хоҳад дошт.

**Дармон:**

Агар дар оби доғ бинишинед, дард фурукаш мекунад. Ҳар чанд дар оби гарм бинишинанд, вале соате пас аз он дард дубора бармегардад. Чунончи пас аз берун омадан аз оби доғ дард ором шуд бояд рӯи ҷои неш оби пунамак бирезед ва гарм нигаҳ доранд ва дар ҳамон рӯз ва чандин рӯз пас аз он фард газида шударо гармоба баранд ва ӯро водор ба арақ кардан бисёр намоянд.

Ва ҷои нешро бо хокистари чуби дарахти анҷир ва навра ва қали хамир шуда дар оби гарм понсимон кунанд. Ба вай ду дирам шуниз диҳанд. Неши шибтро низ бад ин гуна дармон мекунанд.

**Подзаҳри хуб барои неши ратил ва шибт (ҳазорпо):**

Даҳ дирам шуниз ва панҷ дирам дарқуво ва камун ба монанди он ва се дирам ҷуз-улсару ва сунбул-ут-тиб ва донаи ғор ва зарованд гирд ва донаи баласон ва дорчин ва чинтиёно ва ҷовшир ва донаи ҳандқуқо ва тухми карафс ва тухми шавид аз ҳар кадом ду дирам бо асал хамир кунед ва ба сурати қурси ба андозаи як гирду бо шароби кӯҳна ба ӯ бидиҳед. Ин дору ва ҳамчунин барои неши каждум низ судманд мебошад.

**Анкабут:**

Аз неши бархе онҳо паёмадҳои баде то сарди ангуштон рух медиҳад. Ва тани сӯзон сӯзон ва нарина кашида ва дароз мешавад ва шикам оканда аз бод мегардад. Бояд ба эшон

садоти хушк шуда ва саъд ба ҳамроҳи шароб дода шавад онҳоро дар гармоба водор ба арақ кардан намоянд ва ҳамчунин ба эшон сиёҳдона бо шароб ва ё подзаҳр ки аз неш задани ратил омада дода шавад ва низ шароб ноби нерӯманд андак-андак дар ҳамаи рӯз бинӯшонанд.

**Неши занбур, занбури асал, мурчаи болдор ва пашаи табовар:**

Бар ҷои неш чанд бор пушти сари ҳам бо гул ва сирка молида шавад ва бар порчаи дар оби ях хайсонда шуда бигзоранд. Ё бо чалбаки хисхурда дар сирка понсимон (захмбанди) кунанд ва чандин бор ин кор анҷом шавад ва бар он порчае, ки дар гилоб ва ях хисонда бигзоранд ва тикаи яхро дар сурохи тиҳигоҳ фурӯ кунанд. Ва оби ях бисёр бинӯшанд то сабзранг шавад. Ва бо барги бодраҷ ва ё бо боли магас ҷояшро молиш диҳанд, чунончи аз он неш дамои (ҳарорати) тан боло равад бояд оби ғураи ҷушонда ва донаи исфарза ё хиёр ба андозаи бисёр ва косни ва коҳу ба газида шуда бихуронанд. Ва дар ҳангоми ҷои онро чандин бор сахт бимакад ва бо хибози ё харфа ё тоҷрезӣ ё ҳайю-ул-олам ва монанди он понсимон кунанд, ки судманд мебошад ва барои он ба кор бурдани се роҳа гашниҷ кубида бо шакар ва гулоб ва молиш додан бо барги тут хуб аст.

**Неши изоя ва вазға (карбаса):**

Ин газандагон дар паи гоз гирифтан бо дандон заҳреро баҷо мегузоранд, ки пайваста хоҳад монд. Бинобар ин то онро берун наёваранд дарди пайваста хоҳад буд. Шеваи дармони берун овардани заҳри ҷонвар молиш додан бо равған ва хокистар аст ва чун заҳр берун омад бояд хокистарро бо равған хамир карда рӯи ҷои он понсимон кунанд. Агар дард ҳамчунон бошад бояд ҷои онро бимакад ва сипас онро чандин бор дар оби доӯ гузоранд ва низ подзаҳри сохташуда барои неши ратилро бад-ӯ хӯронданд.

**Ончӣ ҳашарот ва морҳо ва газандагон ва даррандагонро меронад ва ё мекушад:**

Нигоҳдоштани гурба ва росу ва товус ва лаклак ва паррандагони обӣ ва ҷуз он дар хона ҳашарот ва

хазандагонро шикор хоҳанд кард ва дар ҷоҳои гандоб абобил (парасту) ва росу ва ё бар газидан ангуштари нигин зумради нек ва бузург то онҷо ки бишавад ва ба ангушт кардан он ва ё чароғи пурнур дар хобгоҳ равшан гузоштан ва хобидан ба навбат ва ё бо овози миёна овоз хондан ва сухан гуфтан, то газандагон аз онҳо дур шаванд. Аз чизҳое, ки ба вижа морҳоро меронад, бухори шохгузан ва ё симбаз ва ё гугирд ва ё бухори сӯзондаи муи одам аст ва ё фурӯ кардани хор ва хушк дар лонаи морҳо ва ё пошидани об, ки дар он навшодир боз шуда дар хонае, ки онҳоро мегурезонанд. Чун морҳо ба он ҷойгоҳ ҳеҷ гоҳ наздик намешаванд ва агар навшодир дар лонаи мор бирезанд, ба тундӣ мегурезанд. Ва агар навшодирро дар даҳон нигоҳ доранд то об шавад, сипас, ба даҳони мор туф кунанд, дар ҷо морро мекушанд. Ҳамчунин бухори зафт ё мақл онҳоро мегурезонад ва ҳамеша бо худ сиканаҷабин доштан, ин гуна короиро дорост.

Агар қатронро бар рӯи порча бимоланд ва дар лонаи мор фурӯ кунанд, мор фирор мекунад. Ва агар одамӣ ба худ росин бимолад ва онро дар перомуни худ бигзорад, морҳо ва бештари газандагон фирор мекунанд.

Агар ҷойгоҳи худро бо наҷосаф фарш кунанд, бештар морҳо ва газандагон ронда мешаванд. Ва агар гугирд ва хардали кубида дар лонаи морҳо гузошта шавад, онҳоро мекушанд. Дуди чуби дарахти анор морҳо ва газандагонро дур мекунад. Гӯянд, агар чашми афъӣ ба зумурради дурахшон бияфтад, дар ҷо чашмаш аз коса берун мезанад.

**Каждумҳо:**

Агар чантои аз онҳо гирифта ва сӯзонда шаванд, дуди ноши аз сӯхтан онҳоро ба даруни лонаашон бидамад, мондаи онҳо мегурезанд. Ҳамчунин дуди гугирд ва суми улоғ ва қино онҳоро мегурезонад. Агар дар лонаи онҳо қатрон рехта шавад, мемиранд ва ё мегурезанд ва аз он берун намеоянд мурчагон каждум ба вижа шунаи зард ранг (чарор) онро мехӯранд. Агар ангизаро дар об боз кунанд ва ба ҳар куҷо бипошанд каждум ба онҷо наздик намешавад ва агар

қатрон ё ангизаро рӯи расна бимоланд ва дар ҷой бигзоранд каждум бад онҷо наздик намешавад.

**Как:**

Агар гиёҳе, ки дар порсӣ киквош гуфта мешавадро рӯи зерандозҳо бигзоранд бо хӯрдани он какҳо гиҷ мешаванд ва дигар нотавон аз осеб расонидан ва париш хоҳанд буд ва ба осонӣ гирифта мешаванд.

Агар хонаро бо афсантин ё шуниз ё ҳанзали обпаз шуда обпошӣ кунанд, онҳоро мекушанд.

Гуфта мешавад агар сурохиро дар миёнаи хона фароҳам намоянд ва дар он андаке аз хуни бузи куҳӣ бирезанд, какҳо ба сӯи он гирд меоянд. Агар хор ва хушки пухтаро дар хона бирезанд ҳама какҳо нобуд мешаванд ва ҳамчунин ин корро бо оби садот ва оби қалъӣ метавон анҷом дод.

**Паша ва чарочис:**

Онҳо аз дуд (чуб)-и анҷир ва саргини гов ва бештар аз дуди зок ва шуниз мегурезанд. Чарбии сурат ҷои муносибе барои неши пашаҳо мебошад. Пас, агар барги оғушта ба равған ва ё чуби канаб (канаф)-ро дар канор баста бигзоранд, онҳо ба сӯи он хоҳанд рафт.

**Занбур:**

Гуфта мешавад аз бӯи дунба ва гӯшти чарбидор ва чарбии рӯи оташ гузошта мегурезанд. Ҳамчунин гӯянд бахӯро барги чанор ханфас (хубзи дук) ӯро меронад.

**Магас:**

Пухтаи харбақи сиёҳ ва ҳамчунин бӯи зарнихи зард ва низ бухори кандас кушандаи магас аст.

**Муш:**

Мардосанг ва рими оҳан ва харбақ ва саргини ҳар кадомро орд карда, барои ӯ бигзоред. Дар сурате, ки муш онро бихӯрад, хоҳад мурд. Ҳароина лонаи онҳоро бо зоки дудон дуд кунед, гурезад. Мегӯянд, агар мушеро бигиранд ва сураташро салохӣ намоянд ва дар миёни хона раҳо кунанд, дигар мушҳо хоҳанд гурехт ва ё муши бузург гирифта шавад ва охта гардад ва раҳо шавад ин муш дигар мушҳоро мекушад ва нобуд месозад.

**Мурча:**

Аз қатрон ва гугирд ва ангиза мегурезад ва дар сурате, ки дар лонаи онҳо рехта шавад хоҳанд мурд. Чунончи перомуни лонаи онҳоро бо он биёлоянд ҳаргиз берун нахоҳад омад.

**Даррандагон:**

Гӯянд шер аз хуруси сапед ва муш мегурезад. Ва гург ба ҷое ки ансал (пиёзи даштӣ) бошад наздик намешавад. Ва гуфта мешавад, ки паланг аз дарахти бо номи марор метарсад ва фирор мекунад. Шер аз чуби ба номи чуби шер, ки дар навиштаҳо дарахти сафсоф (дарахти табрезӣ) ном гирифта аст, мегурезад.

Сансор ва далқ (далба) аз бӯи садот ва бодоми талх мегурезанд ва пиёзи даштӣ рубоҳро мекушад. Ва харбақи хук ва саг ва шер ва бештар даррандагонро нобуд мекунад. Сабзае, ки хафакунандаи паланг ном дорад, палангро мекушад.

Агар андоме фишурда шавад ва ба сӯи пояи худ кашида гардад ва андомҳои бисёр дар пайи он чунин ҳолатеро пайдо мекунанд. Мо онҳоро андомҳои дорои гирифтагӣ мегӯем, ташаннуҷ якбора ва ё ором-ором рух медиҳад. Даргирифтагиҳое, ки якбора пеш меоянд, дуруст бо ҳамон дармони беморони фалаҷ дармон мегардад, ҷуз он ки мо молиш додан ва равғанмолӣ кардан бо равғани қастро дар инҳо бештар ба кор мебарем. Вале чигунае, ки ором-ором дар пайи таб ва шикамравиши бисёр ё боло овардани фаровон ва ё аз хунраезии пеш меоянд, ташаннуҷи бадест ва умеди беҳбудӣ дар он дида намешавад. Аз ҳамон оғоз ба нӯшонидани оби ҷав хурушатҳои (суп) нармкунанда ва пурчарб ва фурӯ рафтан дар оби тоза ва гуворои нимгарм ва молидани равғани бунафшаи гарм ва равғани каду ба вижа ба пояҳои он андомҳои дорои гирифтагӣ, дармони ӯро думбола мекунем ва пайваста ӯро дар обзан менишонем ва равған мемолем ва шароби андак бо оби фаровон бад-ӯ менушонем ва хӯрокҳои таризо бад-ӯ мехӯронем, ки кумак ба беҳбудии ӯ мекунад.

Агар зеҳни одамӣ хаста шавад, ҳарчизеро ба тундӣ фаромӯш хоҳад кард ва ончиро бигӯяд дар мағзи худ нигаҳ намедорад, ба он дастрасӣ пайдо намекунад. Агар ин беморӣ ба дарозо кашида куҳна шавад, мо ӯро бо боло овардан ва хӯрондани чандинбораи қавқоӣ ва пас аз он ба даҳоншӯи кардани айёра ва дигар доруҳое, ки балғамро аз сар поин мекашад ва берун мебарад, водор мекунем. Ва сипас пайваста вайро ба хӯрданӣ парварда дар асал ҳамчун занҷабили парварда шуда водор мекунем, ки ҳар рӯз бомдод аз он баргирад. Агар басанда набуд, ба ӯ пешниҳоди хӯрдани билозарии кӯчакро медиҳем. Беҳтараст хӯрдани онро ба вижа дар рӯзҳои зимистон оғоз кунад.

**Доруи билозарии кӯчак:**

Филфил, занҷабил, миъа, сунбул аз ҳар кадом як бахш, кундар, ҳалилаи сиёҳ, балила ва омили аз ҳар кадом ду бахш ва аз гирдуи пӯстканда ним бахш, ки бо асал гирд оварда, ки андозаи хӯрокӣ ба андоза як иноб аст.

## ГУФТОРИ НУҲУМ: БЕМОРИҲОЕ, КИ САР ТО ПО ДАР ТАН ПАДИД МЕОЯД

Агар одамӣ ба ногаҳ ба замин афтад ва ба худ бипечад ва ошуфта парешон бошад ва худро аз даст диҳад. Мегӯем:дучорим бемории саръ аст. Агар даҳони ӯ кафк кунад ва пешоб ва пайхол ва оби мардона нохост аз ӯ берун резад. Пас ин бемори сахттар ва пойдортар шудааст. Чунончи бемор пеш аз оғози руй додани ин нишонаҳо эҳсос кунад ва чизе аз бархе андомааш боло равад, то ба сараш бирасад ва сипас беҳуш шавад, беҳтар аст бахши болои он ҷое ки дар он, ин эҳсос падид меояд, бо навраи бисёр сахт хуб бибанданд. Ин кор аз пайдоиши нишонаҳои (навба) саръ ҷилавгирӣ мекунад. Вале дар ҳангоми роҳатӣ беҳтар аст, танро бо равонкунандаҳо ҳамчун ба кор бурдан чандинбораи қурс (қуқиё) ки дарунро покиза намояд, руй овардан ва сипас он чойгоҳро бо хардал, филфил, фиребун, асал билозар бипушонанд ва раҳо кунанд. То товил бизананд ва ҳар гоҳ товилҳо сар боз кунанд, онро бифишуранд то он чи дарун доранд берун резанд ва сари он муддате дароз баста нашавад, то чандин бор товил занад сипас сари захм баста шавад, ки дар он беҳбуди хохад буд. Ва бар он абзор ҳиҷома гузорад ва ҳар кадомро ба фосилаи андаке шикоф диҳад, агар бемор пеш аз огози саръ (навба) дилбаҳам хӯрдаги ва андуҳ ва тапиши дил эҳсоос кунад сипас навбаи сар пеш ояд. Беҳтар аст чандин бор вайро водор ба боло овардан ва пас аз он чандин бор ӯро водор ба хӯрдани аёраи фиқро намояд, сипас рӯи шикамбаро бо сумбул ва гули сурх ва мастико пӯст канда, марҳам гузорад, ва ба ӯ нӯшобаи гиёҳ нӯшонад ва хӯроки ӯро аз хӯрокҳои андак пас монда ҳамчун қалоё (суп) ва мутҷан (бирёншуда) ва гӯшти паррандагон ва барра гузорад. Агар ба ҳамроҳи саръ, ҳисгарҳои тор ва кадар канда шуда бошанд ва аз

нишонгаҳое ки пеш аз ин гуфтем, чизе набошад, беморро бояд водор ба кор бурдани чандинбораи қавкоё ба унвони равонкунанда намояд то шикамро шал намояд.

Дар бораи ӯ чораандешӣ намоён кунад ва хӯрокҳое, ки гузора кардем бихуронад ва вайро ба даҳоншуӣ ва аксакардан бо доруҳое, ки гуфтем водор кунад. Фовониё, ки пудар шуда ҳамчун сурмаро дар канали бинии ӯ бидамад. Агар ба ҳамроҳии саръ сурхии руй ва чашм ва резиши бисёри арақ бошад, аз раги соҳини ӯ хун бигирад ва раги дусақро ҳиҷома намояд ва бар сари ӯ сиркои норас (хили хамр) ва равғани гули сурх бигзорад ва вайро аз нӯшидани шароб ва пиёз ва хардал, тира, карафс, боқилӣ, қунбит (калам) ва ҳарчи сабаби саргиҷа мешавад ва сарро пур аз бухор мекунад, боз дорад.

**Доруи бисёр судманд барои сар.**

Оқирқарҳо, солиюс, устухудас аз ҳар кадом даҳ дирам, ғориқун (қорчи чаман) панҷ дирам, қир дамонои тозае тунд ва ҳалтити хушмаза ва зарованд гирад аз ҳар кадом дувуним дирам бар гиред ва афшураи ансил ва ба ҷуз онро бо асал бипазед ва сипас бо доруҳои пешин хамире созед ва аз он рӯзона як мисқол бакор баред ва ӯро аз хӯрдани хӯрокиҳои сангин дур нигоҳ доред. Ин дору барои ҳама гунаҳои саръ судманд аст.

Магар гунаи хуне, ки Ҷолинус онро ёд карда ва он гунае аст, ки гирифтани хун аз раги софин ва ҳиҷомати раги соқ ва хунгирӣ аз сархаргаҳое, ки дар сар ҳастанд, барои дармони он хуб мебошад. Чи басо ба ин дармон беҳбуд наёяд, дар ин сурат пас аз раги софин ба хунгирӣ аз раги босалиқ бипардозед. Пас аз чораандеши нармҷӯёна, ба коҳиш додани хуни тан ва сард кардани он ва парҳез аз шароб ва гӯшт ва хӯрдани афшурдаҳои ҷӯшондаи меваҳои турш ва сард кардани сар бо он чи рӯи он гузошта мешавад бипардозед.

**Бахтак (кобус)**

Агар одаме дар хоб бубинад, ки чизе сангин ба рӯи ӯ меафтад, ингуна хоб диданро бахтак гӯянд. Беҳтар аст дар дармони он кутоҳӣ нашавад, чун оғози саръ аст. Агар ранги

чеҳра сурх ва рангҳо анбошта (аз хун) бошад, шоиста аст, ки аз раги софини ӯ хун гирифта ва раги соқро ҳиҷомат кунанд. Шароб ва ширинӣ ва ё ҳарчи созандаи хуни фаровон аст аз ӯ дур созанд ва агар аз он сӯи он бошад, бояд чандин бор (қавқоё) ба унвони равонкунанда ба кор баранд ва чораандешии нармҷӯёна дар бораи ӯ анҷом диҳанд ва ӯро водор ба варзиш кардан кунанд ва ба молиш додани андомҳои поёнии ӯ бипардозанд.

**Молихулё**

Агар барои одамӣ андешаҳои палид ва беҳуда пеш ояд. Ва бар ӯ тарс, андӯҳ, афсурдагӣ чира шавад пас инҳо оғози бемории молихулиё мебошанд. Чунончи ба ҷое бирасад, ки шахсе фарёд бизанад ва сухангӯӣ бо худ ва парт ва пало гуфтан бипардозад ва ба ҳам рехтагии сухан ва кирдор ва хирад (парешонхаёлӣ) дар ӯ дида шавад, дар ин ҳолат бемории молихулиё дар ӯ реша давонидааст беҳтар аст, пеш аз он ки нишонаҳои андешаҳои бад ва андӯҳ афсурдагӣ падид ояд.

Ва неруманду устувор шавад, ба дармони ӯ пардохт, чун агар ин нишонаҳо реша давониданд, дармон сахттар мешавад. Агар ба ҳамроҳи молихулиё дарди шикам ва нафха ва ба дарангӣ ва табоҳӣ гувориш дида шавад ва боло овардани он чи даруни шикамбаи ӯст бо туршӣ ва базоқ бисёр ҳамроҳ шавад, пас бояд ба дарангӣ ба хунгирӣ аз раг бо салиқ ва асилам аз дасти чап ё рост бипардозанд. Ва агар хуни сиёҳранг дида шавад аз он хун бештар берун бикашанд ва агар сурх ва рақиқ буд дар ҳамон ҷо ҷилави берун рафтани хун бигиранд. Пас аз он вайро бо асфидбоҷҳои нармкунанда аз гӯшти бузғола ва барра се рӯз хурок диҳанд. Ҳаррӯз ӯро ба гармоба бибаранд. Монанди ӯро дар онҷо ба дарозо кашанд. Сипас ба вай пахтаи афтимун, ки гузораи онро дар зер меоварам, бихӯронанд:

**Пахтаи афтимун**

Ҳалилаи сиёҳ даҳ дирам, устухудас даҳ дирам, кишмиш бо ҳаста даҳ дирам, афтемуни акрито даҳ дирам ба ҷуз афтемун ҳамаи онҳоро бо се ратл об мепазанд то ба вазни якуним ратл бирасад сипас афтемунро рӯи он мерезанд ва аз

рӯи оташ бар медоранд то сард шавад, сипас нарм мекунанд ва меполололоянд.

Пас аз он горикун ду сум дирам ва сабр як дирам ва намаки ҳиндӣ ним дирам ва харбақи сиёҳ як чаҳорум дирамро бо шарбати гулоб хамир мекунанд ва пеш аз се соат аз бар гирифтани пухтаниҳо, онро ба кор мебаранд ва пас аз он он чиро пухтаанд ба андозае, ки дар таркиби доруи пеш аз ин гуфташуда истифода менамоянд. Сипас беморро се рӯз озод мегузоранд ва барномаи хӯрокиро ҳамон гуна, ки гуфтем барои ӯ дар барнома мегузоранд ва шароби обакии соф ба ӯ менӯшонанд ва пас аз он барои ӯ равонкунандаҳоро такрор мекунанд ин корро се давра анҷом медиҳанд. Вайро аз хӯрдани ҳар хӯроки созанда талхоба ба монанди гӯшт хамагуна шикор ва гӯшти гов ва наринаи буз ва оҳу ва гӯшти бузи пир ва баққолӣ ва панири кӯҳна ва ба вижа адас ва гашниз ва қалам ва бодинчон ва нони хушкорро ва ҳамаи сабзаҷот ба ҷуз намуркунандаҳои сардкунанда боз медорад. Ҳамчунин ӯро аз нӯшидани шароби ноб ва хастагӣ, бедорӣ, ташнагӣ ва гуруснагӣ кашидан боз медоранд, вайро шароби обакӣ менӯшонад. Ва ба хобидан водор менамоянд.

Бештарин таваҷҷуҳи худро ба дармони сипурз мегузоранд. Ҳамонгуна ки дар ҳангоми дармон сипурз бузург шуда, гузора хоҳем кард.

Ҳамчунин ба нерӯ бахшидани шикамба мепардозанд, ба вижа бо доруҳое, ки дар ҳангоми гузора кардани бемориҳои шикамба ном мебарем:

Агар бо ҳамроҳи молихулиё он нишонаҳое, ки гуфтем набошад ва рӯйдодҳо пас аз беморӣ сарсон ё бехобӣ ё роҳ рафтани тӯлонӣ дар зери офтоб ва ё зарба ба сар пеш омада бошад.

Нахуст ба хунгирӣ аз раги қифол рӯй оваранд. Сипас таваҷҷӯҳ ба дигар дармонҳое, ки ба вижа барои сар гузора кардем, намоянд. Рехтани оби нимгарм бар сари вайро бештар кунанд. Ва пас аз он бояд равғани гули сурх бо сиркаи норас бар сари ӯ бирезанд ва бояд бар ӯ шир бидӯшанд ва дар байни ӯ равғани каду (даҳани қаръ) ва шир бичаконанд. Ва бисёр дар гармоба ӯро нигоҳ доранд ва дар

онҷо бояд оби нимгарм ба сари ӯ бирезанд ва ӯро водор ба бӯидани гиёҳҳои сард кунанд.

Агар бо ҳамроҳи молихулиё он нишонаҳое, ки зикр кардем набошанд, пас бояд нахуст ба хунгирӣ аз раги акҳал аз дасти рости ӯ бипардозанд. Хуни гирифтаро ҳамон гуна, ки гуфтем баррасӣ кунанд ва ба шевае, ки ёд кардем дармонро анҷом диҳанд. Ғайр аз инҳо бояд дигар чораандешиҳое, ки гузора кардем ба кор бибаранд. Акнун, ки ҳамаи шеваҳоро ба кор бурдед, муддате вайро озод бигзоред. Дубора аз оғози кор дармонро анҷом диҳед, то беҳбуд ёбад.

Андешаи дармонкунанда дар беморони молихулиёӣ, фарбеҳ ва шодоб кардани тани онҳо бояд бошад, чун агар шодоб шаванд беҳбуд меёбанд. Барои эшон гӯшти бузғола, барра, мурғ ва нони сапед неку аст. Албатта нони хушкор хуб нест ва шароби обакӣ на сиёҳ ва ноби он ва шир, моҳии тоза ва шириниҳое баргифта аз равғани бодом ва шакар хуб мебошад ва аз чизҳое, ки барои эшон бисёр судманд аст шунидани овози худ, мусиқӣ, шодӣ, бозӣ ва хоб аст. Танҳоӣ ва андешидану бедорӣ бисёр барои бемор зиёновар аст.

**Қурсе, ки талхобаро меронад:**

Барои касоне, ки нотавон аз хӯрдани пухтаниҳо ҳастанд: афтимуну ақрито бист дирам, баспоя даҳ дирам, устухудас ҳафт дирам, аёраи фиқаро понздаҳ дирам, андозаи хӯроки он се дирам аст. Хӯрдани ин хамиршудаи шодиовар дар рӯзҳои тандурустӣ судманд аст.

**Хамиршудаи шодиовар:**

Бодиринг ва пӯсти таранҷ ва қаранфул ва мустако ва заъфарон ва қарфа ҷуз баво ва қоқула ва нормушк ва сак ва бахман, зарнабод, дуранҷ, ва донаи бозруҷ.

Донаи фаланҷмушк ба як андозаи мушк даҳ баробари онро кӯбида элак карда ва ҷудогона канор гузошта пас аз он бист (баробар) ҳалилаи коблуи мулоим ва се (баробар) омила дар се ратл об бояд пухт то оби он гирифта шавад ва се (баробар) вазни доруро бо асал хамира кунанд ва ҳангоми ниёз ба андозаи фундуқ ба кор барад. Ин доруи шодиовар ва

неку кунандаи ранг ва хубкунандаи гувориш ва кундкунандаи пайдоиши пирӣ аст.

**Зуком:**

Чунончи пас аз обтанӣ ё варзиш ва монанди инҳо нишонаҳое ҳамчун хориш ва қалқалагӣ дар бинӣ ва гулӯ атса кардан падид ояд, он нишона аз дучоршудан ба зуком аст. Ва ин зуком аз вазиши ҳавои шамолӣ падид меояд, ки беҳтар аст порчаеро гарм намояд ва ба он сарро бипӯшонад ва пайваста (шуниз) буй кунад ва атса намояд ва бар паҳлу бихобад ва аз хобидани тоқа боз бипарҳезад ва агар нишастед бихобед беҳтар аст. Аз хӯрок бикоҳед ва аз шароб дурӣ намоед бо компресси гармо зуком коста мешавад вале чунончи афзоиш ёфт ва поён наомад, ба хун гирифтан аз раги қифол ва равон кардани пасмондаҳо ва ба кор бурдани дорруҳое, ки забаркунандаи сина бошад рӯй оваред, ба монанди ин дамкардаеро ба кор бареד:

Дамкардае барои синае, ки дучори сурфа ё забра шуда судманд аст, ва ниёз ба нарм кардани шикам низ дорад.

Бист дона иноб ва сето сабистона ва кишмиши сапед беҳаст понздаҳ дирам, чор дирам бунафши хушк, ва панҷ дирам решаи сустхӯрдашуда ва ду дона анҷири зардрангро бо се ратл об мепазонанд, то ҳамагӣ як ратл шаванд сипас, дар он даҳ дирам мағзи фулус ва даҳ дирам тарнаҷибӣ нарм карда мерезанд ва мехӯранд. Агар хунгирӣ ва равон кардани шикам судманд нашуд ва зуком ба сина бираваду сарф ва таб падид овард. Дар ин ҳангом аз раги бо салиқ ба андозаи сахтии сармохӯрдагӣ хун гирифта шавад. Аз гӯшт ва шароб дурӣ варзад то ҳангоме, ки таб ва сарф хушк ва забар ҳаст оби ҷӯ ва бунафшаи парварида (мураббо)-шуда бихӯрад. Агар таб фурӯ нишаст ва сарф нарм шуд ва хун неку гашт ва таровишҳо аз даҳон ва бинӣ оғоз шуд бояд ин дампухтро ҳар рӯз бо бунафшаи парваридашуда (мураббо) бихӯрад то сина покиза гардад ва сарф фурӯкаш кунад ва ово соф шавад.

**Дамкардаи дигар барои поксозии сина ва дармони сурфа:**

Бист дона иноб ва панҷ анҷир ва бист то сабистона ва даҳ дирам кишмиши покизаи беҳаста ва панҷ дирам решаи

сусхӯрдашуда ва чаҳорум дирам бунафша ҳамаро мепазанд, то лаҳ шавад пас аз он меполоянд, рӯзона се бақия бо панҷ дирам бунафшаи парварда (мураббо) аз он мехӯранд. Агар сурфа кӯҳна шавад ва ба дарозо кашад. Дармони онро дар сурфа ёд хоҳем кард. Агар резиши оби бинӣ афзоиш ёбад ва таб надошта бошад, ниёз аст, ки аз резиши он ҷилавгирӣ шавад. Пас бояд бо қифи биниро бухор дод. Агар ончи аз бинӣ резиш мекунад оби гарм ва зардранг бошад, бо нахолаи хисондашуда дар сиркои норас (хиллу-л-хамр) ва пас аз он хушк шуда ё бо боқолӣ ё ҷав хисонда дар сиркои нораси тунд ва тез ва сипас хушкшуда ё шакари табарзд ва сандали сапед бухур бояд дода шавад. Агар дар чеҳраи бемор гармӣ ва сурхӣ набошад бо қасд ва кундар бухур дода шавад, ки ҷилави резиши оби биниро бигирад.

**Рамад:**

Агар сапедии чашм сурхранг шавад ва ашк фурӯ резад ва гӯшаи чашм қия баста шавад, ки он чашми бемор аст ба андозаи нишонаҳо, сабук ё сахт будани беморӣ ошкор мешавад. Сахттарин бемории чашмро дар он вақт мебинӣ, ки сапедии чашм бод карда ва боло омада ва сиёҳии чашмро пӯшонда ва пилкҳо баргашта мебошад. Беҳтар аст ба дармони бемори чашм бо гирифтани хун аз раги қифоле, ки дар ростои чашми бемор аст иқдом кунед магар он, ки бемории чашм бисёр сабук бошад ва ҳангоме, ки бисёр сахт бошад бояд хуни бештаре берун бикашид ва пас аз он бо ҳалилаи зард ва таранҷбин ба оби меваҳо, дар ӯ шикамраваш падид оваред ва ӯро водор кунед, ки аз шароб ва ширинӣ бипарҳезад ва хӯрокро коҳиш диҳад. Агар басанда набуд шиёфи сафедро дар шири зан духтари ширдеҳ бисояд ва дар чашм бичаконед.

Агар дар он қия бисёр бошад пунбаи ба даври милае бипечанд ва дар об хийс кунанд ва бо он чашмро аз қия бок намоянд. Сипас дар он памод чашми сапед гузошта ва бар он наворе гузошта бубинанд. Беморро ба ӯтоқи торик ворид кунанд ва бихобонанд. То онҷо ки битавонад сангинии худро бар рӯи чашми бемор ворид накунад. Болишти ӯ кӯтоҳ ва нарм набуда, балки баланд бошад ва саҷдаи намозро ба дарозо

накашад агар беморӣ сабук шуд ва фурӯкашӣ кард ва дард ором гирифт ва ашкҳо коҳиш ёфт, дармони хунгирӣ ва равон карданро низ ба кор баранд. Бояд вайро пайваста ба гармоба бубаранд то мондаҳои беморӣ аз ӯ рахт барбандад. Агар намурӣ ва сангинӣ дар чашм монда бошад, доруи гирди чашми зардро дар он бипошанд. Молидани ин дору доруи молидани ба пилкҳо ва пешонӣ дар беморони чашм судманд аст.

**Марҳами чашми зард:**

Шиёфи момисо, гули сурх, қардмоно, сабр, ҳазаз, сандали сурх, филфил ва заъфаронро бар гирифта ба андозаи фундуқ дар оварда ва ҳангоми ниёз яке аз онҳоро дар оби гашниз ё оби коснӣ ё гулоби нарм карда, ба чашм бимоланд.

**Шиёфи сапед:**

Сафедоби сапеди шусташуда даҳ дирам ва анзарути бозшуда се дирам, нишаста ва катиро аз ҳар кадом як дирам, тарёк ним дирам бо сапедаи тухми мурғ шиёфе барои чашм бисозанд.

**Гирди зард** (Зарур, доруи пароканданӣ):

Анзарут даҳ дирам, сабр ду дирам, заъфарон ду дирам, мар як дирам, ҳазаз ду дирам ҳамаро соида ва нарм карда, ба кор бурда шавад.

**Гирди сапедӣ:**

Шири модарони духтарширдеҳро бар анзарути сапеди бозшуда рехта, дар сояе канор гузошта то хушк шавад, сипас соида ва нарм карда бо ҳар даҳ дирам ва он ду дирами шиёфи момисо ва нишастаро соида ва бо ҳам омехта сипас ба кор бурда шавад.

**Думалҳои чашм:**

Агар дар чашм дарди сахт падид ояд, ки озордиҳанда ва зарбондор бошад ва ба ҳамроҳи он ашк фаровон бошад ва агар пилкро баланд кунӣ дар сафедии чашм ҷои сурхранг ва дар сиёҳии чашм ҷои сапедаранг дидӣ, бидон, ки дар чашм захме падид омада ва бемор ниёз ба чашм пизишки донишманд ва фарзона дорад. Чашмае аз дармони онро багунаи кӯтоҳ меоварем.

**Дармон:**

Омосҳои падидомада дар мултаҳама, ки ҳамон сапедии чашм аст, тарсовартар аз захмҳои даруни қарния мебошад, ки ҳамон сиёҳии чашм аст. Бадтарин омосҳо, он ки дар пойини лояи сиёҳ ва наздики нозир (адси чашм), омос дар ин ҷо ба тундӣ шакл мегирад. Беҳтар аст барои дармони ин захмҳо нахуст ба хунгирӣ ва берун рондан ҳар андоза аз хун ва пас аз он ба кор бурдани чандин бор равонкунандаҳо ва парҳез аз гӯшт, шароб, ширинӣ ва басанда кардан бар сабзаводи сард ва кашидани танҳо оби сардшуда ва сипас чакондани дору дар чашм рӯй орад. Оғози дармону доруи бо шиёфи сапед бо ҳамроҳии шир аст.

Агар дард ва зарбони набз пойин омад ва ором гирифт пас умеде ҳаст беморӣ бе он ки чирк дар он гирд ояд аз миён биравад вале агар ин дарди зарбонӣ пас аз хунгирӣ ва ба кор бурдани равонкунандаҳо ва чакондани шиёфи сапед ба муддати 3 рӯз дар чашм ором нагирифт, умеди ту аз ин дармон бояд коста шавад. Дар ин ҳангом шоиста аст шиёфи кундар дар чашм чаконда ва паде руйи он гузошта, мебандем вале пеш аз бастани навор бояд онро бо навори ором бибанданд. То ҳангоме, ки рӯи пад таровишҳои чиркӣ дида шавад бояд ҳамчунон шиёфи кундарро дар чашм чаконад. Дар ин ҳагом ниёз ба шиёф (абор) барои ҳамвор кардани фурурафтагии руяш гӯшт мебошад, магар он ки захми бисёр бузург ва наздики адси чашм ва поини он бошад. Дар ин ҳангом ниёз ба дари он бо ду аксир барои ҷилавгири аз омоси чашм мебошад. Пас аз он бо паде баста шавад. Бемор бапушт бихобад ва аз ҷунбишҳои сахт бипарҳезад

Агар захми сар боз кунад асари он бар сапедии чашм мондагор мешавад. Агар захм дар жарфҳои чашм бошад дар ин сурат сапедии чашм кулфат ва агар дар миёни ҳадақа бошад (сапедии чашм) нозук хоҳад буд. Агар захм аз нозир (адси чашм) дур буда асар мондагории он ба дид зиён намерасонад ва агар наздик бошад асари он пас аз хуб шудан аз биноиӣ мекоҳад ва ниёз ҳаст пас аз хуб шудани захм барои зудудани асари он боз дармон анҷом гирад.

**Шиёфи кундар:**

Ашк ва анзарут аз ҳар кадом панҷ дирам, кундар даҳ дирам, заъфарон ду дирам, бо луоби шанбалид хамир мекунанд ва ба унвони марҳам барои чашм ба кор мебаранд.

**Шиёфи абор:**

Гӯштро дар захмҳои чашм мерӯёнад ва аз дучор шудан ба бемории мусраҷ (1046) боз медорад. Ҷои захмро хуб ва аз пешрафти захмҳо ҷилавгирӣ мекунад. Қалимё шуста ва тутиё ва асфидоҷ ва сурма ва кундар аз ҳар кадом ду дирам, мар як дирам анзарут якуним дирам ва даммалохун (хунсиёшон) як дирам, сабр як дирам ва афюн як дирам марҳаме барои чашм аст ва ба кор бурда мешавад.

**Ду иксир барои пешгирӣ аз омоси чашм ва мусраҷ:**

Сурма даҳ дирам, шоҳдона даҳ дирам, ақоқиё се дирам ва сабр ду дирам ки сойида мешавад ва ба кор мебаранд.

**Сапедаи падид омада дар чашм:**

Сапедии падид омада дар чашм аз захмҳои беҳбудёфтаи чашм аст. Беҳбудии он дар кӯдакон осонтар ва дар солмандон беҳбуд намеёбад магар он, ки андозаи захм кӯчак ва хеле кам бошад. Шоиста аст ки ин доруҳоро пас аз берун омадан аз гармоба ва ё пас аз бухор додан бо оби гарм то ҷое ки чеҳра сурхранг ва бод кунад, ба кор барад. Беҳтар аст ҳангоме, ки дар чашм сурхӣ ва дард рух медиҳад, чанд рӯзе раҳо шавад то дарди чашм фурӯкашӣ кунад сипас дармон дубора анҷом гирад.

Доруе барои зудудан ва решакан кардани сапедии падид омада дар чашм:

**Масҳкуниё ва кафкак.**

Дарё ва пушкили сусмор, бура ва шакари ҳиҷози баандозаи баробар ва ду дирам ваҷ ва даҳ дирам момирон бо як ратл об мепазанд тобузани як чаҳорум ратл бирасад сипас онҳоро меполоянд ва хамир мекунанд ва дар соя мегузоранд то хушк шавад сипас онҳоро месоянд ва дубора хамир мекунанд ин корро чаҳор бор анҷом медиҳанд ва мегузоранд то хушк шавад ва дубора месоянд ва дар чашм мениҳанд, ки ҳамонанди ин дору дар зудудани сапедии чашм

дида намешавад, Багунае, ки сахтарин гунаи онро дар чашми чаҳорпоён решакан мекунад.

**Ҷурб ва сабил.**

Агар пилки чашм кулуфт шавад ва даруни онро дар сурате ки баргардони забр ва сурх бибинӣ, ин бемориӣ ҷурби палк (тарохум) аст. Агар рӯи сапедӣ ва сиёҳии чашмро пушиши аз рагҳои сурх, ки ба сиёҳӣ мезанад фаро гирад, пас он бемориӣ сабл мебошад. Ҳар ду бемориӣ сахт ва куҳнашавандаанд ва ҳеҷ гоҳ парҳез ва нигаҳдориӣ ба танҳои беҳбудиовар нестанд.

Шоиста аст дар тандурустӣ аз рагҳои бозу ва пешонӣ хун гирифта ва равонкунанда ба кор баранд ва аз хурдани хурмо ва шириниҳо ва шакар дурӣ намояд агар анбоштагӣ (имтилое) надошта башад пайваста обтанӣ намоянд ва шиёфи сурх ба кор барад.

**Шиёфи сурх:**

Шоданҷ (шоҳдона) се дирам, қалқатори сухта ба андозаи он, русхатаҷ ду дирам, мур ва заъфарон аз ҳар кадом як дирам, дорфилфил ним дирам бо шароби куҳна, малҳами чашмро бисозед ва ба кор баред. Шиёф (марҳами) сабз ҳам ба кор мебаранд ва гузораи онро дар бахши зуфра гулмижа (нохунаи чашм) омада аст. Агар ин ду бемориӣ куҳна шавад, бемории ҷарб палак ниёз ба хориш ва молиш дорад вале сабл (парда) танҳо ба чидани пардаи онки ҷои ёд кардани дармони он ин китоб намебошад.

**Хориши гӯшаи чашм ва пилк:**

Коснии тозаро мегиранд ва мекубанд ва ба сурати ду пад (болиштак) дар меоваранд, руи онҳо равғани гули сурх мемоланд ва ҳангоми хоб рӯи чашм мегузоранд ва мебанданд. Чунончи басанда буд, ки ҳеҷ вагарна адаси пӯстканда, сумоқ, гули сурх ва гӯшту анорро боҳам меомезанд ва рӯи чашм понсамон мекунанд. Агар басанда шуд вагарна хун аз раги қифол, сипас аз раги пешонӣ ва раги чашм мегиранд ва пайваста дар паи равон кардани шикам ва обтанӣ, хоҳад буд.

**Зуфра (нохунаки чашм):**

Агар пардаи монанди гӯшаи чашмро, аз сӯи бинӣ фаро гирад ва сапедии чашмро бипӯшонад ва ба сиёҳии он бирасад, зуфра (нохунаки чашм) мебошад. Осеби он ҳангоме бузург мешавад, ки сиёҳии чашмро то нозир (адасе) фаро гирад ва ҳангоме, ки нозук аст бо шиёф (марҳам) сабз ва шиёфи қалқанд дармон мешавад ва агар куҳна ва кулуфт шавад дармон бо тарошидани он ба василаи оҳан мебошад.

Марҳами сабз: судманд барои бемориҳои ҷарб ва сабл ва зуфра ва сапедии чашм:

Зигори сухта се дирам, қалқатори сухта шаш дирам, зарнихи сурх ва бураи нон, кафкаки дарё аз ҳар кадом як дирам, нӯшодар ним дирам, ушқ як мисқол бар мегиранд, нахуст ушқро дар оби садоб нарм мекунанд сипас марҳам баста омадаро рӯи чашм магузоранд, ки шиёфе неруманд ва шигефтовар аст.

Марҳами қалқанд: ки барои зуфра (нохунаки чашм) судманд аст:

Маси сухта панҷ дирам, зарнигор ду дирам, нӯшодар ва бура, зарних мусъад (бухор) аз ҳар кадом як дирам ҳамагиро бо босарки месоянд, як ҳафта канор мегузоранд сипас ба гунаи марҳам ба зуфра мемоланд ва пардаи зуфраро бо он мехоронанд

**Тафа (лаккаи хун дар чашм):**

Агар лаккаи сурхранг дар асари зароба ё осеб ё монанди онҳо дар чашм падид ояд, ба он тараф мегуянд. Пас аз фурӯ нишастани баронгехтагии чашм он лакка ниёз ба зудудан дорад. Аз ин рӯ зарнихи сурх, кундар, мар ва ушқро ба як андоза бар мегиранд марҳами чашм месозанд ва дар оби казбар гашниз об мекунанд ва дар чашм мечаконанд. Вале агар дарди устувор дар онҳо бошад, тухми мурғро бо равғани гули сурх ҳам мезананд ва бо пунбае бар чашм мегузоранд.

**Ашкрезиши чашм:**

Агар гӯшаи чашм ҳамеша намур ва чашмхис бошад. Бояд обтанӣ пайваста дар бомдодон ва сурмакашидан ба чашм ба кор равад. Гузораи сурма коҳиши ашкрезиш:

Тутиё даҳ дирам, басд ва ҳалилаи зарди хурдшуда ва сабро аз ҳар кадом ду дирам, фулфул ним дирамро мекубанд ва сурмаи чашм мекунанд.

**Коҳиши дид:**

Агар ба ҳамроҳ тори дид, чирагӣ (тарий) ҳам бошад ва вай чандин хӯроки пай дар пай (қуқоё) бихурон ва барномаи хӯроки ӯро ба суи хӯрокиҳои хушкунанда бигарой ва ӯро водор ба боло овардан кун ва ҳамвора сурмаҳои хушкунанда барои ба кор бибар. Агар ба ҳамроҳи он хушкӣ (пуст) дар тан бошад доманаи хӯрок беморро бигустарон ва вайро водор ба нӯшидан ва рехтани оби валерам бар сар ва фуру кардани сар дар он ва оби танӣ бе он ки дар он бисёр арақ кунад бинмой, чанд қатра равғани бодоми ширин дар бинӣ ва ҳам чунин дар гӯш, бичакон. Андак андак дар чашми ӯ шири модарон духтари шидеҳ бачагон ва ҳамвора онро анҷом бидеҳ. Ин гуна аз коҳиш дидааст, ки дар ҳангоми гуруснагӣ ва тиҳӣ будани шикам афзоиш меёбад.

**Сурмае, ки биноиро меафзояд:**

Бисту ду дирам тутиёи хисонда ва хушк кардаро бо афшурдаи марзангӯш тоза бар мегиранд ва як шаб канор мегузоранд сипас онро меполоянд ва полоиш шудаи онро бо тутиё хамир менамоянд ва мегузоранд то хушк шавад сипас месоянд, зангабил, филфил, дорфилфил ва момирон ҳар кадом ду дирам ва агар тутиё бист дирам бошад як дирам нӯшодар мегиранд ва бо оби розиёна тоза месозанд ва хушк мекунанд ва сипас ба кор мебаранд. Маҳами мрорат (заҳраҳо) низ барои он бисёр судманд аст.

**Омоси пилкҳо:**

Пилкҳоро бо памоде, ки дар бахши бемории чашм гузора шуда понасмон мекунем ки бо хости Худованд судманд хоҳад буд.

**Мижаи баргашта, ки чашмро озор медиҳад:**

Агар як ё ду мӯй бошад метавон ба василаи равғанчинӣ ё мастико. Чунон ки ба мижаҳои дигар часпида бошад ва ё аз бех канда, ё сӯзонда ва ё бурида шавад, ҷои онро бо василаи ба борикии сузан бояд доғ кард ва чунончи бисёр бошад

пилкро бояд бурид, ки сухан дар ин бора аз ҳадафи китоби мо берун аст.

**Об овардани чашм:**

Агар одаме гумон кунад чизҳои кӯчак ё партуҳо ҷилави чашми ӯ мебошад. Он метавонад аз бемориҳои вижаи чашм бошад. Шоиста аст миёни он тафовуте гузошта шавад, зеро агар аз шикамба пеш омада бошад ҳеҷ гуна тарсе аз он барои чашм нест вале рухдод агар вижаи чашм бошад, он оғози об овардани (чашм) аст. То ҳагоме ки беморӣ дар оғоз аст бо дору беҳбуд меёбад. Пас, беҳтар аст баррасӣ намояд ва миёни ин ду дидгоҳ ҳамон гуна ки ҳаст ва ҳамон тавре ки ман мегуям тафовут бигзорад.

Агар беморӣ ҳамаи чашмро фаро нагирад гумон дорам ки аз шикамба аст ва он суи он аз шикамба нест. Ҳамчунин баррасӣ бояд кард ва дид, ки хаёлпардозиҳо дар пайи анбоштагӣ ва бадгувориш аст, агар чунин бошад дар ҳангоми гуруснагӣ ва сабукӣ, он коҳиш меёбад. Агар аз ҳангоми руй додани пиндорҳо ва хиёлҳо ду моҳ ё бештар гузашта бошад ва дар мардумаки чашм торе дида нашавад пас бояд дид, ки оё паёмаде аз бемории шикам аст, чунон ки гумон дуруст омада ба бемории як хӯрок доруи (қавқоё) бихӯронед.

Вале агар гумон нодуруст шуд, назари ту муҳаққақ мешавад. Аммо агар дар як чашм он аломат ҳамвора ба як ҳолат бошад бидон, ки оғози об овардани чашм аст. Агар дар мардумак торе набошад ё торе дар як чашм бошад пас шак ва гумон бояд канор гузошт.

Агар ин беморӣ вижаи чашм бошад беморро аз ҳиҷомат ва хунгирӣ ва хурдани моҳӣ ва ҳамаи хӯрокиҳои таризо боз доред. Пайваста равонкунандаҳо ҳамчун (қавқоё) ба кор баред ва хӯрокиҳои хушккунанда ва намуризо ба ӯ бихӯронед ва асалу об ба ӯ бинӯшонед ва шиёфи марорат (заҳраҳо)-ро ба кор баред.

**Шиёфи марорат (захраҳо):**

Ин гуна шиёфҳоро аз оғози об овардан ва интишор ва ашои (шапкурӣ) ва торикии чашм аз заҳраи куркӣ (паланг,

гунаи парранда ва заҳраи моҳии шабут ва базанр, боз, уқоб ва кабк) аз ҳар кадом миқдоре бар мегиранд ва сипас барои ҳар даҳ дирам хушки онҳо як дирам фарфиюн ва ба монанди он паяи ҳанзил ва сағбинро гирд меоваранд ва бо оби розиёнаи тоза, марҳаме (сумаи) месозанд ва ба чашм мезананд

**Шабкурии чашм:**

Беҳтар аст касе, ки дучори шабкурӣ мешавад ҷигари бузро бигирад ва бараш диҳад ва як бараши онро рӯи оҷуре паҳн кунад бар он дорфилфил гузорад ва рӯи он барашии дигарро бигузорад ва ба даруни танур бурда то ҷигар бирён шавад вале хушк нашавад сипас он дорфилфилро берун оврда ва бо ҳамроҳаш андаке мушки нарм бисояд ва обе, ки ҳангоми бирёншудани ҷигар аз он мечакад баргиред ва онҳоро хамир кунед ва сипас бигзорад то хушк шавад, чун хушк шуд бардошта ва ба чашм бимолед. Ё заҳраи буз ва асалро рӯи оташ багунае, ки дар зери онҳо оби доғ қарор гирифта бавасилаи ҳамзанӣ, ҳамзананда то баҳам омезад. Даруни он миллае фурӯ кунанд ва сипас бачашм бимоланд. Аз ин дору судмантар шиёфи марорат аст. Агар басанда нашуд равонкунандаи шикамро бакор баранд ва аз раги қифол ва пешонӣ хун бигиранд ва пизишк нармҷуёна бо бемор рафтор кунад.

**Интишори (фарохии мардумаки) чашм:**

Агар мардумак, ки сурохӣ дар сиёҳии чашм мебошад, кушод шавад ба гунае, ки аз ҳарсу сапедӣ бадон расида бошад ва ин фарохӣ дар пайи сардард буда бошад. Пас умеди худро аз беҳбудии он бикоҳ ва агар кушод шудагии он андак будӣ шеваи дармонро дар ростои он бакор бибарад ва равонкунандаҳои неруманд чун (қавқаё) ва марҳамгузорӣ дар чашм бо (шиёфи марорат)-ро дунбол кунад. Агар фарохии мардумак дар асари зарба бошад, аз он битарс, ки дубора боз мегардад. Бо орд, боқолӣ, бобуна ва хитмӣ бо ҳамроҳи об ва шароб чашми ӯро дармон кун.

**Носури гӯшаи чашм:**

Агар гӯшаи чашмро бо ангӯшт фишор диҳӣ чирк аз он битаровад ва равон шавад пас дар он ҷо носур (фистул) ҳаст.

Беҳбудии он бо сӯзондан мебошад. Сухан дар бораи он аз ҳадафи мо берун аст. Вале бо дорую дармоне чандинмоҳ барои беҳбудии он бояд вақт гузошт, то чашм бо ин дармон хуб шавад.

**Шиёфи барои носури гӯшаи чашм:**

Сабр, кундар, анзурат, хуни сиёвашон, гули анор, сурма ва зоги булурро (шаб) ба як андоза бардор ва зингор як чаҳорум бахш аз он шиёф таҳия кун ва дар ҳангоми ниёз носурро хуб бифишор, то аз он чи дар дарун дорад таҳия гардад. Сипас бемор бар сӯе, ки носур дорад бихобон ва марҳамро бо об биомез. Се ё чаҳор қатра аз онро дар гӯшаи чашми ӯ бичакон. Миёни ҳар чаконидани қатра бо дигаре фосилаи муносиб бигузор сипас беморро се соат бихобон дар фардои ин рӯз дубора ором-ором онро фишурда ва дармон то як ҳафта мураттаб инчунин анҷом деҳ. То он чи дар дарун дорад ё ҳаст берун ояд пас бо хости Худо дигар чизе дар он намемонад ва хушк мегардад.

Мо аз дармони чашм он чиро гумон мебурдем, ки бояд ёд шавад дар ин ҷо ёдоварӣ кардаем вале бархе аз дармонҳоро канор гузоридем, чун ин гуна дармонҳо бо корд ва чоқу анҷом мепазирад ва ниёз ба коромуздагӣ ва ҳуш бисёр дорад. Гарчи бархе аз онҳоро ҳангоми ёд кардани бахши ороиш ва пайроиш ва бахши нигаҳдошту беҳдошт овардаем.

**Дарди гӯш:**

Агар бемор ба ҳамроҳи дард барафрухтагии рухсора ва набзи гиҷгоҳӣ пур дошта бошад. Аз раги қийфол хун бигиред ва дар гӯши дарднок равғани сурх ё равғани валерам хилоф ба андаке сирка бичаконед. Чандин бор аз пистон (1056) шир биҷушед бо ҳалилаи зард ва савр ва сақмуниё пухта ба ҳамин гунае ки дар зер меояд бипазед ва ба он шикамро равон кунед.

**Гузораи доруӣ барои дарди гӯш.**

Ҳалилаи зард бист дирам бо ду ратл об бипазед то ду савуми ратл шавад. Сипас онро полояш кунед. Сипас як дирам сабр ва як дон сақмуниё бо афшураи ҷушонда биомезед ва ба сурати қурс дароваред. Беморро водор кунед, ки ду соат пеш аз хӯрдани пухтани нахустин, онро бихурад ва дар паи он боз ин доруи пухтаниро бихурад. Агар дард

ором нашуд, андак тарёкро бо равғани гули сурх биомезед ва ба он биафзоед. Агар дарди зарбондор бозгашт ва се рӯз гузашт бояд даҳани хил, ки чарбуи урдак ва мурғи дар он обшуда дар гӯш бичаконед ва бар анҷом додани онро думбола намоед. Агар дар онҷо кураке бошад, бояд он ҷӯш бирасад, агар дард фурукаш кард ва он ҷуш сарбоз кард ва дар ин ҳангом аз гӯш бадбутарин ва гандатарин чиркҳои одамӣ сарозе мешавад.

Агар дарди падид омада дар гӯш пас аз анбоштагӣ ва бадгоридан ва пурхурӣ (тума) ва ё боди сард, ки ба гӯш хурда бошад дар гӯш равғане бичаконед, ки бо садоб ва ё пиёз пухта шуда бошад. Агар басанда набуд равғани савсан, ки дар ҳар вақияи он як дирам фафиюни (фребуни) тоза ва як дирам гандабедастар омехта дар гӯш бичаконед. Агар басанда набуд шиками беморро бо (қиқоё) равон кунед ва онро ба гармоба бибаред ва водор ба арақ кардан бинамоед ва ба ду шароби ноби куҳна бинӯшонед.

Агар ба ҳамроҳи дард овоз, занг, виз-виз ва овози бод дар гӯш бошад гӯшро бо горас кamприс кунед ва ё пухтаи пудинаи шеҳа марзангӯш бихӯр ва кандабедастар, фамиюн аз ҳар кадом як қирот бо равғани замбуқ омехта сипас онро дар гӯш бичаконед.

**Захми гӯш:**

Агар чиркобе равон шавад дар он асалоби нимгарм бичаконед ва чанд бор ба рӯи он бирезед ва ин корро чанд рӯз анҷом диҳед. Сипас ин доруро ба кор бибаред, ки бисёр судманд аст.

**Дору барои захми гӯш:**

Анзурат, сабр, хунсиёшон, кундар, рими оҳан ва зангорро до сирка биомезед ва дар гӯш бирезед. Фатилаеро асал карда ва дар дору фуру кунед ва ба даруни гӯш бибаред. Бо ин дору ва асал об ба андозаи дармон кунед то беҳбуд ба даст ояд.

**Овоз ва виз-визи гӯш:**

Визвизи гӯш гоҳе аз тезии шунавоӣ ва залолӣ ва ҳафофият бошад ва нишони он барангехтагӣ дар ҳангоми гуруснагӣ ва коҳиш дар ҳангоми мастӣ ва сире аст ва ниёз ба

пешгирӣ надорад. Дар ин ҳангом беҳтар аст ба андозаи ду донаи ҷав тариёкро бо равғани гули сурх омехта дар гӯш бичаконанд. Агар ба ҳамроҳии он сангинии сар ва коҳиши шунавоӣ бошад, равғани турб ва равғани бодоми талх ва ё равғане, ки гандбедастар дар он афзуда бошанд, дар гӯш бичаконанд ва беморро водор ба хурдодани гӯш бо марзангӯш, шиҳ, афснатин, пудинаи васеътар кунанда . Шиками ӯро бо қуқоё нарм гардонанд ва хӯроки ӯро бикоҳанд ва ӯро аз нӯшидани шароб боз доранд.

**Сангинии гӯш:**

Чунончи шунавоӣ коста шавад бояд баррасӣ кунед: ки оё дар гӯш ҷурме (чирке) ҳаст ё на? Агар буд: бояд бо даст ё бо доруҳое, ки гузора кардем, покиза шавад дар гӯш набояд ҷурме бимонад, падид омадани ҷурм дар пайи бад гаворидан ва пурхурӣ ва бемории сахте хоҳад буд, ки ба доруҳои вижаи он бухор дода мешавад.

**Бухоре барои сангинии гӯш:**

Шеваи бухор додан: доруҳоро дар зарфи мисин бирезед ва онро хуб бипазед сипас бар даҳони он қайфе бигузоред ва бо порчае онро хуб оббандӣ кунед, то бухор ҷуз аз роҳи даҳони борики қайф аз ҷойи дигари он берун наоёд, гӯшро хуб рӯи даҳони кӯчаки уайф бигзоред. Ин бухор барои дармони гӯш ба кор меравад. Пас шиёфи равғани зерро дар гӯши бемор бичаконед.

**Шиёфи равған барои сангинии гӯш:**

Пияи ҳанзал як дирам, бураи нон се дирам, гандибедастар ним дирам, заровандгард ним дирам, ва афшураи афаснатин (апаснатин) бо ҳамон андоза ва фарфуюун як донагӣ ва захраи гов ба андозаи хамир кардан ва қасди як чаҳорум дирамро бо ҳам хуб биомезед, ки марҳаме сохта мешавад, ки дар ҳангоми ниёз он марҳамро бо равғани бодоми талх биомезед ва дар гӯш бичаконед ки он барои дардҳои балғамию бод ва овои вузуз ки аз бод фишурда дар гӯш падид меояд ва ношунавоии ношӣ аз омехагиҳо сифат шуда аст бисёр хуб мебошад. Агар коҳиши шунавоӣ пас аз хастагӣ ё рӯзадорӣ ё шабзиндадорӣ руй

диҳад. Нишонаҳои он лоғар шудани чеҳра ва гудафтодани чашм ва фурурафтани гиҷаго мебошад, беморро бояд водор ба обтанӣ, хӯрдан, нӯшидан, ва хобидан намоед. Бар сари ӯ равған ва оби валерам рехта то ба хости Худованд беҳбуд ёбад ва агар дар пай низ бемории сарсом пеш ояд бо гузораи нахустин бояд дармон шавад.

**Кирм ва газандагони кучаки фурӯраванда дар гӯш:**

Агар дар гӯш қақалак хоришу дард бошад ва аз он кирме берун ояд бояд оби пудина дар гӯш бичаконед ё оби барги ҳалу ё равғани ҳастаи ҳалу ё сабрро бо об биомезед ва дар гӯш бичаконед ки гармҳо ва газандагони кӯчак лонаи газида дар гӯш ва дар думалаҳо ва захмҳо мекашад.

Он чи дар гӯш фурӯ меравад:

Агар чизе дар гӯш фурӯ равад бояд равғани нимгарм дар он бичаконӣ ва беморро гармоба бибарӣ, то тани бемор (дар асари оби гарм) нарм шавад. Сипас кандис дар бинӣ бидамӣ ва ҳангоми атса кардан роҳи нафаси ӯро бигирӣ то чи басо бо ин корҳо он берун ояд. Агар сахт гардад ва берун наёяд барои берун овардани он ниёз ба василаи оҳанин аст, ки ба даруни гӯш фурӯ кунӣ.

Агар чизе дар бини фурӯ равад ҳамин равиш думбола мешавад. Агар об ба даруни бинӣ равад бемор сари хешро ба як су гирад валилӣ кунад агар берун наомад бо доруҳои атсаовар, ки ёд кардем дармонро пай гиред. Сипас дар он равғани валерам чандин бор бичаконад ва дармони он кутоҳӣ нанамояд ба вижа, агар об палишт бошад чунин об дорои вижагиҳои доруи буда ва барангезонандаи дард аст.

**Хунрезии бинӣ:**

Он чи ки аз хунрезии бинӣ ҷилавгирӣ мекунад афшураи бодруҷ (гули бустонафрӯз) ки дар он кофур шмкофта шудааст ки ба даруни бинӣ бирезанд барои дармони касе, ки пайваста дучори хунрезии бинӣ мешавад дар ҳангоми хунрезӣ ба ҳамчунин ҳангоме, ки хунрезӣ набошад ин дору судманд аст. Агар ласаи омос зарбонидор надошта бошад ва ду рухсор барафрухтагӣ дида нашуда ва ё дуруд дар паи бадгувороидан ва пурхурӣ ва ё пас аз шом (хӯрдан) ва ё бисёр хурдани

хӯрокиҳои сард бошад, беҳтар аст беморо бо "қуқоё " дармон кунад ва решаи дандон дарднокро ба ин дору бимолад.

**Марҳами дандони дарднок:**

Оқирқарҳо, хардал ва шитриҷ ва бура ва филфил ва занҷабилро мегиранд. Решаи дандони дарднокро бо он молиш медиҳанд ва бахше аз он (дору)-ро рӯи пунба гузошта, пунбаро рӯи дандони дарднок мегузоранд. Пас аз он бемор бо пахтаи оқирқарҳо ва пудина ва саъдаи хисонда дар саргаҳ, даҳоншуӣ менамояд. Доруворҳоро бо карафси гармшуда, кампрес мекунад ва ё филфили соида шударо бо асал руи дандон ва решаи он бимоланд. Агар басанда нашуд, ин подзаҳро рӯи решидагии дандони дарднок бигузоранд.

**Подзаҳри дарди дандон:**

Кандибидастар ва ангезаи филфил ва занҷабил, миа ва тарёк ба як андоза бар мегиранд бо асал хамиро гирифта мекубанд ва ба кор мебаранд. Бемор бояд муддате водор ба карсанг кашидан ва дури аз хӯрок ва пурҷунбиш бошад. Агар дард ором нашуд, онҳоро доғ карда, онҳоро чандин бор рӯйи дандон бигузоранд ва ё дандонро бикашанд. Агар дандони дарднок хурдагӣ хурда шудагӣ (дорои пӯсидагӣ) дошта бошад, бо доруҳое, ки дар бахши хурдагии дандон гуфта будем, ормкунанда дарди он низ мебошад:

Кабкиҷ ва филфили соидаро бо қатрон хуб хамир мекунад ва бо он дандонро пур мекунад.

**Кашидани дандон:**

Доругӣ барои кашидани дандонҳои суст ва дарднок ва ҳар дандоне, ки мехоҳем бикашем:

Пӯсти (дарахт)-и тавут ва пӯсти решаи кабр ва оқирқирҳо ва шеробаи мозиюн ва зарних ва зардпусти ҳанзалро бо сиркаи нарм мекунад, як ҳафта рӯзе як бор бо ҳам мезанад, то хуб хамир шавад. Перомуни дандонро мешикофанд ва бофти нармро аз руй устухон бармедоранд ва рӯзе даҳбор ин доруро руи он мемоланд то ҷунбонтар шавад ва кашидани он осонтар шавад. Ё чандин рӯз руи решаи дандонро мешикофанд ва аз он равғани чандин бор бар он мемоланд то дандон ҷунбонтар шавад ва пас аз он бо василаи (фурусипас) кашидани дандон, дандон дандонро берун меоранд.

**Дармонкунандаи дандон:**

Гузораи доруи аз миён баранда ва канандаи дандонҳо: хурфаи бодоми пӯсткарда монад, онҳоро меҷаванд ва бо намак дандонро молиш медиҳанд. Ё муми асалро меҷаванд. Дандоне ки бо сардӣ дарднок шавад: Бо равғани доғ кампрес мешавад ва ё зардаи тухми мурғи обпазшуда ё нони доғро чандин бор козӣ мезанад ва ё бо равғани баласон ва ё равғани савсан молиш медиҳанд.

**Офат, барфак ва ҷӯши даҳон:**

Барои ҷӯши сурхранг, тухми гули сурх ва нишаста ва табошир ва адаси пӯстканда ва тухми хурфа ва кашнизи хушк ва синамакиро бо як андоза бо каме кофури нарм мекунанд ва бо он молиш медиҳанд ва дар даҳон нигоҳ медоранд. Сипас, сарагӣ ва гилоб ва пас аз он равғани гули сурхро дар даҳон нигоҳ дошта ва ҳиҷоматро ба кор мебаранд. Доруҳое барои офат ва ҷуҳиши сафед (барфак): Бо намак ва асал онро молиш медиҳанд ва сакнаҷибин ё мури дар даҳон нигоҳ медоранд.

**Лисаи хӯрдани чаконӣ ва уфунӣ:**

Агар аз лиса хун рушану равон бошад, бояд зарнихи сурх ва зард ва нураҳӣ ва мозу зоки булуро ба як андоза аз ҳар кадом баргиранд ва бо сарагӣ нарм кунанд ва ба гунаи қурс дароваранд ва дар ҳангоми ниёз бо нармишуда, ки бо андозаи як донак аст, лисаро хеле хуб молиш диҳанд ва соате раҳо кунанд, сипас дар даҳон равғани гули сурх нигоҳ доранд, ки барои беҳбудии ин беморӣ ба гунае шукуфта омези корсоз мебошад ва ҳамчунин он барои кандаги (уфунат) ва хураи даҳон хуб мебошад.

**Офати забони кӯчак:**

Агар бемор гумон мебарад, ки чизе дар таги гулӯи ӯ гиреҳ карда ва ҳангоме ки даҳонро боз мекунад ва водор мешавад, ки забонро бо сурати овезон ба берун андозад, агар ба он таваҷҷуҳ кунад, забони кӯчак шал ва дуршуда аст ва беҳтар аст рамак ва нуршидро бар гирад ва хуб нарм кунад ва бо димнадоӣ руи забони кӯчак бидамад ва бо лаби бодкаш забони кӯчакро андаке ба берун кашида, ба пояаш бичаспонӣ ва беморро водор кунед бо афшураи анори туруш бикашад ва бо пӯсти он даҳонашро бишӯяд. Агар замони он дароз кашад ва ҳамчунон дарозтар шавад ва бахши болои он

бориктар гардад ва сари он бичархад, дар ин ҳангом беҳтар аст, он аз байн бурида шавад ва бояд дар буридан бахши ҷилави он бипарҳезад. Чун хунрези контрол нашуд, буридани он пеш ояд.

**Қурти дандони завол:**

Агар одаме дар гулуи худ чизеро эҳсос кунад ва хуни равшан низ аз он биравад, гумони нахуст қурт додани завол мебошад, ба вижа агар оби нӯшида заволдор бошад, аз бемор бихоҳад, то даҳони худро хуб боз кунад. Сипас, забони ӯро овезон карда, берун бикашад, сипас андаке рӯи он фишор диҳад. Беҳтар аст, дар зери тобиши хуршед такягоҳ кунад, агар завол дар он наздикӣ овезон дид, дар ин ҳангом анбурро ба даруни даҳон бибарад ва сари овезони золуро бигирад ва бикашад. Вале, агар ошкор набувад, бемор чандин бор бо сирка ва хардал даҳоншӯӣ намояд, то золу аз ҷояш ҷудо шавад ва ё бо сирка ангеза шавад ва ё бо сирка ва намак метавон ин корро анҷом диҳад.

Шуниз ва хардалро нарм бисояд ва дар гулу бибандад ва ё бо оби пиёз даҳонашро шустушу намояд. Агар пас аз афтодани золу бемор таровиши хун аз даҳон дошта бошад, бояд бо пахта ва пӯсти онро гулнор ва самоқ даҳон шустушу кунад ва дар гулуи ӯ гулнор ва кундур нишаста хун ва шуёвашро нарм намуда, бидамонад. Агар золу дар шикамба овезон бошад, бояд доруҳои берункунандаи гармҳоро бихӯрад. Аз гармое, ки золуро берун меронад, мондани тулонӣ дар гармоба, то бемор сахт ташна шавад.

Пас аз он оби сардшуда бо яхро дам ба дам дар даҳон нигоҳ дорад ва баргардонад, ҳангоме ки варам шавад, берун рехта ва дубора ин корро анҷом диҳад. Чи золу барои ба даст овардани сармо ба сӯи даҳон бибояд.

**Гир кардани хор ва устухон ва ҷуз он дар гулӯ:**

Агар фурӯбаранда дар мӯи луқма ва момонанди он бошад ки ҳеҷ гуна зоида ва тез надошта бошад, дар ин ҳангом, чандин бор дар пушти бемор задан судманд хоҳад буд, ё андак-андак об бинӯшад, поин хоҳад рафт. Агар хор ё устухон бошад, ин кор (пас кардан)-ро набояд анҷом диҳад, балки пай дар пай луқмаҳои бузург бихӯрад, чи бисёр поин биравад ва бояд бо

гармоба равад ва андак-андак равғанро чандин бор бихурад ва пас аз он чанд луқмаи бузург бихӯрад ва қурт бидиҳад. Агар поин нарафт, василае барои рондани чунин чизҳои ба поин вориди гулу кунанда, ки ин абзор аст аз сурби ноб сохта шуда, бо монанди дастаи дароз аст, ки сари кач дорад.

**Сангинии забон:**

Агар забон бо танҳоӣ сангин шавад бе он ки дигар андомҳо (сангин) шуда бошад ва дар бемор таб ва бемори сахте набошад, бояд навшодир, филфил, занҷабил, хардал, даҳоншӯй, мавизак, боварах, саътар, намаки ҳиндӣ, шуниза ва марзангуши хушкро бигиранд ва бипазанд ва оби онро даҳоншуи кунанд ва аз қуввати дандон он бояд бипазанд ва ё пайваста мури наботӣ ва ё сагаҳ ва хардалро бо мададон ношта ба кор баранд. Пас аз даҳоншуи кардан ҳар рӯз бояд бо навшодир, даҳоншӯй вач, филфил, хардал ба гунае яксон баргиранд ва хуб нарм кунанд, ва бо он зери забон ва пояи онро хуб молиш диҳанд. Агар бо ҳамроҳии сангинии забон дигар ҳавос низ сангин шаванд, беморро бояд бо шеваи фалаҷ дармон кард. Чунончи дар таб ҳади сухан гуфтан сахт шавад ва бо ин сангин гуфтро, забон низ лоғару кутоҳ ва суфта шавад, муҳраҳои гардан ва пояи гӯшро бо оби гарм молиш диҳад ва равғанмолӣ кунад ва ӯро водор ба нигоҳ доштани равған нимгарм дар даҳон намояд. Агар ҳамчунин гуфтор норасо бошад, нигоҳ чи бисёрлофи забонро аз поин нигоҳ медорад бузургтар аз андозаи табиии худ гашта, ки агар чунин бошад андаке аз он бурида ва зоки нармшуда рӯи он гузоранд.

**Бузургӣ ва овезонии забон:**

Агар забон ба гунае бод кунад, аз даҳон берун ояд, онро бо пиёз ва ё бо турштурунҷ ва ё бо ривос ва ё анори турш молиш диҳанд, то ба зоқ фаровони аз он сарозер шавад. Ин кор ангезае барои баргардондани забон ба ҳолати ҳамешагии худ мешавад. Чунончи боз нагашта бо намак ва бо сирка онро молиш диҳад ва агар посух надод, аз ду раги қифол ва сипас раги зери забони ӯ хун бигирад.

**Тӯдагӯшти (ғудаи) зери забон, ки қурбоққа номида мешавад:**

Агар дар зери забон ғудаи озордиҳанда бошад, пайваста онро бо навшодир ва афас молиш диҳад. Агар он хунин гардид, пас бо доруи лисаи хунчакон онро молиш диҳад, ки доруи тунде мебошад. Сипас ӯро водор кунад, то дар даҳон сакӣ ва намак нигоҳ дорад ва бичархонд.

**Омоси забон:**

Онро бо доруҳое, ки дармони барфак ва ҷӯши даҳон ва гирифтагии гулӯ ба кор меравад, дармон кунад.

**Гирифтагии гулӯ:**

Агар тангӣ дар роҳи қурт додан рӯй диҳад. Ба андозаи тангӣ, осонӣ ва сахтӣ (бемор) гирифтагии бемор мебошад. Агар бо ҳамроҳи тангии канал, сурхии рӯй ва чашм ва барафрӯхтагии он ду бошад, бо гирифтани хун аз раги қифол дармонро оғоз кунад. Сипас беморро водор ба даҳоншӯӣ бо об онро малс (туруш ва ширин) пӯст ва гӯшти он ё оби себи турш ё афшураи ҷушондаи тути шомӣ кунед ва ё сумоқро дар гулоб бирезед ва се рӯз даҳоншуй кунед. Бо оби меваҳо ва тамри ҳиндӣ ва фулус ва таранҷин дар ӯ шакармуруш падид оваред. Агар се рӯз аз беморӣ гузашт, ӯро водор ба даҳоншӯӣ кардан бо анҷири обпазшуда ва кишмиш ё мағзи фулус ва агар бемор мондаи кор шуд, ӯро даҳоншӯӣ падид овардан нафъи неруманд, ки дар оянда ёд хоҳем кард, дармон намояд. Агар сурхии рӯй набошад ва оби даҳон бисёр сарозер шавад ва бемор дорои омеза намурӣ бошад, пас ӯро ба равонкунанда (қуқоё) бибандад ва бо танқиҳи гарм, ки дар бахши сукути гузоршуда танқиҳ кунед ва нахуст ӯро водор ба даҳоншӯи кардан бо сиканҷабини асалӣ ё асалоб, сипас бо мури наботӣ ё оби хардал ва асал бинамояд. Аз ончи ки барои гуфтагиҳои гулу судманд мебошад, хунгирӣ аз рагҳои зери забон аст, ё барои гардан бидуни шикофтан абзори ҳиҷомат бигузоред ва рӯи гардан асали балозар бимолед, то товил бизанад ва ӯро ба даҳоншӯӣ кардан бо хардал водор намояд ва дар гулӯ доруе, ки ёди он меояд бидамад.

**Доруи гирифтагии гулӯ:**

Хардал, навшодир, оқирқирҳо, ангеза, бураи арманӣ, филфил ва пудинаро дар асалоб мерезанд ва хуб меомезанд, сипас даҳоншӯӣ мекунанд.

**Сурфа:**

Агар сурфаи хушк зебранг ва бо таб ва гармо ҳамроҳ бошад, ба бемор ба нафаси бароварда (мураббо) ва оби ҷабида ва хӯроки боқилои пӯстканда бо равғани бодом, ё ин ки исфиноҷ бо равғани бодом қарор диҳад, то дар даҳон қурси сурфа нигоҳдори об хурдани худро ба нӯшобаҳои бенафас тағйир диҳад.

**Қурси сурфа:**

Афшураи ҷӯшонидаи ширинбия ва шакари табарзад, аз ҳар кадом як бахшро бо луоби тухм гирд меоранд ва ба гунае қурси дурумӣ оранд.

**Гузоришҳои дигар аз ин қурс:**

Афшураи ҷӯшонидаи ширинбия даҳ дирам, нишаста, катиро ва бодоми пӯстканда аз ҳар кадом панҷ дирам ва шакари табарзад даҳ дирамро бо луоби тухм ба гирд меоранд. Агар сурфа ҳамроҳ бо туршии бисёр ва сифтӣ бошад, хуб аст, чунончи туршӣ набошад, сурфа сахт шавад, агар таб набошад ва шикам холӣ, пас ба бемор пухтание, ки дар бахши зуком гуфтем ва афзун бар он панҷ дирам пурсиёшун бихӯронад ва ба ҳамроҳи пухтании ёдшуда, ин қурсро низ ба ӯ диҳад.

**Сахт пешоб кардан:**

Ишора

Агар пешоб коста ва банд ояд. Бо он на бодкардагӣ дар ноҳия зер ноф ва на дард ва на сангинӣ дар шикам бошад, пас ба додани доруҳои пешобовар гуфта шуда рӯоваред вагарна дар пайи он бемории истисқоъ падид меояд.

**Доруи пешобовар:**

Тухми карафс, бура, фуҳ саббоғин (рӯноси рангрзон), фитри асолиюн, абҳал, асорун, нонхоҳ, тухми розиёона, анисун, сунбул, бодоми талх ва қист аз ҳар кадом бист дирам, тухми и ҳарбуза даҳ дирам ва ашақ се дирам, ашақро дар шароб боз мекунанд ва бо дигар доруҳо хамир хоб менмояд ва багунаи фундуқ дармеоваранд ва як то се дирам онро бакор мебранд, ки бисёр корсоз ва судманд дар сустии тан ва

истисқоъ лаҳмӣ ва бемориҳое, ки ниёз ба сабук кардани тан мебошад.

Агар сахтии пешоб дар асар афтодан ё зарба хӯрдани ноҳия зери ноф, ё нишастангоҳ ва ҳар он чи дар он наздикиҳо бошад, пеш биёяд. Аз раги босалийи бемор хун бигиред ва бар ҷойгоҳи вежаи он оби гарм бирезед ва равғанмолӣ намоед ва ин корро нимрӯз думбол кунед ва сипас беморро водор намоед, ки талош барои берун рондан пешоби худ бинамоед.

Агар ба ҳамроҳи сахтии пешоб, пешобдон пур ва кашида шуда бошад ва дар пай он хун, ё чирке низ дар пешоброҳи бемор гир карда бошад.

Бояд ба бемор доруҳои гушояндаи лахтаи хун ва бозкунандаи чирки пешоброҳ ва доруҳои гушояндаи лахти хун ва бозкунандаи чирк пешобдон бидиҳед.

**Доруи аз миёнбарандаи лахтаи хун:** қардмоно ва мурр ва фуҳи рангӣ ва абҳал ва ашақ ва ҳилтит багунаҳое бармегиранд, ки ашақро дар об боз мекунед ва ба гунаи фундуқ дармеоваред ва рӯзе чаҳор бор бо обпазшудаи донаҳо ба гунаое, ки гузора кардем ба бемор медиҳед. Сиканҷабини туршро пайваста бо ӯ менушонед. Бо обе, ки намак дар он боз шуда ва ё бо оби хокистар, пешобдонро шустушӯ бидиҳед.

**Оби хокистар:** хокистари чӯби булут ва чӯби дарахти карам (ток) ва ҷулйу нураро мегиранд ва бар он об мерезанд, ки ҳамаи онҳоро дарбар гирад ва се рӯз онро каноре мегузоранд сипас соф мекунанд ва пешобдонро бо он шустушӯ медиҳанд. Пешобдонро бо мағз қуртум ва рутбаи (юнҷаи) пухта, кумпирис мекунанд дар обзан нишастанро пайваста думбол менамоянд, ва дар пай он дар обзан пухтаи бобуна ва шиҳу намом ва марзангӯш ё пухтаи барги карнуб ва рутба ва пайхол кабутарро мерезанд ва беморро даруни обзан, ки доруҳо дар он гузошта шуда, менишонанд ва ноҳия зери ноф ва перомуни онро памод мезанад. Доруиҳои пешобовар ба бемор мехӯронанд. Агар дармон пирӯзмандона набуд, ниёз ба дармон бо василаи пешобовар аст (абзоре, ки пешоброҳро то пешобдон биравад ва роҳро боз кунад, то пешоб берун ояд.)

Агар сахтии пешоб кардан дар пайи нишонаҳои санг доштан пеш ояд беҳтар аст, ки беморро бар пушт дароз бихобонанд ва ҳар ду пояшро бо ҳам баланд кунанд ва таконҳои сахт диҳанд агар ҳамчунон пешоб накард, ниёз ба абзор пешобовар мебошад ва он василае аст, ки ба даруни пешоброҳи нарина мебранд ва он ҳарчи дар роҳ канал қарор гирифта бошад пас мезанд. Аз фурӯ бурдан абзор дар ҷоҳое, ки омос бошад бояд худдорӣ варзанд.

Барои сахтии пешоб кардан пайваста нишастан дар обзан ва равғанмолӣ кардан ва хӯрондани доруҳои пешобовар ва канор гузоштани хӯрокиҳои туруш ва бандоварнда ва сангин судманд ва корсоз мебошад.

**Санг:**

Ишора. Агар бемори нарина хешро ҳамвора бихоронд ва бо он бозӣ кунад, ё гоҳе худ ба худ сих шавад ва гоҳе бипажмурад ва пешоб бо сахтиву дард берун ояд ва чибасо дар ин ҳангом низ бахше аз бофти сӯрохи нишастгоҳ (пизқ) берун занад, инҳо нишон аз будани санг дар пешоб мебошад. Агар ба ҳамроҳи сахти пешоб дарде сахт дар камар ва мезроҳ (ҳолиб) ёфт шавад ва дилошубӣ ва юбусат дида шавад, пас ин санги гурда мебошад. Барои санги пешобдон ин хамир, ки ҳабб баласон номида мешавад судманд мебошад.

Хамирхобшудаи ҳабби баласон: ҳабби баласон ва тухми и турб, ду қиво (тухмии гузбарӣ), фитри асолиюн, пӯстаи решаи кабар, пӯстаи решаи говшир, бодом талх, донаи ғор, азҳар, саъд, сунбул, салиха, асқулуқнтуриюн, испанд, қантиёно, зрованди гард, асорун, қардмоно, мурр, ашақ, сакбинаҷ, муқл, филфил ва ваҷ ба гунаи баробар бармегзинад. Самғҳоро ҳалл мекунанд ва доруҳоро бо равғани баласон мехисонанд ва бо оби хамир хоб мекунанд ва ба сурати ҳабб дар меоваранд ва ҳар рӯз ду дирами онро бо обпазшудаи донаҳо ба бемор медҳанд. Доруи шигифтовари дар хурд кардани сангҳо мебошад.

Андешамандон дар баррасиҳое, ки анҷом доданд санги бузургро дар чиҳил рӯз ба васила ин дору хурд карданд. Гоҳе ба ин ҳабб як донг хокистар каждумҳоро мёафзоянд.

**Хокистари каждум:** каждумро мегиранд ва дар деги оҳанин меандозанд ва сари дегро мебанданд ва дар даруни тануре, ки хеле доғ набошад рӯй оҷурӣ мигузоранд ва шаш соат раҳо мекунанд, сипас берун меоваранд ва каждумҳоро месоянд ва бакор мебранд.

Об нахӯд, хӯрокиҳои обпазшуда ва сурхкарданиҳои чошнидор бахше аз барномаи хӯроки бемор мешавад. Вайро аз хӯрдан ширу панир ва дигар хӯрокиҳои сангини паст боз медоранд ва дар обзане, ки пухтаи барги карнаб ва рутба (юнқа) ва биринҷосф ва пудана ва пайхоли кабутар ва мағзи қартум рехта, менишонанд. Ва зери ноф ва наринаро равғани каждум мемоланд ва дар сӯрохи нарина андаке аз он мечконанд.

**Равғани каждум:** зрованди гард, қантиёно, саъд ва пӯстаи решаи кабар аз ҳар кадом як уқия, ки бар он як ратл равған бодоми талх рехта, як ҳафта дар зер офтоб раҳо мекунанд. Сипас соф карда, таҳнишини онро мефишуранд ва ба соф кардаи онро мёфзоянд. Сипас барои ҳар як ратли софшудаи он даҳ каждум меандозанд ва саршро мебанданд ва ду ҳафта дар зер офтоб раҳо мекунанд, сипас соф менмоянд ва бакор мебранд, ки хеле корсоз ва шигифтовар аст. Вале агар санг бузург бошад ва коре ҷуз хурд кардан набошад, аз сухан дар ин бора чун аз ҳадаф нигориш мо дар ин китоб берун аст, мегузарем.

Агар санг дар гурда бошад нишастан дар обзан ва равғанмола мезроҳ ва камар ва кумпирис ва понсмон рӯи он ба гунае, ки ёд кардем, ҳамвора бояд анҷом гирад ва ба ӯ доруҳои хурдкунандаи санг медиҳем ва агар санг ба канал нарина (пешоброҳ) расида бошад онро бо оби гарм бисёр молиши медиҳем то сурх мишавад ва сипас дар он канал равғани виларм мечконем ва онро ба гунае молиш медиҳем, ки дар ростои рондашудани санг ба сӯи берун бошад. Ҳамчунин агар ниёз шавад онро мемаканд ва агар санг бузург бошад ниёз мешавад, дар нарина шикофе падид оваранд ва онро берун кашанд.

**Омоси гурда ва пешобдон**: дар пайи омос гарм гурда, табҳои гуногун ва омехта бо ҳам, ки дамои хеле болои надоранд ва ба ҳамроҳ он сӯзиш ва ларзиш ва омодагӣ чандбора барои пешоб кардан ва дард дар поини пушт ва сангинӣ мибошад. Агар беморро дамр бихобонед дармеёбед, ки чизе дар дарун дорад. Агар ин нишонаҳо ошкор шуд, бояд аз раги босалиӣ сӯе, ки дард ва сангинӣ дорад хун бигиред ва бо доруҳои сардкунанда онро понсмон намоед, агар бемори беҳбуд ёфт вагарна таб ва дард ва сангинӣ ва такаррури пешоб пайваста мебошад ва нишон медиҳад, ки омос мехоҳад, гирд ояд. Пас дар ин ҳангом пушт ӯро бо бобуна ва тухми катон ва нухола (сабӯс) парварда бо даҳан хал понсмон кунед ва вайро дар обзан бинишонед. Агар аз бемор чирк бо пешоб берун меомад иқдом ба хӯрондани донаҳои гуфташуда дар бахши сӯзиши идрор бинамоед, то чирк коҳиш ёбд ва сипас ба ӯ қурси ёдшуда дар бахш пешоб хунӣ ва чиркӣ бидиҳед.

Вале, агар омоси гарм дар пешобдон рух диҳад дар пайи он таби доғ фарогир (мутабақа) ва сахтӣ ва пешоб чика-чака ва дард дар зер ноф ошкор шавад, бояд аз раги босалиӣ хун бигиред ва дигар дармонҳоеро, ки то кунун ёд кардаем, баргузинед.

Гоҳе ҳамаи омосгурда, гирд намояд ва сангинии бидуни таб дар камар, мондагор мешавад. Пас дар ин ҳангом бояд беморро бо луоб шанбалид ва тухми и катон ва дампухтам бобуна ва карнуб ва иклил ал-мулк ва хитмӣ ва нухола (сабӯс) танқия кунед ва вайро водор ба боло овардан намоед ва камар ӯро бо доруҳое, ки гуфтем равғанмолӣ кунед. Ҳамчунин агар диди пешоб ӯ коҳиш ёфт ба ӯ доруи пешобовар бидиҳед ва ҳамчунин бемор низ дар дармон набояд кӯтоҳӣ намояд ва доруҳои додашударо, бихӯрад.

**Сӯзиш ҳангом пешоб кардан:**

Ишора

Агар бемор дар ҳангоми пешобкардан сӯзиш ва дилпеч ва дард дошта бошад аз туршӣ ва шӯрву тундӣ вайро боз доред ва

хӯрок шӯрбои исфидбочи нарму зербо ва монанди онҳоро ба ӯ бихӯронед ва ин доруро ба ӯ бидиҳед:

**Гузораи доруе барои сӯзиш ҳангом пешоб кардан:** Тухми и ҳарбузаи пӯсткунда се дирам, тухми хиёр, тухми и каду, тухми и хиёр чунбр, тухми и хирифа ва хашхоши сафед аз ҳар кадом даҳ дирам, нашоста, катиро, афшураи ҷӯшондаи ширинбаён ҳар кадом се дирам ва тухми и банг сафед ду дирам ва шикар бандозҳи ҳама, гард миоваранд ва ба гунаи пудар даровarda рӯзе се дирам бомдод ва ба монанд он шомгоҳ бо як уқия нӯшобаи бунафша ё шарбати гулоб ба ӯ медиҳанд ва набояд дар бораи ин бемории кӯтоҳӣ намоянд, чӣ агар пойдортар шавад, захмҳоеро дар пешоброҳ баҷо мегузорд.

**Пешоби хунӣ ва чиркӣ:**

Агар беморӣ аз афтодан ё зарба хӯрдани пешоби хунӣ пайдо кунад. Аз раги босалиӣи ӯ хун бигиред ва қурси каҳрабо ба ӯ диҳед.

**Ќурси каҳрабо:** каҳрабо панҷ дирам ва широбҳи (дарахт) гирду ба монанд он, гулнор, афшураи лиҳя алтис (реш буз) аз ҳар кадом дуву нем дирам ва кундар ду дирам, тухми карафс як дирам, бо тарёк як дирам онҳоро бо ҳам миомезанд ба сурати қурс ба андозаи як мисқол дирамеоваред ва рӯзе яке аз он қурсҳоро дар оби сумоқ хисонда ба бемор медиҳед ва хӯрок ҳасрмия (ош ғӯра) ё сумоқия (оши сумоқ) дар барномаи хӯроки ӯ мегузоред ва ӯро аз хӯрокиҳои тунд ва шӯр ва шароби ангур боз мидоред. Ва ҷойгоҳ зарбаро бо гил арманӣ ва ақоқиё ва ҳузаз ва сабр ва мурдосанг парварда дар сирка ва об понсмон мекунед.

Агар пешоби хунӣ дар пай хӯрдани мазаҳои тунд ё ошомидан шароб пеш ояд, ҳамчунин бояд аз ӯ хун гирифт ва қурс каҳраборо бад-ӯ дод ва ин равиши дармониро дуруст думбол намуд.

**Қурси барои бемории пешоби чиркин:**

Тухми ҳарбуза, тухми хиёр, кадуи пӯсткунда ба гунаи баробар аз ҳар кадом бист дирам, гил арманӣ ва самғ арабӣ ва кундар аз ҳар кадом даҳ дирам, тарёк се дирам, тухми карафс

ду дирам, аз онҳо қурсҳои бо вазн ду дирам мисозед ва рӯзе як қурс бо як вақия нӯшобаи хашхош ба ӯ медиҳед ва ин шёфро дар нарина низ мегузоред.

**Шёф сафедоб сурбӣбарои пешоброҳ нарина:**

Сафедоби сурбӣ ва анзрут, кундар ва самғ арабӣ ва афюн ва дм алохуин (хуни сиёвушон) ба гунаи баробар гирд овbooked ва ба гунаи шёф дирамеоваранд. Нахуст асалоб ба даруни канал нарина (пешоброҳ) тазриқ менмоанд ва пас аз он ки пешоб мекунд шёфро бо шир меолояанд ва ба даруни пешоброҳ мефиристанд.

**Пешоб чака-чака**

Ишора

Агар бемор пешоб чика-чака ва бесӯзиш, ки аз нотавонӣ дар нигоҳ доштани пешоб аст, дошта бошад ва дар хобу бистари хеш пешоб биёхтёр аз ӯ берун резад, вале ба ҳамроҳи он ташнагӣ ва лоғарии тан набошад, ба ӯ доруи боздорндаи пешоб диҳед.

**Доруи боздорндаи пешоб:**

Булут панҷоҳ дирам, кундар се дирам, гашниз хушк, гили арманӣ, самғ арабӣ аз ҳар кадом даҳ дирам пудар карда се дирам онро бомдод ва шомгоҳ ба кор баред. Ва агар ба ҳамроҳ он ташнаги сахт ва ба сутӯҳоваранда дошта бошад ва ҳарчи меошомед ба тундӣ пешоб мекунад ва берун медиҳад, ба ӯ обҷав ва тухми  асафрза бидиҳед ва об ғӯра ва сумоқ ва монанд он аз хӯрокиҳои бандоварнда аз кашк ва мусл (мост чакида) ҷузви хӯрок бигузоред ва мости туруш бинушонед ва аз хаста шудан ва наздикӣ кардани вайро боздоред, ва қурси зерро бад-ӯ диҳед.

Қурси табошир, ҷилавгири аз пешоб кардан зуд ба зуд: таботирӣ даҳ дирам, тухми  коҳу ва тухми  хурфа аз ҳар кадом понздаҳ дирам, гашнизи хушк панҷ дирам, гули сурх ба андозаи он ва гулнор ду дирам, гили арманӣ панҷ дираму кофур ним дирамро бо ҳамдигар биомезед ва қурсе бисозед, ба ҳамроҳи оби анори туруш ба бемор бидиҳед. Сабзиҷиот сардро бикӯбед рӯй камар ӯ бигузоред. Ва ӯро аз хӯрдани хӯрокиҳои гарм ва шароб ва ҳамаи хӯрокиҳои пешобовар боздоред.

Аз корҳое, ки иштибоҳи бархе нодонон ва нокоромадонро бузургтар мекунед, додани доруҳои гармизо ба бемор аст, ки эшонро осеб мерсоанд ва бемориро ба тундӣ ба сӯи таби диқ (таб лозим) мекшанд.

**Кирми шикам ва сӯрохи нишастгоҳ:**

Ишора

Касе, ки ба ин бемории ҳамеша дучор мишавад, беҳтар аст аз хӯрдани хӯрокиҳои сангин ва пурчарб дерӣ намояд ва ҳар рӯз пеш аз хӯрок чанд луқмаи нон ва ҳардал ва мурри (обкома) бихӯрад, ки аз падид омадани кирм ҷилавгирӣ менамояд, ҳарчанд он чи ки сохта шуда роҳе ҷуз берун омадан кирм аз тан надорад.

**Доруе, ки кирмҳо (хонаводаи кирми каду)-ро меронад:**

Турунҷи кобулии пӯстканда ҳафт дирам ношто ва бо гуруснагӣ бихӯред. Доруе, ки кирмҳои бузургро аз шикам меронад:

Турунҷ пӯсткунда ва қилдору (гулдору) ва тарбзу ҳабби алнил ба гунаи яксон, турмус ва шоҳӣ ва қинбил ним ҷузв бармедоранд, ки микдори хӯрокии он шаш дирам аст. Пеш аз хӯрдани он то се рӯз бомдодон шир мехуранд ва сипас онро дар рӯз чаҳорум дар ду канали бинӣ мерезанд ва доруро низ бо ширу сирка меомезед ва ҳангом гуруснагии сахт менӯшед.

Кирмҳои кӯчаке, ки дар нишастгоҳ ҳастанд, барои дармон нахуст бояд нишастгоҳро бухоронанд ва баъд пахтае, ки оғишта ба равған рикобӣ, ё равған ҳастаи зардолу, ё оби пӯдина, ё андаке сабр ва заҳраи гов бошад, ба даруни сӯрохи нишастгоҳ фурӯкунанд.

**Босур ва носур ва фистул перомун сӯрохи нишастгоҳ:**

Ишора.

Агар аз бахш поини одамӣ (нишастгоҳ) хуни ғализи бидуни дард ва бо ҷараёни мушаххас равон бошад, беҳтар аст пеш аз он ки сустӣ бар одамӣ пайдо шавад ҷараён қатъ нагардад, ки бисёре бемориҳоро беҳбуд медиҳад, вале агар суст шуд ва ниёз ба банд овардани он пайдо гашт, пас бояд ба ӯ қурс каҳрабо бо оби сумоқ дод ва сумоқия ва ҳасримия (оши ғӯра)

ва монанд онро дар барнома хӯроки ӯ гузорд ва агар сустӣ бар ӯ падидор гашт. Ба ӯ оби гӯшт, ки ба он ба ӯ шароб афзудашуда, ба ҳамроҳ нӯшобаи бандоварнда дода шавад. Ҷигарро бо понсмон, ки дар бахши ҷигар ёдоварӣ шудааст, понсмон кунад. Агар басанда набуд доруи хубс (хамири хобшудаи рим) ба ӯ дода шавад: «сунбул» хамири хобшудаи рим (хубс): ҳалилаи сиёҳ, балила, омула аз ҳар кадом понздаҳ дирам ва рими оҳанро як ҳафта дар сирка хобонда ва пас аз он ҷушонда понздаҳ дирам онро бо сунбул, азхр, саъд, зангбил, филфил, нонхоҳ ва кундар, ки аз ҳар кадом понздаҳ дирам бардошта ҳамагиро бо асали хамир хоб мекунад, ки дар оби омула ҳамон гуна, ки дар бахши молихулё ёд кардем, пухта шудааст ва ба андозаи як гирду ҳар рӯз аз он ба кор мебранд, ки хунрезии бавосиру хуни моҳонаро банд меовард ва рангро некӯ месозд ва барои шикамравиши кӯҳна мондагор шуда, судманд аст.

Агар дар касе барҷастагӣ (тӯдаи гӯште) ёфт шавад, ки аз он чизе равон намешавад, бемор оби пиёзу кисаи зардоби говро дар пашминаҳо бубандад ва ба худ баргирад. Артанисо дар сӯрохи нишастгоҳи худ фурӯкунад ва онро ҳамаи шаб дар худ нигоҳ дорад ҳаргоҳ шикам кор кунад, дармонро дубора анҷом диҳад, то он ки сар боз кунад ва аз он хун равон гардад. Агар дарду омос дар нишастгоҳ бисёр бошад бояд аз ӯ хун гирифта шавад, сипас бо ин памод понсмон гардад.

**Марҳами оромкунандаи дарди бавосири омосида:**

Иклил ал-мулк ва бобунаро ба сурати хамирхоб обпаз мекунанд ва ба гунае, ки лаҳ шавад муште аз он бар мегиранд ва бо зардаи тухми мурғи обпазшуда, бо як дирам заъфрон ва ду дирам афюн ва як мушт тухми катон кӯбида ва ба монанди он шанблид ва ба монанди он хитмӣ ҳамагӣ бо минхтаҷ, ки дар он муқл ба вазни се дирам об шуда, гард биоваранд ва бахше аз онро рӯйи барге бигузоранд, сипас рӯй он як ки чарби мурғ, ё урдак дар он обшуда бимоланд ва бар ҷойгоҳи ба ҳамон гуна, ки виларм аст, бигузоранд. «даҳани хал».

**Лояи доруи оромкунандаи дард ва фурӯкашдиҳандаи омос:** пиёзи сафедро мепзанд, сипас бо равғани гов нарм мекунанд ва баъд виларм карда рӯйи нишастгоҳи омосида мегузоранд. Дардро хуб ором мекунд. Агар бемор дорои шикофу тарк аст ва дар ҳангом юбусат дард мекашад, ҳабби муқлро пайваста бояд ба кор бурд.

**Ҳабби муқл:** ҳалилаи сиёҳ ва кобулӣ аз ҳар кадом даҳ дирам, сағбин се дирам, шоҳи сафед ду дирам, муқли нарми чарб понздаҳ дирам дар оби тарра боз мекунанд ва ба сурат ҳабб дармеоваранд ва андозаи хӯроки онро аз як дирам то чаҳор дирам рӯйи омос мерезанд. Ҷойгоҳ агар доғ бувад марҳами  сафедоб мемоланд вагарна марҳами муқл ва саном (кӯҳон) ба кор мебранд.

**Гузораи марҳам саном:** муми зард, даҳани хал, чурби урдак, мағз устухони соқ гов, чурбӣ, кӯҳони шутур ва муқлро дар луоб тухми  катон об карда ҳамагиро гард меоваранд, ки бисёр корсоз мебошад.

Агар дар нишастгоҳи бемор барҷастагӣ (омос уруқӣ) ё фурӯрафтагӣ пайдо шавад, ки аз он хунобаи бадбӯ равон гардад бар рӯй он доруи гарми гузорашуда дар бахш думалҳоро ду рӯз мегузоранд, агар ҳанӯз чизе аз он метаровад дубора он доруиро мегузоранд, то хушк шавад.

Ин ҳолат дар сурате аст, ки агар гавд бошад чизе берун натаровад. Вале агар барҷаста ва овезон бошад то онҷо, ки сар боз кунад ва сиёҳ шавад дармон пайгирӣ мишавад. Сипас рӯй он чандин бор равғани виларм мигузоранд то сиёҳии он зудуда шавад ва агар таровиш дошт дубора доруи гарм бар он мегузоранд вагарна бо марҳам сафедоб дармон мишавад. Ҳамчунин бавосири барҷастаро бо доғ кардан ва корд (ҷарроҳӣ) дармон мегардад. Ҷуз онки сухан дар ин бора аз андозаи китоб берун аст.

**Носур (захми омосӣ, носур, фистул дар нишастангоҳ):**

Чун фурм нишастгоҳ б гунае аст, ин захм ба тундӣ дар он падид меояд. Ба ду гунаи сӯрохкунанда ва содда мебошад. Дар гунаи сӯрохкунанда, бод аз он берун меояд ва агар чизе аз он

берун наёяд гунаи содда ва бесурох аст ва сухан дар дармони комили он аз андозаи китоб мо берун аст, вале чи басо андешамандон (ал-амонин) дар дармони ин беморӣ роҳи иштибоҳ бираванд, ки зиёнашро бузургтар намояд, мо ба шумо огоҳӣ медиҳем ба он чи, ки бояд аз он дурӣ кунед, пас мегуйем: фистул (носур) гунаи сӯрохкунандаи он агар дур аз нишастгоҳ бошад, албатта онро набояд сӯрох кард, чун агар шикофта шавад заминаи берун омадани пасмонда (пайхол) контрол нашуда аз онро фароҳам мекунд.

Фистул сурохкунанда, бишкофтан беҳбуд намеёбад ва он ҳамроҳи бемор то поён умр ӯ мемоанд ва зиёни бузург барои ӯ баҷо намигузорд ва бештар аз он ки таровише дошта бошад, надорад вале он таровиш бисёр бадбӯ ва тунд ва озордиҳандааст ва андозаи он ҳар рӯз бештар мешавад

Дар ин вақт бояд бо кор бурдани доруи тунд (ҳодд) ва дармон дуруст пеш аз он ки бисёр густариш ёбад, думбол кард. Вале, агар таровишҳои  он андак бошад ва ҳар рӯз афзоиш наёбад ва бадбӯ набошад аз он зиёне ҷуз таровишҳои он намебошад ва он метавонад дармон шавад ва хушк гардад ва ҳамчунин он бояд понсмон шавад то он ки барои муддате дароз чизе аз он натаровад. Ҳаргоҳ таровиш он оғоз гардад дармон дубора бояд анҷом пазирад. Ба ҳамин гуна дар ҳамаи умри одамӣ, ӯ бояд бо он чунин рафтор кунад.

**Гузораи дармон:**

Доруи чашмеро, ки дар бахши захмҳои чашм гузора шудабуд, мегиранд ва нарм мекубанд. Фистул (носур) ро фишор медиҳанд то ончи дар он ҳаст, берун ояд, агар бишавад дар он милае фурубурда шавад, ба он фатилае (ё пунбае) мепечанд ва ба дору меолоянд.

Пас аз оғушта шудани бадравони носур фурӯ мекунанд. агар дар он мила фуру наравад, доруро дар об мекунанд ва тиҳигоҳи беморро рӯи пушти баландӣ мегузоранд то боло биёяд ва ба гунае бошад ки рӯи пушт хобида ва доруро дар он мечаконанд. Се рӯз бомдод ва шомгоҳ ин гуна дармон мешавад ва сипас дар ташти (обзан) менишинад ва нишастгоҳро бо об мешуяд.

**Поён афтодагӣ ва берун задагӣ ва омоси нишастгоҳ ва заҳдон:**

Агар барҷасташудагӣ дар нишастгоҳ падид. ояд вале омосе набошад ва чунон ки фушурда ва ба дарун фуру дода шавад, доруи зерро ба кор баред.

**Гузораи доруи поин афтодагӣ ва берун задагии заҳдон:**

Сафедобӣ, сарбӣ ва гулнор ва мору ва зоки балур ва сурма бо андозаи яксон бармегиред ва монанди пудар нарм мекунед, сипас ба нишастгоҳ равғани хоми гули сурх мемолед ва з-он дору рӯи он мепошед ва ба даруни он фуру мекунед ва мебандед. Ин ба худ бар гирифтан пас аз тиҳисозии комили рӯдаҳо бояд анҷом гирад; сипас мору ва гулнор ва қафти балут ва барги осро бигиред ва дар лакнӣ бипазед то ранги об сурх шавад, ва беморро даруни он бинишонед ва бо он нишастгоҳро хуб бишуед ва хуб молиш диҳед.

Вале агар бо фишор додан барҷастагӣ ба дарун наравад ва омосида шуда бошад, беморро чандин бор дар оби гарм биншонед ва бо мум ва равғани бобуна ё равғани шавид онро молиш диҳед, то он ки ба дарун фуру равад. Агар ба дарун фуру рафт онро бо ончӣ гуфтем дармон намоед. Ҳамчунин заҳдонҳои фуруафтода (берунзада) ро ин гуна дармон менамоед. Ҷуз он ки онҳо ниёз ба бастани сахт ва хобидан бо баланд кардани тиҳигоҳ ва гузоштани пушт зери он дорад. Афзун бар он бояд абзори ҳиҷомат рӯи бахши зерини пистонҳо гузошта шавад ва аз раги босалиии бемор хун бигиранд.

**Банд овардани хунрезии бисёр моҳона:**

Як ҳафта ба бемор қурси каҳрабо бидиҳед; агар муваффақ нашудед, хамири рим (кафбора) ва хунгирӣ аз раги босалӣ ва гузоштани абзори ҳиҷома рӯи бахши зерини пистонҳо ва хуронидани хӯрокиҳои бандоваранда ва гузоштани ин дору (дар важан) ро бояд ба кор баред.

**Шиёқи важан барои ҷулавгирӣ аз резиши хуни моҳона:**

Кандар, гулнор, мору, сурма, ақоқиё, ва зоки булур бо андозаи баробар бармегиранд ва месоянд, ва нарм мекунанд ва даруни пашмина гузошта ба худ бармегиранд. Рӯи бахши зерини

ноф ва болои важан ва пуштро памоде, ки дар бахши шикамравиш (халфа) гузора шуд, мемоланд, ва дар оби таштӣ менишонанд. Агар хуб нашуд, бо танқияи ёдшуда дар бахши шикамравиш вайро танқия мекунанд ва дар обзанӣ вайро менишонанд, ва агар пирӯзбахш набуд, бо танқияи ёдшуда дар бахши шикамравиши хунӣ танқия менамоянд. Агар ончӣ аз ӯ равон мешавад бадбӯ ва ганд бошад, вайро бо танқияи тундӣ дигар, ки он низ бояд аз ҷулу (важон) анҷом пазирад, дармон мекунанд.

**Резиши хуни моҳона ва ё банд овардани он:**

Агар хуни моҳона банд ояд, дар паи он бемориҳои сахт барангехта мешаванд; пас бояд ба бемор қурси мур дод.

**Қурси мур:**

Мурӣ се мисқол, тармиси кубида панҷ мисқол ва барги садоби хушкшудаи пудина, мушктар, имшайъ, фуҳ (равноси) рангрезӣ , ангиза, сагбинаҷ ва говшир аз ҳар кадом ду мисқол ҳамагиро ба ҳам омехта, ба гунае қурси ду мисқоли дармӣ оваранд, яке з-он обе, ки дар он ибҳал пухташуда ба бемор мехуронанд, ки доруи равонкунандаи бисёр нерӯманди хуни моҳона аст, ва чунончӣ пайваста ба кор равад, рӯёнро низ меандозад ва ҳиҷомати соқи по ва хунгирӣ аз раги софун ва гузоштани абзори ҳиҷомат рӯи бахши зерини ноф ва перомуни важан аз корҳои дигари дармонӣ мебошад. Ё оби садобро ба андозаи даҳ (устор) мегиранд ва бар он як вақия равғани гарду ё равғани карчак мерезанд ки барои резиши хуни моҳона бисёр корсоз мебошад.

**Тарк ва шикофҳои падид омада дар важан:**

Ҳамон дармони тарки нишастгоҳ мебошад. Чарби ардак, зуфои тар ва мағзи устухони соқи шутур ё говро ба худ бармегиранд. Вале зуфои тар ва пӯст, пашмӣ тоза канда шуда аз руи дунбаи гусфанд ва он чӣ даруни дунба астро бо об мепазанд, сипас соф мекунанд.

Пас аз он ба андоза мепазанд то сифттар шавад. Пас з-он бо муми обшуда бо равғани савсан ё равғани наргис, агар бемор таби тунд надошта бошад, ба кор мебаранд, ва агар боло бошад

бояд равғани гули сурх ба кор баранд ва марҳами сафедобро низ бемор ба худ баргирад; дар сурате ки дамои тан хеле боло бошад, тиккае аз сурбро дар оби ҳарфа ва ёоби коҳу ё оби тухми усфарзо андохта, сипас бо он ба сахтӣ бохтро меҳарошанд ва месоянд то бахше аз сурб дар об бимонад ва сифт шавад. Сипас бар он равғани гули сурх бирезанд ва ба худ баргиранд ва ин дору барои саратон чиркини заҳдон ва ҷуз он низ хуб мебошад.

**Баромосидани заҳдон:**

Агар ба ҳамроҳии омос таби боло бошад, бояд аз раги босалиӣи бемор хун гирифта шавад ва ба хурдани обҷав басанда кунад. Бахши зерини ноф ва камар ва тиҳигоҳ низ бо хамири омоси гарм равғанмолӣ намояд, ва то онҷо ки битавонанд, онро сард нигоҳ доранд, то таб ва сахтии он коста шавад, ва чунончӣ аз омос чизе бимонад онро бо доруҳои нармкунанда ва ба кор бурдан дар даруни важан дармон кунад, ва низ бо нишондани ӯ дар обҳои доруӣ то беҳбудии омос дармонро пайгирӣ намояд.

**Доруи ба худ баргирифтанӣ барои омоси сахти заҳдон:**

Ин доруҳо омоси сахти заҳдонро нарм мекунад ва барои дард судманд мебошад, ва онро ором ором фурукаш медиҳад, ки марҳами диёхилин бо равғани савсан аст ки бояд ба худ бигиранд.

**Доруи дигаре барои омоси заҳдон:**

Чарби ардак ва мағзи устухони соқи уштур ва муқли нарм ва заъфарон ва зардаи тухми мурғ пухта ва таҳнишасти равғани савсан ба андозаи яксон бар мегузинанд ва бо шароб ё равған нарм мекунанд ва бемор онро ба худ бармегирад, ки он барои ором кардани дард ва нарм кардани (бофтҳои) сахт дар заҳдон бисёр корсоз аст.

**Гузораи дармони дигар:**

Нишастани бемор дар пухтаи шанбалид ва тухми катон ва бобуна ва намом ва аклил-ул-малик ва барги калам ҳар кадом ба танҳои ё ҳамагӣ бо ҳам хуб аст.

**Захмҳо ва саратони заҳдон**

Агар аз важан чирк ва хуноба равон бошад ва ин чирк аз ҷои наздик таровиш кунад, вале гандидагӣ ва бӯи бад надошта

бошад, хуб аст ки сабр, мур, хуни сиёвишон, анзарут ва кандарро бигиранд ва даруни важан бигзоранд то сар боз кунад. Агар аз ҷои дуртар меомад, бояд бо танқияи ёд шуда дар бахши захми рӯдаҳо ва ё шиёф ки дар бахши пешоби хунӣ ва чиркин гузора шуда, дармон кард. Агар ончӣ метаровад, бадбӯ ва озордиҳанда бошад, пас бояд пас аз танқияи нахуст, ки асалобаст, ба танқияи дуввум ки тандар аст, рӯй овард. Агар ин таровиш бо сузон шудан ва дард ва омоси сахт ҳамроҳ бошад, ки бо даст задан эҳсос шавад аз ҳар гуна тамос бо доруҳои тунд бояд парҳез намояд ва бо резаҳои (тарошаи) сурб ва марҳами исфидоӣ (сафедоб) танқия намояд. Аз раги босалиӣ хун низ бигиранд ва аз ҳарчӣ падид оварандаи талхоб ва ҷошниҳо ва донаҳои тунд (абозир) аст, парҳез намояд.

**Гирифтагии даҳонаи заҳдон**

Агар хуни моҳона муддате банд ояд, ва зан бо он ки мехоҳад наздикӣ кунад, вале натавонад, ва ин ноҳинҷориро муддати дароз дошта бошад, ки ба дунболи он дучори дард ва сангини дар поини ноф ва перомуни важан шавад, ва эҳсос кунад чизе бахши рӯи важан ба боло мекашад, ки гоҳе ин ҳолат ангезаи беҳушӣ ва ба монади мурда шудани бемор мегардад, то онҷо ки эҳсос шавад ки ӯ на нафас ва на набз дорад ва чӣ басо ки хафа шавад ва бимирад гоҳе ҳам пас аз кушиши бисёр ба ҳуш ояд беҳтар аст ин беморӣ дар ҳангоми барангехта шудани он дармон шавад. Бояд пойҳои ӯро ба сахтӣ молиш бидиҳанд ва бибанданд ва рӯи ноф абзори ҳиҷомати бузург бигзоранд, ва ба мо дастур диҳанд, ки ангуштонро бо равғани халуӣ биёлояд ва ҳар дам ба дам даҳонаи заҳдонро бо он бихорад, ва дар бинияш кандас бидаманд, ва дар гӯши вай фарёд бизананд.

Дар ин беморӣ набояд бемор бӯи хуш бибуяд, ва агар бӯи хуше бошад, чун ғолҷ, онро бояд дар важани ӯ гузоранд ва ё ба нофи бемор бимоланд, ӯро водор ба буйидани бӯйҳои бад ва гандибастар ва гугирд намоянд. Агар ба ҳуш омад дармони ӯро пайгирӣ кунанд ки то дубора ин беморӣ боз нагардад.

Агар ин бемори дар паи банд омадани хуни моҳона пеш ояд, бояд ба бемор доруҳои резишдиҳандаи хуни моҳона бидиҳанд, ва

ӯро ҳиҷомат кунанд ва аз раги поҳои ӯ хун бигиранд. Агар дар паи наздикӣ накардан рух диҳад, ки бештар ин чунин аст, бояд издивоҷ кунад ва ё ҳамон гуна ки гуфтем момо дам ба дам важанро бо хоридани таҳрик кунад ва ё доруҳои коҳишдиҳандаи нерӯи ҷинсӣ ва қурси мур ба ӯ бидиҳанд.

**Бемори орзуи бордорӣ ё бордории дуруғин:**

Дар занони нигарон ва зери фишори сахти равонӣ ҳолате рӯй медиҳад, ки ҳолати занони бордорро пайдо мекунанд, шиками эшон бузург ва ранги чеҳраи онҳо тағйир менамояд ва хуни моҳона банд меояд; вале дар шикам ҷунбише чун ҷунбидани руён дида намешавад, балки бо фушурдани сахт шиками он туда аз ҷои ба ҷои дигар меравад, ва пас аз кушиш ва дарди сахти зоймон як тика гӯшт мезоянд, ки шакле надорад ва гоҳе аз онҳо танҳо бодҳои фушурда ва намурӣ бисёр берун меояд.

Сипас шикам кӯчак мешавад ва он нишонаҳо аз миён меравад; беҳтар аст, агар замони ҷунбидани руён аз муддати табии он бигзорад йарси мур ва обдонаҳо ва равғани карчак ба эшон дода шавад, ва садоб ва пудина ва шиёфҳое, ки дар бахши осон кардани зоимон гузора шуда аст, барои онҳо ба кор равад, ва қурси бадбӯ (мантин) низ чандин бор дода шавад то ба зудӣ аз он раҳоӣ ёбад.

Омос  ва порагии фатақ (вақру гар); ниёмҳои шикам каме барчастагӣ пайдо кунанд ва дар ҳоле ки вай ба пушт хобида, ба гунае рӯи он фишор диҳанд то аз дида ниҳон шавад ва пас аз ҳамвор шудан дубора боз гарданд; ин ҳолати падид омадаро бемории фатақ (порагии) шикам мегуянд. Беҳтар аст ин бемор аз ҷунбишҳои тунд пас аз хурдани хӯрок худдорӣ кунад. Ба вижа аз хурдани боқало ва лубиё ва адс ва сабзиҳо ва ҳар гуна хӯроки бодсоз парҳез намояд. Бояд ҳамеша ба дунболи нарм будани шиками хеш бошад; бо ин пайгириҳо аз дард раҳои меёбад. Рӯи ҷои он болаштагӣ бигзоранд ва бибандад, ба вижа дар ҳангоми ҳаракат, агар ӯ фарбеҳ ва шикамбузург бошад, беҳтар аст пеш аз ҳар гуна ҷунбиш шикамро аз поини ноф бо дастори паҳн бибандад.

**Марҳами фатақ:**

Ҷуз-ус-сарв ва ду ҷуз мур ва саъд ва марзангӯиш хушк ва мозу ва ақоқиё ва кандар ва самғ аз ҳар кадом як ҷуз баргиранд, ва самғҳоро дар шароб боз кунанд ва бо дигар доруҳо хамир намоянд, ва ҳангоме ки бемор тоқбоз хобида онро рӯи фатақ бичасбонанд. Чунончӣ ниёз бошад, дармонро чандбора анҷом диҳанд то аз густариши он ҷулавгирӣ намоянд.

**Қуру (фатақи хоя):**

Пӯсти хояҳо ба сабаби бод ё об бузург мешавад ва ё бо поин омадани рӯдаҳо ва ниёми шикам ба даруни кисаи хоя ангезаи бузург шудани он мешавд. Агар ончӣ ба даруни он сарозер шуда рӯда бошад, сангин ва дардовар хоҳад буд ин афтодагӣ бо фушурдани он ба ҷои худ боз мегардад. Аз ин рӯ беҳтар аст бемор равишеро ки пеш аз ин гуора кардаем, анҷом диҳад ва аз он помад понсимон кунад ва бастани онро ҳамвора анҷом диҳад, чун фатақ агар баста нашавад, густариш пайдо мекунад ва бузург мегардад. Агар дар он об бошад, дурахшон ва кашида ва сангин дида мешавад ва бо помад гузаро шуда дар бахши истисқо дармон мешавад. Чӣ басо бояд шикофта шавад он чӣ дарун дорад берун резад. Агар бемор беҳбуд ёбад, вале дубора обгар гирд ояд, пас аз шикофтан ва сузондан ва бакор бурдани доруҳои тунд бояд дармон шавад ва беҳбуд ёбад; дар он ҳаво ва бод бошад, онро молиш медиҳанд ва равғани занбаҷро, ки дар он ганбидастар ва фарфиюн шикофтаанд, рӯи он мемоланд ва дар канали нарина чанд қатра з-он низ мечаконанд.

**Нақрас ва дарди сиётик ва дарди тиҳигоҳ ва бандҳо:**

Агар бо дастмолиш дар бандҳо дард ва омоси гарм намоён шавад ва сурхӣ дар нигоҳ дида шавад, беҳтар аст, ки аз бемор хун гирифта шаад; агар дард дар дасти рост бошад хунгирӣ аз дасти чап ва агар дард дар дасти чап бошад аз дасти рост, ва агар дард дар пои рост аз дасти чап ва ҳамчунин агар дард дар пои чап бошад, аз дасти рост хун бигиранд ва ин хамираро рӯи ҷои дарднок мегузоранд.

**Марҳами нақрас:**

Сандал, гули сурх, фуфул, шиёф, момисо, бавра, гули арманӣ ва тарёки яксон баргиранд ва бо сирка ва гулоб

бихисонанд, ва тухми исфарзаро бо сирка хайс кунанд ва рӯи коғз бимоланд, ва ин коғзро бар ҷои дард бигзоранд ва агар чанг шуд ба ҳамин гуна дубора анҷом диҳанд. Шикамро бо пухтаи ҳалила ва савранҷон равон мекунанд.

**Доруи савранҷон:**

Ҳалилаи зард понздаҳ дирам, тарбади сапеди хурдшуда ва пасмоя аз ҳар кадом се дирам, сино ва шоҳтира аз ҳар кадом чаҳор дирам ва савранҷони сапед ду дирам, тухми коснӣ, тухми карнас, тухми розёна ва гули сурх аз ҳар кадом ду дирам бо се ратл об мепазанд, то як ратл шавад, ва дар он панҷ дирам фалус меомезанад ва соф мекунанд ва бо даҳ дирам шакар табарзад мехуранд.

Ҳар ки аз хурдани пухтанҷ бадаш ояд, ин ҳаброро ба кор мебарад.

**Гузораи ҳаби савранҷон:**

Сабр як дирам, сақмуниё як чаҳор дирам, гули сурхи ордшуда як донак, савранҷони сапед ним мисқол ва ҳалила, гирд меоваранд ва он андозаи як хӯрок мебошад.

Бояд ба бемор хӯрокиҳои сард ва туруши бандоваранда бидиҳанд, ва ӯро аз шароб ва ширинӣ ва гӯштҳо бипарҳезонанд, чунончӣ гармо ва илтиҳоби омос фуру нишаст, он ҷоро бо марҳаме дармон мекунанд, ки мондаи омосҳои гармро аз миён мебарад.

**Гузарои марҳами аз миён барандаи мондаи омосҳои гарм:**

Муми обшуда дар равғани савсан ба ҳамроҳии лиоби шанбалид ва тухми катон бигиранд ва бикубанд, то сифт шавад, ва рӯи ҷои дард бимоланд.

Бемор ҳамвора бояд ҳангоми осудан ва ба вижа наздики навбатҳои омадани омос ба вижа ҳангоми баҳор дар андешаи хун додан ва равон кардани зардоби хеш ва канор гузоштани шароби ангур ва ширинӣ ва гӯшт ва гароиш ба хурокиҳои туруш ва бандоваранда ва ҷуз он ҳар чӣ, ки сардизо бошад, ва дурӣ аз хастагии андомҳое ки ин гуна дардҳо ки ба он пайваста аст, ба вижа агар дар интизори расидани навбати бемори бошад ва ҳангомие ки шикам ва рагҳои пур ва анбошта дошта бошад, ва ё

муддате дароз  аз хун додан ва тиҳи кардан (рагҳо ва андомҳо) аз хунгирӣ дур бошад, бояд аз ӯ хун бигиранд.

Агар ба ҳамроҳии дарди бандҳо дамои боло ва сурхӣ ранг набошад, ва бемор дорои омезаи сард буда ва ҷои дард дар ҳангоми дастмолиш сард ва ба ранги хокистар ва гароянда ба ранги сабз бошад, ва ба монанди хун набошад, бояд ба дармони ӯ бо додани ҳаби савранҷони бузург иқдом кард.

**Ҳаби савранҷони бузург:**

Савранҷон ва бузидон ва моҳинзаҳра аз ҳар кадом панҷ дирам ва иёраи файқиро даҳ дирам ва пияи ҳанзал панҷ дирам, қантурюн панҷ дирам, фарбиюн ду дирам, тарбад даҳ дирам, зангабил, шайтирақ, ҳардал, фулфул ва гандибсатар аз ҳар кадом як дирамро ба сурати ҳаб дар меоваранд ва з-он ду ним то се дарам мехуранд ин ҳабро мондагор номидаанд.

**Хамиршуда барои нақраси сард:**

Мияи равон (соила), гандибастар, фарбиюн, мур, сабр, ақоқиё ба гунае яксон бар мегиранд ва бо шароби куҳна рӯи ҷои дард мемоланд, ва пас аз фурукаш кардани дард ба рехтани оби бисёр гарм рӯи он ва молидани равғани савсан рӯи меоваранд, ва муқл, шир, шанбалид, тухми катон, ашқ ва говширро ба гунае гирд меоваранд, ки муқл ва ашқро дар шароб боз карда, бо дигар доруҳо хамир кунанд ва бо он понсимон намоянд ва ё доруро рӯи он бирезанд. Чун бо ин дору он андом сахт мешавад ва барои бандҳо судманд аст.

Касе ки гирифтори ин бемори аст, бояд аз бадгуворишӣ ва пурхурӣ ва оби сард ва хӯрокиҳои сангин ва мастии па дар пай бипарҳезад, ва дар ҳангоми тандурустӣ худро водор ба ҷунбиш ва варзиш бикунад ва аз наздикӣ кардан, ба вижа ҳангоми анбоштагӣ, парҳез намояд ва аз гармоба рафтан ва хаста шудан пас аз хурдани хурок худдорӣ кунад, ва ба нӯшидани андаке шароби куҳнаи ноб бо доруҳои тунд ва пайваста пешоб кардан дар ҳангоми тандурустӣ дармонро пайгирӣ намояд.

**Ирқ-ун-нисо:**

Дарди сиётик, дарде аст ки аз тиҳигоҳ ба рон дар як росто кашида мешавад ва чӣ басо ба соқ ва кафи по ба монади як хати

рост биравад; дар ин ҳангом агар ба ҳамроҳи он омезаи гарм ва пешоби рангин ва кулуфтшудагии рагҳо бошад, пас бояд аз раги босалийи дасте, ки дар ростои он аст, ва сипас аз раги сиётик хун бигиранд. Агар бемор омезаи сард дошта ва рангпарида ва камхун бошад, вайро бо турб водор ба боло овардан намояд. Тиҳигоҳ ва пои ӯро бо равғане ки фарбиюн ва гандибастар ва мия дар он боз шуда, равғанмолӣ кунанд.

Агар дард дар тиҳигоҳ бигирад вайро бо марқ нагбатӣ ва бура ва танқияи гармзо ки дар бахши сакта гуора шуд, танқия намоянд. Шиёф баргирифта аз артийсо ва пияи ҳанзал дар ӯ ба кор баранд.

Танқияро то он андоза анҷом диҳанд, ки ангезаи падид омадани соидагӣ ва хориш шавад, сипас соидагӣ низ дармон кунанд.

Агар беморӣ ба дарозо кашида шавад, пас ҳардалро бо ҳамвазни он пайхоли кабутар бикуед бо пухтаи анҷир хамир намоед ва тиҳигоҳро бо он понсимон кунед, ва бигзоред, то товал (обила) кунад ва обе, ки дар товалҳо ҳаст равон шавад, ва онро бо оби гарм кампурс намоед ва чанд рӯзе онро раҳо кунед. Агар фурунишаст, вагарна дубора анҷом диҳанд, агар муддате дарозтар ба дарозо кашида шуд, ва тарс аз даррафтагии сари устухони тиҳигоҳ пеш ояд бояд ҳабули варак (таноби тиҳигоҳ)-ро ба гунае доирагун бисузонед ва ҳангоми сузондан бар сари устухони рон такя кунед, ва сухан дар ин бора аз андозаи китоби мо берун аст. Ин гуруҳ бояд дар ҳангоми тандурустии хеш пайваста боло оварданро дар барномаи рӯзона хеш дошта бошанд, ва равишҳои нармҷуёнаро пайгирӣ намоянд ва аз хӯрокиҳои сангин ва мастиҳои пай дар пай парҳез кунанд.

**Ҳадба (дакма, баромадагӣ):**

Агар баромадагӣ (дар ҷое аз тан) оғоз шавад, беҳтар аст ки ба бемор ҳаби савранҷони бузург дода шавад, ва ӯро водор ба бакор бурдани равғани кӯчак бо оби донаҳо намуд, ва ҷои онро бо равғани занбаҷ ки дар он мия ва гандибастар ва фарбиюни бозшуда равғанмолӣ кард, ва аз хӯрокиҳои сард ва сангин вайро боз дошт,

ва рӯи ҷои он пухтаи пудина ва шайҳ ва марзангӯш рехт, ва сипас молиш дод ва равғанҳои гарм рӯи он молид.

Агар ин дар кудакӣ бошад, бояд танҳо ба барномаи хӯрокӣ ва равғанмолӣ кардан, ки гуфтем, басанда кард. Агар бо оғози баромадагӣ таб ошкор шавад, аз ин равиш бояд бипарҳезед ва ба бемор оби сабзиҳо бо мағзи фалус бидиҳед, ва аз раги босалиии вай хун бигиред ва бар он понсимонҳои нерӯбахш бигзоред.

**Даволӣ (ворис):**

Агар дар соқ рагҳо ба ҳам печида ва бисёр кулуфат шуда бошанд, ва ба ранги сабз ошкор гарданд, ба он даволӣ (ворис) гуянд ва бештар дар касоне ёфт мешавад, ки поҳои эшон хаста мешавад ва дар хурдани хӯрокиҳои талхобзо зиёдаравӣ менамоянд. Дармонро бо хун гирифтан аз раги босалий ва равонкунандаҳои талхоб, ки дар бахши молихулиё ёд кардем, оғоз кунед ва дармонро пайваста анҷом диҳед, ва аз хӯрокиҳои бемори молихулиёзо парҳез намоед. Агар ин чунин барномро муддате анҷом додед, пас з-он аз рагҳои кулуфттар ва паҳнтаршуда хун бигиред, то тани эшон тиҳисозӣ шавад ва барномаи беморро бо равонкунандаҳои талхобӣ дунбол намоед, ва аз раги босалиии ӯ хун бигиред ва аз ҳарчӣ хӯроки талхобзо аст, вайро бипарҳезонед ва пайваста соқи поро бо навор бибандед.

**Доъ-ил-фил (бемории филқ шудани по):**

Агар ин беморӣ устувор шавад, дигар беҳбуд нахоҳад ёфт. Вале агар дар оғози беморӣ дар ростои дармони дуруст ва шоистаи он пайгирӣ шавад, беҳбуд меёбад, ва беморӣ меистад ва афзоиш намеёбад. Агар дидед, пои бемор аз паҳно афзоиш ёфт ва раги он тира шуд ва ворис ошкор гашт, беморро водор ба боло овардан бинмоед ва аз роҳ рафтан ва бархостан ҷулугирӣ кунед, ва дар саворӣ ӯ бояд поро овезон кунад, ва пас аз боло овардан ба ӯ ҳаби савранқони бузург бидиҳед. Сипас дар паи равон кардани шиками ӯ ва дубора водор ба боло овардан иқдом кунед. Ин корро чандин бор анҷом диҳед ва ӯро аз хурдани хӯрокиҳои сангин, ки талхобзо ҳастанд, боздоред ва поҳои ӯро аз пошна ба боло бибандед.

Оғози бастан аз пошна то ба зону бошад ва пеш аз бастани пой ӯро бо сабр, мур, ақоқиё фушурдаи лиҳя, илтис, зоки балут ва сиркаи тунд ва тез понсимон кунед. Аз раги босалиӣи дасти дигари ӯ хун бигиред, бар по хезад, магар он ки пояш баста бошад ва пайваста бо баста будани по роҳ равад ва пайваста боло овардани ӯро дунбол кунед. Агар бемор тоза боло оварда бошад ва ё барои ӯ он як одат ва ё осон шуда бошад, вайро бо тухми карнас ё тухми калам ва сурач (савранҷон) ё шайҳ ё хокистри калам ва тармас ва бураи арманӣ ва шилам ва пишкали буз ва орди шанбалид понсимон кунед ва оби хокистари дарахти балутро бо андозаи муайан рӯӣ он бимолед, ки бахши бисёре аз онро об мекунад ва ё хушк менамояд.

**Захми бистар:**

Агар ба дунболи як бемории тӯлонӣ бемор пайваста тоқбоз бихобад, чӣ басо пӯсти пушт ба ранги сурх дарояд ва захмҳои бадеро падид оварад. Беҳтар аст ҳангоме ки ин ҷойгоҳ аз тан сурхранг мешавад, дар зери бемор говрас ё барги хилофӣ паҳн кунанд, ва рӯзе чандин бор беморро ҷобаҷо кунанд, ва бар он гулоб сард шуда бо ях бипошанд ва осоиши беморро бештар кунанд, ва агар дамои тани ӯ боло рафт, помоди сурх гузаро шуда дар бахши омоси гармро рӯи он бимоланд, ва агар товал зуд сар боз кард, ҷои онро бо марҳами сафедоб (исфедоқ) дармон кунанд.

**Дарди андомҳои берунӣ:**

Агар дарде дар даст ё по пайдо шавад, аз бемор бояд бипурсед, ки оё дар паи зарба хурдан ё иллати дигар аст ва ё рӯи он муддати дароз хобида аст ва ё ба сабаби пешомаде аз берун будааст? Чунончӣ иллати берунӣ надошта бошад ба ҷои дарднок бояд таваққуҳ кунед: оё нармтар ё сурх рангтар аз дигар ҷоҳои тан аст ё на? Агар чунин бошад, бояд онро бо дармони омоси гарм дармон кунед. Агар андоми дарднок гарм ва сурхранг набуд ва танҳо чурукида ва хушкшуда буд, бар он оби гарм бирезед ва чандин бор бо равған ва мум онро хуб равғанмолӣ кунед, то дард фурукашӣ кунад.

Чунончӣ ҷои дард тар ва тоза ҳамроҳ бо сардӣ буда, молиш додани онро низ дар дармони худ бияфзоед, сипас бар он оби

гарме ки дар он марзангуз ва бобуна ва шайҳ пухта шуда бирезед. Онро бо равғани бобунаи хайрии зардранг равғанмолӣ кунед, нармҷуёна бо ӯ рафтор кунед. Ва варзиш кардан ва арақ кардан дар гармобаро барои ӯ бештар намоед. Чунончӣ басанда набуд, ба бемор равонкунандаҳое ки берункунандаи намуриҳост бидиҳед. Агар андом дар дастмолиш сард ба назар ояд, онро молиш диҳед, сипас бо равғани қист ва чевае ки бо либон ва монанди он омехта шуда бошад онро равғанмолӣ кунед.

Агар басанда набуд равғанҳои молидании бахши бемории фалаҷро барои ӯ ба кор бибаред, то беҳбуд ёбад.

Гуфтори нуҳум ба поён расид.

## ГУФТОРИ ДАҲУМ ТАБ ВА ПАЁМАДҲОИ ОН ВА ШИНОХТИ ДУРУСТИ ОН БАРОИ ДАРМОНИ БЕҲТАР:

Дорандагони бархе аз табҳо ба вижа табҳои сахт ва бо дамои боло ниёзманди пизишки корозмудаанд, то битавонад бо чирагӣ ва доштани диде густурда бар вазъияти бемор дармони ӯро дунбол кунад. Мо гузориши табҳоро дар ин бахш ба гунае густурда овардаем, то андешмандон битавонанд з-он баҳра бибаранд; ҳар чанд аҳли ин фан низ набошанд ва корозмудагӣ дар муоинаи беморон низ надошта бошанд. Зеро додаҳои ба даст омада ва гузораи гӯшаҳо ва чашмаҳое аз дониши пизишки дар ин китоб ба вижа ин гуфтор эшонро аз ройзанӣ бо пизишкон бениёз мекунад, чӣ ин китоб иштибоҳҳои иштибҳкунандагонро равшан месозад ва короии корозмудагон ва норасоии гуфтаҳои норасогуёнро нишон медиҳад. Албатта, дар инҷо ба ҳамон гунаем, ки дар дигар гуфторҳо дар паи кутоҳкунӣ ва кутоҳнависӣ будаем, дар инҷо низ аз овардани резакориҳо ва кушодагуӣ худдорӣ мекунем ва ба касоне, ки дар андешаи ҷустуҷӯ ва афзоиши мартабаи илмии худ дар ин ҳунар ҳастанд ҳушдорҳое дода мешавад. Аз Худо кумак мегирем ва бар ӯ такя мекунем.

**Табе ки пизишкон таби рӯзона гӯянд:**

Ин таб пайваста ва ё даврай нест ва танҳо як бор бештар намеояд. Аз нишонаҳои ин таб надоштани ларз дар оғоз мебошад, ва ҳамвора пас аз анҷоми кори бархилофи хуи ҳамешагии одамӣ рух медиҳад, монанди хастагии бисёр, ё нахобидан, ё хашм, ё андуҳ, ё нӯшидани шароби ноб ва неруманд, ё бисёр мондан дар зери офтоб, ё дар ҳавои гарм ё сард ё оби бисёр сард; ё падид омадани омоси гарм дар тан аз зарба ё афтодан ва ё пайдо шудани дард дар бархе андомҳо ё аз хурдани хӯрокиҳои бо арзиши хӯрокии боло ё сангин ва бандоваранда ё гармизо, ё ба

сабаби бад гуворишӣ бар асари пурхурӣ (тахма) ва ё дучори шикамравиш шудани пай дар пай пеш меояд, ва ё аз ба дарозо кашидан ва мондан дар гармоба ё обитанӣ кардан бо оби носозгор, чун оби чашмаҳои конӣ ва ё канор гузоштани обтанӣ ки ба он хӯ пайдо шуда ва ё зиёдаравӣ дар ба кор бурдани доруҳои гармозо ё зиёдаравӣ дар хурданӣ ва ё зуком ва сармохурдагӣ сахт ва ё бо деркарди бисёр аз гоҳ хурдан.

Бидон, дар ингуна табҳо дигаргуние чандон нисбат ба вазъияти табии пешоб аз назари ранг ва бастагӣ (обаки шудан) ва бӯ пайдо намешавад, ва дамои тани бемор тағйири бисёр надорад, ва бо даст задан хеле ошкор нахоҳад буд. Дар паи фурунишастани таб, арақ сарозер ва намури ва таровиш пайдо мешавад, сипас комилан ором мегирад. Дар ин таб хатар ва бадии бисёр дида намешавад, магар он ки агар равиш дармони муносебе барои бемор гузида нашавад, метавонад ба табҳои сахти дигар табдил гардад.

Агар касе ба дунболи хастагӣ дучори ин таб шавад, беҳтар аст пас аз фурукаш кардани таб ба гармоба равад ва дар бахши миёнае, наздик ба дари бахши нахусти гармоба биншинад, ва дари бахши нахустро ба рӯи худ боз нигоҳ дорад, ва ба таври кулли ҷояш ба гунае бошад, ки арақ аз ӯ сарозер нашавад ва барафрухтагӣ пайдо нанамояд ва хаста нагардад ва ниёз ба афзоиш танаффус пайдо накунад. Балки ҷое бошад ки з-он лаззат бибарад, ва битавонад ба муддати дароз дар обзани бо оби виларм (ширгарм) ва лаззатбахш биншинад, ва бар ҳамаи тан ва ба вижа бандҳо оби виларм бирезад, ва онҳоро ором ором молиш диҳад ва нарм бисозад. Сипас танро хушк намояд, ва рӯи он равғани бинафшаи виларм бимолад, ва ба вижа ба бандҳо, ва з-он бештар ба муҳраҳои пушт ва гардан таваққуҳ намояд. Андак пас аз анҷом додан дубора ба даруни оби виларм биравад ва равғанҳо пок кунад ва бишуяд.

Андозаи кам ва бисёр рехтани об ва равғанмолӣ ба андозаи бисёр ва андак будани хастагӣ мебошад.

Пас аз берун омадан аз гармоба сабзиҷот ва меваҳои сард ва намур ва гӯшти ҷуҷа ва гусфанд ва моҳиро дар барномаи

хӯрокии хеш бигзорад ва аз хӯрокиҳои гармозо бипарҳезад, ва чунончӣ ба ошомидани шароб хӯ гирифта бошад, бояд камтар аз андозаи ҳамеша ва бо омехтагии бештар онро бинӯшад. Ва агар ба нӯшидани шароб хӯ надорад, бояд шарбати гулоби сохташуда аз шакари табрзад ва гулоб бинӯшад. Бар андозаи хоб ва нармии фарши бистар биафзояд, ва агар бо ин дармон ҳануз сустӣ ва хастагӣ дар ӯ барҷо монда бошад, дубора обтанҷ ва дигар корҳои дармониро, ҳамон гуна ки гуфтем, анҷом диҳад. Агар хастагӣ намонда бошад, ӯ ба ҳолати ҳамншагии хеш боз мегардад.

Агар таб дар паи шабзиндадорҷ ё андуҳи бисёр падид омада бошад, пас аз фурукашӣ кардан таб бояд ба гармоба равад, ва дар ҷое ки гуфтем бинишинад ва албатта арақ накунад, ва бояд оби виларм бисёр бар худ ва ба вижа бар сар бирезад, ва барномаи хӯроки хеш бар пояи ёд кардаамон бигзорад.

Агар ба нӯшидани шароб хӯ гирифтааст, онро ба андозае миёна бинӯшад.

Касоне ки аз андӯҳ таб мекунанд, бояд ба бозӣ ва шухӣ бипардозанд, ва дар паи гуфтани суханони танз ва хандаовар ва корҳои шодиовар ва ҳушнудкунанда бошанд, ва равғани бинафшаро бинӣ кашанд, дар ҷоҳои хушобу ҳаво ва бар рӯи бистари нарм хоби дароз кунанд.

Дар таби рӯзона пас аз фурукашӣ кардани таб бемор бояд дар обзаи оби доғ биншинад, ва з-он лаззат бибарад ва ё дар хонааш ҷое, ки дар ҷараёни вазиши бод ё сармо набошад, ба монанди бахши миёнаи гармоба биншинад ва бар худ оби гарм бирезад. Андозаи корбурди оби гарм то онҷо бошад, ки пуштро нарм ва каме сурхранг намояд, ва сипас якбора ба даруни оби сард фуру равад ва ҳамон дам берун биояд, сипас гулоб бар сар ва сина бипошад, синаро бо сандал ва гулоб ва кофур хушбӯ кунад ва оби анори малас (байни туршу ширин) ва ҷуз он ҳамчун афшурдаи ҷушондаи ривас ва себи туруш ва туранҷи туруш бинӯшад ва сабзиҳои сард бо сирко ва равғани зайтуни парвардашуда бо шакар ва равғани бодоми ширин ва мағзи хиёр ва коҳу бихурад, ва нӯшобаҳое ки мастиовар нестанд, ва дорои

маззаи турушандро бо оби ғура ва ё ривас ва ё себ ва андаке шакар ва равғани бодоми ширин биошомад ва аз шароб бипарҳезад, магар он ки нанӯшидани он барои ӯ сахтӣ ба бор оварад; пас онгоҳ бояд шаробро бо оби анор биомезад ва бо ях сард намояд ва бо оби сарди фаровон бинӯшад ва анори туруш шуста шуда бо оби сард ва гулобро маззаи машруби худ кунад ва барои фурукаш кардани чашми худ равишҳоеро баргузинад, то ором гирад.

Агар таб пас аз бисёр нӯшидани шароб нерӯманд ва ноб падид омада бошад. Бояд ба бемор бархе аз нӯшобаҳои гузора кардаи моро ба гунае ноб, бе он ки бо об омехта гардадро андак андак бидод, ва агар таб фуру нишаст, вайро гармоба бурд ва дар ҷои миёна ҳамон гуна ки гуфтем, нишонад, ва бар сари ӯ оби вилармн бисёр рехт, ва тафшил  ва адасе, ки фуру кашкунандаи зардоб ва сардкунандаи он аст, ба ӯ бидод; ин гун хӯрокиҳо ки сардизо мебошанд ва ҳар чӣ парвардашуда бо оби анор ва ривас ва ғура бошанд, судмандтаранд. Бояд моҳии гарм бо оши сиркаро дар барномаи хӯроки беморон қарор дод. Онҳоро водор кард то бунафшаро бибуянд ва дар паи он низ бисёр бихобанд. Ҳаргоҳ аз хоб бархезад, дубора вайро ба гармоба баранд ва корҳоеро, ки гуфтем, анҷом диҳанд ва аз нӯшидани шароб боздоранд. Ӯро афшурдаи ҷушондаи меваҳо бихуронанд ва агар сангинии сар мондагор шуд ва чашмони ӯ сурх ва кашида гардид, пас бояд хун аз ӯ гиранд ва вайро ҳиҷомат кунанд ва дигар корҳоеро, ки гуфтем, барои ӯ анҷом диҳанд, вагарна оби меваҳоро ба унвони равонкунандаҳо барои ӯ ба кор баранд.

**Касе ки ба ҷиҳати истодан ва ё гузар кардан дар зери офтоби доғ дучори таб шуда бошад.**

Боядяк ҷуз гулоб ва ним ҷузъ равғани гули сурх ва як чаҳор ҷузъ сиркаи норисро дар зарфе бирезанд ва ба ҳам зананд, то бод кунад, ва бо ях сард кунанд ва андак андак рӯи малоҷ (сар) бирезанд, ва дар он порчае хисонда, ки бо ях сардшуда, то фурукаш кардани таб рӯи бемор гузоранд. Агар таб ором шуд, вайро ба гармоба бибаранд ва дар ҷои миёна биншонанд ва бар сари ва  дигар андомҳои ӯ оби виларм бирезанд ва ба ӯ талқони

хисондашуда, ки дар оби ҷушон чанд бор шуста шудааст ва бар он шакари табрзад кубида ва момирон афзудаандро ба ҳамроҳии обисард шуда бо ях бинӯшонанд, ва дар нӯшидани об зиёдаравӣ кунанд то бемор сероб шавад. Пас аз поин омадани таб хӯроки вай, ҳамон гуна ки гузора кардем, баргузинанд.

Касе ки дар асари бисёр мондан дар ҳаво ё оби сард таб карда бошад, бояд тани вайро аз ҳамон оғози таб ё пас аз поин омадани он молиши нарм диҳанд. Агар таб поин афтод, вайро ба гармоба баранд ва дар бахши гарм нигоҳаш доранд то арақ резад, ва пас аз арақ кардан равғанмолӣ гардад то дубора арақ кунад, ва сипас бо оби доғ шустушу кунад ва хушк намояд ва хуб худро бипушонанд ва берун ояд. Ӯ худро бояд хуб бипушонад ва соате ба бистраи равад ва бихобад то дубора арақ кунад, сипас аз хӯрокиҳое ки хушгуворанд, андаке бихурад ва шароби ноб бинӯшад, агар мондагӣ аз таб ва гирифтагии тан дошта бошад, дубора ба гармоба рафта ва дигар равишҳои дармони анҷом диҳад.

Агар касе пас аз рафтан дар оби доғ таб кунад, ва обтаниҳои маъмулӣ ва мутадовил ва ё намакӣ ва ё оҳанӣ ва ё ҷуз-он аз ҷумла чизҳое аст, ки пӯсти танро меҳарошад ва чурук мекунад, равиши дармони ингуна беморон ба монанди касе аст, ки таб аз сармо карда бошад, ҷуз он ки дар бахши гарми гармоба наздики дар менишинад ва дар бахши дуввум (миёни) ро ба равиши бод боз мегузаранд, ва оби доғ бар рӯи ӯ мерезанд, ва ӯро дар оби доғ фурӯ кунанд ва молиши пай дар пай диҳанд, то моҳичаҳояш нарм шавад ва танаш бод кунад ва сурх шавад.

Сипас бояд берун биёяд ва худро хуб бипушонад ва ба бистар равад. Пас аз он ба хурдани хӯрокиҳое, ки гузора кардем, бипардозад.

Бояд бемор дар таби рӯзона аз хурдани хӯрокиҳои гарм парҳез кунад; беҳтар аст пас аз поин омадани таб ба андозаи басанда обҷав бинӯшад ва хӯрокаш пас аз фурукаш кардани таб нӯшобаҳои туруши беалкал бошад, ва бо хурдани олу ва тамри ҳиндӣ ва шакари табрзад шикамравиш пайдо кунад, ва бемор метавонад сиканҷабингунае шакарӣ ва оби анори малас

бинӯшад, ва меваҳои иштиҳоовар бихурад ва аз ҳар чӣ гармозо бошад бипарҳезад ва бипояд. Чун ин гуна таб, ба вижа агар аз нӯшидани шароб бошад, ба тундӣ ба табҳои уфунӣ табдил мешавад.

Агар таби рӯзона аз анбоштагии шикамба бошад яъне аз пурхурӣ ва ё аз хӯрокиҳои сангин падид меояд, боиста нест ки муназири пок шудани танро аз таб шуд, чун ин гуна аз таби рӯзона чӣ басо чандин рӯз пойдор бимонад ва ба монанди таби матбақа (фарогир) шавад. Аз ин рӯ бояд ба равон кардани шикам бо оби меваҳое, ки гузора кардаем, рӯй оваред ва ба ӯ сиканҷабин бинӯшонед ва хуроки ӯро танҳо ба обҷав басанда кунед. Агар таб андак сабук шуд, вайро ба гармоба бибаред, вале чизе ба тани ӯ намолед ва танҳо ӯро дар оби виларм биншонед, ва бар ӯ об бирезед ва вайро бо сабус (нахола) молиши хубе бидиҳед, ва сипас бо он ӯро бишуед ва ба тундӣ берун оваред ва дубора оби меваҳоро барои равон кардани шикам ба кор баред. Нӯшидани сиканҷабин ва обҷавро дар барномаи хӯрокии ӯ бигзоред. Агар таб сабуктар шуд, вайро ба гармоба бибаред ва муддати обтании ӯро бияфзоед ва молишро нерӯмандтар бидиҳед. Албатта молиш бояд ба андозаи коҳиш ёфтани таб бошад. Вале аз оғози дармон бояд бо ҳамроҳии ӯ дар гармоба бошед,  бо посадорӣ ва пойидани бемор ва дар ҳангоми мондагории ӯ дар гармоба  ва андозаи гармое ки ба ӯ онҷо мерасад таваҷҷуҳ кунед. Чунончӣ дар гармоба дучори ларз шавад, бедаранг вайро берун оваред. Бидонед ки ин таб таби уфунӣ аст ва на таби рӯзона. Аз ончӣ дурустии гумон ва шинохти моро дарбораи таб устувортар мекунад, ин аст, ки дар таби рӯзона бо дигар нишонаҳо ки ёд кардем, бемор дар гармоба дучори ларз намешавад.

Пас дар ин гуна таб ки хуб онро шинохтед, нисбат ба бемор ва дар ростои равон кардани шикам ва афзоиши пешоб ва беҳбуди барномаи хӯрокии вай бояд хуб иқдом кунед. Ба андозае коҳиши таб ба тадриҷ онро афзоиш диҳед, то комилан таб фурукаш кунад. Бидонед ки дар ин сурат он ба таби уфунӣ табдил нахоҳад шуд. Чунончӣ ин барномаро дунбол намекардед

ва иштибоҳе рух медод он ба таби афунии гарм ва фарогир (ҳора матбақа) табдил мегардид.

Агар касе аз хурдани хӯрокиҳои тунд дучори сангини шавад. бояд ӯро боло овард; агар сангини дар бахши болои шикам бошад, ӯро танқия кунанд то сабук гардад. Агар сабук шуд, бояд обтанӣ намояд, ва муддати дароз бихобад. Ва хӯрокиҳои нарм ва сабук бихурад ва чандин рӯз аз хаста шудан дури кунад. Ва бархе доруҳое ки андак нармкунандаи шикаманд ва дар нигоҳдошти тандурусти ёд шуда барои беҳбудии худ ба кор барад. Касе ки аз падид омадани омос дар бархе аз андомҳо таб кунад, беҳтар аст ки аз андом з-он сӯи андоми омоси хун гирифта шавад ва он омосро ҳамон гуна, ки дар бархе омосҳои гарм гуфтем, сард намоед, ва ба даруни гармоба наравад ва шароб нанӯшад то омос ором гирад, ва фурукаш кунад, ва дар равон карди шикам ва фурукаш кардани таб бо ончи пеш аз ин гуфтем, ва додани хӯрокиҳои сард дармони ӯро пайгирӣ намоед.

Касе, ки аз дарди бархе андомҳо таб кунад, беҳтар аст ки иллати дардро бибояд донист, ки ки оё аз омоси гарм ё боди фишурда ё омехтагии бад ва ё кашидагии як моҳичаи бузург ё аз бартарӣ ёфтани омезаи хушки дар он қисмат ё бадии омеза аз гармии бисёр ё сардии бисёр ё будани мояи як беморӣ ва ҷуз он мебошад? Пас аз шинохти фоктур нахустин барои аз миён бардоштани иллати дард ба ҳамон гунае, ки дар бахши иллиати дард ва дармони он гуфтаем, аз ӯ хун мегирем. Пас з-онки дарди ӯ бо ангезае ки буд, ором шуд ва фурукаш кард, таб низ фурукаш мекунад. Сипас бояд обтании сабук намояд ва хӯрокиҳоеро, ки гузора кардем, бояд дар барномаи хӯрокии бемор ғунҷонид.

Касе ки аз обтанӣ накардан таб кунад, беҳтар аст ҳангоме ки таб фурукаш кард, ба гармоба равад ва оби виларми фаровон бар худ бирезад, ва танро бо сабус ва тухми ҳарбуза ва андаке бура молиш диҳад, ва берун биёяд ва бо хӯрокиҳои нарм ва гуворо тағзия намояд, ва шароби сафеди бисёр обакӣ бинӯшад, ва дубора аз фардо ва сипас барномаи ҳамешагии худро дунбол кунад.

Касе ки аз ба дарозо кашидани муддати гуруснагӣ ва ташнагӣ таб кунад, беҳтар аст, ки дармони ӯ пайгирӣ шавад, то таб дар ӯ пойдор нашавад. Агар андаке сусти ва куфтагӣ дар ӯ дида шуд, талқони хисонда шуда бо оби ях ва шакари табрзад ба ӯ дода шавад. Агар дармон то боло рафтани таб пайгирӣ нашуд, бояд ба ӯ андаке оби сард бидиҳанд, ки таб фурукаш кунад ва дар ҳангоми поин омадани таб каме дар оби виларм биншинад ва оби сард ба андозае ки ӯро озор надиҳад бар худ бирезад, ва сипас обҷав ва хӯрокиҳои намурзо бад у диҳанд ва аз хаста шудан дурӣ нимояд, то хуб беҳбуд ёбад.

Касе ки аз сармохурдагӣ таб кунад, беҳтар аст аз ӯ хун гирифта шавад; агар тозагӣ хун дода бошад, вайро ҳиҷомат кунанд ва аз гӯшт ва шароби ширин дурӣ варзад, ва обҷав бинӯшад, ва бо онҷӣ дар бахши сармохурдагӣ гуфтем, шиками вайро равонкунанда ва синаро нарм намоянд ва сурфаро бо онҷӣ ки дар бахши тсурфа гуфте ором кунанд. То сармохурдагӣ беҳбуд ёбад ва сурфа фурукаш кунад, ва таб поин ояд, сипас ба обтанӣ бипардозад то ором ором ба ҳолати табиии худ боз гардад. Дуруст нест, ки дар дармони ин таб кутоҳӣ намоянд, ки дар бисёре аз маворид ба бемории барсом меанҷомад.

Дар тухма ва пурхурӣ (анбоштагии ишкамба аз ногуворидани хӯрок) таб падид меояд, ки ҳамроҳи он оруғ заданҳои пай дар пай ҳамроҳ бо бӯи дуди озордиҳанда аст . Дар паи оруғ заданҳои бисёр турушӣ падиди намеояд. Агар касе дар паи ин гуна бадгувориш таб намояд, ва сипас дучори шикамравиш шавад, ниёзе ба дармон бештар аз андак андак оби гарм хурдан ва обтанӣ кардан ва пас з-он хурдани хӯрокиҳои дертабоҳ ва таҷзия шавандаи сард ҳамчун хӯроки парвардашуда ва ғура ва сумоқ ва донаи анор ва ҷуз з-он аст.

Бояд нӯшобаҳои сардизо бинӯшад ва аз хаста шудан ва дар баробари офтоб мондан ва шабзиндадорӣ ва наздикӣ кардан дурӣ намояд. Агар шикамравиш пайдо накунад, беҳтар аст бо доруҳое ки посухдиҳандаи чунин ҳолате, ки дар бахши нигоҳдошти тандурусти ёд шуда, ин корро анҷом диҳад. Чунончӣ таби ӯ фурукаш карда буд, ва ҳануз дар шикамба чизе

монда ки ӯро озор диҳад, бояд омодаи берун кардани он бо нӯшидани оби гарм бошад, чунончӣ сангинӣ дар поини шикам бошад, шиёф ба худ бар гирад.

Агар поксозии шикам ба андозаи ниёз анҷом гирифт, ва дигар оруғ бо бӯи дуд ва сангинӣ ва сузиш ва дилошубӣ надошт, бояд обтанӣ кунад, сипас ба хӯрок хурдан ва идомаи дигар равишҳои дармонии ёдшуда бипардозад.

Табе ки аз исҳоли хунӣ ё пайваста пайхол кардан пеш ояд, бояд ба дармони он ҳамон гуна ки дар бахши вижаи худ гуфтем, пардохт, ва агар таб фурукаш кард, беморро водор ба обтанӣ кардан ва хурдани хӯрокиҳои гуфта шуда дар ин бахш намуд.

Гуруҳе аз мардум ҳангоме ки хӯрокиҳои бисёр нерӯбахш, ҳамчун гӯштҳои сангин ва асида  ва нӯшобаҳои сангин ва доғ мехуранд, таб мекунанд.

Ин гуруҳ аз пайваста хурдани ин хӯрокиҳо бояд бипарҳезанд, ва гӯшти гусфанд ва ҷуҷа бихуранд саганҷабин ва шароби обакӣ ва мулоим бинӯшанд ва пеш аз хӯрок варзиш намоянд ва пайваста равонкунандаҳо ва хун доданро дар барномаи худ дошта бошанд, ва дарончӣ ёдоварӣ кардем агар кутоҳ намоян, дучори бемориҳои гарм мешаванд. Бархе дигар агар хаста шаванд ва ё шабзиндадорӣ бикунанд ва дар ҳангоми хӯрок аз хурдани хӯрокиҳои нарм ва гуворо ва ё хушк дурӣ кунанд, таб менамоянд. Ин гуруҳ беҳтар аст аз ин ҳолатҳо дурӣ кунанд ва гармии табро бо намур ва хис кардани тан ҷуброн кунанд ки агар кутоҳӣ намоянд ба таби диқ (лозим-сил) дучор мешаванд.

**Таби диқ (лозим - сил):**

Ҳаргоҳ таб се рӯз пойдор бимонад ва боло равад ва фурукашӣ накунад, вале дамои он хеле боло наравад, ва барафрухтагии ӯ бисёр набошад ва ба ҳамроҳи он нишонаҳое набошад, ки дар табҳои сахт ҳамчун афзоиш ва бузург шудани танаффус ва бетобии бисёр ва андӯҳ ва ранҷурӣ ва хушкӣ ва сиёҳ шудани забон дида мешаванд, балки дар як ҳолат бимонад, яъне дар он ҳеҷ гуна доруе исто ва ба навбат омад ва рафти таб набошад, балки ором ва мулоим ва пайваста бошад, ва ҳолати он

ба гунае бошад, ки бемор ҳар вақт хӯрок бихурад, пайваста дар паи ҳар хӯрок хурдан дучори таб шавад. Ин нишонаҳои бидуни ҳеҷ гуна гумон таби диқ мебошад.

Агар дар бемор нишонаҳои лоғарии чеҳра ва фурурафтагии чашмҳо ва коҳиши гӯшт ва чуркидагии пӯстро дидед, бидонед, ки таби диқ дар оғозаш нест балки дар тан пойдор ва коргар афтода аст. Ин таб агар дар оғозаш бошад, беҳбуд меёбад ва агар пойдор шавад, бо паҷмурда кардани бемор то андозае ҳамроҳ мешавад, вале зиёне надорад. Аз ин рӯ бояд нишонаҳои паҷмурдагиро шинохт, ки беҳуда бо умеди беҳбудӣ ба дармон напардохт.

Мегуем: дар онон ки таби диқ ба паҷмурдаги бирасанд геҷгоҳҳо фурурафтагӣ пайдо мекунанд ва чашмҳо гуд меафтад ва бинӣ борик ва чеҳраи лоғар ва гӯшҳои кӯчак ва пӯстҳо нозук мегардад ва пӯсти пешонӣ кашида ҳамчун пӯсти хушк шуда бар устухон намоён мешавад.

Рухсора ва тан тиҳӣ аз гӯшт мешаванд. Гардан борик ва барҷастагии гулӯ берунзадатар мегардад. Дар баррасии устухонҳои сина бо нигоҳ ва даст задан андоза ва марзи ҳар кадомро метавонӣ ба осонӣ ба даст овард. Тани бемор ба ҷуз пӯст ва устухон чизе дигар нахоҳад дошт. Овои оҳиста ва суст ва нерӯи фуруафтода ва набзи борик ва ором вале сахт дорад, зардии пайҳо ба ҷиҳати аз миён рафтан ва нобудии гӯшт (моҳича) намоён ҳастанд, ва ҳамчунин рагҳо чунинанд, ва девораи рагҳо рӯи ҳам афтода ба ҳам часпида ва тиҳӣ аз хун мешаванд, хуни бисёре дар онҳо ёфт намешавад, ва шодобию тозагӣ аз тани беморон рахт бармебандад, ва пӯсти эшон чурукида ва хушк ҳамчун пӯсти куҳансолон мегардад, шикамҳо лоғар ва ба пушт мечаспад; ба монанди он аст, ки чизе дар дарун надорад, парда ва ниёми шикам ҳамчун пӯст нозук шуда меларзад ва чурукин мешавад. Ва чӣ басо устухони мач ва кафи даст намоён мегардад. Агар тан ба ин лоғарӣ ва фарсудагӣ бирасад, беҳбудӣ нахоҳад буд. Вале агар мондае аз гӯшт ва хун ва об ва шодобӣ ва нерӯ дар ӯ бошад, ва ин нишонаҳо ба гунаи нерӯманд ва пойдор намоён нашуда бошанд, дуруст ва шоиста

мавриди расидагӣ ва дармон воқеъ гардад. Бемор беҳбудӣ ёбад ва ба ҳолати гузаштаи худ боз гардад.

Агар касе фарсудагӣ ва ранҷурии бисёр надошта бошад ва таби ӯ ба дарозо кашида нашавад, нишонаҳои беҳбудии ӯ ба осонӣ ва тундӣ ба даст хоҳад омад. Аз ин рӯ эшонро бояд бо обҷав нигоҳ доред ва ба эшон пас аз поин рафтани оби ҷав ба шикамба моҳии кабобӣ ва сурхшуда бихуронед ва сабзаҳои сард намуризо монанди ҳарфа малугиё, коҳу, каду ва хиёри чанбар ва хиёр бидиҳед, ва ҳар рӯз пеш аз хӯрок ба гармоба бибаред ва дар ҷое қарор диҳед, ки гармо эшонро озор надиҳад ва каме дар оби виларм биншонед, сипас равғани бунафша ба онҳо бимолед ва эшонро ба ҷоҳои срд ва намнок ва хушобу ҳаво дар фазои гул ва гиёҳони хушбӯ бибаред, ва бар бистари нарм анбошта аз пашм бихобонед, порчае дар гулоб ва яхе ки сандал ва кофур дар он боз кардаанд, бихисонед ва атрогин кунед, пас аз тиҳӣ шудани шикамба ва поин рафтани хӯрок ва пеш аз хӯроки баъдӣ бар синаи онҳо бигзоред. Ҳаргоҳ виларм шуд, онро иваз намоед, то он ки бемор эҳсос кунад, ки сармо ба жарфтарин бахши тани ӯ расида аст.

Чунончӣ сардӣ ӯро балраза оварад ва ё пас з-он ӯро гирифтори гармо намояд, онро каме виларм кунед. Дар ин ҳангом ҳаргоҳ сабуктар шуд, бар нармии бистари бемор биафзоед.

Аз ӯ бихоҳед ки хоби худро бештар кунад. Аз бехобӣ ва андешидан ва ҷунбидани бисёр ва наздикӣ кардан ва будан дар ҷоҳои гарм ва обу ҳавои хушк дурӣ кунад, ва агар андаке дамо боло равад ва сахтӣ дар таб дида шавад, ба эшон қурси кофур дар бомдоди ҳар рӯз бидиҳед, ва дар ҳангоми баромадани хуршед ба онҳо обҷав ва шарбати гулоб дар шароб бинӯшонед. Ҳангоми хоби шабона луъоб тухми исфарза ба ӯ бихуронед ва бар рӯи синаи эшон компреси сармо бо понсимонҳои сардизо ва хушбӯкунандаҳо ва сабзиҳои сард бигзоред ва хӯрокро ба вижа тобистон ба чандин бор дар рӯз бахш кунед, то битавонад андак андак з-он баҳра бибарад, на он ки якбора ҳамаро бихурад, ва

кам кам оби сард бинӯшад ва ҳеҷ гоҳ гурусна ва ташна намонад. Аз ҳар чи гарм ва хушккунанда аст дурӣ намояд.

Касе, ки дучори таби диқи миёна шуда бошад, ва чурукидагии пӯст ва коҳиши вазн на ба андозае, ки ёд кардем, дар ӯ намоён шавад, ҳамчунин равиши дармони барои ӯ баргузинед. Беҳтар аст, вазъяти беморро хуб баррасӣ ва дунбол кунед ва бар пояи он дармони ӯро пайгирӣ намоед.

Ин беморон бояд рӯзе ду то се бор обтанӣ кунанд. Шоиста аст, дар ҷое аз гармоба мондагор шаванд, ки дамои хеле боло эшонро озор надиҳад, ва тани эшонро ба таровиш (арақ) вонадорад ва дучори ларзиш нагардад. Хости мо бурдани онҳо ба гармоба ва нишондан дар бозан ва рехтани об рӯи эшон аст, бе он ки дучори ларзиш шаванд.

Арақ кардан ва дамидани ҳавои гарм ба дарун барои эшон бисёр зиёнбор аст. Ин гуруҳ пас аз ду соат аз нӯшидани обҷав ва равғанмолӣ кардани тан бояд ба гармобаа бурда шаванд, бе он ки хаста гарданд; ва дар обзан биншинад ва оби виларм ба андозае, ки тани онҳо андаке парвариш ёбад ва каме сурх шавад, рӯи онҳо бирезанд ва сипас якбор ва якбора ба даруни оби сарде ки озор надиҳад, фурӯ раванд ва танро бо равғани бунафша ва ҳаммонанди он равғанмолӣ кунанд. Дар гармоба худро бипушонад ва сипас берун биёяд ва пас з-он ба гунае, ки ёд кардем, ва ба андозае ки гузора намудем, ба хурдан бипардозанд ва дар хонаҳое, ки дорои осоиш ва бӯи хуш ва рушноии андак ва пур аз сабзӣ ва гиёҳ ва об ва дорои истиҳар аст, ва кафи он бо барги (дарахти) ток ва гули сурх ва шоҳисфарам ва бунафша ва ҷуз он фарш шуда бихобанд, ва агар зимистон бошад, беҳтар аст дар хонаҳои эшон оташ ва дуд набошад ва дамидани ҳавои сард беҳтарин доруи эшон аст, ки аз сард кардани дил бо дору ва понсимонҳое, ки гуфтем, онҳоро бениёз мекунад.

Бемор худро бояд бо пушоки гарм  ва сабук ва ба вижа сарро бипушонад, то дучори сармохурдагӣ нашавад, ва ором ангӯштонро молиш диҳад ва равғани каду парварда дар нилуфарро ба бинӣ бибарад, ва хобро ба дарозо кашад, ва агар дар рӯзе ки ҳастанд он рӯз баланд бошад, ва барои бори саввум

пеш аз шомгоҳ дар обзан биншинад. Агар 3-он суде набурд, пас аз обтанӣ дар он об фурӯ равад ва хобро ба дарозо кашад. Агар чуркидагӣ ва хушкӣ дар тани эшон дида шавад, бояд шири буз рӯи онҳо бидушанд ва дар обзан шир бирезанд ва дар он биншинад ва тани хешро бо он бимолад, ва пас аз берун омдан аз онҷо равғани бунафша ё каду ё нилуфар бар тан бимоланд, ва бояд агар дамо боло бошад, шароби сафеди обакӣ, ки бо оби сард ба андозае омехта бошад, то маззаи он ниҳон бимонад, нӯшобаи гулоби шакарӣ бо оби сард бинӯшад.

Бояд аз равон шудани шикам ҷулавгирӣ кунад, ва агар нарм шуд, ба хурдани бандоварандаҳо рӯ оварад.

Касоне, ки дорои дамои таби бисёр боло ҳастанд, махиз (шири бечарбӣ) бар гирифта аз гови ҷавон, ки ба хубӣ кара ва саршири он гирифта ва дорои маззаи туруш аст, барои эшон судманд аст, ва онро ба ҷои обҷав ҳамвора бинӯшанд. Агар шикамравиш дошта бошанд, онро ба ҳамроҳи нони хушк ба кор баранд. Эшон ниёз ба ин дармон ва ё ба сард кардан барои фурӯ нишондани (гармо) бисёр доранд.

Касе, ки дар пешоби у як лоя руғане дида шавад, ё тикаҳои гӯшт ба монанди ришта ва чизҳое ҳамчун сабус бошад, барои ишон компресси хело сардкунанда ниёз аст.

Агар касе чурукидагии пӯст ва фарсудагии тан бисёр дошта вале таби боло надошта бошад, чунонки шир бихурад ва онро ҷузви барномаи хӯроки хеш гузорад, суд хоҳад бурд.

Зағортарин ширҳо, нахуст шири зани зоймон карда ва пас аз он шири улоғ, сипас шири буз мебошад.

Ва дар ду вижагии шир, ки панир шудан ва таҷзия гаштан аст бояд диққат кунанд, ва аз он дурӣ намоянд. Ин гуна ширҳо дар шикамба панир намешаванд, магар банудрат, ва чунонки андаке шакар бо он омехта шавад, дигар панир намегардад. Вале дар бораи таҷзия шудани он беҳтар аст дамои тани рӯзонаи беморро бо даст задан ба вай ва бо дидани танаффус ва набз ва зиёдии пешоб ва андозаи ташнагии у баррасӣ кард. Агар ёфтед ки он, нисбат ба пеш аз нӯшидани бисёр афзоиш ёфта, дигар ба ӯ шир надиҳед,

ва ба ҷои он махиз (шири бечарбу) турш ва обҷав ва қурси табошир ва ҷузи онро бихуронед. Чунончи ябуст дошта бошад бо оби олу ва таранҷабин то поин омадани нишонаҳо, шиками уро равон кунед, ва сипас ду бора ба у шир бидиҳед, ки дармони беморони таби диқ танҳо шир аст.

Гурӯҳе аз онҳо, ки устухони мач ва кафи даст ва чаноғи пои ишон ошкор шуда, ва набзи ишон фуру афтода, ва шикам ба пушт часпида, ва устухонҳои онҳо берун зада, беҳтар аст худро ба дармон барои беҳбудӣ аз он машғул надоранд. Инон бо хӯрокиҳои зудҷазб ва хушбукунандаҳо низ бемор мешаванд. Оби гӯшти чӯҷа, ки ба тикаҳои кӯчак бахш шуда бо андаке намак ва ҳамчунин гӯшти сурхи гардани гусфанд ё пушти мозак, ки андаке оби себи малас ё оби (бихи) малас ва каме шароб ба он афзуда ва дар он нони хушки хуб соидашуда қарор дода, ба ӯ менӯшонанд ё мегузоранд лес бизанад то андак – андак мазмаза намояд, ва пӯшоке омехта ба буи сандал ва мушк ба ишон мепушонанд. Ва чун ба сардард гирифтор шаванд, дар перомуни онҳо гулҳои хушбу ва зебо ва хушбукунандаҳо мегузоранд ва гулоб руи ишон мепошанд ва хӯрокиҳои хушбу ва хушмазза ва иштиҳоовар чун наконики карданокро мебуянд, сипас чӯҷахои сурх кардаро дар баробари ишон мешикофанд, то онро бибуянд, ва сипас чӯҷаро биҷаванд ва танҳо оби онро бимаканд. Ва мондаро дур бияндозанд, ва агар хеле нотавон шуда бошад, гуруҳе аз ишон, ки андаке нерумандтаранд барои ишон чӯҷаро бо об ва намак бояд бипазанд ва сипас синаи чуҷаро бо гӯшткуб бикубанд ва бифишуранд, ва бо гашниз ва андаке дорчин хушмазаттар кунанд, ва бар он шароб ва нони ва нони хушк биафзоянд ва андак – андак ба у бихуронанд.

Яке аз фарзонагони пизишкӣ маро огоҳ кард, ки марде ва чандин кудакро дида аст, ки аз таби диқ ба ин ҷон расида буданд ваа бадин тартиб беҳбуд ёфтанд. Вале ман чунин мавридеро надида будам, ва гумон намебарам , ки ҳамчунин

мавриде битавон бошад, ба вижа агар сини кудакиро низ гузаронида бошад.

**Қурси кофур:**

Сардкунандаи дил ва ҷигар буда, барои таби диқ сузандаи хуб аст. Гули сурхи ордшуда даҳ дирам, табошири сафеди поккунанда панҷ дирам, тухми коҳу нӯҳ дирам, тухми хурфа шаш дирам, тухми коснӣ ду дирам, тухми хиёри чанбар панҷ дирам, тухми кадуи ҳалвои чаҳор дирам, афшураи ширинбаён се дирам ва таранҷабин даҳ дирам ва кофур ним мисқол бо луоби асфарзаро бояд биомезанд. Ва қурсе ба андозаи ду дирам аз он бисозанд, сипас ба бемор бидиҳанд.

**Казораи пудрави барои беморони таби диқ ва гирифтори шикамравӣ:**

Гули сурхшуда панҷ дирам, табошир панҷ дирам, гули арманӣ ду дирам, самғаи арабӣ ду дирам, афшураи сумоқ ва афшураи зарашк ва тухми туршаки пӯстканда аз ҳар кадом се дирам ва гулнор якуним ва микли макки якуним дирам ва кашнизро дар сирко хисонида ва сипас ҷушонда ду дирами онро гирд меоваранд ва ба бемор дар бомдод ва шомгоҳ медиҳанд. Ҳамчунин афшураи ҷушонда ба оби анор ё оби ривоси соддаро ҳам метавон ба бемор дод.

**Таби як рӯз дар миён, ки пизишкон онро таби ғуб гуянд:**

Оғози ин таб бо ларза ва дарди нешзананда бо сардии кам ҳамроҳ аст. Ва ин ба монанди сузани сузантан ҳангоми кархтӣ мебошад, вале муддати ларза ба дарозо кашида намешавад. Ва ба зуди дамои тан боло меравад ва агар ба тани бемор даст бизанед, эҳсоси сузиши гарме ба даст меоваред.

Ва ба ҳамроҳи он сардард ва ташнагии сахт дар ӯ падид меояд ва чи басо дар дамои бисёр боло нишонаҳои ҳазёнгуӣ ва ба ҳамрехтагии сухан ва андеша низ пеш меояд, ба вижа агар ӯ омезиши тунд (ҳод) дошта бошад, ва ҳамчунин дилошубӣ ва ранҷури ва дилбохагӣ ва боло рафтани андозаи зардоб дар тан низ намоён мегардад. Гоҳе шикамравиш аз зардоб низ дар ӯ меояд. Ва набз дар ҳолати барафрухтагии тунд ва бузург ва пай дар пай, вале дар як росто ва яксон

мезанад. Пешоби бемор оташинранг ва бастагии он обакӣ аст ва дорои бӯи бад мебошад.

Ин таб бештар дар касоне, ки дорои омезиши гарм ва хушк ҳастанд ва касоне, ки пайваста хаста мешаванд, ва шабзиндорон ва рӯзадорон ва афроде, ки хӯрокиҳои гармзо мехуранд, ва гурухе,ки шароби нерумандкунанда менӯшанд, намудор мешавад. Ин таб замоне беш аз дувоздаҳ соат дар бемор намемонд ва дар бештари маврид соатҳои навбати он кам мешавад ва ба чаҳор то ҳашт ва гоҳе то нӯҳ соат мерасад, ва бо арақ кардан поён меёбад. Агар таб аз тан дур гардад, тан з-он пок мешавад. Агар ҳама ё бештарини и нишонаҳо гиребони касеро гирифта, бояд бидонад, ки он таби ғуб (навба) мебошад, ки чунончи ба думболи ин нишонаҳо гуруҳе бисёр дучори ин таб шуданд. Бар боварии худ бефазой, ки ҳамон таби ғуб (навба) мебошад, Ҳарчанд агар ба байни ин таб як рӯз дар миён ба навбат меояд, ҳар чанд дорандаи ин таб неруманд буда ябусат дошта, вале табларза надошта бошад.

**Доруи дигар барои таби ғуб:**

Як чаҳор дирам суқмуниёи тозаи интоки хубро дар гулоб ва об боз кунанд ва ба ӯ бидиҳанд, ки даромони хубе аст. Агар чунин дармонеро барояш анҷом додед, пас аз он дигар навбат таб намеояд, ва ё агар навбате дар кор бошад, бисёр суст хоҳад буд, сипас дигар корҳои дармониро бар пояе, ки гуфта шуд, дунбол кунед.

Агар бемор нозпарварда бошад ва беҳуда изҳори ранҷурӣ кунад, ва ҳаво гарм бошад, дар ҳар шомгоҳ барояш даҳ дирам тамри ҳиндии пок шуда ва бист олуи хушк ва пур гӯшт бо ду ратл об, бипазед ба гунае, ки онҳо ҳама лаҳ шаванд ва хуб омехта шаванд, сипас даҳ дирам шакари табарзад бар он омехта бияфзоед, ва ҳангоми хоб ба ӯ бихуронед. Ҳангоме, ки рӯз омад, ва хуршед бархост ба ӯ обҷави фаровон бинӯшонед. Ва ӯро водор намоед, ки дар ҷои хушобу ҳаво бимонад то хурдашудаҳо гуворида шаванд. Сабзаҳои сардизо ва нӯшобаҳои беалкул, ки дорои маззаи турш ва ширинанд (малас) ба ӯ бихуронед. Ва аз хӯроки асфедбо

(шурбо) ӯро бипарҳезонед, ва ӯро водор кунед, ки мағзи хиёр ва хиёри чанбар бихурад ва оби ҳарбузаи ҳиндӣ дар фосилаи навбатҳои таб бинӯшад ва ба ишон шарбати гулоб ва сиканҷабини шакарӣ, ки бо омехтагии тани ӯ муносиб аст, бинӯшонед.

Бояд ба андозаи дамои таб таваҷҷуҳи худро пеш аз андоза ба сард кардан ва фурӯ нишонидани он бигузоред. Агар пасмондаҳо ба таври табиӣ рӯзе ду то се бор берун раванд, дигар ба ӯ оби олу надиҳед, вале дигар корҳои дармониро барои ӯ анҷом бидиҳед. Ба ҷои оби олу ҳар шаб оби анори малас бо луоби тухми асфарзаи беҳ ба ӯ бинӯшонед. Шабонгоҳ ва ҳангоме, ки даруни шикам аз хӯроки тиҳӣ шуда, рӯи ҷигар порчаи хисонида дар гулоб ва сандал бигзоред. То онҷо, ки метавонед, гоҳи хӯроки ӯро дур аз оғози навбати таби ӯ қарор бидиҳед. Ва ин амалро се соат ва ё ду соат пеш аз замони барномаи хӯрок хурдани ӯ қарор бидиҳед.

Пас аз фурӯкаш кардани таб, вайро аз ҳар чизи гармозо боз доред, ва шабҳо ӯро дар ҷойи хунук бигузоред.

Агар нишонаҳои барафрухтагӣ ва боло рафтани дамои танро дидед, оби ҳарбузаи ҳиндӣ ё каду ё хиёр ё луоби тухми асфарза бо оби анор ва нӯшобаи гулобро бештар ба ӯ бинӯшонед, ва обҷавро барояш фароҳам созед. Агар рӯз баланд буд, ва хӯроки рӯзона кам буд, то шаб набояд бар он чизе бияфзояд. Ва қурси кофур дар пагоҳ бар рӯз ду соат ва даст кам як соат пеш аз нӯшидани обҷав ё сиканҷабини соддаи шакарӣ ба ӯ диҳед.

Агар таб аз бемор дур шуд, ва дигар дар навбати худ боз наёмад, пас 3-он парҳези хӯрокиро дар се рӯз дунбола кунед ва ба ва гӯшти чуҷа ва гӯсфанд бихуронед.

Ӯро аз обтанӣ ва офтоб ва шароби ангур ва наздикӣ кардан ва хаста шудан ва бехобӣ ва хӯрокиҳои гармозо боздоред. Сипас ӯро ба равиши зиндагии ҳамешагиаш баргардонед.

Таб бо дамои боло, ки онро таби сузонанда (муҳриқа) гуянд. Чун ҳамвора пайваста аст ва дар миёни он навбати поин омадан дида намешавад.

Ин таб аз гунаи таби ғаб аст, ҷуз он,ки нерумандтар ва бо дамои болотар мебошад. Ва бо паёпай будан он сахтар мегардад ва аз тан дур намешавад. Нишонаҳои ларзидан ва арақ кардан ҷуз дар ҳангоми фурукаш кардани таб намоён намешавад. Вале дигар нишонаҳои таби ғаб ба гунае сахттар ва нерумандтар дар ин таб ошкор мешавад, ба ҳамроҳи он забон сиёҳ ва зард ва забар мегардад, ҳарчанд ба нерумандии он набошад. Ҳамон корҳои дармоние, ки дар таби ғаб гуфтем, дар ин ҷо онро бояд анҷом дод, ҷуз инки дармон бояд нерумандтар ва побарҷотар анҷом пазирад. Чун ин таб сахттар ва бо дамои болотар мебошад. Пас ҳар шаб бояд ба бемор оби олу ва тамри ҳинди ба гунае, ки гуфтем, бидиҳанд, ки шиками у рӯзе аз ду бор кор накунад ва пайваста дар пагоҳи ҳар рӯз қурси кофур ва пас аз бархостани хуршед то поини руз пайваста обҷав ба ӯ бинӯшонанд ва андаке оби каду ё оби хиёр ё оби ҳарбузаи ҳиндӣ ва монанди инҳо ба ӯ бихуронед. Нони ҳалвои реза - реза шуда бо шакар низ ба ӯ бидиҳед. Ва чунончи дар хӯроки вай костае бошад, дубора оби ҷавро ҳамон гуна ба ӯ бинӯшонед. Ва дар оби ошомидании ӯ андаке тухми асфарза бизанед ва ба ӯ луоби онро бо нӯшобаи гулоб ва оби анор бихуронед.

**Дармони забури забон:**

Барои дармони забури руи забон порчае дар гулоб хисонида, забонро бо он молиш диҳед, ва беморро водор ба лес задании луоби тухми асфарза ва шакар намоед ва ба олуи тоза ва андаке гӯштӣ ба ӯ бидиҳед, ки дар даҳон нигоҳ дорад. Гоҳе порчае, ки дар гулоб хисонда, руи ҷигар ва дили ӯ бигзоред. Агар дар даруни бемор омосе набошад ва гилае аз носолим будани шикамба ва ҷигар надошта бошад, дар ҳангоми боло рафтани таб ба ӯ оби сардшуда бинӯшонед, то сабзранг шавад ва биларзад. Бо ин кор барангехтагии таб дар ӯ бедаранг фуру менишонад. Сипас арақ мекунад ва ба беҳбудӣ наздак мешавад.

Ҳаргоҳ шикамравии сахте пайдо кард, сипас ба ӯ оби талқони ҷав бо қурси табошир, ки ба он мушк задашуда аст,

бидиҳед. Нӯшобаи гулоб ва сиканҷабинро аз вай боздоред ва ба ҷои он афшураи ҷушонидаи анор ва себ ва биҳии турши сода бидиҳед. Ва дигар гуфтаҳои моро дар ҷилавгири аз равонкунандаҳо ба кор баред. Агар аз бехобӣ ва сардард озор мебинед, ба ҳамон гунае, ки дар бахши он гуфтем, онро дармон кунед. Ончи, ки мо гуфтем, дар бораи дармони танҳо як беморӣ аст, ва агар чанд беморӣ бо ҳам ҳамроҳ шаванд, беҳтар аст дармони ҳар кадомро аз ҳамон бахши вижаи он беморӣ гузиниш намоянд.

Гоҳи хӯрок хурдан дар ин таб ва ҳамаи табҳо пайваста ва пойдор ва фарогир ҳангоме аст, ки бемор камтарин ҳолати сабук шуданро дар худ эҳсос намояд. Агар сабук шудан дар он набошад, ҳангоми хурдани ҳамешагӣ дар тандурустиашро баргузинад. Агар ҳангоме, ки хӯроки хурдаи ҳамеша у сабук аст, дигар акнун ин хӯрок барои у сабук набошад. Сипас гоҳи хурдани уро дар сардтарин ва хушояндтарин соати рӯз баргузинанд, то у хӯрок бихурад, вале дар миёнаи навбатҳои таб беҳтараст; ва он ҳарчи дуртар аз замони оғоз навбати таб бошад ва ё пас аз пойин омадани таб, ки дар ин ҳолат барномаи хӯроки беморро ҳамон гуна гузиниш кунед, ки дар бахши пойидани бемориҳои сахт (ҳод) хоҳем гуфт.

Таби мутбиқа (фарогир) аз афзоиши дамои хун ва бар ангехташудани он падид меояд ва ба он таби хунӣ низ гуянд.

Ин таб низ бе нишонаҳои табларза ва ларзидан ошкор мешавад. Балки оғози он бо дамои боло мебошад ба ҳамроҳи он сурхии ру ва чашм ва гӯш ва бинӣ ва ранҷурӣ ва бетобӣ ва барафрухтагии бисёр, нафасҳои бузург ва пай дар пай намоён мешавад. Пеш аз оғзи ин таб дар бемор нишонаҳои сангинӣ ва кашидагӣ ва сустии тан, ки ба монанди куфтагӣ ва мондагӣ ва хоболудагӣ дар андеша ва рафтор ва сангинии сар ба вижа пешонӣ ва резиш бисёри арақ ва анбоштагии ҳамаи рагҳо ба вижа рагҳои гардан ва хориши бинӣ ва хориши ҷойи осори ҳиҷомат дида мешавад.

Ин таб бештар дар навҷавонӣ, ки тани шодоб ва дар касоне, ки дар хурдани гӯшт ва шароб ва ширинӣ пурхурӣ

мекунанд, падид меояд. Гоҳи он бештар дар зимистон ва баҳори аст. Ҳангоме, ки ба тани ишон даст зада мешавад, пӯсти тани ишон ба монанди касе аст, ки тоза аз гармоба берун омада ва ё оби доғи бисёр бар ӯ рехта бошанд, ки гарм бо набзи бузург ва пай дар пай ва пешоб сурхи пурранг аст. Агар ба ҳамаи ин нишонаҳо ё бештари онҳо дар таб бархурд гардид, ба раг задании бемор бипардозед ва аз ӯ хуни бисёр бигиред, ки сабаб мешавад доғи таб фурукаш кунад.

Агар дармони бемори дунбол нашавад, ба гунае сахт мегардад, ки забони бемор сиёҳ мешавад. Ва нишонаҳои таби муҳриқа (сӯзонанда) ошкор мегардад. Пас бояд дармонро ба ҳамон гуна, ки ёд кардем, пайгирӣ намоед. Ҷуз инки беҳтар аст дар ин таб доруҳое, ки бештар аз сахтии хун ҷилавгирӣ мекунад, чун афшураи ҷӯшондаи туранҷи турш ва рийвоси ғурра, сирко ва анор ба кор биравад ва дармон низ дар ростои беҳбуди нармхуёнаи бемор пайгирӣ шавад. Бештар ба коҳиш додани хӯроки ӯ таваҷҷуҳ гардад. Беҳтар аст, дар оғози таб гардад. Беҳтараст дар оғози беморӣ ба дармон ва бо хунгирӣ ва додани оби хунук ва қурси кофур руй оваранд. Агар ниёз дошт бо оби олу ва тамри ҳиндӣ ва шакар ё оби анори кӯбидашуда ва гӯшти анор бо ҳамроҳи шакар шиками ӯро равон кунанд ва чунон чи аз таб раҳо шуд, вайро аз хӯрдани гӯшт, шароб, ва ширинӣ то ба даст овардани тандурустӣ ва беҳбудии фарогир боз доранд.

Ин таб низ пайваста бе он ки навбаҳоҷе бошад, меояд. Аз таби ғуб (навбаҳоӣ) сахттар намегардад ва ҳамчунин оташин будан ва бар афрӯхтагӣ ва сахтӣ, дар таб муҳриқ аст. Вале агар дар оғози падид омадан, дармон нагардад, ба таби муҳриқ табдил мешавад. Ва он сегуна мебошад:

Гунае ки аз оғози пайдоиш пайваста ба сӯи сахттар шудан меравад, то беморро аз пой дароварад ё ин ки замони бӯҳрони он фаро расад.

Гунае ки ба як ҳолат пойдор мемонад.

Гунае ки кам-кам коҳиш меёбад.

Дар миёни ин се гуна бештарин ниёз ба берун рондани хун дар гунаи фазояндаи он дида мешавад. Сипас гунае аст, ки дар

он беморпойдор мемонад ва пас аз он гунае аст, ки бемори̅ дар он коҳишёбанда аст.

Ва ин гуна низ ниёз ба хунгири̅ дорад. Вале хунгири̅ аз бемор дар ҳарду гуна, нахуст бояд бештар бошад, ба вижа дар гунаи фазояндаи он.

Таби навбаҳои̅, ки резона бошад ба он таби балғами̅ гӯянд.

Ин таб бо ларза ва сардии бисёр дар пуст ва ангӯштон оғоз шуда,то ҳангоме, ки сармо дар тан мондагор аст, ба дарозо мекашад ва гармои он сахт мешавад ва ба монанди таби ғуб (навбаҳои̅) гармо ва барафрехтагии он ба тунди̅ боло намеравад, балки доғи тан ба сахти̅ ва дар муддати дароз тӯл ва афзоиш меёбад. Чи̅ басо доғ шавад, сипас сард гардадва пас з-ондубора доғ шавад ва ин кор чандин бор анҷом гирад ва доғе пас аз муддати яксон ҳама танро фаро гирад. Ҳангоме ки доғе дар тан чира шуд ва яксон ҳамаи танро фаро гирифта, дигар хеле нерӯманди бисёр (доғ) намебошад. Бо даст задан ба тани бемор он доғи оташин ва озордиҳандае, ки дар таби ғуб (навбаҳои̅) ва муҳриқа (сӯзонанда) дида мешуд, дар ин таб дида намешавад. Ба ҳамроҳии он ташнаги̅ ва ноҷӯр шудан ва афзоиши нафаскаши̅ намебошад. Агар ба ҳамроҳи он боло овардан ва шикамравиш бошад, бештари омехтаги̅, сапедии балғами ноб ва бо он андаке зардоб аст ва чеҳра барафрӯхта аст, вале тан суст мебошад ва ишттиҳо ва набз дар ин таб коҳиш меёбад. Албатта ин коҳиш аз назари бузурги̅ ва суръат ва паё-пай будан, бисёр камтар аз таби ғуб хоҳад буд, то ҷое метавон гуфт, ки хеле кӯчак, кунд ва хеле нисбат ба он мутафовит аст. Бо ин ҳама гунаҳои бисёр дорад.

Бештар фарогири кӯдакон, занон, ахташудагон ва дорандагони тани сард ва намур ва касоне, ки бисёр мехуранд ва камтар берун медиҳанд, камтар варзиш мекунанд ва ба вижа дар ҳангоми сард ва намур будани обу ҳаво ва дар сарзаминҳои сард ва намур мебошад. Ба ҳамроҳи он пешоб сафеди обаки̅ ё сурхи тира аст. Ва шафоф намебошад.

Бештари оғози таб бо ҳолати нахуст аст ва пас аз он ба ҳолати дуввум табдил мешавад ва омадани навбати таб бештар пас аз поёни рӯз, ҳангоми шом мебошад. Ва

таровиши арақ ба вижа дар рӯзҳои нахуст вуҷуд надорад, агар дошта бошад, бисёр андак ва дорои часпандагӣ аст.Дар оғози давраи оромиш (набудани таб) резиши арақ ба ҳеҷ ваҷҳ дида намешавад ва тан барафрухта нест ва аз таб чизе намемонад то навбати дувуми таб биёяд ва таб ҳар рӯз ба тановуб меояд. Ва муддати будани таб аз муддати бетабқ ва набуди он бештар аст. Гоҳе ҳам пойдор мемонад, ки ба бемории сахттар табдил мешавад.

Агар дар табе ба ҳамаи ин нишонаҳо ва ё бештари онҳо бархурд гардид, пас он таби балғамӣ мебошад. Агар дидед гурӯҳи бештаре гирифтори ин таб шуданд, бовараток бо балғам будани таб бештар хоҳад шуд. Дар оғози навбатҳои ин таб ва бемор сиканҷабини асалӣ бо оби виларм бинӯшонед. Ва водор ба боло овардан кунед. Бар ӯ сахт нагиред, балки бар нӯшидани ӯ биафзоед, то битавонед ҳарчи осонтар боло оваред ва вазъи ончи киҳаст, басанда мебошад, тағйире дарон лозим нест. Набояд беморро бо покиза кардан хаста кунед ва ҳар шаб ба ӯ доруи (турбад) бидиҳед.

**Доруи турбад:**

Турбади покшуда ва сойида ҳамчун сурма даҳ дирам, ва мустакӣ ва занҷабил аз ҳар кадом як дирам ва шакари табарзад ба монанди ҳар яке аз онҳо бармедоранд ва шабе як мисқоли онро бакор мебаранд, магар он ки шикам беш аз ду бор дар шабонарӯзӣ кор кунад. Дар бомдод ҷаланҷини шакарин панҷ дирам ва дар пайи он сиканҷабини асалӣ ба андозаи як уқия, ки ба бемор менӯшонед, вале ҳарчи метавонедзамони ғазохуриро аз вақти навбаи таб дур намоед. Ба ҷоион ба бемор хӯроки сирка ва зайтуни хисондашуда, шакар ва андаке наъноъи парварда ва ҳар ончи ба монанди он аз сабзиҳост ҷуз хиёр ва хиёри чанбар ва монанди онҳо бидиҳед, вале метавонед хӯроке, кибо сирко,мурӣ (обкома), реша, барги чағандар ва ҳардал сохташудааст, ба ӯ бидиҳед. Ӯро бо сиканҷабин ва оби виларм водор ба даҳоншӯӣ кунед. Ва як ҳафта ин барномаро барои ӯ ба кор баред, чунончи аз

муддат ва нишонаҳои он коста шуд, миёни навбаҳои он даранги бештаре пайдо гашт, ин барномаро пайгирӣ кунед. Ва агар дидед афзоиш ёфт ва истод, ин сариштаро пайваста ба бемор бихуронед.

**Доруи сириштанк барои таби балғамӣ:**

Турбади покшуда як мисқол, тухми ҳанзал як донак,ғорикун ним дирам,аёраи фикро ба монанди он ва афшураи афсантин як чаҳор дирам, ва мустакӣ як донак бо сиканҷабини асалӣ гирд оваред ва ба бемор диҳед.

Боз ба барномаи гузаштаи худбозгардед, агар бемор сустшуда бувад,ба ӯ ҷӯҷаи сурхкарда ё бирёншуда бидиҳед, вайро аз хурдани хуришҳо ва таридҳо боздоред. Агар осебе дар шикамба ва ё дилошубии сахте ба ӯ даст дод, бо дармонҳое, ки барои ҳар як гуфтаем, дармон намояд ва ҳамчунин агар бемор гирифтори омезаи бад (суул мизоҷ) шавад, бо ончи пеш аз ин гуфтем, дармон пайгирӣ намоед ва агар таб аз ҳафтае чаҳор гузашт ба бемор қурси гули сурхи бузург бидиҳед.

**Қурси гули сурх:**

Гули сурхи осёбшуда даҳ дирам,афшураи ғофит шаш дирам,афшураи афсантин се дирам, мустакӣ якуним дирам, сумбулаи асорун, ӯди хоми насӯхта, шукуфаи азхар ва анисун аз ҳар кадом як дирам бармегиранд. Ва қурсе ба вазни се дирам месозанд ва яке аз онро бо як уқия аз ин пухтанӣ ба бемор медиҳанд.

**Гузораи доруи пухтанӣ барои фурунишондани таби балғамӣ:**

Пӯсти реша, тухми карафс, розиёна аз ҳар кадом даҳ дирам,нонхоҳ, анисун, кушват, бозурд ва шикоъаз ҳар кадом панҷ дирам бо ду ратли об мепазед, то ним ратл гардад. Сипас соф мекунеду як уқияи онро бо як уқия сиканҷабин меомезед ва бемор бо қурсҳо онро менӯшад.

Ҳар ду шаб дар миён доруи турбад ба ӯ диҳед. Агар ҳанӯз таби ӯ болост сириштаи дигареро дар назар бигиред ва ба бемор бидиҳед. Ба ӯ низ гӯшти обпаз ва бирёншуда бихуронед,

ки нерӯи ӯ фуру наяфтад ва аз хурдани курҳа, чарбиҳо ва шириниҳо ӯро боздоред. Ва чунончи таб коҳиши чашмгирӣ дошт, онро водор ба гармоба рафтан ва арақ кардан ҳар рӯз пеш аз хӯрок намоед. Бипарҳезед аз инки бемор дар чунин табе оби ях ваончи ба сарди гароиш дорад бинӯшад, ки табро ба дарозо хоҳад кашид.

**Таби рубъ (табе, ки чаҳор рӯз як бор меояд):**

Ин таб бо сармо ва ларза бисёр падид меояд, ба гунае, ки дандонҳо ба ҳам мехуранд ва бандҳо ва устухонҳо дард мегиранд ба шакле, ки чизе бар онҳо сангинӣ мекунад ва онҳо суст ва нотавон менамоянд. Ҳамон гуна, ки аз номаш бармеояд, ларза ки дар ин таб мешавад дар дигар табҳо ин гуна намеояд.

Набз дар оғози ин таб бисёр суст ва кунд аст, агар набзи ӯро дар тандурустӣ ба ёд дошта бошед, ин дуро бо ҳам бисанҷед, дигар ниёзе ба нишонаи дигаре барои шинохти ин набз нест. Набзе ки дар оғози таби рубъ (чаҳор рӯз як бор) ба сабаби кӯчак ва кунд будан ва мутафовут шудан бо замони тандурустӣ бештар дар рагҳо намоён мешавад.

Замони табларзаи он аз таби балғамӣ камтар ва аз таби ғуб (навбаҳоӣ) бештар мебошад ва агар доғ ва барафрӯхта гардад, дамои он бисёр бештар аз таби балғамӣ аст, вале ба дамои таби ғуб намерасад ва он барафрӯхтагӣ, ташнагӣ, кӯфтагӣ, бетобӣ ва сардардӣ, ки дар таби ғуб аст, ба ҳамроҳ надорад. Ҳазён ва ёвагӯӣ паёмади бештари табҳоеаст, ки ба дарозо кашида мешаванд ва доруҳо ва навбаҳои омадани онҳо дар пойиз ё охири тобистон аст ва дар касоне, ки омезаи хушкӣ доранд дида мешавад ва ба ҳамроҳи он ранги пешоб ва ба саnедаи обакӣ ва сабз мегарояд ва ба со сурхи пурранги анорӣ ё сиёҳ шавад, пас чунин табъи таб рубъ аст, ки бештар падид меояд ва бояд бо ин нишонаҳо бар боурут биафзоӣ, ки ин табъи рубъ мебошад.

Агар дар он пешобро сурхи пурранг ва танро пургӯшт ва сурхранг ва рагҳоро пур ва анбошташудагӣ, аз раги бо салиқи эшон хун бигир ва ба корҳои дармонии дигар барои ӯ бипардоз. Агар чунин нишонаҳоро надидӣ ба бархе доруҳои равонкунанда

омехтагӣ (талхоб) сиёҳ, ки дар бахши молихулиё ёд шудааст, рӯй биовар. Таҳиясозии танро як рӯз пеш аз рондани пешоб бигзор. Дар ҳамон рӯзе, ки равонкунанда ба кор мебарӣ ва дар ҳангоми оғози табларза бештар сиканҷабин ва оби вилармо ба ӯ бинӯшон ва вайро водор ба боло овардан кун ва агар боло овардан бар ӯ сахт шавад, чағнадар, ҳардал, намак ва монанди инҳоро ба ӯ бихӯрон ва бояд бемор шароб ва оби бисёр бинӯшад ва пас з-он сиканҷабин, ки дар он турб хисондаанд, мазза-мазза намояд ва дар дигар рӯзҳо низ боло оварад. Барномаи дармониро бояд густариш диҳӣ ва ба ӯ гӯшти чӯҷа ва бузғола ва барра ба андозаи миёнадиҳӣ ва беш з-он сабзаҳои парвардашуда дар мурӣ (обкома) ва зайтун ба ӯ бихӯронӣ.

Ӯ бояд бар худ оби гарм бирезад ва ҳаррӯз пеш аз хӯрок оби гарм бинӯшад ва ба гармоба равад ва дар онҷо арақ накунад ва аз хаста шудан ва шаб зиндадорӣ кардан бикоҳад ва бар хоб ва осоиши худ биафзояд ва бисёр шароби обакӣ бинӯшад. Тиҳисозии пайвастаи таниӯро як рӯз пеш аз ба кор бурдани равонкунандаҳои пешобӣ бо боло овардан дар ҳамонрӯз, ҷуз ӯ барномаи ӯ биғунҷон, вале дар дигар рӯзҳо кори худро дар хӯрокдиҳӣ ва намур нигоҳ доштани тани бемор қарордеҳ. Коҳиши тан ва нишонаҳои он ва муддати навбаҳо ва ё пас ва пеш шудани вақтҳои танро баррасӣ кун, агар дар он коҳиши бисёр надидӣ, пас дар тиҳисозии нерӯмандонаи ӯ хуб бикӯш, ки бо ин равиш муддате тан ба дарозо намекашад ва агар тан аз чиҳилрӯз гузашт ба ҳамроҳи дигар равишҳои дармонӣ ҳар рӯз ба андозаи якдигар ва доруи филфил ё ба андозаи як фундуқ доруи ҳилтити содда ба бемор бидеҳ.

**Доруи ҳултити содда:**

Ангеза, мурр, барги судоби хушк ва филфил ба андозаи баробар бо асал, ба андозаи сириштани доруҳо бо ҳамроҳ бар мегирӣ ва бо орди дарахти хурмо меомезӣ, дар рӯзе ҷуз рӯзи берун рондани обакиҳо, беморро ба гармоба мебарӣ ва ӯро водор ба арақкардан менамоӣ, ба ӯ шароби кӯҳна ва ноб менӯшонӣ. Агар ин таб дар тобистон пеш омад ва тани бемор низор ва лоғаршуд,дурустонаст, ки доруҳои гармзоро аз ӯ дур

намоӣ ва гоҳе бар нӯшидани об, панир ва шакари табарзад такя намоӣ ва гоҳе ба вай афтимун ва ҳалилаи сиёҳ бидиҳӣ ва дар додани хӯрокҳои намуркунанда таризо пофишорӣ намоӣ ва дар рӯзи берун рондани обакиҳо ва ҳангоми оғози навбаи таббаӯ сиканҷабин ва оби виларм бидиҳӣ ва ӯро водор ба боло овардан кунӣ.

**Табҳои дар ҳам омехтаи навбаҳое, ки беш аз панҷ ва шаш рӯз як бор меоянд ва дамояшон хеле боло меравад:**

Беҳтар аст барои ин гуна табҳо ба додани доруҳои вижаи он, пеш аз рӯзи берун рондани обакиҳо аз тан ва ҳар гуна таҳиясозии тан иқдом кунед ва дигар равишҳои дармонӣ, ки дар бахши таби балғамӣ ёд шударо, агар бемори табдор фарбеҳ, пурчарб, шикамбора ва шикамхора бошад, анҷом диҳад. Вале агар бемор лоғар ва хушкомеза бошад бо равонкунандаҳои талхобӣ ва анҷоми дигар равишҳои дармонӣ таби рубъ дармони ӯро пайгирӣ намояд.

Вале табҳоии дар ҳам омехта, ки рӯдаҳои онҳо нигоҳдошта нашуда, ё аз омос дар бархе андомҳо ба вижа гирдаҳои падидомада ва ё аз табе аст, ки мехоҳад ба таби рубъ табдил шавад, тафовути миёни гунаи нахустини онҳо, ки бо дард дар яке аз андомҳо оғоз мешавад ва ё бо коркарди он андоми осебдида ба вуҷуд меояд, дар ҳоле, ки дар гунаи дуввумӣ чизе аз инҳо дида намешавад, дармони онҳо фарқ дорад. Дар дармони гунаи нахуст таваҷҷӯҳ ба дармони он андом аст, ки анҷоми дармони он ояд бо таваҷҷӯҳ ба ёдкарди мо дар бахши вижаи он бошад, вале дар гунаи дуввумӣ таҳиясозӣ ва фурӯ нишондани таб аст, то аз сӯхтани комили омехтагиҳои (хилт) ҷилавгирӣ шавад.

**Таби пайваста:**

Агар таби ғуб, рубъва навбаҳоӣ ҳаррӯза шаванд ва аз миён нараванд, балки пайваста шаванд ва дар ҳангоми навбаҳои худ афзоиш ва сипас коҳиш ёбанд, пайваста ҳамроҳи тан буда, то ин ки аз тан бираванд ва дубора дарҳангоми навбаҳои худ афзоиш ёбанд, ингуна табҳо таби ҳамешагӣ хонда мешавад ва нишонаҳои ин таб ҳамон нишонаи табҳои дигар аст. Ҷуз ин ки ин таб бо ларза оғоз

намешавад ва дар он ларза мутадовил нест, магар дар ҳангоми фурӯкашӣ кардани он, вале омехтагиҳои ҳамон ҳастанд ва танҳо аз назари чанде пештаранд ва аз назари чигунагӣ бадтар ва бохатари болотар мебошанд ва шоиста аст, ки бо ҳамон дармони табҳои дармонқ гарданд ва ҷуз ин ки бар он бештар пофишорқ намоянд ва ба нерӯзоии табдор таваҷӯҳ намоянд ва пушти корро дар дармон бештар кунанд.

**Табе ки дар он як дам гармо ва як дам сармо ошкор мешавад:**

Ҳангоме ки дар табҳои муҳриқа (сӯзон) сиёҳии забон ва бузургии нафас ва ташнагии бисёр ва ранҷурии бештар бошад, тан бисёр сард шавад, ки нишонаи бисёр баде нест ва гармои падид омада дар он, аз омоси дарун бадаст омада, вале дамои дар бахши беруни бадан афзоиш наёбад ва беруни тан сард бошад ва бо ин ҳама дар даруни бемор хастагӣ, кӯфтагӣ, таб, кашидагӣ, хамёза кашидан, афзоиши набз, танаффус ва боло рафтани дамоҷ эҳсосменамояд, бо ин ҳама дамо хеле боло нест ва озори бисёр надорад. Вале ин таб дар навбаҳоӣ чанд бичархад, дармони беморро бар пояи дармони таби балғамӣ бояд гузорад.

Агар беруни тан ба монанди як табдор гарм бошад ва набз тунд ва танаффуси бузург ва ташнагӣ набошад, вале бемор дар даруни худ гармояи табро эҳсос накунад, балки эҳсоси сардӣ ва гармӣ ва кӯфтагӣ дар сатҳи берунаи андомҳо пайдо шавад, ин аз гурӯҳи табҳои муҳриқа (сӯзон) намебошад, балки поёни беморӣ ва ҳангоми фурӯ афтодани нерӯ мебошад ки дар навбаҳоҷ худ дар бемор мечархад. Пас сиканҷабин ва ҷаланҷабин (гули ангубин) шакареро пайваста ба ӯ бинӯшонед ва бо сирко ва равғани зайтуни парвардашуда бо равғани бодом ӯро тағзия кунед ва ӯро ҳаррӯз ба гармоба бибаред, то андаке арақ намояд ва бар ӯ оби бисёр доғ бирезед. Агар басанда нашавад пухтаи ҳалиларо ба унвони равонкунанда ба ӯ бибаред. Сипас, ҳамин равишро дубора анҷом диҳед, агар бемор ларза бо ҳамроҳи барафрӯхтагӣ ва танаффуси гарм ва ҳамроҳи ларза ва эҳсоси гармо ва сипас сармо ва боз ба тундӣ эҳсоси гармо кард, ба ӯ

ҳалилаи зард ва сиёҳи турбад ва шакар бидиҳед. Рӯзона ду нима аз қурси гули сурхи кӯчак ва қурси табошир ҳар рӯз бо як мисқол синканҷабин ва оби анор пайваста ба ӯ бихӯронед.

**Қурси гули сурхи кӯчак:**

Гули сурхи сойида даҳ дирам ва сангили тиб як дирам ва афшурдаи ҷӯшондаи ширинбаён як дирам ва тухми хиёр ва тухми коснӣ аз ҳар кадом ду дирам, қурсе бисозанд, то беморро бо нӯшобаи гулоб бинӯшад.

**Қурси табошир:**

Табошир даҳдирам, гули сурх се дирам, тухми гавҳар, тухми хиёр, тухми каду аз ҳар кадом ду дирам, нишоста, катиро аз ҳар кадом ним дирам, афшурдаи ҷӯшондаи ширинбаён ва туранҷин панҷ дирам бо луоби тухми исфарза хамир шавад ва аз он қурсе дуруст гардад.

**Табларзае ки доғнамекунад:**

Ҳар гоҳ дар касе давраҳои ларзи бедоғӣ ба чархаш дарояд, дар ҳар давра тан бе он ки бо тан ҳамроҳ бошад, ба монанди нахустини худ боз гардад,чунин бемориро бо он чӣ дар бахши таби балғамӣ гуфтем, тиҳисозӣ кунед ва равиши мадороҷӯёна бо вай дошта бошед. Бояд ӯро з-он чӣ балғамӣ падид оварад боз доред. Хоби ӯро кам кунед. Вайро водор намоед, дар ҳангоми табларза пиёдаравӣ кунад ва агар давраи он ба дарозо кашид, дар ҳангоми табларза ба ӯ доруи ҳилтия ба андозаи як канор бидиҳед ва вайро хуб бипӯшонед. Ӯро водор намоед, ки худро ба хоб дар пӯшок бипечонад ва хобиданро афзоиш диҳад ва камтар ҷо ба ҷо шавад ва камтар такон бихӯрад, ки сабаб мешавад, то камтар арақ кунад ва арза азмиён биравад ва бар ӯ равғани қист бимолед ва чандин бор оби гарм ба ӯ бинӯшонед. Вайро баробари бухори оби гарм бигузоред, албатта пас аз он ки бар ӯ пӯшиши бузург биандозед, ки арақ кунад бадингуна ларза аз миён хоҳад рафт, шароби нерӯманди ноб бо филфили сойида ба ӯ бинӯшонед, ки ларзаи по мезудояд.

**Таби ҳамроҳ бо беҳушӣ, ки аз обакӣ ва тунд будани омехтагиҳо (хилт) падидмеояд:**

Дар гурухе аз мардум табе падид меояд, ки бештар аз таби ғуб (навбаҳоӣ) аст ва чеҳраро ба тундӣ ба ҳам мерезад ва танро

мепажморад ва нерӯ ва набз дар навбаҳойи нахуст ва ё дар ду навбаҳоӣ фурӯ меафтад ва ҳангоме, ки навбаҳойи таб пас аз он оғоз мешавад, бемор беҳуш мешавад ва чӣ басо дар он беҳушӣ бимирад. Ин таб танҳо дар тан бо омезаи бисёр гарм ва хушк падид меояд. Агар бо чунин беморӣ бархурд кунед, иқдом ба нӯшондани оби ҷав омехта бо оби анор малис ба бемор намоед ва ӯро дар ҷои роҳат бихобонед ва пӯшоке оғӯшта бо бӯи сандалӣ ба ӯ бипӯшонед ва тани ӯро бо сандалӣ ва гулоб хушбӯ кунед ва ҳардамандак-андак нони сапеди хисондашуда дар оби анори малис ва ҳамонанди он аз меваҳо ва чӯҷаи бирёншуда ва парвадра дар оби ғӯра ва хиёри чанбар ва хиёри каду меваҳои сардшуда бо ях ба ӯ бихӯронед ва оби сард пеш аз оғози даври таб ба ӯ бинӯшонед. Оби анор ё оби ҷав, ки дар онон сапеда хисондашудааст, ба ӯ бидиҳед агар давраи таб оғоз шуд ва пас аз он ки даврае ба бемор диҳед ва ӯ беҳуш гашт, даҳони беморро боз кунед ва нону ширинии кӯбида бо об ё оби ҷав ё оби анор ки нони сапеда дар он хисондашуда дар даҳони ӯ бигузоред ва агар беҳушии ӯ бисёр сахт бошад, андаке нон, ширинии ордшуда дар шароби обакӣ, ки ба андозаи вазни шароб бо оби сарди омехташуда ба ӯ бинӯшонед ва ӯро аз оби гарм ва гармоба ва сӯхтагӣ ва бехобӣ ва ҳар гуна тиҳисозии тан бипарҳезед ва ба оби сард бадани ӯро шустушӯ диҳед ва ҳар ҳангом агар чӣ дар оғози навбаҳоӣ бошад, ба ӯ хӯрок диҳед ва агар дармони таби бемор бо навбаҳоӣ оғоз шуда бошад ва ба ҳангоми даст задан ба ӯ ин дамо хеле боло бошад, ба вай махиз (шири бечарбӣ) бо қурси кофур бидиҳед.

**Таби ҳамроҳ бо беҳушӣ, ки бо фаровони омехтагиҳо (хилт) нармӣ ҳамроҳ аст:**

Дар гурӯҳе аз мардум бо чарахшии бештар аз таб балғаме падид меояд, ки танро мепажмиронад ва чеҳраро бар меафзонад. Агар хурду хӯроки бемор хуб набошад ва чуноне, ки бояд тиҳисозӣ низ дар бораи эшон анҷом гирад, бемор аз ҳушмеравад. Аз сӯи дигар агар тағзияшавад, пажмурдагӣ афзоиш ёфта ва таб нерӯмандтар ва бештар ба дарозо кашида мешавад. Дармони эшонро бо молиши соқ аз зону то гом бо даст

ва бо порчае, ки аз нармӣ ва забарӣ миёна бошад ва ба гунае анҷом гирад то пӯстиӯ андаке сурхранг шавад ва пас аз соқ ба болотар бояд биравед ва ронро то поин наздики зону молиш диҳед, то ҳамчунин андаке сурх шавад ва бояд молиш аз назари нармӣ ва сахтӣ миёна бошад. Пас аз он даст аз зери бағал то кафи даст ҳамон гуна молиш дода шавад ва сипас пушт ва синаи эшонро ва дубора по ва сипас дигар андомҳоро ба ҳамон гунае, ки ёд кардем молиш диҳед ва корро пайгирӣ кунед ва ҳаргоҳ бемор ташна шавад ба ӯ сиканҷабини асалӣ бинӯшонед ва чунон чӣ гурусна шавад оби ҷав ва нон ё оби асали парвардашуда бо шакар бихӯронед ва беморро аз нӯшидани оби сард бипарҳезонед.

Вақтро миёни хоб ва молиш барои ӯ ба гунае бахш кунед, ки ниме барои молиш ва ниме барои хоб ва осоиш гузошта шавад. Агар ӯ бо хӯрдани оби ҷав суст нашуд бар андозаи он ва нон ва оби асал биафзояд ва агар суст шуд, хӯрокҳои ёдшуда дар бахши таби балғамҷ ба ӯ бихӯронед ва агар ба юбӯсат гирифтор шуд, эшонро бо оби чағандар ва бӯрра танқия намоед. Ҳаррӯз пеш аз хӯрок ба онҳо як мисқол тухми карафс ё сиканҷабини асалӣ бидиҳед ва ин равишро пайгирӣ кунед то ӯ беҳбудӣ ёбад.

**Таби падид омада аз омос**

Гоҳе пайи заминхӯрдан ва зарбдидагӣ ва ҷуз он омосе падидмеояд, ки он омос заминаи пайдоиши таб мешавад, ки метавонад аз гунаи таби явм (рӯзона) бошад.Ин таб таби афунӣ нест ва бад ва хеле нохушоянд намебошад ва чизе з-он(дар тан) намемонад. Гоҳе дар оғоз дар яке аз андомҳо рӯй медиҳад, ки пулишт аст. Бисёре ва андаке хатари баста ба он андом ва бузургии он омос аст. Бар пояи чигунагӣ ва андозаи омос, андозаи таб аз он пайравӣ мекунад. Таби падид омада аз омос, пардаи мағзи таби хатарнок аст ва таби сарсом ном дорад ва пеш аз ин нишонаҳо ва дармони онро ёд кардем. Омоси падид омада дар гулӯ ва перомуни онро хониқи сахт гӯянд, ки онро низ дар гузашта гуфтаем. Омоси падид омада дар дастгоҳи танафус ва бофтаҳои перомуни он дар миёни дандаҳо ва пардаҳои перомун ва ҳиҷоби ҳоҷиз (диафрагма)-ро *зот ал-□анаб* ва шӯса ва

барсом гӯянд, ки онро низ ёд кардаем. Бар асари омоси падида омада дар шуш танаффус бо он мушкилтар ва сахттар ва пайопай ва тундтар мегардад ва гунаҳои бемор ба ҳамроҳи он сурх мешаванд ва хурфа бо хилти чармгин меояд ва онро низ ёд кардем. Омоси падидомада дар мурӣ бо дард дар миёнаи ду шона ҳамроҳ аст ва дар ҳангоми қувват додан афзоиш меёбад. Омоси падидаомада дар шикамба бо дард ҳамроҳ мебошад ва сӯзиши он дар ҷулӯи шикам ва поёни устухони ҷаноғ аст. Гоҳе агар омос бузург бошад, онро метавон эҳсос намуд вагарна нишонаи он дард ҳангоми фишор овардани рӯи он ва ташнагӣ ва фурӯафтодани иштиҳо мебошад. Ҳамчунин агар омос дар рӯда бошад, ба воситаи он бахше аз шикам бадар меояд ва суфта мешавад ва бо даст задан ба он бахш, гармиро нишон медиҳад. Ва чӣ басо ба ҳамроҳи он ясут низ пеш ояд. Агар омосе гарм дар ҷигар падид ояд нишонаи он таби нерӯманд ва афзоиши ранги пешоб ва сурфа ва тангии нафас ва ташнагии сахт ва боло овардани зардоб ва фурӯафтодани иштиҳо ва бандомадани шикам ва дард дар устухон ва сангинӣ зери дандаҳо хоҳад буд, агар омосе дар гурда падид ояд, ба дунболи он сангинӣ ва дард дар бахши поёни пушт мебошад. Берун рафтани пешоб ба монанди ҳолати ҳамешагии он аёон нахоҳад буд. Метавонад ба ҳамроҳи он табҳои дигаре падид ояд, ки замони навбаҳойи онҳо дар ҳам меомезад ва он бо табларза оғоз мегардад, агар бемор бар ӯ бихобад, як чизи сангини овезоне дар шиками худ эҳсос хоҳад кард. Агар омос дар пешобдон бошад дар паи он табе бисёр сахт бо ҳамроҳи ба ҳамрехтагии хурд ва парешонгӯӣ пеш меояд.

Беҳтар аст барномаи дармони ҳамаи табҳои падидомада дар паи омосҳо бар пояи таваҷҷӯҳ ба хунгирӣ ва пансумони омос ва дигар дармонҳо, ки ҳар кадом дар бахши вижаи худ ном бурдаем, дунболшавад ва бояд донист тоҳангоме, ки омосии гарм ва мултаҳиб дар тан бошад, табе дар паи он хоҳад буд ва ҳар гоҳ гармии он омос фурӯкаш кунад ба дунболи он таб низ аз миён меравад.

Табҳое ки аз табҳои об ва ҳаво падид меоянд, нишонаҳои ошкори тундӣ ва нерӯмандӣ ва боло будани даморо дар бар надоранд, балки дар дарун ва жарфои тан нешзананда ва пулишт ва пурганди об мебошанд. Онҳо таби мулоим ва фарогиранд (мутбиқа) дар канори он нафас ва ҳарчӣ ба унвони пасмонда аз тан берун меояд, бадбӯ мебошад, ташнагӣ ва ранҷурии бисёр дорад ва танаффус дар он бузург ва пайдарпай мешавад. Бо пайопай боло овардан ва берун рондани пасмондаҳо, палидиҳои бадбӯ ронда мешаванд ва касоне ки ба он гирифтор шудаанд, дар паи ин беҳуш мешаванд ва мемиранд. Дармон дар ингуна табҳо бо нӯшонидани оби сард ва афшӯраи ҷӯшондаи меваҳои бандоварандаи шикам ва турш ба монанди афшӯраи ҷӯшондаи анори турш ва ғӯра ва гулобӣ ва себ ва турунҷи турш мебошад. Ва агар аз инҳо чизе фароҳам набуд ба бемор сирко ва оби ёмисл (обипанир) ё мости турш диҳед ва хӯроки ӯро аз онҳо фароҳам кунед ва бар касоне ки таби вабоҷ доранд дар хӯрдан сахтгирӣ кунед, чӣ бештари эшон иштиҳои хӯрданро аз даст медиҳанд. Беморро дар хонаҳои сард ва хушбӯшуда ва роҳат нигоҳ доред. Хонаро бо об ва сирко обпошӣ кунед ва эшонро водор ба бӯидани гиёҳҳои хушбӯи сард кунед. Корҳои дармоние, ки дар таби диқ (сил) гуфтем, ба ҷуз гармоба рафтан ва оби доғ ва нӯшидани шир дар бораи эшон низ анҷом диҳед. Қурси кофур бо афшураи ҷӯшондаи турунҷ ба эшон бихӯронед ва синаи эшонро бо кофур ва сандил ва гулоб молиш диҳед ва рӯи он бигузоред, ҷойгоҳи зисти эшонро аз барги дарахти хилоф ва карам ва себ ва барги дигар чизҳои сард ва бандоваранда пур кунед. Сандил ва кофур дар хонаҳои эшон бухур диҳед ва рӯзе чандин бор гулоб бипошед.

**Табҳои таркибӣ**

Чӣ басо ки бемор ба ду ё се гуна таб гирифтор мешавад, ки гоҳо он табҳо шаклҳои мухталифи як гуна таб ҳастанд. Бемор дучори таби ғуб (як рӯз дар миён) ё сулс ( ду рӯз як бор) мешавад ва гоҳо омадани ҳар таб бо дигаре мутафовит мебошад. Яъне бемор гирифтори таби ғуб, таби рубъ ё балғамӣ ва диқ аст ва гоҳо яке аз табҳои лозим (пайваста) ва дигарӣ навбаҳое

(чарханда) мебошад ва гоҳо оғози ин табҳо ба ҳам наздиканд ва ё дар як ҳангом мебошанд ва гоҳо ин давраҳо аз ҳам дуранд ва назми давраҳоро ба ҳам мерезанд ва нишонаҳои онҳо ҳам дар ҳаммеомезад, ки як пизишкори озмуда тавони шинохти так-таки нишонаҳои ҳар кадомро доро мебошад ва дигарон инро озмуда наметавонанд, то ки ба он дастёбанд. Аз ин рӯ шоиста аст шинохти ҳар гуна табҳо натанҳо бо шинохти оғози давраҳои он, балки баррасии нишонаҳои вижаи ҳар кадом бошад. Интизори мо аз таби ғуб ин аст, ки навбаҳои ҳаррӯз бошад, чунон чӣ ин таваҷҷӯҳ танҳо ба назми давраҳои онҳо бошад, пас бояд он таби балғамӣ бошад. Агар дармонро танҳо бо ин санҷиш гузиниш карда бошед, беморро ба куштан хоҳед дод.

Аз ин рӯ шоиста аст барои шинохти ҳаргунае аз табба нишонаҳои вижаи ҳар кадоми онҳо дастёфт, на ба назми навбаҳои давраи онҳо таваҷҷӯҳ намуд ва дармон низ бар пояи сахтӣ ва соддагӣ ва яке будан ва ё чанд таб ба ҳам омехта будан қарор мегирад ва дар сурате, ки нишонаҳои дигар з-он сӯи онро ёд кунад, набояд таваҷҷӯхе ба назми давраи онҳо намуд.

Агар касе гирифтори таби ғуб шавад чун ҳар рӯз таб мекунад, дуруст нест ӯро ба монанди дорандаи таби балғамӣ дармон кунанд, ки бояд ӯро бо дармони таби ғуб дармон намоянд.

Ҳамчунин бо афзоиши таб барои он ки дармон корсозтар гардад бояд бар чигунагии дармон биафзоянд.

Агар касе рӯз ба рӯз таб кунад ва дар ӯ нишонаҳои вижаи таби ғуб ба сурат пойдор ва ноб набошад, балки суст ва ноҳамоҳанг бошад, ниёз нест танҳо дармони таби ғуб ин обро дар бораи ӯ анҷом дод, балки бояд дармони омехтае аз онҳо дар ростои он бошад, ки нишонаҳо ба чӣ гунае аз табҳо бештар гароиш доранд.

Беҳтар аст, дармони табҳои чандтое ва дар ҳам омехта бар пояи дармони такиҳои ҳар кадом анҷом пазирад.

Дар ҳам омехтагии ду дармон бояд бар пояи омехтагии ду таб бошад ва чӣ басо ниёз пайдо мекунем, ки якеро ки хатари болотаре дорад, пояи дармон қарор диҳем.

Намунаи он: мегӯем касе гирифтори таби рубъ шуда ва дар ҳамин ҳангом ба таби дигаре аз омоси ҷигар ё шикамба ё дар бархе аз андомҳои дастгоҳи танаффус низ дучор мешавад, назди ман пояи дармон таби падид омада, аз омос аст. Зеро бузургии хатар дар ин қарор дорад, ҳарчанд, ки бо ин гуна дармон, таби дигарро нерӯмандтар сохта бошам. Дар бораи намунаи дигар мегӯям: беморе як рӯз дар миён таб мекунаду вале нишонаҳои таби ғуб дар ин бемор ба сурати ноб ва нерӯманд ошкор намешавад ва ҳамчунин нишонаҳои таби ларз нуфуз кунанда ва бо шитоб боло рафтани дамо пас аз он низ надорад ва на ташнагии сахт ва на ранҷурӣ ва на сардард ва на ҳазён ва на арақ, ҳеҷ як аз ин нишонаҳо падидор намешавад. Балки санҷиши ин нишонаҳо нисбат ба таби ғуб ноби бисёр суст ва кунд мебошад. Ман бо ин ҳама гар чӣ навбаҳойи он ба дарозо кашад ва то ба чаҳордаҳ соат низ расад, дуруст намедонам, ки ин таброро танҳо бо дармони таби ғуби ғайри холис дармон кунам, балки дармонҳо онро бо бархе дармонҳои таби балғамӣ омехтам. Ҳадафи дармони худро дар ростои беҳбудии бемор дар берун рондани зардоб ва балғам қарор додам. Барномаи хӯроки ӯро бо дигар равишҳои дармонӣ дар ростои ин ҳадаф устувор кардам.

Дар тавони мо нест, ки ҳамаи табҳои чандтои дар ҳам омехтаро ёд кунем ва гузораи вижа ба ҳар кадом биоварем. Балки беҳтар аст ҳар дармонгари шинохти худро баргунаҳои мухталифи табҳо ва дармони он гунаҳо беҳтар ва бештар кунад, сипас барои гумоназанӣ дар шинохти гунаҳои таби мураккаб талош намоед ва ду дармони такии ҳар кадомро бо ҳам даромезед.

**Обила ва сурхак**

Агар дар касе ба вижа кӯдакон ва навҷавонон таби доғи фарогире падида ояд ва ба ҳамроҳи он дарди камар ва хориши бинӣ ва тарс дар ҳангоми дидани бухтак дар хоб ва сангинӣ ва сурхӣ дар сар ва чашм ва кӯфтагии тан бошад, ибтидо бояд донист, донаҳои бемории сурхак ё обила дар ӯ пахш шуда, агар чунин бошад ба бемор бахше аз он ки донаҳои (ҷӯш) дар ӯ ошкор шавад, аз ӯ хун бигиранд ва ӯро ҳиҷома намоянд ва берун

рондани хунро, аз ӯ биафзоянд ва сипас қурси кофур бо оби анори туруш ба вай бинӯшонанд ва хӯроки ӯро ба оби ҷав дар бомдод ва шом басанда кунанд ва чунон чӣ нотавон шавад ва хӯрок бештар бихоҳад бо адаси пӯсткандаи парвардашуда дар сирка бар оташи баргирифта аз нишоста ва шакар ва рӯғани бодом ва сабзиҳои сард, ки дар дастрас ҳастанд, басанда намоянд ва ба ӯ афшураи ҷӯшондаи меваҳои туруш ва бандоваранда бинӯшонанд. Агар ябус дошта бошад, ҳар шаб ба бемор обе, ки дар он меваҳои хушк хисондашуда бинӯшонед, ки бо ин равиш пасмондаҳои ба осонӣ биравад берун ва ё ҷӯшҳои беморӣ дар ӯ камтар ошкор мешавад. Чунон чӣ ба бемор расидагӣ нашуд, то ҷӯшҳо берун оянд, дар ин ҳангом аз ӯ хун нагиранд, ба ӯ қурси кофур надиҳанд, балки қурси табошир ба вай бихӯронед ва тани ӯро рӯғанмолӣ кунед то арақ камтар кунад, чун биравад ва рафтани таб осон мегардад. Агар дидед берун рафтани беморӣ сахт шуд ва бемор ба дилошӯбе ва ранҷурии сахт гирифтор аст, ки гоҳо дар баъзе беморон тапиши дил пайдо мешавад. Бояд ба ӯ пахтаи анҷир ва кишмиш ва адаси пӯстканда ва тухми розиёна ва чӯби лак бидиҳед аз ҳар кадом як мушт бар гиред ва бо об бипазед. (Ин) обпазонро дар ҳар рӯз чандинбор ба ӯ бинӯшонед ва дар чашмаи оби гулобӣ бичаконед, ки дар он сумоқ ё афшурдаи анор бо гӯшти он хисонида шуда бояд гулоб ва оби сард ва андаке сиркаро ба даруни бинӣ бикашад. Бо он даҳоншӯӣ кунад, то аз чашм ва бинӣ ва гулӯ чизе берун наояд. Агар аз чашм андаке қайъберун омад, сурмаро дар оби гашниз боз карда ва рӯзе чандин бор дар чашм бичаконад, агар беморӣ аз тан берун омад ва беҳбудӣ ёфт вайро рӯи барги дарахт хилоф бихобонанд бар ӯ ва бар бистараш гули сурхи кӯбидашуда, ки ҳанӯз пури об аст (гулбаргҳои гули сурхи тоза) бипӯшонед. Оби намакро бо пунба ба лабҳои ӯ бимолед ва дар зимистон чӯби дарахти тарфоро барои бемор биафрӯзед. Дар тобистон сандил ва барги гули сурх ва ос ба хӯр диҳед ва барои хушк кардани донаҳои (ҷӯш) гиёҳони ёдшударо дар об бипазед ба ӯ бидиҳед чунон чӣ хуб хушк шуданд ва бар он пояи сахт баста шуд ва тан забар гашт ва пӯста-пӯста шуд ва

аз тан арақ таровид ва аз миён рафтани хушкреша сахт хоҳад шуд. Даҳани хал бо пунба рӯзе чандинбор рӯи он бимолед, то ҳамаи пӯстаҳо биафтад ва бемор беҳбуд ёбад.

Агар бихоҳед асари ба ҷоймондаи онро аз миён бибаред, беморро водор намооед, ки равғани гузорашуда (дар бахши аз миён бурдани ҷои захмҳо)-ро рӯи ҷӯшҳо бимолад ва пас з-он обтанӣ ва гармоба рафтан ва равишҳои фарбеҳшуданро дунбол намояд.

Пас аз он ки донаҳои обила ва сурхак аз миён рафтанд ба нӯшонидани оби анор ва қурси табошир ва ҳамаи равишҳои сард кардани бемор бипардозед. Гӯшти чӯҷаро ҷуз пас аз уфтодани ҳамаи пӯстаи донаҳои обила ва ҷудоии таб ва гармо аз тан нахӯрад ва аз додани равонкунандаҳо, пас аз ошкор шудани бемории обила ва сурхак парҳез кунад ва чунон чӣ шиками ӯ нарм шуд оби талќони ҷав бо табошир ва самғ ва гули арманӣ ва гули сурх бар пояи он чӣ дар бахши равонкунандаҳо (исҳол) ёд кардем ба вай бихӯронед.

Бадтарин гунаи обила, гунаи бунафши он аст ки ҷӯшҳои рез ва сахт дорад ки беҳбуд намеёбад. Ҳамчунин тайфуши бунафшранг хеле бад аст. Агар бемории обила ва сурхак сахт берун равад ва беҳбудӣ душвор бошад ва таб ва ранҷурӣ фурӯкаш накунад ва ҷӯшҳо хушк нашаванд ва ба ҳамроҳи он беҳушӣ ва гирифтагии нафас (хафагӣ) низ биёбад, бидон ин бемор мурданӣ аст. Вале агар бемории обила ва сурхак оғози берунрафтан бикунад ва фурӯкаш кардани таб ва гармо тунд гардад, пас ӯ беҳбуд меёбад.

**Достони он чӣ барои дармони бемориҳои сахт ниёз аст:**

Беҳтар аст касе, ки мехоҳад равиши дармони бемории сахтро беҳтар пиёда кунад бидонад, оё ин бемориӣ беҳбуд ёбанда ва ё кушандааст. Гоҳо он кӯтоҳ ё баланд аст ва бо омадани бӯҳрон ба поён мерасад ё на? Дар чӣ рӯзе бӯҳрони он оғоз мешавад? Ва чӣ гуна?

Ва он чӣ дар дармон барои пеш аз омадани бӯҳрон ва ҳангоми паёмадҳои он мавриди ниёз аст, пайгирӣ кунад, мо ба андозае, ки ин ҳунар ба он ниёз дорад ва ба хости Худованд ба

андозае, ки хости мо дар ин китоб мебошад, бисёр кӯтоҳ ёд хоҳемкард.

**Пешогоҳиҳои хуб:**

Хушрангии пӯсти бемор ва ин ки ба осонӣ битавон рӯи он даст молид ва бахш-бахш будани он тавонии бемор дар бархӯрди бемор ва нерӯмандии набз ва дурустии танаффас ва дурустии хурд ва андеша ва иштиҳоиӯ ва ба ҷой будани хоб ва бар паҳлӯ дароз кашидан ва расидан (назҷ) намоёни беморӣ, ҳамагӣ нишонаҳои дурустӣ ва хубии ҳоли бемор мебошад ва оғози пухтагӣ ҳувайдо, навид диҳандаи тандурустӣ мебошад.

**Пешогоҳиҳои бад**

Нишонаҳои бади бисёранд, ва ҷойгоҳи ҳар кадоми онҳо дар ҳар бемори мутафовит мебошанд. Аз ин ру мо дар паи ҳар нишона вожа овардаем, ки нишондиҳандаи андозаи нерумандии он аст .

Дар ҳангоми заиф будани беморӣ нишонаи онро мегӯем, ки он нишонаи хубе нест ва дар он ки нишона суст нест ва неруманд аст, мегуем ки ин нишона то чи андоза бад мебошад ва дар ин ки нишонае з-онҳам нерумандтар аст, мегуем он нишона нобудкунанда ва кушанда аст. Аз ин ру шиносоии нишонаи нерумандтар дар оғоз, дастуртар ва дақиқтар мебошад мутафовит будани гармо дар тани фарди табъдор ба гунае аст, ки дар пораи аз андом ба вижаи дар пиромуни шикам гарм ва дар гуруҳи дигар сард аст. Пас ин гармӣ нишонаи хубӣ нест. Чеҳрае ки нисбат ба ҳолати табии он бисёр дигаргун шудааст, нишонаи бисёр бад аст, магар он ки сабаби барои дигаргуниҳо бошад. Чунончи ин дигаркуни дар ростои дур шудан аз тандурустӣ ба суи сахт таршудагӣ бошад бо забари баҳамрехтагӣ ва хушкҷ ва лоғарии сурат ҳамроҳ мебошад ва бар асари он бемор дучори шабзиндадорӣ бо ҳамроҳии хастагӣ ва ё худдорӣ аз хурдан ва ё шикамравиши сахт ва ё гунаи дигар аз таҳиясозӣ танро доро мебошад ва ин нишона бадии камтар дорад. Агар ин дигаргунии чеҳра дар асари анбоштагӣ ва фарбеҳгӣ пеш омада бошад ва бемор чандин бор ҳолати мастиро

дар ин авохир гузаронида ва ё анбоштагӣ аз хӯрок дошта ин нишонаҳо нишонаи бади камтар мебошад.

Агар ранги ӯ ба ранги номуносеб дигаргун шавад ва ҳолати об ва ҳаво сабаби гароиши ӯ ба ин ранг бошад ё андак-андак ранги ӯ чунин гароида ва ё ху гирифтан ба хурдани бархе хӯрокҳое, ки созандаи омехтагӣ аст, муҷиби он ранг шуда аст, ин нишона низ нишонаи чандон баде нест. Пешоб ва пехолвахалтаиберуномадааздаҳонагарбарангисиёҳ бошадвабоҳамроҳиионтабъ ҳоисӯзандабодамоибисёрболобошад, нишонаимаргаст.

Бӯи бади нафас ва даҳон аз беморихои сахт ва нишонаи кушанда будани беморӣ мебошад.

Ҷобаҷоиҳои бисёр ва ба шаклҳои мутафовит даромадан ва пешомадҳое, ки ин дигаргуниҳо дар пайи он мебошад хамчун пардадари (такшиф яъне муроoти урф накардан) ва низ боддодан аз поин нишонаи хуби беморӣ нест ва намоишгари нооромӣ ва парешонии хаёли бемор мебошад.

Лоғаршудани чеҳра, чашмҳо ва фуру рафтагӣ ду гачгоҳ ва сардӣ ва зардӣ ва коҳиши чарби он ва кашидагии пӯсти чеҳра ва ба ранги зард ё сабз ё сиёҳ дар омадани он агар сабаб шавад, беморӣ ба як таҳиясози бисёр даст пайдо накунад, ин низ аз нишонахои кушандагии аст. Чунончи нашунидан ва надидани беморӣ ва ё бархе нишонаҳои дигари нобуткунанда ба он афзуда шуда, марг дар наздики бемор хоҳад буд. Кучагии яке аз чашмҳо ва каҷии даҳон ва ҳувайдо шудани сафедии чашм ҳангоми фурубастани он ба ин ки рафтори ҳамешагӣ бошадва низ даҳон ба гунае бошад, ки хоб равиам карор нагирад, нишонаҳои кушанда будан ҳастанд. Бастани шудани дандонҳо ба он, ки оддӣбошад дар бемориҳои сахт нишонаи баде аст. Чунончи касе гирифтори бемории сахт бошадва руи худро аз рушнои дур нигох дорад ва ба он ки бихохад аз чашмхояш ашк биризед ва дар пайи он хунрезии бини набошад, ин ду нишонаи хубе нестанд. Сурх шудани сафедии чашм ва ошкор шудани рагхои тираранг ва ё сиёҳ дар он ду нишонаи баде аст. Чашми истода бе ҷунбиш ва ё чашми пурҷунбиш, ки дар якҷоистода ва ё бо

чархаш нависони бошад, аз нишонахои марг аст. Барҷаста шудан ва ё фуру рафтани чашм дар бемориҳои сахт ва бемориҳои чашм нишонаҳои хубе нестанд.

Агар бемор натавонад рӯи як пахлуи худ зиёд бихобад ва пайваста хоҳони хобидани руи пушт бошад, нишонае хубе нест. Агар бо ҳамроҳи он чашмони ӯ низ ба поин бигаронад, ин нишонаи марг аст. Парокандагӯӣ ва хазён ва хамёза кашидан ва бозӣ бо дастон дар беморихои сахт аз нишонахои хубе нест. Агар ин нишонаҳо пойдор бимонанд ва нерумантар шаванд, тан бештар нотавон гардад, инҳо нишонаҳои нобудӣ аст.

Омоси гарм ва бузург дар шикам бо таби сахт ва дамои боло нишонаи баде аст, агар неру фуру афтад ва гармои омос ва таб пойдор бимонад ин нишонаи марг аст.

Агар ангӯштон дар бемориҳои сахт, сард бошанд нишонаи хубе нест ва агар сардии он афзоиш ёбад нишонаи баде аст. Агар бо ҳамроҳии он дар шикам эҳсоси барафрӯхтагӣ ва гармои зиёд ва ташнагӣ шавад, ин нишонаи марг аст. Агар ин ҳолатҳо бештар шаванд ва нафас ва набз паёпай гардадва бо ҳамроҳии он зардӣ ва сустӣ бошад, намоишгари наздик будани марг аст.Агар дастҳо ва поҳо ва ангӯштон ва нохунҳо тиранг шаванд ва ба ҳамроҳи он неру дам ба дам коҳиш биёбад ва зарбаи набз кам шавад, боз ин нишонаи нобудӣ аст. Агар нохунҳо ва ангӯштони даст ё пой хамагӣ сиёҳранг шаванд ва неру коҳиш наёбад ва бештар шавад, нишонаҳои омадани буҳрон мебошад, вале ин нишонаи баде нест, балки нишонаи хубе аст ва намоишгари инаст, ки бемор раҳоҷ меёбад. Агар бо он захм низ сарбоз кунад ва бигандад ва табоҳ шавад, пас дар ин ҳангом беҳтар аст доруҳои нерубахш рӯи он гузошта нашавад. Чун агар ин корро бикунанд, беморӣ ва захм дубора бозмегардад ва беморро нобуд созад. Агар касе бо доштани бемори сарсон дар пои гӯши худ аз осеб ва дарде озор бубинад ва он сурхранг бишавад ва ё дар бемори барсонг ба хамрох доштани гирифтагиҳои сахти ҳалк, гардан сурхранг ва ё дарбархе аз ҷойҳои синаи он нороҳатӣ дида шавад ва ё омоси зери бағал ва даст ё омоси кашолаи ром ё пой ва омосҳо дар шикам падид оянд, онро набояд сард кард ва на

тақвият намуд, балки дуруст онаст, ки кампурси гармо рӯи онҳо гузошта шавад ва рӯи онҳо оби гарм рехта ва бодкаши хиҷомат гузошта шавад ва агар дар рафтану омадан нишонаҳои онҳо кундӣ ва беҳудагӣ дида шавад, бемор бо ин нишона хохад мурд.

Дарҳам ва фурурафтагӣ ва боло рафтан хояҳо ва нарина дар беморихои сахт аз нишонаҳои бад дар ҳангоми пеш омадани буҳрон мебошад, ки онро ёд хоҳем рафт. Агар ин руйдод пеш аз пухтагии беморӣ дар рӯзе ҷуз аз рӯзи буҳрон пеш ояд ё он ки дар паи ин нишона, бемор рӯзхо бихобад ва хоби вай ошуфта ва кутохи дилхуровар бошад, ин нишонаи хубе нест. Агар ин ҳангом, ки аз хоб бар мехезад сустии ӯ афзоиш биёбад ва ҳолаш бадтар шавад, боз ин нишонаи нобудии ӯст. Нопухтагии беморӣ бо фаровонии неруи беморӣ намоишгар ба дарозо кашида шудан беморӣ мебошад. Ва нопухтагии беморӣбаҳамроҳии фуру афтодани неру нишонаи нобудист.

Бемориҳои сахт ва неруманд дар куҳансолону дорандагон омезаи сард дар обу ҳаво ва сарзаминҳои сард ҳамвора бадтар аз бемориҳои з-он суи онҳо ҳастанд.

Гирифтагиҳои гулу ҳамроҳи таб бо дамои боло кушанда аст, агар касе, ки таби муҳаррика дорад, вале гирифтори чандин бор ларзиш пушти сархам шуда ва арақ пас з-оннакунад ва беморӣ сабук нагардад, балки сустӣ ва бадии ҳоли ӯ мураттаб бештар гардад, ӯро нобуд хоҳад кард. Агар лаб сустӣ дарҳам печанд ва бемор низ эътимоди худро аз даст диҳад, пас марги ӯ наздик шудааст.

Ҳамвора доштани тапиши дил дар бемории сахт ҳамчунин нишонаи баде мебошад агар ба ҳамроҳии он нафаси танг ва афзоиши таб бошад, нишонаи марг аст.

Дарди бисёр бо табъи болокушанда аст ба вижа агар дард дар сар ва гӯш ва шикам бошад агар дам дар тани бемор бошад ва бар ранги зарду сурх ё сиёҳ дард ояд, нишонаи баде аст.

Чашме, ки такон намехурад дар бемории сахт - нишонаи марг аст. Агар одами тандуруст бошад ва гумони бемори дар ӯ наравад ва бемор шавад, бемории вай бадхуй хохад буд. Агар

хояҳо ва нарина дар як бемории сахт, кашида ва пейзи берунзадагӣ пайдо кунанд, нишонаи марг аст.

Хунрезӣ аз бинӣ, ки қатраҳои хуни он андак бошад, хуб нест ва афзун бар он рангаш сиёҳ бошад нишонаи баде аст. Агар ин ранг дар рӯзибаҳорон бошад нишонаи нобуд шудани бемор аст.

Агар дар андоме дарде бошад ва фурукашӣ кунад ва оромшавад ва дар пайи он ранҷурӣ ва бар афрухтагӣ ва ташнагӣ ва бетобӣ биёяд, нишонаи баде аст ва агар бо ҳамроҳии он тапиши дил бошад, нишонаҳои марг аст.

Боло овардан ва кабудии чеҳра дар бемориҳои сахт нишонаи баде аст.

Агар ранг якбора зард ёсиёҳ шавад ё бемор якбора дучори хафагӣ шавад ва то чое, ки натавонад оби дахони худро фурӯ барад, инҳо нишонаҳои марганд. Агар дар табъи сахт, бемор бисёр боло оварда ва ёдучори шикамравӣ шавад, нишонаи баде аст. Агар бо ҳамроҳии онниз биёяд, кушанда аст. Ташнагии бисёр ва араҳи сард нишонаи марг аст. Нафаси сард дар табъ ва фуруафтодани неру наздикии марг аст.

Агар гирифтагии андомҳо дар табъи боло пас аз чанд рӯз падидор шавад аз нишонаҳои кушандагӣ аст. Агар бемории чизе ба монанди зангор боло овард базудӣ хохад мурд. Аз бадтарин пайомадхое, ки дар пайи табъҳои сӯзанда меояд, табларза аст, ки ба дунболи он арақ кардан набошад ва андак будани арақ дар сар ва гардан ва ба вижаи пешонӣ ва бехобии бисёрва ранҷурӣ ва дилошубӣ ва тиҳисозӣ вапарешонии хаёл ва сардии ангӯштон ба вижае агар ба молиш гарм нашаванд ва сардии тан ва оташин будани дарун ва паёпай будани нафас ва сабз шудани ангӯштон ва сиёҳу камранг шудани пешоб ва андаке он ё сабз шудан ё зард пурранг шудан ва наздик ба бастагии асал пайдо кардани пешоб ва аз миён рафтани ташнагӣ бе фурӯкашӣ кардани табъ ва шикамба ва банд омадани пешоб ва пехоли сиёҳ ё сабз ва ё қатраҳои сиёҳи хун дар хунрезӣ аз бинӣ - ҳамаи инҳо нишонаҳои бад ҳастанд.

Агар бемор худро дар дар ва девор бизанад ба шаклҳои мухталиф дарояд ва шиками ӯ бод кунад ва ончи дар шикам низ бод кунад аз нишонахои баде ҳастанд.

Пехоли сиёҳранг ва турушмазза, ки агар рӯи замин биафтад ба ҷӯшуш дар биёбад,нишонаи марг аст. Агар бо ҳамроҳии он нерӯ коҳиш биёбад марг наздик аст.

Агар дар бинии бемор зардоб ёмоддаи сабз равон гардад, нишонаи баде аст.

Агар бемор андаке арақ кунад ё тан ва ба вижае сар ва гардани ӯ намнок шавад ва сипас сард гардад ва ҳавои нафаси ӯ низ сард бошад,вай дар ҳамон дам хоҳад мурд.

Араққи пешонӣ пас аз талоши бисёр ва фурӯ афтодани набз аз ҷинсаш нишонаи марг аст.Агар ин фуруафтодан хеле тунд бошад, марг бисёр наздик аст.

Агар касе пойи худро баланд кунад, тоба сина бирасонад ва сипас онро партоб кунад, аз нишонахои марг аст.

Агар касе дучори табъи сӯзонандаи неруманде бошад ва якбора сабук шавад дами боло бе онки арақ кунад ва ё дар асари ҷобаҷои ҳаво фурукашӣ кунад ва набзкунанда шавад ва ҷунбишҳои сустшаванда ва ҳолате ба монанди оромиш фарогир бар ӯ падид ояд - вай базудӣ хоҳад мурд.

Агар даҳон дар бемории сарсом каҷ гардадва сипас дар пайи он беморӣ сабк нашавад ва парешонхиёлӣ ва ёвагӯӣ бар бемор баҷо бимонад, нишонаи марг аст ва агар ин нишона рух надиҳад, он нишонаи беҳбудӣ аст.

Агар бемор ба зардӣ гирифтор шавад ва сабук нагардад ва ҳоли ӯ бадтар гардад ин нишонаи марг аст.

Ҳар арақе ки пай омади ҳолати набошад хуб нест ва агар он дар рӯзи баҳорон биёяд нишонаи баде аст ва агар як рӯз бимонад низ нишонаи баде аст ва агар андак бошад ва танҳо дар ноҳияи сар бошад - нишонаи марг аст. Ва агар араки сард бо ҳамроҳии табъи сахт бошад намоишгари марг аст. Агар дар пайи арақ кардан ва табъ,ларзидан биёяд, нишонаи баде аст.

Ҳамвора беҳтар аст миёни неру ва тавони нишонаҳо,санҷиш кард чурор,ки нишонаи хуб, неруманд бошад бемор,метавонад

дар баробари нишонахои бад пойдорӣ кунад. Вале нишонаи хеле бад бо нишонаи хеле хуб наметавонад якҷо гирд оянд.

Агар неруи набз дуруст бошад ва ҳаракатҳо осон ва иштиҳо ба хӯрок ва нӯшидан пойдор бошад, дар ин ҳангом нишонаҳои тарснок набояд пизишкро ба ҳарос биандозад.

Чунончи дар паи ин нишона пухтагии беморӣ биёяд ҳаргиз з-оннаҳаросед, балки бовар дошта бошед, ки он сабаби баҳорон аст ба вижа агар замон як рӯз пеш аз рӯзи гарм ошкор шуда бошад.

**Шинохтгоҳи монандии бемориҳо:**

Кутоҳ будан гоҳе беморӣ аз андозаи сахт ва озор диҳандагии он дониста мешавад. Ҳамаи бемориҳои сахтозордиҳанда ва нешзананда наметавонанд ба дарозо кашида шаванд. Чун ё ба зудӣ мемиронанд ва ё табиат бо омадани баҳорон онро рад мекунад. Бар ин сухан бояд такя намуд ва онро бовар дошт, бемории сахт ва озордиҳанда наметавонад ба дароз кашида шавад, вале метавонад ҳамчун табъ рӯзона андаке озордиҳанда бошад ва ба дароз низ кашида нашавад.

Обу ҳаво ва сарзамини гарм ва хӯроки кам ва тани шалу сусту камгӯшт, ки пӯсти густара дорадва ҳеч гуна анбоштагӣ дар тан надошта ва ҳарчи танро гарм месозад ҳама кӯмаккунанда барои кӯтоҳ шудани бемориҳастанд. Ҳарчи з-он сӯ ин нишонаҳо бошанд ба монанд будани табъ ва неруманди пайомадҳои беморӣ нишонае ба дароз кашидани беморӣ хоҳад буд. Ҳамчунин пайваста будани беморӣ нишондиҳандаи кутоҳии беморӣ аст. Поин будани дамо ва сабки нишонаҳо ва пухтагии беморӣ ошкор шавад ва табъ рӯзона дида нашавад намоишгар ба дарозо кашида шудани беморӣ аст.

Афзоиш ёфтан навбаи табъҳо намоишгари кӯтоҳ будани беморӣ аст ва ҳамчунин агар дар навбаи дуввум нисба ба навбати аввал дамо болотор равад ва нишонаҳо нерумандтар бошанд, намоишгари кӯтоҳ будани беморӣ хоҳад буд ва агар камтар ва ё ба монанди аввал бошад нишондиҳандаи ба дарозо кашида шудани беморӣ хоҳад буд. Гунаи табъи намоишдиҳанда муддати замони он мебошад. Табъҳои рӯзона дар як то чаҳор рӯз

ба поён мерасад, табъи ғуби ноб аз чаҳордаҳ рӯз бештар намегузарад ва он бештар дар як ҳафта ва ё камтар ва ё каме бештар ба поён мерасад, вале гунае нохолисии он ба вижае, ки нишонаҳои он ба табъи балғами даромезидабар пояи андозаи омехтани балғам гоҳе то як фасли сол пойдор мемонад, пас табъи бад ва нохушоянда аст, чун бо сахтие, ки дорад ба душвории пухтагии он ба даст меояд ва табоҳе андомҳои даруниро дар пай дорад. Ҳамаи табҳои лозим кутоҳтар аз табъҳои навбаҳои (муфтараҳ) ҳастанд, магар табъи диқ (сил), ки баландтар аст. Ҳарчи дамои танг дар табъи диқ сабуктар ва нопойдортар бошад ва дар тан эҳсоси неш задани бештар бошад, замони он баландтар хохад буд ва з-он суи он.

Вале табъҳои мутбақаи (фарогир), ки дамои бисёр боло ва сӯзанда ҳамчун табъи доимо доранд ва табъи хун ва табъҳое, ки пизишкон онҳоро табъҳо ва бемориҳои сахт меноманд, инҳо аз чаҳордаҳрӯз бештари замон намебаранд ба шарти он ки дар ниҳояти боло будани дамо ва сузандагӣ набошанд. Вале агар дар ниҳояти боло будани дамо ва сӯзонандагӣ бошад,дар се, чаҳор (рӯз) поён меёбанд. Чунончи миёни ин ду бошад дар як ҳафта ба поён мерасад хатар дар ин табъҳо бисёр болост. Вале таби балғамӣ ва рубъ ба дароз кашида мешавад, магар он ки бемордучори табъи рубъи бисёр солим вадучори табъҳои балғами носолим бошад. Табъҳои вабоии кутоҳ ва табъҳои шабона баланд аст.

**Шинохти табъҳо**

Беҳтар аст, ки ҳар кас замони табъро аз ҳангоме ки эҳсоси дигаргунӣ ва ошуфтагӣ дар тан мекунад ҳисобаш намояд ва бидонад ки ҳолати ӯ аз ҳолати таби ҳамешагӣ ба гунае ошкор аз ҳамон ҳангом беруномада, то онки нишонаҳои расидан (пухтан) ҳувайдо шавад,ҳарчанд ки нишона сабук бошад,огози беморӣ аст,аз пайдошудани нахустини нишонаҳои расида(пухта) то поёни давраи он дамо боло меравад ва ин поёни беморӣ аст ва пас аз онзамон фурукаш вапоин омадани табъ хохад буд. Аз бештарин чизе, ки дар дармони бемориҳои сахт ниёз аст, шинохти пеш огоҳии ҳар беморӣ ва инки ба кучо поён

меёбад,чун тарс аз нашинохтан ҳангоми табъ ва низ нашинохтани вазъи хӯроки бемор ва табъи доро муҷиб мешавад, ки натавон бо эҳсоси ҳар фарди онҳо андозагирӣ шаванд. Чун беморӣ дар поёни ин табъ намемирад, магар онки бемории дигар дар он пайдо шавад. Вале беморӣ ба поёни зиндагӣ наздик шавад, дигар бояд бар ин гумон буд, ки коре наметавон кард аз инру шинохти пешогоҳии беморӣ дар ростои ин, ки ҳоли бемор оё ба тундӣ ба суи тадурустӣ меравад ва бемор ба вазъе аст, ки дигар ниёз ба шинохти беморӣ ба чиҳати наздикии марг нест, ҳама инҳо вобаста ба шинохти поёни беморӣ мебошанд. Поёни беморӣ низ бастагӣба замони пухтагии комили беморӣ аст. Дар табъҳои аввал барои шиносоҷ аз навъҳои он метавон кумак гирифт. Агар навъи дуюм зардтар ояд ва ё мудати он баландтарва ё нишонаҳои он нерумандтар нисбат ба навбати бошад, намоишгари табъ мебошад. 3-он суи он нишон медиҳад, ки он фурушикунанда ва поёнраванда аст. Дар инҷо танхо шинохти ҷулу ё аҷиб афтоданиҳоро,ки дар ҷараён мебошанд, бидонед ва сипас бидонед,ки ин ҷулу афтодани пеш аз андозаҳои табъ аст,ки дар ин сурат нишондиҳандаҳои афзоиш мебошад, вагарна аз сӯи он аст. Ҳамчунин бар андозакардани ин ҳолат дар аҷиб афтодани навъҳо дуруст мебошад. Вале тули замони нав ва холати нишонаҳо ду омили неруманд дар чиҳати шинохти замони табъҳо мебошад ба вижаи ҳолати нишонаҳо намоишгари он аст. Агар замони оғози нав ба таъхир биафтад ва нишонаҳои он нерумандтар ва сахттар бошанд, нишондиҳандаҳои дурустии афзоиши беморӣ мебошад. Агар ҳарсеи нишонаҳо гирд оянд, дигар ҳеч гуна шак ва гумон намемонад. Чунончи замони навбатҳо баробар шаванд беморӣ дар поёни он хоҳад буд. Беморие, ки ба дарозо кашида мешавад, замони он низ баланд мегардад,онки кутох аст замони он низ камтар мешавад,вале дар таб. Ва балғаме чи бисёр навбатҳо баробар бошанд,вале дар табъ чи бисёр нишонаҳо афзоиши ошкореро дар навъе нишон медиҳанд.

Замони табъҳои фарогирро аз афзоиш ва коҳиши нишонаҳо метавонад шинохт. Мутмаин бошед, ки басилаи инҳо ба

нишонаҳои пухтагии беморие низ мерасад ва бояд шумо дар шинохти замони тиб тезтар ва дақиқтар ва росттар бошед .Замони беморӣ бар пояи сахти он гувоҳ ва камтар мешавад Табъҳои солим дар замонҳои чоҳоргонаи худ баробар ҳастанд чигунае кушандаи он  чи басо дар афзоиш ва гоҳе дар боло рафтани дами он бемориро ба нобудӣ мекашонад.

**Шинохтгоҳи пухтагии беморӣ**

Агар табъҳо омосӣ бошанд, пухтагии онро аз пешоб метавон ташхис дод ва мо онро дар як бахши ҷудогона бо хости Худованд, ёд кардаем. Дар табъҳои беомос ниёз аст, ки бо баррасии пешоб, нигоҳе ба пасмондаҳои берун омада аз андоме дошта бошед ,ки дар он омос аст дар бемориҳои гармсина ва шуш нигоҳе ба пасмондаҳои берун омада аз гулу кунед ва то ҳангомеки чизе аз ин пасмондаҳо берун наояд табъ низ сабук нахоҳад шуд.

Замони расидани он низ нахоҳад омад. Агар дар бемори берун ронд андаке ва обаке ва бо  сахти аз гулу дошта бошад он оғози пухтагӣ мебошад. Агар он берун ронда бисёр суфта ва ба осонӣ биёяд пухтагии он комил шудааст. Гунаҳои дигари он нишонаҳои бадиро дар ростои пухтагии беморӣ ба намоиш мегузоранд. Ҳамчун  хилт, ки сурх аст ва бадтарин з-он зард ва бадтар аз ҳамаи онҳо сиёҳранг мебошад. Ва чунончи ин нишонаҳо ба тунди ошкор шаванд, наметавон намоишгари бадӣ ва намоишгари пухтагии беморӣ бошад, балки уфунати бадӣ ҳамчунин пешоби сиёҳ ва пасмондаеро нишон медиҳад ки дар даруни косаи зард обгир карда халтае, ки умеди пухтагии беморӣ бар он бошад, бештар ранги сафед дорад ва низ андаке зардӣ ва сурхӣ дар он аст, вале бар оби даҳон чирке надорад ва онро фаро намегирад. Пухтагии комил сафед аст. Нишонаи дигаре ки бартарӣ бар ин ранги сафед дорад ва пухтагии комилро нишон медиҳад ҷобаҷо шудани ҳолати обаке аст ки ба суи суфтатар шудан ва ҳамчунин сахтии пешоб кардан ба осонҷ берун омадани пешоб бадал мешавад.

**Нишонаҳо ва пешогоҳӣ омадани буҳрон**

Марг ва беҳбудӣ (зиндагӣ) дар ду нутқа баробариҳам мебошанд, чи басо ки ҳоли бемор андак-андак бад шавад ва

бимирад ва гоҳе кам кам хуб шавад, то беҳбудӣ ёбад ва чи басо, ки якбора бо таҳиясозӣ беҳбудии комил ба дунбол дошта бошад. Вале гоҳе таҳиясозӣ якбора ба хуб шудани комил намеанҷомад ва ин ки андаке беҳбудӣҳосил мешавад. Гоҳе рухдоди бемориро ба сӯи бадтар шудан мекашонад ва пас з-онкам-кам ба марг меанҷомад ва ё пас з-онпешомаде сабаб мешавад якбора бемор ба нобудӣ кашонида шавад. Мо ин гуна рухдодҳоро, ки барои бемор пеш меояд, таҳлия кардани як бемор ва ин дигаргунии бузургро бӯҳрон меномем. Ва дар сурате, ки ҳолате ба хуб шудани комил бианҷомад, онро бӯҳрони хуби комил меномем ва он ки беморро ба беҳтар шудан мерасонад, буҳрони хуби норасо ном гузоштаем.

Ҷойгоҳи ин дигаргуниҳо якбора дар бемориҳои сахт ва неруманд аст ва ҳар чи беморӣ сахттар бошад рухдоди ин дигаргуниҳо бештар ва нерумандтар хоҳад буд. Вале дар бемориҳои куҳна андак андак саранҷом ба хуб шудан ё марг меанҷомад.

**Нишонаҳои хуби пешогоҳи омадани бӯҳрон**

Пеш аз омадани бӯҳрон, нишонаҳои бетобӣ ва ошуфтагӣ ва бимноке ошкор мешавад. Мардум ва пизишкони нодон бар ӯ дилсузӣ мекунанд, агар табъи вай аз гунаи табъҳои навбеҳ бошад. Чуноне, ки дар ҳангоми навбеҳ ё ҳангоме, ки навбеҳи он аз вақти табии ҷулу биафтад, табъ сахттар гардад ва нишонаҳои он афзоиш ёбад табъ фарогир аст. Чун нишонаҳое пеш аз бӯҳрони он сахттар ва нерумандтар шудааст. Аз нишонаҳое, ки пеш аз бӯҳрон меояд ва ҳамчунин ҳушдордиҳандаи он аст.

Парешонхаёлӣ ва хоболудагӣ, беҳушӣ ва саркаҷӣ ва бетобии бемор ва ҷангандозӣ ба ҳар чиз ва ҷобаҷоӣ ва ба шаклҳои гуногун дар омадан ва тангии нафас ва сардардии сахт ва дард кардан ва ранҷурӣ ва дилошубӣ ва сурхии рӯ ва дидани чизҳои муваҳам ва хаёлпардозона ва резиши нохостаи ашк ва каҷ шудан ва ларзиши лаби поин ва дарди шикамба ва бахшҳои поини шикам ва пушт, табларза, сахтӣ дар пешоб кардан ва ё пушти сар ҳам ва пеш аз андоза рафтан барои рондани пешоб ва ташнагии бисёр ва дилтангӣ ва ларзиш ва кашида шудани сари

устухони дандонҳо ба боло ва монанди ин нишонаҳои бад ва тарснок мебошад.

Агар беморӣ сахт бошад ва бархе аз ин нишонаҳо ошкор шуда ва набз ва дам фуру бурдани неру ва мунтадир шавад,ҳангоми “пухтагии беморӣ” фаро расидааст. Бовар дошта бошед, ки пас аз он таҳиясозӣ хоҳад буд, ки ба сурати хунрезӣ аз байн ва боло овардан ё берун ронданҷ пасмондаҳои суфта ё арақ кардан ва ҷузъи онҳо хоҳад омад. Вале ҳоли беморӣ ё ба беҳбудии комил ва ё ба беҳтар шудани андак-андак меанҷомад. Ба вижае агар ин ошуфтагӣ ва шуридагӣ рӯз ё шаб, ки ба рӯз бо ҳур(авҷи боло будани табъ) пайванд хурда бошад.Ҳаргоҳ ин нишонаҳо пеш аз пухтагии беморӣ ошкор шаванд ва бо ҳамроҳи он набз фуру афтад, бояд бидонед ки ин ҳолат ба сӯи бадтар шудани беморӣ хоҳад рафт.

**Шинохти гунаҳои таҳиясозӣ ҳамроҳи бӯҳрон**

Бӯҳрон ё бо ҷобаҷо шудани мавод аз бархе андомҳо ба андомҳои дигар мебошад. Монанди чирк дар поини гӯшт, ки аз берун рондани пасмондаҳои мағз ба он аст ва рухдоде ки дар гардан руй медиҳад аз таҷзияи мавод гирифтагиҳои сахти гулу мебошад. Омоси даст ва по ва сиёҳ шудани онҳо дар бархе аз бемориҳои сахт, бар асари омадани маводи чиркӣ аз андомҳои дигар ба он андом мебошад ва ё ба таҳиясозии ошкор ба гунаи хунрезии бинӣ ва боло овардан ва берун рондани пасмондаҳои суфта ва таровиши арақ ва пешоб ва чиркҳои дамли ҳамроҳ аст ва инҳо низ намуде аз буҳрон дар бемориҳое аст, ки сахтии бисёр надоранд

Берун омадани пасмонда аз даруни гӯшт буҳрони бемориҳои падидомада дар мағз аст, ки дорои гармо ва сахтии боло намебошад. Омосҳои сахт ва бад, ки гирифтагиҳое падид оваранд, он ҳам ба гунае, ки андомро сиёҳ кунад, буҳрони табъҳое аст, ки бо омоси андомҳои даруни шикам ҳамроҳ аст, ки табиати он хеле неруманд намебошад ва балки нотавон аст ва бемор эҳсоси дард дар бандҳои устухони худ дорад. Таҳиясозиҳои ошкор дар бӯҳрон табъҳои неруманд ва сахт дида мешавад, ки ба ҳамроҳи он табиат неруе пойдор дорад ва шеваи

таҳиясозӣ дар бештари ҳолатҳо ба худ гунаи табъ боз мегардад. Поёни табъи сӯзанда бо арақ кардан ва табъи хунӣ бо хунрезии бинӣ аст, гоҳе табъи сӯзанда бо хунрезии бинӣ ба поён мерасад.

Буҳрони бемории сарсон якбора бо хунрезии бинӣ ва бори дигар бо резиши бисёри арақ аз сар хоҳад буд. Поёни табъҳои омосии ҷигар ба хунрезӣ аз сӯи рост ва ҳамчунин бо пешоб кардан ва рондани пасмондаҳои суфта ва арақ кардани бисёр дар ҳамон ҷойгоҳ мебошад.

Буҳрони табъи ғаб бо арақ кардан ва боло овардан ё рондани пасмондаҳои зарди обӣ мебошад. Буҳрони табъи рубъи бо берун рондани пасмондаҳои суфта ва пешоб ва пасоби сиёҳ аст. Буҳрони табъи ғаби нохолис бо арақ кардан ва рондани пасмондаҳои зардобе ва балғам аст.

Аз мавориде, ки бар будани буҳрон поафшорӣ мекунад, будани чирк дар бархе баданҳои устухоне аст ва дар ин бемори табъ ҳамвора сахт нест, вале бандҳои беморӣ дарднок ҳастанд ва беморӣ пешоби обакӣ дорад.

Ҳамчунин аз чизҳое, ки бар омадани буҳрон поафшорӣ мекунанд, хунрезии бинӣ ва сурхии чашм ва рӯ ва анбоштагӣ(бод кардан)-и шоҳраги гардан ва падид омадани партавҳое дар баробари чашм ва резиши ашк, фаро гирифтани пардаи рӯи чашм, хориши бинӣ ва сурхӣ ва кашидагии парда ва ниёмаҳои шикам ба сӯи боло ва тангии нафас мебошанд.

Ҳамчунин нишонаҳои боло овардан ва дилошубӣ ва ранҷурӣ ва ларзиши лаби поин ва резиши бузоӣ (туф) аз даҳон нишондиҳандаи буҳрон аст. Низ сахтӣ дар пешоб кардан пас аз ошкор шудани нишонаҳои буҳрон ва дучори банд омадани шикам гардидан ва набзи ором, вале бар тан гарм ва намнок дар даст задан ба тан бо ҳолати дард ва сузон шудан ва низ рондан (шикамравиш) аз даст додани ин нишонаҳо ва сангинӣ дар поёни ноф нишонаи будани буҳрон мебошад.

**Нишонаҳои хубӣ ё бадӣ ё комил ё норасо будани буҳрон**

Буҳрони хуб пас аз пухтагии комили беморӣ мебошад. Он чи ки пас аз шакл гирифтани як расидани комил биёяд, андозаи норасо будани хубии буҳронро месанҷад, вале ончи аз

нишонаҳои пеш аз пухтагии бемор биёяд, низ метавон буҳрони бадеро ташхис дод.

Беҳтарин буҳрон таҳиясозӣ аз омехтагии падидоварандаи беморӣ мебошад ва аз назари андозаи чандон костӣ дар он набояд бошад. Ба дунболи он бемор эҳсоси сабукӣ ва роҳати бисёр намояд. Пас аз он ҳамаи дардҳо ором шаванд ва аз миён бираванд, то ҷое ки дар ӯ ҳеҷ чиз ҷуз сустӣ намонад. Ва бадтарини он ин аст, ки нишонаҳое гирдомада з-он сӯи гузораи пешина бошад. Вале буҳроне ки бархе аз ин нишонаҳои ёдшудаи хуб ё бад дар он ҳувайдо шавад, он буҳрон нокомил аст ки метавон аз хуб ё бад бошад.

**Рӯзҳои буҳрон**

Таҳиясозиҳое, ки ном бурдем дар бемориҳои сахт падид меоянд. Дар бархе аз рӯзҳо беморӣ дар бемор дигаргуниҳои бузург рух медиҳад, аз ин рӯ, ин рӯзҳоро рӯзҳои буҳрон меноманд.

Рӯзи нахуст ва рӯзи дуюм ҷузъи рӯзҳои буҳрон намебошанд.

Рӯзи сеюм рӯзи буҳрон аст ки дар он табҳои бисёр-бисёр сахт сипарӣ мешаванд.

Рӯзи чаҳорум низ рӯзи буҳрон аст ва дар он таб камтар дида мешавад.

Рӯзи шашум ва ҳафтум рӯзи буҳрон мебошад ва агар дар он нишонаи хубӣ чун пухтагии пешоб ё таҳиясозӣ ба гунаи норасо ва кам, вале бо андак сабукӣ ҳамроҳ дошта бошад, нишонаҳои хубӣ аст. Дар рӯзи ҳафтум агар нишонаи баде дар он ошкор шавад ва ҳоли бемор ба сӯи хеле бад гарояд, бояд бидонем ки ҳамаи инҳо аз рӯзи шашум будаанд.

Рӯзи панҷум низ рӯзи буҳрон аст. Буҳрон дар он бисёр хуб мебошад.

Пеш омадани буҳрон дар рӯзи шашум бо рӯзҳои чаҳорум ва панҷум тафовуте надорад. Вале наметавонад буҳрони хуб дар он рӯз бошад. Агар мавриде пеш биёяд, бемор аз таҳиясозие, ки дар он буҳрони хуб дида мешавад суд бибарад, чунин ҳолате холӣ аз сахтии бисёр мебошад ва тарси бузург нест. Албатта ин буҳрони

комил набуда, балки андаке аз моддаи нахустини беморӣ дар бемор монда ва метавонад дубора бемориро бозгардонд.

Рӯзи ҳафтум бо дигар рӯзҳои буҳрон дар бисёр будани он дар ин рӯз ва хубии он аз дигар рӯзҳо, тафовут дорад ва ин гуна аст, ки ба хилофи рӯзи шашум мебошад. Ва буҳронҳои падидомада дар он ба содагӣ ва андаке хатар ва таҳиясозии комили моддаи беморӣ ба гунаи чизе аз он модда наметавон дубора бозгардад.

Рӯзи ҳаштум буҳрон наметавонад дар ин рӯз руй диҳад, магар бисёр андак ва он низ аз гунаи бад аст.

Рӯзи нуҳум рӯзи буҳрон аст, ба монанди рӯзи сеюм ва панҷум, дар он буҳрон бисёр рух медиҳад ва бештар аз гунаи хуб аст ва ҳушдордиҳандаи паёмадҳои рӯзи ёздаҳум аст.

Рӯзи даҳум дар он буҳрон нест ва агар бошад, гунаи бад аст.

Рӯзи ёздаҳум рӯзи буҳрон аз гунаи сеюм ва ҳафтум ва ҳушдордиҳандаи паёмадҳои рӯзи чаҳордаҳум аст.

Рӯзи дувоздаҳум ҳамчун ҳаштум дар он буҳроне нест.

Рӯзи сездаҳум, миёна дар рӯзҳое аст, ки буҳрон дар он ва бебуҳронӣ мебошад. Агар буҳрон дар он рух диҳад андак аст.

Рӯзи чаҳордаҳум рӯзи буҳрон ва паст аз ҳафтум бештарин буҳрон ба вижа гунаи хуби он дар ин рӯз падид меояд.

Рӯзи понздаҳум монанди сездаҳум аст.

Рӯзи шонздаҳум дар он буҳрон падид намеояд ва ҳаммонанди рӯзи дувоздаҳум аст.

Рӯзи ҳабдаҳум рӯзи буҳрон аст ва монанди рӯзи нуҳум мебошад ва ҳушдордиҳандаи омадани он дар рӯзи бистум ва бисту якум аст.

Рӯзи ҳаждаҳум дар он буҳрон камтар аз ҳабдаҳум ва ҳамчунин гунаи бади он аст.

Рӯзи нуздаҳум наметавонад дар он буҳрон бошад, ҳарчанд гунаи бади он дида шавад.

Рӯзи бистум, рӯзи буҳрон аст ва пас аз рӯзи чаҳордаҳум бештарин буҳрон ва хубтарини он дар ин рӯз падид меояд.

Рӯзи бисту якум, дар он буҳрон низ аст, ҷуз он ки хеле камтар аз рӯзи бистум аст.

Рӯзи бисту чаҳорум рӯзи буҳрон аст ва бисёр руй додани буҳрон дар он пас аз рӯзи бистум мебошад.

Рӯзҳои бисту ҳафтум, ва сиюякум ва сиючаҳорум ва сиюҳафтум ва чиҳилум ба монанди онҳо хоҳанд буд. Дигар рӯзҳое ки ном набурдем рӯзҳое ҳастанд, ки наметавонад буҳрон дар он падид ояд ва пас аз рӯзи чиҳилум низ наметавонад буҳрон ҳамроҳ бо як таҳиясозии ошкор ва неруманд биёяд.

Бемориҳое ки ба он бирасанд, бо обшудани ороми беморӣ ба поён мерасанд.

Нерумандтарин рӯзҳои буҳрон то чаҳордаҳум ва пеш аз он ва сипас то бистум мебошад ва ҳафт-ҳафтҳо чун рӯзи ҳафтум ва чаҳордаҳум ва бистум, ва чаҳор-чаҳорҳо чун рӯзи чаҳорум ва чаҳордаҳум ва бисту чаҳорум ва рӯзҳое ки дар миёни инҳо қарор гирифтаанд чун сиюпанҷум, нуҳум, ёздаҳум ва нуздаҳум рӯзҳое ҳастанд, ки буҳронҳо дар он бисёр неруманд мебошанд, бавижа, рӯзҳои ҳафт-ҳафт ва чаҳор-чаҳор. Агар беморӣ аз рӯзи бистум бигзарад ва нишонаҳои рӯзҳои миёна дар он суст гардад, ба гунае ки натавонад дар он миён буҳрон падид ояд, нерӯи рӯзҳои чаҳор чаҳор коҳиш меёбад ва нерумандӣ дар рӯзҳои ҳафт-ҳафт пас аз он хоҳад буд, ҳамчун рӯзҳои бисту ҳафтум, сиючорум ва чиҳилум.

Албатта тавони берун рондан бо таҳиясозӣ суст мешавад ва он бо берун рондани чиркҳо ва ё бо таҳлили онҳо анҷом хоҳад гирифт.

Агар бархе аз нишонаҳои буҳрон дар рӯз ё шаб ба дунболи рӯзи буҳрон ҳувайдо шавад, пизишк бояд такя ва гароиши худро ба нишонаҳои ошкоршудаи дар оғози беморӣ дар ростои падид омадани буҳрон қарор диҳад, на худи беморӣ, дурусттар ин аст, ки буҳрон дар он рӯз биёяд, бавижа агар барои рӯзи буҳрон ҳушдоре низ дода шуда бошад, чунончи дар рӯз ё шабе ки ба дунболи он буҳрон наметавонад биёяд, ки ин нишонаҳо ошкор гарданд, беҳтар аст пизишк камтар умед ба падид омадани буҳрон дошта бошад.

Пизишк дар чунин ҷой бар нишонаҳои худи беморӣ бештар такя дошта бошад, бавижа агар расидани беморӣ пас аз он

ҳувайдо нагардад, чунончи пизишк ба таби бо дамои бисёр боло бархурд намояд, ки он кор пайваста бошад ва ҳеҷ гуна давраи истоӣ (навбатӣ) надошта, балки нишонаҳои бисёр сахт ва неруманд дошта бошад. Сипас нишонаҳои марги он ҳам ба сурати сахт ва неруманд дар ӯ бубинад, ӯ бояд бифаҳмад ки бемор дар рӯзи чаҳорум ё пеш аз он хоҳад мурд ва агар ба он сахтие набошад, бемор дар рӯзи шашум хоҳад мурд, бавижа, агар дар рӯзи чаҳорум нишони ҳушдордиҳандаи баде падидояд. Ва з-он сӯ агар таби бисёр неруманд бо нишони саломатӣ биёяд, пас буҳрон пеш аз рӯзи чаҳорум ё ҳамон рӯз хоҳад буд. Вале агар то андозае сахтии он камтар бошад буҳрон дар рӯзи ҳафтум бавижа агар дар рӯзи чаҳорум нишонаи хубӣ ҳамроҳ бо расидани беморӣ ё андаке сабук шудан дар он ошкор гардад. Агар дар рӯзи шашум ё дар шаби ҳафтум нишонаи буҳрон ошкор шавад, пас беҳтар аст пизишк бар боварии худ биафзояд, ки буҳрон дар он рӯз хоҳад расид.

Бидон ки шинохти нахустини буҳрони хуб, дақиқтар ва пойдортар аз гунаи бади он аст ва шинохти он мутмаинтар мебошад. Аз ин рӯ, ҳар гоҳ бемор сахтии камтар ва дамои поинтар дошта бошад, пас интизори буҳрон кундтарро бояд дошт.

Рухдодҳои падидомада дар рӯзҳои ҳушдор додашударо бояд баррасӣ кард ва интизори инро дошта бошад, ки бемории сахте дар наздиктарин рӯзҳои буҳрон барои мариз падидор хоҳад шуд. Агар чунин нахоҳад буд, пас камтар аз он бошад,интизор дошта бошад ки дар ҳафт-ҳафтҳои вижа бо нерумандии бисёре дар он хоҳад омад.

**Шинохти пешоб**

Пешобро бо шинохти ранг, бастагӣ, буй, таҳнишиншудаҳо ва шиноваршудаҳои даруни он ва ё он чи рӯи он қарор гирифта бошад, баррасӣ мекунанд.

**Ранг**

Нахуст ранги сафеди обакӣ, ки монанди ранги об аст. Ин пешоб дар бемори нотавон падид меояд, ки тавонои нигоҳдории пешобро надорад ва дар он пешоб чак-чак ва ғайри ихтиёрӣ ронда мешавад. Ва он бар асари беморие аст, ки дорандаи он ҳар

чи об мехӯрад, ташнагии ӯ фурӯкаш намешавад ва дар ҷо пешоб менамояд Ва ҳамчунин дар паи хӯрок ва шароб пеш аз гуворидани хуби онҳо пеш меояд. Пайдоиши пешоб дар беморие, ки дучори бемории нотавонии нигоҳдории пешоб набошад ва ё дар наздики замони хӯрдан ё ошомидан набошад, нишондиҳандаи бисёрии иштиҳо ва норасӣ ва нопухтагӣ ва забунии ҷигар аст.

Ранги дуюми пешоб андаке ба зардӣ гароида монанди оби коҳ аст ва нишондиҳандаи пухтагии суст ва норасо будани он аст.

Ранги сеюм ки ба ранги турунӣ аст ва намоишгари пухтагии хуб ва дамои миёнаи ҷигар (на кам на бисёр) мебошад.

Ранги чаҳорум ранги оташин аст. Намоёнгари дамои боло ва изофӣ мебошад.

Ранги панҷум ки ҳамранги гиёҳи заъфарон аст, ин ранг нишонгари дамои боло ва оташин будан нест, балки намоишгари фаровонии хуни тан аст, ки андаке аз он бо пешоб омехта шудааст.

Ранги шашум сурхи сер аст, ки намоишдиҳандаи чирагии зардоб ва хун дар тан мебошад ва чунончи кафи рӯи он низ ба ранги зард гарояд, пас бемории зардӣ рух додааст.

Ранги ҳафтум сиёҳ аст. Агар пешоб тиратар аз ранги хурмоӣ ва сурх бошад, нишондиҳандаи бисёри илтиҳобу сухту сӯзи болост ва аз ҳамаи пешобҳо бадтар ва дар табҳои сахт мебошад, бавижа агар бастагии он хеле зиёд бошад. Агар касе чунин пешоб дошта бошад, зинда буданаш поин аст.

Пешоби сиёҳранг назди занон ба дунболи хуни моҳона ва дар поёни он ва дар бемориҳои талхобӣ чун таби рубъ ва бузургшудагии сипурз ва молихулиё ва ҷуз он дида мешавад ва намоишгари бадӣ нест ва чи басо ҳувайдодиҳандаи хубе аст, албатта агар он пас аз поён омадани бемориҳои талхобӣ бошад.

Агар пешоби сиёҳ дар паи пешоби сафед ва сабз бошад, дар ин ҳангом намоёнгари сардии бисёри тан ва хомуш шудани ҳарорати ғаризии он мебошад. Андозаи бад будани он, камтар аз аввалӣ нест, балки бар он фузунӣ дорад. Гоҳе пешоб пас аз ҳино задан, ранги сурхи тунд ба худ мегирад. Касе ки фулус, сабр ва заъфарон ва бисёре аз чизҳои дигари дорои рангдонаро бихӯрад,

пешоби ӯ ба ранги сурх дармеояд. Ҳамчунин ранги сабзи пешоб нишона аз хурдани сабзиҳо ва сиёҳии ранги он аз хурдани талхӣ ва нӯшидани шароби сиёҳ мебошад. Ҳамон гуна ки гуфтем, камрангии пешоб нишон аз нӯшидани оби бисёр ва ё пас аз хӯрдан ва ошомидани нӯшобаҳо аст. Пешоб ҳамчунин дар дардҳои сахт рангин мешавад ва аз омехтагии сардӣ ба вуқуъ меояд, ҳамон гуна дар бемории қулинҷ ва дар дарди дандон ва гӯш пешоб рангинтар мешавад. Дар ин гуна ҳолат аз дигар нишонаҳо низ барои он метавон гувоҳӣ овард.

Будани захме дар дастгоҳи пешобсоз сабаби бадбӯ шудани пешоб мешавад ва гоҳе бо бадбӯӣ дар он тирагии ранг низ дида мешавад. Ва бастагии он омехтаи чирк ва хуноба мебошад ва агар таҳнишин дошта бошад, пас дар таб сӯзанда нахоҳад буд ва дар ҳангоми берун омадани пешоб сузише бо ҳамроҳӣ нахоҳад дошт. Ва бӯи бади он низ ба монанди бӯи бади пешоби падидомада аз уфунати даруни рагҳо намебошад.

**Бастагӣ**

Бастагии пешоби обакӣ ҳамчун об аст ва намоишгари норасо будани пухтагии пешоб мебошад. Бастагии сифти пешоб, ки ба андозаи сифти памодии равғанӣ ва он чи дар кисаи зардоб аст, намоёнкунандаи пухтагии бисёр ва аз миён рафтани намурии тан ва фурӯкаш кардани он мебошад. Миёни ин ду нишони пухтагии комил ва тандурустии ҷигар ва миёна будани намуриҳои рагҳост.

Бастагии сифт нишона аз омехтагиҳои норас ва хом дар рагҳо ба ҳамроҳи ҳарорате, ки дар он кор мекунад ва онро бармеангезад, мебошад.

Ҳар чи пешоб бастагии сифттар дошта бошад, ба тундӣ шиносоӣ мешавад ва соф мегардад ва лирди он дар пойин таҳнишаст мешавад. Ҳар чи зудтар лирди он таҳнишаста шавад ва ором гирад, ба пухтагӣ ва сухту сози комил наздиктар мегардад.

**Бӯй**

Бӯйи тунде, ки хеле бадбӯ бошад, нишони пухтагии хуб ва ҳарорати боло мебошад ва дар табҳо ва омоси ҷигар дида мешавад, ҳушдордиҳандаи он аст. Низ ҳамроҳи захмҳои

дастгоҳи пешобсозӣ ҳамонгуна ки гуфтем, мебошад. Вале миёни ин ва он ҳолат тафовут гузоштаем. Бебӯ будан, албатта нишони норасоии бисёр ва пухтагии нодуруст мебошад ва ҳолати миёни ин ду нишона аз миёнагии дамо ва пухтагӣ аст.

**Таҳнишинҳо**

Таҳнишастҳо ва низ он чӣ рӯи пешоб қарор гирифта ва он чи шиноваранд, маводи гуногунеанд, ки бархе аз онҳо пасмондаҳои падидомада аз гувориши саввум дар рагҳо мебошанд, ки барои мо дар роҳи шинохт ва ташхиси табҳо ва чирагии зардоб судманд мебошанд. Бастагии он ба монанди пунбаи нарми ҳаллоҷишуда, ё абр аст. Наздиктарин чизи ба он ҳаммонанд таҳнишасти гулоб аст, аз тақтири он дар қорура мебошад. Беҳтарини ин таҳнишастҳо сапеди он аст, ки дар поёни зарф мегирад ва нарм аст. Ва агар ин ҳолат дар рӯзҳои беморӣ пайваста мондагор бошад, пас таҳнишасти хуб наметавонад бошад, магар он ки ба беҳтарин рангҳо ҳамон ранги турунҷӣ ҳаммонанд шавад. Беҳтарин бастагии миёнаи обакӣ ва сифт будан аст. Беҳтарин буй он аст, ки на хеле бадбуй ва на бебуй бошад. Ин сутудатарин пешоб хоҳад буд, ки дорои нишонаҳои сухту сози комил ва дур аз ҳар гуна беморӣ ва бадӣ мебошад . Дар пайи он пешобе аст, ки андаке чизҳои шиновар болову миёнаи зарф ҳаракат мекунанд. Ин ду ҳеҷ гоҳ таҳишаст намешаванд, балки нишонаи бузург барои нишон додани комил ва дур аз ҳар гуна беморӣ аст. Агар маводи шиновар ошкор шаванд ва барои бемор паёмади бад падид наёваранд, пас аз андаке таҳнишаст мешаванд. Бахши кафи руйи пешоб нахуст ба шиновар шудан ва сипас ба таҳнишаст шудан бадал мешавад. Беҳтарин рангҳои таҳнишаст сафед, сипас сурх аст. Ранги сурх таҳдидкунандаи тандурустӣ ё дароз шудани замони беморӣ мебошад. Вале агар таҳнишаст зардранг бошад, ба андозаи зардии он бад мебошад. Бадтарин ранги пешоб зард будан аст ва аз он бадтар сабз ва сипас сиёҳ мебошад.

Ин таҳнишастҳо нишон медиҳад, ки моддаи беморӣ аз роҳи пухтагии беморӣ дур шуда ва ба уфунат ва табоҳӣ расидааст. Ва ранги сиёҳи дуруст дар баробари ранги сафед аст ва таҳнишини

сиёҳ агар руйи пешоб бошад, камтар аз ҳолати шиноварӣ бад аст, ҳамон гунае ки дар таҳнишинҳо бадтарини таҳнишин сиёҳранг  ва беҳтарини он сафедранг аст ва низ андозаи тирагӣ ки миёни хубӣ ва бадӣ аст, ба андозаи гароиши он ба сиёҳҷ ва ё сафедӣ мебошад.

Ҳамчунин таҳнишини савиқӣ бад аст агар ба ҳамроҳи таби сахт бошад, намоишгари он дер  омадани ҳангоми беморӣ аст. Ин гуна пешоб аз ҳар кас берун ояд, пешогоҳии марг барои бемор дорад. Ин таҳнишин ба монанди лирди шароб аст, ки роҳи пухтагии  дурустро паймудааст ва гоҳе аз пешоб ва бори дигар аз гунаи таҳнишини пешоб монанди оташин,  заъфарон ва сурхи тира ва аз ранги тор мебошад.

Агар аз пешоби сафеди обакӣ нахуст ранги зард мегирад, бастагии болотаре пайдо мекунад то ба ранги турунҷӣ бирасад ва бастагии он миёна хохад буд. Дар ин ҳангом агар дар рагхо пасмондахои беморӣ бошад тахнишасти хубе хоханд дошт. Бемори аз гунае анбоштаги аст ва андоми бемори табдор фарбех мебошад, вагарна ин танхо барои нишон додани пухтагии комил басанда хохад буд. Ва чунон чи аз рангхои дигари як пешоби хамоханг ва миёнагузар карда ва сипас огоз ба кохиши андак-андаки рангхо карда бошад, пайваста поён меояд то ба обакӣ шудан ва ба ранги турунҷӣ шудан ва бастагии миёна бирасад.

Агар дар табе пешоб ба пухтагии комил нарасад ва ё аз андозаи дуруст пухтагӣ гузарад, сипас ба суи холати рӯзонаи хамешагӣ бозгардад, ин таб аз гунаи солим аст ва омехтагии он ба пухтагии боло хохад расид. Ва пилишту уфунӣ намегардад. Чунончи нишонаҳо 3-он сӯи гуфтаи мо бошад, дар ин ҳангом беморӣ ҳавлнок аст, агар бо хамрохи он неру фурӯ афтад, нишондихандаи фаро расидани марг аст ва агар неруманд бошад, навиддиҳандаи ба дарозо кашида шудани беморӣ аст. Ҳолати нахуст дар табхои балгамҷ ва диққу талхобӣ ва холати дуввум дар табхои бисёр сахт ва бисёр осебзову бад аст. Агар пешоб дар ростои пухтагии хуб аз холати лирди шароби тунд ба суи соф ва тахнишин шудан биравад то он ки русуби хуб бар пояи он чи гузор кардем, ба даст ояд. Бехтар аст пизишк дар ин

ҳангом ба андозаи неруи бемор нигох кунад. Агар неру ба андозаи басанда гармкунанда ва нигохдоранда бошад, бар бемор тарси нобуд шудан намеравад.

Чунончи пешоб ба тундӣ дар роҳи соф шудан аз тирагӣ бошад, бехбудӣ низ ба тундӣ анҷом мепазирад. Агар тавоноии бемор поён буда хатар барои ӯ метавонад дар бар дошта бошад. Чунончи дар соф шудани пешоб аз торӣ ба кундӣ анҷом гирад ва чанд рӯзе ба дарозо кашад ва чизе ки намоёнгари он бошад нишон дода нашавад ва ё андаке намоён гардад. Ин нишондихандаи марг хоҳад буд. Агар дар пешоб як бор пухтагии комилро нишон дихад ва сипас ба холати анҷом нагирифтани пухт биравад ва ин кор чандин бор анҷом шавад, дар чунин вазъияте ва навбахои таб дар хам меомезад ва модаи таб аз омехтагихои бисёр ташкил мешавад. Дар ин чо бо нигох кардан ба андозаи неруи бемор метавон ба тандурустии ӯ умед дошт.

Нуктаҳо ва гӯшаҳое аз шинохти пешоб дар табҳо, ки ба будани онхо ниёзи бисёр ҳаст. Нишонаҳои дигаре аз пешобро бе назму тартиб ёд хоҳем кард.

Пас мегуем: пешоби чирк ва бо дурахшандагии кам, ки ба ранги шароби номарғуб ё ранги оби нахуд ки дар пухтани он зиёдаравӣ шуда монанди пешоби хонумхои бордор ва беморони истисқо ва касоне ки дорои омоси ғайри гарму кухна дар андомхои дарунии онхо хаст.

Пешоби ҳамчун оби панир ва оби ҷав сафед нишон медихад ки дар он чирк хаст ва дар дастгохи идрори бемор захм вучуд дорад. Ҳамчунин пешобе ки ба монанди оби шуста шудани гӯшти тозаи хом намоишгари омехтагии андаки хун бо пешоб ва сустии ҷигар аст.

Агар пешоби бемор танхо хун бошад, ба чихати пора шудани бархе рагхои гурда аст. Агар дар пешоб санг бошад ва ба ҳамроҳи он тирагии ранг дида шавад ва бемор дучори дарди сахт дар камар шуда бошад, нишондихандаи санги гурда аст.

Агар дар пешоб санг бошад сипас битавонад пешобро зулол ва соф кард, пас санг дар пешобдон падид омадааст.

Пешоби пахшшуда пошидае, ки ба монанди пешоби улоғ аст, нишондихандаи сарддард ва баҳамрехтани хурд мебошад.

Чунончи таб аз миён биравад ва пешоб хануз рангин бошад, пас ҷигар гарм ва дорои омос аст. Пешоби пилишт ва зишт дар рангу бӯ ва бастагӣ дар паи омоси гарм дар дарун мебошад ки бемор аз он метарсад ва ба дунболи хуб кардани он меафтад сипас сабаби тандурустии ӯ мегардад.

Пешобе ки аз назари бастагӣ ба монанди равган бошад, ва ё равган рӯи онро фаро гирифта ҳар ду дар таби дик дида мешаванд.

Пешобе ки рӯи он равғани фаровоне бошад, нишондихандаи об шудани чарбуи гурда аст.

Пешоби сафеди обакӣ бо таби сахт агар ба ин гуна чандин рӯз бимонад, нишондиханда баҳамрехтагии хурд аст ва чунончи ин баҳамрехтагии хурд идома ёбад, намоишгари марг аст.

Агар пешоби касе ки дар холати бехбуди аст ба тундӣ ба суи ҳолати табиӣ дар тандурустӣ бознагардад,тарси баргашти бемори ба бемор бисёр хохад буд.

Пешоби ҳамонанди шир ё оби мардона агар андак бошад, навиддихандаи фалач ва сакта мебошад ва агар омадани он дар инчунин беморихо афзоиш ёбад, бемор лоғар ва нотавон мегардад.

Пешобе ки дар он тикаи хуне бошад, дар таби муҳриқа бад мебошад.

Пешобе ки ба монанди мост обакӣ аст ки ба ҳамроҳи таби сахт бошад, ҳушдордиҳандаи марги ноҳангом хоҳад буд.Чунончи дамои таб пойин наёяд ва сабук нашавад ва ё агар сабук шавад ба таби диқ ҷо ба ҷо мешавад.

Пешобе ки пайваста як ранг дорад ва тағир намекунад дар табхое аст, ки нишондихандаи сахтии таб мебошад.

Чизхое ки дар пешоб вучуд дорад бисёре аз тахнишастҳо ва ҷуз он мебошад яке аз ин тахнишастҳо зулолӣ ва шаффофияту дурахшандагӣ дорад ва ба монанди оби тактиршуда дар шишахои гулоб. Ва чи басо шафофтар ва зулолтар аз он аст ва ҳамчунин ба монанди тиккахои ях канори ҳам қарор гирифтаанд

ва ин дурахшандагӣ ва зулолҷ ва шаффофҷ ва тахалхул ва сабукиро дар ҳеч тахнишини дигар наметавон дид.

Агар ҳамаи пешобро ба ҳам зананд он тираву тор нашавад ва тахнишаст ба тундӣ поин наравад ва чи басо ҳаргиз поин наравад, ин пасмондаи гуворише сохташуда дар рагҳост ва пеш аз ин онро ёд кардем.

Дар мартабаи савум як омехтагии хом ва норас аст агар сапедранг ва дорои зарроти ҷудо аз хам ва сабуку зулол набошад, ҳамонанди муми обшуда аст .

Мартабаи савум чирк аст ки ба гунаи бурида-буридашуда аст ва агар пешобро такон диханд, пешоб тор мешавад ва он тикахо боло меравaнд ва сипас баргашта тахнишин мешаванд.

Сӯзиш дар ҳангоми пешоб кардан гоҳе бӯи бад ва хун ба ҳамроҳ хоҳад дошт.

Мартабаи чаҳорум пешоби сангдор аст ,ки гунае аз он ба ранги сурх ба монанди чашми шаҳло, вале камрангтар мебошад. Ва инхо аз гурда берун меоянд ва бархе ранги кам надошта балки ба ранги хок ва чи басо ба ранги сурхи хокистарӣ аз пешобдон хорич мешавад.

Мартабаи панҷум, пешобе ки дорои муй аст, он андоме ба монанди муйи сафед ва на сапеди ноб ва дарозои он чаҳор ангушт то як вачаб мебошад ва аз гурда берун меояд ва намоишгари холати баде нест, балки нишондихандаи омехтагихои норас ва хом мебошад. Ва дорухои пешобовар барои дармони он судманд мебошад.

Мартабаи шашум,пешобе аст ки хамчун тиккае аз гӯшт аст агар дарди камар низ дар канори он дошта бошад, аз гӯшти гурда ва агар хамрохи он таби мухрика бошад, нишондихандаи осеби сахт ва хатарнок дар тан буда ва хунро сифттар кардааст. Агар ба хамрохи таби диқ бошад, намоишгари об шудани ҳама гӯштҳои бадан аст.

Мартабаи хафтум, ба монанди хурдахои адаси пӯсткандашуда аст, ки намошгари боло рафтани дамои ҷигар мебошад.

Мартабаи хаштум, ҳамчун нухола буда, ки бештар аз бемориҳои пешобдон мебошад. Агар ба ҳамроҳи он сузиш бошад ва пойдору ба дарозо кашида шавад ва ранге надошта, нишон медиҳад ки аз пухтагии хуб бисёр дур аст ва чи басо аз рагҳо бошад. Агар инчунин буд, бояд бо таби сӯзанда ҳамроҳ бошад ва ба пухтагии комили беморӣ бисёр дур хоҳад буд ва ҳушдордиҳандаи нобудӣ аст, бар пояи ончи гуфтем.

## ШИНОХТИ ПЕХОЛ

Беҳтарин пехол гунаи нарму равон ва пайваставу гароянда ба ранги зард, ё зарди тунд аст ки инчунин пехол ҳангоми тандурустӣ берун меояд.

Пехоли пурранги озордиҳандаву сузандаи бофтаҳои бахшҳои поён намоишгари чирагии зардоб аст.

Пехоли хушк нишондиҳандаи андаки намурӣ ва боло будани дамо дар шикам аст.

Пехоле ки яксону якдасту якнавохт набошад, намоишгари гувориши нокомили хӯрок буда, ки бемор натавонистааст онро дуруст бигуворад. Пехол бо буйи бисёр бад нишондиҳандаи уфунати тан мебошад, он ки бо бод бисёр берун меояд, намоишгари сустии гувориш аст.

Пехоли сабзранг ва сиёх ки ба монанди дурдӣ ва ланҷи пилишт ва кушанда аст. Пехоли беранг намоишгари равон набудани зардоб дар лулаҳои худ аст. Пехоли чарб нишондиҳандаи таби дақ ва об шудани андомҳост. Пехоле ки андозаи он беш аз андозаи хурданӣ бошад, намоишгари фарасудагӣ ва фарсоиши тан аст. Пехоле ки бо рангҳои гуногун бошад, пешогоҳӣ будани омехтагиҳои палид дар тан аст. Пехоли куравӣ ва кафмонанд ва пехоли часпанда ҳар ду гунаи бад ҳастанд, ки яке нишонаи чирагии дамои боло ва дигаре об шудани андомҳост. Бисёр будани бодҳои беруномада аз поён агар натиҷаи хурдани хӯрокҳои бодсоз набошад, нишондиҳандаи кутоҳӣ ва норасоии гувориш аст. Набуди бод ҳушдордиҳандаи чирагии дамои боло ва фуру рафтани намурӣ ё бартарии сардӣ аст. Агар ба ҳамроҳи он ташнагӣ ва банд омадани шикам бошад, нишондиҳандаи ба дарун фурӯ рафтани

намуриҳо мебошад. Агар ба ҳамроҳи он барафрухтагӣ ва илтиҳоби сахт бошад, намоишгари бартарии сармост. Чунончи касе бихурад ва ҳамон ҳолати хурдашуда берун биронад, намоишгари бартарии сардӣ аст. Осонии берун рондани бод ва неруи рониш, нишондиҳандаи нерумандии шикам мебошад. Ва з-онсуи он сахтӣ ва сустӣ ва нотавонӣ дар берун омадани пехол, ки бо озор ва сахтӣ ҳамроҳ бошад ва ҳамчунин бисёр бадбуй будани он ҳушдордиҳандаи сустӣ ва нотавонии дастгоҳи гувориш аст.

## ШИНОХТИ НАБЗ

Касе ки мехоҳад ба шинохти дониши набз ва нишонаҳои он ошноии бештаре пайдо кунад, беҳтар аст дар ҳолати тандурустӣ ҳамвора ва бисёр набзи сурхрангро гирифта ва ба он хуб чанг андохта ва баррасӣ гардад, то ҳолати он дар диду таваҷҷуҳи ӯ пойдор бимонад ва дар ҳангоми беморӣ битавонад онро бо гоҳи тандурустӣ хуб бисанҷад. Пизишкон барои ҳар кадом аз ин гуна ҳолатҳои набз рақамро баргузидаанд ва ангезаи номидани нишонаҳои ҳар якро ёд кардаанд ва бо хости Худованд ба андозаи ҳадафи нигориши ин китоб бахшҳое аз онро ёд хоҳем кард.

Агар набз дар дарозои соид ошкор буда ва андозаи он беш аз ҳолати тандурустӣ намоён бошад, мегӯем набз бузургу дароз шудааст.

Агар набз ҳама паҳноии ангӯшти набзгирандаро фаро гирад, беш аз паҳнои гузаштаи худ бошад, ба он набзи паҳн мегуянд.

Агар набз гӯшти ангуштро беш аз андоза ба даруни худ фуру барад, ба он набзи болоҷаҳанда ва ё афрошта гуянд. Ва он агар камтар аз андозаи табиӣ бошад, ба он набзи фурӯафтода ва ё суст гуянд.

Агар аз назари дарозо ва паҳно ва афроштагӣ беш аз андозаи табиӣ бошад, ба он набзи бузург мегуянд ва агар кӯчактар ва норасо бошад, набзи кӯчак номанд.

Агар замон миёни ду набз кутоҳтар аз ҳолати табиӣ бошад, ба он набзи паёпай ва агар замон дарозтар бошад, набзи мутафовит гуянд.

Агар миёни оғози ҳаракат ва поёни он дар замони кутоҳ нисбат ба равиши ҳамешагии он анҷом гирад, ба он набзи тунд гӯянд. Агар ин фосила замоне дарозтар шавад, набзи кунд гуянд.

Агар зарабони набз гӯшти ангӯшти набзгирро сахт паст занад ва дар набз фишор истодагӣ кунад ва ҳаракати набзу фишор бар он ба гунае анҷом гирад ки асари он бар гӯшти ангушт ба ҷо бимонад, ба он набзи неруманд, агар з-онсуи он бошад, набзи суст номанд.

Агар дар ҳангоми фишор овардан ба тудаи фишурдашуда бархурд намояд, монанди гунае ки дар фишор овардан рӯи ҳики пур ором фурӯ меравад, бар он набзи пур ё анбошта гуянд. Ва чунончи ба монанди устухони наздики оринҷ сифт ва берунзада буда ва анбоштагию кашидагӣ надошта бошад, ба он набзи тиҳӣ ба ҷиҳати форми он гӯянд.

Агар касе дар ҳангоми гирифтани набз бо чизе ба монанди наху зардпай ки бисёр кашидашуда бархурд намояд, ба он набзи сахт гуянд ва агар дар дастмолиш монанди набзи сахт бизанад, вале кашидагӣ надошта бошад, ба он набзи суст ё нарм гуянд.

Агар ҳар яке аз набзҳо аз назари бузургӣ ва нерумандию тундӣ ба монанди набзҳои дигар бошад, ба он набзи яксон гуянд ва агар з-онсуи он бошад, онро набзи нобаробар ё мухталиф хонанд. Ин тафовут дар як набз дида мешавад ва он тафовут марҳалаи инқибози як набз бо набзҳое мебошад ва он эҳсосест, ки бо ҷустуҷуи набзи як ё ду ангушт ва беш аз ду ангушт меояд.

Пизишкон гунахои бисёреро ки ин гуна тафовут миёни онҳост номгузорӣ кардаанд. Мо низ бо хости Худованд дар ҷои худ ном хоҳем бурд. Агар ин ихтилоф руи як даври вижае давр бизанад ва ба холати дигаре наравад ки намунаи онро инчунин мегуем: агар миёни 3 набзи яксон як набзи мухолиф зада шавад ва миёни 4 ё 5 набз чунин шавад, ё миёни ҳар 5 набзи яксон ду набзи нобаробар дар он дида шавад ва ин давр пайваста идома ёбад, ба он набзи боҷоида ва равишманд гуянд. Ва агар ин давр равшанманд набошад, онро набзи беҷоида хонанд. Ҳаракати рагхои даруни тан ба суи беруни онро инбисот гуянд ва ин ҳаракат хамоне аст ки ҳамагон дар бархе аз ҷойҳои тан онро

эҳсос мекунанд. Ва намунаи он ҷаҳандагии сурхраги даст мебошад, гарчи пизишкони корозмуда бисёре аз ҷойҳои дигари тан онро эҳсос менамоянд. Ҳаракати набз аз берун ба даруни танро инқибоз меноманд ва ин ҳаракат гоҳе эҳсос мешавад ва гоҳе намешавад. Ёдоварии ихтилофи дидагоҳ миёни пизишкон дар ин ҷойгоҳ таваҷҷуҳи хосе надорад. Беҳтар аст, ки ба мардуми сода ва касоне ки дар андешаи омузиши боло ва пажуҳиш нестанд ёд бидиҳанд, ки ҳолати инқибоз махсус намебошад.

Набз дорои ду замон аст. Нахуст замони ҳаракат ва он аз ҳангоме аст ки ҳаракат дар сурхраг қобили ламс мешавад, то ҳангоме ки он ором мегирад ва он ҳаракат пинҳон мегардад.

Дувум замони оромиш аст, ки аз ҳангоми истои ҳаракат ва ниҳон шудани он оғоз ва то дубора ҳаракат идома диҳад. Ҳар кадом ин ду замон ба дигаре дорои нисбате аст, ки дар синни вижаи худаш мебошад. Нисбати ин ду замон дар кӯдакон ба монанди нисбати он дар навҷавонон ва миёнсолон ва куҳансолон нест. Ин нисбатро баробарвазнӣ гӯянд.

Агар набз дар як гурӯҳи синнӣ нисбати вижаи худро нигоҳ дорад, ба он мегуянд дорои баробарии вазни дуруст ва ин гуна номҳо мебошад.

Агар натавонад ин нисбатро нигоҳ дорад ба нисбати синҳои дигар хоҳад расид ва агар ин берун омадан аз нисбати худ аз синни кӯдакӣ ба нисбати вижаи синни навҷавонӣ биравад, ба он мухолифи баробарии вазн ва хориҷ-ул-вазн гуфта мешавад.

Агар берун рафтани он ва дастандозӣ ба нисбати вижаи миёнсолон ва куҳансолон бошад, ба он мухолифи баробарӣ ё вазни бад ва ё нобаробар ва ё ноҳамоҳанг ва ҷуз он гуфта мешавад.

Дар ҷойгоҳе аз тан ки сурхраге ҳувайдо мешавад гоҳе дар дастмолиш аз он ҳарорати беш аз ҷойҳои дигари бадан эҳсос мешавад. Бархе аз пизишкон инро низ ҷузъи намудҳои дигари набз ба шумор меоваранд, ки шумораҳои онҳо даҳ аст ва ба ин монандҳо вижа набзи мураккаб мегӯянд.

**Анвоъи набз**

Набзи газолӣ ва он гунае аст, ки раг ду задан дорад, яъне дузарбаӣ аст: раг зарбаи аввалро мезанад ва пас аз ондуввумиро

мезанад, бе онки эҳсос шавад, боз мегардад ва мунқабиз мешавад ва ором мегирад.Зарби дуввум нерумандтар ва бузургтар аз зарбаи аввал аст.

Дузарбаӣ, нахуст сурхраг мезанад пас аз он зарбаи дуввум, ки бахши оромишу мунқабиз шудан аст эҳсос намешавад, вале зарбаи дуввум сусттар аз нахуст аст ва бо он хеле фосила надорад.

Набз бо зарбаҳои гуногун он ба гунае аст, ки зарбаи нахустини он инбисот аст ва сусту поёнии он неруманд ва з-онсуи он, ё нахустини он бузургтару тундтар аз поёнии он мебошад. Ва ин гуна набз мутафовит дар як зарабон аст.

Набзи дамимушӣ, он ду гуна аст: яке аз он дорои зарби бисёр нисбатан бузург мебошад, дигар кӯчактар аз он ва сипас меравад то гунае севвумиро бизанад. Ин рафтан ба суи гунаи саввум ё ҳангоми зарабон меистад ва кӯчактар намешавад ва ё пайваста кӯчактар мешавад, то он ки дигар эҳсос нагардад ва ё он ки ба як андозае кӯчактар мешавад, ки дубора ба бузургтар шудан бигарояд. Ин бозгашт ба бузург шудан чи басо метавонад ба андозаи нахустини худ бошад ва гоҳо ба ҳолати кӯчактар аз он мерасад. Ва он гунаи нахустини онро набзи занби собит ва дуввумиро занби манҷазӣ ва севвумиро набзи дами баргаштапазир ва дар саввум агар баргашт ба андозаи нахустин бошад, набзи дами баргаштпазири комил ва агар баргашт ба андозаи аввал набошад, набзи дами баргаштапазири норасо меноманд. Ва гунаи дигаре ки дорои таноқузи ҳаммонанди нахуст аст ва он дар дарозои раг бахше аз он бузург менамояд ва дар пайи он кӯчактар меояд, вале ҳисси он якбора қатъ намешавад ва пайваста мебошад, балки ба як нисбат кӯчактар шуда то пинҳон гардад. Ва чи басо дар ду тараф бошад ва бо он набз мунҳанӣ гуянд ва гохе дар як су аст, ки онро набзи гароишёфта ба сӯе меноманд ва ин набз низ набзи гуногун дар як зарабон мебошад.

Набзи мунҳал. Агар дар замоне миёни чанд набзи мухталифе, ки умед ба будан дар он ҳангом ба унвони як набз аст, он набз набошад, онро набзи мунҳал ё аз миёнрафта гӯянд.

Набзи зиёдӣ з-онсуи набзи пешин аст.

Набзи собит. Он набзи сахт ва нозук аст, ки ба ҳолати хеш пойдор мемонад ва ин ҳолат аз он дур намешавад.

Набзи мавҷӣ – набзе аст, ки ҷои бисёре аз паҳнои ангуштро мегирад ва ҳамроҳ бо нармӣ ва пурӣ аст, вале дорои ҷаҳандагии бисёр бе пас задан аст, вале ҷаҳандагии он пушти сари ҳам камтар мешавад ба монанди мавҷҳое, ки пайдарпайи ҳам меоянд.

Набзи дудӣ. Шакли он дар ҷаҳандагӣ ба хубӣ ҳолати мавҷиро дорост, ҷуз ин ки паҳну пур нест, балки кӯчак ва суст аст ва ба монанди кирме аст, ки дар даруни рагҳо мехазад.

Набзи мурча – набзе аст кӯчак ва паёпай ба монанди набзи навзодони тоза ба дунё омада.

Набзи аррач– набзе аст сахт дар ҳар зарбаи он афроштагӣ ва афтодагӣ ва паҳнои он гуногун ба андозае аст, ки эҳсос мешавад ва он ҳангоме ки зарбае ба ангушт мезанад, дар ҳоле ки аз ангушти дигаре поин меояд ва дар поин омадан аз ангушт зарбае ба ангушти дигар мезанад.

Набзи ларзанда - набзе аст, ки дар он ҳолат ларзиш эҳсос мешавад.

Набзи печанда – набзе аст, ки эҳсос мешавад монанди риштаи нахи печидашудае мебошад.

Мегуем набзи мардон дар бештари ҳолатхо бузургтар ва нерумандтар кундтар ва бо тафовути бештар аз набзи занон мебошад ҷуз ин ки бузург ва нерумандии он ошкортар аст, вале фурӯ рафтан ва кундии он камтар аст ва фосилаи тафовути он ду бисёр, вале ошкор мебошад. Набзи кӯдакон бисёр пайдарпай ва кӯчаку тунд аст. Набзи кӯдакон ки ба сӯи навҷавонӣ меравад, аз набзи навҷавонон бузургтар ва набзи навҷавонон аз кудакон ва аз ҳама синҳо нерумандтар аст, ба вижа онҳое ки дар поёни ҷавонӣ ҳастанд. Набзи миёнсолон тунди камтар аз набзи ҷавонон ва андаке сусттар аз он ва кӯчактар аз он мебошад. Набзи пирони куҳансол дар авҷи тафовут ва сустӣ ва кӯчакӣ ва кундӣ аст.

Набз ва омезаҳои гуногун:

Набз дар касе, ки омезаҳои гарм дорад бисёр бузургтар ва тундтар ва сахттар аз набзи касе ки дорои омезаи сард аст, вале дар нерӯ аз он бартар ва чи басо баробар ва гоҳе поинтар мебошад.

Набзи касоне ки фарбеҳ ҳастанд аз логархо кӯчактар аст. Агар ин чоқӣ ки аз гӯшт бошад, тундтар ва нерумандтар мебошад. Агар а чарбӣ бошад, поинтар аз он ва кундтар аст.

Набзи касоне, ки омезаи хушк доранд, сахттар ва кӯбандатар аст.

Набзи касоне ки омезаи намур доранд, нармтар ва паҳнтар мебошад.

Набз дар миёни баҳор бузургтар ва нерумандтар аз дигар фаслҳои сол аст.

Набз дар миёнаи тобистон тундтар ва пайдарпайтар ва кучактар аз дигар фаслҳои сол аст.

Набз дар поиз тундӣ ва пайдарпай будан он аз тобистон камтар аст ва дар нерӯ низ афзоиш пайдо намекунад.

Набз дар зимистон бисёр кӯчаку кунд ва дорои тафовути чашмгаре мебошал, ҷуз ин ки суст нест.

Набз дар моҳҳои поёни як фасл ва моҳҳои нахусти як фасли дигар, набзи таркибӣ аз ду фасл мебошад.

Набз дар пайи руйдодҳо:

Набзи зани бордор бузргтар ва тундтар аз хонуме, ки бордор нест, мезанад.

Набзи касе ки тоза аз хоб хеста бузургу неруманду пайдарпай ва ларзон аст, вале пас аз андаке ба ҳолати оддии хеш боз мегардад.

Дар варзиш агар одаме ки за он хаста нашавад бузургу тунд ва пайдарпай задани набз ба андозаи тундии ҷунбиш ва нерумандии он афзоиш меёбад. Ва он чи дар рагҳост агар задани андак бошад, ба тундӣ ва агар дароз бошад ба кундӣ ором шавад. Варзише ки одамро хаста кунад, пас ба андозаи худи варзиш набз тундтар ва фосилаи заданҳоро кӯчактару тундтару пайдарпайтар менамояд.

Гармоба бар бузургию нармӣ ва тундию паёпай будани набзи афзуда меафзояд ва чунончи мондан дар гармоба ба

дорозо кашад, зарабон кӯчак ва суст, вале бар тундӣ ва паёпай будани он афзуда мешавад ва чунончи мондан дар онҷо бештар ба дарозо кашад, зарабон кӯчак ва суст шуда, вале шитобу суръати он ба ҷой мемонад.

Хӯроки он чи ки сангинӣ накунад ва озор надиҳад ва ранҷур насозад, бисёр бар неру ва ба паёпай будан ва бузурги набз меафзояд, ки муддати пас аз хурдан мебошад. Ва ҳангоме ки хуранда аз хурдан даст мекашад, дигар инчунин нест. Вале хӯроке ки аз он озор мерасад ва аз зиёдаравҷ дар хурдани он ранҷурӣ падид меояд, набзро гуногун мекунад.

Шароби ангур бар неру ва шитобу паёпай будани набз меафзояд, ҷуз ин ки афзоиши замон шитоби он беш аз хӯрок аст ва зудтар аз хӯрок низ ба ҳолати гузаштаи худ бармегардад.

Хӯрокиҳо ва доруҳо гармкунанда ё сардкунандаанд, гармкунанда, ки он ба андозае, ки гармо дар он аст дар шитобу бузургии ва паёпай будани набз меафзояд ва з-онсуи он.

Хашм афроштагӣ ва неруманду шитобон ва паёпай будани набзро меафзояд. Тарси бисёр набзро гуногун ва тунду ларзон мекунад.

Андуҳ, набзро кунду мутафовит месозад. Шодмонӣ набзро мутафовиту кунд ва дар канори он бузургу нарм ва пур менамояд.

Мегуем набзи баланд дар паи афзоиши дамо ё коҳиши гӯшт падид меояд ва набзи паҳн дар паи афзоиши намурӣ ва набзи афрошта ва ҷаҳанда дар паи боло рафтани дамо ва афзоиши неру мебошад.

Набзи бузург ва шитобон ва паёпай ба дунболи афзоиши дамо рух медиҳад ва агар ин афзоиши дамо ангезаи беруна дошта бошад ҳамчун варзиш гармоба хашму ҷуз он ки ин набз ба тундӣ ба ҳолати ҳамешагии хеш боз мегардад ва чунончи ангезаи пойдоре дошта бошад, ба пойдории он ангеза он низ ҳамвора чунин хоҳад буд.

Кӯчаки мутафовит будан ва кундии набз ба дунболи чизҳои сардкунанда меояд.

Набзи неруманд дар паи афзоиши неру ва оромиш доштан пас аз осеби дарднок падид меояд.

Набзи суст дар паи аз миён рафтани неру ва бо дардҳои бисёр сахт меояд.

Набзи гуногун ба дунболи истодагии табиат дар баробари осеби озордиҳанда намоён мешавад ва ба андозаи он озори пешомада мебошад ва ин ихтилоф ба ин нисбат каму зиёд мешавад.

Чунончи табиат нерумандтар аз осеби озордиханда бошад, шумораи набзхои неруманд ва бузург ба андозаи он бештар мешавад ва з-онсуи он.

Набзи мунтазам дурустар аз набзи беқоида мебошад. Ба вижа, агар шумори набзҳои неруманд бештар бошад.

Набзи пур намоишгари пурхунч ва бухори мартуб дар тан ва тиҳӣ будани тан аст ва з-онсуи он.

Набзи сахт намоишгари хушкии тан ва лоғарӣ аст ва нармии набз з-онсуи он аст.

Набзи берун аз вазни нобарор нишонгари падид омадани як ҷобаҷоии набз дар гурӯҳҳои синнҷ аст, ки он набз вазни вижаро доро мебошад. Агар ин ҷобаҷоӣ бисёр дур бошад, яъне фосилаи гурӯҳи синнӣ бисёр бошад, дигаргунии бузург дар набз хоҳад буд ва з-онсуи он. Агар ин ҷобаҷоӣ ба гурӯҳҳои синнӣ наздиктар бошад, ин дигаркунии набз андак аст. Агар дар дастмолиш сурхраг, дамои болотару ошкореро беш аз дигар ҷойҳо нишон диҳад, намоишгари он аст, ки омезаи дил дучори таб шудааст ва ин ҳолат дар бемórони диқ ва таби аз миёнбарандаи пажмурдакунандаи тан мебошад ва чи басо ҳушдордиҳандаи беҳушӣ мебошад.

Набзи дузарбӣ аз бисёр боло будани дамои таб ва ниёзи сахт ба нафас кашидан падид меояд, ки ба бисёр боло рафтани ҳарорати ғаризаи тан буда, вале неру дар як андозаи ҳамешагӣ аст бавижа, агар зарбаи дуввум бузургтар бошад.

Набзе ки оғози марҳалаи инбисотии он бо мархалаи инкибозаш тафовут дошта бошад, нишондиҳандаи талоши системаи табии (дифоии) тан мебошад.

Набзе ки аз оғози инбисот нерумандии бузургтар аз поёни худ дорад, ҳолати беҳтаре барои тан хоҳад буд ва з-онсуи он. Чунончи дар поёни инбисот набз шитобонтар бошад, намоишгари ҳарорати сахт ва куҳна аст.

Гунае аз набз ҳамвора кӯчаку суст мешавад ки мо онро «дамимушӣ» меномем, дар ҳангоми поён омадани неру падидор мешавад ва он ба андозае аст, ки нерӯ суст мешавад ва кохиш меёбад. Набз низ сусту кӯчак мегардад ва ин нишонаи хеле баде аст. Чунончи пас аз он ба нерумандию бузургии ҳамешагии худ боз ,гардад ва он неруи бисёр бошад, нишонихандаи андозаи он аст ки ба бузургии пеши худ бознагашта ва аз он чизе коста намешавад. Ва ба ҳар ҳол ин беҳтар аз оне аст ки кӯчактар шавад, то ин ки аз нигоҳи набзгиранда дар дастмолиш дур бимонад, боре ин ҳолатҳо намоишгари кутоҳ омадан ва таслим шудани табиат (системаи дифоии тан) мебошад.

Набзи мунҳанӣ, ки ба як сӯ гароидааст, ҳамвора дар беморони таби диққу таби нобудӣ ва пажмурдакунандаи тан аст.

Набзи мунҳал (азмиёнрафта) нишондиҳандаи фурӯ афтодани неруст.

Набзи зоид нишон аз саломатӣ ва ниёзи бештар аст.

Набзи собит дар ҳангоми чирагии таби диқ бар тан падидор мешавад.

Набзи мавҷӣ дар ҳангоми обтан ва нӯшидани шароб ва ҳар он чи танро намнок мекунад ва дар беморихои истисқо ва хоболудагӣ ва зотурриъа ва фалаҷ ва сакта ва ҷуз он онҳо намоён мешавад ва падидор омадани таб ҳамроҳи таровидани араҡи хушдордиҳанда аст.

Набзи дудӣ дар ҳангоми фуру афтодани неру ошкор мешавад ва он низ на ба гунаи комил хоҳад буд.

Набзи мурчаӣ ҳангоми комил фуру афтодани неру ва наздикӣ падидор меояд.

Набзи миншорӣ бо омоси ходу густурда бавижа, дар андоме ки бофтаи он асабӣ аст, падид меояд. Намунаи он дар бемориҳои зот-ул-ҷанб ва зот-ул-ҳиҷоб дида мешавад.

Набзи ларзон ҳангоми ниёзи бисёр ва сахтии андомҳо ва сангин шудани неру намоён мешавад, ки нишондихандаи бисёр будани дамо ва сангин шудани неру ба василаи омехтагиҳо падид меояд ва дар он ҷо бар асари омос ё гирифтагӣ баста шудан аз инбисоти бузург ҷилавгир мекунад.

Набзи печишӣ аз талоши бисёри нерӯ ва тандурустии он дар муқобила кардан бо як бемории бисёр неруманд ва низ аз фишори наздикиҳои дил ва перомун воридшуда хабар медиҳад.

**Тарз ва усули табобати бемориҳои сахт**

Агар дар аввали ба вуҷуд омадани ин бемориҳо нишонаҳо ва омехтагиҳо хело паст бошанд, нишондиҳандаи сахти беморӣ ба ҳисоб меравaнд. Аз ин рӯ, пеш аз оне ки бемор камҳаракат гардад, бояд барои пешгирии он ба хунгирӣ ва ё равонкунандаҳо рӯй оварем ва пас аз он хӯроки ӯро бар пояи наздикҷ ва дурӣ ба поён расидани беморӣ ва бар пояи нерӯи бемор ва варандоз кардани андозаи гуруснагӣ то солим гардидани он бояд баррасӣ намуд.

Агар солимии бемор мушоҳида ва бемор аз гуруснагӣ худро роҳат ҳис кунад, метавон хӯрокашро танҳо бо оби ҷӯшомада басанда намоед ва агар поёни беморӣ дур ва бемор нотавон бошад, ба андозаи нотавонии ӯ аз дигар хӯрокиҳое, ки дар бахши табҳо ёдовар шудем ба хӯроки ӯ илова намоед ва хӯрдани онро ҳамон вақте шурӯъ намоед, ки мутобиқ ба намуди бемории бемор ва ё агар таб дошта бошад, оғоз намоед. Баъзан метавон, ки хӯрдани ҳамешагии онро дар тандурустӣ дар вақти навбати таб ва ё аз рӯзи муътадил гардидани боду ҳаво шурӯъ намоед.

Агар нишонаҳои бӯҳрон намудор ва солимии бемор мушоҳида гардад, беморро аз хӯрдан манъ намуда, бо ӯ хӯшмуомила бошед. Дар вақти пас аз бӯҳрон, чунончи бӯҳрон аз намуди комили он буд, роҳбурди беҳбудёфтагонро дар бораи ӯ пиёда намоед. Агар роҳу равиши дармонбахшии шумо дар самти беҳбудии ӯ пурра набошад, пас метавон бо нӯшонидани гулоб ва ё оби ҷушомада қаноат намоед.

**Дарёфти роҳҳои нигоҳдошти саломатӣ**

Шахсе, ки аз баландшавии ҳарорат раҳоӣ ёфт, беҳтар аст аз хӯрдани хӯрокиҳои ашхоси солим истифода барад.

Ба беморе, ки дар вақти бемориаш ба ӯ хӯроки хос дода мешуд баъди каме беҳбудӣ ёфтанаш аз он боздошта шавад ва баъдан ба ӯ кам – кам хӯроки муқаррарӣ хуронида шавад. Аз обтанӣ, хасташавӣ, бехобӣ, нӯшидани шароб, бурдборӣ ба гуруснагӣ, ташнагӣ, аз фишорҳои равонӣ, аз зери офтобу ҷойҳои гарм ва ҳар он чики  танро доғ намояд, дурӣ ҷӯяд. Аслан касоне, ки ҳанӯз аз бемории хеш ба қадри имкон комил ва устувор нагаштаанд инчунин гурӯҳе, ки ҳанӯз нишонаҳои хастаҳолӣ ба монанди димои боло ҳангоми дастмолиш, набз ё нафаскашии паёпай, пешоби рангин, ташнагӣ, сардардӣ, беҳолӣ, бемазагии даҳон, парешонхаёлӣ ва ноором̣ӣ дар хоб гирифторанд,  дар бораи онҳо ба мисли роҳбурди беморон бархурд шавад, то ҳама нишонаҳои беморон аз миён рафта сиҳати комил гардад.

Беҳтараст, ки  бемор ҳангоми беҳбудӣ ёфтанаш ба гуруснагӣ ва ташнагӣ қаноат накунад ва ё худро аз хӯрок якбора дур накунад, ба ду сабаб чи он ангезаи гарм ва табдор шудани ӯ ва низ иллати табоҳ кардан омеза мешавад. Вале агар андак ва пай дар пай бихӯрад беҳтар ва хубтар аст. Оби сардро ба қадри имкон бисёр не балки кам кам бинӯшад ва беҳтараст, ки оби гармро дар доираи барномаи муайянгардида нанӯшад. Ҳар вақте, ки иштиҳои ӯ пайдо гардид кӯшиш намоед, ки ба андозаи иштиҳояш хӯрок надиҳед. Хӯроки ӯро ба андозаи табъи ӯ омода намоед. Агар дар ӯ беҳбудӣ пайдо шуд хӯроки ӯро пурратар намоед ва баъдан беморро ба ҳаракат кардан ва дигар корҳои рӯзмарра, ки дар тандурустӣ анҷом медиҳанд рӯй биоваред. Ҳамзамон агар нишонаҳои бад ҳанӯз дар ӯ буда бошад, ба ӯ равонкунанда бидиҳед ва аз ӯ хун бигиред ва ба ӯ хӯрокиҳои фурукашкунанда низ бидиҳед ва ончи барои ӯ аз хӯрок созгортар аст, ихтиёр намоед ва то вақти ин нишонаҳо дар ӯ ҳаст, аз одатҳои давраи тандурустӣ, ӯро боз доред.

Агар иштиҳои беҳбудёфтагон аз байн рафта бошад ва мондаҳое аз бемор̣ӣ, ба монанди бадмазагӣ ва ташнагии даҳон дар ӯ бошад, ин бемор ниёз ба табобат дорад. Вале он бемор, ки иштиҳо дорад ва мехӯрад аммо тани вай нерӯ намегирад ва танҳо шиками ӯ нарм мешавад бояд аз андозаи хӯрок ва

нӯшидани об бикоҳад ва ба ӯ сикнаҷбини аз об сохташуда дода шавад ва ҷигари ӯро бо дорӯҳои нерӯбахш гузоштани рӯи он понсимон кунанд. Аммо хуб нест, ки шахси рӯ ба беҳбудӣ оварда ба хӯрдани хӯрокиҳои сангин ва сахт майл намояд. Беҳтараст барои зиёд намудани нерӯи худ аз хӯрдани хӯрокиҳои сабук ва зудҳалшаванда инчунин шароби сафеди обакӣ ё софшуда истифода намояд.

Гузораи сиканҷабини аз об сохташуда: (тарзи аз об омода намудани сиканҷабин)

Об ба турш ва чоҳоряки сиркаи норис ва чаҳоряки табарзади (булӯр) шакарро гирфта мепазед ва бодиққат кафи рӯи онро бардоред ва ба касоне, ки нав рӯ ба беҳбудӣ овардаанд ё ба афроди тандурӯст менӯшонед зеро ин нӯшоба бисёр миҷози гарм дошта, ба шиками бемор қувват мебахшад. Вале агар касе димои боло ва барафрухтагӣ надошта бошад бояд ба миқдори як ратл аз ҳамаи гуфташудаҳо ду дарм мустакӣ ва ба монанди он қурнақл ва сунбул бигиред ва дар порчае бибандед ва ҳангоми пухтан дар он биандозед.

Мо ҳамаи ин гуфторҳо ва бахшҳоро дар дебочаи ин китоб возеҳ намуда, пешниҳод намудем ва дар инҷо яъне гуфтори даҳум ба поён расид.

## ЗИНДАГИНОМАИ РОЗӢ

Вай Абубакр Муҳаммад ибни Закариё ибни Яҳё буда, зода ва парваришёфтаи шаҳри Рай мебошад. Соли таввалуди ӯ тибқи гуфтаҳои бисёре аз таърихнигорон 224 ҳ.қ / 840 м будааст.

Вақте ки ӯ каме бузург шуд, падараш хост, ки ӯ соҳибмаълумот шуда аз ҳунару фанҳои замонаи худ бо хабар шавад, то тавонад бо ин василаояндаи худро хуб намояд. Аввалан падараш ӯро назди кимёгаре барои гирифтани таълим гузошт.

Шаҳри Рай дар он замон яке аз беҳтарин марказҳои илму фарҳанг ба шумор рафта, анҷуману ҷаласаҳои илмию фарҳангӣ ташкил ва гузаронида мешуд.

Розӣ дар хурдсоли аз ин шаҳр таъсири хубе ба худ касб намуд. Ҳушу нубуғ ва баландпарвозиҳояш ӯро ба суи омӯзиши риштаҳои гуногуни илм кашонид. Бахшҳое аз дониш ба монанди фалсафа, адабиёти араб ва шеърро дар давраи кӯдакӣ ва навҷавонии худ ба хубӣ аз бар намуда, баъдан майлу рағбати ӯ ба фанни мусиқӣ зиёд гардид ва ӯ дар ин бахш аз навохтани уд оғоз намуд. Ӯ тавоноии овозхониро дар худ пайдо намуда, дар як муддати кӯтоҳ овозхони хуб гардид. Чун андаке пой ба ҷавонӣ гузошт майлу хоҳиш ва иродаи ӯ ба омӯзиши дониши кимиё ва иксир зиёд гардид, зеро сабабгори ин шефтагии ӯ ба ин дониш аз дидани озмудаҳои бузургон ва омӯзгорон сарчашма мегирифт.

Ӯ бештари вақти худро барои корҳои илмӣ ва назарӣ канор гузошта буд ва дар ин роҳ ба озмудани озмоишҳои таҳқиқии илмии худ даст зад, вале аз бухоршавиҳои зиёди омезаҳо ва гармкуниву ҷушониданҳои баъзе аз маводҳо ба чашмони ӯ осеб расид. Ба қавле ӯ барои дармон бахшидани чашмони осебдидаи худ ба пизишке муроҷиат намуд вале пизишк барои табобати чашмони ӯ баҳои зиёде талаб намуд, ки ин сабабгори рӯй овардани Розӣ ба омӯзиши илми тиб гардид. Аз ҳамон рӯз оғоз намуда ӯ ба мутолиаи китобҳои илми тиб шурӯъ намуд ва ба

пизишкони рӯзгори хеш дар шаҳри Рай пайваст то аз ин илм баҳраманд гардад.

Бағдод дар он вақт шаҳре буд, ки дар давраи заррини худ мезист ва макони илму дониш шинохта мешуд. Ҳар як донишманду андешаманд кӯшуш менамуд, ки ба ин шаҳри илму дониш сафар намуда, аз ганҷинаи он баҳраманд шавад. Розӣ низ яке ин донишмандон буд, ки таърифу тавсифи ин шаҳрро шунида буд ва орзӯи ба онҷо сафар намуданро дошт. Ҳамин тавр ӯ дид, ки шаҳри Рай барои ҳадафҳои олии илмии ӯ ҷой надорад тасмим гирифт, ки ба Бағдод равад.

Ӯ пас аз ин роҳи сафарро ба самти Бағдод пеш гирифт, ки дар ин вақт ӯ каме аз си соли умри худро гузаронида буд.

Розӣ шаҳри Бағдодро ҷои паҳновар барои худ дарёфт. Чашмони ӯ дар инҷо кӯшода гардид ва барои сероб гардонидани илму маърифати худ ба омӯзиши фарҳангу тамаддуни ин сарзамин, пардохт ва аз кӯмакҳои фарҳанги мероси арабии асил баҳраманд гардида, ба донишмандони он пайваст. Дар бемористонҳои онҷо чизҳоеро, ки посухдиҳандаи парвозҳои баланди илмии ӯ буд, ба даст овард ва хостаҳову додаҳои худро бо он дурахшон намуд.

Ӯ дар ин бустони илм ба рафтуомад пардохт ва бо пизишкони он робитаҳои нав пайдо намуд ва ӯ аз ҳарчи медид ва мешунид мепурсид ва ҳарчиро вобаста ба сохтори тани одамӣ ва бемориҳову роҳҳои дармон буд, меомӯхт ва пажӯҳишу баррасӣ мекард. Розӣ бо як дилбохтагиву ростӣ дар идомаи пажӯҳишу баррасӣ ва водор кардани худ барои озмудани озмунҳои ҳунари пизишкӣ ба ҷое расид, ки дар ин дониш сахт устувор гардид ва аз ҳама ҳамдавраҳои худ пеш гузашта яке аз беҳтарин пизишкони даврони худ гардид.

Вақто ки ӯ арзиши худро дарёфта мутмаин гардид, ки ҳама розҳои дониши пизишкӣ ба ӯ кушода шуду гӯшаҳо ва чашмаҳои онро дар даст дорад ва ҳамзамон вақти зиёдеро дар Бағдод сипарӣ намудааст дар дили ӯ ҳавои хонавода ва зодгоҳаш пайдо гардид ва тасмим гирифт, ки ба онҷо боз гардад.

Дар шаҳри Рай ӯ ба дониши пизишкии худ чирадаст гардида ба пизишкони он рӯзгор бартарӣ ёфт. Аз ин рӯ ӯро ба вазифаи раиси бемористон таъйин намуданд. Ба ин тартиб ситораи бахти ӯ боло рафт ва овозаи вай дар ҳама ҷо паҳн карда шуд ва ҳушу саршори ӯ дар дармонҳои пизишкӣ ба кор гирифта шуд, ки ин сабаб гардид то ба ҳамаи пизишкони давраи худ бартарӣ ёбад.

Бо ин роҳ ӯ умеди зиндагонии мардуми сода ва чароғи хонаи бузургону амирон гардид, ки ҳар яки он мекӯшид то ӯро ба худ наздик ва дусти қарини худ гардонад. Аз ҳама бештар амир Абу Солеҳ Мансур писари Исҳоқ писари Аҳмади Сомонҷ волии шаҳри Рай солҳои 290-294 ҳ.қ бо ӯ наздик гардид. Ва ӯро ба навиштани китобе бо забони сода, оммафаҳм, ки дарбаргирандаи ҳама паҳлуҳои илми пизишкӣ бошад водор намуд. Дар натиҷа ӯ китоберо навишт ва онро «Мансурӣ» номгузорӣ намуд.

Пас аз чандин соли дар Рай монданаш ӯро барои фаъолият намуданаш дар бемористони шаҳри Бағдод даъват намуданд. Ӯ даъватро пазируфта ба онҷо сафар намуд. Ба қавле зимни интихоби мавзеъ барои сохтмони бемористон, дастур дод то гӯсфандеро сар бурида онро ба чор қисм тақсим намуда ба чаҳор гӯшаи Бағдод овезон кунанд ва пас аз як рӯз кадоме аз ин қисматҳо дертар вайрон шавад онҷоро барои сохтмони бемористон интихоб намоянд. Бо ҳамин тарз сохтмони бемористони Бағдод ба поён расида онро бо беҳтарин дастгоҳҳои ҳамонвақта таҷҳизонида ва ҳарчи ниёз аз бистару лавозим ва доруворӣ буд фароҳам оварда шуд ва Розиро бошад ҳамчун сарпарастӣ раёсати пизишкони онҷо интихоб намуданд.

Розӣ яке аз бузургони даврони худ гардид. Ибни Халликон дар ин хусус чунин мегуяд: Ӯ ягонаи рӯзгор ва яккатози даврони худ буд. Ибни Надим бошад ӯро чунин тавсиф намудааст: Овозаи ӯ ҳама ҷойро фаро гирифт ва гурӯҳҳои беморон аз ҳар гӯша роҳи сафарро пеш гирифта ба назди ӯ меомаданд. Ӯ онҳоро бо нармӣ пешвоз гирифта, таваҷҷуҳи зиёд менамуд ва кӯшуш менамуд, ки дар роҳи дармонбахшии онҳо кӯммак намояд. Ӯ натанҳо бо бузургон меҳрубон буд, балки бо

бечорагону камбизоатон низ чунин рафтор менамуд ва кӯшуш менамуд, ки ба онҳо ройгон  хизмат намояд. Баъзан бошад барои беҳбудии беморон шабу рӯз кӯшуш менамуд.

Ӯ дар омӯзиш ва фаро гирифтани печидагиҳои ин ришта нисбати ҳамкорони пизишки худ сахтгир ва озманд буд ва дар ин бора мегуфт: пизишкони бесаводу бемасъулият ва навкоре, ки таҷриба надоранд ва инчунин касоне, ки таваҷҷуҳи онҳо ба бемор кам вале ба хостҳои худ бисёр аст ҳамагӣ кушандагонанд.

Андарзҳои ӯ ба пизишкон: чунончи пизишке тавонад бе дорӯ, бо хӯрок дармон намояд кори ӯ бо хушбахтист. Инчунин ҷои дигар гуфтааст: шоистааст, ки пизишк андешаи беморро ба хуб шудан водор намояд ва вайро умедвор созад, гарчанде худи ӯ ба он бовар надошта бошад. Омезаи ҳар тан пайрави ахлоқи ҳар фард даст.

Розӣ барои пешбурди кори худ равиши тозаеро интихоб намуд. Ӯ бунёдгузори роҳе шуд, ки он сабки гузаштагони пизишки юнонии худ буд ва он равиши озмунгароии ӯ буда, ҳамвора дониши пизишкии назариро ба озмоиш мегузошт ва ончиро, ки аз озмоиш мегузашт интихоб менамуд ва агар намегузашт рад менамуд. Инчунин ба ончи аз озмудаҳои судманд дастрасӣ пайдо мекард онро менавишт то ба дасти пизишкону донишҷӯён расида, мутолиа намуда, баррасӣ намоянд. Ӯ ин ҳама навиштаҷотҳоро дар охир дар як китоб ҷамъ оварда, онро «Қисас ва хикоёт-ул-мариз», номгузорӣ намуд.

Розӣ ба ҳамаи ин қаноат накарда, нозукиҳои байни ҳама чизҳову мавридҳое, ки гузаштагон ба кор мебурданд баррасӣ ва ҷустуҷӯ намуда, асоснокии ҳар яки онро фаҳмид. Бо диди назари ӯ канор гузоштани ҳар яке аз ин асосҳо метавонад сабаби дур мондан аз як асоси судманд шавад.

Ӯ дар ин бора дар китоби хеш «Хавос ал-ашё» мегуяд: раво нест, ки чизеро дар он суде намебинем ба ҷиҳати он, ки гурӯҳе онро нашинохтаанд ва аз он гузаштаанд мо низ канор бигузорем балки ниёз аст, ҳар кҷ худро аҳли назар ва ройзан (машваратчӣ) медонад, ба рад кардани чизе, ки барои рад кардани он далеле надорад, иқдом накунад.Илова бар ин ҷои дигар мегуяд: ҳар гоҳ

пизишк танҳо бар озмудаҳо, бе санҷидану хондани китобҳо басанда кунад зиёнкор аст.

Розӣ беморони худро, ки ба бемории барсом (плеврит) гиривтор буданд ба ду гурӯҳ тақсим менамуд. Гурӯҳи аввалро бо гирифтани хун муолиҷа менамуд ва дар бораи гурӯҳи дуввум бошад аз ин муолиҷа худдорӣ менамуд, сипас натиҷаи кори худро дар ду гурӯҳ пайгирӣ менамуд то тавонад ба хубӣ барои арзиши муолиҷавии худ дар ду гурӯҳ доварӣ кунад. Ӯ дар бораи ин гуна беморӣ чунин маълумот додааст: ҳар гоҳ бо ин нишонаҳо бархурд кардӣ, иқдом ба хунгирӣ кун, ки ман гурӯҳеро бо ин усул дармон бахшидаам ва дастаи дигарро огоҳона бе он ки аз онҳо хун бигирам канор гузоштам ин назар дуруст аст аз об дар омадва дастаи охир ҳамагӣ дучори сарсом шуданд.

Розӣ худ чунин озмоишҳоро бо ҳайвонҳо алалхусус бо маймун, ки ҳаммонанди одам ҳаст, низ гузаронидааст. Баъзан агар ду сиришти бо ҳам ихтилоф пайдо мегардид Розӣ то андозае бо он қаноат накарда худро дар баробари озмоишҳои худ мегузошт. Ӯ дар китоби худ «Ҳовӣ» ёддоштҳои илмиро, ки бештари он офаридаҳои навини худ, вобаста ба тарзу усулҳои муойинаи беморон буд, овардааст. Вай аз аҳамияти баррасии танаффус мегуяд: Чи басо дар бархе аз ҳолатҳо он равшантар аз баррасии набз мебошад.

Дар бораи пешоб бошад чунин назари андеша намудааст: агар ранги пешоб дигаргун ва ё бӯи он бисёр бад гардад нишонаи пайдоиши як беморӣ мебошад}. Ин суханро аз баррасиҳои дар бораи пешоб мегӯяд: Ба рангу бастагӣ, таҳнишинӣ, буву мазза ва дастмолиши он вобастааст. Ин кори ӯ ба монанди озмоиши пешоб дар лабораторияҳои замони мо мебошад.

Ӯ ранги пасмондаҳои сифтро (пехолро) низ дар бемории зардӣ, ки дар асари баста шудани канали зардобӣ пайдо мешавад ва ранги он дар ин беморӣ гузаштан ба сафедӣ дорад низ баррасӣ намуда, чунин мегуяд: ангезаи бемории зардӣ ё дар асари афзоиш сохти зардоб аст, ки нишонаи пайдоиши бемории

зардӣ ва рангин шудани пехол аст ва ё дар асари пайдо шудани яке аз ду канал аст, ки пехоли сафедранг мешавад.

Розӣ ба арзиши пешгирӣ аз бемориҳо огоҳӣ дошта, онро аз истифодаи дорӯ беҳтар донистааст. Дар ин бора китоберо навишта онро «Манофеъу-л-ағзия ва дафъу мазориҳо» ном ниҳодааст. Илова бар ин ӯ ба арзиши дустӣ миёни пизишк ва бемор огоҳӣ дошта мегуяд: агар пизишк доно ва бемор фармонбардор бошад, бемор ба зудӣ сиҳат мешавад.

Розӣ дар ин муддати тӯлонӣ дар Бағдод буданаш натанҳо ба кори пизишкӣ қаноат намуда буд, балки ба дигар шохаҳои дониш низ даст зада, вобаста ба ҳар кадоми онҳо китоби худро навиштааст. Нигоришҳои ӯ дар ҷодаи пизишкӣ, кимиё, ҳикмат, илмҳои табиӣ, риёзиёт, фалсафа, мантиқ, ҳайат (астрономия) ва инчунин дар мусиқӣ буда, теъдоди шумораи он бинобар маълумоти Ибни Надим дар «Ал-феҳрист» 140 китобу 28 рисола, бо қавли Исмоили Бағдодӣ дар «Ҳадяту-л-орифин» 218 ва бо ақидаи Ибни Аби Асибъа дар «Уюну-л-анбо» 238 китоб оварда шудааст.

Розӣ дар «Сирату фалсафия» мегӯяд: ҳамоно дӯстӣ ва алоқаи ман бо дониш ва дилбастагии ман ба он ва талошам дар он назди ҳар касе, ки бо ман ҳамнишинӣ дошта бошад, ҳувайдост. Нигоҳи ман ба дониш аз оғози навҷавонӣ то кунун ҳамвора пайваста буда, ҳеҷ гоҳ аз коре бе таваҷҷӯҳ гузар намекардам, вале ба китоб назар мекардам, то бидонам назди он кас чист, ҳарчанд бароям душвор буд вале кӯшушу талошҳоям ба онҷо расид, ки дар як сол зиёда аз бист ҳазор варақро бо хати таъвиз ба нигориш даровардам.

Ӯ ба ҷиҳати ҳамвора хондан ва навиштан осебе, ки дар давраи ҷавонӣ зимни гузаронидани озмоишҳо аз бухоршавии маводҳои кимиёӣ ва арақгириҳо, ки дар гузашта барои таҳияи онҳо икдом намуда буд, ба чашмони ӯ расида буд, баъди мурури замон оҳиста оҳиста ба биниши чашмони ӯ таъсир расонида, то ҷое расид, ки барои хондан ва навиштан аз дигарҳо кӯмак мехост. Аммо мутаассифона, баъди ду соли ин воқеа биноиши худро пурра аз дод. Пас аз нобиноӣ ӯ ба андозае нооором ва бетоб гардида, кӯшиш

менамуд то худро аз мардум дур намояд. Ӯ бо ин аҳвол дар хонаи худ гӯшанишиниро ихтиёр намуда, ба ғайр аз бархе аз донишҷӯёну дӯстон ва наздикони худ дигар касеро дидан намехост.

Албатта бояд қайд намуд, ки ӯ пеш аз ин воқеа ба зодгоҳи худ Рай бозгашт ва гӯшанишиниро ихтиёр намуд. Ба қавли Берунӣ, ки дар пешгуфтори рисолаи худ «Рисолатун фи фиҳристи кутуб ар-Розӣ» марги ӯ дар панҷуми моҳи шаъбони соли 313 ҳ.қ дар шаҳри Рай мебошад.

Вобаста ба соли марги ӯ миёни таърихнигорон ақидаҳои гуногун вуҷуд дошта, бархе аз онҳо марги ӯро пеш аз ин таърих ва дигаре пас аз он медонанд[1].

---

[1] Бахши «Зиндагиномаи Закариёи Розӣ» аз тарафи мутарҷим омода шудааст.

## *ШАРҲИ ЛУҒОТ ВА ИСТИЛОҲОТ*

Рехтшиносӣ - анатомия
Адас -наск
Аҷул - шитобкор
Анбарборис – зирк, зелол, зиришк
Афтимун – зираи румӣ
Басовой – ламс
Бобу-л-кабид – даҳонаи ҷигар
Бобу-л-меъда – даҳонаи меъда
Болардагӣ – афзоиш, нашъунамо
Бузоқ - оби даҳон
Ватар – хушкпай
Виларм (об) - ширгарм
Гарӣ – шукуфа, хоришак
Гас – тумч, забонгаз
Гиҷгоҳ - чаккаи сар
Гирду – чормағз
Говарс - арзан
Гоз гирифтан – газидан
Гол – бемории хоришак
Гуворида - ҳазмшуда
Ғудӣ – ғадудӣ
Гудӣ – хамидагӣ, фурӯрафтагӣ
Гуж – барҷаста, кузпушт
Ғузруф – тағояк
Гӯштолу – пургӯшт, фарбеҳ
Давраи нақоҳат – давраи раҳой аз беморӣ
(реабилитатсия)
Данда - парак, қабурға

Додгарона – боинсофона
Дулб – чинор
Дурдии май, дурдии сирко
Дурдӣ – таҳшин
Духн – арзан
Забаду-л-баҳр – кафки баҳр
Завбшуда – маҳлул, ҳалшуда
Заҳра – талхадон
Зибрӣ - дуруштӣ
Зибрӣ – дуруштӣ
Зигил – озах
Зумухт – дурушт, пургӯшт
Инзол – рехтани манӣ
Истиншоқ – нафас кашидан
Истисқо – бемории ташнагиношиканӣ
Истифроғ – холӣ кардан
Каку мак – доғи кунҷитак (веснушки)
Калам - карам
Каммун – зира
Камофитус – тархуни румӣ
Қасаб – най
Каш омадан (шикамба) - таранг шудан
Кимус -
Колбудшиносӣ - анатомия
Қулоъ – бемории барфаки даҳон
Кулуфт – ғафс, ситабр
Курк – тибит
Лак - доғ
Лиз – лағжон
Лисону- с-савр – говзабон
Лисса – вораи дандон
Лоя – табақа, қабат
Ҷувидан – хоидан
Ҷӯш – гармича
Маҳор кардан – кашидан

Маҳсур – иҳоташуда
Марғазӣ – бузмӯй, тибит
Марӣ - сурхрӯда
Мартуб – намнок
Машруб кардан – тар кардан
Моҳича - мушак
Моҳичашиносӣ - мушакшиносӣ
Муҳриқа - сӯзанда
Навасон – калавиш, номуназзамӣ
Намур – намнок, рутубатнок
Настангоҳ – мақъад
Нафх - дамидагӣ ва пур шудани шикам аз бод
Ҳавои шарқӣ – ҳавои гарми рутубатнок
Ҳалим - ордоб
Ҳанҷара – гулӯ
Ҳарқу-н-нор - оташсӯхта
Ҳор - девона
Обтанӣ - оббозӣ
Омеза – мизоҷ
Пада – бед
Пехол - ахлот, мадфуъ
Пизӣ - мақъад
Пишкил – саргин
Поидан - эҳтиёт кардан, пешгирӣ кардан
Равонкунанда – исҳоловаранда
Рад шудан – гузаштан
Рамод – хокистар
Реванд – чукрӣ, ревоч
Ривос - ревоҷ
Рӯён – ҷанин
Рутаб – хурмои тоза
Савиқ - талқон
Саги ҳор - саги девона
Саҳҷ – захми рӯда
Симоҳшиносӣ - илми канали шунавоӣ

Сифт – сахт
Сумн – равғани ҳайвонӣ
Талхоб – талха
Танқия - поксозӣ
Тарак - кафидагӣ
Товал – обила
Тондун  - тағояк
Тухолӣ – дарунхолӣ
Уққувон – бобуна
Фак – ҷоғ
Фанак – рӯбоҳи холдор
Фатқ – кафидан
Филфил – қаламфур
Футр – қорч, замбурӯғ
Хисонидан – тар кардан
Хурӯсак – гирифтагии гулӯ
Чоққунанда – фарбеҳкунанда
Чуғундар – лаблабу
Шикондан – шикастан
Шиқоқ – шикастагии сар
Шул – суст
Шуниз – сиёҳдона
Юбусат – хушкӣ
Яттуъ  - широбаи гиёҳон

## МУНДАРИЧА

*«ТИББИ МАНСУРӢ» - АСАРИ ГАРОНБАҲОИ АБУБАКР МУҲАММАД ЗАКАРИЁИ РОЗӢ…............* 3

*ГУФТОРИ НАХУСТ: СУХАНОНИ КӮТОҲ, КИ НИЁЗ АСТ ДАР ОҒОЗ ОВАРДА ШАВАД, ПЕШДАРОМАДЕ БАР ПИЗИШКӢ*………………………………………… 20

*ГУФТОРИ ДУВВУМ: СУХАНОНИ КӮТОҲ ДАР ШИНОХТИ ОМЕЗАҲОИ ТАН ВА ОМЕХТАГИҲОИ ЧИРА БАР ОН ВА НИШОНАҲОИ КӮТОҲ ВА ФАРОГИР ДАР ДОНИШИ РЕХТШИНОСӢ СУХАНИ КӮТОҲЕ ДАР ШИНОХТИ ОМЕЗА*…………………….. 64

**ГУФТОРИ СЕВВУМ: СУХАНОНИ КӮТОҲ, КИ ДАР ШИНОХТИ АРЗИШИ ХӮРОКИҲО ВА ДОРУҲО КӮМАК МЕКУНАНД……………………………………..** 90

**ГУФТОРИ ЧАҲОРУМ ПОСДОШТИ ТАНДУРУСТӢ…** 171

**ГУФТОРИ ПАНҶУМ ОРОИШ ОН ЧИ ШУРАИ САР (ХИЗОЗ)-РО МЕЗУДОЯД……………………………….** 208

**ГУФТОРИ ШАШУМ: РАВИШИ ДУРУСТИ ҶАҲОНГАРДӢ ВА ГАРДИШГАРӢ…………………** 237

**ГУФТОРИ ҲАФТУМ ПЕРОМУНИ ШИКАСТАГИҲО, ПОРАГИҲО, ЗАХМҲО, ДУМАЛҲО, СӮХТАГИҲО..** 260

**ГУФТОРИ ҲАШТУМ ЗАҲРҲОИ ГУНОГУН ВА ҶОНВАРОНИ РЕЗИ ГАЗАНДА.....................................** 300

**ГУФТОРИ НУҲУМ: БЕМОРИҲОЕ, КИ САР ТО ПО ДАР ТАН ПАДИД МЕОЯД……………………** 318

**ГУФТОРИ ДАҲУМ ТАБ ВА ПАЁМАДҲОИ ОН ВА ШИНОХТИ ДУРУСТИ ОН БАРОИ ДАРМОНИ БЕҲТАР.........................................................................** 365

**ЗИНДАГИНОМАИ РОЗӢ…………………………………** 438

**ШАРҲИ ЛУҒОТ ВА ИСТИЛОҲОТ…………………….** 445

***Ба матбаа супорида шуд 13.10.2016***
***Барои нашр имзо шуд 14.10.2016***
***Чопи офсети. Ҷузъи чопӣ 17,2. Андоза $60x84^{1}/_{8}$.***
***Адади нашр 150 нусха. Супориши №126.***

***ҶСК «Чопхонаи Дониш»***
***ш. Душанбе, кӯчаи С. Айнӣ 121, бинои 2***